232174

Фаридуддин Аттори Нишопурӣ

ТАЗКИРАТУ-Л-АВЛИЁ

ЧИЛДИ ЯКУМ



Силсилаи "Нашр
ва тарҷумаи осор"

ТАЗКИРАТУ-Л-АВЛИЁ

Фаридуддин Аттори Нишопурӣ

Баргардон ва фарохамоварандаи матн,
муаллифи мукаддима ва таълиқот
Мӯътабар Оқилова
(Нашри дувум)

ҶИЛДИ ЯКУМ



Нашриёти «Ношир»
Хуҷанд – 2009

ББК 83. 3 Тоҷ
Т 18

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
232174 4 точек (08)
+8 точек (08)

Бо қарори Шӯрои табъу нашри ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров чоп мешавад.

Ба нфтихори 10-солагии таъсисёбии факултаи забонҳои Шарқи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

«Тазкирату-л-авлиё»-и Фаридуддин Аттори Нишопурӣ аз нахустин тазкираҳои ирфонии адабиёти форсӣ буда, бо шеваи насри аҳди аввали адаби форсӣ тоҷик эҷод шудааст. Нависанда зиндагиномаи мухтасари машоихи сӯфия, ҷаҳоншиносӣ ва русуму суннати онон, зинаву мақомоти сулук, мабоҳиси муаммои марказии тариқат, тарбияи нафс ва мароҳили камолоти башарро бозгӯ месозад. Китоб бори нахуст пурра ба ҳуруфи кириллӣ чоп мешавад ва барои муҳаққиқону дӯстдорони таърихи забон, адабиёт ва фарҳанг таҳия шудааст. Умедворем, ки мақбули хотири хонандагони азиз қарор хоҳад ёфт.

Тахти назари академики АИ ҶТ,
доктори улуми филологӣ, профессор
Салимов Носирҷон Юсуфович

© ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров
© Оқилова М. 2009

КИТОБИ ОРИФОНИ ҲАҚ

Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурй (1145-1221) дар таърихи адабиёти форсу точик на танхо чун орифи номвар, балки яке аз чехрахои тобноки адабиёти суфия ва осори фаровони ирфонй, суханвари сохибмактаб ва дорои сабку равиши хоси нигориш шинохта шудааст. Шухрати адабии Аттор бештар ба таълифи маснавихои ирфонии у пайванд мегирад, ки дар мавриди теъдод ва интисоби дакики онхо ба Аттор ихтилофи назархо вучуд дорад. Аттор баъди Санойии Газнавй анъанахои сурудани маснавихои ирфонй, газалу касида ва рубоихои суфиёнаро идома бахшида, дар силки асосгузорони назми орифонаю ошикона карор гирифтааст.

Дар адабиётшиносии олам атторшиносй аз сохахои мухими илмй дониста мешавад. Аз мусташрикини аврупоиву русй Хилмут Риттер, Е.Э.Бертелс, Рейнолд Николсон, мухаккикони эронй Маликушшуаро Бахор, Мухаммади Казвинй, Бадеъуззамони Фурузонфар, Абдулхусайни Зарринкуб, Ахмади Ранчбар, Ахмади Хушнавис, Абдулмухаммади Рухбахшон, Мухаммади Истеъломй, аз олимони точик Р.Ходизода, А.Мухаммадхочаев, Сайфй Начмй, Алй Мухаммадии Хуросонй, Б.Мирсаидов ва дигарон пахлухои мухталифи ашъор ва эчодиёти Шайх Атторро мавриди омузиш карор дода, бархе аз онхо дар нашру табъи осори у сахми шоиста гузоштаанд.

Имруз барои ахли илм пажухиши бунёдии мухаккики барчастаи эронй Бадеъуззамони Фурузонфар тахти унвони «Шархи ахвол ва накду тахлили осори Шайх Фаридуддин Аттори Нишобурй» ба шумор меояд, ки афкору асноди кутуби адабии таърихиро дар робита ба гуфтори шоир мукоисаву мукобала сохта, шахсияти вокеии уро равшан сохтааст. Файласуфи точик А.Мухаммадхочаев дар китоби чудогонаи худ «Чахонбинии Аттори Нишопурй» доир ба

афкори фалсафии ин ориф тадқиқи арзишманде анҷом додааст.

Маҷмӯи таҳқиқоти шарқшиносони аврупоиву русӣ Ҳилмут Риттер ва Евгений Бертелс оид ба вижагиҳои осори Аттор дар китобҳои «Дарёи ҷон» ва «Тасаввуф ва адабиёти сӯфия» ғунҷоиш ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки аксари ин пажӯҳишот бозгӯи вижагиҳои осори манзуми ӯ буда, перомуни асари мансури Аттор-«Тазкирату-л-авлиё» рисолаи алоҳидаи илмӣ сурат нагирифта, адабиётшиносону матншиносони мухталиф дар мақолоти ҷудогона ва гуфтори муқаддамотии худ ҳангоми нашри китоби мазкур изҳори андеша намудаанд.

Ҳамон тавре ёдовар шудем, Шайх Аттор дар қаламрави адаби форсии тоҷикӣ на танҳо ба ҳукми як шоири ориф, балки ӯ бо иншои тазкираи мукаммали ирфонӣ бо номи «Тазкирату-л-авлиё» чун нависандаи соҳибқалам шинохта шудааст. Асари ёдшуда бо унвони тазкира нахустин асари ирфонӣ ба шумор омада, зикри аҳволу оро ва ҷаҳони андешаи 97 тан аз машоихи кибори сӯфияро дар бар мегирад.

* * *

Маҳбубияти «Тазкирату-л-авлиё» дар ҷаҳони фикрии аҳли сухан боиси он гардидааст, ки он тӯли қарнҳо мучаддадан ба нашр расидааст.

Мутолиа дар сарчашмаҳои омӯзиши мероси Аттор ва бознигарӣ ба нусхашиносии осори вай бозгӯи он аст, ки то имрӯз аз «Тазкирату-л-авлиё» нусхаҳои зиёде боқӣ мондааст. Вобаста ба ин, мавзӯи баҳси нусхашиносии «Тазкирату-л-авлиё»-ро метавон дар чанд бахш баррасӣ кард:

1. Нусхаҳои хаттӣ ва чопи сангии «Тазкирату-л-авлиё».
2. Нусхаҳои интиқодӣ ва чопи муосир.
3. Тарҷумаҳои «Тазкирату-л-авлиё»

Дар таъйин ва муқаррар намудани нусхаҳои хаттие, ки дар китобхонаҳои Эрон ва ҷаҳон мавҷуданд, ҷусторҳое аз ҷониби донишманди эронӣ Алии Мирансорӣ ба анҷом расонида шудааст. Мавсуф муқаррар намудааст, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон наздик ба 186 нусхаҳои хаттӣ аз ин китоб мавҷуд мебошанд. Ҳамзамон аз ҷониби ин донишманд

маълум гардидааст, ки қадимтарин нусхаи «Тазкирату-л-авлиё» имрӯз дар китобхонаи «Дорулкитоб»-и Қоҳира тахти рақами 1/73 махфуз аст, ки соли китобаташ 627 ҳичрӣ маҳсуб мешавад.

Нусхаи дигари мӯътабари «Тазкирату-л-авлиё», ки нашри теъдоде аз чопҳои муосир, аз ҷумла нашри Муҳаммади Истеъломӣ бар асоси он сурат гирифтааст, нусхаи хаттии мавҷуд дар китобхонаи Пир Ҳидой дар Туркия маҳсуб мешавад, ки тахти рақами 45/1 махфуз буда, китобати он ба соли 692 х. иттифоқ афтодааст. Ҳамзамон як нусхаи дигари қадимаи «Тазкирату-л-авлиё» дар Афғонистон мавҷуд аст, ки соли 670 х. китобати он сурат гирифтааст.

Бахши асосии нусхаҳои мавҷуди китоби «Тазкирату-л-авлиё»-ро чопҳои лавҳӣ ташкил медиҳанд, ки шумораҳое аз онҳо дар китобхонаҳои Тоҷикистон низ мавҷуд ҳастанд. Аммо бо таваҷҷӯҳ ба мутуни тахияшудаи китоби «Тазкирату-л-авлиё», ки чанд навбат дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ба нашр расидааст, муайян мешавад, ки муҳимтарин нусахи чопи лавҳии «Тазкирату-л-авлиё» аз инҳо иборат мебошад.

1. Нусхаи чопи Дехлӣ, ки дар матбааи Фахрулматолеъ дар соли 1852 милодӣ интишор ёфтааст.

2. Нусхаи чопи Бамбай, ки нашри он соли 1313 ҳичрии қамарӣ сурат гирифтааст. Ҳамзамон, дар канори ин нусхаи дигаре дар ҳамин сол ва дар ҳамин интишорот ба дасти чоп расидааст. Фарқияти ин ду нусха дар он аст, ки дар нусхаи дувумӣ бахше аз китоби «Қисасу-л-анбиё» илҳоқ шудааст.

Шумораи нусхаҳои чопии китоб низ аз 50 убур мекунад ва ин аз нуфузу маҳбубияти асар миёни ҷомеаи форсизабонон мужда медиҳад.

Ёдовар бояд шуд, ки қисмати асосии нусхаҳои чопии муосири «Тазкирату-л-авлиё» асосан аз тариқи интишороти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба нашр расидааст. Бо таваҷҷӯҳ ба сайри таърихии нашри «Тазкирату-л-авлиё» дар Ҷумҳурии исломии Эрон нусхаи зерини чопии муосири ин китобро зикр намудан мумкин аст:

Нусхае, ки бар асоси нусхаи тахиянамудаи Р. Николсон ва бо муқаддимаи Муҳаммади Қазвинӣ соли 1334 х. дар Теҳрон ба нашр расидааст. Чунонки аз муқаддимаи ин китоб

бармеояд, нашри аввали он соли 1905 милодӣ ба кӯшиши Рейнолд Николсон муҳаққики англис ва устоди забон ва адабиёти форсии донишгоҳи Кембриҷ интишор ёфт ва пас аз он борҳо бо тақдиди назар нашр шуд. Баъдтар, бо кӯшиши Муҳаммади Қазвинӣ нашри ин нусха дар соли 1384 дар Теҳрон сурат гирифт. Нуктаи қобили таъкид аст, ки дар ин нусха қисми аслӣ ва мулҳақоти «Тазкирату-л-авлиё» якҷоя оварда шудааст ва дар мақмӯъ зикри 97 нафар аз аҳли ирфонро дарбар мегирад.

Чун нусхаи нашрнамудаи Р.Николсон аз нусахи муътабари «Тазкирату-л-авлиё» маҳсуб мешавад, аз ин рӯ лозим аст, ки сарчашмаҳои аслии таҳияи ин нусха бар асоси нигориши худи Р.Николсон ва Муҳаммади Қазвинӣ барои муқаррар намудани зарурати ба ҳам омехта намудани асли тазкира ва мулҳақоти он муқаррар карда шавад.

Маълум аст, ки нусхаи таҳиякардаи Қазвинӣ бар асоси нусхаи «Тазкирату-л-авлиё»-е таҳия шуда шудааст, ки онро шарқшинос Р.Николсон бо ҳавсалаи тамом ва дақиккорӣ анҷом додааст. Аз иттилои муқаддимаи китоб муайян кардан мумкин аст, ки он бар асоси шаш нусхаи хаттӣ таҳия гардидааст ва дар ин бора аз иттилои мураттиби китоб маълумот ба даст овардан мумкин аст. Бо такя бар иттилои Р.Николсон ва матолиби дастрас дар бораи нусхаи таҳиякардаи вай асоснусхаҳои матни омода ва нашрнамудаи вайро ба таври зайл мушаххас намудан мумкин аст:

1. Нусхаи шумораи 929 (бо шумораи рамзии (Варн 28), дар феҳристи китобхонаи донишгоҳи Лейден (ҷилди 3, с.17-19), ки дар он ҷо бо ҳарфи «Л» нишон дода мешавад.

2. Нусхаи шумораи 19806 дар Музеи Британияи Лондон, ки дар сафҳаи 344-и «Феҳристи Рё» омадааст, ки дар нашри нусхаи Р.Николсон ба ин нусха бо нишонаи «М» ба он ишорат мешавад. Нусхаи мазкур аз нусахи хаттии тозаи мансуб ба қарни XIV мебошад. Р.Николсон дар бораи ин нусха чунин ишорат дорад: «Ошной ва унси ман бо он ба моҳи маи 1899, ки дар он таърих кор бар рӯи «Тазкирату-л-авлиё»-ро оғоз кардам, мерасад. Рӯнавиште, ки аз он ба манзури дар даст доштани матни барои мукобала таҳия кардам, дар моҳи декабри ҳамон сол ба поён расид»

Нусхаи шумораи 578, ки дар феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Берлин маҳфуз аст ва ин феҳраст ба қалами Перч тааллуқ дошта, дар сафҳаи 548-и он нусхаи ёдшуда тавсиф шудааст. Р.Николсон ҳангоми сафари худ ба Берлин, ки соли 1900 иттифоқ афтодааст, ин нусхаро мавриди истифода қарор дода, бо истифода аз фурсат онро бо нусхаи Музеи Британия муқобала ҳам кардааст.

3. Нусхаи дигаре, ки мавриди бахрабардории Р.Николсон қарор дошта, маҳфуз дар Китобхонаи миллии Фаронса мебошад, ки тахти шумораи 1108 нигаҳдорӣ мешавад. Николсон дар робита ба моҳияту арзиши он ва шеваи истифодаи худ аз он чунин менависад: «Ин нусха дар июни соли 1901 ба манзури истифодаи ман ба китобхонаи коллечи салтанатии Обердин сипара шуд, ки дар он ҷо қариб ним аз онро бо нусхаи Лейден муқобала кардам. Ҳамаи нусхаҳое, ки то ин ҷо баршумурдам, қадимӣ ҳастанд, бо ин истисно дар мавриди нусхаи Музеи Британия, ки дар он дар охири ҳичои калимоте, ки решаи форсӣ доранд, ба ҷои «д», ҳарфи «з» забт шудааст.

4. Нусхаи шумораи 1501 дар феҳрасти Эте (чопи 1903) ба номи феҳрасти нусхаҳои хатти форсии китобхонаи Индия-Офис (идораи Умури Ҳинд), ки барои нишон додани он Р.Николсон дар нусхаи тахиякардаи хеш ҳарфи «О»-ро интихоб кардааст. Николсон аз шеваи истифода ва мақому манзалати он нусха чунин ёдовар мешавад: «Ин нусхаи арҷманд ва гаронқадр, ки мақомоти Индия-Офис ба ман ичоза доданд, то муддати дароз онро дар амонат дошта бошам, ҳовии «Тазкирату-л-авлиё» ва такмалаи он аст (ҷамъан 97 тарҷумаи аҳвол). Ва нисбатан ҷадидтаҳрир аст (таърихи итмоми китоби он 25 ҷимодиюссонии 1091 х.қ. баробар бо 23 июни 1680 аст) ва шахси дигар, ғайр аз котиби аслӣ, ғолиби калимоти қадими онро ислоҳ кардааст».

5. Як нусхаи хаттии мукаммалро Р.Николсон бо мусоидати Браун дастрас менамояд, ки онро Абдулҳусайни Кирмони дар Истамбул таҳрир кардааст ва таърихи итмоми китобати он аввали зулҳиҷҷа 1309 х.қ. аст. Ин нусха бо ҳарфи А нишон дода мешавад.

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки ин нусха бехтарини ҳама нусхаҳое аст, ки барои нашри осори Аттор мавриди истифодаи аҳли илм қарор гирифтааст. Нусхаи Лейденро Р.Николсон дақиқ донистааст, ки бо бисёр нусхаҳои саҳехтар мутобиқат дорад.

6. Чопи сангии «Тазкирату-л-авлиё» (Лоҳур, 1889) ки онро Р.Николсон бо ҳарфи «П» нишон додааст.

Нусхаи дигаре, ки бино ба гуфтаи муҳаққиқ дар Лоҳур нашр шуда, кироати душвор дорад, матни комилу каму беш дақиқ ба даст медиҳад, зеро он шомили қисмати илҳоқии китоб мебошад. Мукобалаи ин нусха бо матни мусаҳҳеҳ ва ҳамчунин кори тасҳехи ниҳоии матн дар 12 июни соли 1902 поён ёфтааст.

Бино ба гуфтаҳои Р. Николсон барои таҳияи матни нусхаи мазкур аз нусхаҳои дар боло зикршуда истифода шуда, фарқияти калима ва ибораҳои матн дар поварақи ҳар саҳифа ҷой дода шудааст. Ин нусхаи такмилёфтаи «Тазкирату-л-авлиё» буда, аҳволу ақволи 97 тан машоихро дарбар мегирад. Китоб пас аз дебоча бо зикри аҳволи Имом Ҷаъфари Содиқ (а) ва Увайси Қаранӣ оғоз мешавад, вале дарозтарин тарочими аҳвол аз они Робиаи Адвия, Иброҳими Адҳам, Зуннуни Мисрӣ, Боязиди Бастомӣ, Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ, Сарии Сақатӣ ва Яҳё ибни Муози Розӣ ҳастанд. Тартиби қарор гирифтани тарҷумаи ҳоли машоих ба таври муайян вуҷуд надорад. Муаллиф шояд бо назардошти арҷи маънавии шахсиятҳо, пайванди рӯҳонии онҳо, замони зиндагӣ ё дилбастагии хеш ба машоих тартиби махсуси зикри ҳолномаи эшонро ихтиёр кардааст.

Нусхае, ки матни он бо тавзеҳоту фаҳорис аз ҷониби Муҳаммади Истеъломӣ тасҳеҳ гардида, соли 1384 аз тариқи интишороти «Заввор» дар Теҳрон ба нашр расидааст. Ёдоварӣ ба маврид аст, ки дар ин нусха илова бар матни аслии «Тазкирату-л-авлиё» мулҳақот ва тавзеҳоти он ҷой дорад. Чунонки дар оғози китоб ҳам мурратиби он қайд мекунад, ин нусха чопи понздаҳуми «Тазкирату-л-авлиё» дар Ҷумҳурии Исломии Эрон буда, он бар асоси нусхаи мавҷуд дар китобхонаи Пир Ҳидоии Туркия таҳти рақами 45/1 маҳфуз буда, китобати он ба соли 692 ҳичрӣ иттифоқ

афтодааст ва бо мукабала бо нусхаи муътабари махфуз дар китобхонаи миллии Техрон, ки китобати ин нусха дар соли 701 сурат гирифтааст, инчунин нусхаи чопи Лейден ва Бамбай нашр гардидааст. Қайди як нукта зарур аст, ки ҳамин мусаннифи ахири «Тазкирату-л-авлиё» дар нашри ниҳоии он муваффақ бар он шудааст, ки қисмати асосӣ ва мулҳақоти китобро муқаррар созад ва бар асоси ҳамин қарина онро нашр намояд. Ин аст, ки дар нусхаи нашри охири китоб бахши аслии он дар зикри 72 нафар аз аҳли тасаввуф ҳамчун қисмати асосии китоб ва бокӣ нафароии дигарро дар бахши мулҳақот овардааст.

Аз таъкиди Муҳаммади Истеъломӣ ба мо равшан шуд, ки «Тазкирату-л-авлиё» дар Эрон 15 маротиба нашр шудааст, ки мо дар бораи маъруфтарин нусхаҳои он ишорат намудем. Дар баробари ин, зикри тавсифи мухтасари чанд нусхаи дигар барои таъйини мушаххасоти китоб амри муҳим хохад буд.

Нусхаи дигари китоб бошад, тариқи интишороти Сафӣ Алишоҳ дар соли 1375 аз чоп баромадааст.

Нашри дигари «Тазкирату-л-авлиё» тавассути интишороти марказии хиёбони Шоҳ-муқобили Масчиди Саҷҷод бо мукаддимаи М. Қазвинӣ (аз 23 урдубиҳишти соли 1336 ҳ.ш.) матбуъ гардидааст. Қисми аввали китоб зиндагиномаи 72 тан ва қисми дуввум 19 нафар намояндагони тасаввуфро дар бар мегирад. Аз муқоисаи ин нусха бо нусхаи мавриди таҳия қарорёфта чунин бармеояд, ки китоб дар ҷилди аввал 39 нафар, ҷилди дуввуми китоб 32 нафар авлиё ва 25 авлиёро дар боби «Зикри мутааххирон аз машоихи кибор» дарбар мегирад. Ғайр аз ин дар номи ин авлиё тағйирот дида мешавад. Дар охири китоб феҳрасти унвон, феҳрасти ричол ва нисо, амокин ва қабоил ва феҳрасти кутуб оварда шудааст. Ҷилди авали асар аз 299 саҳифа, ҷилди дуввум аз 300 саҳифа, ҳамагӣ 599 саҳифаро дорост.

Нусхаи дигар, ки соли 1384, дар Техрон аз интишороти «Паймон» нашр шуд, нусхае мебошад, ки бо вироиши Парвин Қоимӣ сурат гирифта, он мутобиқ бо нусхаи Р.Николсон мебошад. Дар аввали он муқаддимаи интиқоди дар шарҳи аҳволи Шайх Аттор аз таснифи Мирзо Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ (аз санаи 1322ҳ.) оварда

шудааст. Дар ин нусха ҷойгиршавии зикри авлиё бо нусхаи асоси кор, яъне нусхаи №1 пурра мутобиқат дорад ва 72 тан аз авлиё бо номи Муҳаммад Ҷаъфари Содиқ сар шуда, бо номи Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ поён меёбад ва 25 нафари дигар бо сарлавҳаи «Зикри мутааххирон аз машоихи кибор» омада, бо номи Иброҳими Хаввос оғоз гардида, бо Имом Муҳаммади Боқир ба охир мерасад. Ин нусха аз ин ҷиҳат аз нусхаи аввали мавриди баррасӣ қароргирифта тафовут надорад. Аммо ягон тавзеҳот ё феҳрасти асомиву амокин, ё номҳои ҷуғрофӣ дар он мавҷуд намебошад. Фақат дар охири китоб феҳрасти матолиб омадааст. Китоб 736 саҳифаро дарбар мегирад.

Баробари нашри «Тазкирату-л-авлиё» тарҷумаи он ба забонҳои мухталифи дунё низ сурат гирифтааст. Ривоҷи тарҷумаи ин китоби пурбори ирфонӣ ба вуҷуди тарҷумаҳои арабии он такя мекунад. Аз муқаддимаи Муҳаммади Истеъломӣ муайян мешавад, ки аз ин асар нусхаи дастнавис бо забони арабӣ ҳам маҳфуз будааст, ки айни ҳол он дар китобхонаи марказии донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад, ки аллома Қазвинӣ дар соли 1322 онро дида ва дар ёддоште, ки бар он афзуда, навиштааст, ки ин китоб тарҷумаи мулаххасе аз «Тазкирату-л-авлиё» аст ва кори Аттор ва ин тарҷума аз ҷамеъи ҷузъиёт ва дақоиқ бо ҳам яке ҳастанд, ҷуз ин ки тарҷумаи арабӣ баъзе калимот ва ақволи машоихро андохтааст... Нукси ин нусха он аст, ки чанд саҳфаи аввали он афтода ва исми мутарҷими он дақиқ нест.

Аммо бо такя ба назари Аҳмади Мунзавӣ, ки гуё дар ин нусха шаш саҳифа аз китоби Аттор афтодааст ва тарҷума нагардидааст, пажӯҳишгарон эронии тазкира чунин меандешанд, ки ин китобро дақиқан тарҷумаи комили «Тазкирату-л-авлиё» наметавон номид ва тахмин меравад, ки нависандае бо истифода аз шеваи кори Аттор аҳволи аҳли ирфонро ба забони арабӣ ба қалам овардааст.

Новобаста ба ин, вуҷуди шабоҳатҳо ва бо назардошти тарҷумаҳои бахшҳои муайяни «Тазкирату-л-авлиё» оғози тарҷумаҳои асарро ба забони арабӣ мансуб намудан мумкин аст. Вале тарҷумаи мустақили қадимаи китоби Аттор ба

забони уйғурӣ аст, ки ба замони Амир Алишери Навоӣ иттифоқ афтодааст ва Муҳаммади Истеъломӣ дар равиши кори таҳияи матни «Тазкирату-л-авлиё» аз он низ истифода намудааст. Қидмати ин нусха ба он ҳам пайванд дорад, ки он чун нусхаи аслии «Тазкирату-л-авлиё» номаи аҳвол ва ақволи 74 тан аз аҳли ирфонро фаро мегирад ва бо такя ба ин матлаб Истеъломӣ дар муқаддимаи нусхаи таҳиякардаи худ менависад, ки «Тазкирату-л-авлиё»-и уйғурӣ аз корҳое аст, ки дар дастгоҳи Амир Алишери Навоӣ анҷом шуда ва боз нишон медиҳад, ки «Тазкирату-л-авлиё»-и Аттор то қарни нуҳум шомили мулҳақоти баъд аз Ҳаллоҷ набудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин назари мураттиби «Тазкирату-л-авлиё» тахмин кардан мумкин аст, ки мулҳақоти китоби Аттор шояд дар асрҳои баъдтар таҳия шудаву ба тазкираи ӯ илҳоқ гардидааст.

Баробари ин нусхаи уйғурӣ як тарҷумаи туркии асар, ки ба охири асри нуздаҳ тааллуқ дорад, мавҷуд аст. Тарҷумаи фаронсавии «Тазкирату-л-авлиё» бошад, ба қалами мутарҷими маъруфи фаронсавӣ Пова Декарта мутаалиқ аст. Истеъломӣ бо ташреҳи ин тарҷума баён медорад, ки дар муқаддимаи нусхаи тарҷумаи фаронсавӣ намунаи хати тарҷумаи уйғурӣ оварда шудааст.

Пажӯҳишгарони осори Аттор аз мавҷудияти ду нусхаи тарҷумаи англисии «Тазкирату-л-авлиё» ёд кардаанд, яке аз онҳо ба қалами муҳаққиқи покистонӣ Банкай Беҳарӣ тааллуқ мегирад, ки дар соли 1945 анҷом ёфтааст. Аммо тахмин меравад, ки асоси тарҷумаи ӯро нусхаҳои хаттӣ ва чопии Лакхнав, Бамбай ва Лоҳур ба вуҷуд овардаанд. Ба иллати ин, ки мураттибони асли «Тазкирату-л-авлиё» аз ин нусахи мавҷуди асар камтар истифода кардаанд, ин тарҷума ҳам ҳамчун тарҷумаи дақиқ эътироф нашудааст.

Вале тарҷумаи дувум, ки маҳсули қалами Артур Арберри мебошад, олимонаву мукаммал эътироф шудааст.

Тарҷумаи комили «Тазкирату-л-авлиё» ба забони русӣ мавҷуд намебошад. Танҳо дар соли 2005 мухтасари тарҷумаи ин китоб бо як муқаддимаи муфассал дар бораи рӯзгор ва осори Аттор дар Маскав таҳти унвони «Тазкират ал-аулия,

или Рассказы о святых (избранное и сокращенное издание)» интишор ёфт.

Чунин як тарҷумаи мухтасари ин китоб бо забони ӯзбекӣ ҳам мавҷуд мебошад, ки он соли 1997 бо кӯшиши Мирзо Кенжабек дар Тошканд ба нашр расидааст.

Дар радифи тарҷумаҳои зикршуда қайд намудан бамаврид аст, ки соли 1991 матни мухтасари «Тазкирату-л-авлиё» бо ҳуруфи сириллик аз тариқи нашриёти «Адиб» дар Тоҷикистон ба нашр расидааст. Матни нисбатан комили он бошад, солҳои 1999 - 2000 тариқи рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» нашр гардидааст. Аммо шакли комили китоб бо ҳуруфи сириллик дар Тоҷикистон мунташир нашудааст.

Бознигарӣ ба вуҷуди нусхаҳо, тавсиф ва шарҳи нусхаҳои мавҷуд, нашр ва тарҷумаи «Тазкират-ул-авлиё» аз он шаҳодат медиҳад, ки ин китоб дар масири мавҷудияти таърихии худ бо он ҳама муҳаббати афзун, ки миён ҷомеаҳои мухталиф дошт, зиёда китобат гардидааст. Мавҷудияти фаровони нусхаҳои хаттии тазкира ва чопҳои он ин амрро ба субут мерасонанд. Аз ҷониби дигар, дар заминаи зиёд китобат шудани «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор мабоҳисе атрофи мӯҳтавиёти комили он пайдо шуд, ки он ба падид омадани мулҳақоти китоб боис гардид. Вуҷуди тарҷумаҳои фаровони асар бо забонҳои мухталифи дунё, аз ҷумла туркиву форсиву англисӣ, русиву ӯзбекӣ ба шӯҳрати ҷаҳонии ин асари безаволи Шайх Аттор ишорат мекунад.

* * *

Табиист, ки адабиёт дар заминаи посдориву такмили анъанаҳои бадеиву эҷодӣ рушду тавсеа меёбад. Шайх Аттор низ барои таълиф ва таҳияи китоби мӯҳташаме чун «Тазкирату-л-авлиё» аз манобеи мутасаввифа истифода намудааст. Барои мушаххас гардонидани пайванди афкору андеша ва матолиби китоби Аттор бо дигар маохиз чанд нукта бидуни ихтиёр берун меояд.

Баҳси аввал мукаррар намудани сарчашмаҳои таълифи «Тазкирату-л-авлиё»-ро пеш аз ҳама дар такя ба матолиби дар муқаддимаи «Тазкирату-л-авлиё» омада метавон таҳқиқ кард, зеро Аттор дар огози китоби худ зимни таъйини

ҳадафҳои аслии рӯҷӯъ ба таълифи ин китоб ба сарчашмаҳои кор худ ишороте дорад. Ӯ дар дебочаи «Тазкирату-л-авлиё» се китоберо ном мебарад:

«Ва агар толибе шарҳи калимоти ин қавм мушбеъ талаб кунад ва дар китоби «Шарҳу-л-қалб» ва китоби «Кашфу-л-асрор» ва китоби «Маърифату-н-нафс ва-р-раб» забару зер ояд ва бад-он маонӣ муҳит шавад. Ҳар кӣ ин се китобро маълум кард, гумони мо он аст, ки ҳеҷ сухани ин тоифа, илло мошоаллоҳ, бар вай пӯшида намонад».

Аз ин се китоби ёдкардаи Аттор, ки «Шарҳу-л-қалб», «Кашфу-л-асрор» ва «Маърифату-н-нафс» ном доранд, то замони мо дастнависе ҳам бар ҷой намондааст. Ҳатто дар феҳрастҳои нусхаҳои хаттии китобхонаҳо «Шарҳу-л-қалб» дучор намешавад.

Аксари пажӯҳишгарони мероси Аттор ва таҳиягарони матни комили «Тазкирату-л-авлиё» сарчашмаҳои дақиқи ин асарро «Табақоту-с-суфия»-и Абдурраҳмон Муҳаммад ибни Ҳусайни Сулламии Нишопурӣ, «Ҳилату-л-авлиё»-и Абунаим Аҳмад ибни Абдуллоҳи Исфаҳонӣ, «Сифату-с-сафва»-и Абулфараҷ Ҷамолиддин Абдурраҳмони ибни Алии Алҷавзӣ, «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ, «Кашфу-л-маҳҷуб»-и Ҳучвирӣ ва «Табақоту-с-суфия»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ баршумурдаанд.

Бояд гуфт, ки «Рисолаи Қушайрия» низ аз ҷомеътарин манобеи шиноҳти ирфон ва тасаввуфи исломӣ ва тарҷумаи форсии он ва ҳатто асли арабии он дар дасти Аттор буданаш мумкин аст. Муаллифи он Имом Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозин ибни Абдулмалик Қушайрии Нишопурӣ аз пешвоёни ин мактаб дар Хуросони қарни панҷум буда, асари ӯ як маъхази омӯзиши тасаввуф ва маъхази китобҳои дигар чун «Кашфу-л-маҳҷуб» аст. Ин рисоларо яке аз шогирдони Қушайрӣ-Абӯалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ ба забони форсӣ тарҷума карда ва он бо тасҳеҳи Бадеуззамони Фурӯзонфар интишор ёфтааст. Ҳамонандии иборот ва наздикии суханон дар ин асар ва асари Аттор гувоҳи бар он аст, ки асари Қушайрӣ яке аз манобеи «Тазкирату-л-авлиё» маҳсуб мегардидааст. Муҳаммади Истеъломӣ мегӯяд, ки агар ин монандиҳо оварда шавад, қисми (худ даҳяки) «Тазкирату-л-авлиё» такрор мешуд.

«Кашфу-л-маҳҷуб» дигар аз маохази муътабари тасаввуфи исломӣ дар забони форсӣ ва монанди «Рисолаи Қушайрия» дар ҳар фасле яке аз мабоҳиси ирфон ва тасаввуф мавриди гуфтугӯ қарор гирифтааст. Муаллифи он Абулҳасан Алӣ ибни Усмони Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ, ки бо «Рисолаи Қушайрия» ва бо мақоми Қушайрӣ дар ин ҷода ошно буд, ин китобро пас аз даргузашти Қушайрӣ (соли 465ҳ.) навиштааст.

Баҳрабардории Шайх Аттор аз «Кашфу-л-маҳҷуб»-ро ҳангоми таълифи «Тазкирату-л-авлиё» бисёр муҳаққиқон ёдрас шудаанд. Муҳаммади Истеъломӣ мегӯяд, ки ин китобро наметавон ба куллӣ мансуб ба Аттор донист, зеро нависанда аз кутуби дигар иқтибос намуда, ба шеваи нигориши Ҳуҷвириву Усмонӣ (тарҷумони форсии «Рисолаи Қушайрия»-М.О.) пайравӣ намудааст.

Маликушшуаро Баҳор низ бад-ин қарор аст, ки ҷое мегӯяд: «Аттор зоҳиран аз китоби «Кашфу-л-маҳҷуб»-и Абулҳасан Алӣ ибни Усмон истифода кардааст ва ғолибан ибороти он китобро бидуни зикри худи китоб ё муаллифи он бо андак тасарруфе, ки табдили кӯҳна ба нав бошад, нақл намудааст».

Ҳамоҳангиву тафовути «Кашфу-л-маҳҷуб» ва «Тазкирату-л-авлиё»-ро дар чанд мавриди дигар ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Китоби Аттор агар зоҳиран ба гуфтори ҳолномаи машоих ва каромоту ҳолоти эшон бахшида шуда бошад ҳам, вале муаллиф кӯшидааст, ки аз оғози асар ба баъд масоили мухталифи сулуки орифона, чун нафс, ҳаёт, тавҳид, ҳақиқат, маърифат, муҳаббат, вараъ, ваҷд, сидқ, сӯҳбат, тавба, таваккул, ризо, қабз, баст, хавф, раҷо, тавозӯъ, ҷӯъ, зӯҳд, ҳилм, яқин, намозу рӯза, хилват, сафар, ҳузур, тақво, ихлос, сабр, ҳиммат, исор, моҳияту рисолати шахсиятҳои марказии шариату тариқат амсоли сӯфӣ, ориф, пир, дарвеш, мурид, обид, зоҳид, авсофи аҳли ирфон, чун андӯҳу сидқу амали ориф, муҷоҳадаву мушоҳада ва илҳом, муоинаву самараи маърифатро баррасӣ намояд. Ин мусталеҳоту масоили марказии ирфонӣ дар «Тазкирату-л-авлиё» дар фаслу бобҳои ҷудогона таҳлил мегарданд.

Ба назар мерасад, ки Аттор дар вакти навиштани шарҳи ҳол ва суханони суфиён ба баъзе аз навиштаҳои худи онон низ дастраси доштааст. Аз ҳама бештар муаллифи «Тазкирату-л-авлиё» ба кори худ аз асарҳои Ҳучвириву Кушайрӣ ва мухтавои осори ирфонӣ ба забони арабӣ бардоштҳо намудааст.

* * *

«Тазкирату-л-авлиё» ҳамчун асари мукаммал ва чудогонаи ирфонӣ аз вижагиҳои мундаричаву мухтаво, сабки таълиф ва падидаҳои ҳунарӣ бархурдор аст. Қисмати асосии ин китоб чун «Рисолаи Кушайрия», «Кашфу-л-маҳҷуб», «Табақоту-с-суфия» ба зикри зиндагиномаи машоих бахшида шудаанд. Аттор чун муаллифони пешин сурату сияри урафоро бо чумлаву ибороти дилнишин, сифоти махсус ва шеваи шоирона мазкур мешавад. Нависанда ҳангоми муаррифии шахсиятҳо аз таҳлилу баррасии масоили марказии тариқат дур намешавад. Ба таври дигар, аз ақволи шахсияти мавриди назари худ чанд муаммои маърифатро кашф мекунад. Дар баробари ин сухан дар атрофи васоити парвариши муридон, тавсифи мақоми муршидон, пайванди шариату тариқат печ мехурад. Муаллиф дар мавриди авзои сиёсиву иҷтимоӣ хеле ба нудрат ҳарф мегуяд. Танҳо дар баъзе мавридҳо шахсиятҳои аз ҳалқаи сулук берунбуда ба мабоҳиси гирудор лаҳзае пайванд ёфта, ба зудӣ барканор мешаванд. Аз наклу гуфтор ва ташреҳи воқеот аз забони Аттор гоҳо чунин ба назар меояд, ки воқеаҳо дар фазову макони хориҷ аз олам доир мешаванд. Зеро танҳо сухан аз боби зиндагиву русум ва одоби раҳравони тариқат меравад.

Дар ин замина, се усули зикри аҳволу ақволи суфиёнро ба кор мегирад, ки мо онро чунин тавзеҳ додем:

1. Усули накли гуфтори суфиён.
2. Накли ҳикоёти кучак аз рузгори суфиён.
3. Изҳори назари вижаи худи Аттор рочеъ ба авлиё.

Аттор арзишҳои олии инсонӣ, хислату рафтори писандида ва румузфаҳмии машоихро чун васоити баррасии тасаввуф қарор медиҳад. Нависанда барои таъсири суханаш аз ахбори кутуби дигари мунзал ва лаҳзаҳои чудогонаи

намояндагони дигар адён намунаҳои зиёд меовард, ки ин хислат ба ҳайси як ҷанбаи мундариҷа пазируфта мешавад.

Шайх Аттор дар бозгўии аҳволу авзои машоих, кирдору пиндори онҳо, инчунин таълимоту ҷаҳоншиносияшон симои касеро мехоҳад биёфарад, ки бо ахлоқи ҳасана, хулқи неқў, донишу фазилат, илму ҳикмат, кашфу шуҳуд, мутолааву муҷодала ва тарбияву таҳзиби нафаси башарӣ ба сарҳади инсони комил расида бошад.

Нависанда мекўшад, то ба таври комил сирату сурати пирони тариқатро шарҳу тавзеҳ бидиҳад. Аз забони машоих овардани аҳодиси «Таврот»-у кутуби мунзал маънии онро дорад, ки орифон ҷавҳари ахлоқи башариро аз тамоми манобеъ ва сарчашмаҳо ҷустуҷў менамуданд. Ин матлаб бозгўи он аст, ки ирфони исломӣ бо тамоми арзишҳои олии башарӣ иртиботи ногусастанӣ дорад ва орифи ҳақиқӣ то тамоми нукоти ҳақиқатро дарнаёбад, ором намегирад.

«Тазкирату-л-авлиё» дорои мундариҷаи мукаммал буда, муаллиф барои бунёди асар ва танзими гуфтору баёни худ хидмати зиёд анҷом додааст. Дар чанд саҳифа овардани ҳолномаи машоих бо мухтасари рўзгор, ҷаҳоншиносиву таълимот, доираи сўҳбату муошарати ў, огоҳии онҳо аз моҳияти мазҳабу оинҳои дигар, дарки меъёрҳои шариъву фиқҳӣ, омўзиши табиат ва хосияти ҷисми инсонӣ, инчунин нигоҳу назари онҳо доир ба масоили мухталифи тасаввуф далолат аз он дорад, ки Шайх Аттор барои таҳияи «Тазкирату-л-авлиё» донишу таҷрибаи хешро масраф кардааст.

Агар аз рўи меъёрҳои нигориши тазкира ба ин китоб таваҷҷўҳ гардад, рўшан мешавад, ки нависанда ба таври мухтасар зиндагиномаи ашхоси мавриди назарро бозгўӣ месозад. Ба ин тартиб, муроди ў аз овардани ҳолномаи машоих ташреҳи ҷаҳоншиносии урафо, русуму суннати эшон, зинаву мақомоти сулук, мабоҳиси муаммоҳои марказии тариқат, мавонеи сафар ва тарзҳои қатъи онҳо, тарбияи нафс, мароҳили камолоти башарӣ ва амсоли ин маҳсуб меёбад.

* * *

«Тазкирату-л-авлиё» муаллифро ба унвони яке аз носирони баркамоли таърихи ирфон нишон медиҳад. Қимати асари мазкур агар аз нигоҳи мухтасоти забонӣ дар ҳифозати аносири баёну нигориши карни XII, нигаҳдошти қаволиби ибораву ҷумалот, соддабаёниву риояти усули баёни наклӣ зоҳир шавад, корбасти сачъу саноеи суҳан, таъмини фасоҳату балоғат, мукаммалии мантиқ ва таъсири калом, силсилабандии фикр ва чанд нуктаи дигар арзиши адабии онро ба зуҳур меоранд. Хусусиятҳои сабку услуби Аттор аксари муҳаққиқон ёдрас шудаанд, аз ҷумла адабиётшиноси эронӣ Муҳаммад Қазвинӣ дар муқаддимаи «Тазкирату-л-авлиё» навиштааст:

«Ин китоб аҳамияти бисёр азим ва таъсири бисёр қавӣ дорад. Балки метавон гуфт, ки дар ин боб адамиюнназир аст... дар иншои ин китоб ду сифати нек зоҳир аст: яке соддагӣ ва яке ширинӣ. Ва дар ин ду сифат ба камол ва болотарин дараҷа аст ва дар забони форсӣ китобе ҷомеи ин ду сифат бад-ин дараҷа сурог надорем».

Дар рисола гуфта мешавад, ки «Тазкирату-л-авлиё»-и Шайх Аттор бо вуҷуди шомили таркиботи зиёди араби ва калимаву таъбироти тоза буданаш муҳимтарин падидаҳои сабки таълифоти қудаморо идома бахшидааст.

Муҳимтарин махсусияти сабкии «Тазкирату-л-авлиё»-и Аттор дар он ифода мешавад, ки муаллифи асар вақте дар бораи сарчашмаҳои китоби худ баҳс мекунад, ҷое ба тарҷумаи матолиб аз манобеи араби ишора мекунад ва ҷои дигар аз сарчашмаҳои форсӣ истифода мебарад. Ин амр далолат бар он дорад, ки Аттор дар равиши кори худ усули пешиниёнро риоя намудааст. Ба ин маънӣ, сабки таълифи Атторро метавон ба услуби осоре наздик донист, ки дар сабки насри мурсал навишта шудаанд. Ин матлабро адабиётшиноси тоҷик Носирҷон Салимов ҳам дар китоби худ таъкид карда навиштааст, ки «Тазкирату-л-авлиё» дар марҳилаи инкишофи насри мурсал қарор дорад.

Қобили тазаккур аст, ки дар асрҳои XI-XII дар ташаккули насри мурсал якчанд омили муҳим таъсир намуд.

Ба сифати забони илм қарор гирифтани забони арабӣ, дар шеър нуфуз кардани санъатҳои бадеӣ, тарҷума шудани осори арабӣ ба форсӣ ва ба ин восита таъсири забони арабӣ ба хусусиятҳои забони форсӣ, ба таври васеъ роҳ ёфтани каломи қуръонӣ, ахбору аҳодис ба адабиёт натанҳо ба шеър, балки ба наср низ накши худро гузошт. Аттор низ дар мавридҳои гуногун ин мухтассоти сабкиро риоя намудааст, ки аз «Тазкирату-л-авлиё» ба онҳо мисолҳои фаровоне овардан мумкин аст.

Докишманди эронӣ Сируси Шамисо даврахои насри форсиро дар баробари таваҷҷуҳ ба ташаккули хусусиятҳои услубии наср чудо намуда, сабки насри «Тазкират-ул-авлиё»-ро ба мурсал нисбат медиҳад. Вале баробари ин, аз назари мансубияти замонӣ насри охири асри IX ва XI-ро пажӯҳишгарони таърихи сабки осори насрии форсу тоҷик ба номи насри байнобайн ва насри фаннӣ муқаррар мекунанд. Дар ин ҳол, таъсири сабки ирокиро ба сабки хуросонӣ бояд ба назар гирифт. Дар канори ин, «Тазкирату-л-авлиё» аз назари фарогири махсусиятҳои адабӣ низ дар мақоми як намунаи баланди насри куҳани форсии содда, мӯъҷаз ва босалобат наметавонад мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирад.

Дар нигориши Шайх Аттор ба калимоте метавон дучор омад, ки аз рӯи доираи истифода махсуси насри замони ӯ буда, вожагони асили форсиянд ва бархе аз онҳо имрӯз низ мустаъмаланд, монанди коҳбарг (барги хушк, хазон), хунук ё хинак (зебо, писандида), бодид ё бодид омадан (падид омадан ё вохӯрдан), тарсгор (тарсанда, худойтарс), хамирмоя (хамиртуруш), овардбурд (ошӯб, ошуфтагӣ), ушнон (собун), бовардошт (эътиқод), барзидан (варзидан), бисёрхоб, балорак (шамшер), бӯ ки (бувад ки), пахно, порадӯзӣ, беморпурсӣ, пуропур (лабрез), парастор, тара (сабзӣ), таринаво (хӯроки маркаб), тубра (тӯрба, халта), чунбанда (ҳашарот), чира (қодир), харос (осиёи калон), хурмостон (боғ ё замини хурмо), хирманчоҳ, дардгинӣ (андӯҳгин будан), дама (бӯрони боду барф), дина, дӯшина, роҳовард, рӯхбон, ранчкаш, рахӣ (банда), зуфон (забон), жандачома, сутурвонӣ (шутурбонӣ), гармгоҳ (нимрӯз), вопас (пушт),

вопасин, воз (боз, кушода), ёдкард, ёддошт, якӣ (ягонагӣ)... ва амсоли инҳо.

Аз мазмуну мундариҷаи «Тазкирату-л-авлиё» бармеояд, ки Аттор аз санъатҳои лафзиву маънавӣ, амсоли ташбеҳ, тавсиф, тамсилу истиора, маҷоз, муболиға, таҷнис, сифатчинӣ, сачъ, муноқаза, талмеҳ ва ғайра фаровон истифода кардааст.

Масалан, нависанда суханони машоихро бо баёни махсус меорад ва ба пушидабаёнӣ мекӯшад, ки таъсири сухани худро дар дили навроҳону муридон бештар созад. Ин ҳикмати Боязиди Бастомӣ бо санъати истиораи пӯшида баён ёфтааст:

«Ва гуфт: Савори дил бош ва пиёдаи тан!».

Сухани муболиғаомези суфиён ба каромот ва камоли тарбияи нафси эшон пайванд дорад. Ҳарчанд дар дидаи зоҳирбин ҳолати марди ориф ва гуфтори ӯ муболиғаву дур аз тасаввури ақлӣ ояд ҳам, вобаста ба мӯҳтавои умумии ақволи онҳо ва манзараву хати сайри фикрашон ба зеҳн менишинад. Вале дар баъзе лаҳзаҳо каломи шатҳомезонаи онҳо бо санъати муболиғаву иғроқ омезиш ёфта, дарки ҳақиқати воқеаро аз фаҳми башарӣ дур меандозанд:

«Нақл аст, ки як рӯз бар дари савмааи ӯ касе нишаста буд, Ҳасан бар боми савмаа намоз мекард, дар сачда чунон бигирист, ки об аз новадон фуру чакидан гирифт ва бар чомаи ин мард афтод. Он мард дар бизад, гуфт: Ин об пок ҳаст, ё на? То бишӯям. Ҳасан гуфт, ки: Бишӯй, ки бо он намоз раво набувад, ки оби чашми осиён аст».

Дар мачмӯъ, нуфузи саноеи бадеӣ ва ҷилваи арзишҳои ҳунарӣ дар сабки «Тазкирату-л-авлиё» пеш аз ҳама ишорат ба он дорад, ки Аттор ҳамчун шоири ҳунарманд падидаҳои ҳунари шоирии хешро дар осори мансураш низ ба кор гирифтааст. Корбандии афзуни санъати сачъ ва мавзунияти каломаш ҳам ба ин амр ишорати сареҳ доранд. Илова бар ин истифодаи зиёди саноеи бадеии маънавӣ ва лафзӣ аз вучуди як асари пурбор ва ҳунармандона дар ростои адабиёти ирфонии форсу тоҷик дарак медиҳад.

Тааммул дар бадеияти «Тазкирату-л-авлиё» моро ба ин натича меорад, ки Шайх Аттор донандаи хуби илми балоғат

буда, васоили зиннатбахши каломро ҷиҳати ифодаи комили афкору андешаҳои худ истифода бурдааст. Ҳарчанд дар баъзе мавридҳо корбурди санъатҳои бадеӣ барои Аттор кори сохта нест ва ӯ бадоҳатан каломашро мавзуну музайян мегардонад, вале истифодаи ногузири саноати мустаҳсан эҳсос мешавад. Аз ин дидгоҳ, гуфта метавон, ки бадеият дар асар як омили ҷаззобияти гуфтори машоих, таъсиргузориву ҳотирнишинии он гардида, гӯяндаро аз такрору бепироягии калом боздоштааст. Ва табиист, ки Аттор дар ифодаи ҳолоти ғайриоддии соликон, инъикоси вачду шӯр, шодиву андӯҳ, мушоҳадаву мукошафа, доду ситад ва пурталошиву пӯёии онҳо бе корбасти саноеъ душворӣ мекашад.

Вижагиҳои ёдшуда шаҳодат аз он доранд, ки китоби «Тазкирату-л-авлиё» бо сабку салиқаи махсуси нависандагӣ таҳия шуда, бо риояи тариқи шеваи баён Шайх Аттор муҳимтарин нукоти тасаввуф, арзишҳои илмиву маърифатии он, бархурди маънавии шахсиятҳо, халқҳову қавмҳоро, гуногунназариву ихтилофи назарии онҳоро бозгӯ намудааст. Бо таълифи ин асар ӯ асолати насри аҳди Сомонӣ, соддагуфториву равшании баёнро риоя карда, бо ин рох кӯшидааст, ки ҷавҳари тасаввуф ва моҳияти будану зистани орифонро возеҳ гардонад.

* * *

«Тазкирату-л-авлиё» шомили рамзу рози орифон буда, ҳуруфи пур аз рамзу рози эшон ҳангоми шарҳу тавзеҳ ва баррасии масоили ирфон рӯнамо мешавад. Аттор дар тафсилоти гузориши масоил ва барои шарҳи матолиби ҳақиқат забони рамзу розро низ ба кор гирифтааст. Дар тавзеҳоти нависанда тафаккуру ҷаҳоншиносӣ, аҳволи равонии аҳли сулук, нишонаву аломот, рамзҳои худро дошта, нигоранда барои равшан сохтани ҷузъиёти воқеа, вазъу ҳоли ориф, хислату мароми ӯ, инчунин муносибати ӯ бо мардум, асбоби рӯзгор ва дар маҷмӯъ алоиқи зиндагӣ усули хосеро ба кор мегирад. Аз ин ҷиҳат, бисёр исму сифатҳо ва василаҳои моддиву маънавие, ки инсон ҳастии хешро бо онҳо муртабит медонад, дар баёниҳои Аттор аз қисму таркибҳои гуногун иборатанд. Ин тақсимбандӣ ва шарҳи дохилии як масъала,

ҳолат ва як сифат махсуси забони нависандагони тазкираҳои ирфонӣ, бахусус Шайх Аттор аст.

Маъмулан аҳволу авзои аҳли мутасаввифа ва мақомоти эшон дар нигоришоти Аттор қаринаву намодҳои зиёде доранд. Дар ҷумлаи зерин фавоиди гуруснагӣ ва оқибати сабру таҳаммули орифона ба абре ташбеҳ мешавад, ки ҷуз борони ҳикмат намеборад:

«Ва гуфт (Боязиди Бастомӣ): Гуруснагӣ абре аст, ки ҷуз борони ҳикмат наборонад».

Мачмӯи гуфтори мармузи Шайх Аттор бозгӯи он аст, ки дар назарияи аҳли ирфон дунёи маънавии инсон ба отифаҳои равонӣ иртиботи амиқ дорад. Ҳар лаҳзаи зиндагӣ, ҳар кору амал ва фикру мудоҷала ба як нуқтаи воҳид нигаронида шудааст. Ба таъбири дигар, ориф дар ҳар нафаси худ ризои Худоро дармеёбад ва худро аз ҳоле ба ҳоле, аз мақоме ба мақоме боарҷтару бошукӯҳтар, поктару муназзаҳтар иршод мебахшад. Ӯ худро дар ҷое мебинад, ки зина ба зина аз ранҷҳои нафсу хоҳишҳои башарӣ канора ҷуста раҳоӣ ёфтааст ва ниҳоят ба манзалаи инсони комил мушарраф шудааст. Аз ин хотир, чун сӯфӣ ба марҳалаи ҳаққулякин расид, тамоми корҳои диниву дунёвиро ҳучубе медонад, ки одамиро ба зоҳири ӯ гирифтор мекунанд ва монеи парвози рӯҳии ӯ мегарданд. Аттор дар тазкираи хеш ба он мекӯшад, ки равиши баёни афкори ахлоқӣ ва ҷавҳари андешаву таълимоти урафоро сареҳтар тавзеҳ бидиҳад. Ӯ ҳангоми бозгӯии донишу фазилати машоих баъзе гуфтори эшонро дар мавриди ташреҳи масоили мухталифи ирфонӣ корбаст мекунад. Аз тарзи баёни нависанда маълум мегардад, ки ӯ аз тасонифи урафо ва асли моҳияти ҷаҳоншиносии онҳо огоҳии комил дорад. Ба ин тартиб, бидуни зикри сарчашма ӯ акволи машоихро ёдрас мешавад. Бо ин роҳ ӯ аз дарси мавъизаву касби воизини шахсиятҳои мавриди назараш хабар медиҳад. Ин гуна суханони машоих бо ҷумлаи «Ва гуфт» огоз ёфта, нависанда гоҳо мухтасар ва гоҳо ба татвил назари машоихро оид ба масоили мухталифи тариқат иброз медорад. Баёни матолиби диниву мазҳабӣ ва ахлоқиву ирфонӣ бо оҳанги суолу ҷавоб ироа мешавад. Нахуст бо овардани ҷумлаи «Ва гуфтанд», яъне «пурсиданд», шарҳи

масъалае дархост мешавад. Дар бисёр мавриД шахсияти соил норӯшан аст:

«Ва гуфт (Ҳасани Басрӣ-М.О): Се касро ғайбат нест: Соҳиби ҳаворову фосиқро ва имоми золимро».

Маъмулан посухи машоих ҳукми қатъии шарҳи масъалаи мавриди назарро дошта, ин навъ суханони ҳикматомез зарурати тавзеҳу ташреҳи ҷавобро ба миён намеоранд:

«Ва гуфт (Зуннуни Мисрӣ-М.О.): Ҳикмат дар меъдае қарор нагирад, ки аз таом пур аст».

Аттор ҳангоми зикри фазоили машоих яке аз сифоти ситуда ё ҷавҳару мабдаи андеша ва таълимоти мазҳабии онҳоро таъйин менамояд. Масалан, Ҳабиби Аҷамӣ соҳибҳиммат, Утбату-л-Ғулом аҳли таслиму ризо, Фузайли Аёз посдори вараъу маърифат, Бишри Ҳофӣ олими илми усулу фурӯъ, Боязиди Бастомӣ дар мақоми қурбу ҳайбат, Шақиқи Балхӣ соҳибтаваккул, Абӯҳанифа аҳли фиросату сиёсату киёсат ва мурувватu футувват, Ҳориси Муҳосабӣ маскуни ҳоли ризо, Абӯсулаймони Дорӣ дар ҷӯъи муфрит, Ҳотами Асамм сахтгири нафс ва дақоиқи макру маърифати рууноти нафс, Маъруфи Кархӣ дар мақоми унсу шавқ, Фатҳи Мавсилӣ бо хавфеву хузне ғолиб, Аҳмади Ҳаворӣ муқтадои ривояту аҳодис, Яҳё ибни Муози Розӣ бо басте бо қабз омехта ва рақое ғолиб, Юсуф ибни Ҳусайн дар адаб ояте, Мансури Аммор воизу соҳибмавъиза буданд. Нависанда монанди ин ҳолу мақом ва донишу фазилатро, ки махсуси ҳар як аз урафост, оварда мухимтарин паҳлӯҳои тасонифу моҳияти тафаккури эшонро ташреҳ медиҳад.

Ҳамчунин «Тазкирату-л-авлиё»-ро бо боварии том метавон қомус ё фарҳанги бузурги тафсирии истилоҳоти ирфонӣ донист. Ҳарчанд манзури Шайх Аттор дар ин китоб зикри муттасил ва ташреҳи истилоҳоту ашхоси мутасаввифа нест, вале ӯ аҳволи машоихро ба хотири равшан сохтани аркони ирфони исломӣ ёдрас шудааст. Ин гуна матолиб шаҳодат аз нерӯмандии илмии китоби Аттор доранд. Табиист, ки дар ин ҷараён соҳиби ин китоб танҳо нест. То рӯзгори Аттор ва замони зиндагии ӯ касони зиёде буданд, ки кӯшиши амалияи тасаввуфро дар назарияи махсус маҷмӯа сохтан мехостанд.

Аз мазмуну мӯҳтавои «Тазкирату-л-авлиё» ба ин натича расидан ва истилоҳотро чунин дастабандӣ кардан мумкин аст.

1. Шарҳи ашхоси марказии тасаввуф.
2. Шарҳи калимоту истилоҳоти суфия ва сифатҳое, ки хоси ориф мебошанд.
3. Шарҳи мақомот ва мароҳили сулук.
4. Шарҳи ҳолоти машоих.

Соҳиби китоб ҳангоми баррасиҳои худ мекӯшад, ки суханро ба дарозо накашад ва дар атрофи як масъала баҳсу мунозараи зиёдеро ба вуҷуд наорад. Ҳарчанд ки дар атрофи истилоҳот ва танаввуи онҳо сухан ба миён меорад, вале танҳо бо изҳори нукоти асосӣ иктифо мекунад.

Дар «Тазкирату-л-авлиё» дар бисёр маврид ба тарзи баёни мармузи ҳолоти суфиёна дучор омадан мумкин аст. Абубакри Шиблӣ аҷзу ниёз-ду ҳолати саъбу сахти ҳолати рӯҳии соликро чунин шоирона тавзеҳ медиҳад:

«Ва гуфт: Такягоҳи ман аҷз аст.

Ва гуфт: Асокаши ман ниёз аст».

Андешаҳои фавқ собит месозанд, ки китоби Аттор як навъ ахбори таърихи пайдоиши тасаввуф, маслаки суфиён, одобу русуми орифона, ҳовии аҳволу ақвол, моҳияти осору таснифот, зиндагинома, баёнгари маъниву мӯҳтавои мақому маротиб, шоҳиди маҷолису маҳофили суфиёна, бархурду мабоҳиси бузургони мутасаввифа, ихтилофи аҳли тариқату салтанат, шореҳи нукоту истилоҳоти шаръиву ахлоқӣ ва ирфонӣ ва болотар аз ҳама дастур оид ба парвариши инсони комил аст. Зубдаи гуфтор ва ҷавҳари ахбори нависанда ба поксозии ҷисму рӯҳ, танқеҳи афкори ҷомеа, бародариву таовун, нигаҳдошти ҳаққи дусти тариқ, пир, ҳамсоя, волидайн ва ҳар касе, ки имон дорад, иртибот доранд. Аттор дар мағзи ҳуруфи худ одамро ба пояи шинохти Худо ва маърифати асрори олам раҳнамун месозад.

* * *

Масъалаи дигаре аз аломати хоси нигориши Аттор шинохта мешавад, шеваҳои иншои ҳикоят ва зуҳури падидаҳои жанрии он мебошад.

Шайх Фаридуддини Аттор барои зикри аҳволу ақволи суфия дар «Тазкирату-л-авлиё» аз воситаҳои гуногун истифода мебарад, ки яке аз чунин усулҳои пурсамари баён овардани ҳикоёт аз ҳаёти авлиёст, ки дар роҳи ифодаи мақсади муаллифи асар хеле мувофиқ афтодаанд. Маълум аст, ки Шайх Аттор пеш аз он ки «Тазкирату-л-авлиё»-ро таълиф намояд, муддати дароз дар талаби машоиху авлиё сафари бисёр намуда, ба Рай ва Куфа, Миср у Димишқ, Макка, Ҳиндустон ва Туркистон сафарҳо анҷом дода, ба бисёр сарчашмаҳои арабӣ мурочиат намуда, дар ҷамъоварии суханҳои суфиён ва ҳикоёт аз ҳаёти онон эҳтимом варзидааст. Рочеъ ин фосилаи зиндагии Аттор ва эҳтимоми вай дар фароҳамоварии суханони машоих ва ҳикоёт дар бораи онҳо донишманди эронӣ Фуъоди Рӯҳонӣ дар муқаддимаи «Илоҳинома» дар такя ба матолиби тазкираҳои пешин чунин менависад:

«Баъзе тазкиранависон гуфтаанд, ки Аттор ҳафтод сол аз умри худро сарфи ҷамъоварии иттилоот дар бораи зиндагонии машоих кард ва чаҳорсад китоб дар мавзӯи ирфон ба диққат хонд».

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки аслу бунёди ҳикоёти «Тазкирату-л-авлиё»-и Аттор нақлу гуфтори машоих аст, ки зимни мусофират ва иштиғол ба ҷамъоварии мавод дар бораи аҳли тасаввуф ва зимни мутолиаи осори фаровон барои зиндагиномаи аҳли ирфон фароҳам овардааст.

Ҳамзамон бо зикри ҳикояти ҳикматнок Аттор ҷилваҳои хоси аркони ирфониро, ки барои таҳаввули маънавии инсони комил муассир буда, аз ҷанбаҳои ахлоқӣ низ бархурдор мебошанд, бозтоб мебахшад. Аз сӯи дигар, бо овардани муносибатҳои ичтимоӣ, балки ба ибораи дигар, аз вокеиятҳои ичтимоӣ кашф намудани ҳикмати ахлоқӣ барои дастрас ва оммавӣ зуҳур кардани андешаҳои ирфонии муаллиф ва аҳли тасаввуф нақши муассир гузоштаанд. Ин аст, ки дар ҳикояти ёдшуда баробари таълими шикастанафсӣ ва парҳез аз амалҳои ғайр яке аз аркони аслии тасаввуф чиҳод бо нафс, ки ба истилоҳи «тазкияи нафс» маъруфият дорад, талқин мешавад.

Таммул дар сохтор ва мазмуну мундариҷаи «Тазкирату-л-авлиё» ин амрро мушаххас менамояд, ки Аттор дар ҷараёни кори худ барои бознависии шарҳи ҳол ва ақволи суфиён аз равишҳои хоси зикри ақволи онҳо ба кор гирифтааст. Ба назар мерасад, ки ин гуногунрангии баён пеш аз ҳама барои ғаномандии услуби асар, назокати забони таълифоти ӯ ба ҳайси омили муассир хидмат кардааст. Бо таваҷҷӯҳ ба муҳтаво ва сохтори асар муайян мешавад, ки бо он ки тазкираи Аттор дар идомаи тазкира ва осори марбут ба аҳли ирфоне, чун «Табақоту-с-суфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Кашфу-л-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ навишта шудааст, вале бо равиши хос, усули муайяни танзими мавод, фаровонии матолиб дар бораи аҳли тасаввуф ва шеваҳои махсуси баёни худ ҷойгоҳи муайянеро сохиб буда, барои ба вуҷуд омадани тазкираҳои бузурги ирфонӣ дар даврахои минбаъдаи таърихи адабиёти форсу тоҷик заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Вобаста ба махсусиятҳои ҳикоёт муҳимтарин шева ва хусусиёти иншои ин навъи адабиро дар «Тазкирату-л-авлиё» ба гунаи зайл хулоса метавон кард:

1. Дар китоби Аттор ҳикоёт хусусияти мухтасар ва мӯъҷазро дошта, баёни воқеаву ҳодисаҳо дар ҳудуди муайян ба анҷом мерасанд. Тӯл кашидани хати сужа дар ин гуна ҳикоёт камтар ба мушоҳида гирифта мешавад.

2. Дар забони ҳикоёт истилоҳоти ирфонӣ ба кор гирифта мешавад ва мазмуни умумии ҳикоёт хусусияти рамзӣ касб мекунанд, ки фаҳмиши он асосан ба гурӯҳи муайян мувофиқ аст. Аз ин рӯ, ин сабки ин ҳикоётро «хос» номзад кардан мумкин аст.

3. Гоҳо дар барҳе аз ҳикоёт мӯъҷазӣ ва ихтисор то ба ҷое мерасад, ки танҳо аз як суол ва як ҷавоб иборат мешавад.

4. Ҳикоёти Аттор ҳарчанд аз вожаву ибороти арабӣ, махсусан зикри оёту аҳодис ва ашъори арабӣ саршоранд, аммо муҳимтарин вижагиҳои сабки насри қадим, яъне баёни соддаву омиёна дар забони онҳо нигоҳ дошта шудааст.

5. Дар забони Аттор оёту аҳодис ва муарработ бо усули махсус ба кор рафта, дар ғаномандии сабки таълифи ҳикоёт нақши муассир гузоштаанд.

6. Ҳарчанд қисмате аз ин ҳикоёт дар маснавиҳои Аттор ҳам ба назм дароварда шудаанд, аммо шеваи кори шоир нишон медиҳад, ки ҳикоёт такрори куллии ҳамдигар нестанд, балки ҷузъе аз ҳикоёти мансур дар маснавиҳо ҳазф шудаанд. Шайх Аттор дар нусхаҳои манзуми ҳикоёт бештар ба ҷанбаҳои ҳикамии матлаб таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро таквият бахшидааст ва дар робита ба ин аз нақли комили сурати мансури он сарфи назар намудааст.

Ҳамин гуна, «Тазкирату-л-авлиё» ҳам аз нигоҳу мазмуну мундариҷа ва ҳам дидгоҳи сабку услуби нигориш дар навъи худ беназир буда, ҷанбаҳои мухталифи ирфони форсиро фаро мегирад. Таҳлилу баррасӣ ва бозгӯйи муҳимтарин нукоти мӯҳтаво ва мазмуни онро мо мукаммалан дар рисолаи илмии худ ба сомон расонидаем.

* * *

Гуфтори фавқ далели муҳаббати фитрии нигорандаи ин сатрҳо бо «Тазкирату-л-авлиё»-ву осори дигари Шайх Аттор буда, ба дасти хонандаи муштоқ расонидани ин китоби арзишмандро амри савоб донистем. Зеро асари мазкур бо сабки хосе таълиф гардида, бо равониву ҷазбаи баён дили ҳар як хонандаи огоҳ ва ошноии ирфонро тасхир мекунад. Назокати вижае, ки шоҳиди ҳунари нависандагии Шайх Аттор буда, ба василаи ин китоб усулҳои корбасти тасвири бадеӣ, гуногунрангии баёни як матлаб, эҷозу мусовату басти сухан, падидаҳои ҳунарӣ, бозиҳои лафзӣ, гуфтори мутаноқизи суфиёна, инчунин корбасти саноеи бадеиро ҳамчун падидаи адабӣ равшан месозад, мубаллиғи нашри комили «Тазкирату-л-авлиё» гардид.

Китоби ҳозир аз рӯи нусхае, ки бо тасҳеҳу таҳшияи Рейнолд Николсон, бознигарии матн, тарҷумаи муқаддимаҳо ва танзими феҳрастҳо аз ҷониби Абдулмуҳаммади Рӯҳбахшон дар нашриёти «Асотир»-и шаҳри Теҳрон соли 1379 (974 саҳифа) ба табъ расидааст, мунташир мегардад.

Ин нусха фарогири аҳволи 97 намояндаи барҷастаи тасаввуф буда, кори баргардонии матнро тасҳеҳу ҳавошӣ, тарҷумаи муқаддимаҳои Р.Николсон ба забони форсӣ ва феҳрастҳо сухулат бахшид. Ин ҷониб барои равшан сохтани

матолиби китоб оёту аҳодис ва ҷумлаву таркиботи арабиро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, ба таври мухтасар нуктаҳои асосии зиндагии машоҳиро дар охир тавзеҳ бахшидем. Зеро Аттор бо корбандии оёту аҳодис ва таркиботу ҷумалоти арабӣ симои асили қаҳрамононӣ худ, донишмандии эшон, огоҳии онҳоро аз мабдаи шариату тариқат, пайванду алоқамандияшонро бо китобу суннат равшан месозад. Нависанда бо партави Қуръон, аҳодиси набавӣ ва дигар муарработ ороишу таъсири каломи худро неру мебахшад ва бо корбурди талмеҳоти барҷаста шеваи иншои «Тазкирату-л-авлиё»-ро рангинӣ ато менамояд.

Ҷойи он мемонад, ки ба устодон, академик Носирҷон Салимов, профессор Абдулманнон Насриддинов, дотсентон Нуруллоҳон Ғиёсов, Нуралӣ Нуров, Баҳром Мирсаидов ва ҳамаи дӯстоне, ки барои нашри китоб ҳодиву раҳнамо буданд, изҳори сипос намоям.

Умедворем, ки нашри «Тазкирату-л-авлиё»-и Шайх Аттор ба расмулхати имрӯз боиси истиқболи гарми аҳли дил ва ошиқони насри шевои сӯфиёна хоҳад буд.

Аз тахиягар

ҚИСМИ ЯКУМ

БИСМИ-Л-ЛОҲИ-Р-РАҲМОНИ-Р-РАҲИМ

ал-Ҳамду ли-л-Лоҳи-л-чавводи биафзали анвоъи-н-наъмои-л-маннони биашрафи аснофи-л-атои, ал-маҳмуди фӣ аъоли зуро ал-иззи ва-л-кибриёи ал-маъбуди биаҳсани ачноси-л-ибодоти фӣ аъмоқи-л-арзи ва атбоқи-с-самои зйл-азамати ва-л-чабарути ва-л-баҳои ва-л-чалолати ва-л-малакути ва-с-санои-л-лазӣ ало фахтачаба бианвори-л-хамди ва-л-қудси ва-с-санои ан аъйуни-н-нозирина ва абсори-л-бусарои ва дано фақтараба мин басоири-л-мухтариқина фӣ ваҳачи-л-ъинои ва рабата тарафа бақои-л-мунғамисина фӣ лучачи биҳори тавҳидиҳи би-л-фанои ва халата шарафа фанои-л-мутағалғилина фӣ қъри қурбати-л-баҳои бимаҳзи-л-бақои ва ағноҳум биизzати-л-фақри илайҳи ан зилли-р-рукуни ила-л-ашйои ва авлоҳум ат-тавфика ли-л-хамди аммо ҳува фӣ хизонати-л-олои ва ағноҳум би-л-фанои ани-л-бақои ва би-л-бақои ани-л-фанои, фасору бинури фанои-л-фанои мухалласина ан ҳавои-л-ҳавои ва ҳатту риҳоли-л-унси би фанои-л-кудси муваддиъина бифанои-л-фанои ва инқатъу бинури-л-ҳақиқиййи ан тахайюли-л-изloли ва тамосили ал-афйоъи-л-латӣ ҳийа аъйону-д-дахмоъи ва ашхосу-л-аншоъи. Нахмадуҳу ало ан кафоно кайда ман одоно фиҳи ва дафаъа анно шарра ман новоно бикалбиҳи ва овоно бифиҳи ва шағала анно кулла шоғилин анҳу ва аллафа байнано ва байна кулли муаллифи байнано ва байнаҳу ва чаъалано хадаман ва ибодан лаҳу ва акрамано бишарафи хитобиҳи ва карами китобиҳи ва чаъалано муттабиъина лиҳабибиҳи сумма мин чумлати аҳиббоиҳи ва нашҳаду ан ло илоҳа илла-л-Лоҳу вахдаҳу ло шарика лаҳу йувозиҳи ва ло назира лаҳу йузоҳиҳи. Фаин назарно ило авсофи-л-улухиййати фало илоҳа илло ҳува. Ва ин таамална-л-вучуда, фало ҳува илло ҳува. Ва нашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу ва набиййуҳу ва сафиййуҳу, арсалаҳу би-л-ҳаққи

ило коффати-л-халқи, фаҳалла бирафиъи маҳаллиҳи ақда аҳли-з-зайғи ва-з-залоли ва фалла биҳаддиҳи адада зумароил-хизйи ва-н-наколи ва атфаа бинурихи нора-л-ғивойати ва бавваа ансораҳу дора-л-хидойати ва азоа қулуба-лмухтадина биҳадйиҳи бианвори ҷавоҳири-д-дини ва ваффақаҳум лииқтинои мафохири захоири-л-йақини ва бассараҳум биғавомизи сароири-н-набиййина ва хасса ал-асфийоа ва-л-атқийоа мин атбоъиҳим ал-лазина нафазу айдийаҳум ани-л-кавнайн ва рафазу ан қулубиҳим ал-илтифоти ило наъими-д-дорайни мин шавоҳиди-л-ғайби-л-макнуни бимо ло йубсируҳу лавоҳизу-л-ъуйуни ва ло йасташрифу лаҳу таволиъу-л-ъуқули ва навоҷиму-з-зununи ва балаға қулубуҳум бимо кошафаҳо биҳи мин ниҳойоти-лматолиби ва ғойоти-л-ҳимами ва иқтанаъа ан асрориҳим мин мо толаъаҳо биҳи мин ақосо ал-мақосиди ва ғойоти-лғумами ва истасфо арвоҳаҳум бимо йастамликуҳу мин анвори-л-ҷалойо қудсиййиҳи ан шавоиби-л-анвори ва кудуроти-з-зулми, салла-л-Лоҳу алайҳи ва ало олиҳи ва асҳобиҳи мо зарра шорику лутфин мин машриқи фазлин ва мо вақаба ғосиқи буъдин мин уфуқи тардин мо убтулийа би-л-буъди ал-ошику ва мо авмаза борику ҳидойатин мин сахоби инойатин ва мо лафаза нотику сидқин бикалимати ишқин ва мо тақалқала қадаму шавқин фи бодийати завқин ва саллама таслиман касиран.

ОҒОЗИ КИТОБ

Чун аз Қуръон ва аҳодис гузаштӣ, ҳеч сухан болои сухани машоихи тариқат, раҳмату-л-Лоҳи алайҳим, нест, ки сухани эшон натичаи кору ҳол аст, на самараи ҳифзу қол аст; ва аз аён аст, на аз баён аст; ва аз асрор аст, на аз такрор аст; ва аз илми ладунӣ аст, на аз илми касбӣ аст; ва аз чӯшидан аст, на аз кӯшидан аст; ва аз олами «аддабанӣ Раббӣ» аст, на аз олами «алламанӣ абӣ» аст, ки эшон варасаи анбиёанд, салавоту-л-Лоҳи алайҳим ачмаъин.

Ва чамоатеро аз дӯстон, рағбате тамом медидам ба сухани ин қавм; ва маро низ майле азим буд ба мутолааи ҳоли эшон ва сухан бисёр буд, агар ҳамаро чамъ мекардам, дароз мешуд; илтиқоте кардам аз барои хеш ва аз барои дӯстон. Ва агар ту низ аз ин бурдай, аз барои ту. Ва агар касе сухани эшон зиёда аз ин хоҳад, дар кутуби мутакаддимон ва мутааххирони ин тоифа бисёр ёфта мешавад, аз он чо талаб кунад. Ва агар толибе шарҳи калимоти ин қавм, мушбеъ талаб кунад ва дар китоби «Шарҳу-л-қалб» ва китоби «Кашфу-л-асрор» ва китоби «Маърифату-н-нафс ва-р-Раб» забару зер ояд ва бад-он маонӣ муҳит шавад. Ҳар кӣ ин се китобро маълум кард, гумони мо он аст, ки ҳеч сухани ин тоифа, илло мошоаллоҳ бар вай пӯшида намонад.

Ва агар ин чо шарҳи ин калимот додаме, ҳазор коғаз баромадӣ, аммо тариқи эҷоз ва ихтисор супурдан суннат аст, «Камо фахара расулуллоҳ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, факола: «Утийту чавомиъа-л-калими ва-ахтасру фӣ-л-каломи ихтисоран» ва асонид бияфкандам. Ва сухан буд, ки дар як китоб, накл аз шайхе буд ва дар катоиби дигар аз шайхе дигар ба хилофи он; ва изофоти ҳикоёту ҳолоти мухталиф низ ҳам буд. Он қадар эхтиёт, ки тавонистам, ба чой овардам.

Дигар сабаби шарҳ нододан он буд, ки худро дар миёни

сухани эшон овардан адаб надидаму завқ наёфтам ва сухани худро дар миёни чунин суханон хуш надидам, магар чое андак ишорат карда омад барои дафъи хаёли номаҳрамон ва ноаҳлон.

Дигар сабаб он буд, ки ҳар киро дар сухани эшон ба шарҳе ҳоҷат хоҳад афтод, авлотар (он), ки ба сухани эшон нигарад ва боз шарҳ диҳад.

Дигар сабаб он буд, ки авлиё мухталифанд: баъзе аҳли маърифатанду баъзе аҳли муомалатанд ва баъзе аҳли муҳаббатанд ва баъзе аҳли тавҳиданд ва баъзе ҳамаанд ва баъзе ба сифатеанд (сифатиянд) ва баъзе дунсифате ва баъзе бесифатанд, агар як-якро шарҳ медодам, китоб аз шарти ихтисор берун мешуд; ва агар зикри анбиёу саҳоба ва аҳли байт мекардам, як китоби дигар мебоист, чудогона. Ва шарҳи қавме чӣ гуна дар забони ман гунҷад, ки эшон худ, мазкури Худой ва расуланд ва маҳмуди Қуръон ва ахборанд? Ва он олам оламе дигар аст ва ҷаҳоне дигар. Анбиёу саҳоба ва аҳли байт се қавманд; иншоаллоҳ дар зикри эшон китобе ҷамъ карда ояд моро, то аз он се қавм, мусалласе аз Аттор ёдгор монад.

Ва маро дар ҷамъ кардани ин ҳадис, чанд чиз боис буд: яке рағбати бародарони дин, ки илтимос мекарданд.

Дигар боис он буд, (ки) то аз ман ёдгоре монад, то ҳар кӣ бархонад (ва) аз он ҷо гушоише ёбад, маро ба дуои хайр ёд дорад. Ва бувад, ки ба сабаби гушоиши ӯ маро дар хок гушоиш диҳанд, чунонки Яҳёи Аммор, ки имоми Ҳарӣ буд ва устоди Шайх Абдуллоҳи Ансорӣ буд, чун вафот кард, ӯро ба хоб диданд. Пурсиданд, ки Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Хитоб фармуд, ки: Яҳё, бо ту корҳо доштам сахт, лекин рӯзе дар мачлисе моро меситудӣ, дӯсте аз дӯстони мо он ҷойгаҳ бигзашт, он бишнид, вакташ хуш гашт. Туро дар кори хушомади у кардам. Вагарна он будӣ, дидӣ, ки бо ту чӣ кардаме!

Дигар боис он буд, ки Шайх Абӯалии Даккокро гуфтанд, ки: Дар сухани мардон шунидан ҳеч фоида ҳаст, чун бад-он кор наметавонем кард? Гуфт: Бале, дар вай ду фоида ҳаст. Яке он, ки агар мард толиб бувад, қавиҳиммат гардад ва талабаш зиёда кунад. Дуввум он, ки агар касе дар худ димоге

дорад, он димоғро фуруғ шиканад ва даъвӣ аз сари ӯ берун кунад ва неки ӯ бад намояд ва агар кӯр нест, худ мушоҳада кунад, «Камо қола-ш-шайху-л-маҳфуз, раҳмату-л-Лоҳи алайх: Ло тазини-л-халқа бимизоника ва зин нафсака бимизони-л-мукинин, литаъълама фазлаҳум вифлосика». Гуфт: Халқро ба тарозуи худ вазн макун. Аммо ба тарозуи мардон худро бисанҷ, то бидонӣ фазли эшон ва ифлоси худ(ро).

Дигар боис он буд, ки Ҷунайдро гуфтанд: Муридро чӣ фоида бувад дар ин ҳикоёту ривоёт? Гуфт: Сухани эшон лашкаре аст аз лашкарҳои Худои таоло, ки бад-он муридро, агар дил шикаста бувад, қавӣ гардад ва аз он лашкар мадад ёбад; ва ҳуҷҷати ин сухан он аст, ки Ҳақ таоло мефармояд: «Ва куллан накуссу алайка мин анбои-р-русули мо нусаббиту биҳи фуодака» (Сураи Ҳуд, ояти 120). Мо, эй Муҳаммад, қиссаи гузаштагон бо ту мегӯем, то дили ту бад-он ором гирад ва қавӣ гардад.

Дигар боис он буд, ки хочаи анбиё, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: «Инда зикри-с-солиҳин туназзалу-р-раҳмату». Агар касе моида ниҳад, ки бар он моида раҳмат борад, тавонад буд, ки ӯро аз он моида бефоида бознагардонанд.

Дигар боис он буд, то бувад, ки аз арвоҳи муқаддасаи эшон мададе бад-ин шӯридаи рӯзгор расад ва пеш аз аҷал ӯро дар сояи давлате фуруғ оварад.

Дигар боис он буд, ки чун баъд аз Қуръону аҳодис, беҳтарин суханҳо сухани эшон дидам ва ҷумлаи сухани эшон шарҳи аҳодису Қуръон дидам, худро бад-ин шуғл дарафгандам, то агар аз эшон нестам, боре худро ба эшон ташаббуҳ карда бошам, ки: «Ман ташаббаҳа биқавмин фаҳува минҳум», чунонки Ҷунайд, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, гуфт, ки: Муддаиёнро неку доред, ки эшон муҳаққақ намоянд ва пои эшонро бӯса дихед, ки агар ҳиммате баланд надоштандӣ, ба чизе дигар даъват карданди.

Дигар боис он буд, ки чун Қуръону ахборро луғату нахву тасриф мебоист ва бештар халқ аз маонии он бахра наметавонист гирифт, ин суханон, ки шарҳи он аст ва хосу омро дар вай насиб аст - агарчи бештар ба тозӣ буд - бо забони порсӣ овардам, то ҳамаро шомил бувад.

Дигар боис он буд, ки чун зоҳиран мебинам, ки агар як сухан бар хилофи ту мегӯянд, ба хуни он кас саъй мекуни ва солҳо бад-он як сухан кина мегирӣ, чун сухани ботилро дар нафси ту чандин асар аст, сухани ҳақро дар дили ту ҳам асар тавонад буд ҳазор чандон, агарчи ту аз он хабар наёбӣ, чунонки аз Имом Абдурраҳмони Аскоф пурсиданд, ки касе Қуръон мехонад ва намедонад, ки чӣ мехонад, онро ҳеч асаре бувад? Гуфт: Касе дору мехӯрад ва намедонад, чӣ мехӯрад, асар мекунад, Қуръон асар накунад? Балки басе асар бикунад; факайфа агар худ донад, ки чӣ мехонад, асари он бисёр бувад.

Дигар боис он буд, ки диле доштам, ки чуз ин сухан наметавонистам гуфтушунид магар ба курх ва зарурат ва молобудд; лочарам аз сухани эшон вазифае сохтам аҳли рӯзгорро, то бувад, ки бад-ин моида ҳамкосае ёбам, чунонки Шайх Абуалии Сайёҳ гӯяд, ки: Маро ду орзуст, яке он, ки то сухане аз суханҳои ӯ мешунавам; дигар он, ки то касе аз касони ӯ мебинам. Пас гуфт: Ман марди уммиам, на чизе тавонам навишт ва на чизе тавонам хонд; ё касе боядам, ки сухани ӯ гӯяд, то ман мешунавам, ё ман мегӯям ва ӯ мешунавад. Агар дар биҳишт гуфтугӯи ӯ нахоҳад буд, Бӯалӣ аз биҳишт безор аст.

Дигар боис он буд, ки Имом Абуюсуфи Ҳамадонӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳро пурсиданд, ки: Чун ин рӯзгор бигзарад ва ин тоифа рӯй дар никоби таворӣ оранд, чӣ кунем, то ба саломат бимонем? Гуфт: Ҳар рӯз ҳашт варақ аз сухани эшон мехонед. Пас, вирде сохтан аҳли ғафлатро фарзи айн дидам.

Дигар боис он буд, ки бе сабабе аз кудакӣ боз дӯстии ин тоифа дар дилам мавҷ мезад ва ҳама вақт муфаррахи дили ман сухани эшон буд. Ба умеди он ки: «ал-Маръу маъа ман аҳабба», ба қадри вусъи хеш сухани эшонро чилва кардам, ки ин ахде аст, ки ин шеваи сухан ба куллӣ рӯй дар никоб овардааст ва мудданиён ба либоси аҳли маонӣ берун омада ва аҳли дил чун кибрити ахмар азиз шуда. «Камо қола-л-Чунайду ли-ш-Шиблӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳимо: «Изо вачадта ман йувофиқука ало калиматин миммо такул, фатамассак бихи». Чунайд Шиблиро гуфт: Агар дар ҳамаи

олам касе ёбй, ки дар як калима аз ин, ки ту мегуй, мувофики ту буд, доманаш гир!

Дигар боис он буд, ки чун мебинам, ки рузгоре падид омадааст, ки «Ал-хайру шаррун» ва «Ашрору-н-носи ахйору-н-нос»-ро фаромуш кардаанд, тазкирае сохтам авлиёро; ва ин китобро «Тазкирату-л-авлиё» ном ниходам, то ахли хусрони рузгор ахли давлатро фаромуш накунанд; ва гушанишинону хилватгирифтагонро талаб кунанд ва бо эшон рагбат намоянд, то дар насими давлати эшон ба саодати абади пайваста гарданд.

Дигар боис он буд, ки чун ин сухане буд, ки бехтарини суханхо буд, аз чанд вачх: яке он, ки дунёро бар дили мард сард кунад ва дуввум он, ки охиратро бо ёди мард диҳад, саввум он, ки дустии Хак дар дили мард падид ояд, чахорум он, ки мард чун ин навъ суханро шунавад, зоди роҳи бепоён сохтан гирад. Чамъ кардани чунин суханхо аз чумлаи вочибот бувад ва тавон гуфтан, ки дар офариниш бех аз ин китоб нест аз он ки сухани эшон шархи Куръону ахбор аст, ки бехтарини чумлаи суханхост ва тавон гуфтан, ки ин китобе аст, ки муханнасонро мард кунаду мардонро шермард кунад ва шермардонро фард кунаду фардонро айни дард кунад, ки хар ки ин китобро - чунон ки шарт аст - бархонад, огох гардад, ки он чй дард будааст, дар чонхои эшон, ки инчунин корхо ва инчунин шеваи суханхо аз дили эшон ба сахро омадааст! Ва ман як рўз пеши Имом Мачдуддини Хоразмй даромадам, уро дидам, ки мегирист. Гуфтам: Хайр аст! Гуфт: Зихй сипохсолорон, ки дар ин уммат будаанд ба масобаи анбиё, алайхиму-с-салом, ки: «Уламоу уммати каанбийои Бани Исроил». Пас гуфт: Аз он мегирям, ки душ гуфта будам, ки: Худовандо, кори ту ба иллат нест, маро аз ин кавм, ё аз наззорагиёни ин кавм гардон, ки кисме дигарро токат надорам, мегирям, ки бувад, ки мустачоб шуда бошад.

Дигар боис он буд, ки то фардо назари шафоате дар кори ин очиз кунанд ва маро чун саги асҳоби кахф - агар хама ба устухоне бувад - навмед нагардонанд. Накл аст, ки Чамоли Мавсилй, рахмату-л-Лохи алайх, умре хун хурду чон канд ва молу чох базл кард, то дар муҳозоти чавори равзаи хочаи анбиё, алайхи-с-салом, як гур чой ёфт. Он гох

васият кард, ки бар сари хокам нависед: «Ва калбухум боситун зироъайхи би-л-васид». Саге қадаме чанд бар асари дӯстони ту зад, ӯро дар кори эшон кардй, ман низ даъвии дӯстии дӯстони ту мекунам; Худовандо, агарчи ман ин суханро аз ҳеч касе ҳечкасе наям, аммо муҳибби эшонам; ба ҳаққи ҷони поки анбиёу авлиё ва уламо, ки мани ғариби очизро аз ин қавм маҳҷуб магардон ва аз он назари хос, ки бо эшон мерасад, маҳрум макун; ва ин китобро сабаби дараҷаи қурб гардон, на сабаби даракаи буъд, «иннака валиййу-л-иҷобати».

Акнун асомии бузургон, ки дар ин китобанд, ёд кунем, баъд аз он шарҳи макомот ва каромот ва ҳолоти эшон оғоз нихем, «биъавни-л-Лохи таъоло».

Феҳристи китоб ва зикри авлиёуллох, қаддаса-л-Лоҳу арвоҳаҳум:

зикри Имом Ҷаъфари Содиқ, алайҳи-с-салом
зикри Увайси Қаранӣ
зикри Ҳасани Басрӣ
зикри Молики Динор
зикри Муҳаммади Восеъ
зикри Ҳабиби Ачамӣ
зикри Абӯҳозими Маккӣ
зикри Утба ибни ал-Ғулом
зикри Робиату-л-Адвийя
зикри Фузайли Аёз
зикри Иброҳими Адҳам
зикри Бишри Ҳофӣ
зикри Зуннуни Мисрӣ
зикри Боязиди Бастомӣ
зикри Абдуллоҳи Муборак
зикри Суфёни Саврӣ
зикри Шақики Балхӣ
зикри Абӯҳанифаи Кӯфӣ
зикри Муҳаммад ибни Идриси аш-Шофеӣ
зикри Ахмад ибни Ҳанбал
зикри Довуди Тойӣ
зикри Ҳориси Мухосабӣ
зикри Сулаймони Дорой

зикри Муҳаммади Саммок
зикри Муҳаммади Аслам
зикри Аҳмади Ҳарб
зикри Ҳотами Асамм
зикри Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ
зикри Маъруфи Кархӣ
зикри Сарии Сақатӣ
зикри Фатҳи Мавсилӣ
зикри Аҳмади Ҳаворӣ
зикри Аҳмади Хизравия
зикри Абӯтуроби Нахшаби
зикри Муози Розӣ
зикри Шоҳ Шучои Кирмонӣ
зикри Юсуф ибни ал-Ҳусайн
зикри Абӯҳафси Ҳаддод
зикри Ҳамдуни Қассор
зикри Мансури Аммор
зикри Аҳмад Осими ал-Антокӣ
зикри Абдуллоҳ ибни Хубайқ
зикри Ҷунайди Бағдодӣ
зикри Амр Усмони Маккӣ
зикри Абӯсаиди Харроз
зикри Абулҳусайни Нурӣ
зикри Абӯусмони Ҳирӣ
зикри Абдуллоҳ ибни ал-Ҷулло
зикри Абӯмуҳаммади Рувайм
зикри Ибни Ато
зикри Иброҳими Раққӣ
зикри Юсуфи Асбот
зикри Абӯяъқуби Нахрҷурӣ
зикри Самнуни Муҳиббӣ
зикри Абӯмуҳаммади Муртаиш
зикри Муҳаммад ибни Фазл
зикри Абулҳусайни Бушанҷӣ
зикри Муҳаммадали Ҳакими Тирмизӣ
зикри Абулҳайри Ақтаъ
зикри Абдуллоҳи Туруғбазӣ (Равъадӣ)
зикри Абӯбакри Варроқ

зикри Абдуллоҳи Манозил
зикри Алӣ Саҳли Исфаҳонӣ
зикри Хайри Нассоҷ
зикри Абуҳамзаи Хуросонӣ
зикри Аҳмади Масруқ
зикри Абдуллоҳ Аҳмади Мағрибӣ
зикри Абуалии Ҷурҷонӣ
зикри Абубакри Каттонӣ
зикри Абдуллоҳ Муҳаммади Хафиф
зикри Абумуҳаммади Ҷарирӣ
зикри Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ, қаддаса-л-Лоху арвоҳаҳум.

Баъд аз он оғоз кунем ба тавфиқи Аллоҳ, таоло, аз мақомоти Имом Ҷаъфари Содиқ, разия-л-Лоху анху.

1. ЗИКРИ ИБНИ МУҲАММАД ҶАЪФАРИ АС-СОДИҚ, АЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Он султони миллати мустафвӣ, он бурҳони ҳуҷҷати набавӣ, он омили сиддиқ, он олими таҳқиқ, он меваи дили авлиё, он ҷигаргӯшаи анбиё, он ноқиди Алӣ, он вориси набӣ, он орифи ошиқ Ҷаъфару-с-Содиқ, разия-л-Лоҳу анҳу.

Гуфта будем, ки агар зикри анбиёу саҳоба ва аҳли байт кунем, китобе ҷудогона бояд сохт; ин китоб шарҳи авлиёст, ки баъд аз эшон будаанд. Аммо ба сабаби табаррук ба Содиқ ибтидо кунем, ки ӯ низ баъд аз эшон будааст. Ва чун аз аҳли байт буд ва сухани тариқат ӯ бештар гуфтааст ва ривоят аз вай бештар омадааст, калимае чанд аз они ӯ биёварем, ки эшон ҳама якеанд, чун зикри ӯ карда шавад, аз они ҳама бувад. Набинӣ, ки қавме, ки мазҳаби ӯ доранд, мазҳаби дувоздаҳ имом доранд, яъне яке дувоздаҳ аст ва дувоздаҳ яке; агар танҳо сифати ӯ гӯем, ба забон ва иборати ман рост наёяд, ки дар ҷумлаи улум ва ишороту иборот бе такаллуф ба камол буд ва қудваи ҷумлаи машоих буд ва эътимоди ҳама бар вай буд ва муқтадои мутлақ буд, ҳам илоҳиёнро шайх буд ва муҳаммадиёнро имом ва ҳам аҳли завқро пешрав ва ҳам аҳли ишқро пешво; ҳам уббодро мукаддам, ҳам зуҳҳодро мукаррам; ҳам соҳиби таснифи ҳақоиқ, ҳам дар латоифи тафсир ва асрори танзил беназир буд. Ва аз Боқир, разия-л-Лоҳу анҳу, бисёр сухан нақл кардааст ва аҷаб дорам аз он қавм, ки эшон ҳаёл банданд, ки аҳли суннату ҷамоатро бо аҳли байт чизе дар роҳ аст, ки аҳли суннату ҷамоат аҳли байтро бояд гуфт ба ҳақиқат ва ман он намедонам, ки касе дар хаёли ботил мондааст, он медонам, ки ҳар кӣ ба Муҳаммад имон дорад ва ба фарзандонаш надорад, ба Муҳаммад имон надорад, то ба ҳадде ки Шофеӣ дар дӯстии аҳли байт то ба ҳадде будааст, ки ба рафзаш нисбат карданду маҳбус карданд ва ӯ дар он маънӣ шеъре гуфтааст ва як

байт ин аст, шеър:

Лав кона рафзан ҳуббу Оли Муҳаммадин,
Фалйашҳади-с-сақалонӣ анниӣ рофизун

ки фармудааст, яъне: агар дӯстии Оли Муҳаммад рафз аст, гӯ: ҷумлаи ҷинну инс гувоҳӣ диҳед ба рафзи ман. Ва агар олу асҳоби расул донистан аз усули имон нест, басе фузулӣ, ки ба кор намеоянд, медонӣ, агар ин низ бидонӣ, зиён надорад; балки инсоф он аст, ки чун подшоҳи дунёву охират Муҳаммадро медонӣ, вузарои ӯро ба ҷои худ мебояд шинохт ва саҳобаро ба ҷои худ ва фарзандони ӯро ба ҷои худ мебояд шинохт, то суннии пок бошӣ ва бо ҳеч кас аз пайвастагони подшоҳат кор набувад, чунонки аз Абӯҳанифа, разия-л-Лоҳу анҳу, пурсиданд аз пайвастагони пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки кадом фозилтар? Гуфт: Аз пирон Сиддиқу Форуқ ва аз ҷавонон Усмону Алӣ; ва аз занон Оиша; ва аз духтарон Фотима, разия-л-Лоҳу анҳум аҷмаъин.

Накл аст, ки Мансури халифа шабе вазирро гуфт, ки: Бираву Содиқро биёр, то бикушам. Вазир гуфт: Ӯ дар гӯшае нишастааст ва узлат гирифта ва ба ибодат машғул шуда ва даст аз мулк кӯтоҳ карда ва амиралмӯъмининро аз вай ранҷе на, аз куштани вай чӣ фоида бувад? Ҳарчанд гуфт, суде надошт. Вазир бирафт ба талаби Содиқ. Мансур ғуломонро гуфт: Чун Содиқ дарояд ва ман кулоҳ аз сар бардорам, шумо ӯро бикушед. Вазир Содиқро даровард. Мансур дарҳол барҷаст ва пеши Содиқ бозстад ва дар садраш биншонд, ба ду зону пеши ӯ бинишаст. Ғуломонро аҷаб омад. Пас Мансур гуфт: Чӣ ҳоҷат дорӣ? Содиқ гуфт: Он, ки маро пеши худ наҳонӣ ва ба тоати Худой бигзорӣ. Пас дастурӣ дод ва ба эъзозе тамом равона кард. Дарҳол ларза бар Мансур афтод ва даваҷ бар сар даркашиду беҳуш шуд. Гӯянд: Се намоз аз вай фавт шуд. Чун боз ҳуш омад, вазир пурсид, ки: Он чӣ ҳол буд? Гуфт: Чун Содиқ аз дар даромад, аждаҳое дидам, ки бо вай буд, ки лабе ба зери суффа ниҳод ва лабе ба забари суффа. Ва маро гуфт ба забони ҳол: Агар ту ӯро биёзорӣ, туро бо ин суффа фурӯ барам. Ва ман аз бими он аждаҳо надонистам, ки чӣ мегӯям. Аз вай узр хостам ва чунин беҳуш

шудам.

Нақл аст, ки як бор Довуди Той пеши Содиқ омад ва гуфт: Эй писари расули Худой, маро панде деҳ, ки дилам сиёҳ шудааст. Гуфт: Ё Босулаймон, ту зоҳиди замонай, туро ба панди ман чӣ ҳоҷат аст? Гуфт: Эй фарзанди пайғамбар, шуморо бар ҳамаи халоиқ фазл аст ва панд додани ҳама бар ту вочиб аст. Гуфт: Ё Босулаймон, ман аз он метарсам, ки ба қиёмат ҷадди ман даст дар ман занад, ки: Чаро ҳаққи мутобаати ман нагзоридӣ? Ин кор ба нисбат саҳеҳ ва ба нисбат қавӣ нест, ин кор ба муомалат шоистаи ҳазрати Ҳақ бувад. Довуд бигирист ва гуфт: Бор Худоё, он, ки маъҷуни тинати ӯ аз оби нубувват аст ва таркиби табиати ӯ аз асли бурҳон ва ҳуҷҷат, ҷаддаш расул аст ва модараш батул аст, ӯ бад-ин ҳайронӣ аст, Довуд кӣ бошад, ки ба муомалаи худ мўъҷиб шавад?

Нақл аст, ки бо маволии худ рӯзе нишаста буд. Эшонро гуфт: Биёед, то байъат кунем ва аҳд бандем, ки ҳар кӣ аз миёни мо дар қиёмат растагорӣ ёбад, ҳамаро шафоат кунад. Эшон гуфтанд: Ё ибна расулиллоҳ, туро ба шафоати мо чӣ ҳоҷат, ки ҷадди ту шафеи ҷумлаи халоиқ аст? Содиқ гуфт: Ман бад-ин афъоли худ шарм дорам, ки ба қиёмат дар рӯи ҷадди худ нигарам.

Нақл аст, ки Ҷаъфари Содиқ муддате хилват гирифт ва берун наёмад. Суфёни Саврӣ ба дари хонаи вай омаду гуфт: Мардумон аз фавоиди анфоси ту маҳруманд, чаро узлат гирифтай? Содиқ ҷавоб дод, ки: Акнун чунин рӯй дорад: «Фасада-з-замону ва тағаййара-л-ихвону» ва ин ду байт бихонд. Шеър:

Заҳаба-л-вафоу зиҳоба амсин зоҳибин
Ва-и-носу байна маҳоилин ва маорибин
Йуфшуна байнаҳуму-л-мавaддата ва-л-вафо
Ва қулубуҳум маҳшунатун биақорибин

Нақл аст, ки Содиқро диданд, ки хазе гаронмоя пӯшида буд. Гуфтанд: «Йо ибна расули-л-Лоҳ, лайса ҳозо мин зиййи аҳли байтика». Дасти он кас бигирифт ва дар остин кашид, палосе пӯшида буд, ки дастро халида мекард. Гуфт: «Ҳозо ли-л-ҳаққи ва ҳозо ли-л-халқи».

Нақл аст, ки Содиқро гуфтанд: Ҳаман хунарҳо дорӣ, зӯҳду карами ботин ва қурратулайни хонадонӣ, валекин бас мутакаббирӣ. Гуфт: Ман мутакаббир наям, лекин кибри кибриёӣ аст, ки ман чун аз сари кибри худ бархостам, кибриёни ӯ биёмад ва ба ҷои кибри ман биншаст. Ба кибри худ кибриёӣ нашояд кард, аммо ба кибриёии ӯ кибр шояд кард.

Нақл аст, ки Содиқ аз Абуҳанифа пурсид, ки: Оқил кист? Гуфт: Он, ки тамйиз кунад миёни хайру шарр. Содиқ гуфт: Баҳоим низ тамйиз тавонанд кард миёни он ки ӯро бизананд ва он ки ӯро алаф диҳанд. Абуҳанифа гуфт: Наздики ту оқил кист? Гуфт: Он, ки тамйиз кунад миёни ду хайр ва ду шарр, то аз ду хайр хайрулхайрайн ихтиёр кунад ва аз ду шарр хайрушшаррайн баргузинад.

Нақл аст, ки ҳамёне зар аз яке бурда буданд. Он кас дар Содиқ овехт, ки: Ту бурдӣ. Ва ӯро нашинохт. Содиқ гуфт: Чанд буд? Гуфт: Ҳазор динор. Ӯро ба хона бурд ва ҳазор динор ба вай дод. Баъд аз он, он мард зари худ бозёфт. Зари Содиқ бозбурд ва гуфт: Ғалат карда будам. Содиқ гуфт: Мо ҳар чӣ додем, бознагирем. Баъд аз он мард аз яке пурсид, ки: Ӯ кист? Гуфтанд: Ҷаъфари Содиқ. Он мард хиҷил шуд ва бирафт.

Нақл аст, ки Содиқ рӯзе танҳо дар роҳе мерафт, «Аллоҳ-Аллоҳ» мегуфт, сӯхтае бар ақиби ӯ мерафт ва бар мувофақати ӯ «Аллоҳ, Аллоҳ» мегуфт. Содиқ гуфт: Аллоҳ, ҷубба надорам; Аллоҳ, ҷома надорам. Дарҳол дасте ҷомаи зебо ҳозир шуд. Ҷаъфар дарпӯшид. Он сӯхта пеш рафт ва гуфт: Эй хоҷа, дар Аллоҳ гуфтан бо ту шарик будам, он кӯҳнаи худ ба ман дех! Содиқро хуш омад ва он кӯҳна ба вай дод.

Нақл аст, ки яке пеши Содиқ омад ва гуфт: Худойро ба ман намой! Гуфт: Охир нашунидай, ки Мӯсоро гуфтанд: «Лан тароний?» Гуфт: Оре, аммо ин миллати Муҳаммад аст, ки яке фарёд мекунад: «Рао қалбӣ Раббӣ», дигаре наъра мезанад, ки «Лам аъбуд Раббан лам араҳу!» Содиқ гуфт: Ӯро бубандед ва дар Дачла андозед. Ӯро бибастанд ва дар Дачла андохтанд. Об ӯро фурӯ бурд, боз барандохт. Гуфт: «Йо ибна расули-л-Лоҳ, ал-ғиёс, ал-ғиёс!». Содиқ гуфт: Эй об, фурӯ бараш! Фурӯ бурд, боз бароварда, гуфт: «Йо ибна

расули-л-Лоҳ, ал-ғиёс, ал-ғиёс!» Гуфт: Фурӯ бар! Ҳамчунин чанд карат обро мегуфт, ки: Фурӯ бар! Фурӯ мебурд, чун бармеовард, мегуфт: «Йо ибна расули-л-Лоҳ, ал-ғиёс, ал-ғиёс!». Чун аз ҳама навмед шуд ва вуҷудаш ҳама ғарқ шуд ва умед аз халоиқ мунқатеъ кард, ин навбат, ки об ӯро бароварда, гуфт: «Илоҳо, ал-ғиёс, ал-ғиёс!» Содиқ гуфт: Ӯро бароред! Баровардандуро соате бигзоштанд, то бози қарор омад. Пас гуфт: Ҳақро дидӣ? Гуфт: То даст дар ғайр мезадам, дар ҳиҷоб мебудам, чун ба куллӣ паноҳ бад-ӯ бурдам ва музтар шудам, равзанае дар даруни дилам гушода шуд. Он ҷо фурӯ нигаристам. Он чӣ меҷустам, бидидам ва то изтирор набувад, он набувад, ки «Амман йуҷиббу-л-музтарра изо даъоҳу». Содиқ гуфт: То «содиқ» мегуфтӣ, козиб будӣ, акнун он равзанаро нигоҳ дор, ки ҷаҳонхудоӣ бад-он ҷо фуруст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ гӯяд Худой бар чиз аст, ё дар чиз аст ва ё аз чиз аст, ӯ кофир бувад.

Ва гуфт: Ҳар он маъсият бандаро ба Ҳақ наздик гардонад, ки аввали он тарс бувад ва охири он узр.

Ва гуфт: Ҳар он тоат, ки аввали он амн бувад ва охири он уҷб, он тоат бандаро аз Худой дур гардонад, зеро ки аз ин маънӣ бандаро ба Ҳақ наздик гардонад, мутеъ бо уҷб осӣ аст ва осӣ бо узр мутеъ.

Аз вай пурсиданд, ки: Дарвеши собир фозилтар, ё тавонгари шокир? Гуфт: Дарвеши собир, ки тавонгарро дил ба киса бувад ва дарвешро бо Худой.

Ва гуфт: Ибодат ҷуз ба тавба рост наёяд, ки Ҳақ таоло тавба муқаддам гардонид бар ибодат, «камо қола-л-Лоҳу таъоло: «ат-Тоибуна-л-обидун» (Сураи Тавба, ояти 112).

Ва гуфт: Зикри тавба дар вақти зикри Худой, ғофил мондан аст аз зикр ва Худойро ёд кардан ба ҳақиқат он бувад, ки фаромӯш кунад дар ҷанби Худой ҷумлаи ашёро ба чиҳати он ки Худой ӯро ивз бувад аз ҷумлаи ашё.

Ва гуфт: Дар маънии ин оят «Йаҳтассу бираҳматиҳи ман йашоу» (Сураи Бақара, ояти 105) - Хос гардонам ба раҳмати хеш ҳар киро хоҳам, воситаву илал ва асбоб аз миён бардоштааст, то бидонанд, ки атои маҳз аст.

Ва гуфт: Муъмин он аст, ки истодааст бо нафси хеш ва ориф он аст, ки истодааст бо Худованди хеш.

Ва гуфт: Ҳар кӣ муҷоҳада кунад ба нафс барои нафс, ба каромот бирасад; ва ҳар кӣ муҷоҳада кунад бо нафс барои Худованд, бирасад ба Худованд.

Ва гуфт: Илҳом аз авсофи мақбулон аст ва истидлол сохтан, ки бе илҳом бувад, аз аломати рондагон аст.

Ва гуфт: Макри Худой дар банда ниҳонтар аст аз рафтани мӯрча дар санги сиёҳ ба шаби торик.

Ва гуфт: Ишқ ҷунуни илоҳӣ аст; на мазмум аст ва на маҳмуд.

Ва гуфт: Сирри муояна он гоҳ маро мусаллам шуд, ки раҳами девонагӣ бар ман кашиданд.

Ва гуфт: Аз некбахтии мард аст, ки хасми ӯ хирадманд аст.

Ва гуфт: Аз сӯҳбати панҷ кас ҳазар кунед: Яке аз дурӯғгӯй, ки ҳамеша бо вай дар ғурур бошӣ; дуввум аҳмақ, ки он вақт, ки суди ту хоҳад, зиёни ту бувад ва надонад; саввум бахил, ки бехтарин вақте аз ту бубарад; чаҳорум баддил, ки дар вақти ҳоҷат туро зоеъ гузорад; панҷум фосиқ, ки туро ба як луқма бифурӯшад ва ба камтар аз як луқма. Гуфтанд: Он чист камтар аз як луқма? Гуфт: Тамаъ дар он.

Ва гуфт: Ҳақ таолоро дар дунё биҳишт аст ва дӯзах аст. Биҳишт офият аст ва дӯзах балост; офият он аст, ки кори худ бо Худой гузорӣ ва дӯзах он аст, ки кори Худой бо нафси хеш гузорӣ.

Ва гуфт: «Ман лам йакун лаҳу сиррун фаҳува музиррун»; агар сӯҳбати аъдо музирр будӣ авлиёро, ба Осия зараре расидӣ аз Фиръавн; ва агар сӯҳбати авлиё нофеъ будӣ аъдоро, манфаате расидӣ зани Нӯҳ ва Лутро. Валекин беш аз қабзе ва басте набувад.

Ва сухани ӯ бисёр аст, таъсиро чанд калима гуфтем ва хатм кардем.

2. ЗИКРИ УВАЙСИ АЛ-ҚАРАНӢ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он қиблаи тобеин, он қудваи арбаин, он офтоби пинҳон, он нафаси раҳмон, он Суҳайли яманӣ, Увайси Қаранӣ, разия-л-Лоҳу анҳу.

«Қола-н-набиййу, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: Увайсуни-л-Қаранӣ хайру-т-тобиъина биихсонин ва атфин».

Ситоиши касе, ки ситояндаи ӯ раҳматанлилоламин бувад ва нафаси ӯ нафаси раббулоламин, ба забони ман кучо рост ояд? Гоҳ-гоҳ хочаи анбиё, алайҳи-с-салом, рӯй сӯи Яман кардӣ ва гуфтӣ: «Инний лаачиду нафаса-р-раҳмони мин қибали-л-Йамани», яъне насими раҳмат аз ҷониби Яман меёбам. Ва боз, хочаи анбиё, алайҳи-с-салом, гуфт, ки: Фардои қиёмат Ҳақ таоло ҳафтод ҳазор фариштаро биёфаринад дар сурати Увайс, то Увайсро дар миёни эшон ба арасот бароваранд ва ба бихишт равад, то ҳеч офарида, илло мошоаллоҳ, вокиф нагардад, ки дар он миён Увайс кадом аст, ки чун дар сарои дунё Ҳақро дар зери қуббаи таворӣ ибодат мекард ва хешро аз халқ дур медошт, то дар охират низ аз чашми ағёр махфуз монад, ки «Авлиёӣ тахта қибобин ло йаърифуҳум ғайрӣ».

Ва дар ахбори ғариб омадааст, ки: фардо хочаи анбиё, алайҳи-с-салом, дар бихишт аз ҳуҷраи худ берун ояд, чунонки касе мар касеро талаб кунад, хитоб ояд, ки: Киро талаб мекунӣ? Гуяд: Увайсро. Овоз ояд, ки: Ранҷ мабар, ки чунонки дар дори дунё вайро надидӣ, ин ҷо низ ҳам набинӣ. Гуяд: Илоҳо, кучост? Фармон расад, ки: «Фӣ мақъади сидқин». Гуяд: Маро набинад? Фармон расад, ки: Касе (ки) моро мебинад, туро чаро бинад?

Боз хочаи анбиё, алайҳи-с-салом, гуфт, ки: Дар уммати ман марде аст, ки ба адади гӯсфандони Рабеъаву Музир ӯро дар қиёмат шафоат хохад буд – ва чунин гуянд, ки дар Араб

ҳеч қабиларо чандон ғусфанд набуд, ки ин ду қабиларо. Саҳоба гуфтанд: Ин кӣ бошад? Гуфт: «Абдун мин абиди-л-Лоҳ» - Бандае аз бандагони Худой. Гуфтанд: Мо ҳам бандагонем, номаш чист? Гуфт: Увайс. Гуфтанд: Ӯ кучо бувад? Гуфт: Ба Қаран. Гуфтанд: Ӯ туро дидааст? Гуфт: Ба дидаи зоҳир надидааст. Гуфтанд: Аҷаб, чунин ошиқи ту ва ӯ ба хидмати ту нашитофтааст! Гуфт: Аз ду сабаб, яке аз ғалабаи ҳол; дуввум аз таъзими шариати ман, ки пир модаре дорад, оҷиза аст, имон оварда. Ба чашми бахалал ва ба дасту пои сустшуда. Ба рӯз, Увайс уштурвонӣ кунад ва музди он бар нафақоти худ ва модари худ харҷ кунад. Гуфтанд: Мо ӯро бубинем? Сиддиқро гуфт: Ту ӯро дар аҳди худ набинӣ; аммо Форуқу Муртазоро, разия-л-Лоҳу анҳум, гуфт, ки: Шумо ӯро бубинед ва вай марде шаъронӣ аст ва бар пахлӯи чапи вай ва бар кафи дасти вай чандон ки як дирам сафед аст ва он на сафедии барас аст. Чун ӯро дарёбед, аз ман саломаш расонед ва бигӯед, то уммати маро дуо гӯяд.

Боз, хоҷаи анбиё, алайҳи-с-салом, гуфт: «Аҳаббу-л-ибоди ила-л-Лоҳи ал-атқийоу-л-ахфийо». Баъзе гуфтанд: Ё расулуллоҳ, мо ин дар хештан намеёбем. Саид, алайҳи-с-салом, гуфт: Шутурвоне аст ба Яман, ӯро Увайс гӯянд, қадам бар қадами ӯ нихед.

Нақл аст, ки чун хоҷаи анбиё, алайҳи-с-саломро вафот наздик расид, гуфтанд: Ё расулуллоҳ! Муракқаи ту ба кӣ диҳем? Гуфт: Ба Увайси Қаронӣ. Чун Форуқу Муртазо аз баъди вафоти Мустафо, алайҳи-с-салом, ба Кӯфа омаданд, Форуқ дар миёни хутба гуфт: «Йо аҳла Начди қуму!» - Эй аҳли Начд, барҳезед! Барҳостанд. Гуфт: Аз Қаран касе дар миёни шумо ҳаст? Гуфтанд: Бале. Қавмеро бад-ӯ фиристоданд. Форуқ, разия-л-Лоҳу анҳу, хабари Увайс аз эшон бипурсид. Гуфтанд: Намедонем. Гуфт: Соҳиби шарҳ маро хабар додааст ва ӯ газоф нагӯяд. Магар шумо ӯро намедонед? Яке гуфт: «Ҳува аҳқару шаънан мин ан йатлубаҳу амирулмӯъминин». - Гуфт: Ӯ аз он ҳақиртар аст, ки амирулмӯъминин ӯро талаб кунад; девонае аҳмақ ва аз халқ вахшӣ бошад. Гуфт: Ӯро талаб мекунем, кучост? Гуфтанд: Дар водии Уранаҳ «йаҳмӣ ал-ибила». - Дар он водӣ уштур нигоҳ медорад, то шабонгоҳ нонаш диҳем. Шӯридае аст,

дар ободониҳо наёяд ва бо кас сӯҳбат надорад ва он чӣ мардумон ҳӯранд, ӯ нахӯрад; ғаму шодӣ надонад, чун мардумон бихандад, ӯ бигиряд; ва чун бигирянд, ӯ бихандад. Гуфт: Ӯро металабем. Пас Форуқу Муртазо, разия-л-Лоҳу анҳумо, он ҷо шуданд. Ӯро диданд дар намоз ва Ҳақ таоло малакеро бад-ӯ гумошта, то уштурони ӯро нигоҳ медошт. Чун бонги ҳаракати одамӣ биёфт, намоз кӯтоҳ кард. Чун салом боздод, Форуқ бархост ва салом кард. Ӯ ҷавоб дод. Форуқ гуфт: «Мо исмука?» - Чист номи ту? «Қола: Абдуллоҳ» - Гуфт: Бандаи Худой. «Қола Умар: «Куллуно абиду-л-Лоҳ». - Гуфт: Ҳама бандагони Худоем, туро хос ном чист? Гуфт: Увайс. «Қола: Ариӣ йадака-л-йумно». - Гуфт: Бинамой дасти рост. Бинамуд. Он сапедӣ, ки расул, алайҳи-с-салом, нишон карда буд, бидид. «Фақаббала йадаҳу». - Бӯса дод ӯро; гуфт, ки: Расул, алайҳи-с-салом, туро салом расонидааст, гуфтааст, ки: умматони маро дуо кун! «Қола: Анта авло би-д-дуъои личамъи-л-муъминина». - Гуфт: Ту аволтарӣ ба дуо гуфтани мусалмонон, ки бар рӯи замин аз ту азизтар касе нест. Форуқ гуфт: Ман, худ, ин кор мекунам. Ту васияти расул, алайҳи-с-салом, ба ҷой овар! Гуфт: «Йо Умару лаъаллаҳу ғайрӣ». - Бингар, набояд, ки он дигаре бувад. Гуфт: Пайғамбар туро нишон кардааст. Пас Увайс гуфт: Мураққаи пайғамбар ба ман дихед, то дуо кунам. Эшон мураққаъ бад-ӯ доданд. Пас гуфтанд: Бипӯшу дуо кун. Гуфт: Сабр кунед, то ҳоҷат бихоҳам. Дарнапӯшид, аз бари эшон дури дур рафт ва он мураққаъ фуру карду рӯй бар хок ниҳод ва мегуфт: Илоҳо, ин мураққаъ дарнапӯшам, то ҳаман уммати Муҳаммадро ба ман набахшӣ; пайғомбарат ҳаволаи ин ҷо кардааст ва расул Форуқу Муртазо аст; Илоҳо, ҳама кори хеш карданд, кунун кори ту мондааст. Хитоб омад, ки: Чандине ба ту бахшидам. Мураққаъ дарпӯш! Мегуфт: На, ҳамаро хоҳам. Боз хитоб омад, ки: Чандин ҳазори дигар ба ту бахшам, мураққаъ бипӯш! Мегуфт: На. Ҳама хоҳам. Боз хитоб меомад, ки: Чандин ҳазор-ҳазори дигар ба ту бахшам, мураққаъ бипӯш! Мегуфт: Ҳамаро хоҳам. Ҳамчунон дар муноҷот мегуфту мешунуд, то саҳобаро сабр набуд, бирафтанд, то ӯро дар чӣ кор аст? Бад-ӯ расиданд. Чун Увайс эшонро бидид, гуфт: Ох, чаро омадед? Агар ин

омадани шумо набудӣ, мураққаъ дарнапӯшидаме, то ҳамаи умматро бинахостаме; сабр боист кард. Форуқ ӯро дид, гилеме уштурии худ фаро гирифта ва сару пои бараҳна тавонгарии ҳаждаҳ ҳазор олам дар таҳти он гилем дид. Форуқ аз хештан ва аз хилофати худ дилаш бигирифт, гуфт: Кист, ки ин хилофат аз мо бихарад ба гирдае? Увайс гуфт: Касе, ки ақл надорад, чӣ мефурӯшӣ? Бияндоз, то ҳар киро бибояд, баргирад; харидуфурӯхт дар миён чӣ кор дорад? То саҳоба фарёд баровардand, ки: Чизе, ки аз Сиддиқ қабул кардай, кори чандин ҳазор мусалмон зоеъ натавон гузошт, ки як рӯзи адли ту бар ҳазорсола ибодат шараф дорад. Пас Увайс мураққаъ дарпӯшид ва гуфт: Ба ададди мӯи шутуру гов ва гӯсфанди Рабиаву Музир аз уммати Муҳаммад, алайҳи-с-салом, бахшиданд аз баракоти ин мураққаъ.

Ин чо тавонад буд, ки касе гумон барад, ки Увайс аз Форуқ дар пеш буд ва на чунин аст, аммо хосияти Увайс таҷрид буд, Форуқ он ҳама дошт, таҷрид низ мехост, чунонки хочаи анбиё, алайҳи-с-салом, дари пирзанон мезад, ки: Муҳаммадро ба дуо ёд доред. Пас Муртазо хомӯш бинишаст. Форуқ гуфт: Ё Увайс, чаро наёмадӣ, то меҳтарро бидидӣ? Гуфт: Он гоҳ шумо дидет? Гуфтанд: Бале. Гуфт: Магар чуббаи ӯро дидед; агар шумо ӯро дидед, бигӯед, то абрӯи ӯ пайваста буд ё гушода? Эй аҷаб, чандон ӯро дида буданд, аммо ҳайбат, ки ӯро буд, нишон бознатавонистанд дод. Гуфт: Шумо дӯсти Муҳаммад ҳастед? Гуфтанд: Ҳастем. Гуфт: Агар дар дӯстӣ дуруст будед, чаро он рӯз, ки дандони муборакаш ӯ шикастанд, ба ҳукми мувофақат, дандони худ нашикастед, ки шарти дӯстӣ мувофақат аст? Ва пас дандони худ бинамуд, як дандон дар даҳон надошт. Гуфт: Ман ӯро ба сурат нодида мувофақати ӯ кардам, ки мувофақат аз дин аст. Пас ҳар дуро риққат чӯш овард, бидонистанд, ки мансаби мувофақату адаб мансабе дигар аст, ки расулро надида буд ва аз вай мебоист омӯхт.

Пас Форуқ гуфт: Ё Увайс, маро дуое бикун. Гуфт: Дар имон майл набувад, дуо кардаам ва дар ҳар намоз ташаҳҳуд мегӯям, «Аллоҳумма ағфир ли-л-муъминина ва-л-муъминот», агар шумо имон ба саломат ба гӯр баред, худ шуморо дуо дарёбад ва агар на, ман дуо зоеъ накунам.

Пас Форуқ гуфт: Маро васияте кун! Гуфт: Ё Умар, Худойро шиносӣ? Гуфт: Шиносам. Гуфт: Агар ба ҷуз аз Худой ҳеҷ каси дигар нашносӣ, туро беҳ. Гуфт: Зиёдат кун! Гуфт: Ё Умар, Худой туро медонад? Гуфт: Донад. Гуфт: Агар ба ҷуз Худой каси дигар туро надонад, туро беҳ.

Пас Форуқ гуфт: Бош, то чизе биёварам барои ту. Увайс даст дар гиребон кард ва ду дирам бароварда, гуфт: Ман инро аз уштурбонӣ касб кардаам, агар ту замон мекунӣ, ки ман чандон бизиям, ки ин бихӯрам, он гоҳ дигар бистонам.

Замоне буд. Пас гуфт: Ранҷа гаштед, бозгардед, ки қиёмат наздик аст, он гоҳ он ҷо моро дидор бувад, ки бозгашта набувад, ки ман акнун ба сохтани зоди роҳи қиёмат машғулам.

Чун аҳли Қаран аз Кӯфа бозгаштанд, Увайсро ҳурматеву ҷоҳе падид омад дар миёни эшон, сари он намедошт; аз он ҷо бигурехт ва ба Кӯфа шуд ва баъд аз он касе ӯро надид, илло Ҳарим ибни Ҳайён, разия-л-Лоҳу анҳу. Ҳарим гуфт: Чун он ҳадис бишнудам, ки дарачаи шафоати Увайс то чӣ ҳадд аст, орзуе бар ман ғолиб шуд, ба Кӯфа рафтам ва ӯро талаб кардам, то вайро бозёфтам бар канори Фурот, вузӯ мекард ва ҷома мешуст. Вайро бишнохтам, ки сифати ӯ шунида будам. Салом кардам ва ҷавоб доду дар ман нигарист. Хостам, то дасташ фаро гирам, даст надод. Гуфтам: «Раҳимака-л-Лоҳ йо Увайс ва ғафара лака», чӣ гунай?

Гиристан бар ман афтод аз дустии вай ва аз раҳмат, ки маро бар вай омад аз заифии ҳоли вай. Увайс низ бигирист, гуфт: «Ва ҳайёка-л-Лоҳ, йо Ҳарим ибни Ҳайён», чӣ гунай, ё бародари ман ва туро кӣ роҳ намуд ба ман? Гуфтам: Номи ману падари ман ҷун донистӣ ва маро ба чӣ шинохтӣ ҳаргиз нодида? Гуфт: «Наббаанийа-л-алиму-л-хабир» – Он кӣ ҳеҷ чиз аз илму хабари вай берун нест, маро хабар дод ва рӯҳи ман рӯҳи туро бишнохт, ки рӯҳи мӯъминон бо якдигар ошно бошад, агарчи якдигарро надида бошанд. Гуфтам: Маро чизе ривоят кун аз расул, алайҳи-с-салом. Гуфт: Ман вайро дарнаёфтаам, ахбори вай аз дигарон шунидаам ва нахоҳам, ки роҳи ҳадис бар хеш гушода кунам ва нахоҳам, ки мухаддису муфтӣ ва музаккир бошам, ки маро худ шуғл хаст, ки бад-ин намепардозам. Гуфтам: Ояте бар ман хон,

то аз ту бишнавам. Пас дасти ман бигрифт ва гуфт: «Аъузу би-л-Лоҳи мина-ш-шайтони-р-рачим» ва зор бигирист. Пас гуфт: Чунин мегуяд Худо, ҷалла ҷалолуҳу, «Ва мо халақту-л-ҷинна ва-л-инса илло лийаъбудун, ва мо халақна-с-самоа ва-л-арза ва мо байнаҳумо лоъибин. Мо халақнохумо илло би-л-ҳаққи валокинна аксараҳум ло йаъламуна». То ин ҷо, ки: «Иннаҳу хува-л-азизу-р-раҳим» бархонд.

Он гоҳ як бонг бикард, пиндоштам, ки акл аз ӯ зоил шуд. Пас гуфт: Эй писари Ҳайён, чӣ оварда туро ин ҷо? Гуфтам: То бо ту унс гирам ва ба ту биёсоям. Гуфт: Ман ҳаргиз надонистам, ки касе Худойро бишнохт ва ба ҳеч чизи дигар унс тавонад гирифт ва ба касе дигар биёсуд. Ҳарим гуфт: Маро васияте кун! Увайс гуфт: Маргро зери болин дор, чун ки бихуфтӣ ва пеши чашм дор, ки бархезӣ; ва дар хурдии гуноҳ манигар, дар бузургии он нигар, ки дар вай осӣ шавӣ, ки агар гуноҳ хурд дорӣ, Худовандро хурд дошта бошӣ ва агар бузург дорӣ, Худовандро бузург дошта бошӣ. Ҳарим гуфт: Кучо фармоӣ, ки макон кунам? Гуфт: Ба Шом. Гуфтам: Он ҷо маишат чӣ гуна бувад? Увайс гуфт: «Уфин, лиҳозиҳи-л-кулуби қад холатаҳо-ш-шакку вало танфаъуҳо-л-мавъиза». - Уф, аз ин дилҳо, ки шак бар ӯ ғолиб шудааст, панд напазирад. Гуфтам: Маро васияти дигар кун. Гуфт: Ё писари Ҳайён, падарат бимурд, Одаму Ҳавво бимурд, Нуҳ ва Иброҳими Халил бимурд, Мусои Имрон бимурд, Довуд халифаи Худой бимурд, Муҳаммад, расулуллоҳ, бимурд, Абубакр халифаи вай бимурд, Умар бародарам бимурд ва дӯстам бимурд - во Умаро, во Умаро! Гуфтам: «Раҳимака-л-Лоҳ», Умар намурдааст. Гуфт: Ҳак таоло маро хабар дод аз марги вай.

Пас гуфт: Ману ту аз ҷумлаи мурдагонем ва салавот доду дуои сабук бигуфт ва гуфт: Васияти ман ин аст, ки китоби Худой ва роҳи аҳли салоҳ фаро пеш гирӣ, як соат аз ёди марг ғофил набошӣ; ва чун бо наздики қавми хеш расӣ, эшонро панд дех ва насиҳат аз халқи Худой бозмагир, як қадам пой аз мувофақати ҷамоат кашида мадор, ки он гоҳ бедин шавӣ ва надонӣ ва дар дӯзах афтӣ. Ва дуое чанд бигуфт ва гуфт: Рафтӣ, ё Ҳарим ибни Хайён, низ на ту маро бинӣ ва на ман туро ва маро ба дуо ёд дор, ки ман низ туро

ёд дорам; ва ту аз ин ҷониб бирав, то ман аз он ҷониб биравам. Гуфт: Хостам, то як соате бо вай биравам. Нагузошт ва бигзашту мегирист ва маро ба гиристан овард. Ман аз қафои вай менигаристам, то ба кӯе фурӯ шуд ва низаш аз он пас хабари вай наёфтам.

Ва гуфт: Бештар сухан, ки бо ман гуфт, аз амирайн буд: Форуқу Муртазо, разия-л-Лоҳу анҳумо.

Ва Рабеъи Хушайм гӯяд: Бирафтам, то Увайсро бинам. Дар намози бомдод буд. Чун фориғ шуд, гуфтам, сабр кунам, то аз тасбеҳ бозпардозад. Диранге кардам. Ҳамчунон аз ҷой барнахост, то намози пешин бигузорид ва намози дигар бикард. Ҳосил, се шабонарӯз аз намоз напардохт ва ҳеч нахӯрду ҳеч нахуфт. Шаби чаҳорум ӯро гӯш медоштам, хоб дар чашмаш омад. Дарҳол, бо Ҳақ ба муноҷот омад, гуфт: Худовандо ба ту паноҳ мегирам аз чашми бисёрхоб ва аз шиками бисёрхор. Гуфтам: Маро ин басандааст. Ӯро ташвиш надодам ва бозгардидам.

Увайсро меоранд, ки дар ҳаман умри хеш ҳаргиз шаб нахуфтӣ. Як шаб гуфтӣ: «Ҳозиҳи лайлату-л-қийоми» ва дигар шаб гуфтӣ: «Ҳозиҳи лайлату-р-рукуъи» ва дигар шаб гуфтӣ: «Ҳозиҳи лайлату-с-суҷуди». Як шаб ба қиёме ба сар бурдӣ ва як шаб ба рукӯе ва як шаб ба суҷуде. Гуфтанд: Ё Увайс, чун токат медорӣ шабе бад-ин дарозӣ бар як ҳол? Гуфт: Мо худ ҳанӯз як бор «Субҳона раббийа-л-аъло» нагуфта бошем дар суҷуде, ки рӯз ояд, худ се бор тасбеҳ гуфтан суннат аст, ин аз он мекунам, ки мехоҳам, ки мисли ибодати осмониён кунам.

Аз вай пурсиданд, ки: Хушъ дар намоз чист? Гуфт: Он, ки агар найза бар паҳлӯяш зананд дар намоз, хабараш набувад.

Гуфтанд: Чунӣ? Гуфт: Чӣ гуна бошад касе, ки бомдод бархезад ва надонад, ки шабонгоҳ хоҳад зист, ё на!

Гуфтанд: Кор чӣ гуна аст? Гуфт: «Во қиллата зодин, во атвала тариқаҳ» - Гуфт: Оҳ, аз безодӣ ва дарозии роҳ.

Ва гуфт: Агар ту Худои таолоро парастиш кунӣ ба ибодати осмониҳову заминҳо, аз ту бинапазирад, то бовараш надорӣ. Гуфтанд: Чӣ гуна бовараш дорем? Гуфт: Эмин набошӣ бад-

он чӣ туро фаро пазируфтааст ва фориғ набинӣ хешро, то дар парастиши ӯ ба чизе дигарат машғул набояд буд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ се чиз дӯст дорад, дӯзах бад-ӯ аз раги гарданаш наздиктар бувад: таоми хуш хӯрдан ва либоси некӯ пӯшидан ва бо тавонгарон нишастан.

Увайс, разия-л-Лоҳу анҳуро гуфтанд, ки: Дар ин наздикии ту марде аст, се сол аст, ки гӯре фурӯ кардааст ва кафане даровехта ва бар сари он нишастааст ва мегиряд ва на ба шаб қарор гирад ва на ба рӯз. Увайс гуфт: Маро он ҷо баред, то ӯро бубинам. Увайсро наздики ӯ бурданд. Ӯро дид: зард гаштаву нахиф шуда ва чашм аз гиря дар мағок афтода. Бад-ӯ гуфт: «Йо фулону шағалака-л-қабру ани-л-Лоҳи» - Эй мард, се сол аст, то гӯру кафан туро аз Худой машғул кардааст ва бад-ин ҳар ду бозмондай ва ин ҳар ду бути роҳи ту омадааст. Он мард ба нури ӯ он офат дар хеш бидид, ҳол бар ӯ кашф шуд, наърае бизад ва дар он гӯр афтод ва ҷон бидод. Агар гӯру кафан ҳичоб хоҳад буд, ҳичоби дигарон бингар, ки чисту чанд аст!

Нақл аст, ки Увайс як бор се шабонарӯз ҳеч нахӯрда буд. Рӯзи чаҳорум, бомдод берун омад. Бар роҳ як динор зар афканда буд. Гуфт: Аз они касе афтода бошад. Рӯй бигардонид, то гиёҳ аз замин барчинад ва бихӯрад. Нигоҳ кард, гӯсфанде меомад гирдае гарм дар даҳон гирифта пеши вай биниҳод. Гуфт: Магар аз касе рабуда бошад, рӯй бигардонид. Гӯсфанд ба сухан омад, гуфт: Ман бандаи он касам, ки ту бандаи ӯйӣ, бистон рӯзии Худой аз бандаи Худой. Гуфт: Даст дароз кардам, то гирда баргирам, гирда дар дасти хеш дидам, гӯсфанд нопадид шуд.

Маҳомиди ӯ бисёр аст ва фазоили вай бешумор. Дар ибтидо, Шайх Абулқосими Гургонӣ, разия-л-Лоҳу анҳуро зикри он будааст муддате, ки мегуфтааст: Увайс, Увайс, Увайс, эшон донанд қадри эшон.

Ва сухани ӯст, ки гуфт: «Ман арафа-л-Лоҳа ло йухфо алайҳи шайъун» - Ҳар кӣ Худойро шинохт, ҳеч чиз бар ӯ пӯшида намонад. Дигар маънӣ он аст, ки ҳар кӣ бишнохт, то шиносанда кист. Дигар маънӣ он аст, ки ҳар кӣ асл бидонист, фурӯъ донистан осон бувадаш, ки ба чашми асл

дар фурӯъ нигарад. Дигар маънӣ он аст, ки Худойро ба Худой битавон шинохт, ки: «Арафту Раббӣ би Раббӣ»; Пас ҳар кӣ Худойро ба Худой донад, ҳама чизе медонад.

Ва сухани ӯст, ки: «ас-Саломату фи-л-ваҳдати» - Саломат дар танҳоӣ аст ва танҳо он бувад, ки фард бувад дар ваҳдат, ваҳдат он бувад, ки хаёли ғайр дарнагунҷад, то саломат бувад; агар танҳо ба сурат гирӣ, дуруст набувад, ки: «аш-Шайтону абъаду мина-л-иснайни» ҳадис аст.

Ва сухани ӯст, ки: «Алайка бикалбика» - Бар ту бод ба дили ту, яъне бар ту бод, ки доим дил ҳозир дорӣ, то ғайр дар ӯ роҳ наёбад.

Ва сухани ӯст, ки: «Талабту-р-рафъата фавақадтуҳу фӣ-т-тавозуъ, ва талабту-р-рийосата фавақадтуҳу фӣ насиҳати-л-халқи ва талабту-л-муруввата фавақадтуҳу фӣ-с-сидқи ва талабту-л-фахра фавақадтуҳу фӣ-л-фақри ва талабту-н-нисбата фавақадтуҳу фӣ-т-тақво ва талабту-ш-шарафа фавақадтуҳу фӣ-л-қаноати ва талабту-р-роҳата фавақадтуҳу фӣ-з-зухди». Маонии ин суханҳо маълум аст ва машҳур.

Накл аст, ки ҳамсоягони ӯ гуфтанд: Мо ӯро аз девонагон шумурдеме. Охир аз вай дархост кардем, то ӯро хонае соҳтем, бар дари сарои хеш; ва як солу ду сол ба сар омадӣ, ки ӯро ваҷҳе набудӣ, ки бад-он рӯза гушодӣ. Таоми ӯ он будӣ, ки гоҳ-гоҳ астан хурмо барчидӣ ва шабонгоҳ бифурӯхтӣ ва дар ваҷҳи кут сарф кардӣ ва бад-он ифтор кардӣ. Ва агар хурмои хушк ёфтӣ, нигоҳ доштӣ, то рӯза бад-он гушодӣ; ва агар хурмои хушк бештар ёфтӣ, астан хурмо бифурӯхтӣ ва ба садақа бидодӣ. Ва ҷоман вай хирқае кӯҳна буд, ки аз мазбалаҳо барчидӣ ва пок бишустиву барҳам дӯхтӣ ва бо он месохтӣ. - Ачабо, коро! Нафаси худой аз миёни чунин ҷой барояд - вақти намози аввал берун шудӣ ва пас аз намози хуфтан бозомадӣ; ва ба ҳар маҳалле, ки фурӯ шудӣ, кӯдакон вайро санг заданди. Гуфтӣ: Соҳҳои ман борик аст, хурдтар бардореду, то пои ман шикаставу хунолуд нашавад, то аз намоз бознамонам, ки маро ғами намоз аст, на ғами пой.

Дар охири умр, чунин гуфтанд, ки сафедӣ бар ӯ падид омад ва он вақт бар мувофақати амирулмӯъминин Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, дар Сиффин ҳарб мекард, то кушта шуд:

«Ошо ваҳидан ва мота шаҳидан»- разия-л-Лоҳу анҳу.

Бидон, ки қавме бошанд, ки эшонро увайсиён гўянд. Эшонро ба пир ҳоҷат набувад, ки эшонро нубувват дар ҳаҷри худ парвариш диҳад бе воситаи ғайре, чунонки Увайсро дод, агарчи ба зоҳиран ҳоҷаи анбиёро надид, аммо парвариш аз ў меёфт, нубувват мепарварид ва ҳақиқат ҳамнафас мебуд. Ва ин азим олӣ мақоме аст, то киро он чо расонанд ва ин давлат рўй ба кӣ намояд. «Золика фазлу-л-Лоҳи йуътиҳи ман йашоу ва-л-Лоҳу зу-л-фазли-л-ъазим» (Сураи Ҳадид, ояти 21).

3. ЗИКРИ ҲАСАНИ БАСРӢ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он парвардаи нубувват, он хӯкардаи футувват, он каъбаи амалу илм, он хулосаи вараъу ҳилм, он сабақбурда ба соҳибсадрӣ, садри сунnат: Ҳасани Басрӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Маноқиби ӯ бисёр аст ва маҳомиди ӯ бешумор аст, соҳиби илму муомала буд ва доим хавфу хузн ӯро фурӯ гирифта буд. Ва модари ӯ аз маволии Умми Салама буд. Чун модараш ба коре машғул шудӣ, Ҳасан дар гиря омадӣ. Умми Салама, разия-л-Лоҳу анҳо, пистон дар даҳонаш ниҳодӣ, то ӯ бимакидӣ, катрае чанд шир падид омадӣ, чандон ҳазор баракот - ки Ҳақ аз ӯ падид оварда - ҳама аз асари шири Уммӣ Салама буд.

Накл аст, ки Ҳасан тифл буд. Як рӯз аз кӯзаи пайғомбар, алайҳи-с-салом, об хӯрд дар хонаи Умми Салама. Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: Ин об ки хӯрд? Гуфтанд: Ҳасан. Гуфт: Чандон ки аз ин об хӯрд, илми ман бад-ӯ сироят кунад.

Накл аст, ки рӯзе пайғомбар, алайҳи-с-салом, ба хонаи Уммӣ Салама даромад, Ҳасанро дар канори вай ниҳоданд. Пайғомбар, алайҳи-с-салом, бад-ӯ дуо карда, ҳар чӣ ёфт, аз баракоти дуои ӯ ёфт.

Накл аст, ки чун Ҳасан дар вуҷуд омад, ӯро пеши Умар оварданд, гуфт: «Саммуҳу Ҳасанан фаиннаҳу ҳасану-л-вачҳи» – Ӯро ном Ҳасан кунед, ки некӯрӯй аст.

Уммӣ Салама, разия-л-Лоҳу анҳо, парваришу тааҳҳуди ӯро кабул карда, ба ҳукми шафқате, ки бар вай бурд, ширааш падид омад, то пайваста мегуфтӣ: «Аллоҳуммачъалҳу имоман йуктадо биҳӣ» - Худовандо, ӯро муқтадои халқ гардон! То чунон шуд, ки саду сӣ танро аз саҳоба дарёфта буд ва ҳафтод бадриро ёфта: ва иродати ӯ ба Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳумо

будааст. Ва дар улум, ручӯъ бози ӯ кардааст ва тариқат аз ӯ гирифт.

Ва ибтидои тавбаи ӯ он буд, ки ӯ гавҳарфурӯш буд. Ӯро «ал-Ҳасан ал-Лӯълӯӣ» гуфтандӣ. Тиҷорати Рум кардӣ ва бо амирон ва вазирони Қайсар ситаду дод кардӣ, разия-л-Лоҳу анҳу. Вақте ба Рум шуду наздики вазир рафт ва соате сухан гуфт. Вазир гуфт: Мо ба чое хоҳем шуд, агар мувофақат кунӣ! Гуфт: Ҳукм турост, мувофақат мекунам. Бифармуд, то асбе барои Ҳасан биёварданд, то бо вазир барнишаст ва бирафтанд. Чун ба саҳро расиданд, Ҳасан хаймае дид аз дебои румӣ зада, бо таноби абрешиму меҳҳои заррин дар замин маҳкам карда. Ҳасан ба як сӯ биистод ва он гоҳ сипоҳе чанд гарон берун омаданд, ҳама олати харб пӯшида, гирди он хайма даргаштанд ва чизе бигуфтанду бирафтанд. Он гоҳ файласуфону дабирон, қурби чаҳорсад, даррасиданд, гирди он хайма даргаштанд ва чизе бигуфтанду бирафтанд. Баъд аз он сесад аз пирони нуронӣ бо маҳосинҳои сафед рӯй ба хайма ниҳоданд ва гирди он хайма даргаштанд ва чизе бигуфтанду бирафтанд. Пас аз он канизакони моҳрӯй - зиёдат аз дувист, ҳар яке табаке аз зару сим ва ҷавоҳир баргирифта - гирди хайма бигаштанд ва чизе бигуфтанду бирафтанд. Он гоҳ Қайсару вазири бузург дар хайма шуданд ва берун омаданду бирафтанд.

Ҳасан гуфт: Ман мутаҳаййир ва аҷаб бимондам. Бо худ гуфтам: Ин чӣ ҳол аст? Чун фуруд омадем, ман аз ӯ пурсидам. Гуфт: Қайсари Румро писаре буд, ки мумкин набуд ба ҷамоли ӯ одамие; ва дар анвои улум комил ва дар майдони мардонагӣ беназир. Ва падар ошиқи ӯ ба сад ҳазор дил. Ногоҳ бемор шуд ва ҷумлаи атиббои ҳозиқ дар муолаҷаи ӯ оҷиз омаданд. Оқибат вафот кард, дар он хайма ба гӯр карданд. Ҳар сол як бор ба зиёрати ӯ берун шаванд: Аввал сипоҳе бекиёс гирди хайма даргарданду гӯянд: Эй маликзодаи мо! Аз ин ҳол, ки туро пеш омадааст, агар ба ҷанг рост шудӣ, мо ҳама, ҷонҳо фидо кардеме, то туро бозситадимонӣ, аммо ин ҳол, ки туро пеш омадааст, аз дасти касе аст, ки бо ӯ ба ҳеҷ рӯй корзор наметавонем кард ва муборазат натавон кард. Ин гӯянд ва бозгарданд. Он гоҳ

файласуфону дабирон пеш раванду гӯянд: Ин ҳол касе кардааст, ки ба донишу файласуфӣ ва илму хурдашиносӣ бо ӯ ҳеч натавон кард, ки ҳамаи ҳукамои олам дар пеши ӯ очизанд ва ҳамаи олимон дар ҷанби илми ӯ ҷоҳил ва агар на тадбирҳо кардеме ва суханҳо гуфтеме, ки дар офариниш ҳама очиз аз он шудандӣ. Ин гӯянд ва бозгарданд. Он гоҳ пирон ба ҳурмат, ба шукӯҳ пеш раванд ва гӯянд: Эй подшоҳзода! Ин ҳол, ки туро пеш омадааст, агар ба шафоати пирон рост омадӣ, мо ҳама шафоат ва зорӣ кардеме ва туро он ҷо нагзоштеме. Аммо ин ҳол туро аз касе пеш омадааст, ки шафоати ҳеч банда суд надорад. Ин бигӯянд ва бираванд. Он гоҳ канизакони моҳрӯй бо табакҳои зару ҷавоҳир пеш раванд ва гирди хайма бигарданд ва гӯянд: Эй қайсарзодаи мо, ин ҳол, ки туро пеш омадааст, агар ба молу ҷамол рост омадӣ, мо ҳама худро фидо кардеме ва молҳои азим бидодеме ва туро нагзоштеме. Аммо ин ҳол туро аз касе пеш омадааст, ки он ҷо молу ҷамолро асаре нест. Ин гӯянд ва бозгарданд. Пас, Қайсар бо вазири бузург дар хайма равад ва гӯяд: Бидон, эй чашму чароғи падар ва эй меваи дили падар ва эй чигарғӯшаи падар, ба дасти падар чист! Падар барои ту лашкари гарон оварда ва файласуфону пирону шафеону ройзанон оварда ва соҳибҷамолону молу неъматҳои алвон оварда ва худ биёмад; агар бад-ин ҳама коре баромадӣ, падар ҳар чӣ битавонистӣ кард, ба ҷой овардӣ. Аммо ин ҳол аз касе пеш омадааст, ки падар бо ин ҳама кору бор ва лашкару ҳашаму неъмату молу хазина, дар пеши ӯ очиз аст. Салом бар ту бод то соли дигар. Ин бигӯяд ва бозгардад.

Ин сухан бар дили Ҳасан чунон кор кард, ки дилаш аз кор бирафт. Дарҳол тадбири бозгаштан кард ва сӯи Басра омад ва савганд хӯрд, ки низ дар дунё нахандад, то оқибати кораш маълум нашавад. Ва чунон хештанро дар анвои муҷоҳада ва ибодат афганд, ки дар аҳли ӯ касеро мумкин болои он риёзат кашидан мумкин набувад, то дар риёзат ба чое расид, ки гуфтанд: Ҳафтод сол тахорати ӯ дар тахоратҷой ботил мешуд ва дар узлат чунон шуд, ки умед аз чумлаи халқ бурида кард, то лочарам аз чумла бо сар омад, чунонки як рӯз яке дар чамъе бар пой хост ва гуфт: Ҳасан мехтару бехтари мо чарост? Бузурге ҳозир буд, гуфт: Аз чиҳати он

ки имрӯз чумлаи халоикро ба илми ӯ ҳочат аст ва ӯ ба як чав ба халқ мӯҳтоҷ нест; ҳама дар дин бад-ӯ ҳочатманданд ва ӯ дар дунё аз ҳама фориғ аст. Мехтариву бехтарӣ ин чо бувад.

Дар ҳафтае як бор мачлиси ваъз гуфтӣ ва ҳар боре ки ба минбар баромадӣ, чун Робиаро надидӣ, мачлис ба тарк гирифтӣ ва фурӯ омадӣ. Гуфтанд: Эй хоча, чандин мӯҳташамону хочагону бузургон омаданд, агар пиразане, миқнаъадоре, наёяд, чӣ бошад? Ӯ гуфтӣ: Оре, шарбате, ки мо аз барои ҳавсалаи пилон сохта бошем, дар синаи мӯрон натавонем рехт. Ва ҳар гох ки мачлис гарм шудӣ, рӯй ба Робиа кардӣ, ки: Эй, даргилемпӯшида, «Ҳозо мин чамароти калбика, йо саййида» - Ин ҳама гармӣ аз як ахгари дили туст.

Ӯро суол карданд, ки: Чамъе бад-ин анбӯҳӣ, ки дар пои минбари ту менишинанд, донем, ки шод шавӣ. Гуфт: Мо ба касрати чамъ шод нашавем, валекин агар як дарвеш ҳозир бувад, дили мо шод шавад.

Боз суол карданд, ки: Мусалмонӣ чист? Ва мусалмон кист? Гуфт: Мусалмонӣ дар китобҳост ва мусалмонон дар зери ҳоканд.

Аз ӯ суол карданд, ки: Асли дин чист? «Факола: Алвараъ». Гуфтанд: Он чист, ки вараъро табоҳ кунад? «Факола: Ат-тамаъ».

Ва суол карданд, ки: Чанноти адн чист? Гуфт: Кӯшке аст аз зар, дар ӯ наёяд илло пайғомбаре, ё сиддике, ё шаҳиде, ё султоне одил.

Ва суол карданд, ки: Табибе, ки бемор бувад, дигаронро муолача чун кунад? Гуфт: Ту нахуст худро илоч кун, он гоҳ дигаронро.

Гуфт: Сухани ман бишнавед, ки илми ман шуморо суд дорад ва амали ман шуморо зиён надорад.

Ва суол карданд, ки: Ё шайх, дилҳои мо хуфтааст, ки сухани ту дар дилҳои мо асар намекунад, чӣ кунем? Гуфт: Кошки хуфта будӣ, ки хуфтаро бичунбонӣ, бедор гардад, дилҳои шумо мурдааст, ки ҳарчанд мечунбонӣ, бедор намегардад.

Суол карданд, ки қавмеянд, ки дар сухан моро чандон

метарсонанд, ки дили мо аз хавф пора мешавад, ин раво бувад? Гуфт: Имрӯз бо қавме сӯҳбат доред, ки шуморо битарсонанд ва фардо эмин бошед, бехтар, ки сӯҳбат бо қавме доред, ки шуморо эмин кунанд ва фардо ба хафв андар расед.

Гуфтанд: Қавме ба мачлиси ту меоянд ва суханҳои ту ёд мегиранд, то бар он эътироз кунанд ва айби он мечӯянд. Гуфт: Ман хештанро дидаам, ки тамаи фирдавси аъло ва муҷоварати Хақ таоло мекунад ва ҳаргиз тамаи саломат аз мардумон накунад; ки офаридгори эшон аз забони эшон саломат намеёбад.

Гуфтанд: Касе мегӯяд, ки халқро даъват макунед, то пеш худро пок накунед! Гуфт: Шайтон дар орзуи ҳеч нест магар дар он, ки ин калима дар дили мо ороста кунад, то дари амри маъруф ва наҳйи мункар баста ояд.

Гуфтанд: Муъмин ҳасад кунад? Гуфт: Бародарони Юсуф, алайҳи-с-саломро фаромӯш кардед, валекин чу(н) ранче аз сина берун наяфканед, зиён надорад.

Ҳасан муриде дошт, ки ҳар гоҳ ки ояте аз Қуръон бишнудй, хештанро бар замин задй. Як бор бад-ӯ гуфт: Эй мард, агар ин чй мекунй, тавонй, ки накунй, пас оташи нестй дар муомалаи чумлаи умри худ задй ва агар натвонй, ки накунй, моро ба дах манзил аз паси пушт бигзоштй. Пас гуфт: «ас-Саъқату мина-ш-шайтон» - Ҳар кй бонге аз ӯ барояд, он нест, илло аз шайтон. Ва ин чо хукми ғолиб кардааст, ки на ҳама чое чунин бувад. Ва шарҳи ин худи ӯ гуфтааст, яъне агар тавонад, ки он ботил кунад ва он саъқа аз ӯ падид ояд, аз шайтон аст.

Як рӯз мачлис медошт. Ҳаччоч даромад бо лашкариёни бисёр ва теғҳои кашида. Бузурге ҳозир буд, гуфт: Имрӯз Ҳасанро имтиҳон кунам, ки вакти озмоиш аст. Ҳаччоч бишнаст. Ҳасан як зарра бад-ӯ нангарид ва аз он сухан, ки мегуфт, бинагардид, то мачлис тамом кард. Он бузурги дин гуфт: Ҳасан ҳасан аст. Охир, Ҳаччоч хештан он чо афганд, ки Ҳасан буд ва бозу-ш бигирифт ва гуфт: «Унзуру ила-р-рачули» - Агар мехоҳед, ки мардиро бубинед, дар Ҳасан бингаред.

Ҳаччочро ба хоб диданд дар арасоти киёмат афтода ва

гуфтанд: Чӣ металабӣ? Гуфт: Он металабам, ки муваххидон талабанд. Ва ин аз он буд, ки дар ҳолати назъ мегуфта буд: Худовандо, бад-ин муште танг ҳавсала намой, ки: «Ғаффорам ва акрама-л-акраминам», ки ҳама якдилу якзабонанд, ки маро фурӯ хоҳӣ бурд. Маро ба ситезаи эшон баровар ва бад-эшон намой, ки «Фаъъолун лимо юрид» манам. Ин сухан Ҳасанро баргуфтанд. Гуфт: Бад-он монад, ки ин хабис ба таррорӣ охират низ бихоҳад бурд.

Накл аст, ки Муртазо, разия-л-Лоҳу анху, ба Басра даромад, маҳори шутур бар миён баста ва се рӯз беш диранг накард. Ҷумлаи минбарҳо бифармуд, то бишкастанд ва музаккиронро манъ карданд. Ба мачлиси Ҳасан омад. Ҳасан сухан мегуфт. Суол кард, ки: Ту олимӣ, ё мутааллим? Гуфт: Ҳеч кадом, сухане аз пайғомбар ба ман расидааст, бозмегӯям. Муртазо, рази-л-Лоҳу анху, ӯро манъ накард ва гуфт: Ин чавон шоистаи сухан аст. Пас бирафт. Ҳасан ба фаросат бидонист, ки ӯ кист, аз минбар фурӯ омад, аз паи ӯ давон шуд, то дар ӯ расид. Доманаш бигирифт, гуфт: Аз баҳри Аллоҳ вузӯ сохтан дар ман омӯз! Ҷое аст, ки онро «Бобултошт» гӯянд. Тошт оварданд, то вузӯ дар Ҳасан омӯхт ва бирафт.

Як бор дар Басра хушксолӣ афтод. Дувист ҳазор халк бирафтанд ва минбаре ниҳоданду Ҳасанро бар минбар фиристоданд, то дуое гӯяд. Ҳасан гуфт: Мехоҳед, то борон борад? Гуфтанд: Бале. Барои ин омадаем. Гуфт: Ҳасанро аз Басра берун кунед.

Ва чандон хавф бар ӯ ғолиб будааст, ки чунон накл карда омад, ки чун нишаста будӣ, гуфтӣ, ки дар пеши ҷаллод нишастааст.

Ва ҳаргиз кас лаби ӯ хандон надидӣ, дарде азим доштааст.

Накл аст, ки рӯзе якеро дид, ки мегирист. Гуфт: Чаро мегирӣй? Гуфт: Ба мачлиси Мухаммад Кааби Қуразӣ будам. Ӯ накл кард, ки: Мард бошад аз мӯъминон, ки ба шумии гуноҳон чандин сол дар дӯзах бимонад. Гуфт: Кочкӣ Ҳасан аз онҳо будӣ, ки баъд аз чандин сол аз дӯзах берун оварданди.

Накл аст, ки як рӯз ин ҳадис мехонд, ки: «Охиру ман йахруҷу мина-н-нори рачулун йуколу лаху Ҳуннод» - Охир касе, ки аз дӯзах берун ояд, марде бувад номи ӯ Ҳуннод.

Ҳасан гуфт: Кочки ман он мард будаме.

Яке аз ёрон гуфт: Шабе Ҳасан дар хонаи ман менолид. Гуфтам: Ин нолаи ту аз чист, бо чунин рӯзгоре, ки ту дорӣ бад-ин оростагӣ? Гуфт: Аз он меноламу мегирям, ки набояд, ки бе илму қасди Ҳасан коре рафта бошад, ё қадаме ба хато бардошта, ё сухане ба забон омада бувад, ки он бар даргоҳи Ҳақ таоло писандида набувад, пас Ҳасанро гуфта бошад: Бирав, ки акнун туро бар даргоҳи мо қадре намонд, пас аз ин ҳеч чиз аз ту нахоҳем пазируфт!

Нақл аст, ки як рӯз бар дари савмааи ӯ касе нишаста буд, Ҳасан бар боми савмаа намоз мекард, дар сачда чунон бигирист, ки об аз новадон фурӯ чакидан гирифт ва бар чомаи ин мард афтод. Он мард дар бизад, гуфт: Ин об пок ҳаст, ё на? То бишӯям. Ҳасан гуфт, ки: Бишӯй, ки бо он намоз раво набувад, ки оби чашми осиён аст.

Нақл аст, ки як бор ба ҷанозае рафт. Чун мурдаро дар гӯр ниҳоданд ва хок фӯру карда буданд, Ҳасан бар сари он хок бинишаст ва чандоне бад-он хок фурӯ гирист, ки хок гил шуд. Пас гуфт: Эй мардумон! Аввалу охир лаҳад аст, охири дунё гӯр аст ва аввали охират, нигарӣ гӯр аст, ки: «ал-Қабру аввалу манзилин мин манозили-л-охирати». Чи менозед ба оламе, ки охираш ин аст, яъне гӯр? Ва чун наметарсед аз оламе, ки аввалаш ин аст, яъне гӯр? Чун аввалу охири шумо ин аст, эй аҳли ғафлат, кори аввалу охир бисозед. То чамоате, ки ҳозир буданд, чандон бигиристанд, ки ҳама якранг шуданд.

Нақл аст, ки як рӯз бар гӯристон мегузашт бо чамоате дарвешон. Бад-эшон гуфт: Дар ин гӯристон мардонанд, ки сари ҳиммати эшон ба бихишт фурӯ намеомадааст, лекин чандон ҳасрат бо ҳоки эшон таъбия аст, ки агар заррае аз он ҳасрат ба аҳли осмон ва замин арза кунанд, ҳама аз бим фурӯ резанд.

Нақл аст, ки дар ҳоли кӯдакӣ маъсияте бар Ҳасан рафта буд, ҳар гоҳ ки пироҳане нав бидӯхтӣ, он гуноҳ бар гиребони пироҳан навиштӣ, пас чандон бигристӣ, ки ҳуш аз вай бирафтӣ.

Вақте ки Умар Абдулазиз, разия-л-Лоҳу анҳу, ба наздики Ҳасан номае навишт ва дар он нома гуфт: Маро

насиҳате кун кӯтоҳ, чунонки ёд дорам ва ин имоми хеш созам. Ҳасан бар заҳри нома навишт, ки: Ё амирулмӯъминин! Чун Худой бо ту аст, бим аз кӣ дорӣ? Ва агар Худой бо ту нест, умед ба кӣ медорӣ?

Вақте дигар, Ҳасан бад-ӯ нома навишт, ки: Он рӯз омада гир, ки бозпасин касе, ки марг бар вай навиштаанд, бимирад; вассалом. Ӯ ҷавоб дод, ки: Рӯзе омада гир, ки дунё ва охират ҳаргиз ҳуд набуд.

Вақте Собити Баннонӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, ба Ҳасан нома навишт, ки: Мешунавам, ки ба ҳаҷ хоҳӣ рафт, мехоҳам, ки дар сӯҳбати ту бошам. Ҷавоб навишт, ки: Бигзор, то дар ситри Худой зиндагонӣ кунем, ки бо якдигар будан айби якдигарро зоҳир кунаду якдигарро душман гирем.

Нақл аст, ки Саид Ҷубайрро дар насиҳат гуфт: Се кор макун: яке қадам бар бисоти салотин манеҳ, агар ҳама маҳзи шафқат бувад бар халқ ва дуввум бо ҳеч сарпӯшида дар хилват манишин ва агарчи Робиа бувад ва ту ӯро китоби Худой омӯзӣ, саввум, ҳаргиз гӯши худ орият мадеҳ амирро, гарчи дараҷаи мардони мард дорӣ, ки аз офат холӣ набувад ва охируламр заҳми хеш бизанад.

Моликн Динор гуфт: Аз Ҳасан пурсидам, ки уқубати олим чӣ бошад? Гуфт: Мурдани дил. Гуфтам: Марги дил чист? Гуфт: Ҳубби дунё.

Бузурге гуфт: Саҳаргоҳе ба дари масҷиди Ҳасан рафтам ба намоз. Дари масҷид баста буд ва Ҳасан дар даруни масҷид дуо мекард ва қавме омин мегуфтанд. Сабр кардам, то равшантар шуд, даст бар дар ниҳодам, гушода шуд. Даршудам, Ҳасанро дидам танҳо. Мутаҳаййир шудам. Чун намоз бигзоридем, қисса бо вай бигуфтам ва гуфтам: Худойро, маро аз ин кор огоҳ кун. Гуфт: Бо кас магӯй! Ҳар шаби одина париён назди ман меоянд ва ман бо эшон илм мегӯям ва дуо мекунам, эшон омин мегӯянд.

Нақл аст, ки чун Ҳасан дуо кардӣ, Ҳабиби Аҷамӣ доман бардоштӣ ва гуфтӣ: Иҷобат мебинам.

Нақл аст, ки бузурге гуфт: Бо Ҳасану ҷамоате ба ҳаҷ мерафтам, дар бодия ташна шудем, ба сари чоҳе расидем, далву расан надидам. Ҳасан гуфт: Чун ман дар шурӯи намоз шавам, шумо об хӯред. Пас дар намоз шуд, то ба сари об

шудем, об бар сари чоҳ омада буд, бозхӯрдем. Яке аз асҳоб раквае об бардошт, об ба чоҳ фурӯ шуд. Чун Ҳасан аз намоз фориғ шуд, гуфт: Худойро устувор надоштед, то об ба чоҳ фурӯ рафт. Пас аз он чо бирафтем. Ҳасан дар рох хурмое биёфт, ба мо дод, бихӯрдем. Донае заррин дошт, ба Мадина бурдем ва аз он таом харидем ва ба садақа додем.

Нақл аст, ки Абӯамр, имомулқурро, Қуръон таълим кардй. Ногоҳ кӯдаке соҳибчамол биёмад, ки Қуръон омӯзад. Абӯамр ба назари хиёнат дар вай нигарист. Қуръон тамом аз алифи «ал-Ҳамд» то сини «Мина-л-чиннати ва-н-нос» фаромӯш кард, оташе дар вай афтоду бекарор шуд ва ба наздики Ҳасани Басрй рафт ва ҳол бозгуфту зор бигирист. Гуфт: Эй хоча, чунин кор пеш омаду ҳамаи Қуръон фаромӯш кардам. Ҳасан аз он кор андӯҳгин шуд ва гуфт: Акнун вакти ҳаҷ аст, бирав ва ҳаҷ бигзор, чун фориғ шавй, ба масҷиди Хайф рав, ки пире бинй, дар мехроб нишаста. Вақт бар вай табоҳ макун, бигузор, то холй шавад. Пас бо ӯ бигӯй, то дуо кунад. Бӯамр ҳамчунон кард ва дар гӯшаи масҷид бинишаст. Пире боҳайбат дид, халқе ба гирди ӯ нишаста. Чун замоне баромад, марде даромад бо чоми сафеди покиза. Халқ пеши ӯ бозшуданд ва салом карданд ва сухан гуфтанд бо якдигар. Чун вакти намоз шуд, он мард бирафт ва халқ бо вай бирафтанд. Он пир холй монд. Абӯамр гуфт: Ман пеши ӯ рафтаму салом кардам, гуфтам: Аллоҳ, Аллоҳ, маро фарёд рас! Ва ҳол бозгуфтам. Пир ғамнок шуд ва ба дунболи чашм дар осмон нигоҳ кард. Ханӯз сар дар пеш наёварда буд, ки Қуръон бар ман гушода шуд. Бӯамр гуфт: Ман аз шодй дар пояш афтодам. Пас гуфт: Туро ба ман кй нишон дод? Гуфтам: Ҳасани Басрй. Гуфт: Касеро, ки имоме чун Ҳасан бошад, ба касе дигар чй ҳочат бошад? Пас гуфт: Ҳасан моро расво кард, мо низ ӯро расво кунем, ӯ пардаи мо бидарид, мо низ пардаи ӯ бидарем. Пас гуфт: Он пир, ки дидй бо чоми сафед, ки пас аз намози пешин омад ва пеш аз ҳама бирафт ва ҳама ӯро таъзим карданд, он Ҳасан буд: Ҳар рӯз намози пешин ба Басра кунад ва ин чо ояд ва бо мо сухан гӯяд ва намози дигар ба Басра равад, он гоҳ гуфт: Ҳар кй чун Ҳасан имоме дорад, дуо аз мо чаро хоҳад?

Нақл аст, ки дар ахди Ҳасан мардеро асбе ба зиён омад

ва он мард фурӯ монд. Ҳоли худ бо Ҳасан бигуфт. Ҳасан он асбро аз баҳри чиҳод ба чаҳорсад дирам аз вай бихарид ва сим бидод. Шабона он мард марғзоре дар бихишт ба хоб дид ва асбе дар он марғзор ва чаҳорсад курра, ҳама хинг. Пурсид, ки: Ин асбон аз они кист? Гуфтанд: Ба номи ту буд, акнун ба номи Ҳасан карданд. Чун бедор шуд, пеши Ҳасан омад ва гуфт: Эй имом, байъ иқолат падид кун, ки пушаймонам. Ҳасан гуфт: Бирав, ки он хоб, ки ту дидай, ман пеш аз ту дидам. Он мард ғамгин бозгашт. Шаби дигар Ҳасан кӯшкҳо дид ва манзарҳо ба хоб. Пурсид, ки: Аз они кист? Гуфт: Он касеро, ки байъ иқолат кунад. Ҳасан бомдод он мардро талаб кард ва байъ иқолат кард.

Нақл аст, ки ҳамсояе дошт оташпараст, Шамъун ном, бемор шуд ва кораш ба назъ расид. Ҳасанро гуфтанд: Ҳамсояро дарёб! Ҳасан ба болини ӯ шуд, ӯро бидид аз оташу дуд сиёҳшуда. Гуфт: Битарс аз Худой, ки ҳамаи умр дар миёни оташу дуд ба сар бурдай. Ислом ор, то бошад, ки Худой бар ту раҳмат кунад! Шамъун гуфт: Маро се чиз аз ислом бозмедорад: яке он, ки шумо дунё менакӯҳед ва шабу рӯз дунё металабед; дуввум он, ки мегӯед, ки марг ҳақ аст ва ҳеч сохтагии марг намекунед; саввум он, ки мегӯед, ки дидори Ҳақ диданӣ аст ва имрӯз ҳама он мекунед, ки хилофи ризои ӯст. Ҳасан гуфт: Ин нишони ошноён аст, пас агар мӯъминон чунин мекунанд, ту чӣ мегуӣ? Эшон ба ягонагии ӯ мукирранд ва ту умри худ дар оташпарастӣ сарф кардӣ. Ту, ки ҳафтод сол оташ парастидай ва ман, ки напарастидаам, ҳар дуро ба дӯзах дароваранд, турову маро бисӯзад ва ҳаққи ту нигоҳ надорад. Аммо Худованди ман, агар хоҳад, оташро захра набувад, ки мӯе бар тани ман бисӯзад, зеро ки оташ махлуқи Худой аст ва махлуқ маъмур бошад. Акнун ту ҳафтод сол ӯро парастидай, биё, то ҳар ду даст бар оташ нихем, то заъфи оташ ва қудрати Худои таоло мушоҳада кунӣ. Ин бигуфт ва даст дар оташ ниҳод ва медошт, ки як зарра аз вуҷуди вай мутағаййир нашуд ва насӯхт. Шамъун чун чунин дид, мутаҳаййир шуд ва субҳи ошной дамидан гирифт. Ҳасанро гуфт: Муддати ҳафтод сол аст, то оташро парастидаам, акнун нафасе чанд мондааст, тадбири ман чист? Гуфт: Он ки мусалмон шавӣ! Шамъун гуфт: Агар хатте

бидихӣ, ки Ҳақ таоло маро укубат накунад, имон оварам, валекин то хат надихӣ, имон наёрам. Ҳасан хате бинавишт. Шамъун гуфт: Бифармой, то удули Басра гувоҳӣ нависанд. Баъд аз он бинавиштанд. Пас Шамъун бисёр бигирист ва ислом овард ва Ҳасанро васият кард, ки чун вафот кунам, бифармой, то бишӯянд ва маро ба дасти худ дар хок нех ва ин хат дар дасти ман нех, ки ҳуҷҷати ман ин хат хоҳад буд. Ин васият кард ва калимаи шаҳодат бигуфту вафот кард. Ӯро бишустанд ва намоз карданду дафн карданд ва он хат дар дасти ӯ ниҳоданд. Ҳасан он шаб аз андеша дар хоб бирафт, ки ин чӣ буд, ки ман кардам? Ман худ гарқаам, гарқаи дигарро чун даст гирам? Маро худ бар мулки худ хеч дасте нест, бар мулки Худой чаро сиҷилл кардам? Дар ин андеша дар хоб рафт, Шамъунро дид чун шамъе тобон, точе бар сар ва хуллае дар бар, хандон; дар марғзори биҳишт, хиромон. Ҳасан гуфт: Эй Шамъун! Чӣ гунай? Гуфт: Чӣ мепурсӣ, чунинки мебинӣ? Ҳақ таоло маро дар ҷавори худ фуруд овард ба фазли худ ва дидори худ намуд ба карами худ ва он чӣ аз лутф дар ҳаққи ман фармуд, дар сифат ва иборат наёяд. Акнун ту боре аз замони худ берун омадӣ. Бистон ин хати худ, ки маро беш бад-ин ҳочат намонд. Чун Ҳасан бедор шуд, он коғаз дар дасти худ дид. Гуфт, Худовандо, маълум аст, ки кори ту ба иллат нест, чуз ба маҳзи фазл. Бар дари ту кӣ зиён кунад? Габри хафтодсоларо ба як калима ба курби худ роҳ дихӣ, мӯъмини хафтодсоларо кай махрум куний?

Накл аст, ки чунон шикастагӣ дошт, ки дар ҳар кӣ нигаристӣ, ӯро аз худ бехтар донистӣ. Рӯзе ба канори Дачла мегузашт, сиёҳе дид бо курробае ва зане пеши ӯ нишаста ва аз курроба меошомид. Ба хотири Ҳасан бигзашт, ки ин мард аз ман бехтар аст, боз шаръ хамла овард, ки охир аз ман бехтар набувад, ки бо зане номаҳрам нишаста, аз курроба меошомад. Ӯ дар ин хотир буд, ки ногоҳ киштие гаронбор бирасид ва хафт мард дар он буданд ва ногоҳ даргашт ва гарқа шуд. Он сиёҳ даррафт ва шаш танро халос дод. Пас рӯй ба Ҳасан кард ва гуфт: Бархез! Агар аз ман бехтарӣ, ман шаш танро начот додам, ту ин як танро халос дех! Эй имоми мусалмонон! Дар он курроба об асту он зан модари ман аст,

хостам, то туро имтиҳон кунам, то ту ба чашми зоҳир мебинӣ, ё ба чашми ботин! Акнун маълум шуд, ки ба чашми зоҳир дидӣ. Ҳасан дар пои ӯ афтод ва узр хост ва донист, ки он гумоштаи Ҳақ аст. Пас гуфт: Эй сиёҳ! Чунонки эшонро аз дарё халос кардӣ, маро аз дарёи пиндор халос деҳ! Сиёҳ гуфт: Чашмат равшан бод! Баъд аз он чунон шуд, ки, албатта, худро беҳ аз касе дигар надонистӣ, то вақте саге диду гуфт: Илоҳо, маро бад-ин саг баргир. Суол карданд, ки ту бехтарӣ, ё саг? Гуфт: Агар аз азоби Худой халос ёбам, ман бехтар аз ӯ бошам ва илло ба иззату ҷалоли Худой, ки ӯ аз сад чун ман бех!

Нақл аст, ки Ҳасан гуфт: Аз сухани чаҳор кас ачаб доштам: кӯдакеву масте ва муханнасеву зане. Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Рӯзе ҷома аз муханнасе - ки бар-ӯ мегузаштам - даркашидам. Гуфт: Хоҷа, ҳоли мо ҳанӯз пайдо нашудааст, ту ҷома аз ман бармадор, ки корҳо дар сониюлҳол Худой донад, ки чун шавад.

Ва мастеро дидам, ки дар миёни ваҳал мерафт, афтону хезон. «Фақулту лаҳу: Саббит қадамака йо мискин ҳатто ло тазилла» - Гуфтам: Қадам собит дор, то наяфтӣ! Гуфт: Ту қадам собит кардай бо ин ҳама даъвӣ? Агар ман бияфтам, масте бошам ба гил олуда, бархезаму бишӯям; ин сахл бошад. Аммо аз афтодани худ битарс! Ин сухан дар дилам азим асар кард.

Ва кӯдаке вакте чароғе мебурд ва гуфтам: Аз кучо овардай ин рӯшноӣ? Боде дар чароғ дамиду гуфт: Бигӯй, то ба кучо рафт ин рӯшноӣ, то ман бигӯям, ки аз кучо овардам!

Ва аврате рӯйбараҳна ва ҳар ду даст гушодаву чашм олуда, бо ҷамоле азим, аз шавҳари худ бо ман шикоят мекард. Гуфтам: Аввал рӯй пуш! Гуфт: Ман аз дӯстии махлук чунонам, ки акл аз ман зоил шудааст ва агар маро хабар намекардӣ, ҳамчунин маро ба бозор фурӯ хостам шуд, ту бо ин ҳама даъвӣ дар дӯстии ӯ чӣ будӣ, агар ту нопӯшидагии рӯи ман надидӣ? Маро аз ин низ ачаб омад.

Нақл аст, ки чун аз минбар фурӯ омадӣ, тане чандро аз ин тоифа бозгирифтӣ ва гуфтӣ: «Ҳоту бинашри-н-нур» - Биёед, то нур нашр кунем. Рӯзе яке, на аз ахли ин хадис, бо эшон ҳамроҳ шуд. Ҳасан ӯро гуфт: То ту бозгардӣ.

Накл аст, ки рӯзе ёрони худро гуфт: Шумо монандаед ба асҳоби расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам. Эшон шодӣ намуданд. Ҳасан гуфт: Ба рӯю ба риш, на чизе дигар, ки агар шуморо бар он кавм чашм афтодӣ, ҳама дар чашми шумо девона намуданди; ва агар эшонро бар сароири шумо иттилоъ афтодӣ, якеро аз шумо мусалмон нагуфтандӣ, ки эшон мукаддимон буданд, бар асбони раҳвор рафтанд чун мурғи парандаву боди вазанда; ва мо бар харони пуштреш мондаем.

Накл аст, ки аъробӣ пеши Ҳасан омад ва аз сабр суол кард. Гуфт: Сабр бар ду гуна аст: яке бар балову мусибат; ва яке бар чизҳо, ки Ҳақ таоло моро аз он наҳӣ кардааст. Ва чунонки ҳаққи сабр буд, аъробиро баён кард. Аъробӣ гуфт: «Мо раайту азҳада минка» - Ман зоҳидтар аз ту надидаму собиртар аз ту нашунидам. Ҳасан гуфт: Эй аъробӣ, зӯҳди ман ба чумла аз чиҳати майл аст ва сабри ман аз чиҳати ҷазаъ. Аъробӣ гуфт: Маънии ин сухан бигӯй, ки эътиқоди ман мушавваш кардӣ. Гуфт: Сабри ман дар бало, ё дар тоат нотиқ аст бар тарси ман аз оташи дӯзах ва ин айни ҷазаъ бувад; ва зӯҳди ман дар дунё рағбат аст дар охират ва ин айни насибаталабӣ аст. Пас гуфт: Сабри он кас кавӣ аст, ки насибаи худ аз миён баргирад, то сабраш Ҳақро бувад, на эминии тани худро аз дӯзах ва зӯҳдаш Ҳақро бувад, на вусули худро ба биҳишт; ва ин аломати ихлос бувад.

Ва гуфт: Мардро илме бояд нофеъ ва амале комилу ихлосе бо вай; ва каноате бояд мушбеъ ва сабре бо вай. Чун ин ҳар се омад, аз он пас надонам, то бо вай чӣ кунанд!

Ва гуфт: Гуфанд аз одамӣ огоҳтар аст, аз он ки бонги шубон ӯро аз чаро кардан боздорад ва одамиро сухани Худой аз муроди хеш бознамедорад.

Ва гуфт: Ҳамнишиниӣ бо бадон кардан мардумро бадгумон кунад дар некон.

Ва гуфт: Агар касе маро ба хамр хӯрдан хонад, дӯсттар аз он дорам, ки ба талаб кардани дунё хонад.

Ва гуфт: Маърифат он аст, ки дар худ як заррa хусумат наёбӣ.

Ва гуфт: Биҳишти човидонӣ бад-ин амали рӯзе чанд андак нест, ба ният некӯст.

Ва гуфт: Аввал, ки аҳли биҳишт ба биҳишт нигаранд, ҳафсад ҳазор сол бехуд шаванд аз баҳри он, ки Ҳақ таоло бар эшон тачаллӣ кунад. Агар дар ҷалолаш нигаранд, масти ҳайбат шаванд ва агар дар ҷамолаш нигаранд, ғарқи ваҳдат шаванд.

Ва гуфт: Фикр оинаест, ки ҳасанот ва саййиоти ту бад-ӯ ба ту намоянд.

Ва гуфт: Ҳар киро сухан на аз сари ҳикмат аст, айни офат аст ва ҳар киро хомӯшӣ на аз сари фикрат аст, он бар шаҳвату ғафлат аст ва ҳар назар, ки на аз сари ибрат аст, он ҳама лаҳву зиллат аст.

Ва гуфт: Дар «Таврот» аст, ки ҳар одаме, ки каноат кард, бениёз шуд ва чун аз халқ узлат гирифт, саломат ёфт ва чун шӯҳратро зери пой овард, озод гашт ва чун аз ҳасад даст бардошт, маваддат зоҳир шуд, чун рӯзе чанд сабр кард, бархурдории ҷовид ёфт.

Ва гуфт: Пайваста аҳли дил ба хомӯшӣ муовадат мекунанд, то вақте, ки дилҳои эшон дар нутқ ояд, пас аз он бар забон сироят кунад.

Ва гуфт: Дар вараъ се мақом аст: Яке он, ки банда сухан нагӯяд, магар ба ҳақ, хоҳ дар ҳашм бош, хоҳ розӣ; дуввум он, ки аъзои худро нигоҳ дорад аз ҳар чӣ ҳашми Худой дар он бошад; саввум он, ки касди ӯ дар чизе бувад, ки Худои таоло бад-он розӣ бошад.

Ва гуфт: Мисқоли заррае аз вараъ бехтар аз ҳазор мисқол намозу рӯза.

Ва гуфт: Фозилтарини ҳама аъмол фикрат аст ва вараъ. Ва гуфт: Агар бидонаме, ки дар ман нифоқе нест, аз ҳар чӣ дар рӯи замин аст, дӯсттар доштаме. Ва гуфт: Ихтилофи зоҳиру ботин ва дилу забон аз ҷумлаи нифоқ аст. Ва гуфт: Ҳеч мӯъмин набудааст аз гузаштагон ва нахоҳад буд аз ояндагон, илло ки бар худ меларзанд, ки набояд, ки мунофиқ бошем.

Ва гуфт: Ҳар кӣ гӯяд, ки мӯъминам, хаққо, ки мӯъмин нест ба якин, «Фало тузакку анфусакум хува аъламу бимани-т-тақо» (Сураи Наҷм, ояти 32).

Ва гуфт: Мӯъмин он аст, ки оҳиста бувад ва чун хотибуллайл набувад, яъне чун касе набувад, ки ҳар чӣ

тавонад кард, бикунад, ҳар чӣ ба забон ояд, бигӯяд.

Ва гуфт: Се касро ғайбат нест: Соҳиби ҳаворову фосикро ва имоми золимро.

Ва гуфт: Дар каффорати ғайбат истиғфор басанда аст, агарчи бихиллӣ нахоҳӣ.

Ва гуфт: Мискин фарзанди одам розӣ шуда ба сарое, ки ҳалоли онро ҳисоб аст ва ҳароми онро азоб.

Ва гуфт: Чони фарзанди одам аз дунё муфорақат накунад, илло ба се ҳасрат: яке он, ки сер нашуд аз он, ки ҷамъ карда буд; дуввум он, ки дарнаёфта буд он, ки умед дошта буд; сеюм он, ки зоде неку насохт барои чунон роҳе, ки пеши ӯ омад.

Яке гуфт: Фалон кас чон меканад, гуфт: Чунин магӯй, ки ӯ ҳафтод сол буд, то чон меканд, акнун аз чон кандан бозхоҳад раст, то ба кучо хоҳад расид!

Ва гуфт: Начот ёфтанд сабукборон, ҳалок шуданд гаронборон.

Ва гуфт: Биёмурзад Худои азза ва ҷалла қавмеро, ки дунё эшонро вадиат бувад, вадиатро боздоданд ва сабукбор бирафтанд.

Ва гуфт: Ба наздики ман зираку доно он аст, ки хароб кунад дунёро ва бад-он харобии дунё охиратро бунёд кунад ва хароб накунад охиратро ва бад-он харобии охират дунёро бунёд нихад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ Худойро шинохт, ӯро дӯст дорад, ҳар кӣ дунёро шинохт, ӯро душман дорад.

Ва гуфт: Ҳеч сутуре ба лигоми сахт аввалитар аз нафси ту нест дар дунё.

Ва гуфт: Агар хоҳӣ, ки дунёро бинӣ, ки баъд аз ту чун хоҳад буд, бингар, ки баъд аз марги дигарон чун аст!

Ва гуфт: Ба Худой, ки напарастиданд бутонро илло ба дӯстии дунё.

Ва гуфт: Касоне, ки пеш аз шумо будаанд, қадри он нома донистаанд, ки аз Ҳақ ба эшон расид, ба шаб тааммул карданӣ ва ба рӯз кор бад-он карданӣ ва шумо дарс карад ва бад-он амал накардет. Эъробу ҳуруф дуруст карадеду бад-он бархомаи дунё месозет.

Ва гуфт: Ба Худой, ки зару симро ҳеч кас азиз надорад,

ки на Худой ӯро хор гардонад.

Ва гуфт: Ҳар аҳмаке, ки кавмеро бинад, ки аз паси ӯ равон шаванд, ба ҳеч ҳол дили ӯ бар ҷой намонад.

Ва гуфт: Ҳар чӣ касеро хоҳӣ фармуд, бояд, ки аввал фармонбардор бошӣ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ сухани мардумон пеши ту орад, сухани ту пеши дигарон барад, ӯро на лоиқи суҳбат бошад.

Ва гуфт: Бародарон пеши мо азизанд, ки эшон ёри динанд ва аҳлу фарзанд ёри дунё ва хасми дин.

Ва гуфт: Ҳар чӣ банда бар худ ва модару падар нафақа кунад, онро ҳисоб бувад магар таоме, ки пеши дӯстону меҳмонон ниҳад.

Ва гуфт: Ҳар намозе, ки дил дар вай ҳозир набувад, ба уқубат наздиктар бувад.

Ва гуфтанд: Хушӯъ чист? Гуфт: Биме, ки дар дил истода бувад ва дил онро мулозим гирифта.

Гуфтанд: Марде бист сол аст, то ба намози ҷамоат наёмадааст ва бо кас ихтилот накардааст ва дар гӯшае нишастааст. Ҳасан пеши ӯ рафту гуфт: Чаро ба намози ҷамоат наой ва ихтилот накунӣ? Гуфт: Маро маъзур дор, ки машғулам. Гуфт: Ба чӣ машғулӣ? Гуфт: Ҳеч нафас аз ман барнамеояд, ки на неъмате аз Ҳақ ба ман расад ва на маъсияте аз ман бад-ӯ. Ба шукри он неъмат ва ба узри он маъсият машғулам. Ҳасан гуфт: Ҳамчунин бош, ки ту бехтар аз манӣ.

Пурсиданд, ки: Туро ҳаргиз вақт хуш будааст? Гуфт: Рӯзе бар бом будам, зани ҳамсоя бо шавҳар мегуфт, ки: Қурби панҷоҳ сол аст, ки дар хонаи туам; агар буд ва агар набуд, сабр кардам дар сармову гармо ва зиёдатӣ наталабидам ва ному нанги ту нигоҳ доштам ва аз ту ба кас гила накардам, аммо бад-ин як чиз тан дарнадиҳам, ки бар сари ман дигаре гузинӣ. Ин ҳама барои он кардам, то ту маро бинӣ ҳама, на он, ки ту дигареро бинӣ. Имрӯз ба дигаре илтифот мекунӣ; инак ба ташнеъ домани имоми мусалмонон гирам! Ҳасан гуфт: Маро вақт хуш гашт ва об аз чашмам равона гашт. Талаб кардам, то онро дар Қуръон назир ёбам, ин оят ёфтам: «Инна-л-Лоҳа ло йағфиру ан йушрака биҳи ва йағфиру модуна золика лиман йашоу» (Сураи Нисо, ояти 48) - Ҳама

гуноҳат афв гардонад, аммо агар ба гӯшаи хотир ба дигаре майл кунӣ ва бо Худой шарик кунӣ, ҳаргизат наёмурзам!

Нақл аст, ки яке аз ӯ пурсид, ки: Чӣ гунай? Гуфт: Чӣ гуна бувад ҳоли қавме, ки дар дарё бошанд ва киштӣ бишканад ва ҳар касе ба тахтае бимонанд? Гуфт: Саъб бошад! Гуфт: Ҳоли ман ҳамчунон бошад.

Нақл аст, ки рӯзи ид бар ҷамоате бигзашт, ки механдиданд ва бозӣ мекарданд. Гуфт: Аҷаб аз касоне дорам, ки бихандиданд ва аз ҳақиқати ҳоли худ эшонро хабар на.

Нақл аст, ки якеро дид, ки дар гӯристон нон меҳӯрд. Гуфт: Ӯ мунофиқ аст. Гуфтанд: Чаро? Гуфт: Касеро, ки дар пеши ин мурдагон шаҳват бичунбад, гӯй, ки ба охират ва марг имон надорад; ин нишони мунофиқ бувад.

Нақл аст, ки дар муноҷот гуфтӣ: Илоҳо, маро неъмат додӣ, шукр накардам; бало бар ман гумоштӣ, сабр накардам. Бад-он ки шукр накардам, неъмат аз ман бознагирифтӣ, бад-он ки сабр накардам, бало доим нагардонидӣ! Илоҳо, аз ту чӣ ояд ҷуз карам?

Ва чун вакти вафоташ наздик омад, бихандид ва ҳаргиз кас ӯро хандон надида буд. Ва мегуфт: Кудом гуноҳ! Кудом гуноҳ! Ва ҷон бидод. Пире ӯро ба хоб диду гуфт: Дар ҳоли ҳаёт ҳаргиз нахандидӣ, дар назъ он чӣ ҳол буд? Гуфт: Овозе шунидам, ки: Ё малакулмавт, сахт бигираш, ки ҳанӯзаш як гуноҳ мондааст! Маро аз он шодӣ ханда омад. Гуфтам: Кудом гуноҳ? Ва ҷон бидодам.

Бузурге он шаб, ки ӯ вафот кард, ба хоб дид, ки дарҳои осмон гушода будӣ ва мунодӣ мекарданд, ки: Ҳасани Басрӣ ба Худой расид ва Худой аз ӯ хушнуд аст; равваҳа-л-Лоҳу рухаҳу!

4. ЗИКРИ МОЛИКИ ДИНОР, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он мутамаккини ҳидоят, он мутаваккили вилоят, он пешвои ростин, он муқтадои роҳи дин, он солики тайёр, Молики Динор, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Соҳиби Ҳасани Басрӣ буд ва аз бузургони ин тоифа буд. Вайро каромот машҳур буд ва риёзот мазкур. Ва Динор номи падараш буд ва мавлуди ӯ дар ҳоли убудияти падар буд; агарчи бандазода буд, аз ҳар ду кавн озода буд.

Ва баъзе гӯянд, ки: Молики Динор дар киштӣ нишаста буд, чун ба миёни дарё расид, аҳли киштӣ гуфтанд: Ғаллаи киштӣ биёр! Гуфт: Надорам. Чандонаш бизаданд, ки ҳуш аз ӯ берун рафт. Чун ба ҳуш бозомад, гуфтанд: Ғаллаи киштӣ биёр! Гуфт: Надорам. Чандонаш бизаданд, ки бехуш шуд. Чун ба ҳуш бозомад, дигар гуфтанд: Ғалла биёр! Гуфт: Надорам. Гуфтанд: Пояш гирему дар дарё андозем. Ҳар чӣ дар об моҳи буд, ҳама сар баровардаанд, ҳар яке ду динор зар дар даҳон гирифта. Молик даст фаро карду аз як моҳи ду динор бистад ва бад-эшон дод. Чун киштибонон чунин диданд, дар пои ӯ афтоданд; ӯ бар рӯи об бирафт, то нопайдо шуд, аз ин сабаб номи ӯ Молики Динор омад.

Ва сабаби тавбаи ӯ он буд, ки ӯ марде сахт бочамол буд ва дунёдӯст ва моли бисёр дошт. Ва ӯ ба Димишқ мебуд ва масҷиди ҷомеи Димишқ Муовия карда буд; ва онро вақф бисёр буд. Моликро тамаъ он буд, ки тавлияти он масҷид бад-ӯ диҳанд. Пас бирафту дар гӯшаи масҷид саҷҷода бияфганд ва як сол пайваста ибодат мекард, ба умеди он ки ҳар кӣ ӯро бидидӣ, дар намозаш ёфтӣ. Ва бо худ мегуфт: «Анта мунофиқ!» То як сол бар ин баромад. Ва шаб аз он ҷо берун омадӣ ва ба тамошо шудӣ.

Як шаб ба тараб машғул буд. Чун ёронаш бихуфтанд, он уде, ки мезад, аз он ҷо овоз омад, ки: «Йо Молику, мо

лака ан ло татуба?» - Ё Молик, туро чӣ бувад, ки тавба намекунӣ? Чун он бишнуд, даст аз он бидошт. Пас ба масҷид рафт мутаҳаййир. Бо худ андеша кард, гуфт: Як сол аст, то Худойро мепарастам ба нифоқ; беҳ аз он набувад, ки Худойро ба ихлос ибодат кунам ва шарме бидорам, аз ин чӣ мекунам; ва агар ин тавлият ба ман диҳанд, наситонам. Ин ният бикард ва сирр ба Худои таоло рост гардонид. Он шаб бо дили содиқ ибодат мекард.

Рузи дигар мардумон боз пеш, дар масҷид омаданд. Гуфтанд: Дар ин масҷид хилолҳо мебинем, мутаваллӣ боистӣ, ки тааҳҳуд кардӣ. Пас бар Молик иттифоқ карданд, ки: Ҳеч кас шоистатар аз ӯ нест. Ва наздики ӯ омаданд; ва дар намоз буд, сабр карданд, то фориғ шуд, гуфтанд: Ба шафоат омадаем, то ту ин тавлият қабул кунӣ. Молик гуфт: Илоҳо! То як сол туро ибодат кардам ба риё, ҳеч кас дар ман наниғарист; акнун, ки дил ба ту додам ва якин дуруст кардам, ки наҳоҳам, бист кас ба наздики ман фиристодӣ, то ин кор дар гардани ман кунанд; ба иззати ту, ки наҳоҳам. Он гаҳ аз масҷид берун омад ва рӯй дар кор оварду мучоҳада ва риёзат пеш гирифт, то чунон мўътабар шуд ва некурӯзгор, ки дар Басра марде буд тавонгар, бимурд ва моли бисёр бигзошт. Духтаре дошт бочамол. Ба наздики Собити Баннонӣ омад ва гуфт: Эй хоча! Мехоҳам, ки зани Молик бошам, то маро дар кори тоат ёрӣ диҳад. Собит бо Молик бигуфт. Молик чавоб дод, ки: Ман дунёро се талоқ додаам, ин зан аз чумлаи дунёст, муталлақаи салосаро никоҳ натвон кард.

Нақл аст, ки Молик вақте дар сояи дарахте хуфта буд, море омада буд ва як шохи нарғис дар дахон гирифта ва ӯро бод мекард.

Нақл аст, ки гуфт: Чандин сол дар орзуи газо будам, чун иттифоқ афтод, ки биравам, рафтам. Он рӯз, ки харб хост буд, маро таб бигирифт, чунонки очиз гаштам. Дар хайма рафтам ва бихуфтам дар гам, он гаҳ бо худ мегуфтам: Эй тан! Агар туро наздики Хак таоло манзилате будӣ, имрӯз туро ин таб нагирифтӣ. Пас дар хоб шудам, хотифе овозам дод, ки: Ту агар имрӯз харб кардатӣ, асир шудӣ ва чун асир шудӣ, гўшти хук бидодандӣ, чун гўшти хук бихӯрдатӣ,

кофират карданд. Ин таб туро тўҳфае азим буд. Молик гуфт: Аз хоб даромадам ва Худойро шукр кардам.

Нақл аст, ки Моликро бо даҳрие мунозара афтод. Кор бар эшон дароз шуд. Ҳар як мегуфтанд: Ман бар ҳаққам! Иттифоқ карданд, ки дасти Молику дасти даҳрӣ ҳар ду барҳам банданду бар оташ ниҳанд, ҳар кадом, ки бисӯзад, ӯ бар ботил бувад! Ва дар оташ оварданд, дасти ҳеч кадом насӯхт ва оташ бигурехт. Гуфтанд: Ҳарду бар ҳаққанд. Молик дилтанг ба хона бозомад ва рӯй бар замин ниҳоду муноҷот кард, ки: Ҳафтод сол қадам дар имон ниҳодаам, то бо даҳрие баробар гардам! Овозе шунуд, ки: Ту надонистӣ, ки дасти ту дасти даҳриро ҳимоят кард? Дасти ӯ танҳо дар оташ ниҳоданди, то бидидӣ!

Нақл аст, ки Молик гуфт: Вақте бемор шудаму беморӣ бар ман сахт шуд, чунонки дил аз ҳуд баргирифтам. Охир, чун порае беҳтар шудам, ба чизе ҳоҷат омадам; ба ҳазор ҳила ба бозор омадам, ки касе надоштам. Амири шаҳр даррасид. Чокарон бар ман бонг заданд, ки: Дуртар бирав! Ва ман тоқат надоштаму оҳиста мерафтам. Яке даромаду тозиёна бар китфи ман зад. Гуфтам: «Қатаъа-л-Лоҳу йадайка!» Рӯзи дигар мардро дидам дастбурида ва бар чаҳор сӯ афканда.

Нақл аст, ки ҷавоне буд, азим муфсид ва нобакор, дар ҳамсоягии Молик ва Молик пайваста аз ӯ меранҷид аз сабаби фасод, аммо сабр мекард, то дигаре гӯяд. Алқисса, дигарон ба шикоят берун омаданд. Молик бархосту бари ӯ омад, то амри маъруф кунад. Ҷавон сахт ҷаббору мусаллат буд, Моликро гуфт: Ман каси султонам, ҳеч касро заҳраи он набувад, ки маро дафъ кунад, ё аз инам боздорад. Молик гуфт: Мо бо султон бигӯем. Ҷавон гуфт: Султон ҳаргиз ризои ман фурӯ наниҳад, ҳар чӣ ман кунам, бад-он розӣ бувад. Молик гуфт: Агар султон наметавонад, бо Раҳмон бигӯем; ва ишорат ба осмон кард. Ҷавон гуфт: Ӯ аз он каримтар аст, ки маро бигирад. Молик дармонд. Боз берун омад. Рӯзе ҷанд баромад, фасод аз ҳад даргузашт. Мардумон дигарбора ба шикоят омаданд. Молик бархост, то ӯро адаб кунад. Дар рох, ки мерафт, овозе шунид, ки: Даст аз дӯсти мо бидор! Молик тааҷҷуб кард, ба бари ҷавон даромад. Ҷавон, ки ӯро

бидид, гуфт: Чӣ будааст, ки бори дигар омадӣ? Гуфт: Ин бор аз барои он наёмадам, ки туро зачр кунам, омадаам, то туро хабар кунам, ки чунин овозе шунидам, хабарат медиҳам. Чавон, ки он бишнуд, гуфт: Акнун чун чунин аст, сарои хеш дар роҳи ӯ ниҳодам ва аз ҳар чӣ дорам, безор шудам. Ин бигуфт ва ҳама барандохт ва рӯй ба олам дарниҳод. Молик гуфт: Баъд аз муддате ӯро дидам дар Макка афтода ва чун хилоле шуда ва чон ба лаб расида. Мегуфт, ки: Ӯ гуфтааст дӯсти мост, рафтам бари дӯст. Ин бигуфт ва чон бидод.

Накл аст, ки вакте Молик хонае ба музд гирифта буд. Чуҳуде баробари сарои ӯ сарое дошт ва мехроби он хонаи Молик ба дари сарои чуҳуд дошт. Чуҳуд бидонист, хост, ки ба касд ӯро бираичонад. Чохе фурӯ бурд ва манфазе сохт он чохро наздики мехроб; ва муддате бар он чох менишаст ва пушида намонад, ки бар чӣ чумла буд; ки рӯзе он чуҳуд дилтанг шуд аз он, ки Молик, албатта, ҳеч менагуфт. Берун омад, гуфт: Эй чавон! Аз миёни девори мехроб начосат ба хонаи ту намерасад? Гуфт: Расад, валекин тагоря ва чорубе сохтаам, чун чизе бад-ин чониб дарояд, онро бардорам ва бишӯям. Гуфт: Туро хашм набувад? Гуфт: Бувад, валокин фурӯ хӯрам, ки фармон чунин аст: «Ва-л-козимина-л-гайз». Марди чуҳуд дарҳол мусалмон шуд.

Накл аст, ки солҳо бигзашт, ки Молик ҳеч туршиву ширинӣ нахӯрдӣ. Ҳар шабе ба дӯкони таббох шудӣ ва ду гирда харидӣ ва бад-он рӯза гушодӣ. Гоҳ-гоҳ чунон уфтодӣ, ки нонаш гарм будӣ, бад-он тасалло ёфтӣ ва нонхӯриши ӯ он будӣ. Вакте бемор шуд, орзуи гӯшт дар дили ӯ уфтод; дах рӯз сабр кард, чун кор аз даст бишуд, ба дӯкони раввосе рафт ва ду-се почаи гӯсфанд бихарид ва дар остин ниҳод ва бирафт. Раввос шогирде дошт, дар акаби ӯ бифиристод ва гуфт: Бингар, то чӣ мекунад? Замоне буд, шогирд бозомад гирён, гуфт: Аз ин чо бирафт чое, ки холӣ буд, он поча аз остин берун кард ва ду-се бор бибӯид. Пас гуфт: Эй нафс, беш аз ин нат нарасад! Пас он нон ва поча ба дарвеше дод ва гуфт: Эй тани заиф, ман ин ҳама ранч, ки бар ту мениҳам, мапиндор, ки аз душмани мекунам; то фардои киёмат ба оташи дӯзах бинасӯзӣ, рӯзе чанд сабр кун! Бошад, ки мехнат

ба сар ояд ва дар неъмате афтӣ, ки онро завол набошад.

Гуфт: Надонам, ки он чӣ маъно аст он суханро, ки ҳар кӣ чиҳил рӯз гӯшт нахӯрад, ақли ӯ нуқсон гирад ва ман бист сол аст, ки нахӯрдаам ва ақли ман ҳар рӯз зиёдат аст.

Нақл аст, ки чиҳил сол дар Басра буд, ки рутаб нахӯрда буд, он гаҳ ки рутаб бирасидӣ, гуфтӣ: Эй аҳли Басра! Инак шиками ман, аз вай ҳеч коста нашудааст; ва шиками шумо, ки ҳар рӯз рутаб мехӯред, ҳеч афзун нашудааст. Чун чиҳил сол баромад, бекарорӣ бар вай падид омад аз орзуи рутаб. Ҳарчанд кӯшид, сабр натавонист кард. Оқибат чун чанд рӯз баромад ва он орзу ҳар рӯз зиёдат мешуд ва ӯ нафсро манъ мекард, дар дасти нафс очиз шуд. Гуфт: Албатта, рутаб нахоҳам хӯрд, маро хоҳ бикуш ва хоҳ бимир. То шаб ҳотифе овоз дод: Рутаб мебояд хӯрд, нафсро аз банд берун овар! Чун ин ҷавоб доданд ва нафси вай фурсате ёфт, фарёд даргирифт. Молик гуфт: Агар рутаб хоҳӣ, бояд ки як ҳафта ба рӯза бошӣ, чунонки ҳеч ифтор накунӣ ва шаб дар намоз то ба рӯз оварӣ, то рутаб диҳамат. Нафс бад-он розӣ шуд. Як ҳафта дар қиёми шаб ва сиёми рӯз ба охир овард. Пас ба бозор рафт ва рутаб харид ва рафт ба масҷид, то бихӯрад. Кудаке аз бом овозе дод, ки: Эй падар, чуҳуде рутаб харидааст ва дар масҷид меравад, то бихӯрад. Мард гуфт: Чуҳуд дар масҷид чӣ кор дорад? Дарҳол падари кӯдак биёмад, то он чуҳуд кадом аст! Моликро дид, дар пои вай уфтод. Молик гуфт: Ин чӣ сухан буд, ки ин кӯдак гуфт? Мард гуфт: Хоҷа, маъзур дор, ки ӯ тифл аст, намедонад ва дар маҳаллати мо чуҳудон аст ва мо ба рӯза бошем пайваста. Кӯдаки мо чуҳудонро мебинад, ки ба рӯз чизе мехӯранд, пиндорад, ки ҳар кӣ ба рӯз чизе хӯрад, чуҳуд аст. Ин аз сари чаҳл гуфт, аз вай афв кун! Молик он бишнуд, оташе дар ҷонаш афтод ва донист, ки он кӯдакро зуфони ғайб будааст. Гуфт: Худовандо! Рутаб нохӯрда, номам ба чуҳудӣ бидодӣ, ба зуфони бегуноҳе. Агар рутаб хӯрам, номам ба куфр берун диҳӣ. Ба иззати ту, агар ҳаргиз рутаб хӯрам.

Нақл аст, ки як бор оташе дар Басра афтод. Молик асову наълайн бардошт ва бар сари болое шуд ва назора мекард. Мардумон дар ранҷу тааб, дар кумоша афтода гурӯҳе месӯхтанд ва гурӯҳе мечастанд, гурӯҳе рахт мекашиданд ва

Молик мегуфт: «Начо ал-мухиффуна ва ҳалака-л-мускилуна»; чунин хоҳад буд рӯзи қиёмат.

Накл аст, ки рӯзе Молик ба аёдати беморе шуд. Гуфт: Нигоҳ кардам, аҷалаш наздик омада буд. Шаҳодат бар вай арза кардам, нагуфт. Ҳарчанд ҷаҳд кардам, ки: Бигӯй! Мегуфт: Дах, ёздах, дах, ёздах. Он гоҳ гуфт: Эй шайх! Пеши ман кӯҳе оташин аст, ҳар гоҳ ки шаҳодат орам, оташ оҳанги ман мекунад. Аз пешаи вай пурсидам. Гуфтанд: Мол ба салаф додй ва паймона кам доштй.

Ҷаъфари Сулаймон гуфт: Бо Молик ба Макка будам. Чун «лаббайка-л-Лоҳумма лаббайк» гуфтан гирифт, биюфтод ва ҳуш аз вай бирафт. Бо ҳуд омад. Гуфтам: Сабаби афтодан чӣ буд? Гуфт: Чун «лаббайка» гуфтам, тарсидам, ки набояд, ки ҷавоб ояд, ки «лолаббайка-л-Лоҳу лолаббайк».

Накл аст, ки чун «Ийёока наъбуду ва ийёока настаъин» гуфтй, зор-зор бигиристй. Пас гуфтй: Агар ин оят аз китоби Худой набудй ва бад-ин амр набудй, нахондаме. Яъне мегӯям: Туро мепарастам ва ҳуд нафс мепарастам ва мегӯям: Аз ту ёрй мехоҳам ва ба дари султон меравам ва аз ҳар касе шукр ва шикоят менамоям.

Накл аст, ки ҷумлаи шаб бедор будй. Ва духтаре дошт. Як шаб гуфт: Эй падар, охир як лаҳза бихуфт! Гуфт: Эй чони падар, аз шабехуни қаҳр метарсам, ё аз он метарсам, ки набояд давлате рӯй ба ман ниҳад ва маро ҳуфта ёбад.

Ва гуфтанд: Чунй? Гуфт: Нони Худой мехӯрам ва фармони шайтон мебарам. Агар касе дар масҷид мунодй кунад, ки: Кй бадтарини шумост? Берун ояд! Ҳеч кас хештан дар пеши ман маънфганед магар ба қаҳр. Ибни Муборак, разия-л-Лоҳу анҳу, бишунд, гуфт: Бузургии Молик аз ин буд ва сидқи ин суханро гуфтааст, ки вақте зане Моликро гуфт: Эй мурои! Ҷавоб дод, ки: Бист сол аст, ки ҳеч кас маро ба номи ҳуд нахонд, ялло ту, нек донистй, ки ман кистам!

Ва гуфт: То халқро бишиохтам, ҳеч бок надорам аз он, ки касе маро ҳамд гӯяд, ё аз он ки маро замм гӯяд аз ҷиҳати он ки надидаам ва нашиноҳта ситоишдае, ялло муфрит ва накӯҳандае ялло муфрит; яъне ҳар кй ғулув кунад, дар ҳар чй хоҳй гир, он аз ҳисоб набувад, ки «хайру-л-умури

авсатуҳо».

Ва гуфт: Ҳар бародареву ёре ва ҳамнишине, ки туро аз вай фоидаи дини набошад, сӯҳбати ӯро аз паси пушт андоз!

Ва гуфт: Дӯстии аҳли ин замонаро чун хӯрдании бозор ёфтам: ба бӯй хуш, ба таъм нохуш.

Ва гуфт: Бипарҳез аз ин саххора, яъне дунё, ки дилҳои уламо мусаххари хеш гардонидааст.

Ва гуфт: Ҳар ки ҳадис кардан ба муноҷот бо Худои азза ва ҷалла, дӯсттар надорад аз ҳадиси махлуқон, илми вай андак аст ва дилаш нобино ва умраш зоеъ аст.

Ва гуфт: Дӯсттарин аъмол ба наздики ман ихлос аст дар аъмол.

Ва гуфт: Худои азза ва ҷалла ваҳй кард ба Мӯсо, алайҳи-с-салом, ки: Ҷуфте наълайн соз аз оҳан ва асое аз оҳан ва бар рӯи замин ҳамвора мерав ва осору ибратҳо металаб ва мебин ва назораи ҳикматҳо ва неъматҳои мо мекун, то вақте ки он наълайн дарида гардад ва асо шикаста! Ва маънии ин сухан он аст, ки сабур мебояд буд, ки: «Инна ҳоза-д-дину матинун, фаавғил фиҳи би-р-рифқ!»

Ва гуфт: дар «Таврот» аст - ва ман хондаам, ки Ҳақ таоло мегӯяд: «Шаввақнокум фалам таштоқу; заммарнокум фалам таркусу» - Шавқ овардам, шумо муштоқ нагаштед; самоъ кардам шуморо, рақс накардед.

Ва гуфт: Хондаам дар баъзе аз кутуби мунзал, ки: Ҳақ таоло уммати Муҳаммадро ду чиз додааст, ки на Ҷабраилро додааст ва на Микоилро. Яке он аст, ки: «Фазкурунӣ азкуркум» (СураиБақара, ояти 152) - Чун маро ёд кунед, шуморо ёд мекунам; ва дигар : «Удъуни, астаҷиб лакум» (Сураи Мӯъмин, ояти 60) - Чун маро бихонед, иҷобат кунам.

Ва гуфт: дар Таврот хондаам, ки Ҳақ таоло мегӯяд: Эй сиддиқон, танаъъум кунед дар дунё ба зикри ман! Ки зикри ман дар дунё неъмате азим аст ва дар охират ҷазои ҷазил.

Ва гуфт: Дар баъзе кутуби мунзал аст, ки: Ҳақ таоло мефармояд, ки: Бо олиме, ки дунё дӯст дорад, камтарин чизе, ки бо ӯ бикунам, он бувад, ки ҳаловати зикри хеш аз дили ӯ бибарам.

Ва гуфт: Ҳар ки ба шаҳавоти дунё ғалаба кунад, дев аз талаб кардани ӯ фориғ бувад.

Ва касе дар охири умр васияте хост. Гуфт: Розй бош дар хамаи авкот ба корсозй, ки корсозии ту мекунад, то бирахй.

Чун вафот ёфт, аз бузургон яке ба хобаш дид. Гуфт: Худой бо ту чй кард? Гуфт: Худойро дидам, чалла чалолуху, бо гуноҳи бисёри худ, аммо ба сабаби ҳусни занне, ки бад-ӯ доштам, ҳама маҳв кард.

Ва бузурге дигар, киёмат ба хоб дид, ки нидое даромадй, ки: Молики Динор ва Муҳаммади Восеъро дар биҳишт фурӯ оваред! Гуфт: Бингаристам, то аз ин ду кадом пештар дар биҳишт равад? Молик аз пеш даршуд. Гуфтам: Эй ачаб, Муҳаммади Восеъ фозилтар ва олимтар. Гуфтанд: Оре, аммо Муҳаммади Восеъро дар дунё ду пироҳан буд ва Моликро як пироҳан, ин тафовут аз он чост, ки ин чо ҳаргиз пироҳане бо ду пироҳан баробар наҳоҳад буд, яъне сабр кун, то аз ҳисоби як пироҳани афзун берун ой! Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

5. ЗИКРИ МУҲАММАДИ ВОСЕЪ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он муқаддами зуҳҳод, он муаззами уббод, он олими омил, он орифи комил, он тавонгари қонеъ, Муҳаммади Восеъ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳи раҳматан восиъатан.

Дар вақти худ, дар шеваи худ беназир буд ва бисёр кас аз тобеинро хидмат карда буд ва машоихи муқаддамро ёфта буд; ва дар тариқату шариат ҳаззе вофир дошт. Дар риёзат чунон буд, ки нони хушкро дар об мезаду мехӯрд ва мегуфт: Ҳар кӣ бад-ин қаноат кунад, аз ҳама халқ бениёз гардад.

Ва дар муноҷот гуфтӣ: Илоҳо, маро бараҳна ва гурусна медорӣ, ҳамчунон ки дӯстони худро! Охир ман ин мақом ба чӣ ёфтам? Кай ҳоли ман чун ҳоли дӯстони ту бувад.

Ва гоҳ будӣ, ки аз ғояти гуруснагӣ бо асҳоб ба хонаи Ҳасани Басрӣ шудӣ ва он чӣ ёфтӣ, бихӯрдӣ. Чун Ҳасан биёмадӣ, бад-он шод шудӣ.

Ва сухани ӯст, ки гуфтӣ: Фаррух он кас, ки бомдод гурусна хезаду шабонгоҳ гурусна хуфтад ва бад-ин ҳолат аз Худой розӣ бошад.

Касе аз ӯ васият хост. Гуфт: Васият мекунам туро бад-он ки подшоҳ бошӣ дар дунёву охират. Мард гуфт: Ин чӣ гуна бувад? Гуфт: Чунонки дар дунё зоҳид бошӣ; яъне чун дар дунё зоҳид бошӣ, ба ҳеч кас тамаъ набувад ва ҳамаи халқро мӯҳтоҷ бинӣ, лоҷарам ту ғаниӣ ва подшоҳӣ, ки чунин бошад, подшоҳи дунё бошад ва подшоҳи охират бошад.

Як рӯз Молики Динорро гуфт: Нигаҳ доштани зуфон, бар халқ сахттар аст аз нигаҳ доштани дираму динор.

Ва як рӯз дар бари Кутайба ибни Муслим шуд бо ҷомаи суф. Гуфт: Суф чаро пӯшидай? Хомӯш буд. Гуфт: Чаро ҷавоб надиҳӣ? Гуфт: Хохам, ки бигӯям аз зӯҳд, на ки бар хештан сано гуфта бошам, ё аз дарвешӣ, на ки аз Ҳақ таоло гила

карда бошам.

Як рӯз бусарро дид, ки мехиромид. Вайро овоз дод ва гуфт: Ҳеч доней, ки ту кистӣ? Модаратро ба дувист дирам харидам ва падарат чунон аст, ки дар миёни мусалмонон аз ӯ камтар кас нест. Ин хиромидани ту аз кучост?

Ва касе аз вай пурсид, ки: Чӣ гунай? Гуфт: Чӣ гуна бувад касе, ки умраш мекоҳад ва гуноҳаш меафзояд ва дар маърифат чунон бувад, ки сухани ӯст, ки «Мо раайту шайъан илло ва раайту-л-Лоҳа фиҳи» - Ҳеч чиз надидам илло, ки Худой дар он чиз дидам.

Ва аз ӯ суол карданд, ки: Худойро мешиносӣ? Соате хомуш, сар фурӯ афканд. Пас гуфт: Ҳар кӣ уро бишнохт, суханаш андак шуд ва таҳайюраш доим гашт.

Ва гуфт: Сазовор аст касеро, ки Худой ба маърифати худаш азиз гардонидааст, ки ҳаргиз аз мушоҳадаи ӯ ба ғайри ӯ бознангарад ва ҳеч касро бар ӯ ихтиёр накунад.

Ва гуфт: Содик, ҳаргиз содик набувад, то бад-он ки умед медорад, бимнок набувад, яъне бояд, ки хавфу рачош баробар бувад, то содику муъмини ҳақиқӣ бувад, бад-он ки «Хайру-л-умури авсатуҳо». Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

6. ЗИКРИ ҲАБИБИ АҶАМӢ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он валии қуббаи ғайрат, он сафии пардаи ваҳдат, он соҳиби яқини бегумон, он хилватнишини бенишон, он фақири адамӣ, Ҳабиби Аҷамӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Соҳибсидқу соҳибҳиммат буд ва каромоту риёзоти комил дошт. Ва дар ибтидо молдор буд ва рибо додӣ ва ба Басра нишастӣ ва ҳар рӯз ба тақозои муомилони худ шудӣ. Агар симе наёфтӣ, поймузд талаб кардӣ ва нафақаи худ ҳар рӯз аз он сохтӣ.

Рӯзе ба талаби вомдоре рафта буд, он вомдор дар хона набуд. Чун ӯро надид, поймузд талаб кард. Зани вомдор гуфт: Шавҳарам ҳозир нест ва ман чизе надорам, ки туро диҳам. Гӯсфанд кушта будем, ҷуз гардани ӯ намондааст, агар хоҳӣ, туро диҳам. Гуфт: Шояд. Он гардани гӯсфанд аз вай бистад ва ба хона бурд. Занро гуфт: Ин суд аст. Деге барнеҳ! Зан гуфт: Нон нест ва ҳезум нест. Ӯро гуфт: Нек! Ворафтам, то аз ҷиҳати поймузд ҳезуму нон бистонам. Бирафт. Ва ҳама бистаду биёварду ва зан дег барниҳод; ва чун дег пухта шуд, зан хост, ки дар коса кунад, соиле фаро даромад ва чизе хост. Ҳабиб бонг бар вай зад, ки: Он чӣ мо дорем, агар шуморо диҳем, тавонгар нашавед ва мо дарвеш шавем. Соил навмед шуд. Зан хост, ки дар коса кунад, сари дег баргирифт, ҳама хуни сиёҳ гашта буд. Зан бозгашт - зардрӯй шуда - дасти Ҳабиб гирифт, ба сӯи дег оварду ва гуфт: Нигоҳ кун, ки аз шумии рибои ту ва аз бонг, ки ба дарвеш задӣ, ба мо чӣ расид! Бад-ин ҷаҳон худ чӣ бошад, бад-он ҷаҳон то чӣ хоҳад буд! Ҳабиб он бидид. Оташе ба дилаш фурӯ омад, ки ҳаргиз дигар он оташ бинаншаст. Гуфт: Эй зан, ҳар чӣ буд, тавба кардам.

Рӯзи дигар берун омад ба талаби муомилон. Рӯзи одина буд. Кӯдакон бозӣ мекарданд. Чун Ҳабибро бидиданд, бонг

даргирифтанд, ки: Ҳабиби рибохор омад. Дур шавед, то гарди ӯ бар мо наншинад, ки чун ӯ бадбахт шавем. Ин сухан бар Ҳабиб сахт омад. Рӯй ба маҷлис ниҳод ва бар зуфони Ҳасани Басрӣ чизе бирафт, ки ба якборагӣ дили Ҳабиброғорат кард, хуш аз ӯ зоил шуд. Пас тавба кард ва Ҳасани Басрӣ дарёфту даст дар фитроки ӯ зад. Чун аз он маҷлис бозгашт, авомдоре ӯро бидид, хост, ки аз Ҳабиб бигрезад. Ҳабиб гуфт: Магурез, то кунун туро аз ман мебоист гурехт, акнун маро аз ту мебояд гурехт. Ва аз он ҷо бозгашт. Кӯдакон бозӣ мекарданд, чун Ҳабибробидиданд, гуфтанд: Дур бошед, то Ҳабиби тоиб бигзарад, то гарди ӯ бар мо нанишинад, ки дар Худой осӣ шавем. Ҳабиб гуфт: Илоҳо ва саййидо, бад-ин як рӯз, ки бо ту оштӣ кардам, ин табли дилҳо бар ман бизадӣ ва номи ман ба некӯй беруи додӣ.

Пас мунодӣ кард, ки ҳар киро аз Ҳабиб чизе мебояд ситад, биёед ва бистонед! Халқ гирд омаданд ва он моли хеш ҷумла бидод, то муфлис шуд. Касе дигар биёмаду даъво кард. Ҳеч набуд. Ҷодари зан бидод. Ва дигаре даъво кард, пироҳани худ бад-ӯ дод, барахна бимонд. Ва бар лаби Фурот ба савмаа шуд ва он ҷо ба ибодати Худой машғул шуда, ҳама шабу рӯз аз Ҳасан илм меомӯхт. Ва Куръон наметавонист омӯхт, аҷамӣ аз ин сабабаш гуфтанд.

Чун рӯзгоре баромад, бебарғу бенаво шуд. Зан аз вай нафақот ва дарбоист талаб мекард. Ҳабиб ба дар беруи омад ва қасди савмаа кард, то ибодат пеш гирифт. Ва чун шаб даромад, бари зан бозомад. Зан ӯро пурсид, ки кучо кор кардӣ, ки чизе наёвардӣ? Ҳабиб гуфт: Он кас, ки ман аз ҷиҳати ӯ кор мекардам, бас карим аст ва аз карами ӯ шарм дорам, ки аз вай чизе хоҳам. Ӯ худ чун вақт ояд, бидиҳад, ки мегӯяд: Ҳар дах рӯз музд медиҳам. Пас ҳар рӯз бад-он савмаа мерафт ва ибодат мекард то дах рӯз. Рӯзи дахум чун намози пешин расид, андеша дар дилаш афтод, ки имшаб ба хона чӣ барам? Ва бо зан чӣ гӯям? Ва бад-он тафаккур фурӯ шуд. Дарҳол Худованди таоло ҳаммолеро ба дари хонаи вай фиристод бо як хирвор орд ва як ҳаммоли дигар бо як маслух ва як ҳаммоли дигар бо рават ва ангубин ва тавобилу ҳавиҷ. Ҳаммолон он бардоштаанд ва ҷавонмарде мохрӯй бо эшон; ва андар сурраш сесад дирам сим. Ба дари хонаи

Ҳабиб омад ва дар бизад. Зан даромад. Гуфт: Чӣ корат аст? Он чавони некӯрӯй гуфт: Ин чумларо Худовандгор фиристодааст. Ҳабибро бигӯй, ки: Ту дар кор афзой, то мо дар музд бияфзоем. Ин бигуфту бирафт.

Чун шаб даромад, Ҳабиб хичилзадаву ғамгин рӯй бар хона ниҳод. Чун ба дари хона расид, бӯи нону дег меомад. Зани Ҳабиб пеши ӯ бозрафт ва рӯяш пок карду лутф кард, чунонки ҳаргиз накарда буд. Гуфт: Эй мард, ин кор аз баҳри он, ки мекунӣ, он кас бас некӯ меҳтаре аст бокаромату шафқат. Инак чунин ва чунин фиристода ба дасти чавонмарде некӯрӯй ва гуфт: Ҳабиб чун биёяд, уро бигӯй, ки: Ту дар кор афзой, то мо дар музд бияфзоем. Ҳабиб мутаҳаййир шуду гуфт: Эй ачаб! Дах рӯз кор кардам, бо ман ин нскуӣ кард, агар бештар кунам, донӣ, чӣ кунад!

Ба куллият рӯй аз дунё бигардонид ва ибодат мекард, то аз бузургони мустачобуддаъват гашт, чунонки дуои ӯ мучарраби ҳамагон шуд, балки рӯзе пиразане биёмад ва дар дасту пои ӯ афтоду басе бигирист, ки: Писаре дорам, ки аз ман ғоиб аст ва маро токати фироқ намонд. Аз баҳри Худой, дуое бигӯй, то бувад, ки Ҳақ таоло ба баракати дуои ту уро ба ман бозрасонад. Гуфт: Ҳеч сим дорӣ? Гуфт: Ду дирам дорам. Гуфт: Биёр, ба дарвешон деҳ! Ва дуое бигуфт; ва бигуфт: Бирав, ки ба ту расид! Зан ҳанӯз ба дари сарой нарасида буд, ки писарро дид. Фарёд баровард, гуфт: Инак писари ман! Ва уро ба бари Ҳабиб овард. Гуфт: Ҳол чӣ гуна буд? Гуфт: Ба Кирмон будам. Устод маро ба талаби гӯшт фиристода буд, гӯшт бистадам ва ба хона бозмерафтам, бодам даррабуд. Овозе шунидам, ки: Эй бод! Ӯро ба хонаи худ бозрасон, ба баракати дуои Ҳабиб ва ба баракати ду дирам садақа. Агар касе гӯяд: Бод чӣ гуна овард? Гӯям: Чунонки чиҳил фарсанг шодурвони Сулаймон, алайҳи-с-салом, меовард ва арши Билкис дар ҳаво меовард.

Нақл аст, ки Ҳабибро рӯзи тарвия ба Басра диданд ва рӯзи арафа ба Арафот.

Вақте дар Басра қаҳтӣ падид омад, Ҳабиб таоми бисёр ба насия бихарид ва ба садака дод ва кисае бардӯхту дар зери болин кард. Чун ба тақозо омаданд, киса берун кардӣ, пур аз дирам будӣ, вомҳо бидод. Ва дар Басра хонае дошт

бар сари чорсӯи рох. Ва пӯстине дошт, ки тобистону зимистон он пӯшидй. Вакте ба таҳорат ҳоҷаташ омад, бархосту пӯстин бигзошт. Хоча Ҳасани Басрй фароз расид, пӯстин дид дар рох андохта. Гуфт: Ин ачамй ин кадар надонад, ки ин пӯстин ин чо раҳо набояд кард, ки зоеъ шавад. Биистод ва нигоҳ медошт, то Ҳабиб бозрасид. Салом гуфт, пас гуфт: Эй имоми мусалмонон, чаро истодай? Гуфт: Эй Ҳабиб! Надонй, ки ин пӯстин ин чо раҳо набояд кард, ки зоеъ шавад! Ва бигу, то ба эътимоди кй бигзоштай? Гуфт: Ба эътимоди он, ки туро баргумошт, то нигоҳ дорй.

Накл аст, ки рӯзе Ҳасан бари Ҳабиб омад ба зиёрат. Ҳабиб ду курси чавин ва порае намак пеши Ҳасан ниҳод. Ҳасан хӯрдан гирифт. Соиле ба дар омад. Ҳабиб он ду курсу намак бад-ӯ дод. Ҳасан ҳамчунон бимонд, гуфт: Эй Ҳабиб, ту марде шоистай, агар порае илм доштй, беҳ будй, ки нон аз пеши меҳмон баргирифтй ва ҳама ба соил додй. Порае ба соил боист ва порае ба меҳмон. Ҳабиб ҳеч нагуфт. Соате буд. Fуломе меомад ва хоне бар сар ниҳода буд ва барраи бирёну халво ва нони покизаву понсад дирам сим дар пеши Ҳабиб ниҳод. Ва Ҳабиб сим ба дарвешон дод ва хон пеши Ҳасан ниҳод. Чун Ҳасан порае бирён бихурд, Ҳабиб гуфт: Эй устод, ту нек мардй, агар ту порае якин доштй, беҳ будй! Бо илми якин бояд.

Вакти намози шом Ҳасан ба дари савмааи ӯ бигзашт ва комати намози шом гуфта буд ва дар намоз истода. Ҳасан даромад. Ҳабиб «Алҳамд»-ро «Алҳамду» мехонд. Гуфт: Намоз дар паи ӯ дуруст нест. Бад-ӯ иктидо накард; ва худ бонги намоз бигэорид. Чун шаб даромад, бихуфт. Ҳак, таборак ва таолоро ба хоб дид. Гуфт: Эй Бор Худой! Ризои ту дар чй чиз аст? Гуфт: Ё Ҳасан, ризои ман дарёфта будй, кадраш надонистй. Гуфт: Бор Худоё! Он чй буд? Гуфт: Агар ту намоз кардатй аз паси Ҳабиб, ризои мо дарёфта будй ва ин намоз беҳтар аз чумлаи намози умри ту хост буд. Аммо туро сукми иборат аз сиҳати нийят боздошт, басе тафовут аст аз забон рост кардан то дил.

Як рӯз касони Ҳаччоҷ Ҳасанро талаб мекарданд, дар савмааи Ҳабиб пинҳон шуд. Ҳабибро гуфтанд: Имрӯз Ҳасанро дидй? Гуфт: Дидам. Гуфтанд: Кучо шуд? Гуфт: Дар

ин савмаа. Дар савмаа рафтанд, харчанд талаб карданд, Ҳасанро наёфтанд, чунонки Ҳасан гуфт: Ҳафт бор даст бар ман ниҳоданд ва маро надиданд? Ҳасан аз савмаа берун омад ва гуфт: Эй Ҳабиб, ҳаққи устод нигаҳ надоштӣ ва маро нишон додӣ. Ҳабиб гуфт: Эй устод, ба сабаби рост гуфтани ман халос ёфтӣ, ки агар дурӯғ гуфтам, ҳар ду гирифтор шудеме. Ҳасан гуфт: Чӣ хондӣ, ки маро надиданд? Гуфт: Даҳ бор «Оята-л-курсӣ» бархондам ва даҳ бор «Омана-р-расул» ва даҳ бор «Кул ҳува-л-Лоҳу аҳад»; ва боз гуфтам: Илоҳо, Ҳасанро ба ту супурдам. Нигоҳаш дор!

Нақл аст, ки Ҳасан ба ҷое хост рафт, бар лаби Дачла омад ва бо худ чизе меандешид, ки Ҳабиб даррасид. Гуфт: Ё имом, ба чӣ истодаӣ? Гуфт: Ба ҷое хоҳам рафт, кишти дер меояд. Ҳабиб гуфт: Ё устод, туро чӣ бувад? Ман илм аз ту омӯхтам. Ҳасади мардумон аз дил берун кун ва дунёро бар дил сард кун ва балоро ғанимат дон ва корҳоро аз Худой бин, он гоҳ пой бар об нех ва бирав. Ҳабиб пой бар об ниҳод ва бирафт. Ҳасан беҳуш шуд. Чун бо худ омад, гуфтанд: Эй имоми мусалмонон, туро чӣ буд? Гуфт: Ҳабиб шогирди ман, ин соат маро маломат кард ва пой бар об ниҳод, бирафт ва ман бимондаам. Агар фардо овоз ояд, ки: Бар сироти оташин бигзаред! Агар ман ҳамчунин фурӯ монам, чӣ тавонам кард? Пас Ҳасан гуфт: Эй Ҳабиб, ин ба чӣ ёфтӣ? Гуфт: Бад-он ки ман дил сафед мекунам ва ту коғаз сиёҳ. Ҳасан гуфт: «Илми нафаъа ғайрӣ ва лам йанфаънӣ» - Илми ман дигаронро манфаат аст ва маро нест.

Ва бувад, ки аз ин ҷо касеро гумон афтад, ки дараҷаи Ҳабиб болои мақоми Ҳасан буд. На чунон аст, ки ҳеч мақом дар роҳи Худой болои илм нест ва аз баҳри ин буд, ки фармон ба зиёдат хостани ҳеч сифат наёмад, илло илм; чунонки дар сухани машоих аст, ки каромот дараҷаи чаҳордаҳуми тариқат аст ва асрору илм дар дараҷаи ҳаштодум аз чиҳати он ки каромот аз ибодати бисёр хезад ва асрор аз тафаккури бисёр. Ва мисли ин ҳоли Сулаймон аст, ки ин кор, ки ӯ дошт дар олам, кас надошт: деву париву вуҳушу туюр мусаххар;боду обу оташ мутеъ; бисоте чиҳил фарсанг дар ҳаво равон бо он ҳама азамат; зуфони мурғону луғати мӯрон мафҳум, боз ин ҳама китоб, ки аз олами асрор аст,

Мӯсо, алайҳи-с-саломро буд, лоҷарам ӯ бози он ҳама кор мутобеи ӯ буд.

Нақл аст, ки Аҳмади Ҳанбал ва Шофеӣ, разия-л-Лоҳу анҳумо, нишаста буданд. Ҳабиб аз гӯшае даромад. Аҳмад гуфт: Ман ӯро суоле хоҳам кард. Шофеӣ гуфт: Эшонро суол нашояд кард, ки эшон қавме аҷаб бошанд. Аҳмад гуфт: Чора нест. Чун Ҳабиб фароз расид, Аҳмад гуфт: Чӣ гӯӣ дар ҳаққи касе, ки аз он панҷ намоз яке аз вай фавт шавад, намедонад, кадом аст. Чӣ бояд кард? Ҳабиб гуфт: «Ҳозо қалбун ғафала ани-л-Лоҳи фалйуаддаб» - Ин дили касе бувад, ки аз Худованд ғофил бошад, ӯро адаб бояд кард ва ҳар панҷ намозро қазо бояд кард. Аҳмад дар ҷавоби ӯ мутаҳаййир монд. Шофеӣ гуфт: Нагуфтам, эшонро суол натвон кард!

Нақл аст, ки Ҳабибро хона торик буд, сӯзане дар даст дошт, бияфтоду гум шуд. Дарҳол хона равшан гашт. Ҳабиб даст бар чашм ниҳод, гуфт: Не, не ҷуз ба чароғ бознадонам ҷуст.

Нақл аст, ки сӣ сол буд, ки Ҳабиби Аҷамӣ канизаке дошт, рӯи ӯ тамом надида буд. Рӯзе канизаки худро гуфт: Эй мастура канизак, моро овоз деҳ. Гуфт: На, ман канизаки туам! Гуфт: Моро дар ин сӣ сол заҳра набудааст, ки ба ғайри вай ба ҳеҷ чиз нигоҳ кунам, туро чӣ гуна тавонистаме дид?

Нақл аст, ки дар гӯшаи холи нишастӣ, гуфтӣ: Ҳаргизаш чашм равшан мабод, ки ҷуз ту бинад ва ҳар киро ба ту унс нест, ба ҳеҷ кас унсаш мабод!

Ва дар гӯшае нишастӣ ва даст аз тичорат бидоштӣ, гуфтӣ: Бо Яздон сиқа аст.

Яке пурсид, ки: Ризо дар чист? Гуфт: Дар диле, ки губори нифоқ дар ӯ набувад.

Нақл аст, ки ҳар гоҳ ки дар пеши ӯ Қуръон хондандӣ, сахт бигиристӣ ба зорӣ. Бад-ӯ гуфтанд: Ту аҷамӣ ва Қуръони арабӣ намедонӣ, ки чӣ мегӯяд, ин гиря аз чист? Гуфт: Забонам аҷамӣ аст, аммо дилам арабӣ аст.

Дарвеше гуфт: Ҳабибро дидам дар мартабае азим. Гуфтам: Охир ӯ аҷамӣ аст, ин ҳама мартаба чист? Овозе шунидам,ки: Агарчи аҷамӣ аст, аммо ҳабиб аст.

Нақл аст, ки хуниеро бар дор карданд. Ҳам дар он шаб ӯро ба хоб диданд, дар марғзори биҳишт тавоф мекард, бо

ҳуллаи сабз пӯшида. Гуфтанд: Ё фулон, ту марди қаттолӣ, ин аз куҷо ёфтӣ? Гуфт: Дар он соат, ки маро бар дор карданд, Ҳабиби Аҷамӣ баргузашт, ба гӯшаи чашм ба ман бознигарист; ин ҳама аз баракоти он назар аст. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

7. ЗИКРИ АБӮҲОЗИМИ МАККӢ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он мухлиси муттақӣ, он муқтадои мухтадӣ, он шамъи собиқон, он субҳи содиқон, он фақири ғанӣ, Абӯҳозими Маккӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Дар муҷоҳадаву мушоҳада беназир буд ва пешвои басе машоих буд ва умре дароз ёфта буд; ва Бӯамр Усмони Маккӣ дар шаъни ӯ муболағате тамом дорад.

Ва сухани ӯ мақбули ҳамаи дилҳост ва калиди ҳамаи мушкилҳо; ва каломи ӯ дар кутуб бисёр аст, ҳар кӣ зиёда хоҳад, металабад. Аммо аз ҷиҳати табаррукро калимае чанд накл мекунему бар ҳадди ихтисор равем, ки агар зиёдат шарҳи ӯ диҳем, сухан дароз гардад. Ва ин тамом аст, ки бидонӣ, ки аз бузургони тобеин будааст ва бисёр касро аз саҳоба дидааст, чун: Анас ибни Молик ва Бӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳумо.

Ҳишом ибни Абдулмалик аз Абӯҳозим пурсид, ки: Он чист, ки бад-он наҷот ёбем дар ин кор? Гуфт: Ҳар дираме, ки бистонӣ, аз ҷое бистонӣ, ки ҳалол бувад ва ба ҷое сарф кунӣ, ба ҳақ бувад. Гуфт: Ин кӣ тавонад кард? Гуфт: Он, ки аз дӯзах гурезон бувад ва биҳиштро ҷӯён бувад ва толиби ризои Раҳмон бувад.

Ва сухани ӯст, ки: Бар шумо бод, ки аз дунё эҳтироз кунед! Ки ба ман дуруст чунин расидааст, ки рӯзи қиёмат бандаеро, ки дунёро азим дошта буд, ба пой кунанд, бар сари ҷамъ; пас мунодӣ кунанд, ки: Бингаред, ки ин бандае аст, ки он чи Ҳақ таоло онро ҳақир доштааасту он чӣ Худой душман дошта, ӯ дӯсту азиз доштааст; ва он чӣ Худой андохтааст, ӯ баргирифта.

Ва гуфт: Дар дунё ҳеч чиз нест, ки бад-он шод шавӣ, ки на дар зери вай чизе аст, ки бад-он андӯҳгин шавӣ. Аммо шодии софӣ худ наофаридааст.

Ва гуфт: Андаке аз дунё туро машғул гардонад аз бисёрии охират.

Ва гуфт: Ҳама чиз андар ду чиз ёфтам, яке маро ва яке на маро. Он, ки марост, ки агар бисёр аз он бигурезам ҳам, сӯи ман ояд ва он, ки на марост, агар басе ҷаҳд кунам, ба чаҳди хеш ҳаргиз дар дунё наоям.

Ва гуфт: Агар ман аз дуо маҳрум монам, бар ман басе душвортар аз он бувад, ки аз иҷобат.

Ва гуфт: Ту дар рӯзгоре афтодай, ки ба қавл аз феъл розӣ шудаанд ва ба илм аз амал хурсанд гаштаанд. Пас, ту дар миёни батарин мардумон ва батарин рӯзгор мондай.

Касе аз вай суол кард, ки: Моли ту чист? Гуфт: Моли ман ризои Худованд аст ва бениёзӣ аз халқ, валомаҳола ҳар кӣ ба Ҳақ розӣ бувад, аз халқ мустағнӣ бувад. Ва фароғати ӯ аз халқ то хадде буд, ки ба қассобе бигузашт, гӯшти фарбеҳ дошт. Гуфт: Аз ин гӯшт бистон! Гуфт: Сим надорам. Гуфт: Туро замон диҳам. Гуфт: Ман хештанро замон диҳам накӯтар, аз он ки ту маро замон диҳӣ ва ман худ ороста гардонам. Қассоб гуфт: Лочарам устухонҳои пахлут падид омадааст! Гуфт: Кирмони гӯрро ин бас бувад.

Бузурге гуфтааст аз машоих, ки: Ба наздики Бухозим даромадам. Вайро ёфтам хуфта. Замоне сабр кардам, то бедор шуд. Гуфт: Дар ин соат пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро ба хоб дидам, ки маро ба ту пайғом доду гуфт: Ҳаққи модарӣ нигоҳ доштан туро басе беҳтар аз ҳаҷ кардан, бозгарду ризои ӯ талаб кун. Ман аз он ҷо бозгаштаму ба Макка нарафтам. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

8. ЗИКРИ УТБАТУ-Л-ҒУЛОМ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он сӯхтаи ҷамол, он гумшудаи висол, он баҳри вафо, он кони сафо, он хоҷаи айём, Утбату-л-Ғулом, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Мақбули аҳли дил буд ва равише аҷаб дошт, сутуда ба ҳамаи зуфонҳо ва шогирди Ҳасани Басрӣ буд. Вақте ба канори дарё мегузашт, Утба бар сари об равон шуд. Ҳасан бар соҳил аҷаб бимонд. Ба тааҷҷуб гуфт: Оё ин дараҷа ба чӣ ёфтӣ? Утба овоз дод, ки: Ту сӣ сол аст, то он мекунӣ, ки ӯ мефармояд ва мо сӣ сол аст, то он мекунем, ки ӯ мехоҳад ва ин ишорат ба таслиму ризост.

Ва сабаби тавбаи ӯ он буд, ки дар ибтидо ба касе берун нигарист, зулмате дар дили вай падид омад. Он сарпӯшидаро хабар карданд. Кас фиристод, ки: Аз мо куҷо дидӣ? Гуфт: Чашм. Сарпӯшида чашм барканду бар табақе ниҳод ва пеши вай фиристоду гуфт: Он чӣ дидӣ, мебин! Утба бедор шуду тавба карду ба хидмати Ҳасан рафт, то чунон шуд, ки кутро кишти ҷав ба дасти худ кардӣ ва он ҷав орд кардиву ба об нам додӣ ва ба офтоб ниҳодӣ, то хушк шудӣ ва ба ҳафтае як бор аз он бихӯрдӣ ва ба ибодат машғул будӣ ва беш аз он наҳӯрдӣ, гуфтӣ: Аз кироманкотибин шарм дорам, ки ба ҳафтае як бор бо хубсхона бояд шуд.

Нақл аст, ки Утбаро диданд ҷое истода ва арақ аз вай мерехт. Гуфтанд: Ҳол чист? Гуфт: Дар ибтидо ҷамоате ба меҳмон омаданд, эшонро аз ин девори ҳамсоя порае кулӯх бозкардам, то даст бишӯянд. Ҳар вақт ки он ҷо расам, аз он хиҷолату надомат чандин арақ аз ман мечакад, агарчи бихиллӣ хостаам.

Абдулвоҳид ибни Зайдро гуфтанд: Ҳеҷ касро донӣ, ки вай аз халқ машғул шуд ба ҳоли хеш? Гуфт: Якеро донам, ки ин соат дарояд. Утбатулғулом даромад. Гуфт: Дар роҳ

киро дидӣ? Гуфт: Ҳеч касро; ва роҳи гузари вай бар бозор буд.

Нақл аст, ки ҳаргиз Утба ҳеч таому шароби хуш нахӯрдӣ. Модари вай гуфт, ки: Бо хештан рифқ кун! Гуфт: Рифқи вай талаб мекунам, ки андак рӯзе чанд ранҷ кашад ва ҷовид дар роҳату рифқ мебошад.

Нақл аст, ки шабе то рӯз нахуфт ва мегуфт: Агарам азоб кунӣ, ман туро дӯст дорам ва агарам афв кунӣ, ман туро дӯст дорам.

Ва Утба гуфт: Шабе ҳуреро ба хоб дидам. Гуфт: Ё Утба, бар ту ошиқам, нигар, чизе накунӣ, ки ба сабаби он миёни ману ту ҷудоӣ афтад. Утба гуфт: Дунёро талоқ додам, талоқе, ки ҳаргиз руҷӯъ накунам, то он гоҳ ки туро бинам.

Нақл аст, ки рӯзе яке бари ӯ омад ва ӯ дар сардоба буд. Гуфт: Эй Утба, мардумон ҳоли ту аз ман мепурсанд. Чизе ба ман намой, то бибинам. Гуфт: Бихоҳ, чи-т (чиат) орзуст? Мард гуфт: Рутабам мебояд - ва зимистон буд - гуфт: Бигир! Занбиле бад-ӯ дод пури рутаб.

Нақл аст, ки Муҳаммади Саммок ва Зуннун ба наздики Робиа буданд. Утба даромад ва пироҳане нав пӯшида ва мехиромид. Муҳаммади Саммок гуфт: Ин чӣ рафтан аст? Гуфт: Чи гуна бинахиромам? Ва номи ман Ғуломи ҷаббор аст! Ин калима бигуфту бияфтод. Бингаристанд, ҷон дода буд. Пас аз вафот ӯро ба хоб диданд, нимаи рӯй сиёҳ шуда. Гуфтанд: Чӣ будааст? Гуфт: Вақте бари устод мешудам, амрадеро дидам, дар вай назар кардам; боз Ҳудоӣ бифармуд, то маро ба биҳишт баранд. Дӯзах бари роҳ буд, море аз дӯзах хештан ба ман андохт, нимае аз рӯям бигазид, гуфт: Нафҳае ба назарае, агар беш кардатӣ, беш газидаме, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

9. ЗИКРИ РОБИА, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲО

Он маҳаддараи ҳадри хос, он мастураи сатри ихлос, он сӯхтаи ишқу иштиёқ, он шефтаи қурбу эҳтирок, он гумшудаи висол, он мақбулурричол, сонияи Марями Сафия, Робиатул-Адвия, раҳмату-л-Лоҳи алайҳо.

Агар касе гӯяд: зикри ӯ дар саффи ричол чаро кардай? Гӯям, ки: Хочаи анбиё, алайҳи-с-салом, мефармояд, ки: «Инна-л-Лоҳа ло йанзуру ило суварикум» (ал-ҳадис). Кор ба сурат нест, ба ният аст, камо қола, алайҳи-с-салом: «Йуҳшару-н-носу ало ниййотиҳим». Агар равост, ду сулси дин аз Оишаи сиддика, разия-л-Лоҳу анҳо, фаро гирифтан, ҳам раво бувад аз канизаке аз канизакони ӯ фоидаи дини гирифтан. Чун зан дар роҳи Худой, мард бувад, ӯро зан натвон гуфт. Чунонки Аббосаи Тӯсӣ гуфт, ки: Чун фардо дар арасоти қиёмат овоз диҳанд, ки: «Йо ричол!» Нахуст касе, ки пой дар саффи ричол ниҳад, Марям, алайҳо-с-салом, бувад. Касе, ки агар дар мачлиси Ҳасан ҳозир набудй, тарки мачлис кардй, васфи ӯ дар миёни ричол тавон кард. Бал маънии ҳақиқат он аст, ки ин чо, ки ин қавм ҳастанд, хама нести тавҳиданд. Дар тавҳид вучуди ману ту кай монад, то ба марду зан чй расад! Чунонки Бӯалии Формадй, разия-л-Лоҳу анҳу, мегӯяд: Нубувват айни иззату рафъат аст, мехтарй ва камтарй дар вай набувад; пас вилоят хамчунин бувад. Хоса Робиа, ки дар муомалату маърифат мисл надошт ва мӯътабари чумлаи бузургони ахди хеш буд ва бар ахли рӯзгор хуччате қотеъ буд.

Нақл аст, ки он шаб, ки Робиа ба замин омад, дар ҳамаи хонаи падараш хеч набуд, ки падараш сахт мушкиллҳол буд; ва як катра равган надошт, ки нофаш чарб кунад. Ва чароғе набуд ва рутӯе набуд, ки дар ӯ печад ва ӯро се духтар буд, Робиа чахоруми эшон омад, Робиа аз он гуфтандаш. Пас

аёлаш овоз дод, ки ба фалон ҳамсоя шав, катрае равған хох, то чароғ даргирам. Ва ӯ аҳд дошт, ки ҳаргиз аз ҳеч махлуқ ҳеч нахоҳад. Берун омаду даст ба дари ҳамсоя бозниҳод ва бозомад ва гуфт: Дар боз намекунад. Он сарпӯшида басе бигирист.

Мард дар он андӯҳ сар ба зону ниҳод, ба хоб шуд. Пайғамбар, алайҳи-с-саломро ба хоб дид, гуфт: Ғамгин мабош, ки ин духтар, ки ба замин омад, саййидае аст, ки ҳафтод ҳазор аз уммати ман дар шафоати ӯ хоҳанд буд. Пас гуфт: Фардо бари Исозодон шав, амири Басра. Бар коғазе навис, ки: Бад-он нишон, ки ҳар шаб бар ман сад бор салавот фиристӣ ва шаби одина чаҳорсад бор салавот фиристӣ, ин шаби одина, ки гузашт, маро фаромӯш кардӣ, каффорати онро ба чаҳорсад динори ҳалол бад-ин мард дех! Падари Робиа чун бедор шуд, гирён шуд, бархосту он хат бинавишт ва ба дасти ҳочибе ба амир фиристод. Амир, ки он хат бидид, гуфт: Ду ҳазор динор ба дарвешон дихед, шукронаи онро, ки меҳтар, алайҳи-с-саломро аз мо ёд омад; ва чаҳорсад динор бад-он шайх дихед ва бигӯед, ки мехоҳам, ки дар бари ман ой, то туро бибинам. Аммо раво намедорам, ки чун ту касе пеши ман ояд, ман ояму риш дар остонат бимолам. Аммо Худой бар ту, ки ҳар ҳоҷат, ки бувад, арза дорӣ. Мард зар бистад ва ҳар чӣ боист, бихарид, пас чун Робиа порае меҳтар шуд ва модару падараш бимурд, дар Басра қаҳтӣ афтод ва хоҳарон мутафаррик шуданд. Робиа берун рафт. Золиме ӯро бидид ва бигирифт, пас ба шаш дирам бифурӯхт. Ва харидор ӯро кор мефармуд ба машаққат.

Як рӯз мегузашт, номаҳраме дар пеш омад. Робиа бигрехт ва дар роҳ бияфтод ва дасташ аз чой бишуд. Рӯй бар хок ниҳоду гуфт: Бор Худоё! Ғарибам ва бемодару падар, ятим ва асир монда ва ба бандагӣ афтода ва даст гусаста; ва маро аз ин ғам нест, илло, ризои ту. Мебоядам, ки донам, ки ту розӣ ҳастӣ, ё на? Овозе шунуд, ки: Ғам махӯр, ки фардо чохет хоҳад буд, ки мукарробони осмон ба ту бинозанд.

Пас Робиа ба хонаи хоҷа бозомад ва пайваста ба рӯз рӯза медошт ва хидмат мекард ва дар хидмати Худой то рӯз бар пой истода мебуд. Як шаб хочаи ӯ аз хоб бедор шуд. Дар равзани хона фурӯ нигарист, Робиаро дид, сар ба саҷда

ниҳода буд ва мегуфт: Илоҳо, ту донӣ, ки ҳавои дили ман дар мувофақати фармони ту аст ва рӯшноии чашми ман дар хидмати даргоҳи ту аст. Агар кор ба дасти ман астӣ, як соат аз хизмат наёсояме; валекин ҳам ту маро зердасти махлуқе кардай. Ин муноҷот мекард ва қандиле дид аз болои сари ӯ овехта: муаллақ, бесилсилае ва ҳамаи хона аз фурӯғи он нур гирифта. Хоча чун он бидид, битарсид, бархосту ба ҷои худ бозомад ва ба тафаккур бинишаст, то рӯз шуд. Чун рӯз шуд, Робиаро бихонду бинавохт ва озод кард. Робиа гуфт: Маро дастурӣ деҳ, то биравам. Дастурӣ дод.

Аз он ҷо берун омад ва дар вайронае рафт, пас аз он вайрона бирафт ва савмаае гирифту муддате он ҷо ибодат кард. Баъд аз он азми ҳаҷҷаш афтод. Рӯй ба бодия ниҳод. Харе дошт. Рахт бар вай ниҳод. Дар миёни бодия хар бимурд. Мардумон гуфтанд: Ин бори ту мо бардорем. Гуфт: Шумо биравед, ки ман бар таваккули шумо наёмадаам. Мардумон бирафтанд. Робиа танҳо монд. Сар бар кард, гуфт: Илоҳо, подшоҳон чунин кунанд бо аврате ғариби оҷиз? Маро ба хонаи худ бихондӣ, пас дар миёни роҳ хари маро марг додӣ ва маро ба биёбон танҳо бигзоштӣ. Ҳанӯз ин муноҷот тамом накарда буд, ки хар бичунбид ва бархост. Робиа бор бар вай ниҳоду бирафт. Ровии ин ҳикоят гуфт: Ба муддате пас аз он харакро дидам, ки дар бозор мефурӯхтанд.

Пас, рӯзе чанд ба бодия фурӯ рафт, гуфт: Илоҳо, дилам бигирифт, кучо меравам? Ман кулӯхе ва он хона санге. Маро ту ҳам ин ҷо мебой. То Ҳақ таоло бевосита ба дилаш фурӯ гуфт, ки: Эй Робиа, дар хуни ҳаждаҳ ҳазор олам мешавӣ, надидӣ, ки Мусо дидор хост, чанд заррае тачаллӣ ба кӯх афгандем, ба чиҳил пора битаркид. Ин ҷо ба исме қаноат кун!

Накл аст, ки вақте дигар ба Макка мерафт, дар миёни роҳ Каъбаро дид, ки ба истиқболи ӯ омад. Робиа гуфт: Маро раббулбайт мебояд; байт чӣ кунам? Истиқболи маро аз «Ман тақарраба илаййа шибран тақаррабту илайҳи зироъан» мебояд. Каъбаро чӣ бинам? Маро иститоати Каъба нест, ба чамоли Каъба чӣ шодӣ намоям?

Накл аст, ки Иброҳими Адҳам, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, чаҳордаҳ соли тамом сулук кард, то ба Каъба шуд, аз он ки

дар ҳар муссалочое ду ракъат мегузорид, то охир бад-он ҷо расид. Хона надид. Гуфт: Оҳ! Чӣ ҳодиса аст? Магар чашми маро халале расидааст! Ҳотифе овоз дод, ки: Чашми туро ҳеч халал нест, аммо Каъба ба истиқболи заифае шудааст, ки рӯй бад-ин ҷо дорад. Иброҳимро ғайрат бишӯрид, гуфт: Оё ин кист? Бидавид. Робиаро дид, ки меомад ва Каъба бо ҷои хеш шуд. Чун Иброҳим он бидид, гуфт: Эй Робиа, ин чӣ шӯру кору бор аст, ки дар ҷаҳон афгандай? Гуфт: Шӯр, ман дар ҷаҳон наафгандаам, ту шӯр дар ҷаҳон афгандай, ки чаҳордаҳ сол диранг кардай, то ба хона расидай. Гуфт: Оре, чаҳордаҳ сол дар намоз бодия қатъ кардаам. Гуфт: Ту дар намоз қатъ кардай, ман дар ниёз: рафт ва ҳаҷ бигзорид ва зор бигрист, гуфт: Эй бор Худой, ту ҳам бар ҳаҷ ваъдаи неку додай ва ҳам бар мусибат. Акнун агар ҳаҷ пазируфтай, савоби ҳаҷҷам гӯ, агар напазируфтай, ин бузург маъсияте аст, савоби маъсиятам гӯ!

Пас бозгашт ва ба Басра бозомад ва ба ибодат машғул шуд, то дигар сол. Пас гуфт: Агар порсол Каъба истиқбол кард, ман имсол истиқболи Каъба кунам. Чун вақт даромад, шайх Абуалии Формадӣ накл мекунад, ки: Рӯй ба бодия ниҳод ва ҳафт сол ба пахлу мегардид, то ба Арафот расид. Чун он ҷо расид, ҳотифе овоз дод, ки: Эй муддаӣ, чӣ талаб аст, ки домани ту гирифтааст? Агар моро мехоҳӣ, то як тачаллӣ кунам, ки дарвақт бигудозӣ. Гуфт: Ё Раббулиззат, Робиаро бад-ин дараҷа сармоя нест, аммо нуқтаи фақр мехоҳам. Нидо омад, ки: Ё Робиа, фақр, хушксолӣ каҳри мост, ки дар роҳи мардон ниҳодаем. Чун сари як мӯй беш намонда бошад, ки ба ҳазрати висоли мо хоҳанд расид, кор баргардад, висол фироқ шавад ва ту ҳануз дар ҳафтод ҳичобӣ аз рӯзгори хеш, то аз таҳти ин хучуб берун наёӣ ва қадам дар роҳи мо нанихӣ ва хафтод мақом бинагзорӣ, ҳадиси фақр бо ту натвон гуфт, валекин барнигар! Робиа барнигарист, дарёе хун дид бар ҳаво истода. Ҳотифе овоз дод, ки: Ин ҳама оби дидаи ошикони мост, ки ба талаби висоли мо омаданд, ки ҳама дар манзилгоҳи аввал фурӯ шуданд, ки ному нишони эшон дар ду олам аз ҳеч мақом барнаёмад. Робиа гуфт: Ё Раббулиззат, яке аз давлати эшон ба ман намой! Дарвақт, узри занонаш падид омад. Ҳотифе

ман нест», чун бист гирда шуд, бистади? Гуфт: Чун шумо даромадед, донистам, ки гуруснаед. Гуфтам: Ду гирда дар пеши ду бузург чун нихам? Чун соил ба дар омад, соилро додаму Ҳақ таолоро гуфтам: Илоҳо, ту гуфтай, ки: «Якеро дах бозмедихам»; ва дар ин якин будам. Акнун ду гирда барои ризои ту бидодам, то бист боздихӣ, барои эшон. Чун гирда ҳаждах оварданд, бидонистам, ки аз тасарруфе холӣ нест, ё аз они ман нест.

Накл аст, ки вақте ходимаи Робиа пиёзе мекард, ки рӯзҳо буд, то таоме насохта буданд. Ба пиёз ҳоҷат буд. Ходима гуфт: Аз ҳамсоя бихоҳам! Робиа гуфт: Чихил сол аст, ки то ман бо Ҳақ таоло ахд дорам, ки аз ғайр аз ӯ ҳеч нахоҳам, гӯ, пиёз мабош! Дархол мурге аз ҳаво даромад, пиёзе пӯсткарда дар тоба андохт. Гуфт: Аз макр эмин наям. Тарки пихпиёз бигуфту нони тихӣ бихӯрд.

Накл аст, ки як рӯз Робиа ба кӯҳ рафта буд. Хеле аз оҳувону нахчирон ва бузону гӯрон гирди ӯ даромада буданд ва дар ӯ назорат мекарданду бад-ӯ такарруб менамуданд. Ҳаме ногоҳ Ҳасани Басрӣ падид омад. Чун Робиаро бидид, рӯй бад-ӯ ниход. Он ҳайвонот, ки Ҳасанро бидиданд, ҳама ба якбор бирафтанд. Робиа холӣ бимонд. Ҳасан, ки он бидид, мутаҳаййир шуд. Робиаро бидид, гуфт, ки: Эшон аз ман чаро рамиданд ва ба ту унс гирифтанд? Робиа гуфт: Ту имрӯз чӣ хӯрдай? Гуфт: Андаке пихпиёз. Гуфт: Ту пихи эшон хӯрӣ, чӣ гуна аз ту нагурезанд?

Накл аст, ки вақте Робиаро бар хонаи Ҳасан гузар афтод. Ҳасан сар ба дарича берун карда буд ва мегирист. Оби чашми Ҳасан бар чомаи Робиа расид. Барнигарист, пиндошт, ки борон аст. Чун маълуми ӯ шуд, ки оби чашми Ҳасан буд, холӣ рӯй сӯи Ҳасан карду гуфт: Эй устод, ин гиристан аз рууноти нафс аст, оби чашми хеш нигоҳ дор, то дар андаруни ту дарёе шавад, чандон ки дар он дарё дилро бичӯӣ, бознаёбӣ. Илло «Инда маликин муқтадирин» (Сураи Қамар, ояти 55). Ҳасанро ин сухан сахт омад, аммо тан зад, то як рӯз, ки Робиаро дид; ва наздики об буд. Ҳасан саччода бар сари об афганд, гуфт: Эй Робиа, биё, то ин чо ду ракъат намоз бигзорем! Робиа гуфт: Эй Ҳасан! Худро дар бозори дунё охиратиёнро арза бояд дод, чунон бояд, ки абнои

чинси ту аз он оҷиз бошанд. Пас Робиа саҷҷода бар ҳаво андохт ва бар он ҷо парид ва гуфт: Эй Ҳасан, бад-он ҷо ой, то мардумон моро бубинанд! Ҳасанро он мақом набуд, ҳеч нагуфт. Робиа хост, ки дили ӯ ба даст оварад; гуфт: Эй Ҳасан, он чӣ ту кардӣ, моҳӣ ҳамон кунад ва он чӣ ман кардам, магасе ин бикунад; кор аз ин ҳар ду берун аст ва ба кор машғул бояд шуд.

Нақл аст, ки Ҳасани Басрӣ гуфт: Як шабонарӯз дар бари Робиа будам ва сухани тариқат ва ҳақиқат гуфтам, ки на дар хотири ман баргузашт, ки мардеям ва на ба хотири ӯ бигзашт, ки занеям. Охируламр чун бархостам, нигоҳ кардам: хештанро муфлисе дидам ва Робиаро мухлисе.

Нақл аст, шабе Ҳасан ва ёре ду-се бари Робиа шуданд. Робиа чароғ надошт, эшонро дил рушаноие хост. Робиа ба даҳан пуф кард, дар сарангушти хеш ва он шаб то рӯз ангушти ӯ чун чароғ меафрӯхт ва то субҳ бинишастанд дар он рӯшноӣ. Агар касе гӯяд: Ин чун бувад? Гӯем: Чунонки дасти Мӯсо, алайҳи-с-салом. Агар гӯяд: Ӯ пайғамбаре буд, гӯем: Ҳар кӣ мутобаати набӣ кунад, ӯро аз нубувват заррае насиб тавонад буд, чунонки пайғамбар мефармояд: «Ман радда доникан мина-л-ҳароми фақад нола дараҷатан мина-н-нубуввати» - Ҳар кӣ як донг аз ҳаром бо хасм дихад, дараҷае аз нубувват биёбад; ва гуфт: Хоби рост як ҷузв аст аз чиҳил ҷузви нубувват.

Нақл аст, ки вақте Робиа Хасанро се чиз фиристод: порае мум ва сӯзане ва мӯе; пас гуфт: Чун мум бош, оламро мунаввар дор ва ту месӯз! Ва чун сӯзан бош барахна, пайваста коре кун, чун ин ҳар ду карда бошӣ, ба мӯе ҳазор солат кор бувад.

Нақл аст, ки Ҳасан Робиаро гуфт: Рағбат кунӣ, то никохе кунему ақд бандем? Гуфт: Ақди никоҳ бар вуҷуде фурӯ ояд, ин ҷо вуҷуд бархостааст, ки «нест»-и худ гаштаам ва «хаст» шуда бад-ӯ ва ҳама аз они ӯям, дар сояи хукми ӯям; хутба аз ӯ бояд хост, на аз ман. Гуфт: Эй Робиа, ин ба чӣ ёфтӣ? Гуфт: Ба он ки ҳаман ёфтахо гум кардам дар ӯ. Ҳасан гуфт. Ӯро чун донӣ? Гуфт: Ё Ҳасан, «чун» ту донӣ, мо бе «чун» донем.

Нақл аст, ки як рӯз Ҳасан ба савмааи ӯ рафту гуфт: Аз

он илмҳо, ки на ба таълим буда фуруд омада бувад, маро харфе бигӯй! Робиа гуфт: Калобае ресмон ришта будам, то бифрӯшаму аз он қуте созам. Бифрухтам ва ду дуруст сим бистадам. Яке дар ин даст гирифтам, яке дар он даст, тарсидам, ки агар ҳар ду дар як даст гирам, чуфт гардаду маро аз роҳ барад. Футӯҳам имрӯз ин буд.

Гуфтанд: Ҳасан мегӯяд, ки: «Агар як нафас дар бихишт аз дидори Ҳақ маҳрум монам, чунон биноламу бигирям, ки чумлаи аҳли бихиштро бар ман раҳмат ояд». Робиа гуфт: Ин некӯст, аммо агар чунон аст, ки агар дар дунё як нафас аз Ҳак ғофил мемонд, ҳамин мотаму гиряву нола падид меояд, нишони он аст, ки дар охират чунон хоҳад буд, ки гуфт, вагарна на чунон аст.

Гуфтанд: Чаро шавҳар накунӣ? Гуфт: Се чиз аз шумо бипурсам, чавоб диҳед, то фармони шумо кунам: Аввал, он ки дар вақти марг имон ба саломат бихоҳам бурд, ё на? Гуфтанд: Мо намедонем. Дуввум, он ки дар он вакт, ки номаҳо ба дасти бандагон диҳанд, нома ба дасти рост хоҳанд дод, ё на? Саввум, он ки дар он соат, ки чамоате аз дасти рост мебаранд ва чамоате аз дасти чап, маро аз кадом сӯй хоҳанд бурд? Гуфтанд: Намедонем. Акнун инчунин касе, ки ин мотам дар пеш дорад, чӣ гуна маро парвои арӯсӣ бувад?

Вайро гуфтанд: Аз кучо меоӣ?

Гуфт: Аз он чаҳон.

Гуфтанд: Кучо хоҳӣ рафт?

Гуфт: Бад-он чаҳон.

Гуфтанд: Бад-ин чаҳон чӣ мекунӣ?

Гуфт: Афсӯс медорам.

Гуфтанд: Чӣ гуна?

Гуфт: Нони ин чаҳон мехӯраму кори он чаҳон мекунам.

Гуфтанд: Ширинзабонӣ! Работбониро шоӣ.

Гуфт: Ман, худ работбонам; ҳар чӣ андаруни ман аст, берун наёрам ва ҳар чӣ беруни ман аст, дар андарун нагузорам. Агар касе дарояд ва биравад, бо ман кор надорад, ман дил нигоҳ медорам, на гил.

Гуфтанд: Ҳазрати иззатро дӯст медорӣ?

Гуфт: Дорам.

Гуфтанд: Шайтонро душман дорӣ?

Гуфт: На.

Гуфтанд: Чаро?

Гуфт: Аз муҳаббати Раҳмон парвои адовати шайтон надорам, ки расул, алайхи-с-саломро ба хоб дидам, ки маро гуфт: Ё Робиа, маро дӯст дорӣ?

Гуфтам: Ё расулуллоҳ, кӣ бувад, ки туро дӯст надорад, валекин муҳаббати Ҳақ маро чунон фурӯ гирифтааст, ки дӯстӣ ва душмании ғайрро ҷой намонад.

Гуфтанд: Муҳаббат чист?

Гуфт: Муҳаббат аз азал даромадааст ва бар абад гузашта ва дар ҳаждаҳ ҳазор олам касро наёфта, ки як шарбат аз ӯ даркашад, то охир во Ҳақ шуд ва аз ӯ ин иборат дар вуҷуд омад, ки: «Йуҳиббуҳум ва йуҳиббунаҳу» (Сураи Моида, ояти 54).

Гуфтанд: Ту ӯро, ки мепарасти, мебинӣ?

Гуфт: Агар надидаме, напарастидаме.

Нақл аст, ки Робиа доим гирён будӣ. Гуфтанд: Ин чандин чаро мегирӣй? Гуфт: Аз қатиат(!) метарсам, ки бо ӯ хӯ кардаам, набояд, ки ба вақти марг нидо ояд, ки: Моро намешой!

Гуфтанд: Банда розӣ кай бувад?

Гуфт: Он гоҳ, ки аз меҳнат шод шавад, чунонки аз неъмат.

Гуфтанд: Касе гуноҳ бисёр дорад, агар тавба кунад, даргузорад?

Гуфт: Чӣ гуна тавба кунад? Магар Худояш тавба диҳад ва даргузорад.

Ва сухани ӯст, ки: Ё банӣ одам! Аз дида ба Ҳақ манзил нест ва аз зуфон бад-ӯ роҳ нест ва самъи шохроҳ заҳмати гӯяндагон аст ва дасту пой сокинони ҳайратанд. Кор бо дил афтод, бикӯшед, то дилро бедор доред, ки чун дил бедор шуд, ӯро ба ёр ҳочат нест, яъне дили бедор он аст, ки гум шудааст дар Ҳақ ва ҳар кӣ гум шуд, ёр чӣ кунад? «ал-Фаноу фӣ-л-Лоҳи» он ҷо бувад.

Ва гуфт: Истиғфор ба забон кори дурӯғзанон аст.

Ва гуфт: Агар мо ба худ тавба кунем, ба тавбаи дигар мӯҳтоҷ бошем.

Ва гуфт: Агар сабр марде будӣ, карим будӣ.

Ва гуфт: Самараи маърифат рӯй ба Худой овардан аст.

Ва гуфт: Ориф он бувад, ки диле хоҳад аз Худой. Чун Худой диле диҳадаш, дархол дил ба Худой боздихад, то дар кабзаи ӯ махфуз бувад ва дар ситри ӯ аз халқ махҷуб бувад.

Солехи Муррӣ басе гуфтӣ, ки: Ҳар кӣ даре мезанад, зуд боз шавад. Робиа як бор хозир буд, гуфт: Бо кӣ гӯӣ, ки ин дар бастааст ва боз хоҳанд гушод? Ҳаргиз кай баста буд, то бозгушоянд. Солеҳ гуфт: Ачабо, марде ҷохил ва зане заиф доно!

Як рӯз Робиа мардеро дид, ки мегуфт: Во андуҳо! Гуфт: Чунин гӯй, ки: Вой аз беандуҳиё, ки агар андуҳгин будӣ, захраат набудӣ, ки нафас задатӣ.

Накл аст, ки вақте якеро дид, ки асобае бар сар баста буд. Гуфт: Чаро асоба бастай? Гуфт: Сарам дард мекунад. Робиа гуфт: Туро чанд сол аст? Гуфт: Сӣ сол аст. Гуфт: Бештари умр дар дарду ғам будай? Гуфт: На. Гуфт: Сӣ сол танат дуруст дошт. Ҳаргиз асобаи шукр барнабастӣ, ба як шаб, ки дарди сарат дод, асобаи шикоят дармебандӣ?

Накл аст, ки чахор дирам сим ба яке додӣ, ки: Маро гилеме бихар, ки барахнаам. Он мард бирафт ва бозгардид, гуфт: Ё саййида, чӣ ранг харам? Робиа гуфт: Чун ранг дар миён омад, ба ман дех! Он сим бистад ва дар Дачла андохт, яъне ки ханӯз гилем нопӯшида тафрика падид омад.

Вақте дар фасли баҳор дар хона шуд ва сар фурӯ бурд. Ходима гуфт: Ё саййида, берун ой, то сунъ бинӣ! Робиа гуфт: Ту боре дарой, то сонеъ бинӣ, «Шагалатнӣ, мушоҳадату-с-сониъ ан мутолаъати-л-маснуъ!»

Накл аст, ки чамъе бари ӯ рафтанд. Ӯро диданд, ки андаке гӯшт ба дандон пора мекард. Гуфтанд, ки корд надорӣ, то гӯшт пора кунӣ? Гуфт: Ман аз бими катиат ҳаргиз кордча дар хона надоштам ва надорам.

Накл аст, ки як бор хафт шабонарӯз ба рӯза буд ва ҳеч нахӯрда буд ва ба шаб ҳеч нахуфта буд, ҳама шаб ба намоз машғул буд. Гуруснагӣ аз хад бигзашт. Касе ба дари хона андар омаду косае хӯрданӣ биёварад. Робиа бистад ва бирафт, то чароғ биёварад. Чун бозомад, гурба он коса бирехта буд. Гуфт: Биравам ва кӯзае биёварам ва рӯза бигушоям. Чун

кӯза биёвард, чароғ мурда буд. Қасд кард, то дар торикӣ об бозхӯрад, кӯза аз дасташ бияфтод ва бишкаст. Робиа бинолид ва охе баровард, ки бим буд, ки ниман хона бисӯзад. Гуфт: Илоҳо! Ин чист, ки бо мани бечора мекунӣ? Овозе шунуд, ки: Ҳон, агар мехоҳӣ, то неъмати ҷумлаи дунё вақфи ту кунам, аммо андӯхи хеш аз дилат вобарам, ки андӯҳ ва неъмати дунё ҳар ду дар як дил ҷамъ наояд. Эй Робиа, туро муроде аст ва моро муроде. Мо ва муроди ту ҳар ду дар як дил ҷамъ наёем! Гуфт: Чун ин хитоб бишнудам, чунон дил аз дунё мунқатеъ гардонидам ва амал кӯтоҳ кардам, ки сӣ сол аст, ки чунон намоз кардам, ки ҳар намозе, ки гузоридам, чунон донистам, ки ин вопасини намозҳои ман хоҳад буд; ва чунон аз халқ сарбурида гаштам, ки чун рӯз буд, аз бими он, ки набояд, ки касе маро аз ӯ ба худ машғул кунад, гуфтам: Худовандо, ба худам машғул гардон, то маро аз ту машғул накунанд.

Нақл аст, ки пайваста менолидӣ. Гуфтанд: Эй азизаи олам, ҳеч иллате зоҳир намебинем ва ту пайваста бо дарду нола мебошӣ! Гуфт: Оре, иллате дорем аз даруни сина, ки ҳамаи табибони олам аз муолаҷаи он оҷизанд ва марҳами ҷароҳат висоли дӯст аст, тааллуле мекунем, то фардо бувад, ки ба мақсуд бирасем, ки чун дард наем, худро ба дардзадагон менамоем, ки кам аз ин намебояд.

Нақл аст, ки ҷамоате аз бузургон бари Робиа рафтанд. Робиа аз яке пурсид, ки: Ту Худойро аз баҳри чаро парастӣ? Гуфт: Ҳафт табақаи дӯзах азамате дорад ва ҳамаро бад-ӯ гузар мебояд кард, ноком аз бими ҳарос. Дигаре гуфт: Дараҷоти биҳишт манзиле шигарф дорад. Пас осоиш мавъуд аст. Робиа гуфт: Бад бандае бувад, ки Худованди хешро аз биму хавф ибодат кунад, ё ба тамаи музд. Пас эшон гуфтанд: Ту чаро мепарастӣ Худойро, (агар) тамаи биҳишт нест? Гуфт: «ал-Ҷору сумма-д-дор!» Гуфт: Моро на худ тамом аст, ки дастурӣ додаанд, то ӯро парастем, агар биҳишту дӯзах набудӣ, ӯро тоат набоистӣ дошт, истеҳқоқи он надошт, ки бевосита тааббуди ӯ кунанд.

Нақл аст, ки бузурге бари ӯ рафт. Ҷоман ӯ сахт бохалал дид. Гуфт: Бисёр касонанд, ки агар ишорат кунӣ, дар ҳаққи ту назре кунанд. Робиа гуфт: Ман шарм дорам, ки дунё

хоҳам аз касе, ки дунё чумла мулки ӯст, пас чӣ гуна тавонам хост дунё аз касе, ки дар дасти ӯ орият аст? Мард гуфт: Инт, баландхиммати пиразане бингар, ки ӯро чӣ гуна бад-ин боло кашидаанд, ки дареғ меоядаш, ки вақти хеш машғул кунад ба суоле аз ӯ.

Накл аст, ки чамоате ба имтиҳон бари ӯ даршуданд ва хостанд, ки бар ӯ сухане бигиранд. Пас гуфтанд: Ҳамаи фазилатҳо бар сари мардон нисор кардаанд ва точи нубувват бар сари мардон ниҳодаанд ва камари каромат бар миёни мардон бастаанд, ҳаргиз пайғамбарӣ ба ҳеч зан наёмадааст. Робиа гуфт: Ин ҳама ҳаст, валекин манӣ ва худпарастӣ ва «Ано Раббукуму-л-аъло» аз гиребони ҳеч зан барнаёмадааст ва ҳеч зан ҳаргиз муханнас набудааст, инҳо дар мардон водид омадааст.

Накл аст, ки вақте бемор шуд ва беморӣ сахт буд. Пурсиданд, ки: Сабаби ин чӣ буд? Гуфт: «Назарту ила-л-ҷаннати фааддабанӣ Раббӣ» - Дар саҳаргоҳ дили мо ба сӯи бихишт назар кард, дӯст бо мо итоб кард, ин беморӣ аз итоби ӯст. Пас Ҳасани Басрӣ ба аёдати ӯ омад. Гуфт: Хочае дидам аз хочагони Басра бар дари савмааи Робиа, кисае зар пеш нихода мегирист. Гуфтам: Эй хоча, чаро мегирйй? Гуфт: Аз барои ин зоҳидаи замон, ки агар баракоти ӯ аз миёни халқ биравад, халқ халок шавад. Ва гуфт: Чизе овардаам барои тааххуди ӯ ва тарсам, ки бинастонад, ту шафоат кун, то қабул кунад. Ҳасан даррафт ва бигуфт. Робиа ба гушаи чашм бад-ӯ нигарист, гуфт: «Ҳува йарзуқу ман йасуббуҳу фало йарзуқу ман йуҳиббуҳу» - Касе, ки ӯро носазо мегӯяд, рӯзӣ аз ӯ бознамегирад; касе, ки ҷонаш ҷӯши муҳаббати ӯ мезанад, ризқ аз ӯ чӣ гуна бозгирад? Ки то ман ӯро шиноҳтаам, пушт дар халқ овардаам ва моли касе намедонам, ки халол аст, ё не, чун бистонам? Ки ба рӯшании чароғи султоне пироҳан бидӯхтам, ки дарида будам, рӯзгоре дилам баста шуд, то ёдам омад; пироҳан бидаридам он ҷо, ки дӯхта будам, то дилам гушода шуд. Он хочаро узр хох, то дилам дар банд надорад.

Абдулвоҳиди Омир гӯяд: Ман ва Суфёни Саврӣ ба беморпурсии Робиа даршудем. Аз ҳайбати ӯ сухан ибтидо натвонистам кард. Суфёнро гуфтам: Чизе бигӯ! Гуфт: Агар

дуое бигӯй, ин ранҷ бар ту саҳл кунад. Рӯй бад-ӯ карду гуфт: Ё Суфён, ту надонӣ, ки ин ранҷ ба ман кӣ хостааст? На Худованд хостааст? Гуфт: Бале. Гуфт: Чун медонӣ, пас маро мефармой, ки аз ӯ дархост кунам ба хилофи хости ӯ? Дӯстро хилоф кардан раво набувад. Пас Суфён гуфт: Ё Робиа, чӣ чизат орзуст? Гуфт: Ё Суфён, ту марде аз ахли илм бошӣ, чаро чунин сухан гӯй, ки чӣ орзу мекунадат? Ба иззати Аллоҳ, ки дувоздаҳ сол аст, ки маро хурмои тар орзу мекунад, ту донӣ, ки дар Басра хурморо хатаре нест, ман ҳанӯз нахӯрда(а)м, ки: бандаам ва бандаро бо орзу чӣ кор? Агар ман хоҳаму Худовандам нахохад, ин куфр бувад; он бояд хост, ки ӯ хоҳад, то бандаи баҳақиқати ӯ бошӣ. Агар ӯ худ диҳад, он кори дигар бувад. Суфён гуфт: Хомӯш шудаму ҳеч нагуфтам. Пас Суфён гуфт: Дар кори ту чун сухан наметавон гуфт, дар кори ман сухане бигӯй! Гуфт: Ту некмардӣ, агар на он аст, ки дунёро дӯст дорӣ. Ва гуфт: Ривояти ҳадис дӯст дорӣ, яъне ин чоҳе аст. Суфён гуфт: Маро риққат овард. Гуфтам: Худовандо, аз ман хушнуд бош! Робиа гуфт: Шарм надорӣ, ки ризои касе ҷӯй, ки ту аз ӯ розӣ най?

Нақл аст, ки Молики Динор гуфт: Дар бари Робиа шудаму уро дидам бо кӯзае шикаста, ки аз он ҷо об хӯрдӣ ва вузӯ сохтӣ ва бӯрёе кӯҳна ва хиште, ки вақте сар бар он ҷо ниҳодӣ. Ва гуфт: Дилам дард гирифт; гуфтам: Маро дӯстони симдор ҳастанд, агар мехоҳӣ, то аз барои ту чизе аз эшон бистонам. Гуфт: Эй Молик, ғалате азим кардӣ. Рӯзидиҳандаи ман ва аз они эшон яке нест? Гуфтам: Ҳаст. Гуфт: Рӯзидиҳанда дарвешонро фаромӯш кардааст ба сабаби дарвешӣ ва тавонгаронро ёд мекунад ба сабаби тавонгарӣ? Гуфтам: На. Пас гуфт: Чун ҳол медонад, чӣ бо ёдаш диҳам? Ӯ чунин хоҳад, мо низ чунон хоҳем, ки ӯ хоҳад.

Нақл аст, ки як рӯз Ҳасани Басриву Молики Динор ва Шақиқи Балхӣ дар бари Робиа рафтанд ва ӯ ранҷур буд. Ҳасан гуфт: «Лайса бисодиқин фӣ даъвоҳу ман лам йасбир ало зарби мавлоҳу» - Содиқ нест дар даъвии ҳеш, ҳар кӣ сабр накунад бар захми мавлои ҳеш. Робиа гуфт: Аз ин сухан бӯи манӣ меояд. Шақиқ гуфт: «Лайса бисодиқин фӣ даъвоҳу ман лам йашкур ало зарби мавло» - Содиқ нест дар

даъвии хеш, хар кй шукр накунад бар захми мавлои хеш. Робиа гуфт: Аз ин бех бояд! Молики Динор гуфт: «Лайса бисодикин фй даъвоху ман лам йаталаззаз бизарби мавлоху» - Содиқ нест дар даъвии хеш, хар кй лаззат наёбад аз захми дўсти хеш. Робиа гуфт: Бех аз ин мебояд! Гуфтанд: Ту бигу! Гуфт: «Лайса бисодикин фй даъвоху ман лам йанса-з-зарба фй мушохадати мавлоху» - Содиқ нест дар даъвии хеш, хар кй фаромўш накунад алами захм дар мушоҳадаи матлуби хеш; ин аҷаб набуд, ки занони Миср дар мушохадаи махлуқ алами захм наёфтанд, агар касе дар мушоҳадаи холиқ бадин сифат бувад, бадеъ набувад.

Нақл аст, ки аз бузургони Басра яке даромаду бар болини ў нишасту дунёро менакўхид сахт. Робиа гуфт: Ту сахт дунёро дўст медорй. Агар дўсташ намедорй, чандинаш ёд накардай, ки шиканандаи коло харидор бувад. Агар аз дунё фориг будй, ба неку бад ёди ў накардатй. Аммо аз он ёд мекунй, ки: «Ман аҳабба шайъан аксара зикраху» - Хар кй чизе дўст дорад, зикри он басе кунад.

Ҳасан гуфт: Як рўз - намози дигар - бари Робиа рафтам. Ў чизе бихост пухт. Гушт дар дег афканда буд, об даркарда. Чун бо ман дар сухан омад, гуфт: Ин сухан хуштар аз дег пухтан. Ҳамчунон хадис мекард, то намози шом бигзоридем. Порае нони хушк биёвард ва кўзаи об, то рўза бигушоем. Робиа рафт, то дег баргирад, дасти ў бисўхт. Нигоҳ кардем, дег пухта шуда буд ва мечўшид ба кудрати Ҳақ таоло. Биёвард ва бо он гўшт бихўрдем ва хўрдание буд, ки бад-он хушй таом харгиз нахўрда будем. Робиа гуфт: Бемор бархоста дег чунин созад.

Суфён гуфт: Дар наздики Робиа шудам. Дар мехроб шуду то рўз намоз мекард ва ман дар гўшаи дигар намоз мекардам то вақти сахар. Пас гуфтам: Ба чй шукр кунем онро, ки моро тавфиқ дод, то хама шаб вайро намоз кардем? Гуфт: Бад-он ки фардо рўза дорем.

Гуфт: Бор Худоё! Агар маро фардои қиёмат ба дўзах фиристй, сирре ошкор кунам, ки дўзах аз ман ба хазорсола рох бигурезад.

Ва гуфтй: Илохо! Моро аз дунё хар чй қисмат кардай, ба душманони худ дех! Ва хар чй аз охират қисмат кардай,

ба дӯстони худ дех, ки маро ту басӣ!

Ва гуфтӣ: Худовандо! Агар туро аз бими дӯзах мепарастем, дар дӯзахам бисӯз! Ва агар ба умеди биҳишт мепарастем, бар ман ҳаром гардон! Ва агар барои ту туро мепарастем, ҷамоли боқӣ дареғ мадор!

Ва дар муноҷот мегуфт: Бор Худоё! Агар маро фардо дар дӯзах кунӣ, ман фарёд бароварам, ки: Вайро дӯст доштам, бо дӯст ин кунанд? Ҳотифе овоз дод, ки: Ё Робиа, «Ло тазунни бино занна-с-суъи» - Ба мо гумони бад мабар, ки мо туро дар ҷавори дӯстони худ фуруд оварем, то бо мо сухани мо мегӯй.

Ва дар муноҷот мегуфт: Илоҳо! Кори ман ва орзуи ман дар дунё аз ҷумлаи дунё ёди ту аст ва дар охират аз ҷумлаи охират ликои ту аст. Аз ман ин аст, ки гуфтам, ту ҳар чӣ хоҳӣ, мекун!

Ва дар муноҷот як шаб мегуфт, ки: Ё Раб, дилам ҳозир кун, ё намози бедил бипазир!

Чун вақти маргаш даромад, мардумон берун шуданд ва дар фароз карданд. Овозе шуниданд, ки: «Йо аййатуҳа-н-нафсу-л-мутмаиннату, ирҷиъи ило Раббики розийатан» (Сураи Фаҷр, оятҳои 27 ва 28). Замоне буд, ҳеч овоз наёмад, дар боз карданд, ҷон бидода буд. Бузургон чунин гуфтанд ки: Робиа ба дунё даромад ва ба охират рафт ва ҳаргиз бо Ҳақ густохӣ накард ва ҳеч нахост ва нагуфт, ки: Маро чунин дор! Ва чунин кун! То бад-он чӣ расад, ки аз халқ чизе хостӣ.

Баъд аз марг уро ба хоб диданд, гуфтанд: Ҳол гӯй, ту аз Мункар ва Накир чун растӣ? Гуфт: Он ҷавонмардон даромаданд, гуфтанд, ки: «Ман Раббука?» Гуфтам: Бозгардед ва Худойро бигӯед, ки бо чандин ҳазор-ҳазор халқ, пиразане - заифасро фаромӯш накардӣ? Ман, ки дар ҳамаи ҷаҳон туро дорам, ҳаргизат фаромӯш накунам, то касеро фиристӣ, ки: Худои ту кист?

Муҳаммад ибни Аслам ат-Тӯсӣ ва Наъмо Тартусӣ - ки дар бодия сӣ ҳазор мардро об доданд - ҳар ду ба сари хоки Робиа омаданд, гуфтанд: Он лоф, ки мезадӣ, ки сар ба ҳар ду сарой фурӯ наёрам, ҳол ба кучо расид? Овоз омад, ки: Расидам, бад-он чӣ дидам. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳо.

10. ЗИКРИ ФУЗАЙЛИ АЁЗ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он мукаддами тоибон, он муаззами ноибон, он офтоби караму эҳсон, он дарёи вараъу ирфон, он аз ду кавн карда эъроз, пири вақт, Фузайли Аёз, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз кибори машоих буд ва айёри тариқат буд ва ситудаи акрон ва марчаи қавм буд; ва дар риёзоту каромот шаъне рафеъ дошт ва дар вараъ ва маърифат беҳамто буд.

Аввали ҳоли ӯ он буд, ки дар миёни биёбони Марву Бовард (Абевард) хайма зада буд ва палосе пӯшидаву кулоҳе пашмин бар сар ниҳода ва тасбеҳе дар гардан афганда ва ёрони бисёр доштӣ, ҳама дуздону роҳзан буданд ва шабу рӯз роҳ заданди ва коло ба наздики Фузайл оварданди, ки мехтари эшон буд; ва ӯ миёни эшон қисмат кардӣ ва он чи хостӣ, насиби худ бардоштӣ ва онро нусха кардӣ ва ҳаргиз аз чамоат даст бинадоштӣ. Ва ҳар чокаре, ки ба чамоат наёмадӣ, ӯро дур кардӣ.

Як рӯз корвоне шигарф меомад ва ёрони ӯ корвон гӯш медоштанд. Марде дар миёни корвон буд ва овози дуздон шунуда буд. Дуздонро бидид; бадрае зар дошт, тадбир мекард, ки инро пинҳон кунад. Бо хештан гуфт: Биравам ва ин бадраро пинҳон кунам, то агар корвон бизананд, ин бизоат созам. Чун аз роҳ як сӯ шуд, хаймаи Фузайл бидид, ба наздики хайма ӯро дид бар сурат ва чоман зоҳидон. Шод шуд ва он бадра ба амонат бад-ӯ супурд. Фузайл гуфт: Бирав ва дар он кунчи хайма бинех! Мард чунон кард ва бозгашт, ба корвонгоҳ расид. Корвон зада буданд, ҳама колоҳо бурда ва мардон баставу афганда. Ҳамаро даст бигушод ва чизе, ки бокӣ монда буд, чамъ карданду рафтанд. Ва он мард ба наздики Фузайл омад, то бадра бистонад. Ӯро дид бо дуздон нишаста ва колоҳо қисмат мекарданд. Мард чун он бидид, гуфт: Бадраи зари хеш ба дузд додам! Фузайл аз дур ӯро

бидид, бонг кард. Мард чун биёмад, гуфт: Чӣ ҳоҷат аст? Гуфт: Ҳам он ҷо, ки ниҳодай, баргир ва бирав! Мард ба хайма даррафт ва бадра бардошту бирафт. Ёрон гуфтанд: Охир, мо дар ҳамаи корвон як дирами нақд наёфтем, ту дах хазор дирам бозмедиҳӣ? Фузайл гуфт: Ин мард ба ман гумони неқӯ бурд, ман низ ба Худой гумони неқӯ бурдаам, ки маро тавба диҳад. Гумони ӯ рост гардонидам, то Ҳақ гумони манро рост гардонад.

Баъд аз он, рӯзе корвоне бизаданду коло бибурданд ва биншастанду таом мехӯрданд. Яке аз ахли корвон пурсид, ки: Мехтари шумо кадом аст? Гуфтанд: Бо мо нест, аз он сӯй дарахте аст бар лаби об, он ҷо намоз мекунад. Гуфт: Вақти намоз нест; гуфт(анд): Татаввӯъ кунад. Гуфт: Бо шумо нон нахӯрад? Гуфт(анд): Ба рӯза аст. Гуфт: Рамазон нест. Гуфт(анд): Татаввӯъ дорад. Ин мардро аҷиб омад. Ба наздики ӯ шуд. Бо хушӯе намоз мекард. Сабр кард, то фориғ шуд. Гуфт: «аз-Зиддони ло йаҷтамиъони», рӯзаву дузди чӣ гуна бувад? Ва намозу мусалмон куштан бо ҳам чӣ кор? Фузайл гуфт: Қуръон донӣ? Гуфт: Донам. Гуфт: На охир, Ҳақ таоло мефармояд: «Ва охарунаътарафу бизунубиҳим халату амалан солиҳан ва охара саййиан?» (Сураи Тавба, ояти 102). Мард ҳеч нагуфт ва аз кори ӯ мутаҳаййир шуд.

Нақл аст, ки пайваста мурувватеву ҳиммате дар табъи ӯ буд, чунонки агар дар кофила зане будӣ, колои вай набурдӣ ва касе, ки сармояи ӯ андак будӣ, моли ӯ настадӣ. Ва бо ҳар касе ба миқдори сармоя чизе бигзоштӣ. Ва ҳама майл ба салоҳ дошти.

Ва дар ибтидо бар зане ошиқ буд, ҳар чӣ аз рох задан ба даст оварди, бари ӯ оварди. Ва гоҳу бегоҳ бар деворҳо мешудӣ дар ҳаваси ишқи он зан ва мегирист. Як шаб корвоне мегузашт. Дар миёни корвон яке Қуръон мехонд. Ин оят ба гуши Фузайл расид: «Алам йаъни ли-л-лазина оману ан тахшаъа қулубуҳум лизикри-л-Лоҳи?» (Сураи Ҳадид, ояти 16). Оё вақт наёмад, ки ин дили хуфтаи шумо бедор гардад? Тире буд, ки бар ҷони ӯ омад. Чунон оят ба муборазати Фузайл берун омад ва гуфт: Эй Фузайл, то кай ту рох занӣ? Гоҳи он омад, ки мо низ роҳи ту бизанем. Аз девор фурӯ афтоду гуфт: Гоҳ-гоҳ омад аз вақт низ баргузашт.

Саросемаву колив ва хичилу бекарор рӯй ба вайронае ниҳод. Ҷамоате корвониён он ҷо фуруд омада буданд, мегуфтанд: Биравем! Яке гуфт: Натвон рафт, ки Фузайл бар роҳи мо аст. Фузайл гуфт: Башорат шуморо, ки ӯ тавба кард.

Пас, хама рӯз мерафт ва мегиристу хасм хушнуд мекард, то дар Бовард ҷухуде бимонд. Аз ӯ биҳиллӣ мехост, биҳилл намекард. Он ҷухуд бо ҷамъи худ гуфт: Имрӯз рӯзе аст, ки бар мухаммадиён истихфоф кунем. Пас гуфт: Агар мехоҳӣ, ки бихиллат кунам - тале рег буд, ки бардоштани он дар вусъи одамӣ душвор будӣ магар ба рӯзгор - гуфт: Ин аз пеш баргир! Фузайл аз сари аҷз пора-пора меандохт ва кор кучо бад-он рост мешуд. Хамс чун дармонд, сахаргохе боде даромад ва онро нопадид кард. Чухуд чунон дид, мутаҳаййир шуд, гуфт: Ман савганд дорам, ки то ту маро мол надиҳӣ, ман туро биҳилл накунам. Акнун даст бад-ин зери ниҳоле кун ва он ҷо зар муште баргир ва маро дех! Савганди ман рост шавад ва туро биҳилл кунам. Фузайл ба хонаи ҷухуд омад ва ҷухуд хок дар зери нихоле карда. Пас даст ба зери ниҳоле даркарду муште динор бардошт ва ӯро дод. Ҷухуд гуфт: Ислом арза кун! Ислом арза кард, то ҷухуд мусалмон шуд. Пас гуфт: Донӣ, ки чаро мусалмон гаштам? Аз он ки то имрӯз дурустам набуд, ки дини хак кадом аст, имрӯз дурст шуд, ки дини хак ислом аст, аз бахри он ки дар «Таврот» хондаам, ки хар кӣ тавба рост кунад, даст, ки бар хок ниҳад, зар шавад. Ман хок дар зери ниҳоле карда будам озмоиши туро. Чун даст ба хок бурдӣ, зар гашт, донистам, ки тавбаи ту хақиқат аст ва дини ту хак аст.

Алкисса, Фузайл якеро гуфт: Аз бахри Худой дасту пои маро бибанд ва маро ба наздики султон бар, ки бар ман хадди бисёр вочиб аст, то бар ман хад бironад. Мард хамчунон кард. Чун султон ӯро бидид, дар симои ӯ ахли салох дид, гуфт: Ман ин натвонам. Бифармуд, то ӯро ба эъзоз ба хона бозбурданд. Чун Фузайл ба дари хона расид, овоз дод. Ахли хона гуфтанд, ки: Овози ӯ бигаштааст, магар захме хӯрдааст! Фузайл гуфт: Бале. Захме азим хӯрдаам. Гуфтанд: Бар кучо? Гуфт: Бар ҷон. Пас даромад. Занро гуфт: Эй зан, ман касди хонаи Худой дорам; агар хоҳӣ, то пои ту гушода кунам. Зан гуфт: Ман харгиз аз ту чудо наравам ва

ҳар ҷо, ки ту бошӣ, бо ту бошам. Пас бирафтанд, то ба Макка расиданд. Ҳақ таоло роҳ бар эшон осон гардонид. Ва он ҷо муҷовир гашт ва баъзе авлиёро дарёфт ва бо имом Абӯҳанифа муддате ҳамсӯҳбат буд.

Ва ривоёти олӣ дорад ва риёзоти шигарф. Ва дар Макка, сухан бар ӯ гушода шуд ва маккиён бар вай ҷамъ шудандӣ ва ҳамаро сухан гуфтӣ, то ҳоли ӯ чунон гашт, ки хешону ақрабои ӯ аз Бовард бархостанд ва ба дидори ӯ омаданд ва дар бизаданд ва дар нагушод. Ва эшон бознамегаштанд. Фузайл бар боми хона омад ва гуфт: Ин-т бекор мардумоне, ки шумо ҳастед, Худой коратон бидиҳод! Ва мисли ин сухан басе гуфт, то ҳама гирён шуданд ва аз даст бияфтоданд. Ва оқибат, ҳама ноумед аз сӯҳбати ӯ, бозгаштанд ва ӯ ҳамчунон бар бом мебуд ва дар нагушод.

Нақл аст, ки як шаб Ҳорунаррашид Фазли Бармакиро - ки яке аз муқарробон буд - гуфт, ки: Имшаб маро бари марде бар, ки маро ба ман намояд, ки дилам аз тоқу тарунб танг даромадааст. Фазл ӯро ба дари хонаи Суфёни Уйайнаҳ бурд. Дар бизаданд. Гуфт: Кист? Гуфт: Амиралмӯъминин. Гуфт: Чаро ранҷа мешавад? Маро хабар боист кард, то ман худ биёмадаме. Ҳорун Фазлро гуфт: Ин он мард нест, ки ман металабам; ин ҳамон толи бакое мезанад, ки мо дар онем. Суфёнро аз он вокеа хабар доданд. Гуфт: Чунонки шумо металабед, Фузайли Аёз аст, он ҷо бояд рафт. Он ҷо рафтанд ва ин оят бармехонд, ки: «Ам ҳасиба-л-лазинаҷтараху-с-саййиоти ан наҷъалаҳум ка-л-лазина оману ва амилу-с-солиҳоти» (Сураи Ҷосия, ояти 21) Ҳорун гуфт: Агар панд металабам, ин кифоят аст. Маънии оят он аст, ки: пиндоштанд, ки бад кирдоре карданд, ки мо эшонро баробар дорем бо касоне, ки накӯкорӣ карданд ва имон оварданд.

Пас, дар бизаданд. Фузайл гуфт: Кист? Гуфт: Амиралмӯъминин аст. Гуфт: Ба наздики ман чӣ кор дорад? Ва ман бо ӯ чӣ кор дорам? Гуфт: Чӣ тоат доштани улуламр воҷиб аст. Гуфт: Маро ташвиш мадиҳед! Гуфт: Ба дастурӣ дароем, ё ба ҳукм? Гуфт: Дастурӣ нест, агар ба икроҳ медароед, шумо донед. Ҳорун даррафт. Чун наздики Фузайл расид, Фузайл чарогро пуф кард, то рӯи ӯ набояд дид. Ҳорун

даст пеш бурд. Фузайлро даст бад-ӯ бозомад. Гуфт: «Мо алйана ҳоза-л-каффа лав начо мина-н-нори» - Чӣ нарм дасте аст, агар аз оташ халос ёбад! Ин бигуфт ва бархост ва дар намоз истод. Ҳорун нек мутаҳаййир шуд ва гиря бад-ӯ афтод. Гуфт: Охир, сухане бигӯ! Фузайл салом боздод ва гуфт: Паларат, амми Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буд. Дархост, ки маро ба қавме амир гардон! Гуфт: Ё амм, як нафас туро бар ту амир кардам; яъне як нафаси ту дар тоати Худой бехтар аз ҳазор сол тоати халк туро: «Инна-л-имората йавма-л-қиёмати ан-надомату».

Ҳорун гуфт: Зиёдат кун. Гуфт: Чун Умар ибни Абдулазизро ба хилофат насб карданд, Солим ибни Абдуллоҳу Рачо ибни Хайват ва Муҳаммад ибни Каъбро бихонд ва гуфт: Ман мубтало шудам бад-ин баллиёт. Тадбири ман чӣ чиз аст, ки инро бало мешиносам, агарчи мардумон неъмат медонанд. Яке гуфт: Агар мехоҳӣ, ки фардо аз азоби Худой начот бувад, пирони мусалмононро чун падари хеш дон ва чавононро бародар ва кудаконро чун фарзандон нигоҳ кун: бо эшон муомалат чунон кун, ки бо падару бародар ва фарзанд кунанд.

Гуфт: Зиёда кун! Гуфт: Диёри ислом чун хонаи ту аст ва ахли он аёлони ту: «зур абока ва акрим ахока ва ахсин ало валадика» -зиёрат кун падарро ва каромат кун бародарро ва некӯӣ кун ба чои фарзанд. Пас гуфт: Метарсам аз рӯи хуби ту, ки ба оташи дӯзах мубтало шавад; аз Худои таоло битарс ва чавоби Худойро сохта кун ва бедору хушёр бош, ки рӯзи қиёмат Хак таоло туро аз они як-яки мусалмонон бозхохад пурсид ва инсофи ҳар як аз ту талаб хоҳад кард. Агар шабе пиразане дар хонае бебарг хуфта бошад, домани ту гирад ва бар ту хасмӣ кунад.

Ҳорун басе бигирист, чунонки хуш аз ӯ зоил хост шуд. Фазли вазир гуфт: Бас, ки амиралмӯъмининро бикуштӣ. Гуфт: Хомӯш бош, эй Хомон, ки ту ва кавми ту ӯро ҳалок мекунанд ва он гоҳ маро мегӯй: Ӯро бикуштӣ. Куштан ин аст. Хорунро бад-ин сухан гиристан зиёдат шуд. Он гоҳ рӯ ба Фазл кард, гуфт: Туро Хомон аз он мегӯяд, ки маро ба чои Фиръавн ниҳод.

Пас Ҳорун гуфт: Туро вом хаст? Гуфт: Бале, вомӣ

Худованд аст бар ман ба тоат. Агар маро бад-ин гирад, вой бар ман! Гуфт: Эй Фузайл, вомн халқ мегуям. Гуфт: Сипос Худой, азза ва ҷалларо, ки маро аз вай неъмати бисёр аст ва ҳеч гилае надорам, то бо бандагонаш бигуям.

Пас Ҳорун суррае хазор динор пеши у ниҳод, ки: Ин ҳалоле аст, аз мероси модари ман аст. Фузайл гуфт: Ё амирулмуъминин, ин пандҳои ман туро ҳеч суд надошт ва ҳам ин ҷо зулм оғоз ниҳодй ва бедодгарй пеш гирифтй. Гуфт: Чй зулм аст? Гуфт: Ман туро ба наҷот мехонам, ту маро дар бало меандозй, ин зулм бувад. Ман туро мегуям: Он чй дорй, ба худованди он боздеҳ! Ту ба дигаре, ки намебояд дод, медихй. Сухани маро фоидае нест.

Ин гуфт ва аз пеши у бархост, зар ба дар берун андохт. Ҳорун берун омад ва гуфт: Оваҳ, «Аййу рачулин хува» - У худ, чй марде аст! Малак, бар ҳақиқат, Фузайл аст ва савлати у азим аст ва ҳакорати дунё дар чашми у бисёр.

Нақл аст, ки як рӯз кӯдаке чаҳорсола дар канор дошт, магар даҳон бар вай ниҳод, чунонки одати падарон бувад. Он кӯдак гуфт: Эй падар, маро дӯст дорй? Гуфт: Дорам. Гуфт: Худойро дӯст дорй? Гуфт: Дорам. Гуфт: Дил чанд дорй? Гуфт: Яке. Он гоҳ гуфт: Ба як дил ду дӯст тавон дошт? Дарҳол бидонист, ки на он кӯдак мегуяд, бал, он таърифе аст ба ҳақиқат. Аз ғайрати Ҳақ даст бар сар задан гирифт ва тавба кард ва дил аз тифл бибурид ва дил ба Ҳақ дод.

Нақл аст, ки як рӯз ба Арафот истода буд. Он ҳама халқ мегиристанд бо чандон тазарруъ ва зорй ва гиристану хоҳиш кардан. Гуфт: Эй субҳоналлоҳ! Агар чандин мардум ба як бор ба наздики марде шаванд ва аз вай як донг сим хоҳанд, чй гуед? Он ҳама мардумро навмед кунад? Он мард гуфт: На! Гуфт: Бар Худованди таоло омурзиши ҳама осонтар аст, аз он ки бар он мард донге сим бидихад, ки у акрамалакрамин аст. Умед он аст, ки ҳамаро омурзида гардонад дар Арафот. Шабонгоҳ аз у пурсиданд, ки: Ҳоли ин мардумон чун мебинй? Гуфт: Ҳама омурзидаанд, агар ман дар миёни эшон наяме. Гуфтанд: Чун аст, ки мо ҳеч тарсандае намебинем? Гуфт: Агар шумо тарсанда будй, тарсгорон аз шумо пушида набуданди, ки: Тарсандаро набинад магар тарсанда ва мотамзада мотамзадагонро тавонад дид.

Гуфтанд: Мард дар кадом вақт дар дӯстии Ҳақ ба ғоят расад? Гуфт: Чун манъ ва ато хар ду бар ӯ яксон шаванд ва ба ғояти муҳаббат расидааст.

Гуфтанд: Чӣ гӯй дар касе, ки хохад, ки лаббайка гӯяд ва захра надорад гуфтан, аз бими он, ки набояд, ки гӯяд: «Ло лаббайка»? Гуфт: Умед чунон медорам, ки дар он мавқиф хар кӣ худро чунин бинад, ҳеч лаббайкгӯе варои ӯ набувад.

Гуфтанд: Асли дин чист? Гуфт: Акл.

Гуфтанд: Асли акл чист? Гуфт: Хилм.

Гуфтанд: Асли хилм чист? Гуфт: Сабр.

Аҳмади Ҳанбал, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт, ки: Аз Фузайл шунидам, ки хар кӣ раёсат талаб кард, хор шуд.

Ва гуфт: Фузайлро гуфтам, ки маро васияте кун! Гуфт: Дум бош, сар мабош! Туро ин басандааст.

Бишри Ҳофӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: Аз ӯ пурсидам, ки зӯҳд фозилтар, ё ризо? Гуфт: Ризо фозилтар, аз он ки розӣ ҳеч манзил талаб накунад болои манзили ҳеш.

Суфёни Саврӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт, ки: Як шаб бари ӯ рафтам. Чумлаи шаб оёт ва ахбору осор мегуфтам. Чун бархостам, гуфтам: Ин-т муборак шабе, ки дӯш буд ва ин-т ситуда нишасте, ки ин шаб буд, ҳамоно, ки ин нишаст бехтар аз вахдат. Фузайл гуфт: Ин-т шум шабе, ки дӯш буд, ин-т накӯхида нишасте, ки нишасти дӯш буд. Гуфт: Чаро чунин гӯй? Гуфт: Чумлаи шаб ту дар банди он будӣ, то сухане некӯ аз кучо гӯй, ки маро хуш ояд ва ман бастаи он будам, то чавобе некӯ аз кучо писанд ояд! Ҳарду ба якдигар ва ба сухани якдигар аз Худой бозмонда будем, танҳоиро дон бехтар ва муноҷот бо Худой.

Як рӯз Абдуллоҳи Муборакро дид, ки рӯй ба ӯ нихода буд. Гуфт: Он чо, ки расидай, бозгард. Ё на ман, бозгардам! Меой, то ту муште сухан бар ман паймой, ман муште низ бар ту паймоям.

Накл аст, ки як рӯз яке касди ӯ кард. Гуфт: Ба чӣ омадӣ? Гуфт: Барои осоиш; ва маро ба дидори ту рохат аст. Гуфт: Ба Худой, ки ин ба вахшат наздиктар аст ва наёмадӣ, илло бад-он ки ту маро фиребе кунӣ ба дурӯғ ва ман туро дурӯғе барпаймоям. Ва ҳам аз он чо бозгард!

Ва гуфтя: Мехоҳам, то бемор шавам, то ба намози ҷамоат

набояд шуд, то халкамро набояд дид.

Ва гуфт: Агар тавонед , ки дар ҷойгохе сокин шавед, ки на кас шуморо донад ва на шумо касро, азим неку бувад. Чунин кунед!

Ва гуфт: Миннате азим фаропазирам аз касе, ки бар ман бигзарад ва маро салом накунад ва чун бемор шавам, ба аёдати ман наёяд.

Ва гуфт: Чун шаб дарояд, шод шавам, ки маро хилвате бувад бе тафриқа бо Ҳак; ва чун субх барояд, андухгин шавам аз кароҳияти дидори халк, ки набояд, ки дароянд ва маро аз ин хилват ташвиш диҳанд.

Ва гуфт: Ҳар киро аз танҳо будан ваҳшат дорад ва ба халқ унс дорад, аз саломат дур аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ сухан аз амал шумурд, суханаш андак бувад, магар дар он ки ӯро ба кор ояд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ аз Худой тарсад, зуфони ӯ гунг бувад.

Ва гуфт: Чун Ҳақ таоло бандаеро дӯст дорад, андуҳаш бисёр диҳад; ва чун душманаш дорад, дунё бар вай фарох гардонад.

Ва гуфт: Агар андухгине дар миёни уммате бигиред, ҷумлаи умматро дар кори он андӯхгин кунанд.

Ва гуфт: Ҳар чизеро закоте аст; ва закоти акл андухи тавил аст, чунонки аҷаб аст, ки касе дар бихишт бувад ва мегиряд ва аз ин аст, ки «Кона расулу-л-Лох, салла-л-Лоху алайҳи ва саллам, мутавосила-л-ахзон».

Ва гуфт: Аҷабтар аз он бувад холи касе, ки дар дунё бувад ва механдад ва намедонад, ки окибати кор чун хохад буд.

Ва гуфт: Панҷ чиз аст аз аломати бадбахтӣ: қасовати дилу нобудани ашк ва бешармиву рағбат дар дунё ва дарозии амал.

Ва гуфт: Чун хавф дар дил сокин шавад, чизе, ки ба кор наёяд, бар зуфони он кас нагзарад; ва бисӯзад аз он хавф манозили шаҳавот ва ҳубби дунё ва рағбат дар дунё аз дил дур кунад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ аз Худой битарсад, ҷумлаи чизҳо аз ӯ битарсад; ва ҳар кӣ аз Худой натарсад, аз ҷумлаи чизҳо битарсад.

Ва гуфт: Хавфу хайбат аз Худой бар қадри илми банда бувад; ва зӯҳди банда дар дунё бар қадри рағбати банда бувад дар охират.

Ва гуфт: Ҳеч одамиро надидаам дар ин уммат, умедвортар ба Худой ва тарсандатар аз Худой, илло Ибни Сирин, разия-л-Лоҳу анҳу.

Ва гуфт: Агар ҳамаи дунё ба ман диҳанд халолу бехисоб, нанг дорам, чунонки шумо аз мурдор нанг доред.

Ва гуфт: Ҷумлаи бадиҳоро дар як хона ҷамъ кардаанд ва калиди он дунёдӯстӣ аст ва ҷумлаи некиҳоро дар як хона ҷамъ кардаанд ва калиди он душмании дунёст.

Ва гуфт: Дар дунё шурӯъ кардан осон аст, аммо аз миён боз берун омадан ва халос ёфтан душвор аст.

Ва гуфт: Дунё бемористон аст ва халқ дар ӯ чун девонагон; ва девонагонро дар бемористон гуллу кайд бошад.

Ва гуфт: Ба Худой, (ки) агар охират аз сафоле будӣ бокӣ ва дунё аз зари фонӣ, сазо будӣ, ки рағбати халқ ба сафоли бокӣ будӣ! Факайфа, ки дунё нест илло сафоли фонӣ ва охират зари бокӣ!

Ва гуфт: Ҳеч касро ҳеч надонанд аз дунё, то аз охираташ сад чунон кам накарданд аз баҳри он ки туро ба назди Худой он хоҳад буд, ки касб кардай ва мекунӣ; акнун хоҳ бисёр кун, хоҳ андак кун.

Ва гуфт: Ба чоҳаи нарм ва таоми хуш лаззат магиред, ки фардо лаззати он чома ва он таом набошад.

Ва гуфт: Мардумон, ки аз якдигар бурида шуданд, ба такаллуф шудаанд; ҳар гоҳ ки такаллуф аз миён бархезад, густоҳ якдигарро битавонанд дид.

Ва гуфт: Худои азза ва ҷалла, ваҳӣ фиристод ба кӯҳҳо, ки: Ман бар яке аз шумо бо паёмбаре сухан хоҳам гуфт. Ҳамаи кӯҳҳо такаббур карданд магар Тури Сино. Бар ӯ сухан гуфт бо Мӯсо, тавозуи ӯро.

Ва гуфт: Аз тавозӯъ фурӯтанӣ кардан аст ва фармон бурдан ва ҳар чӣ гӯед, фаро пазируфтан.

Ва гуфт: Ҳар кӣ хештанро кимате донад, ӯро андар тавозӯъ насибе нест.

Ва гуфт: Се чиз маҷӯед, ки наёбед: олиме, ки илми ӯ ба мизони амал рост бувад, маҷӯед, ки наёбед ва бе илм

занбӯр

бимонед; ва омиле, ки ихлоси ӯ бо амал мувофиқ бувад, мачӯед, ки наёбед ва бе амал бимонед ва бародари бесайб маталабед, ки наёбед ва бе бародар бимонед.

Ва гуфт: Ҳар кӣ бо бародари худ дӯстие зоҳир кунад ба зуфон - ва дар дил душмании ӯ дорад - Худой лаънаташ кунад ва кӯру караш гардонад ба дил.

Ва гуфт: Вақте бад-он ки мекарданд, риё мекарданд; акнун бад-он чӣ намекунанд, риё мекунанд.

Ва гуфт: Даст бидоштани амал барои халқ риё бувад; ва амал кардан барои халқ ширк бувад ва ихлос он бувад, ки Ҳақ таоло ӯро аз ин ду хислат нигоҳ дорад.

Ва гуфт: Агар савганд хӯрам, ки ман муроиям, дӯсттар дорам аз он ки савганд хӯрам, ки ман мурой наям.

Ва гуфт: Асли зӯҳд розӣ будан аст аз Ҳақ таоло ба ҳар чӣ кунад; ва сазовортарин халқ ба ризои Худои таоло аҳли маърифатанд.

Ҳар кӣ Худойро бишносад ба ҳаққи маърифат, парастиши ӯ кунад ба ҳаққи тоат.

Ва гуфт: Футувват даргузаштан бувад аз бародарон.

Ва гуфт: Ҳақиқати таваккул он аст, ки ба ғайри Аллоҳ умед надорад ва аз ғайри Аллоҳ натарсад.

Ва гуфт: Мутаваккил он бувад, ки восиқ бувад ба Худои азза ва ҷалла, ки на Худойро дар ҳар чӣ кунад, муттаҳам дорад; ва на шикоят кунад. Яъне зоҳиру ботин якранг бувад дар таслим.

Ва гуфт: Чун туро гӯянд, ки: Худойро дӯст дорӣ? Хомӯш бош! Ки агар гӯй: на, кофир бошӣ; ва агар гӯй: дорам, феъли ту ба феъли дӯстон намонад.

Ва гуфт: Шармам гирифт аз Худой, азбаски дар мабраз рафтам; ва дар ҳар се рӯзаш як бор ҳоҷат будӣ.

Ва гуфт: Басо мардо, ки ба мабраз равад ва пок бурун ояд ва басо мардо, ки дар Каъба равад ва палид берун ояд.

Ва гуфт: Ҷанг кардан бо хирадмандон осонтар аст, ки халво хӯрдан бо бехирадон.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар рӯи фосиқе бихандад хуш, дар вайрон кардани мусалмон саъй мекунад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ сутуреро лаънат кунад, сутур гӯяд: Омин, аз ману ту ҳар кӣ ба Худой оситар аст, лаънат бар ӯ

бод.

Ва гуфт: Агар маро хабар ояд, ки: Туро як дуо мустачоб аст, хар чй хохй, бихох! Ман он дуо дар хаққи султон сарф кунам, аз бахри он ки агар дар салоҳи хеш дуо кунам, салоҳи ман бувад танхо; ва дар салоҳи султон салоҳи хама халқ бувад.

Ва гуфт: Ду хислат аст, дилро фосид кунад: бисёр хуфтан ва бисёр хўрдан.

Ва гуфт: Дар шумо ду хислат аст, ки хар ду аз чахл аст; яке он ки механдед ва учбе надидаед; ва насихат мекунед ва шаб бедор набудаед.

Ва гуфт: Худои азза ва чалла, мегўяд: Эй фарзанди одам! Агар ту маро ёд кунй, ман туро ёд кунам; ва агар ту маро фаромўш кунй, ман туро фаромўш кунам ва он соат, ки ту маро ёд нахохй кард, он бар ту аст, на аз ту аст; акнун менигар, то чун мекунй.

Ва гуфт: Худой гуфтааст яке аз паёмбаронро, ки башорат дех гунаҳкоронро, ки агар тавба кунед, пазирам; ва бигарсон сиддиқонро, ки агар ба адл ба эшон кор кунам, хамаро укубат кунам.

Як рўз касе бари ў даромад. Гуфт: Маро панде дех! Гуфт: «А арбобун мутафаррикуна хайрун ами-л-Лоху-л-вохиду-л-каххор?»

Як рўз писари худро дид, ки як динор зар месанчид, то ба касе дихад; он шух, ки дар накши дурусти зар буд, пок мекард. Гуфт: Ё писар! Ин туро аз дах хач ва дах умра фозилтар.

Ва як бор писари уро бавл баста омад. Фузайл даст бардошт, гуфт: Ё Раб, ба дўстии ман туро, ки аз ин ранчаш бирахон! Ҳанўз барнахоста буд, шифо падид омада буд.

Пас дар муноҷот гуфтй: Худовандо! Рахмате бикун, ки бар тавбаи ман олимй; ва азобам макун ту, ки бар ман кодирй.

Ва пас гуфтй: Илохо! Маро гурусна медорй ва аёли маро гурусна медорй ва аёли маро барахна медорй ва маро ба шаб чароғ намедихй; ва ту ин бо авлиёи хеш кунй. Ба кадом манзилат Фузайл ин давлат ёфт аз ту?

Накл аст, ки сй сол хеч кас лаби ў хандон надида буд,

магар он рӯз, ки писараш бимурд, табассуме бикард. Гуфтанд: Хоҷа! Ин чӣ вақти ин аст? Гуфт: Донистам, ки Худой розӣ бувад ба марги ин писар, ман мувофақати ризои ӯро табассуме бикардам.

Ва дар охири кор мегуфт: Аз пайғамбаронам рашк нест, ки эшонро ҳам лаҳад, ҳам сирот, хам қиёмат дар пеш аст ва чумла бо кӯтоҳдастӣ, нафсӣ-нафсӣ хоҳанд гуфт; ва аз фариштагон рашк нест, ки хавфи эшон зиёдат аз хавфи банӣ одам аст ва эшонро дар банӣ одам нест; ва ҳар киро ин дард набувад, ман он нахоҳам; лекин аз он кас рашк аст, ки ҳаргиз аз модар назод ва нахоҳад зод!

Накл аст, ки рӯзе мукрие - хушхон - пеши ӯ омад ва ояте бархонд. Гуфт: Ӯро пеши писари ман баред, то бархонад. Ва гуфт: Зинҳор, то ояте барнахонӣ, ки сифати дӯзаху қиёмат бувад, ки ӯро тоқати он набувад. Иттифоқан мукрӣ сураи «ал-Қориа» бархонд, дарҳол наърае бизад ва ҷон бидод.

Чун аҷалаш наздик омад, ду духтар дошт. Аёлро васият кард, ки: Чун ман бимирам, ин духтаронро баргир ва бар кӯхи Бӯқубайс бирав ва рӯй сӯи осмон кун ва бигӯ, ки: Худовандо, Фузайл маро васияте кард ва гуфт: То ман зинда будам, ин зинҳориёнро ба тоқати хеш медоштам; чун маро ба зиндони гӯр маҳбус гардонидӣ, зинҳориёнро боздодам.

Чун Фузайлро дафн карданд, аёлаш ҳамчунон кард, ки ӯ гуфта буд: бар сари кӯҳе шуд ва духтаронро он ҷо бурд ва муноҷот кард ва басе бигирист ва навҳа оғоз кард. Ҳамон соат амири Яман бо ду писари худ он ҷо бигузашт, эшонро дид бо гиристан ва зорӣ. Гуфт: Шумо аз кучоед? Он зан ҳол баргуфт. Амир гуфт: Ин духтаронро ба ин писарони хеш додам, ҳар якеро дах ҳазор динор ковин кардам. Ту бад-ин басанда кардӣ? Гуфт: Кардам. Дарҳол аморихову фаршҳо ва дебохо бисохт ва эшонро ба Яман бурд: «Ман кона ли-л-Лохи, кона-л-Лоҳу лах».

Абдуллохи Муборак гуфт: Чун Фузайл бимурд, андӯхи ҳама бархост.

11. ЗИКРИ ИБРОҲИМ ИБНИ АДҲАМ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он султони дунёву дин, он симурғи қофи яқин, он ганҷи олами узлат, он хазинаи сарои давлат, он шоҳи иқлими аъзам, он парвардаи лутфу карам, пири вақт Иброҳим ибни Адҳам, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Муттақии вақт буд ва сиддиқи давлат буд ва ҳуҷҷату бурҳони рӯзгор буд ва дар анвои муомалоти миллату аснофи ҳақоиқ хаззе тамом дошт ва мақбули ҳама буд ва басе машоихро дида буд ва бо имом Абӯҳанифа сӯҳбат дошта буд.

Ва Ҷунайд, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Мафотиҳу-л-улуми Иброҳиму» - Калиди илмҳои тариқат Иброҳим аст.

Ва як рӯз пеши Абӯҳанифа, разия-л-Лоҳу анҳу, даромад, асҳоби Абӯҳанифа вайро ба чашми тақсир нигаристанд. Бӯҳанифа гуфт: «Саййидуно Иброҳим». Асҳоб гуфтанд: Ин сиёдат ба чӣ ёфт? Гуфт: Бад-он, ки доим ба хидмати Худованд машғул бувад ва мо ба хидмати танҳоии худ машғул.

Ва ибтидои ҳоли ӯ он буд, ки ӯ подшоҳи Балх буд ва оламе зери фармон дошт ва чиҳил шамшери заррину чиҳил гурзи заррин дар пешу паси ӯ мебурданд. Як шаб бар тахт хуфта буд. Ними шаб сақфи хона бичунбид, чунонки касе бар бом меравад. Овоз дод, ки: Кист? Гуфт: Ошност, уштуре гум кардаам, бар ин бом талаб мекунам. Гуфт: Эй чоҳил! Уштур бар бом мечӯи? Гуфт: Эй ғофил, ту Худойро дар ҷомаи атлас, хуфта бар тахти заррин металаби! Аз ин сухан ҳайбате ба дили ӯ омад ва оташ дар дилаш афтод. То рӯз наёрист хуфт. Чун рӯз баромад, ба суффа бозшуд ва бар тахт нишаст - мутафаккиру мутаҳаййир ва андӯҳгин - аркони давлат, ҳар яке бар ҷойгоҳи хеш истоданд. Ғуломон саф кашиданд ва бори ом доданд. Ногоҳ марде бохайбат аз дар даромад, чунонки хеч касро аз ҳашаму ҳадам заҳра набуд, ки гӯяд:

Ту кистӣ? Ҷумларо зуфонҳо ба гулӯ фурӯ шуд. Ҳамчунон меомад то пеши тахт. Иброҳим гуфт: Чӣ мехоҳӣ? Гуфт: Дар ин работ фурӯ меоям. Гуфт: Ин работ нест, сарои ман аст. Ту девонаӣ! Гуфт: Ин сарой пеш аз ин аз они кӣ буд? Гуфт: Аз они падарам. Гуфт: Пеш аз он? Гуфт: Аз они падари падарам. Гуфт: Пеш аз он? Гуфт: Аз они фалон кас. Гуфт: Пеш аз он? Гуфт: Аз они падари фалон кас. Гуфт: Ҳама кучо шуданд? Гуфт: Бирафтанд ва бимурданд. Гуфт: Пас на работ ин бувад, ки яке меояду яке мегузарад? Ин бигуфт ва нопадид шуд. Ва ӯ Хизр, алайҳи-с-салом, буд.

Сӯзу оташи ҷони Иброҳим зиёда шуд ва дардаш бар дард бияфзуд, то ин чӣ хол аст? Ва он ҳол яке сад шуд, ки диди рӯз бо шуниди шаб ҷамъ шуд ва надонист, ки аз чӣ шунид ва нашнохт, ки имрӯз чӣ дид. Гуфт: Асб зин кунед, ки ба шикор меравам, ки маро имрӯз чизе расидааст, намедонам, чист. Худовандо! Ин ҳол ба кучо хоҳад расид?

Асб зин карданд, рӯй ба шикор ниҳод. Саросема дар саҳро мегашт, чунонки намедонист, ки чӣ мекунад. Дар он саргаштагӣ аз лашкар ҷудо афтод. Дар роҳ овозе шунуд, ки: «Интабиҳ» - Бедор гард. Ношунида кард ва бирафт. Дуввум бор ҳамин овоз омад, ҳам ба гӯш дарнаёварад. Саввум бор ҳамон шунуд, хештанро аз он дур афканд. Чаҳорум бор овоз шунуд, ки: «Интабиҳ қабла ан тунаббаҳа» - Бедор гард, пеш аз он ки-т бедор кунанд! Ин ҷо якборагӣ аз даст шуд. Ногоҳ оҳуе падид омад. Хештанро машғул бад-ӯ кард. Оҳу бад-ӯ ба сухан омад, ки: Маро ба сайди ту фиристодаанд, ту маро сайд натвонӣ кард. «Алиҳозо хуликта ав биҳозо умирта?» - Туро аз барои ин кор офаридаанд, ки мекунӣ! Ҳеч кори дигар надорӣ? Иброҳим гуфт: Оё ин чӣ ҳоле аст? Рӯй аз оҳу бигардонид; ҳамон сухан, ки аз оҳу шунида буд, аз карабуси зин овоз омад, фазаеву хавфе дар ӯ падид омад ва кашф зиёдат гашт. Чун Ҳақ таоло хост, то кор тамом кунад, се дигар бор аз гӯи гиребон ҳамон овоз омад. Он кашф ин ҷо ба тамом расид ва малакут бар ӯ гушода гашт: фурӯ омад ва якин ҳосил шуд ва чумлаи чомаву асб аз оби чашмаш оғушта гашт. Тавбае кард насӯҳвор; ва рӯй аз роҳ як сӯ ниҳод. Шубонеро дид намаде пӯшида ва кулоҳе аз намад бар сар нихода, гӯсфандон дар пеш карда. Бингарист, ғуломи вай

буд. Кабои зар кашида ва кулохи муғаррақ бад-ӯ дод ва ғусфандон бад-ӯ бахшид ва намад аз ӯ бистад ва дарпӯшиду кулохи намад бар сар ниход ва ҷумлаи малакут ба назораи ӯ биистоданд, ки: Зихӣ салтанат, ки рӯй ба писари Адхам ниҳод! Ҷомаи начаси дунё бияндохт ва хилъати фақр дарпӯшид.

Пас ҳамчунон пиёда дар кӯҳҳову биёбонҳои бесару бун мегашт ва бар гуноҳони худ навха мекард, то ба Марврud расид. Он ҷо пуле аст. Мардеро дид, ки аз он пул дарафтод ва агар обаш бибурдӣ, дарҳол халок шудӣ. Аз дур бонг кард: «Аллоҳумма ихфазҳу!» Мард дар ҳаво бимонд, то бирасиданд ва ӯро баркашиданд ва дар Иброхим хира бимонданд, то ин чӣ марде аст?

Пас аз он ҷо бирафт, то ба Нишобур афтод. Гӯшае холӣ меҷуст, ки ба тоат машғул шавад, то бад-он ғор афтод, ки машҳур аст. Нӯҳ сол сокини ғор шуд, дар ҳар хонае се сол; ва кӣ донист, ки ӯ дар шабҳою рӯзҳо дар он ҷо дар чӣ кор буд! Ки марде азиму сармояе шигарф мебояд, то касе ба шаб, танҳо, дар он ҷо битавонад буд: рӯзи панҷшанбе ба болои ғор баррафтӣ ва пуштае ҳезум гирд кардӣ ва субҳгоҳ рӯй ба Нишобур кардӣ ва онро бифрӯхтӣ ва намози ҷумъа бигзоридӣ ва бад-он сим нон харидӣ ва нимае ба дарвеш додӣ ва нимае ба кор бурдӣ ва бад-он рӯза гушодӣ ва то дигар ҳафта боз он сохтӣ.

Накл аст, ки дар замистон, шабе дар он хона буд ва бағоят сард буд ва ӯ ях фурӯ шикаста буд ва ғусле карда. Чун ҳама шаб сармо буд ва то саҳаргоҳ дар намоз буд, вақти сахар бим буд, ки аз сармо ҳалок гардад. Магар хотираш оташе талаб кард. Пӯстине дид дар пушт уфтода ва дар хоб шуд. Чун аз хоб даромад, рӯз равшан шуда буд ва ӯ гарм гашта. Бингарист: он пӯстин аждаҳое буд бо ду чашми чун ду сукраи хун. Азим ҳаросе дар ӯ падид омад. Гуфт: Худовандо! Ту инро дар сурати лутф ба ман фиристодӣ, кунун дар сурати қаҳраш мебинам; тоқат намедорам! Дарҳол аждаҳо бирафт ва ду-се бор пеши ӯ рӯй дар замин молид ва нопадид гашт.

Накл аст, ки чун мардумон аз кори ӯ огоҳ шуданд, аз ғор бигурехт ва рӯй ба Макка ниҳод. Ва он вакт, ки Шайх

Бӯсаид, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, ба зиёрати он ғор рафта буд, гуфт: Субҳоналлоҳ, агар ин ғор пури мушк будӣ, чандин бӯй надодӣ, ки ҷавонмарде ба сидқ, рӯзе чанд ин ҷо будааст, ин ҳама равҳу роҳат гузоштааст.

Пас Иброҳим аз бими шӯҳрат рӯй дар бодия ниҳод. Яке аз акобири дин дар бодия бад-ӯ расид, номи меҳини Худованд бад-ӯ омӯхт ва бирафт. Ӯ бад-он номи меҳин Худойро бихонд. Дарҳол Хизр, алайҳи-с-саломро дид. Гуфт: Эй Иброҳим, он бародари ман буд, Довуд, ки номи меҳин дар ту омӯхт. Пас миёни Хизру ӯ басе сухан бирафт. Ва пири ӯ Хизр, алайҳи-с-салом, буд, ки аввалаш ӯ даркашида буд ба изни Аллоҳ, таоло.

Ва дар бодия, ки мерафт, гуфт: Ба Зотулирқ расидам, ҳафтод мураққаъпӯшро дидам, ҷон бидода ва хун аз биниву гӯши эшон равон шуда. Гирди он қавм баромадам. Якеро рамақе ҳанӯз монда буд. Пурсидам, ки: Эй ҷавонмард, ин чӣ ҳолат аст? Гуфт: Эй писари Адҳам, «Алайка би-л-мои ва-л-михроб!» Дури дур марав, ки маҳҷур гардӣ ва наздики наздик маё, ки ранҷур гардӣ. Кас мабодо, ки бар бисоти салотин густохӣ кунад! Битарс аз дӯсте, ки ҳоҷиёнро чун кофарони Рум мекушад ва бо ҳоҷиён ғазо мекунад. Бидон, ки мо қавме будем сӯфӣ. Қадам ба таваккул бар бодия ниҳодем ва азм кардем, ки сухан нагӯем ва ҷуз аз Худованд андеша накунем ва ҳаракату сукун аз баҳри ӯ кунем ва ба ғайре илтифот нанамоем. Чун бодия гузора кардем ва ба эҳромгоҳ расидем, Хизр, алайҳи-с-салом, ба мо расид, салом кардем ва ӯ саломро ҷавоб дод. Шод шудем. Гуфтем: «Алҳамдули-л-Лоҳ», ки сафар баруманд омад ва толиб ба матлуб пайваст, ки чунин шахсе ба истиқболи мо омад, ҳолӣ ба ҷонҳои мо нидо карданд, ки: Эй каззобон ва муддаиён! Қавлатону аҳдатон ин буд? Маро фаромӯш кардед ва ба ғайри ман машғул гаштед? Биравед, ки то ман ба ғаромат, ҷони шумо ба ғорат набарам ва ба теғи ғайрат хуни шумо нарезам, бо шумо сулҳ накунам! Ин ҷавонмардонро, ки мебинӣ, ҳама сухтагони ин бозхостанд. Ҳало, эй Иброҳим, ту низ агар сари ин дорӣ, пой дар «роҳ» нех ва илло, дур шав! Иброҳим ҳайрон ва саргардони он сухан шуд. Гуфт: Гуфтам: Туро чаро раҳо карданд? Гуфт: Гуфтанд: Эшон

пухтаанд, ту ҳанӯз хомӣ, соате ҷон кан! То ту низ пухта шавӣ. Чун пухта шудӣ, ту низ аз пай дарой. Ин бигуфт ва ӯ низ ҷон бидод.

Ҳунрез бувад ҳамеша дар кишвари мо,
Ҷон уд бувад ҳамеша дар мичмари мо.
Дорӣ сари мо вагарна дур аз бари мо,
Мо дӯст кушему ту надорӣ сари мо.

Накл аст, чаҳордаҳ сол дар қатъи бодия кард, ки ҳамаи рох дар намозу тазарруъ буд, то ба наздики Макка расид. Пирони ҳарам хабар ёфтанд, ҳама ба истиқболи ӯ берун омаданд. Ӯ хештан дар пеши қофила андохт, то касе ӯро нашносад. Ходимон аз пеш бирафтанд, Иброҳимро бидиданд, дар пеши қофила меомад; ӯро надида буданд, надонистанд. Чун бад-ӯ расиданд, гуфтанд: Иброҳими Адҳам наздик расидааст, ки машоихи ҳарам ба истиқболи ӯ берун омадаанд? Иброҳим гуфт, ки: Чӣ мехоҳед аз он зиндиқ? Эшон дарҳол силӣ дар ӯ бастанд. Гуфтанд: Машоихи Макка ба истиқболи ӯ мешаванд, ту ӯро зиндиқ мегӯӣ? Ман мегӯям, зиндиқ ӯст. Чун аз ӯ даргузаштанд, Иброҳим рӯй ба худ кард ва гуфт: Ҳон! Мехостӣ, ки машоих ба истиқболи ту оянд, боре силӣ чанд бихӯрдӣ! Алҳамдулиллоҳ, ки ба коми худат бидидам. Пас дар Макка сокин шуд, рафиқонаш падид омаданд ва аз касби дасти худ хӯрдӣ, дурудгарӣ кардӣ.

Накл аст, ки чун аз Балх бирафт, ӯро писаре монд ба шир. Чун бузург шуд, падари хешро аз модар талаб кард. Модар ҳол бигуфт, ки: Падари ту гум шуд. Ба Балх мунодӣ фармуд, ки ҳар киро орзуи ҳаҷ аст, биёяд. Чаҳор ҳазор кас биёмаданд, ҳамаро нафақа дод ва уштури хеш дод ва ба ҳаҷ бурд, ба умеди он ки Худой дидори падараш рӯзӣ кунад. Чун ба Макка даромаданд, ба дари масҷиди Ҳаром мураққаъдорон буданд. Пурсид эшонро, ки: Иброҳими Адҳамро шиносед? Гуфтанд: Ёри мост, моро мизбонӣ кардааст ва ба талаби таом рафта. Нишони вай бихост, бар асари вай бирафт, ба Батҳои Макка берун омаданд. Падарро дид пойбараҳна ва сарбараҳна, бо пуштае ҳезум ҳамеомад. Гиря бар ӯ афтод ва худро нигоҳ дошт. Пас паи ӯ гирифт ва ба бозор омад ва бонг мекард: «Ман йаштари-т-тайиба би-

т-тайиби?» – Ҳалоле ба ҳалоле кӣ харад? Нонвое хондаш ва хезум бистаду нонаш бидод. Нон ба сӯи асҳоби худ бурд ва пеши эшон ниҳод. Писар тарсид, ки: Агар гӯям, ман киям, аз ӯ бигурезад. Бирафт, то бо модар тадбир кунад, то тариқ чист ӯро бо даст овардан? Модараш ба сабр фармуд, гуфт: Сабр кун, то ҳаҷ бигузорем.

Чун писар бирафт, Иброҳим бо ёрон нишаста буд, васият кард: Ёрон, ки имрӯз дар ин ҳаҷ занон бошанд ва кӯдакон; чашм нигаҳ доред! Ҳама қабул карданд. Чун ҳоҷиён дар Макка омаданд ва хонаро тавоф карданд, Иброҳим бо ёрон дар тавоф буд. Писаре соҳибҷамол дар пеш омад. Иброҳим тез бад-ӯ нигарист. Ёрон он бидиданд, аз ӯ аҷаб доштанд. Чун аз тавоф фориғ шуданд, гуфтанд: «Раҳимакал-Лоҳ», моро фармудӣ, ки: Ба ҳеҷ зану кӯдак нигоҳ макунед! Ва ту худ ба ғуломи некурӯй нигоҳ кардӣ? Гуфт: Шумо дидет? Гуфтанд: Дидем. Гуфт: Чун аз Балх биёмадам, писаре ширхора раҳо кардам, чунин донам, ки ин ғулом он писар аст. Рӯзи дигар ёре аз пеши Иброҳим берун шуду қофилаи Балхро талаб карду ба миёни қофила даромад. Ба миён хаймае дид аз дебо зада ва курсӣ дар миёни хайма ниҳода ва он писар бар он курсӣ нишаста ва Қуръон мехонду мегирист. Он ёри Иброҳим бор хосту гуфт: Ту аз кучоӣ? Гуфт: Ман аз Балх. Гуфт: Писари кистӣ? Писар даст бар рӯ ниҳод ва гиря бар ӯ афтод ва мусҳаф аз даст ниҳод. Гуфт: Ман падарро надидаам, магар дирӯз, намедонам, ки ӯ ҳаст ё на? Ва метарсам, ки агар гӯям, бигурезад, ки ӯ аз мо гурехтааст. Падари ман Иброҳими Адҳам аст, малики Балх.

Он мард ӯро баргирифт, то сӯи Иброҳим овард. Модараш бо ӯ ба ҳам бархост ва омад то наздики Иброҳим. Ва Иброҳим бо ёрон пеши рукни ямонӣ нишаста буданд. Аз дур нигоҳ кард, он ёри худро дид бо он кӯдак ва модараш. Чун он зан ӯро бидид, бихурӯшид ва сабраш намонд, гуфт: Инак падарат! Растахезе падид омад, ки сифат натвон кард. Ҷумлаи халқ ва ёрон як бор дар гиря омаданд. Чун писар ба худ бозомад, бар падар салом кард. Иброҳим ҷавоб дод ва дар каноараш гирифту гуфт: Бар кадом динӣ? Гуфт: Бар дини ислом. Гуфт: Алҳамдулиллоҳ. Дигар пурсид, ки: Қуръон медонӣ? Гуфт: Донам. Гуфт: Алҳамдулиллоҳ. Дигар пурсид, ки: Илм

омӯхтай? Гуфт: Омӯхтаам. Гуфт: Алҳамдулиллоҳ. Пас Иброҳим хост, то биравад, писар, албатта, даст аз ӯ раҳо намекард ва модараш фарёд дарбаста буд. Иброҳим рӯй сӯи осмон кард, гуфт: «Илоҳо, агиснӣ!» Пас андар канори ӯ ҷон бидод. Ёрон гуфтанд: Ё Иброҳим, чӣ афтод? Гуфт: Чун ӯро дар канор гирифтам, меҳри ӯ дар дилам бичунбид, нидо омад, ки: «Эй Иброҳим! Таддаъӣ маҳаббатано ва туҳиббу маъано ғайрано?» - Даъвии дӯстии мо кунӣ ва бо мо ба ҳам дигаре дӯст дорӣ ва ба дигаре машғул шавӣ ва дӯстӣ ба анбозе кунӣ ва ёронро васият кунӣ, ки ба ҳеҷ зани бегонаву кӯдак нигоҳ макунед ва ту бад-он зану кӯдак дил овезидӣ? Чун ин нидо бишнидам, дуо кардам, ки: Ё Раббулиззат, маро фарёд рас! Агар муҳаббати ӯ маро аз муҳаббати ту машғул хоҳад кард, ё ҷони ӯ бардор, ё ҷони ман! Дар ҳаққи ӯ иҷобат афтод.

Агар касеро аз ин ҳол аҷаб ояд, гӯем, ки Иброҳим писаре қурбон кард, аҷаб нест.

Накл аст, ки Иброҳим гуфт: Шабхо фурсат меҷустам, то Каъбаро холӣ ёбам аз туввоф ва ҳоҷате хоҳам. Ҳеҷ фурсате намеёфтам, то шабе бороне азим меомад; бирафтам ва фурсатро ғанимат шумурдам, то чунон шуд, ки Каъба монд ва ман. Тавофе кардам ва даст дар ҳалқа задам ва исмат хостам аз гуноҳ. Нидое шунидам ки: Исмат мехоҳӣ ту аз гуноҳ. Ҳамаи халқ аз ман ҳамин мехоҳанд, агар ҳамаро исмат дихам, дарёҳои ғаффориву ғафурӣ ва раҳмониву раҳимии ман кучо шавад? Пас гуфтам: «Аллоҳумма иғфирлӣ зунубӣ!» Нидое шунудам, ки: Аз ҳамаи ҷахон бо мо сухан гӯӣ ва сухани худ гӯӣ. Он беҳ, ки сухани ту дигарон гӯянд.

Дар муноҷот гуфтааст: Илоҳо, ту медонӣ, ки ҳашт биҳишт дар ҷанби икроме, ки бо ман кардай, андак аст; ва дар ҷанби муҳаббати хеш ва дар ҷанби унс додан маро ба зикри хеш ва дар ҷанби фароғате, ки маро додай дар вақти тафаккур кардани ман дар азамати ту.

Ва дигар муноҷоти ӯ ин буд: Ё Раб, маро аз зулли маъсият ба иззи тоат овар! Мегуфтӣ: Илоҳо, оҳ, «Ман арафака ҳалам йаърифка ва кайфа ҳолу ман лам йаърифка?» - Оҳ он, ки туро медонад, намедонад, пас чӣ гуна бошад, ҳоли касе, ки туро надонад.

Нақл аст, ки гуфт: Понздаҳ сол сахтиву машаққат кашидам, то нидое шунидам, ки: «Кун абдан фастарахта» - Бирав ва банда бош ва дар роҳат афтодӣ! Яъне: «Фастаким камо умирта» (Сураи Ҳуд, ояти 112).

Нақл аст, ки аз ӯ пурсиданд, ки: Туро чӣ расид, ки он мамалакатро бимондӣ? Гуфт: Рӯзе бар тахт нишаста будам, оинае дар пеши ман доштанд, дар он оина нигоҳ кардам, манзили ҳуд гӯр дидам ва дар он мунисе на; сафаре дароз дидам дар пеш ва маро зоде на; козие одил дидам ва маро ҳуҷҷат на. Мулк бар дилам сард шуд. Гуфтанд: Чаро аз Хуросон бигурехтӣ? Гуфт: Он чо басе мешунидам, ки дӯст чун бувад ва чӣ гуна. Гуфтанд: Чаро зане намехоҳӣ? Гуфт: Ҳеч зан, шӯйе кунад, то шавҳар гуруснаву барахна дорадаш? Гуфтанд: На. Гуфт: Ман аз он зан намекунам, ки ҳар зане, ки ман кунам, гурусна ва бараҳна монад. Агар тавонаме, худро талоқ диҳаме, дигаре бар фитрок бо хештан ғарра чун кунам? Пас аз дарвеше, ки ҳозир буд, пурсид, ки: Зан дорӣ? Гуфт: На. Гуфт: Фарзанд дорӣ? Гуфт: На. Гуфт: Нек нек аст. Дарвеш гуфт: Чӣ гуна? Гуфт: Он дарвеш, ки зан кард, дар киштӣ нишаст ва чун фарзанд омад, ғарқ шуд.

Нақл аст, ки як рӯз дарвешеро дид, ки менолид, гуфт: Пиндорем, ки дарвеширо ройгон харидай! Гуфт: Дарвеширо харанд? Гуфт: Боре, ман ба мулки Балх харидам, ҳанӯз бех арзад.

Нақл аст, ки касе Иброҳимро ҳазор динор овард, ки: Бигир. Гуфт: Ман аз дарвешон настонам. Гуфт: Ман тавонгарам. Гуфт: Аз он ки дорӣ, зиёдат боядат? Гуфт: Бояд. Гуфт: Баргир, ки сари ҳамаи дарвешон туӣ, худ ин дарвешӣ намебувад, гадой бувад.

Сухани уст, ки гуфт: Сахттарин ҳоле, ки маро пеш ояд, он бувад, ки чое бирасам, ки маро бишносанд, ки даромаданди халқ ва маро бишнохтандӣ ва маро машғул карданди; он гоҳ маро аз он чо бояд гурехт. Надонам, ки кадом саъбтар аст: ба вакти ношинохтан зулл кашидан, ё ба вакти шинохтан аз изз гурехтан?

Ва гуфт: Мо дарвешӣ чустем, тавонгарӣ пеш омад; мардумони дигар тавонгарӣ чустанд, эшонро дарвешӣ пеш омад.

Марде дах ҳазор дирам пеши ӯ бурд, напазируфт. Гуфт: Мехоҳӣ, ки номи ман аз миёни дарвешон пок кунӣ ба ин кадар сим?

Накл аст, ки чун вориде аз ғайб бар ӯ фурӯ омадӣ, гуфтӣ: Кучоянд мулуки дунё, то бубинанд, ки ин чӣ кору бор аст, то аз мулки худашон нанг ояд.

Ва гуфт: Содиқ нест ҳар кӣ шаҳват талаб кунад.

Ва гуфт: Ихлос сидқи ният аст бо Худойи таоло.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дили худро ҳозир наёбад дар се мавзеъ, нишони он аст, ки дар бар ӯ бастаанд: яке дар вақти хондани Қуръон, дуввум дар вақти зикр гуфтан, саввум дар вақти намоз кардан.

Ва гуфт: Аломати ориф он бувад, ки бештари хотири ӯ дар тафаккур бувад ва дар ибрат ва бештари сухани ӯ сано бувад ва мидҳати Ҳақ ва бештари амали ӯ тоат ва бештари назари ӯ дар латоифи сунъ бувад ва қудрат.

Ва гуфт: Санге дидам дар рохе афтода ва бар вай набишта, ки: «Иқлиб ва иқраъ» - Баргардон ва бархон! Баргардонидам ва бархондам. Бад-он санг навишта буд, ки: Чун ту амал накунӣ бад-он чӣ медонӣ, чӣ гуна металаби, он чӣ намедонӣ?

Ва гуфт: Дар ин тарик ҳеч чиз бар ман сахттар аз муфоракати китоб набуд, ки фармуданд, ки: Мутолаа макун!

Ва гуфт: Гаронтарин аъмол дар тарозу он хоҳад буд фардо, ки имрӯз бар ту гарон аст.

Ва гуфт: Се ҳичоб бояд, ки аз пеши дили солик бархезад, то дари давлат бар ӯ гушода гардад: яке он, ки агар мамлакати ҳар ду олам ба атои абадӣ бад-ӯ диҳанд, шод нагардад аз барои он ки ба мавҷуде шод гардад ва ҳануз марде харис аст ва «ал-Ҳарису маҳрумун». Дуввум ҳичоб он аст, ки агар мамлакати ҳар ду олам ӯро бувад ва аз ӯ бистонанд, ба ифлос андӯҳгин нагардад, аз барои он ки ин нишони сахт бувад ва «ас-Сохиту муъаззабун». Саввум он, ки ба ҳеч мадҳу навохт фирефта нагардад, ки ҳар кӣ ба навохт фирефта гардад, ҳакири ҳиммат гардад ва ҳакири ҳиммат маҳҷуб бувад, олиҳиммат бояд, ки бувад.

Накл аст, ки якеро гуфт: Хоҳӣ, ки аз авлиё бошӣ? Гуфт: Бале. Гуфт: Ба як зарраи дунё ва охират рағбат макун ва рӯй

ба Худой ор ба куллият ва хештан аз мо сӯи Аллох фориғ гардон ва таоми ҳалол хӯр, бар ту на сиёми рӯз асту на қиёми шаб.

Ва гуфт: Ҳеч кас дарнаёфт пойгохи мардон ба намозу рӯзаву ғазо ва ҳаҷ магар бад-он ки бидонист, ки дар ҳалқи хеш чӣ дармеорад.

Гуфтанд: Ҷавоне аст, сохибвақд ва ҳолате дорад ва риёзате шигарф мекунад. Иброҳим гуфт: Маро он ҷо барет, то ӯро бубинам! Бибурданд. Ҷавон гуфт: Меҳмони ман бош! Се рӯз он ҷо бошид ва муроқабати ҳоли он ҷавон кард, зиёдат аз он буд, ки гуфта буданд: Ҷумлаи шаб бехобу бекарор буд, як лаҳза намеосуд ва намехуфт. Иброҳимро ғайрате омад; Гуфт: Мо чунин фусурда ва вай ҷумлаи шаб бехобу бекарор! Гуфт: Биё, то бахси ҳоли ӯ кунем, то ҳеч аз шайтон дар ин ҳолат роҳ ёфтааст, ё хама холис аст, чунонки мебояд? Пас бо худ гуфт: Он чӣ асоси кор аст, тафаҳҳус бояд кард. Пас асоси кори восил кори луқма аст. Бахси луқмаи ӯ кард, на бар ваҷҳи ҳалол буд. Гуфт: Аллоху акбар, шайтонс аст. Пас, ҷавонро гуфт: Ман се рӯз меҳмони ту будам, боз ту биё ва чиҳил рӯз меҳмони ман бош! Ҷавон гуфт: Чунон кунам. Иброҳим аз муздурӣ луқма хӯрдӣ. Пас ҷавонро биёварду луқмаи хеш медод. Ҷавонро ҳолаташ гум шуд ва шавқаш намонд ва ишқаш нопадид гашт. Он гармиву бекарорӣ ва бехобиву гиряи вай пок бирафт. Иброҳимро гуфт: Охир, ту бо ман чӣ кардӣ? Гуфт: Оре, луқмаи ту бавақҳ набуд; шайтон бо он ҳаме дар ту мерафту меомад. Чун луқмаи ҳалол ба ботини ту фурӯ шуд, он чӣ туро менамуд, чун ҳама намуди шайтон буд, ба луқмаи ҳалол , ки асли кор аст, падид омад. То бидонӣ, ки асоси ин ҳадис луқмаи ҳалол буд.

Нақл аст, ки Суфёнро гуфт: Ҳар кӣ шиносад, он чӣ металабад, хор гардад дар чашми ӯ он чӣ базл бояд кард.

Суфёнро гуфт: Ту мӯхточӣ ба андак якин, агарчи илм бисёр дорӣ.

Нақл аст, ки як рӯз Иброҳиму Шақиқ ҳар ду бо ҳам буданд. Шақиқ гуфт: Чаро аз халқ мегурезӣ? Гуфт: Дини хеш дар канор гирифтаам ва аз ин шаҳр бад-он шаҳр ва аз ин сари кӯҳ ба он сари кӯҳ мегурезам; ҳар кӣ маро бинад,

пиндорад, ки ҳумоиам (иям) ё васвос дорам, то магар дин аз дасти Иблис нигоҳ дорам ва ба саломат имон аз дарвозаи марг берун барам.

Накл аст, ки дар рамазон ба рӯз гиёҳ дурудӣ ва он чӣ бидодандӣ, ба дарвешон доди ва ҳамаи шаб намоз кардӣ ва ҳеч нахуфтӣ. Гуфтанд: Чаро ҳоб бо дидаи ту ошно нашавад? Гуфт: Зеро ки як соат аз гиристан намеосоям. Чун бад-ин сифат бошам, ҳоб маро чӣ гуна ҷоиз бувад. Чун намоз бигзоридӣ, даст ба рӯи ҳуд бозниҳодӣ, гуфтӣ: Метарсам, ки набояд, ки ба рӯям бозананд!

Накл аст, ки як рӯз ҳеч наёфт. Гуфт: Илоҳо! Агарам ҳеч надиҳӣ, ба шукрона чаҳорсад ракъат намоз зиёдат кунам. Се шаби дигар ҳеч наёфт; Ҳамчунин чаҳорсад ракъат намоз кард, то шаби ҳафтумин расид. Заъфе дар вай падид омад, гуфт: Илоҳо! Агарам бидиҳӣ, шояд! Дарҳол чавоне биёмад, гуфташ: Ба қуте ҳочат ҳаст? Гуфт: Ҳаст. Ӯро ба хона бурд. Чун дар рӯи ӯ нигарист, наърае бизад. Гуфтанд: Чӣ буд? Гуфт: Ман ғуломи туам ва ҳар чӣ дорам, аз они туст. Гуфт: Озодат кардам ва ҳарчӣ дар дасти ту аст, ба ту бахшидам, маро дастурӣ деҳ, то биравам. Ва баъд аз ин гуфт: Ахд кардам, Илоҳо! Ба ҷуз аз ту ҳеч нахоҳам, ки аз касе нон хостам, дунёро пеши ман овардӣ.

Накл аст, ки се тан ҳамроҳи ӯ шуданд. Як шаб дар масҷиде хароб ибодат мекарданд. Чун бихуфтанд, вай бар дар истод то субҳ. Ӯро гуфтанд: Чаро чунин кардӣ? Гуфт: Ҳаво азим сард буд ва бод сард; хештанро ба чое даркардам, то шуморо ранҷ камтар бувад!

Накл аст, ки Атои Суламӣ овардааст ба исноди Абдуллоҳи Муборак, ки Иброҳим дар сафаре буд ва зодаш намонд. Чихил рӯз сабр карду гил хӯрд ва бо кас нагуфт, то ранҷе аз вай ба бародарони вай нарасад.

Накл аст, ки Сахл ибни Иброҳим гӯяд: Бо Иброҳими Адҳам сафар кардам. Ман бемор шудам. Он чӣ дошт, бифурӯхт ва бар ман нафақа кард. Орзуе аз вай хостам; харе дошт, бифурӯхт ва бар ман нафақа кард. Чун бехтар шудам, гуфтам: Хар кучост? Гуфт: Бифурӯхтам. Гуфтам: Бар кучо нишинам? Гуфт: Ё бародар! Бар гардани ман нишин. Се манзил маро бар гардан ниҳоду бибурд.

Накл аст, ки Атои Суламӣ гуфт: Як бор Иброҳимро нафақа намонд, понздаҳ рӯз рег хӯрд: гуфт: Аз меваи Макка чиҳил сол аст, то нахӯрдаам, вагарна дар ҳоли назъ будаме, хабар накардаме. Ва аз баҳри он нахӯрд, ки лашкариён баъзе аз он заминҳои Макка харида буданд.

Накл аст, ки чандин ҳаҷ пиёда бикард, аз чоҳи Замзам об барнакашид; гуфт: Зеро ки далву расани он аз моли султон харида буданд.

Накл аст, ки ҳар рӯзе ба муздурӣ рафтӣ ва то шаб кор кардӣ ва ҳар чӣ бистадӣ, дар ваҷҳи ёрон харҷ кардӣ, аммо то намози шом бигзоридӣ ва чизе бихаридӣ ва бари ёрон омадӣ, шаб даршикаста будӣ. Як шаб ёрон гуфтанд: Ӯ дер меояд, биёед, то мо нон бихӯрем ва бихусбем, то ӯ баъд аз ин бегоҳтар ояд ва моро дар банд надорад. Чунон карданд. Чун Иброҳим биёмад, эшонро дид хуфта. Пиндошт, ки ҳеч нахӯрда будаанд ва гурусна хуфтаанд. Дарҳол оташ даргиронид ва порае орд оварда буд, хамир кард, то эшонро чизе созад, то чун бедор шаванд, бихӯранд, то рӯз рӯза тавонанд дошт. Ёрон аз хоб даромаданд, ӯро диданд маҳосин бар хок нихода ва оташ пуф-пуф мекард ва об аз чашми ӯ мерафт ва дуд гирд бар гирди ӯ гирифта. Гуфтанд: Чӣ мекунӣ? Гуфт: Шуморо хуфта дидам, гуфтам магар чизе наёфтаед ва гурусна бихуфтаед; аз чиҳати шумо чизе месозам, то чун бедор шавед, тановул кунед. Эшон гуфтанд: Бингаред, ки ӯ бо мо дар чӣ андеша аст ва мо бо ӯ дар чӣ андеша будем!

Накл аст, ки ҳар кӣ бо ӯ сӯҳбат хостӣ дошт, шарт бикардӣ, гуфтӣ: Аввал ман хидмат кунам ва бонги намоз ман гӯям ва ҳар футӯҳе, ки бошад дунёӣ, ҳар ду баробар бошем! Вакте марде гуфт: Ман токати ин надорам. Иброҳим гуфт: Ман дар ачаб мондаам аз сидки ту.

Накл аст, ки марде муддате дар сӯҳбати Иброҳим буд, муфоракат хост кардан. Гуфт: Ё хоҷа! Айбе, ки дар ман дидаӣ, маро хабар кун. Гуфт: Дар ту хеч айбе надидаам, зеро ки дар ту ба чашми дӯстӣ нигаристаам, лочарам ҳар чӣ аз ту дидаам, маро хуш омадааст.

Накл аст, ки аёлдоре буд, намози шом мерафту хеч чиз надошт аз таом; ва гурусна буду дилтанг, ки ба атфолу аёл чӣ гӯям, ки дасттихӣ меравам? Дар дарде азим мерафт.

Иброҳимро дид, сокин нишаста. Гуфт: Ё Иброҳим, маро аз ту ғайрат меояд, ки ту чунин сокину фориғ нишастай ва ман чунин саргардону оҷиз? Иброҳим гуфт: Ҳар чӣ мо кардаем, аз ҳаҷҳо ва ибодатҳои мақбулу хайроти мабрур, ин ҷумларо, ба ту додем, ту як соат андӯхи худро ба мо додӣ.

Нақл аст, ки Муътасим пурсид аз Иброҳим, ки: Чӣ пеша дорӣ! Гуфт: Дунёро ба толибони дунё мондаам ва уқборо ба толибони уқбо раҳо кардаам ва бигузидам дар ҷаҳон зикри Худой ва дар он ҷаҳон лиқои Худой.

Дигаре аз ӯ пурсид, ки: Пешаи ту чист? Гуфт: Ту надонистай, ки коркунони Худойро ба пеша ҳоҷат нест?

Нақл аст, ки яке Иброҳимро гуфт: Эй бахил! Гуфт: Ман вилояти Балх мондааму тарки маликӣ гирифтам, ман бахил бошам! То рӯзе музаййине мӯи ӯ рост мекард; муриде аз они ӯ он ҷо бигузашт, гуфт: Чизе дорӣ? Ҳамёне зар он ҷо бинҳод; вай ба музаййин дод. Соиле бирасид, аз музаййин чизе бихост, музаййин гуфт: Баргир! Иброҳим гуфт: Дар ҳамён зар аст. Гуфт: Медонам, эй бахил! «ал-Ғиноу ғинаал-қалби ло ғина-л-моли». Гуфт: Зар аст! Гуфт: Эй баттол, ба он кас медиҳам, ки медонад, ки чист. Иброҳим гуфт: Ҳаргиз он шармро бо ҳеч муқобала натавонам кард ва нафсро ба муроди хеш он ҷо дидам.

Вайро гуфтанд: То дар ин роҳ омадӣ, ҳеч шодӣ ба ту расидааст? Гуфт: Чанд бор: як бор ба киштӣ дарбудам ва маро киштибон намешинохт. Ҷомае халак дошгам ва мӯе дароз ва бар ҳоле будам, ки аз он аҳли киштӣ ҷумла ғофил буданд ва бар ман механдиданду афсӯс мекарданд. Ва дар киштӣ масхарае буд: ҳар соате биёмадӣ, мӯи сари ман бигирифтӣ ва баркандӣ ва силӣ бар гардани ман задӣ; ман худро ба муроди худ ёфтаме ва бад-он хории нафси худ шод мешудаме, ки ногоҳ мавҷе азим бархост ва бими халок падид омад. Маллоҳ гуфт: Яке аз инҳоро дар дарё мебояд андохт, то киштӣ сабук шавад. Маро гирифтанд, то дар дарё бияндозанд, мавҷ биншасту киштӣ ором гирифт. Он вакт, ки гӯшам гирифта буданд, то дар об андозанд, нафсро ба мурод дидам ва шод шудам.

Як бори дигар ба масҷиде рафтам, то бихусбам, раҳо намекарданд; ва ман аз заъфу мондагӣ чунон будам, ки

барнаметавонистам хост. Поям гирифтанд ва мекашиданд; ва масҷидро се пойгоҳ буд. Сарам бар ҳар пояе, ки биёмадӣ, бишкастӣ ва хун равон шудӣ; нафси худро ба муроди хеш дидам. Ва чун маро бар ин се пойгоҳ барандохтандӣ, бар ҳар пойгоҳе сирри иқлиме бар ман кашф шуд, гуфтам: Кошкӣ пояи масҷид зиёдат будӣ, то сабаби давлат зиёдат будӣ.

Як бори дигар он буд, ки дар ҳоле гирифтор омадам, масхарае бар ман бавл кард; он ҷо низ шод шудам.

Як бори дигар: пӯстине доштам, ҷунбандаи бисёр дар ӯ афтода буд ва маро мехӯрданд; ногоҳ аз он ҷомаҳо, ки дар хазина нихода будам, ёдам омад. Нафс фарёд баровард, ки: Охир ин чӣ ранҷ аст? Он ҷо низ нафс ба мурод дидам.

Нақл аст, ки гуфт: Як бор дар бодия бар таваккул будам, чанд рӯз чизе наёфтам. Дӯсте доштам, гуфтам: Агар бар вай равам, таваккулам ботил шавад. Дар масҷид шудам ва бар забон бирондам, ки «Таваккалту ала-л ҳаййи-л-лазӣ ло йамут, ло илоҳа илло ҳува!» Ҳотифе овоз дод, ки: Субҳон он Худое, ки пок гардонидааст рӯи заминро аз мутаваккилон. Гуфтам: Чаро? Гуфт: Мутаваккил кӣ бувад? Он, ки барои лукмае, ки дӯсте маҷозӣ ба вай диҳад, роҳе дароз дар пеш гирад ва он гоҳ гӯяд: «Таваккалту ала-л-ҳаййи-л-лазӣ ло йамут», дурӯтеро таваккул ном кардаӣ!

Ва гуфт: Вақте зоҳиде мутаваккилро дидам, пурсидам, ки: Ту аз кучо хӯрӣ? Гуфт: Ин илм ба наздики ман нест, аз рӯзидиҳанда пурс! Маро бо ин чӣ кор?

Ва гуфт: Вақте гуломе харидам, гуфтам: Чӣ номӣ? Гуфт: То чӣ хонӣ! Гуфтам: Чӣ хӯрӣ? Гуфт: То чӣ диҳӣ! Гуфтам: Чӣ пӯшӣ? Гуфт: То чӣ пӯшонӣ! Гуфтам: Чӣ кунӣ? Гуфт: То чӣ фармоӣ! Гуфтам: Чӣ хоҳӣ? Гуфт: Бандаро бо хост чӣ кор? Пас бо худ гуфтам: Эй мискин! Ту дар ҳамаи умр Худойро ҳамчунин бандае будаӣ? Бандагӣ бояд биёмӯз! Чандоне бигиристам, ки ҳуш аз ман зоил шуд.

Ва ҳаргиз ӯро касе надид мураббаъ нишаста. Ӯро пурсиданд, ки: Чаро ҳаргиз мураббаъ нанишинӣ? Гуфт: Як рӯз, чунин нишаста, овозе шунидам аз ҳаво, ки: Эй писари Адҳам! Бандагон дар пеши худовандон чунин нишинанд? Рост биншастам ва тавба кардам.

Накл аст, ки вакте аз ӯ пурсиданд, ки: Бандаи кистӣ? Бар худ биларзиду бияфтод ва дар хок гаштан гирифт. Он гох бархост ва ин оят бархонд: «Ин куллу ман фӣ-с-самовоти ва-л-арзи илло оти-р-рахмони абдан» (Сураи Марям, ояти 93). Ӯро гуфтанд: Чаро аввал чавоб надодӣ? Гуфт: Тарсидам, ки гӯям бандаи ӯям, ӯ хаккки бандагӣ аз ман талаб кунад, гӯяд: Хаккки бандагии мо чун гузориди? Ва агар гӯям: На, натавонам, харгиз ин худ касе гуфт?

Накл аст, ки аз ӯ пурсиданд ки: Рӯзгор чун мегузорӣ? Гуфт: Чор маркаб дорам, боздошта: чун неъмате падид ояд, бар маркаби шукр нишинам ва пеши ӯ бозравам ва чун маъсияте падид ояд, бар маркаби тавба нишинам ва пеши вай бозравам; ва чун мехнате падид ояд, бар маркаби сабр нишинам ва пеши вай бозравам; ва чун тоате падид ояд, бар маркаби ихлос нишинам ва пеши вай бозравам.

Ва гуфт: То аёли худро чун бевагон накуниву фарзандони худро чун ятимон накунӣ ва дар шаб, дар хокдони сагон нахусбӣ, тамаъ мадор, ки дар саффи мардон рох дихандат ва дар ин харф, ки гуфт он мӯхташам, дуруст омад, ки подшохӣ бигзошт, то бад-ин чой расид.

Накл аст, ки рӯзе чамоате аз машоих нишаста буданд. Иброхим касди сӯхбати эшон кард. Гуфтанд: Бирав! Ки ханӯз аз ту ганди подшохӣ меояд! Бо он кирдор, ӯро ин гӯянд, то дигаронро чӣ гӯянд?

Накл аст, ки аз ӯ пурсиданд, ки: Чаро дилхо аз Хак махчуб аст? Гуфт: Зеро ки дӯст дорӣ он чӣ Хак душман доштааст, ба дӯстии ин гулхани фонӣ, ки сарои лаъбу лахв аст, машғул шудай ва тарки сарои чанноти наими муким гуфтай, мулкеву хаёте ва лаззате, ки онро на нуксоне бувад ва на инкитоъ.

Накл аст, ки яке гуфт: Маро васияте бикун. Гуфт: Худовандро ёд дор ва халкро бигзор!

Дигареро васият кард, гуфт: Баста бигушой! Ва гушода бибанд! Гуфт: Маро ин маълум намешавад. Гуфт: Кисаи баста бигушой ва забони гушода бибанд!

Ва Ахмади Хизравия гуфт: Иброхим мардеро дар тавоф гуфт: Дарачаи солехон наёбӣ, то аз шаш акаба нагзарӣ: яке он ки дари неъмат бар худ бибандӣ ва дари мехнат бар худ

бигушой; ва дари изз барбандӣ ва дари зулл бигушой ва дари хоб барбандӣ ва дари бедорӣ бигушой; ва дари тавонгарӣ бубандӣ ва дари дарвешӣ бигушой; ва дари амал бубандӣ ва дари ачал ва дари ороста будан ва дари сохтагӣ кардани марг бигушой!

Накл аст, ки Иброҳим нишаста буд, марде наздики ӯ омад, гуфт: Эй шайх, ман бар худ басе зулм кардаам, маро сухане бигӯй, то онро имоми худ созам. Иброҳим гуфт: Агар қабул кунӣ аз ман, шаш хислат нигоҳ дорӣ, баъд аз он ҳар чӣ кунӣ, зиён надорад: аввал он аст, ки чун маъсияте ҳоҳӣ, ки бикунӣ, рӯзии вай махӯр! Гуфт: Ҳар чӣ дар олам аст, ризки ӯ аст, ман аз кучо хӯрам? Иброҳим гуфт: Неку бувад, ки ризки ӯ хӯрӣ ва дар вай осӣ шавӣ? Дуввум, чун хоҳӣ, ки маъсияте кунӣ, чое кун, ки мулки ӯ набувад! Гуфт: Ин сухан мушкилтар бувад, ки аз Машриқ то ба Мағриб билодуллоҳ аст, ман кучо равам? Гуфт: Неку набувад, ки сокини мулки ӯ бошӣ ва дар вай осӣ шавӣ. Саввум, чун хоҳӣ, ки маъсияте кунӣ, чое кун, ки ӯ туро набинад! Гуфт: Ин чӣ гуна тавонад буд? Ӯ олимуласрор аст ва донандаи замоир аст? Иброҳим гуфт: Нек бошад, ки ризқи ӯ хӯрӣ ва сокини билоди ӯ бошӣ ва дар назари ӯ маъсияте кунӣ, дар чое, ки туро бинад? Чаҳорум, гуфт: Чун малакулмавт ба наздики ту ояд, бигӯй: Мӯхлатам дех, то тавба кунам! Гуфт: Ӯ ин сухан аз ман қабул накунад. Иброҳим гуфт: Пас қодир най, ки малакулмавтро аз худ дафъ кунӣ, тавонад буд, ки пеш аз он ки биёяд, тавба кунӣ; ва он ин соатро дону тавба кун! Панчум, чун Мункар ва Накир бар ту оянд, ҳар дуро аз хештан дафъ кун! Гуфт: Натвонам. Гуфт: Пас кори чавоби эшон омода кун! Шашум, он аст, ки фардои қиёмат, ки гуноҳкоронро мефармоянд, ки: Ба дӯзах баред! Ту бигӯ, ки: Ман намеравам! Гуфт: Онро тамом аст; ва дархол тавба кард ва дар тавба буд шаш сол, то аз дунё рехлат кард.

Накл аст, ки аз Иброҳим пурсиданд, ки: Сабаб чист, ки Худовандро мехонему ичобат намеояд. Гуфт: Аз бахри он ки Худойро медонеду тоаташ намедоред; ва расулро медонеду тоаташро намедоред ва мутобаати суннати вай намекунед; ва Қуръон мехонеду бад-он амал намекунед; ва неъмати Худой мехӯреду шукр намекунед; ва медонед, ки

бихишт ороста аст, барои мутеон ва талаб намекунед; ва мешиносед, ки дӯзах сохтааст бо ағлоли оташин барои осиён ва аз он наметурезет; ва медонед, ки марг ҳаст ва сози марг намесозед; ва модару падару фарзандонро дар хок мекунет ва аз он ибрат намегирет; ва медонед, ки шайтон душман аст, бо ӯ адоват намекунет, балки бо ӯ месозет; ва аз айби худ даст намедоред ва ба айби дигарон машғул мешавет. Касе, ки чунин бувад, дуои ӯ чӣ гуна мустаҷоб бошад?

Нақл аст, ки пурсиданд, ки: Мардро чун гурусна шавад ва чизе надорад, чӣ кунад? Гуфт: Сабр кунад, як рӯзу ду рӯз ва се рӯз. Ва гуфт: Дах рӯз сабр кард, чӣ кунад? Гуфт: Моҳе барояд. Гуфтанд: Охир ҳеч нахохад. Гуфт: Сабр кунад! Гуфтанд: То кай? Гуфт: То бимирад, ки дият бар кушанда бувад.

Нақл аст, ки гуфтанд: Гӯшт гарон аст. Гуфт: Мо арзон кунем! Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Нахаремӯ нахӯрем.

Нақл аст, ки як рӯзаш ба даъвате хонда буданд; магар мунтазири касе буданд, дер меомад. Яке аз чамъ гуфт: Ӯ марди тезрав буд! Гуфт: Эй шикам! То маро аз ту чӣ мебояд дид? Пас гуфт: Наздики мо гӯшт пас аз нон хӯранд, шумо нахуст гӯшт хӯред. Дархол бархост, ки: Ғайбат кардан гӯшти мардумон хӯрдан аст.

Нақл аст, ки касди хаммоме кард ва чомаи халиқ дошт, рох надонданаш. Ҳолате бар ӯ падид омад, гуфт: Бо дасти тиҳӣ ба хонаи дев рох намедиханд, бетоат дар хонаи рахмон чун рох диханд?

Нақл аст, ки вакте дар бодия мутаваккил мерафтам. Се рӯз чизе наёфтам. Иблис биёмад ва гуфт: Подшоҳӣ ва он чандон неъмат бигзоштӣ, то гурусна ба ҳач меравӣ; бо тачаммул ба ҳач хам тавон шуд, ки чандин ранч ба ту нарасад! Гуфт: Чун ин сухан аз вай бишнудам, ба сарболой бирафтам, гуфтам: Илоҳо! Душманро бар дӯст гуморӣ, то маро бисӯзонад? Маро фарёд рас, ки ман ин бодияро ба маддади ту қатъ тавонам кард. Овоз омад, ки: Ё Иброҳим! Он чӣ дар чайб дорӣ, берун андоз, то он чӣ дар гайб аст, мо берун оварем. Даст дар чайб кардам, чаҳор донг нукра буд, ки фаромӯш монда буд. Чун бинндохтам, Иблис аз ман бирамид ва кувате аз гайб падид омад.

Накл аст, ки гуфт: Вақте чанд рӯз гурусна будам, ба хӯшачинӣ рафтам. Ҳар боре ки доман пур аз хӯша кардам, маро бизадандӣ ва бистондандӣ; то чиҳил бор чунин карданд. Чиҳилу якум чунин кардам ва ҳеч нагуфтанд. Овозе шунидам, ки: Ин чиҳил бор дар муқобалаи он чиҳил сипари заррин аст, ки дар пеши ту мебурданд.

Накл аст, ки гуфт: Вақте боғе ба ман доданд, то нигоҳ дорам. Худованди боғ омаду гуфт: Анори ширин биёр! Биёвардам, турш буд. Гуфт: Нори ширин биёр! Табақе дигар биёвардам, ҳам турш буд. Гуфт: Эй субҳоналлоҳ, чандин гоҳ дар боғе бошӣ, нори ширин надонӣ? Гуфт: Ман боғи туро нигоҳ медорам ва таъми анор надонам, ки начашидаам. Мард гуфт: Бад-ин зоҳидӣ, ки туӣ, гумон барам, ки Иброҳими Адҳамӣ. Чун ин бишнидам, аз он ҷо бирафтам.

Накл аст, ки гуфт: Як шаб Ҷабраилро ба хоб дидам, ки аз осмон ба замин омад, саҳифае дар даст. Суол кардам, ки: Ту чӣ хоҳӣ кард? Гуфт: Номи дӯстони Ҳақ менависам. Гуфтам: Номи ман бинавис! Гуфт: Аз эшон най. Гуфтам: Дӯсти дӯстони Ҳаққам. Соате андеша кард, пас гуфт: Фармон расид, ки: Аввал номи Иброҳим сабт кун, ки умед дар ин роҳ аз навмедӣ падид ояд.

Накл аст, ки гуфт: Шабе дар масҷиди Байтулмуқаддас хештанро дар миёни бӯрёе пинҳон кардам, ки ходимон намегузоштанд, то касе дар масҷид бошад. Чун порае аз шаб бигзашт, дари масҷид гушода шуд, пире даромад, палосе пӯшида ва чиҳил тан дар қафои ӯ, ҳар як палосе пӯшида. Он пир дар меҳроб шуд ва ду ракъат намоз гузорид ва пушт ба меҳроб бозниҳод. Яке аз эшон гуфт: Имшаб, яке дар ин масҷид аст, ки на аз мост. Он пир табассум карду гуфт: Писари Адҳам аст, чиҳил рӯз аст, то ҳаловати ибодат намеёбад. Чун ин бишнудам, берун омадаму гуфтам: Чун нишон медиҳӣ, ба Худой бар ту, ки бигӯй, ки ба чӣ сабаб аст? Гуфт: Фалон рӯз дар Басра хурмо харидӣ, хурмое афтода буд, пиндоштӣ, ки азони туст, бардоштӣ ва дар хурмои худ бинҳодӣ. Чун ин бишнудам, ба бари хурмофурӯш рафтам ва аз ӯ биҳиллӣ хостам! Хурмофурӯш ӯро биҳилл карду гуфт: Чун кор бад-ин борикӣ аст, ман тарки хурмо фурӯхтан гуфтам. Аз он кор тавба карду дукон барандохт ва аз чумлаи

абдол гашт.

Накл аст, ки Иброҳим рӯзе ба саҳро рафта буд. Лашкарие пеш омад. Гуфт: Ту чӣ каси? Гуфт: Бандае. Гуфт: Ободонӣ аз кадом тараф аст? Ишорат ба гӯристон кард. Он мард гуфт: Бар ман истихфоф мекунӣ! Ва тозиёнае чанд бар сари ӯ зад ва сари ӯро бишкасту хун равон шуд ва расане дар гардани ӯ карду меовард. Мардуми шаҳр пеш омаданд. Чун чунон диданд, гуфтанд: Эй нодон! Ин Иброҳими Адҳам аст - валии Худой. Он мард дар пои ӯ афтоду аз ӯ узр хост ва биҳиллӣ мехост ва гуфт: Маро гуфтӣ: Ман бандаам. Гуфт: Кист, ки ӯ банда нест? Гуфт: Ман сари ту бишкастам, ту маро дуое кардӣ! Гуфт: Он муомалат ту бо ман кардӣ, туро дуои нек мекардам. Насиби ман аз ин муомалат, ки ту кардӣ, биҳишт буд, нахостам, ки насиби ту дӯзах бувад. Гуфт: Чаро ишорат ба гӯристон кардӣ ва ман ободонӣ хостам? Гуфт: Аз он ки ҳар рӯз гӯристон маъмуртар аст ва шаҳр харобтар.

Яке аз авлиёи Ҳақ гуфт: Биҳиштиёнро ба хоб дидам, ҳар яке домане пур карда. Гуфтам: Ин чӣ ҳолат аст? Гуфтанд: Иброҳими Адҳамро нодоне сар бишкастааст, ӯро чун дар биҳишт оранд, фармояд, ки то гавҳарҳо бар сари ӯ нисор кунанд, ин доманҳо ва остинҳо пур аз он аст.

Накл аст, ки вақте ба масте баргузашт, дахонаш олуда буд, об оварду дахони он маст бишуст ва мегуфт, ки: Дахане, ки зикри Ҳақ бар он дахон рафта бошад, олуда бигзорӣ, беҳурматӣ бувад. Чун ин мард бедор шуд, ӯро гуфтанд: Зоҳиди Хуросон дахонатро бишуст. Он мард гуфт: Ман низ тавба кардам. Пас аз он Иброҳим ба хоб дид, ки гуфтанд: Ту аз барои мо дахане шустӣ, мо дили туро бишустем.

Накл аст, ки Санавбарӣ гӯяд, ки дар Байтулмуқаддас бо Иброҳим будам, дар вақти қайлула дар зери дарахти аноре фурӯ омад ва рақъате чанд намоз кардем. Овозе шунудам, аз он дарахт, ки: Ё Боисҳоқ, моро гиромӣ гардон ва аз ин анорҳо чизе бихур! Иброҳим сар дар пеш афканд. Се бор дарахт ҳамон мегуфт. Пас дарахт гуфт: Ё Бомуҳаммад, шафоат кун, то аз анори мо бихурад! Гуфтам: Ё Боисҳоқ, мешунавӣ? Гуфт: Оре, чунин кунам. Бархосту ду анор барканд, яке бихӯрду яке ба ман дод, турш буд ва он дарахт кӯтоҳ буд. Чун бозгаштам, вақте боз ба он дарахти анор

расидам, дарахт дидам, бузург шуда ва анор ширин ғашта ва дар соле ду бор анор кардӣ ва мардумон он дарахтро «руммону-л-обидин» ном карданд, ба баракати Иброҳим. Ва обидон дар сояи ӯ нишастандӣ.

Нақл аст, ки бо бузурге бар сари кӯҳе нишаста буд ва сухан мегуфт. Ин бузург аз ӯ пурсид, ки: Нишони он мард, ки ба камол расида бувад, чист? Гуфт: Агар кӯҳро гӯяд, ки бирав, дар рафтан ояд. Дарҳол кӯҳ дар рафтан омад. Иброҳим гуфт: Эй кӯҳ, ман туро намегӯям, ки: бирав! Валекин бар ту масал мезанам.

Нақл аст, ки Рачо гӯяд, ки: Бо Иброҳим дар киштӣ будам. Бод бархост ва ҷаҳон торик шуд; гуфтам, оҳ, киштӣ ғарқ шуд! Овозе аз ҳаво даромад, ки: Аз ғарқа шудани киштӣ, матарсед, ки Иброҳими Адҳам бо шумост. Дарсоат бод бинишаст ва ҷаҳони торик равшан шуд.

Нақл аст, ки Иброҳим вақте дар киштӣ нишаста буд, боде бархост азим, чунонки киштӣ ғарқа хост шудан. Иброҳим нигоҳ кард, курросае дид овехта. Курроса бардошт ва дар ҳаво бидошт, гуфт: Илоҳо, моро ғарқа кунӣ, китоби ту дар миёни мо бошад! Дарсоат бод биёромид, овоз омад, ки: «Ло афъал».

Нақл аст, ки вай дар киштӣ хост нишастан ва сим надошт. Гуфтанд: Ҳар касеро диноре бибояд дод. Ду ракаат намоз гузорид ва гуфт: Илоҳо, аз ман чизе мехоҳанд ва надорам. Дарвақт он дарё ҳама зар шуд, муште баргирифт ва бад-эшон дод.

Нақл аст, ки рӯзе бар лаби Дачла нишаста буд ва хирқаи жандаи худ пора медухт, сӯзанаш дар дарё афтод. Касе аз ӯ пурсид, ки: Мулке чунон аз даст бидодӣ, чӣ ёфтӣ? Ишорат кард ба дарё, ки: Сӯзанам бозднхет! Ҳазор моҳӣ аз дарё баромад, ҳар яке сӯзане заррин ба даҳон гирифта. Иброҳим гуфт: Сӯзани хеш хоҳам! Моҳияке заиф баромад, сӯзани ӯ ба даҳон гирифта. Гуфт: Камтарин чизе, ки ёфтам, ба мондани мулки Балх, ин аст, дигарҳоро ту надонӣ.

Нақл аст, ки як рӯз ба сари чоҳе расид, далв фуру гузошт, пури зар баромад. Нагусор кард; боз фуру гузошт, пури марворид баромад, нагусор кард. Вақташ хуш шуд, гуфт: Илоҳо, хазона бар ман арза мекунӣ, медонам, ки ту қодирӣ

ва донӣ, ки бад-ин фирефта нашавам; обам дех, то тахорат кунам.

Накл аст, ки вакте ба ҳаҷ мерафт, дигарон бо вай буданд. Гуфтанд: Аз мо ҳеч кас зоду роҳила надорад. Иброҳим гуфт: Худойро устувор доред дар ризқ. Он гоҳ гуфт: Дар дарахт нигаред, агар зар тамаъ доред, зар гардад. Ҳамаи дарахтони муғелон зар шуда буданд ба қудрати Худои таоло.

Накл аст, ки як рӯз ҷамоате бо ӯ мерафтанд. Ба ҳисоре расиданд. Дар пеши ҳисор ҳезуми бисёр буд. Гуфтанд: Имшаб ин ҷо бошем, ки ҳезум бисёр аст, то оташ кунем. Оташ барафрӯхтанд ва ба рӯшноии оташ нишастанд. Ҳар кас нон тихӣ мехӯрданд ва Иброҳим дар намоз истод. Яке гуфт: Кошкӣ маро гӯшти халол будӣ, то бар ин оташ бирён кардеме! Иброҳим саломи намоз боздод ва гуфт: Худованд қодир аст, ки шуморо гӯшти халол дихад. Ин бигуфт ва дар намоз истод. Дарҳол ғурридани шер омад. Шере диданд, ки омад: гӯрахаре дар пеш гирифта. Бигирифтанд ва кабоб мекарданд ва мехӯрданд ва шер он ҷо нишаста буд, дар эшон назора мекард.

Накл аст, ки чун охири умри ӯ буд, нопайдо шуд, чунонки ба таъин пайдо нест хоки ӯ. Баъзе гӯянд: Дар Бағдод аст ва баъзе гӯянд дар Шом аст ва баъзе гӯянд: Он ҷост, ки хоки Лут-пайғомбар, алайҳи-с-салом, ки ба зери замин фурӯ бурдааст бо бисёр халқ - вай дар он ҷо гурехтааст аз халқ; ва ҳам вафот кардааст.

Накл аст, ки чун Иброҳимро вафот расид, ҳотифе овоз дод: «Ало инна амона-л-арзи қад мота» - Огоҳ бошед, ки амони рӯи замин вафот кард. Ҳамаи халқ мутаҳаййир шуданд, то ин чӣ тавонад буд? То хабар омад, ки Иброҳими Адҳам, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу-л-азиз, вафот кардааст.

12. ЗИКРИ БИШРИ ҲОФӢ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он муборизи майдони мучоҳада, он мучоҳизи айвони мушоҳада, он омили коргоҳи ҳидоят, он комили боргоҳи иноят, он суфии софӣ Бишри Ҳофӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Мучоҳадаи азим доштааст ва шаъне рафеъ ва мушорунилайҳи қавм буд. Фузайли Аёз дарёфта буд ва муриди холи худ буд - Алӣ ибни Хашрам. Ва дар илми усул ва фуруъ олим буд.

Мавлуди ӯ аз Марв буд, ба Бағдод нишастӣ. Ва ибтидои тавбаи ӯ он буд, ки шӯридаи рӯзгор буд. Як рӯз маст мерафт. Коғазе ёфт, бар он чо навишта буд: «Бисми-л-Лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим». Атре харид ва он коғазро муаттар карду ба таъзим он коғазро дар хона ниҳод. Бузурге он шаб ба хоб дид, ки гуфтанд: Бишрро бигӯй: «Таййабта исмано фатаййабока ва баҷҷалта исмано фабаҷҷалнока, таҳҳарта исмано фатаҳҳарнока, фабииззатӣ лаутаййибанна исмака фӣ-д-дунё ва-л-охира». Он бузург гуфт: (ӯ:) Марде фосиқ аст, магар ба ғалат мебинам! Таҳорат карду намоз бигзориду ба хоб рафт. Ҳамин хоб дид. Ҳамчунин то бори саввум. Бомдод бархост, вайро талаб кард. Гуфтанд: Ба маҷлиси хамр аст. Рафт хонае, ки дар он чо буд. Гуфт: Бишри Ҳофӣ он чо мебувад? Гуфтанд: Бувад ва локин маст асту бехабар. Гуфт: Бигӯед, ки ба ту пайғоме дорам. Гуфт: Бигӯед, ки: пайғоми кӣ дорӣ? Гуфт: Пайғоми Худой. Гирён шуд, гуфт: Оҳ! Итоб дорад, ё иқобе кунад. Гуфт: Бош, то ёронро бигӯям. Бо ёрон гуфт: Эй ёрон! Маро хонданд, рафтам ва шуморо бидруд кардам, ки беш ҳаргиз маро дар ин кор набинед.

Пас чунон шуд, ки ҳеч кас номи вай нашнудӣ илло, ки роҳате ба дили вай бирасидӣ. Ва тарики зӯҳд пеш гирифт ва аз шиддати ғалабаи мушоҳадаи Ҳақ таоло ҳаргиз кафш дар пой накард: «Ҳофӣ» аз он гуфтанд: Бо ӯ гуфтанд: Чаро кафш

дар пой накунӣ? Гуфт: Он рӯз, ки оштӣ карданд, пойбарахна будам, боз шарм дорам, ки кафш дар пой кунам. Ва низ Ҳақ таоло мегӯяд: Заминро бисоти шумо гардонидам, бар бисоти подшоҳон адаб набувад бо кафш рафтан.

Ҷамъе аз асҳоби хилват чунон шуданд, ки ба кулӯхе истинҷо натавонанд кард, обе аз даҳан бар замин натавонанд андохт, ки ҷумла дар ӯ нури Аллоҳ бинанд. Бишрро низ ҳамин афтод, балки нури Аллоҳ чашми раванда гардад бе «йабсур»; ҷуз Худои худро набинад. Ҳар киро Худой чашми ӯ шуд, ҷуз Худой натвонад дид, чунонки хоҷаи анбиё, алайҳи-с-салом, дар паси ҷанозаи Саълаба ба сари ангушти пой мерафт, фармуд: Тарсам, ки пой бар сари малоика ниҳам ва он малоика чист? - «Нуру-л-Лоҳ, ал-муъмину йанзуру бинури-л-Лоҳи».

Накл аст, ки Аҳмади Ҳанбал бисёр бори ӯ рафтӣ ва дар ҳаққи ӯ бисёр иродати тамом дошт, то ба ҳадде ки шогирдонаш гуфтанд: Ин соат ту олимӣ дар аҳодис ва фиқҳ ва ичтиҳод; ва дар анвои улум назир надорӣ. Ҳар соат аз паси шӯридае меравӣ; чӣ лоиқ бувад. Аҳмад гуфт: Оре, аз ин ҳама улум, ки баршумурдет, ман ин ҳама беҳ аз ӯ донам, аммо ӯ Худовандро беҳ аз ман донад. Пас бори ӯ рафтӣ ва гуфтӣ: «Ҳаддиснӣ ан Раббӣ» - Маро аз Худои ман сухане бигӯй!

Накл аст, ки Бишр хост, ки шабе ба хона дарояд, як пой беруни хона ниҳод ва то рӯз ҳамчунон истода буд ва мутаҳаййиру шӯрида буд.

Ва гӯянд низ, ки дар дили хоҳараш афтод, ки имшаб Бишр меҳмони ту хоҳад буд. Дари хона бирӯфту обе бизад ва мунтазири омадан буд. Ногоҳ Бишр биёмад, чун шӯридае. Гуфт: Эй хоҳар, бар бом мешавам. Қадам бинҳод ва пояе чанд баромад ва то рӯз ҳамчунон истода буд. Чун рӯз шуд, фуруд омад ва ба намози ҷамоат шуд. Бомдод бозомад. Хоҳараш гуфт ки: Истоданро сабаб чӣ буд? Гуфт: Дар хотирам омад, ки дар Бағдод чандин касанд, ки номи эшон Бишр аст: яке чуҳуду яке тарсо ва яке муғ; ва маро ном Бишр аст ва ба чунин давлате расида ва ислом ёфта. Эшон чӣ карданд, ки аз берун ниҳоданд-шон? Ва ман чӣ кардам, ки ба чунин давлате расидам? Дар ҳайрати ин монда будам.

Нақл аст, ки Билоли Хавосс гуфт: Дар тихи Бани Исроил мерафтам. Марде бо ман мерафт. Илҳоме ба дили ман омад, ки ӯ Хизр аст. Гуфтам: Ба ҳаққи Ҳақ, ки бигӯй, ки туро ном чист? Гуфт: Бародари ту Хизр аст. Гуфтам: Дар Шофеӣ чӣ гӯй? Гуфт: Аз автод аст. Гуфтам: Дар Аҳмади Ҳанбал чӣ гӯй? Гуфт: Аз сиддиқон аст. Гуфтам: Дар Бишр чӣ гӯй? Гуфт: Аз паси ӯ чун ӯ набувад.

Нақл аст, ки Абӯабдуллоҳи Ҷулло гӯяд: Зуннунро дидам, ӯро ибодат буд; ва Саҳлро дидам, ӯро ишорат буд; ва Бишрро дидам, ӯро вараъ буд. Маро гуфтанд: Ту ба кадом мойлтарӣ? Гуфтам: Ба Бишр ибни Ҳорис, ки устоди мост.

Нақл аст, ки ҳафт қаматра аз кутуби ҳадис дошт, дар зери хок дафн кард, ривоят накард, гуфт: Аз он ривоят намекунам, ки дар худ шаҳват мебинам; агар шаҳвати дил хомӯш бинам, ривоят кунам.

Нақл аст, ки Бишрро гуфтанд: Бағдод мухталит шудааст, балки бештар ҳаром аст, ту чӣ меҳӯрӣ? Гуфт: Аз ин меҳӯрам, ки шумо меҳӯред ва аз ин меошомам, ки шумо меошомед. Гуфтанд: Пас ба чӣ расидӣ бад-ин манзалат? Гуфт: Ба лукмае кам аз лукмае ва ба дасти кӯтоҳтар аз дасте; ва касе, ки меҳӯраду мегиряд, бо касе, ки меҳӯраду механдад, баробар набувад.

Пас гуфт: Ҳалол исроф напазирад.

Яке аз ӯ пурсид, ки: Чӣ чиз нонхӯриш кунам? Гуфт: Офият нонхӯриш кун!

Нақл аст, ки муддати чиҳил сол ӯро бирён орзу мекард ва баҳои он ӯро ба даст наёмада буд. Ва гӯянд солҳо буд, то дилаш бокило мехост ва нахӯрда буд.

Нақл аст, ки ҳаргиз об аз чӯе, ки султонон канда будандӣ, нахӯрдӣ.

Яке аз бузургон гуфт: Ба назди Бишр будам, сармое буд сахт. Ӯро дидам бараҳна, меларзид. Гуфтам, ки: Ё Бонаср! Дар чунин вақт ҷома зиёдат кунанд, ту берун кардай? Гуфт: Дарвешонро ёд кардам ва мол надоштам, ки ба эшон мувосо кунам, хостам, ки ба тан мувофақат кунам. Аз ӯ пурсиданд, ки: Бад-ин манзилат ба чӣ расидӣ? Гуфт: Бад-он ки ҳоли хеш аз ғайри Худой пинҳон доштам ҷумлаи умр. Гуфтанд: Чаро султононро ваъз накунӣ, ки зулм бар мо меравад? Гуфт:

Худойро аз он бузургтар донам, ки ман ӯро пеши касе ёд кунам, ки ӯро надонад.

Аҳмад ибни Иброҳими Алмутатаййиб гуфт: Бишр маро гуфт, ки: Маъруфро бигӯй, ки чун намоз кунам, ба наздики ту оям. Ман пайғом бидодам. Мунтазир мебудем. Намози пешин бикардем, наёмад. Намози дигар бигзоридем, наёмад. Намози ҳуфтан бигзоридем. Бо хештан гуфтам: Субҳоналлоҳ! Чун Бишр марде хилоф кунад? Ин аҷаб аст. Ва чашм ҳамедоштаму бар дари масҷид ҳамебудем, то Бишр биёмад, саҷҷодаи хеш баргирифту равон шуд. Чун ба Дақла расид, бар об бирафт ва биёмад ва ҳадис карданд. То вақти саҳар бозгашт ва ҳамчунон бар об бирафт. Ман хештан аз бом бияндохтам ва омадаму дасту пои ӯро бӯса додам ва гуфтам: Маро дуое бикун! Дуо кард ва гуфт: Ошкоро макун! То зинда буд, ба ҳеч кас нагуфтам.

Нақл аст, ки ҷамоате бари ӯ буданд ва ӯ дар ризо сухан мегуфт. Яке аз эшон гуфт: Ё Абонаср! Ҳеч чиз аз халқ қабул намекунӣ барои чоҳро. Агар муҳаққақӣ дар зӯҳд ва рӯй аз дунё бигардонидай, аз халқ чизе меситон, то ҷоҳат намонад дар чашми халқ; ва он чӣ аз эшон меситонӣ дар хуфия ба дарвешон медеҳ ва бар таваккул менишин ва қути хеш аз ғайб меситон! Ин сухан азим сахт меомад бар асҳоби Бишр. Гуфт: Ҷавоб бишнавед. Он гаҳ гуфт: Фукаро се қисманд: як қисм онанд, ки ҳаргиз суол накунанд ва агар бидиҳандашон, низ нагиранд. Ин қавм рӯҳониёнанд, ки чун Худовандро суол кунанд, ҳар чӣ хоҳанд, Худо бидихад ва агар савганд ба Худой диханд, дарҳол ҳочати эшон раво шавад.

Як қисми дигар онанд, ки суол накунанд ва агар бидиҳанд, қабул кунанд. Ва ин қавм аз авсатанд ва эшон бар таваккул сокин бошанд бар Худои таоло ва ин қавм онҳоянд, ки бар моидаи хулд нишинанд.

Ва як қисм онанд, ки ба сабр нишинанд ва чандон ки тавонанд, вақт нигоҳ доранд ва дафъи давоъй мекунанд. Он суфӣ чун ҷавоб бишнуд, гуфт: Розӣ гаштам бад-ин сухан. Худованд аз ту розӣ бод!

Ва Бишр гуфт: Ба Алии Ҷурҷонӣ расидам, бар чашмаи обе буд. Чун маро бидид, гуфт: Оё имрӯз чӣ гуноҳе кардам, ки одамиро мебинам? Гуфт: Аз паси ӯ бидавидам, гуфтам:

Маро васияте кун! Гуфт: Фақрро дар бар гир ва зистан бо сабр кун ва ҳаворо душман гир ва мухолафати шаҳавот кун ва хонаи худро имрӯз холитар аз лаҳад гардон, чунонки хонаи ту чунон бувад, ки он рӯз, ки дар лаҳадат бихобонанд; то мураффаҳу хуш ба Худой тавонӣ расид!

Нақл аст, ки гурӯҳе бар Бишр омаданд, ки: Аз Шом омадем, ба ҳаҷ равем, рағбат кунӣ бо мо? Гуфт: Ба се шарт: Яке он, ки ҳеч барнагирем ва ҳеч нахоҳем ва агар чиземон бидиҳанд, напазирем. Гуфтанд: Нохостан ва барногирифтан тавонем, аммо агар футӯҳе падид ояд, натавонем, ки нагирем. Гуфт: Шумо таваккул бар зоди хочиён кардаед. Ва ин баёни он сухан аст, ки дар ҷавоби он суфӣ гуфтааст, ки: Агар дар дил карда будӣ, ки ҳаргиз аз халқ чизе қабул нахоҳам кард, ин таваккул бар Худой будӣ.

Нақл аст, ки Бишр гуфт: Рӯзе ба хона даромадам, мардеро дидам. Гуфтам: Ту кистӣ, ки бе дастурӣ даромадӣ? Гуфт: Бародари ту Хизрам. Гуфтам: Дуо кун маро. Гуфт: Худой гузоридани тоати худ бар ту осон гардонод! Ва гуфт: Тоати ту бар ту пӯшида гардонод.

Нақл аст, ки: Яке бо Бишр мушоварат кард, ки: Ду ҳазор дирам дорам, ҳалол. Мехоҳам, ки ба ҳаҷ шавам. Гуфт: Ту ба тамошо меравӣ, агар барои ризои Худой меравӣ, бирав, воми касе бигузор, ё бидеҳ ба ятим, ё марди мукиллҳол, ки он роҳат, ки ба дили мусалмоне расад, аз сад ҳаҷҷи ислом писандидатар. Гуфт: Рағбати ҳаҷ бештар мебинам. Гуфт: Аз он ки ин молҳо на аз ваҷҳи неку ба даст овардай, то ба новучух харҷ накунӣ, қарор нагирӣ.

Нақл аст, ки Бишр бар гӯристон гузар кард; гуфт: Ҳамаи аҳли гӯристонро дидам бар сари кӯҳ омада ва шафабе дар эшон афтода ва бо якдигар мунозара мекарданд, чунонки касе қисмат кунад чизеро. Гуфтам: Бор Худоё! Маро шиносо гардон, то ин чӣ ҳол аст? Маро гуфтанд: Он ҷо бирав ва бипурс. Рафтаму пурсидам. Гуфтанд: Ки як ҳафта аст, ки марде аз мардони дин бар мо гузар кард ва се бор «Қул хува-л-Лоҳу аҳад» бархонд ва савоб ба мо дод; як ҳафта аст, то мо савоби онро қисмат кунем, ҳанӯз фориғ нагаштаем.

Нақл аст, ки Бишр гуфт: Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи

ва салламро ба хоб дидам. Маро гуфт: Эй Бишр! Ҳеч медонӣ, ки чаро Худои таоло баргузид туро аз миёни акрони ту ва баланд гардонид дарачаи ту? Гуфтам: На, ё расулуллоҳ. Гуфт: Ба сабаби он ки мутобаати суннати ман кардӣ ва солеҳонро ҳурмат нигоҳ доштӣ ва бародаронро насиҳат кардӣ ва асҳоби марову аҳли байти маро дӯст доштӣ, Худои таоло туро аз ин чиҳат ба мақоми аброр расонид.

Накл аст, ки Бишр гуфт: Як шаб Муртазоро ба хоб дидам; гуфтам: Маро панде деҳ! Гуфт: Чӣ некӯст шафқати тавонгарон бар дарвешон барои талаби савоби раҳмон ва аз он некутар такаббури дарвешон бар тавонгарон аз эътимод бар карами Офаридгори чаҳон.

Накл аст, ки асҳобро гуфт: Саёҳат кунед, ки чун об равон бувад, хуш гардад ва чун сокин шавад, мутағаййир ва зард шавад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ хоҳад, ки дар дунё азиз бошаду дар охират шариф, гӯ аз се чиз дур бош: аз махлуқон ҳочат махоҳ ва касро бад магӯй ва ба меҳмонии кас марав.

Ва гуфт: Ҳаловати охират наёбад он, ки дӯст дорад, ки мардумон вайро бидонанд.

Ва гуфт: Агар дар қаноат ҳеч суд нест, чуз ба иззат зиндагонӣ кардан кифоят аст.

Ва гуфт: Агар дӯст дорӣ, ки халқ туро зоҳид донанд, ин дӯстӣ сари муҳаббати дунё бувад.

Ва гуфт: Ҳаргиз ҳаловати ибодат наёбӣ, то нагардонӣ миёни худ ва миёни шаҳавот девори оҳанин.

Ва гуфт: Сахттарин корҳо се аст: ба вақти дасттангӣ саховат; ва вараъ дар хилват; ва сухан гуфтан пеши касе, ки аз ӯ битарсӣ.

Ва гуфт: Вараъ он бувад, ки аз шубаҳот пок берун ой ва мухосабаи нафс дар ҳар турфатулъайне пеш гирӣ.

Ва гуфт: Зӯҳд мулке аст, ки қарор нагирад магар дар дили холӣ.

Ва гуфт: Андух мулке аст, ки чун чое қарор гирифт, ризо надиҳад, ки хеч чиз бо ӯ қарор гирад.

Ва гуфт: Фозилтарин чизе, ки бандаро додаанд, маърифат аст ва «ас-Сабру фӣ-л-фақри».

Ва гуфт: Агар Худойро хосагонанд, орифонанд.

Ва гуфт: Суфӣ он аст, ки дил софӣ дорад бо Худой.

Ва гуфт: Орифон қавмеянд, ки нашиносанд магар Худой ва эшонро гиромӣ надоранд магар барои Худой.

Ва гуфт: Ҳар кӣ хоҳад, ки таъми озодӣ бичашад, гу сирро пок гардонад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ амал кунад Худойро ба сидқ, вахшате азим бо халқаш пеш ояд.

Ва гуфт: Саломе бар абнои дунё кунед ба даст доштани салом бар эшон.

Ва гуфт: Нигаристан дар бахил дилро сахт гардонад.

Ва гуфт: Адаби даст бидоштан миёни бародарон адаб аст.

Ва гуфт: Бо ҳеч кас нанишастам ва ҳеч кас бо ман нанишаст, ки чун аз ҳам ҷудо шудем, маро яқин нашуд, ки агар ба ҳам наншастемӣ, ҳар дуро бех буди.

Ва гуфт: Ман кореҳи маргам ва кореҳи марг набувад магар касе, ки дар шак бувад.

Ва гуфт: Комил набошӣ, то душмани ту эмин набувад.

Ва гуфт: Агар Худойро тоат намедорӣ, боре маъсияташ макун!

Яке дар пеши ӯ гуфт: «Таваккалту ала-л-Лоҳи». Бишр гуфт: Бар Худой дурӯғ мегӯй, агар бар ӯ таваккул карда будӣ, бад-он чӣ ӯ кунад, розӣ буди.

Ва гуфт: Агар туро аз чизе ҷуб ояд, аз сухан гуфтан хомӯш бош! Ва чун аз хомӯшӣ ҷуб ояд, сухан гӯй!

Ва гуфт: Агар ҳамаи умр дар дунё ба сачдаи шукр машғул гардӣ, шукри он нагзорида бошӣ, ки ӯ дар азал ҳадиси дӯстон кард. Ҷахд кун, то аз дӯстон бошӣ!

Чун вақти маргаш даромад, дар изтиробе азим буд ва дар ҳолате аҷаб. Гуфтанд: Магар зиндагониро дӯст медорӣ? Гуфт: Не, валекин ба ҳазрати подшоҳи подшоҳон шудан саъб аст.

Накл аст, ки дар марази мавт будӣ. Яке даромад ва аз дасттангии рӯзгор шикоят кард. Пироҳан бад-ӯ дод ва пироҳане ба орият бистад ва бад-он пироҳан ба дори охират хиромид.

Накл аст, ки то Бишр зинда буд, ҳаргиз дар Багдод ҳеч сутур равс наяндохта буд дар рох хурмати ӯро, ки пойбараҳна

рафтӣ. Яке шаб марде сутуре дошт, сутурро дид, ки дар роҳ равс афканд. Фарёд баровард, ки: Бишри Ҳофӣ намонд. Нигаристанд, чунон буд. Гуфтанд: Ба чӣ донистӣ? Гуфт: Бад-он ки то ӯ зинда буд, дар ҷумлаи роҳи Бағдод равси сутуре набуд; ин бар хилофи одат дидам, донистам, ки Бишр намондааст.

Баъд аз марг ӯро ба хоб диданд, гуфтанд: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Бо ман итоб кард, гуфт: Дар дунё аз ман чаро чандин тарсидӣ? «Амо алимта анна-л-карама сифатӣ» - Надонистӣ, ки карам сифати ман аст?

Дигаре ӯро ба хоб дид, пурсид, ки: Ҳақ бо ту чӣ кард? Гуфт: Маро омурзиду фармуд: «Кул йо ман лам йаъкул, вашраб йо ман лам йашраб лиаҷлӣ» - Бихӯр, эй он ки аз барои мо нахӯрдӣ ва биёшом, эй он ки аз барои мо наёшомидӣ!

Дигаре ба хобаш дид, гуфт: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Маро биёмурзид ва як нима аз биҳишт маро мубоҳ гардонид ва маро гуфт: Ё Бишр, то будӣ агар маро дар оташ сачда кардатӣ, шукри он нагзоридӣ, ки туро дар дили бандагони худ ҷой додам.

Дигаре ба хобаш дид, гуфт: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Фармон омад, ки: Марҳабо, эй Бишр! Он соате, ки туро ҷон бармедоштанд, ҳеч набуд дар рӯи замин аз ту дӯсттар.

Накл аст, ки як рӯз зайфае бари имом Аҳмади Ҳанбал омаду гуфт: Бар бом дук мересам ва машъалае зоҳир гардад аз они халифа, ки мегузарад. Ба рушноии он машъалагоҳ ҳаст, ки чанд пора дук мересам, раво бувад, ё на? Аҳмад гуфт: Ту бори кий, ки ин доманат гирифтааст, ки ин ачаб аст. Гуфт: Ман хоҳари Бишри Ҳофиям. Аҳмад зор бигирист ва гуфт: Инчунин тақво ҷуз аз хонадони Бишри Ҳофӣ берун наёяд. Ва гуфт: Туро раво набувад, зинҳор гӯш дор, то оби софӣ тира нашавад! Ва иқтидо бар он муқтадои пок кун - бародари хеш - то чунон шавӣ, ки агар хоҳӣ, то дар машъалаи эшон дук ресӣ, дасти ту туро тоат надорад. Бародарат чунон буд, ки ҳар гоҳ ки даст ба таоме дароз кардӣ, ки шубҳат будӣ, дасти ӯ тоат надоштӣ. Гуфт: Маро султоне аст, ки дил гӯянд; ӯро рағбати тақвост, ман ёрои он надорам, ки бе дастурии ӯ сафар кунам.

13. ЗИКРИ ЗУННУНИ МИСРӢ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он пешвои аҳли маломат, он шамъи ҷамъи қиёмат, он бурҳони мартабату тавҳид, он султони маърифату тавҳид, он ҳуҷҷати «ал-фақру фахрӣ», қутби вақт Зуннуни Мисрӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз мулукони тариқат буд ва солики роҳи балову маломат буд. Дар асрору тавҳид назари азим дақиқ дошт ва равиши комилу риёзот ва каромоти вофир. Бештари аҳли Миср ӯро зиндиқ хонданд; боз баъзе дар кори ӯ мутаҳаййир буданд. То зинда буд, ҳама мункари ӯ буданд ва то бимурд, кас воқиф нашуд бар ҳоли ӯ, азбаски худро пушида намуд.

Ва сабаби тавбаи ӯ он буд, ки ӯро нишон доданд, ки: Ба фалон ҷой зоҳиде аст. Гуфт: Қасди зиёрати ӯ кардам. Ӯро дидам хештанро аз дарахте овехта ва мегуфт: Эй тан, мусоадат кун бо ман ба тоат, вагарна ҳамчунин бидорамат, то аз гуруснагӣ бимирӣ! Гиря бар ман афтод. Обид овози гиря бишнид, гуфт: Кист, ки раҳм мекунад бар касе, ки шармаш андак аст ва ҷурмаш бисёр? Гуфт: Ба наздики ӯ рафтам ва салом кардам, гуфтам: Ин чӣ ҳолат аст? Гуфт: Ин тан бо ман қарор намегирад дар тоати Ҳақ таоло ва бо халқ омехтан мехоҳад. Зуннун гуфт: Пиндоштам, ки хуни мусалмоне рехтааст, ё кабирае овардааст. Гуфт: Надонистай, ки чун бо халқ омехтӣ, ҳама чиз аз паси он биёяд? Гуфтам: Ҳавл зоҳиде! Гуфт: Аз ман зоҳидтар мехоҳӣ, ки бинӣ? Гуфт(ам): Хоҳам. Гуфт: Бад-ин кӯҳ даршав, то бубинӣ.

Чун баромадам, ҷавонеро дидам, ки дар савмаае нишаста ва як пой беруни савмаа бурида ва андохта ва кирмон мехӯрданд. Наздики ӯ рафтам ва салом кардам ва аз ҳоли ӯ пурсидам. Гуфт: Рӯзе дар ин савмаа нишаста будам, зане бад-ин ҷо бигзашт, дилам моил шуд бад-ӯ: танам тақозои он кард, то аз паи ӯ биравам. Як пой аз савмаа берун ниҳодам.

Овозе шунидам, ки: Шарм надорӣ аз паси сӣ сол, ки Худойро ибодат карда бошӣ ва тоат дошта, акнун тоати шайтон кунӣ ва касди фохишае кунӣ? Ин пойро, ки аз савмаа берун ниҳода будам, бибуридам ва ин чо нишастаам, то чӣ падид ояд ва бо ман чӣ хоханд кард? Ту бари ин гунаҳкорон ба чӣ кор омадӣ? Агар мехоҳӣ, ки марде аз мардони Худойро бубинӣ, бар сари ин кӯх шав!

Зуннун гуфт: Аз баландие, ки он кӯх буд, бар он чо натавонистам рафт; пас хабари ӯ пурсидам. Гуфтанд: Дергох аст, то марде дар он савмаа ибодат мекунад. Як рӯз марде бо ӯ мунозара мекард, ки: Рузӣ ба сабаби касб аст. Ӯ назр кард, ки ман хеч нахӯрам, ки дар ӯ сабаби касб махлуқот бувад. Чанд рӯз баромад, хеч нахӯрд. Ҳақ таоло занбуронро фиристод, ки гирди ӯ мепариданд, ӯро ангубин медоданд.

Зуннун гуфт: Аз ин корҳо ва суханҳо дарде азим ба дилам фурӯ омад; донистам, ки ҳар кӣ таваккул бар Худой кунад, Худой кори ӯ бисозад ва ранчи ӯ зоеъ нагзорад. Пас дар роҳ, ки меомадам, мурғаке нобиноро дидам бар дарахте нишаста; аз дарахт фурӯ омад. Ман гуфтам: Ин бечора алаф ва об аз кучо мехӯрад? Ба минкор, заминро биковид, ду сукра падид омад, яке заррин пури кунчид ва яке симин пури гулоб. Он мурғ сер бихӯрд ва бар дарахт парид ва сукраҳо нопадид шуд.

Зуннун ин чо ба якборагӣ аз даст бирафт ва эътимод бар таваккул падид омад ва тавбаи ӯ муҳаққақ шуд. Пас аз он чанд манзил бирафт, чун шабонгоҳ даромад, дар вайронае даромад ва дар он вайрона хумрае зар ва ҷавоҳир бидид; ва бар сари он хумра, тахтае: номи Аллоҳ навишта. Ёрони вай зару ҷавоҳир қисмат карданд. Зуннун гуфт: Ин тахта, ки бар ӯ номи дӯсти ман аст, маро дихет! Он тахта баргирифт ва он рӯз то шаб бар он тахта бӯса медод, то кораш ба баракоти он ба чое расид, ки шабе ба хоб дид, ки гуфтанд: Ё Зуннун! Ҳар кас ба зару ҷавоҳир басанда карданд, ки он азиз аст; ту бартар аз он басанда кардӣ ва он номи мост. Лочарам дари илму ҳикмат бар ту гушода гардонидем. Пас ба шаҳр бозомад.

Гуфт: Рӯзе мерафтам, ба канораи рӯде расидам. Кушкеро дидам бар канори об. Рафтам ва таҳорат кардам. Чун фориг

шудам, ногоҳ чашми ман бар боми кӯшк афтод, канизаке дидам бар кунгураи кӯшк истода, бағоят соҳибҷамол. Хостам, то вайро биёзмоям. Гуфтам: Эй канизак, кирой? Гуфт: Эй Зуннун, чун аз дур падид омадӣ, пиндоштам, ки девонаӣ; чун наздиктар омадӣ, пиндоштам, ки олимӣ; чун наздиктар омадӣ, пиндоштам, ки орифӣ.Пас нигоҳ кардам: на девонаӣ ва на олимӣ ва на орифӣ. Гуфтам: Чӣ гуна мегуӣ? Гуфт: Агар девона будӣ, таҳорат накардӣ ва агар олим будӣ, ба номаҳрам нанигаристӣ ва агар ориф будӣ, чашмат ба дуни Ҳақ наяфтодӣ.

Ин бигуфту нопадид шуд, маълумам шуд, ки ӯ одамӣ набуд, танбеҳе буд маро! Оташе дар ҷони ман афтод. Хештан ба сӯи дарё андохтам. Ҷамоатеро дидам, ки дар киштӣ менишастанд, ман низ дар киштӣ нишастам. Чун рӯзе чанд баромад, магар бозаргонеро гавҳаре дар киштӣ гум шуд. Як ба якро аз аҳли киштӣ мегирифтанд ва меҷустанд. Иттифоқ карданд, ки: Бо туст. Пас маро ранҷонидан гирифтанд ва истихфофи бисёр карданд ва ман хомӯш мебудам. Чун кор аз ҳад бигузашт, гуфтам: Офаридгоро, ту медонӣ! Ҳазорон моҳӣ аз дарё сар баровардаанд, ҳар яке гавҳаре дар дахон, Зуннун якеро баргирифт ва бад-он бозаргон дод. Аҳли киштӣ чун он бидиданд, дар дасту пои ӯ афтоданд ва аз ӯ узр хостанд ва чунон дар чашми мардумон эътибор шуд ва аз ин сабаб номи ӯ Зуннун омад.

Ва ибодату риёзати ӯро ниҳояте набуд, то ба ҳадде ки хоҳаре дошт, дар хидмати ӯ чунон орифа шуда буд, ки рӯзе ин оят мехонд: «Вазаллално алайкуму-л-ғамома ва анзално алайкуму-л-манна ва- с-салво» (Сураи Бақара, ояти 57) рӯй ба осмон кард ва гуфт: Илоҳо! Исроилиёнро «манна ва салво» фиристӣ ва муҳаммадиёнро на, ба иззати ту, ки аз пой нанишинам, то «манна ва салво» набороӣ! Дарҳол аз равзани хона манна ва салво боридан гирифт, аз хона берун давид, рӯй ба биёбон ниҳод ва гум шуд ва ҳаргизаш бознаёфтанд.

Нақл аст, ки Зуннун гуфт: Вақте дар кӯҳҳо мегаштам, қавме мубталоён дидам, гирд омада буданд. Пурсидам, ки: Шуморо чӣ расидааст? Гуфтанд: Обиде аст ин ҷо, дар савмаае. Ҳар сол як бор берун ояд ва дами худ бар ин қавм дамад,

ҳама шифо ёбанд, боз дар савмаа шавад, то соли дигар берун наёяд.

Сабр кардам, то берун омад. Марде дидам: зардрӯй, наҳифшуда, чашм дар мағокафтода. Аз ҳайбати ӯ ларза бар ман афтод. Пас ба чашми шафқат дар халқ нигоҳ кард, он гоҳ сӯи осмон нигарист ва даме чанд дар он мубталоён афканд, ҳама шифо ёфтанд, чун хост, ки дар савмаа шавад, ман доманаш биприфтам, гуфтам: Аз баҳри Худой, иллати зоҳирро илоҷ кардӣ, иллати ботинро илоҷ кун! Ба ман нигоҳ кард ва гуфт: Зуннун даст аз ман боздор, ки дӯст аз авҷи азамату ҷалол нигоҳ мекунад, чун туро бинад, ки даст ба ҷуз аз вай дар касе дигар задай, туро ба он кас бозгузорад ва он касро ба ту; ва ҳар яке ба яке дигар ҳалок шавет. Ин бигуфт ва дар савмаа рафт.

Накл аст, ки як рӯз ёронаш даромаданд, ӯро диданд, ки мегирист. Гуфтанд: Сабаб чист гиряро? Гуфт: Дӯш дар сафда чашми ман дар хоб шуд, Худовандро дидам, гуфт: Ё Аболфайз! Халқро биёфаридам, бар даҳ ҷузв шуданд. Дунёро барояшон арза кардам ва нӯҳ ҷузв аз он даҳ ҷузв рӯй ба дунё ниҳоданд. Як ҷузв монд; он як ҷузв низ бар даҳ ҷузв шуданд. Биҳиштро бар эшон арза кардам, нӯҳ ҷузв рӯй ба биҳишт ниҳоданд, як ҷузв бимонд; он як ҷузв низ даҳ ҷузв шуданд, дӯзах пеши эшон овардам, ҳама бирамиданд ва пароганда шуданд аз бими дӯзах; пас як ҷузв монд, ки на ба дунё фирефта шуданд ва на ба биҳишт майл карданд ва на аз дӯзах битарсиданд. Гуфтам: Бандагони ман! Ба дунё нигоҳ накардет ва ба биҳишт майл накардед ва аз дӯзах натарсидет, чӣ металабед? Ҳама сар баровардаанд ва гуфтанд: «Анта таъламу мо нуриду» - Яъне ту медонӣ, ки мо чӣ мехоҳем.

Накл аст, ки як рӯз кӯдаке ба наздики Зуннун даромад ва гуфт: Маро сад ҳазор динор аст, мехоҳам, ки дар хидмати ту сарф кунам ва он зар ба дарвешони ту ба кор барам. Зуннун гуфт: Болиғ ҳастӣ? Гуфт: На. Гуфт: Нафақаи ту раво набувад, сабр кун, то болиғ шавӣ. Пас чун кӯдак болиғ гашт, биёмад ва бар дасти шайх тавба кард ва он зарҳо ба дарвешон дод, то он сад ҳазор динор намонд. Рузе коре пеш омад ва дарвешонро чизе намонд, ки харҷ карданд. Кӯдак гуфт:

Эй дареғ! Кучост сад ҳазори дигар, то нафақа кардаме бар ин ҷавонмардон? Ин суханро Зуннун бишнуд. Донист, ки вай ба ҳақиқати кор нарасидааст, ки дунё ба назди ӯ хатир аст. Зуннун он кӯдакро бихонду гуфт: Ба дӯкони фалон аттор рав ва бигӯ аз ман: то се дирам фалон дору бидиҳад. Бирафту биёвард. Гуфт: Дар ҳован кун ва хурд бисой, он гоҳ пораи равған бар вай афкан, то хамир гардад ва аз вай се мӯҳра бикан ва ҳар якро ба сӯзан сӯрох кун ва ба наздики ман ор. Кӯдак чунон кард ва биёвард. Зуннун онро дар даст молид ва дар ӯ дамид, то се пора ёқут гашт, ки ҳаргизончунон надида буд. Гуфт: Инҳоро ба бозор бар ва қимат кун, валекин мафурӯш! Кӯдак ба бозор бурд ва бинамуд. Ҳар якеро ба ҳазор динор бихостанд. Биёмад ва бо шайх бигуфт. Зуннун гуфт: Ба ҳован нех ва бисой ва ба об андоз! Чунон кард ва ба об андохт. Гуфт: Эй кӯдак! Ин дарвешон аз бенонӣ гурусна наянд, лекин ин ихтиёри эшон аст. Кӯдак тавба кард ва бедор гашт ва беш ин ҷаҳонро бар дили вай қадр намонд.

Нақл аст, ки гуфт: Си сол халқро даъват кардам, як кас ба даргоҳи Худой омад, чунонки мебоист. Ва он он буд, ки рӯзе подшоҳзодае бо кавкабае аз дари масҷид бар ман гузашт. Ман ин сухан мегуфтам, ки: Ҳеч аҳмақтар аз он заифе набувад, ки бо қавӣ дарҳам шавад. Ӯ даромад ва гуфт: Ин чӣ сухан аст? Гуфтам: Одамӣ заиф чизе аст, бо Худои қавӣ дарҳам меояд. Он ҷавонро лавн мутағаййир шуд, бархосту бирафт. Рӯзи дигар бозомаду гуфт: Тариқ ба Худой чист? Гуфтам: Тариқе аст хурд ва тариқе аст бузургтар. Ту кадом мехоҳӣ? Агар тариқи хурдтар мехоҳӣ, тарки дунё ва шахавот ва тарки гуноҳ бигӯ; ва агар тариқи бузург мехоҳӣ, ҳар чӣ дуни Ҳақ аст, тарки вай бигӯй ва дил аз ҳама фориғ кун. «Қола: Ва-л-Лоҳи ло ахтору илла-т-тариқа-л-акбар». Гуфт: Ба Худой, ки ҷуз тариқи бузургтар нахоҳам. Рӯзи дигар пашминае дарпӯшид ва дар кор омад, то аз абдол гашт.

Бӯҷаъфари Аъварӣ гуфт: Наздики Зуннун будам, ҷамоате ёрони ӯ ҳозир буданд. Аз тоати ҷамодот ҳикоят мекарданд ва тахте он ҷо ниҳода буд. Зуннун гуфт: Тоати ҷамодот авлиёро он бувад, ки ин соат ин тахтро бигӯям, ки: Гирди ин хона бигард! Дар ҳаракат ояд. Чун сухан бигуфт, дарҳол

он тахт гирди хона гаштан гирифт ва ба ҷои хеш бозшуд. Ҷавоне он ҷо ҳозир буд, он ҳол бидид, гиристан бар вай афтод, то ҷон бидод. Бар ҳамон тахташ бишустанд ва дафн карданд.

Накл аст, ки вақте яке ба наздики ӯ омад ва гуфт: Воме дорам ва ҳеч надорам, ки вом бигзорам. Санге аз замин бардошт ва ба ӯ дод. Он мард он сангро ба бозор бурд - зумуррад гашта буд - ба чаҳорсад дирам бифурӯхт ва вом боздод.

Накл аст, ки ҷавоне буд, пайваста бар суфиён инкор кардӣ. Як рӯз Зуннун ангуштарии худ ба вай доду гуфт: Инро ба бозор бар ва ба як динор гарав кун! Он ҷавон бирафт ва ангуштарӣ ба бозор бурд, ба дираме беш намегирифтанд. Ҷавон ҳабар бозовард, ӯро гуфт: Ба ҷавҳариён бар ва бингар, то чӣ мехоҳанд. Бибурд, ба ҳазор динор хостанд. Ҳабар бозовард. Ҷавонро гуфт: Илми ту ба ҳоли суфиён ҳамчунон аст, ки илми он бозориён ба ин ангуштарин. Ҷавон тавба кард ва аз сари он инкор бархост.

Накл аст, ки дах сол буд, то Зуннунро сикбое орзу мекард ва он орзу ба нафс намедод. Шаби иде буд, нафс гуфт: Чи бошад, ки фардо ба идӣ моро лукмае сикбо дихӣ! Гуфт: Эй нафс, агар хоҳӣ, ки чунин кунам, имшаб бо ман мувофақат кун, то ҳамаи Қуръонро дар ду ракъати намоз бархонам. Нафс мувофақат кард, рӯзи дигар сикбо бисохт ва пеши ӯ биниход ва ангуштро пок кард ва дар намоз истод. Гуфтанд: Чи буд? Гуфт: Дар ин соат нафс бо ман гуфт, ки: Охир ба орзуи даҳсола расидам, гуфтам, ки: Ба Худой, ки нарасӣ бад-он орзу.

Ва он кас, ки ин хикоят мекард, чунин гуфт, ки: Зуннун дар ин сухан буд, ки марде даромад бо деге сикбо, пеши ӯ биниход, гуфт: Эй шайх, ман наёмадаам, маро фиристодаанд. Бидон, ки ман марде ҳаммолам ва кудакон дорам, аз муддате боз сикбо мехоҳанд ва сим фароҳам намеояд. Душ ба идӣ ин сикбо сохтам, имрӯз дар хоб шудам, ҷамоли ҷаҳонорои расул, салла-л-Лоху алайхи ва салламро ба хоб дидам, фармуд, ки: Агар хоҳӣ, ки маро фардо бубинӣ, инро ба назди Зуннун бар ва ӯро бигӯ, ки: Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмуталлиб шафоат мекунад, ки як нафас бо нафси худ

сулҳ кун ва лукмае чанд ба кор бар! Зуннун бигирист, гуфт: Фармонбардорам.

Нақл аст, ки чун кори ӯ баланд шуд, касро чашм бар кори ӯ намерасид, ахли Миср бар зиндика бар вай гувоҳӣ медоданд ва чумла бар ин муттафиқ шуданд ва Мутаваккили халифаро аз аҳволи ӯ огоҳ карданд. Мутаваккил кас фиристод, то вайро биёварданд ба Бағдод ва банд бар пои ӯ ниҳоданд. Чун ба даргоҳи халифа расид, гуфт: Ин соат мусалмонӣ биёмӯхтам аз пиразане ва чавонмардӣ аз саккое. Гуфтанд: Чун? Гуфт: Чун ба даргоҳи халифа расидам ва он даргоҳ бо азамат ва ҳочибону ходимон дидам, хостам, то андак тағайюре дар ман падид ояд. Зане бо асое пеш омад ва дар ман нигарист, гуфт: Ё тан, ки туро пеши ӯ мебаранд, натарсӣ, ки ӯ ва ту ҳар ду бандагони як Худованд, чалла чалолаҳуед, то Худой нахоҳад, бо банда ҳеч натавонанд кард. Пас дар роҳ саккое дидам, покиза обе ба ман дод; ва ба касе, ки бо ман буд, ишора кардам, як динор ба вай дод, қабул накард ва гуфт: Ту асирӣ ва дар банд; чавонмардӣ набувад аз чунин асиру ғариб ва бандӣ чизе ситадан.

Пас фармон шуд, ки: Уро ба зиндон баред! Чиҳил шабонарӯз дар ҳабс бимонд. Ҳар рӯз хоҳари Бишри Ҳофӣ аз дуки хеш як қурс бари ӯ мебурдӣ, он рӯз, ки аз зиндон берун омад, он чиҳил қурс ҳамчунон нихода буд, ки яке нахӯрда буд. Хоҳари Бишри Ҳофӣ чун он бишнуд, андуҳгин шуд, гуфт: Ту медонӣ, ки он қурсҳо ҳалол буд ва беминнат, чаро нахӯрдӣ? Гуфт: Зеро ки табақаш пок набуд. Яъне бар дасти зиндонбон гузар мекард.

Чун аз зиндон берун омад, бияфтод ва пешониаш бишкаст. Нақл аст, ки басе хун бирафт, аммо як қатра на ба рӯй ва на бар мӯй ва на бар чомаи ӯ афтод; ва он чӣ бар замин афтод, ҳама нопалид шуд ба фармони Худои азза ва чалла.

Пас уро пеши халифа бурданд ва сухани уро аз ӯ чавоб хостанд. Ӯ он суханро шарҳе бидод. Мутаваккил гиристан гирифт ва чумлаи аркони давлат бар фасоҳату балоғати ӯ мутаҳаййир бимонданд, то халифа мурид ӯ шуд ва уро азизу мукаррам бозгардонид.

Нақл аст, ки Ахмади Суламӣ гуфт: Ба наздики Зуннун

шудам. Таште заррин дидам дар пеши ӯ ниҳода ва бар гирди ӯ бӯйҳои хуш аз мушку абир. Маро гуфт: Туӣ, ки ба назди мулук шавӣ дар ҳоли баст? Ман аз он битарсидам ва бозпас омадам. Пас як дирам ба ман дод, то ба Балх аз он як дирам нафақа мекардам.

Накл аст, ки муриде буд Зуннунро, чиҳил чиҳилла бидошт ва чихил мавқиф биистод ва чиҳил сол ҳоби шаб дар бокӣ кард ва чихил сол ба посбонии ҳучраи дил нишаст. Рӯзе ба наздики Зуннун омад, гуфт: Чунин кардам вз чунин: бо ин ҳама ранч дӯст бо мо ҳеч сухан намегӯяд, назаре ба мо намекунад ва ба ҳеч ҳам барнамегирад ва ҳеч аз олами ғайб макшуф намешавад ва ин ҳама, ки мегӯям, худро ситоиш намекунам, шарҳи ҳол медиҳам, ки ин бечорагӣ, ки дар вусъи ман буд, ба ҷой овардаам ва аз Ҳақ шикоят намекунам, шарҳи ҳол медиҳам - ки ҳаман ҷону дил дар хидмати ӯ дорам - аммо ғами бедавлатии хеш мегӯяму ҳикояти бадбахтии хеш мекунам; ва на аз он мегӯям, ки дилам аз тоат кардан бигирифт, лекин метарсам, ки агар умре омадааст ва он бокӣ ҳамчунин хоҳад буд ва ман умре ҳалқа ба умеде мезадам, ки овозе нашунудаам; сабр бар ин бар ман сахт меояд. Акун ту табиби ғамгиноӣ ва муолиҷи доноёнӣ, бечорагии маро табдир кун! Зуннун гуфт: Бираву имшаб сер бихӯр ва намози хуфтан макун ва ҳама шаб бихусб, то бошад, ки дӯст, агар ба лутф нанамояд, ба итоб бинамояд; агар ба раҳмат дар ту назаре намекунад, ба унф дар ту назаре кунад! Дарвеш бирафту сер бихӯрд, дилаш надод, ки намози хуфтан тарк кунад ва намози хуфтан бигзорид ва бихуфт. Мустафоро ба хоб дид. Гуфт: Дӯстат салом мегӯяд ва мефармояд, ки: Муханнату номард бошад он, ки ба даргохи мо ояд ва зуд сер шавад, ки асл дар кор истикомат аст ва тарки маломат. Ҳақ таоло мегӯяд: Муроди чиҳилсола дар канорат ниҳодам ва ҳар чӣ умед медорӣ, бад-онат бирасонам; ва ҳар чӣ муроди туст, ҳосил кунам, валекин саломи мо бад-он раҳзани муддай - Зуннун - бирасону бигӯй: Эй муддаии дурӯғзан! Агар расвои шӯҳрат накунам, на Худованди туам, то беш бо ошиқон ва фурӯмондагони даргоҳ макр накунӣ ва эшонро аз даргохи мо нуфур накунӣ!

Мурид бедор шуд, гиря бар ӯ афтод, омад то бари Зуннун

ва ҳол бигуфт. Зуннун ин сухан бишнуд, ки: Худо маро салом расонидааст ва муддаиву дурўғзан гуфта, аз шодӣ ба паҳлў мегардид ва ба ҳоюҳуй мегирист.

Агар касе гўяд: Чӣ гуна раво бувад, ки шайхе касеро бигўяд: Намоз макун ва бихусб!? Гўям эшон табибонанд. Табиб гоҳ бувад, ки ба заҳр илоҷ кунад. Чун медонист, ки гушоиши кори ў дар ин аст, бад-онаш фармуд, ки худро донист, ки ў махфуз бувад, натавонад, ки намоз накунад, чунонки Ҳақ таоло Халил, алайхи-с-саломро фармуд, ки: Писарро қурбонӣ кун ва донист, ки накунад. Чизҳо равад дар тариқат, ки бо зоҳири шаръ рост наёяд, чунонки ба куштан Халил, алайхи-с-саломро амр кард ва нахост. Ва чунонки ғулом куштани Хизр, ки амр набувад ва хост. Ва ҳар кӣ бад-ин мақом нарасида қадам он ҷо ниҳад, зиндиқу ибоҳатӣ ва куштанӣ бувад, магар ҳар чӣ кунад, ба фармони шаръ кунад.

Нақл аст, ки Зуннун гуфт: Аъробие дидам дар тавоф - танҳе низору зард ва устухони бигудохта -. Бар-ў гуфтам: Ту муҳиббӣ? Гуфт: Бале. Гуфтам: Ҳабиби ту ба ту наздик аст, ё аз ту дур? Гуфт: Наздик. Гуфтам: Мувофиқ аст ё номувофиқ? Гуфт: Мувофиқ. Гуфтам: Субҳоналлоҳ! Маҳбуби ту ба ту қариб ва ту бад-ин зорӣ ва бад-ин низорӣ! Аъробӣ гуфт: Эй баттол, «Амо алимта анна азоби-л-қурби ва-л-мувофақати ашадду мин азоби-л-буъди ва-л-мухолафати?» - Надонистӣ, ки азоби қурбу мувофақат сахттар бувад ҳазор бор аз азоби буъду мухолафат?

Нақл аст, ки Зуннун гуфт: Дар баъзе аз сафарҳои хеш занеро дидам. Аз ў суол кардам аз ғояти муҳаббат. Гуфт: Эй баттол, муҳаббатро ғоят нест, гуфтам: Чаро? Гуфт: Аз баҳри он ки маҳбубро ниҳоят нест.

Нақл аст, ки наздики бародаре рафт - аз он қавм, ки дар муҳаббат мазкур буданд -. Ўро ба балое мубтало дид. Гуфт: Дўст надорад Ҳақро ҳар кӣ аз дарди Ҳақ илам ёбад. Зуннун гуфт: Лекин ман чунин мегўям, ки: Дўст надорад ўро, ҳар кӣ худро машҳур кунад ба дўстии ў. Он мард гуфт: «Астағфиру-л-Лоҳа ва атубу илайх».

Нақл аст, ки Зуннун бемор буд. Касе ба аёдати ў даромад. Пас гуфт: Илами дўст хуш бувад. Зуннун азим мутағайир

шуд. Пас гуфт: Агар ӯро медонистӣ, бад-ин осонӣ номи ӯ набурдӣ.

Накл аст, ки вақте номае навишт ба баъзе аз дӯстон, ки: Ҳақ таоло бипӯшонад маро ва туро ба пардаи ҷаҳл ва дар зери парда падид орад, он чи ризои ӯст, ки: басо мастур, ки дар зери сатр аст - ки душмандоштаи ӯст -.

Накл аст, ки гуфт: Дар сафаре будам, саҳро пури барф буд ва габреро дидам, доман дар сар афканда ва аз сахрои барф мерафт ва арзан мепошид. Зуннун гуфт: Эй деҳқон, чӣ дона мепошӣ? Гуфт: Мурғакон чина наёбанд, дона мепошам, то ин тухм ба бар ояд ва Худой раҳмат кунад. Гуфтам: Донае, ки бегона пошад, аз габре напазирад. Гуфт: Агар напазирад, бинад, он чӣ мекунам? Гуфтам: Бинад! Гуфт: Маро ин бас бошад. Пас Зуннун гуфт: Чун ба ҳаҷ рафтам, он габрро дидам ошиқосо дар тавоф. Гуфт: Ё Аболфайз, дидӣ, ки диду пазируфт ва он тухм ба бар омад ва маро ошиқӣ доду огоҳӣ бахшид ва ба хонаи худам хонд? Зуннун аз он сухан дар шӯр шуд, гуфт: Худовандо! Бихиштро ба мушти арзан ба габре чихилсола арзон мефурӯшӣ! Ҳотифе овоз дод, ки: Ҳақ таоло ҳар киро хонад, на ба иллат хонад ва ҳар киро ронад, на ба иллат ронад. Ту, эй Зуннун, фориғ бош, ки кори «ал-Фаъъолун лимо йуриду» (Сураи Худ, ояти 107) бо қиёси акли ту рост наяфтад.

Накл аст, ки гуфт: Дӯсте доштам фақир. Вафот кард. Ӯро ба хоб дидам, гуфтам: Худой ба ту чӣ кард? Гуфт: Маро биёмурзид ва фармуд, ки туро омурзидам, ки: аз ин сифлагони дунё ҳеч наситадӣ бо ҳамаи эҳтиёҷ.

Накл аст, ки гуфт: Ҳаргиз нону оби сер нахӯрдаам, то на маъсияте кардам Худойро, ё боре қасди маъсияте дар ман падид наёмад.

Накл аст, ки ҳар гоҳ ки дар намоз хост истод, гуфтӣ: Бор Худоё! Ба кадом қадам оям ба даргоҳи ту? Ва бо кадом дида нигарам ба қиблаи ту? Ва бо кадом зуфон гӯям рози ту? Ва ба кадом луғат гӯям номи ту? Аз бесармоягӣ сармоя сохтам ва ба даргоҳ омадам, ки чун кор ба зарурат расид, ҳаёро бигирифтам. Чун ин бигуфтӣ, такбир пайвастӣ ва басе гуфтӣ, ки: Имрӯз, ки маро андӯҳе пеш ояд, бо ӯ гӯям, агар фардо-м аз ӯ андӯҳе расад, бо кӣ гӯям?

Ва дар муноҷот гуфтӣ: «Аллоҳумма ло туъаззибнӣ бизулли-л-ҳичоби» - Худовандо, маро ба зулли ҳичоб азоб макун!

Ва гуфт: Субҳон он Худое, ки аҳли маърифатро маҳҷуб гардонид аз ҷумлаи халқи дунё ба ҳуҷуби охират ва аз ҷумлаи халқи охират ба ҳуҷуби дунё.

Ва гуфт: Сахттарин ҳичобҳо нафс дидан аст.

Ва гуфт: Ҳикмат дар меъдае карор нагирад, ки аз таом пур омад.

Ва гуфт: Истиғфор бе он ки аз гуноҳ бозистӣ, тавбаи дурӯғзанон бувад.

Ва гуфт: Фаррух он кас, ки шиори дили ӯ вараъ бувад ва дили ӯ пок аз тамаъ бувад ва муҳосиби нафси хеш «фимо суниа».

Ва гуфт: Сиҳати тан дар андак хӯрдан аст ва сиҳати рӯҳ дар андакии гуноҳ.

Ва гуфт: Ачаб нест аз он ки ба балое мубтало шавад, пас сабр кунад, ачаб аз он аст, ки ба балое мубтало шавад, розӣ бувад.

Ва гуфт: Мардумон тарсгор бошанд, ба рохи рост бошанд, чун тарс аз дили эшон бирафт, гумроҳ гарданд.

Ва гуфт: Бар рохи рост он аст, ки аз Худой тарсон аст. Чун тарс бархост, аз роҳ биюфтод.

Ва гуфт: Аломати хашми Худой бар банда тарси банда бувад аз дарвешӣ.

Ва гуфт: Фасод бар мард аз шаш чиз дарояд: яке заъфи нийят ба амали охират; дуввум, танҳои эшон, ки рахини шаҳавот гашта бувад; саввум, бо курби ачал дарозии амал бар эшон ғолиб гашта бувад; чахорум, ризои махлуқон бар ризои холиқ гузида бошанд; панҷум, мутобаати ҳаворо карда бошанд; шашум, он ки заллатҳои салаф хуччати хеш карда бошанд ва хунарҳои эшон чумла дафн карда, то фасод бар эшон пайдо гаштааст.

Ва гуфт: Соҳиби ҳиммат агарчи каж бувад, ӯ ба саломат наздик аст. Ва соҳиби иродат агарчи саҳеҳ аст, ӯ мунофик аст, яъне он ки соҳиби ҳиммат бувад, ӯро иродати он набувад, ки ҳаргиз ба ҳеч сар фурӯ орад, ки соҳиби ҳимматро хоста набувад ва соҳиби иродат зуд розӣ гардад ва ба чое фурӯ ояд

Ва гуфт: Зиндагонӣ нест магар бо мардумоне, ки дили эшон орзуманд бувад ба тақво ва эшонро нишот бувад ба зикри Худой.

Ва гуфт: Дӯстӣ бо касе кун, ки ба тағайюри ту мутағаййир нагардад.

Ва гуфт: Агар хоҳӣ, ки аҳли сӯҳбат бошӣ, сӯҳбат бо ёрон чунон кун, ки Сиддиқ кард бо набиюллоҳ, алайҳи-с-салом, ки дар дину дунё ба ҳеч мухолифи ӯ нашуд, лочарам Ҳақ таоло соҳибаш хонд.

Ва гуфт: Аломати муҳаббати Худой он аст, ки мутобеи ҳабиб, алайҳи-с-саломи Худой бувад дар ахлоқу афъол ва авомиру сунан.

Ва гуфт: Сӯҳбат мадор бо Худой чуз ба мувофакат ва бо халқ чуз ба муносахат ва бо нафс чуз ба мухолафат ва бо душман чуз ба адоват.

Ва гуфт: Ҳеч табиб надидам чоҳилтар аз он ки мастонро дар вақти мастӣ муолача кунад, яъне сухан гуфтан касеро, ки ӯ масти дунё бошад, бефоида бувад. Пас гуфт: Мастро даво нест магар ҳушёр шавад, он гоҳ ба тавба давои ӯ кунанд.

Ва гуфт: Худои азза ва чалла, азиз накунад бандаеро ба иззе азизтар аз он, ки ба вай намояд хории нафси хеш; ва залил накунад бандаеро ба зулле залилтар аз он, ки махчуб кунад ӯро, то зулли нафс набинад.

Ва гуфт: Ёре некӯ боздоранда аз шахавот баъси чашм ва гӯш доштан аст.

Ва гуфт: Агар туро ба халк унс аст, тамаъ мадор, ки ҳаргиз ба Худой унс падид ояд.

Ва гуфт: Ҳеч чиз надидам расонандатар ба ихлос аз хилват, ки ҳар кӣ хилват гирифт чуз Худой, ҳеч набинад ва ҳар кӣ хилват дӯст дорад, тааллук гирад ба амуди ихлос ва даст занад ба рукне аз аркони сидк.

Ва гуфт: Ба аввал кадам ҳар чӣ чӯӣ, ёбӣ, яъне агар хеч менаёбӣ, нишоне аст, ки ҳанӯз дар ин рох як кадам наниходай, ки то заррае аз вучуд мемонад, заррае рох надорӣ.

Ва гуфт: Гуноҳи мукарробон ҳасаноти аброр аст.

Ва гуфт: Чун бисоти Мухаммад бигустаронанд, гуноҳи аввалин ва охирин бар хавошии он бисот махв гардад ва ночиз шавад.

Ва гуфт: Арвохи анбиё дар майдони маърифат афганданд, рӯхи пайғомбар, алайхи-с-саломи мо аз пеши ҳама рӯҳҳо бишуд, то ба равзаи висол расид.

Ва гуфт: Мухибби Худойро каъси муҳаббат надиҳанд, магар баъд аз он ки хавф дилашро бисӯзад ва ба қатъ анҷомад.

Ва гуфт: Шинос, ки хавфи оташ дар ҷанби фироқ ба манзилати як қатраи об аст, ки дар дарёи аъзам андозанд ва ман намедонам чизе дигар дили гирандатар аз хавфи фироқ.

Ва гуфт: Ҳар чизро уқубат аст ва уқубати муҳаббат он аст, ки аз зикри Ҳақ таоло ғофил монад.

Ва гуфт: Сӯфӣ он бувад, ки чун бигӯяд, нутқаш ҳакоики ҳоли вай бувад, яъне чизе нагӯяд, ки ӯ он набошад; ва чун хомӯш бошад, муомалаташ муаббири ҳоли вай бувад ва ба қатъи алоики ҳоли вай нотиқ бувад.

Гуфтанд: Ориф кӣ бошад? Гуфт: Марде бошад аз эшон, ҷудо аз эшон.

Ва гуфт: Ориф ҳар соате хошеътар бувад, зеро ки ба ҳар соате наздиктар бувад.

Ва гуфт: Ориф лозими як ҳол набувад, ки аз олами ғайб ҳар соате ҳолате дигар бар ӯ меояд, то лоҷарам сохиби ҳолот бувад, на соҳиби ҳолат.

Ва гуфтанд: Орифе хоиф мебояд, на орифе восиф, яъне васф мекунад хешро ба маърифат, аммо ориф набувад, ки агар ориф будӣ, хоиф будӣ, ки «Иннамо йахша-л-Лоҳа мин ибодихи-л-уламоу» (Сураи Фотир, ояти 28).

Ва гуфт: Адаби ориф забари ҳамаи адабҳо бувад, зеро ки ӯро маърифат муаддиб бувад.

Ва гуфт: Маърифат бар се вачҳ аст: яке маърифати тавҳид ва ин оммаи мӯъминонрост; дуввум, маърифати ҳуҷҷат ва баён аст ва ин ҳукамову булаъо ва уламорост; саввум, маърифати сифоти ваҳдоният аст ва ин аҳли вилояту-л-Лоҳрост: он ҷамоате, ки шоҳиди Ҳаққанд ба дилҳои хеш, то Ҳақ таоло бар эшон зоҳир мегардонад, он чи бар ҳеч кас аз оламиён зоҳир нагардонад.

Ва гуфт: Ҳақиқати маърифат иттилои Ҳақ аст бар асрори бад-он чӣ латоифи анвори маърифат бад-он напайвандад, яъне ҳам ба нури офтоб офтобро тавон дид.

Ва гуфт: Зинҳор, ки ба маърифат муддаӣ набошӣ, яъне

агар муддаӣ бошӣ, каззоб бошӣ. Дигар маънӣ он аст, ки чун орифу маъруф дар ҳақиқат яке аст, ту дар миёни чӣ падид меоӣ? Дигар маънӣ он аст, ки агар муддаӣ бошӣ, ё рост мегӯӣ, ё дурӯғ. Агар рост мегӯӣ, сиддиқон хештанро ситоиш накунанд, чунонки Сиддиқ, разия-л-Лоҳи анҳу, мегуфт: «Ласту бихайрикум» ва дар ин маънӣ Зуннун гуфтааст, ки: «Аксару занбӣ маърифатӣ иййоҳу». Ва агар дурӯғ гӯӣ, ориф дурӯғзан набувад. Ва дигар маънӣ он аст, ки: Ту магӯӣ, ки орифам, то ӯ гӯяд.

Ва гуфт: Он ки орифтар аст ба Худой, таҳайюри ӯ дар Худой сахттар аст ва бештар аз ҷиҳати он ки ҳар кӣ ба офтоб наздиктар бувад, дар офтоб мутаҳаййиртар бувад, то ба ҷое расад, ки ӯ ӯ набувад; чунонки аз сифати ориф пурсиданд. Гуфт: Ориф бинанда бувад беилм ва беайну бехабар ва бемушоҳадаву бевасф ва бекашфу беҳиҷоб; эшон эшон набошанд ва эшон бад-эшон набошанд, балки эшон, кай эшон бошанд, ба Ҳақ эшон бошанд. Гардиши эшон ба гардонидани Ҳақ бошад; ва сухани эшон сухани Ҳақ бувад бар забонҳои эшон равон гашта; ва назари эшон назари Ҳақ бувад бар дидаҳои эшон роҳ ёфта. Пас гуфт: Пайғамбар, алайҳи- с-салом, аз ин сифат хабар дод ва ҳикоят кард аз Ҳақ таоло, ки гуфт: Чун бандае дӯст гирам, ман, ки Худовандам, гуши ӯ бошам, то ба ман шунавад ва чашми ӯ бошам, то ба ман бинад ва зуфони ӯ бошам, то ба ман гӯяд ва дасти ӯ бошам, то ба ман гирад.

Ва гуфт: Зоҳидон подшоҳони охиратанд ва орифон подшоҳони зоҳидонанд.

Ва гуфт: Аломати муҳаббати Ҳақ он аст, ки тарк кунад ҳар чӣ ӯро аз Худой шоғил аст, то ӯ монад ва шуғли Худой ва бас.

Ва гуфт: Аломати дили бемор чаҳор чиз аст: яке он аст, ки аз тоат ҳаловат наёбад; дуввум, аз Худой тарснок набувад; саввум, он ки дар чизҳо ба чашми ибрат нанигарад; чаҳорум он, ки фаҳм накунад, аз илм он чӣ шунавад.

Ва гуфт: Аломати он, ки мард ба макоми убудият расидааст, он аст, ки мухолифи ҳаво бувад ва торики шаҳавот.

Ва гуфт: Убудият он аст, ки бандаи ӯ бошӣ ба ҳама ҳол, чунонки ӯ Худованди туст ба ҳама ҳол.

Ва гуфт: Илм мавҷуд аст ва амал ба илм мафқуд ва амал мавҷуд аст ва ихлос дар амал мафқуд ва ҳубб мавҷуд аст ва сидқ дар ҳубб мафқуд.

Ва гуфт: Тавбаи авом аз гуноҳ аст ва тавбаи хавос аз ғафлат.

Ва гуфт: Тавба ду қисм аст: тавбаи инобат ва тавбаи истиҷобат. Тавбаи инобат он аст, ки банда тавба кунад аз хавфи укубати Худой; ва тавбаи истиҷобат он аст, ки тавба кунад аз шарми карами Худой.

Ва гуфт: Бар ҳар узве тавбае аст: тавбаи дил ният кардан аст бар тарки ҳаром; ва тавбаи чашм фурў хобонидан аст чашмро аз маҳорим; ва тавбаи даст тарк гирифтан аст дар гирифтани манохӣ; ва тавбаи пой тарки рафтан аст ба малоҳӣ; ва тавбаи гўш нигоҳ доштан аст гўшро аз шунидани аботил; ва тавбаи шикам хўрдани ҳалол аст; ва тавбаи фарҷ дур будан аз фавоҳиш аст.

Ва гуфт: Хавф ракиби амал аст ва рачо шафеи мўҳсин аст.

Ва гуфт: Хавф чунон бояд, ки аз рачо бакувваттар бувад, ки агар рачо ғолиб ояд, дил мушавваш шавад.

Ва гуфт: Талаби ҳоҷат ба зуфони факр кунанд, на ба забони ҳукм.

Ва гуфт: Давоми дарвеши бо тахлит дўсттар дорам аз он ки давоми сафо бо уҷб.

Ва гуфт: Зикри Худой ғизои ҷони ман аст ва сано бар ў шароби ҷони ман аст ва ҳаё аз ў либоси ҷони ман аст.

Ва гуфт: Шарми ҳайбат бувад андар дил бо ваҳшат аз он чӣ бар ту рафтааст аз нокарданиҳо.

Ва гуфт: Дўсти туро ба сухан орад ва шарм хомўш кунад ва ҳавф беором гардонад.

Ва гуфт: Такво он бувад, ки зоҳир олуда накунад ба маосиҳо ва ботин ба фузул ва бо Худои азза ва ҷалла бар макоми истода бувад.

Ва гуфт: Содиқ он бувад, ки забони ў ба савоб ва ба ҳақ нотиқ бувад.

Ва гуфт: Сидқ шамшери Худои азза ва ҷалла аст, ҳаргиз он шамшер бар ҳеч гузар накард, илло, онро пора гардонид.

Ва гуфт: Сидқи забонӣ махзун аст ва сухан ба ҳақ гуфтан мавзун.

Ва гуфт: Мурокабат он аст, ки исор кунӣ, он чӣ Ҳақ баргузидааст, яъне он чӣ бехтар бувад, исор накунӣ; ва азим донӣ, он чӣ Худой онро азим доштааст; чун аз ту заррае дар вуҷуд ояд ба сабаби исор, ба гӯшаи чашм бад-он бознигарӣ ва онро аз фазли Худой бинӣ, на аз амали хеш; ва дунё ва хар чӣ онро хурд шумурдааст, бад-он илтифот накунӣ ва даст аз ин низ бияфшонӣ ва хештанро дар ин эъроз кардан дар миён набинӣ.

Ва гуфт: Вачд сирре аст дар дил.

Ва гуфт: Самоъ вориди Ҳақ аст, ки дилҳо бад-ӯ барангезад ва бар талаби вай харис кунад, ки онро, ки ба Ҳақ шунуд, ба Ҳақ роҳ ёбад ва ҳар кӣ ба нафс шунавад, дар зиндиқа афтад.

Ва гуфт: Таваккул аз тоати худоёни бисёр берун омадан аст ва ба тоати як Худой машғул будан ва аз сабабҳо буридан.

Ва гуфт: Таваккул худро дар сифати бандагӣ доштан аст ва аз сифати худовандӣ берун омадан.

Ва гуфт: Таваккул даст бидоштан аз тадбир бувад ва берун омадан аз қувват ва ҳилати хеш.

Ва гуфт: Унс он аст, ки сохиби ӯро вахшат падид ояд аз дунё ва аз халқ, магар аз авлиёи Ҳақ аз ҷиҳати он ки унс гирифтан бо авлиё унс гирифтан аст ба Худой.

Ва гуфт: Авлиёро чун дар айши унс андозанд, гӯё бо эшон хитоб мекунанд дар бихишт ба зуфони нур ва чун дар айши хайбат андозанд, гӯё бо эшон хитоб мекунанд дар дӯзах ба зуфони нор.

Ва гуфт: Фурӯтари манзили унсгирифтагон ба Худой он бувад, ки агар эшонро ба оташ бисӯзанд, як заррa ҳиммати эшон ғоиб намонад аз он ки бад-ӯ унс доранд.

Ва гуфт: Аломати унс он аст, ки ба халқат унс надиҳанд, унс бо нафси хешат диҳанд, то бо халқат вахшат диҳанд, пас бо нафси хешат унс диҳанд.

Ва гуфт: Мифтоҳи ибодат фикрат аст ва нишони расидан мухолафати нафсу хавост ва мухолафати он тарки орзухост. Ҳар кӣ мудовамат кунад ба фикрат ба дил, олами ғайб бубинад ба рӯх.

Ва гуфт: Ризо шод будани дил аст дар талхии казо.

Ва гуфт: Ризо тарки ихтиёр аст пеш аз қазо ва талхӣ

ноёфтан аст баъд аз қазо ва чӯш задани дӯстӣ аст дар айни бало.

Гуфтанд: Кист донандатар ба нафси хеш? Гуфт: Он, ки розӣ аст, бад-он чӣ қисмат кардаанд.

Ва гуфт: Ихлос тамом нашавад магар, ки сидқ бувад дар ӯ ва сабр бар ӯ; ва сидқ тамом нагардад магар ихлос бувад дар ӯ ва мудовамат бар ӯ.

Ва гуфт: Ихлос он бувад, ки тоат аз душман нигоҳ дорад, то табоҳ накунад.

Ва гуфт: Се чиз аломати ихлос аст: яке он ки мадҳу замм наздики ӯ яке бувад ва рӯъяти аъмол фаромӯш кунад ва ҳеч савоб воҷиб надорад дар охират бад-он амал.

Ва гуфт: Ҳеч чиз надидаам сахттар аз ихлос дар хилват.

Ва гуфт: Ҳар чӣ аз чашмҳо бубинанд, нисбати он бо илм бувад; ва ҳар чӣ аз дилҳо бидонанд, нисбати он бо яқин бувад.

Ва гуфт: Се чиз аз нишони яқин аст: яке, назар ба Ҳақ кардан аст дар ҳама чизе; дуввум, руҷӯъ кардан аст бо Ҳақ дар ҳама коре; саввум, ёрӣ хостан аст аз ӯ дар ҳама ҳоле.

Ва гуфт: Яқин даъват кунад ба кӯтоҳии амал ва кӯтоҳии амал даъват кунад ба зӯҳд ва зӯҳд даъват кунад ба ҳикмат ва ҳикмат нигаристан андар авоқиб бор орад.

Ва гуфт: Сабр самараи яқин аст.

Ва гуфт: Андаке аз яқин бештар аз дунё, аз баҳри он ки андаке яқин дилро пур аз ҳубби охират гардонад ва ба андаке яқин ҷумла малакути охират мутолаа кунад.

Ва гуфт: Аломати яқин он аст, ки басе мухолафат кунад халқро дар зистан ва ба тарки мадҳи ҳалқ кунад ва агар низ атое диҳанд; ва фориғ гардад аз накӯҳидан эшонро, агар манъе кунанд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба халқ унс гирифт, бар бисоти Фиръавн сокин шуд ва ҳар кӣ ғоиб монд аз гӯш бо нафс доштан, аз ихлос дур афтод ва ҳар киро аз ҷумлаи чизҳо насиб Ҳақ омад, пас хеч бок надорад, агар хама чизе ӯро фавт шавад дуни Ҳақ, чун ҳузури Ҳақ хосил дорад.

Ва гуфт: Ҳар муддай, ки ҳаст, ба даъвои хеш маҳҷуб аст аз шуҳуди Ҳақ ва аз сухани Ҳақ; ва агар касеро Ҳақ ҳозир аст, ӯ мӯҳточи даъво нест, аммо агар ғоиб аст, даъво ин

ҷост, ки даъво нишони маҳҷубон аст.

Ва гуфт: Ҳаргиз мурид набувад, то устоди худро фармонбарандатар набувад аз Худой.

Ва гуфт: Ҳар кӣ муроқабат кунад Худойро дар хатароти дили хеш, бузург гардонад Худой ӯро дар ҳаракоти зоҳири ӯ; ва ҳар кӣ битарсад, бо Худой гурезад ва ҳар кӣ дар Худой гурезад, наҷот ёбад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ қаноат кунад, аз аҳли замона роҳат ёбад ва меҳтари ҳама гардад; ва ҳар кӣ таваккул кунад, устувор гардад; ва ҳар кӣ такаллуф кунад, дар он чӣ ба кораш намеояд, зоеъ кунад, он чӣ ба кораш меояд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ аз Худой битарсад, дилаш бигудозад ва дӯстии Худой дар дилаш мустаҳкам шавад ва ақли ӯ комил гардад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ талаби азиме кунад, мухотарае кардааст азим; ва ҳар кӣ қадри он чӣ талаб мекунад, бишиносад, хор гардад бар чашми ӯ қадри он чӣ базл бояд кард.

Ва гуфт: Он, ки таассуф андак меҳӯрӣ бар Ҳақ, нишони он аст, ки қадри Ҳақ назди ту андак аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ далолат накунад туро зоҳири ӯ бар ботини ӯ, бо ӯ ҳамнишин мабош!

Ва гуфт: Андӯҳ маҳӯр бар мафқуд ва зикри маъбуд мавҷуд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба ҳақиқат Худойро ёд кунад, фаромӯш кунад дар ҷанби ёди ӯ ҷумлаи чизҳо; ва ҳар кӣ фаромӯш кунад дар ҷанби зикри Худой ҷумлаи чизҳо, Худой нигоҳ дорад бар ӯ ҷумлаи чизҳо; ва Худой ивзи ӯ бувад аз ҳамаи чизҳо.

Ва аз ӯ пурсиданд, ки: Худой ба чӣ шинохтӣ? Гуфт: Худойро ба Худо шинохтам ва халқро ба расул, яъне Аллоҳ аст ва нури Аллоҳ аст, ки Худой холиқ аст, холиқро ба холиқ тавон шинохт ва нури Худой халқ аст; ва асли халқ нури Муҳаммад, алайҳи-с-салом, аст, пас халқро ба Муҳаммад тавон шинохт.

Ва гуфтанд: Дар халқ чӣ гӯй? Гуфт: Ҷумлаи халқ дар ваҳшатанд ва зикри Ҳақ кардан дар миёни аҳли ваҳшат ғайбат бувад.

Ва пурсиданд, ки: Бандаи муфаввоз кӣ бувад? Гуфт:

Чун маъюс бувад аз нафс ва феъли хеш ва паноҳ бо Худой диҳад дар ҷумлаи аҳвол ва ӯро ҳеч пайванд намонад ба ҷуз Ҳақ.

Гуфтанд: Сӯҳбат бо кӣ дорем? Гуфт: Бо он ки ӯро мулк набувад ва ба ҳеч ҳол туро мункир нагардад ва ба тағайюри ту мутағаййир нашавад, ҳарчанд он тағайюр бузург бувад, аз баҳри он ки ту ҳарчанд мутағаййиртар бошӣ, ба дӯст мӯҳточтар бошӣ.

Гуфтанд: Бандаро кай осон гардад роҳи хавф? Гуфт: Он гоҳ ки хештан бемор шумарад ва аз хамаи чизҳо парҳез кунад аз бими бемории дароз.

Гуфтанд: Банда ба чӣ сабаб мустаҳаққи биҳишт шавад? Гуфт: Ба панҷ чиз: истиқомате, ки дар вай гаштан ва бор набувад; ва иҷтиҳоде, ки дар ӯ биҳими (казо, з: бим) саҳв набувад; ва мурокабати Худойро сирран ва ҷаҳран; ва интизории маргро ба сохтани зоди рох; ва муҳосабаи худ кардан пеш аз он ки ҳисобат кунанд.

Пурсиданд, ки: Аломати хавф чист? Гуфт: Он ки хавф вайро эмин гардонад аз ҳамаи хавфҳои дигар.

Гуфтанд: Аз мардум кӣ во сиёнат турост? Гуфт: Он ки забони хешро нигаҳдортар аст.

Гуфтанд: Аломати таваккул чист? Гуфт: Он ки тамаъ аз ҷумлаи халқ мунқатеъ гардонад.

Бори дигар пурсиданд аз аломати таваккул. Гуфт: Ҳалъи арбобу қатъи асбоб.

Гуфтанд: Зиёдат кун! Гуфт: Андӯхтани нафс дар убудият ва берун овардани нафс аз рубубият.

Пурсиданд, ки: Узлат кай дуруст ояд? Гуфт: Он гоҳ, ки аз нафси худ узлат гирӣ.

Гуфтанд: Андӯҳ киро бештар бувад? Гуфт: Бадхуйтарин мардумонро.

Пурсиданд, ки: Дунё чист? Гуфт: Ҳар чӣ туро аз Ҳақ машғул мекунад, дунё он аст.

Гуфтанд: Сифла кист? Гуфт: Он ки роҳ ба Худой надонад.

Юсуфи Ҳусайн аз ӯ пурсид, ки: Бо кӣ сӯҳбат кунам? Гуфт: Бо он ки туву ман дар миён набувад.

Ва Юсуфи Ҳусайн гуфт: Маро васияте кун! Гуфт: Бо

Худой ёр бош дар хасми нафси хеш, на бо нафс ёр бош дар хасми Худой; ва хеч касро ҳақир мадор, агарчи мушрик бувад ва дар оқибати ӯ нигар, ки тавонад, ки маърифат аз ту салб кунанд ва бад-ӯ диҳанд.

Ва яке аз ӯ васият хост. Гуфт: Ботини хеш бо Ҳақ гузор ва зоҳири хеш ба халқ дех ва ба Худой азиз бош, то Худой бениёзат кунад аз халқ.

Яке дигар васияте хост. Гуфт: Шакро ихтиёр макун бар яқин ва розй машав аз нафси хеш, то ором нагирад. Ва агар балое рӯй ба ту оварад, онро ба сабр таҳаммул кун ва лозими даргоҳи Худой бош!

Касе дигар васияте хост, гуфт: Ҳиммати хешро аз пешу пас мафирист! Гуфт: Ин суханро шарҳе дех! Гуфт: Аз ҳар чӣ гузашту аз ҳар чӣ ҳанӯз наёмадааст, андеша макун ва нақди вақтро бош!

Пурсиданд, ки: Суфиён чӣ касанд? Гуфт: Мардумоне, ки Худойро ба ҳама чизе бигузинанд ва Худой эшонро бар ҳама бигузинад.

Касе бари ӯ омаду гуфт: Далолат кун маро бар Ҳақ! Гуфт: Агар далолат металабй бар ӯ, бештар аз он аст, ки дар шумор ояд ва агар қурб мехоҳй, дар аввали қадам аст. Ва шарҳи ин дар пеш рафтааст.

Марде бад-ӯ гуфт: Туро дӯст медорам. Гуфт: Агар ту Худойро мешиносй, туро Худой бас ва агар намешиносй, талаби касе кун, ки ӯро шиносад, то туро бар ӯ далолат кунад.

Пурсиданд аз ниҳояти маърифат. Гуфт: Ҳар кӣ ба ниҳояти маърифат расид, нишони ӯ он бувад, ки чун бувад, чунонки буд, он чо, ки буд, ҳамчунон бувад, ки пеш аз он ки буд.

Пурсиданд, ки: Аввал дарачае, ки ориф рӯй бад-он чо нихад, чист? Гуфт: Таҳайюр, баъд аз он ифтикор, баъд аз он иттисол, баъд аз он ҳайрат.

Пурсиданд аз амали ориф. Гуфт: Он ки нозири Ҳақ бувад дар кулли аҳвол.

Пурсиданд аз камоли маърифати нафс. Гуфт: Камоли маърифати нафс гумони бад бурдан аст бад-ӯ ва ҳаргиз гумони неқӯ нобурдан.

Ва гуфт: Ҳакоики қулуб фаромӯш кардани насибаи нуфус аст.

Ва гуфт: Аз Худой дуртарин касе аст, ки дар зоҳир ишорати ӯ ба Худой бештар аст, яъне пинҳон дорад, чунонки нақл аст аз ӯ, ки гуфт: Ҳафтод сол қадам задам дар тавҳиду тафрид ва тақриду таъйид ва ташдид бирафтам, аз ин ҳама ҷуз гумоне ба чанг наёвардам.

Нақл аст, ки чун дар бемории марг афтод, гуфтанд: Чӣ орзу-т мекунад? Гуфт: Орзу он аст, ки пеш аз он ки бимирам - агар ҳама як лаҳза бувад - ӯро бидонам. Пас ин байт бигуфт:

Ал-хавфу амразанӣ ва-ш-шавқу ахрақанӣ
Ва-л-ҳуббу асфаданӣ ва-л-Лоҳу аҳйонӣ

Ва баъд аз ин, як рӯз ҳуш аз ӯ зоил шуд. Юсуфи Ҳусайн гуфт дар вақти вафот, ки: Маро васияте кун! Гуфт: Сӯҳбат бо касе дор, ки дар зоҳир аз ӯ саломат ёбӣ ва туро сӯҳбати ӯ бар хайр боис бувад ва аз Худой ёддиҳанда бувад дидори ӯ туро.

Зуннунро гуфтанд - дар вақти назъ - ки: Васияте кун! Гуфт: Маро машғул мадоред, ки дар тааҷҷуб мондаам дар некӯиҳои ӯ.

Пас вафот кард. Дар он шаб, ки аз дунё бирафт, ҳафтод кас пайғамбарро ба хоб диданд, гуфтанд: Гуфт: Дусти Худой хост омадан, ба истиқболи ӯ омадаем.

Чун вафот кард бар пешонии ӯ диданд навишта ба хати сабз: «Ҳозо ҳабибу-л-Лоҳи, мота фӣ ҳуббӣ-л-Лоҳи; ҳозо қатила-л-Лоҳи бисайфи-л-Лоҳи».

Чун ҷанозааш бардоштанд, офтоб азим гарм буд, мурғони ҳаво биёмаданд ва пар дар пар гузоштанд ва ҷанозаи ӯ дар соя доштанд аз хонаи ӯ то лаби гӯр. Ва дар рох, ки ӯро мебурданд, муаззине бонг мегуфт, чун ба калимаи шаҳодат расид, (Зуннун) ангушт аз вато баровард, фарёд аз мардумон баромад, ки: Ӯ зиндааст, ҷаноза биниҳоданд ва ангушт гушода буд, ӯ мурда. Ҳарчанд ҷаҳд карданд ангушт ба ҷои худ нашуд. Аҳли Миср, ки он ҳолат бидиданд, ҷумла ташвир хӯрданд ва гуфтанд: Тавба кардем аз ҷафоҳо, ки бо вай карда буданд; ва корҳо карданд бар сари хоки ӯ, ки сифат натвон кард. Рахмату-л-Лоҳи алайх.

14. ЗИКРИ БОЯЗИДИ БАСТОМӢ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он халифаи илоҳӣ, он даомаи номутаноҳӣ, он султонулорифин, он ҳуҷҷатулҳалоиқи аҷмаин, он пухтаи ҷаҳони нокомӣ, шайх Боязиди Бастомӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Акбари машоиху аъзами авлиё буд ва ҳуҷҷати Худой буд ва халифаи ба ҳақ буд ва қутби олам буд ва марҷаи автод.

Ва риёзоту каромот ва ҳолоту калимоти ӯро андоза набуд. Ва дар асрору ҳақоиқ назаре нофиз ва ҷидде балиғ дошт. Ва доим дар мақоми қурбу ҳайбат буд, ғарқаи унсу муҳаббат буд ва пайваста тан дар муҷоҳадаву дил дар мушоҳада дошт. Ва ривоёти ӯ дар аҳодис олӣ буд ва пеш аз ӯ касеро дар маонии тариқат чандон истинбот набуд, ки ӯро. Гуфтанд, ки дар ин шева наҳуст ӯ буд, ки алам ба сахро зад. Ва камоли ӯ пӯшида нест, то ба ҳадде ки Ҷунайд гуфт, ки: Боязид дар миёни мо чун Ҷабраил аст дар миёни малоика. Ва ҳам ӯ гуфт: Ниҳояти майдони ҷумлаи равандагон, ки ба тавҳид равонанд, бидояти майдони ин хуросонӣ аст. Ҷумлаи мардон, ки ба бидояти қадами ӯ расанд, ҳама даргарданд ва фуру шаванду намонанд.Далел бар ин сухан он аст, ки Боязид мегуяд: Дувист сол ба бӯстон баргузарад, то чун мо гуле даррасад. Ва шайх Абӯсаиди Абулхайр, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, мегуяд, ки: Ҳаждаҳ ҳазор олам аз Боязид пур мебинам ва Боязид дар миёна набинам, яъне он чи Боязид аст, дар Ҳақ маҳв аст.

Ҷадди вай габр буд ва аз бузургони Бастом яке падари вай буд. Воқеаи ӯ бо ӯ ҳамбар будааст аз шиками модар, чунонки модараш накл кунад: Ҳар гоҳ ки лукмае ба шубҳат дар даҳон ниходаме, ту дар шиками ман дар тапидан омадӣ ва қарор нагирифтӣ, то боз барандохтаме ва мисдоки ин

сухан он аст, ки аз шайх пурсиданд, ки: Мардро дар ин тариқ чӣ бехтар? Гуфт: Давлати модарзод. Гуфтанд: Агар набувад. Гуфт: Тани тавоно. Гуфтанд: Агар набувад? Гуфт: Гуши шунаво. Гуфтанд: Агар набувад? Гуфт: Дили доно. Гуфтанд: Агар набувад? Гуфт: Чашми бино. Гуфтанд: Агар набувад? Гуфт: Марги муфоҷо.

Нақл аст, ки чун модараш ба дабиристон фиристод, чун ба сураи «Луқмон» расид ва ба ин оят расид: «Анишкур лӣ ва ливолидайка» (ояти 14) - Худой мегуяд: Маро хидмат кун ва шукр гуй ва модару падарро хидмат куну шукр гуй! Устод маънии ин оят мегуфт. Боязид, ки он бишнид, бар дили у кор кард, лавҳ бинҳоду гуфт: Устод маро дастурӣ деҳ, то ба хона равам ва сухане бо модар бигуям. Устод дастурӣ дод. Боязид ба хона омад. Модар гуфт: Ё Тайфур! Ба чӣ омадӣ? Магар ҳадяе овардаанд? Ё узре афтодааст? Гуфт: На, ки ба ояте расидам, ки Ҳақ мефармояд моро ба хидмати хеш ва хидмати ту. Ман дар ду хона кадхудой натавонам кард. Ин оят бар ҷони ман омадааст, ё аз Худоям дархоҳ, то ҳама они ту бошам ва ё дар кори Худоям кун, то ҳама бо вай бошам. Модар гуфт: Эй писар! Туро дар кори Худой кардам ва хаққи хештан ба ту бахшидам. Бирав ва Худойро бош!

Пас Боязид аз Бастом бирафт ва сӣ сол дар Шом ва Шомот мегардиду риёзат мекашид ва бехобиву гуруснагии доим пеш гирифт ва саду сездах пирро хидмат кард ва аз ҳама фоида гирифт ва аз он ҷумла яке Содиқ (Имом Ҷаъфар, алайҳи-с-салом) буд: дар пеши у нишаста буд, гуфт: Боязид, он китоб аз тоқ фуру гир! Боязид гуфт: Кадом тоқ? Гуфт: Охир муддате аст, ки ин ҷо меой ва тоқ надидай? Гуфт: На, маро бо он чӣ кор, ки дар пеши ту сар аз пеш бардорам? Ман ба назора наёмадаам. Содиқ гуфт: Чун чунин аст бирав, ба Бастом бозрав, ки кори ту тамом шуд.

Нақл аст, ки уро нишон доданд, ки фалон ҷой пири бузург аст. Аз дурчое ба дидани у шуд. Чун наздики у расид, он пирро дид, ки у оби даҳон сӯи қибла андохт. Дарҳол шайх бозгашт, гуфт: Агар уро дар тариқат қадре будӣ, хилофи шариат бар у нарафтӣ.

Нақл аст, ки аз хонаи у то масҷид чихил гом буд,

ҳаргиз дар рох хеч наяндохтӣ ҳурмати масҷидро.

Накл аст, ки дувоздаҳ сол рӯзгор шуд, то ба Каъба расид, ки дар ҳар мусаллоғохе саҷҷода бозмеафканд ва ду ракъат намоз мекард, мерафт ва мегуфт: Ин даҳлези подшоҳи дунё нест, ки ба як бор бад-ин ҷо бартавон давид. Пас ба Каъба рафт ва он сол ба Мадина нашуд, гуфт: Адаб набувад ӯро табаи ин зиёрат доштан, онро ҷудогона эҳром кунам. Бозомад, соли дигар ҷудогона аз сари бодия эҳром гирифт ва дар роҳ дар шаҳре шуд, халқе азим табаи ӯ гаштанд. Чун берун шуд, мардумон аз паи ӯ биёмаданд. Шайх бознигарист, гуфт: Инҳо киянд? Гуфтанд: Эшон бо ту сӯҳбат хоҳанд дошт. Гуфт: Бор Худоё! Ман аз ту дармехоҳам, ки халқро ба худ аз худ махҷуб магардон! Гуфтам: Эшонро ба ман махҷуб гардон! Пас хост, ки муҳаббати худ аз дили эшон берун кунад ва заҳмати худ аз роҳи эшон бардорад. Намози бомдод бигзорид, пас ба эшон нигарист, гуфт: «Иннани ана-л-Лоҳу ло илоҳа илло ана фаъбудӣ!» Гуфтанд: Ин мард девона шуд. Ӯро бигзоштанд ва бирафтанд. Ва шайх ин ҷо ба зуфони Худой сухан мегуфт, чунонки бар болои минбар гӯянд: «Ҳикоятан ан Раббиҳи».

Пас дар роҳ мешуд, каллаи сар ёфт бар вай навишта: «Суммун букмун умйун фаҳум ло йаъқилун» (Сураи Бақара, 171). Наърае бизад ва бардошту бӯса доду гуфт: Сари сӯфие менамояд дар Ҳақ маҳвшуда ва ночизгашта, на гӯш дорад, ки хитоби «лам йазалӣ» бишнавад, на чашм дорад, ки ҷамоли «ло йазолӣ» бинад, на зуфон дорад, ки санои бузургвории ӯ гӯяд, на аклу дониш дорад, ки заррае маърифати ӯ бидонад, ин оят дар шаъни ӯст.

Ва Зуннуни Мисрӣ муридеро ба Боязид фиристод, гуфт: Бирав ва бигу, ки эй Боязид! Ҳама шаб мехусбӣ дар бодия ва ба роҳат машғул мебошӣ ва кофила даргузашт. Мурид биёмад ва он сухан бигуфт. Шайх ҷавоб дод, ки: Зуннунро бигӯй, ки: Марди тамом он бошад, ки ҳама шаб хуфта бошад. Чун бомдод бархезад, пеш аз нузули кофила ба манзил фуруд омада бувад. Чун ин сухан ба Зуннун бозгуфтанд, бигирист ва гуфт: Муборакаш бод! Аҳволи мо бад-ин дараҷа нарасидааст. Ва бад-ин «бодия» тариқат хоҳад ва бад-ин «равиш» сулуки ботин.

Нақл аст, ки дар роҳ уштуре дошт, зоду роҳилаи худ бар он чо ниҳода буд. Касе гуфт: Бечора он уштурак, ки бор бисёр аст бар ӯ! Ва ин зулме аст. Боязид чу ин сухан ба каррот аз ӯ бишнуд, гуфт: Эй чавонмард! Бардорандаи бор уштурак нест. Фурӯ нигарист, то бор бар пушти уштур ҳаст? Бор ба як даст аз пушти уштур бартар дид ва ӯро аз гарони ҳеч хабар набуд. Гуфт: Субҳоналлоҳ! Чӣ ачаб коре аст? Боязид гуфт: Агар ҳақиқати ҳоли худ аз шумо пинҳон дорам, забони маломат дароз кунед ва агар ба шумо мақшуф гардонам, ҳавсалаи шумо тоқат надорад. Бо шумо чӣ бояд кард?

Пас чун бирафт ва Мадина зиёрат кард, амраш омад ба хидмати модар бозгаштан. Бо чамоате рӯй ба Бастом ниҳод. Хабар дар шаҳри ӯ афтод. Аҳли Бастом - ба даврчое ба истиқболи ӯ шуданд. Боязидро мурооти эшон машғул хост кард ва аз Ҳақ бозмемонд. Чун наздики ӯ расиданд, шайх курсе аз остин бигирифт ва - рамазон буд - ба хӯрдан истод. Чумла он бидиданд, аз вай баргаштанд. Шайх асҳобро гуфт: Надидет, масъалае аз шариат кор бастам, ҳамаи халқ маро рад карданд! Пас сабр кард, то шаб даромад, нимишаб дар Бастом рафт, фаро дари хонаи модар омад, гӯш дошт, бонг шунид, ки модараш таҳорат мекард ва мегуфт: Бор Худоё! Фариби маро неку дор ва дили машоихро бо вай хуш гардон ва аҳволи неку ӯро каромат кун! Боязид он мешунуд, гиря бар вай афтод. Пас дар бизад. Модар гуфт: Кист? Гуфт: Фариби туст. Модар гирён омад ва дар бикшод - ва чашмаш халал карда буд - ва гуфт: Ё Тайфур! Донӣ ба чӣ чашм халал кард? Азбаски дар фироки ту мегиристам; ва пуштам дуто шуд, азбаски ғами ту хӯрдам.

Нақл аст, ки шайх гуфт: Он кор, ки бозпасини корҳо медонистам, пешини ҳама буд ва он ризои волида буд.

Ва гуфт: Он чӣ дар чумлаи риёзат ва мучоҳада ва ғурбату хидмат мечустам, дар он ёфтам, ки як шаб волида аз ман об хост. Бирафтам, то об оварам. Дар кӯза об набуд; ва бар сабӯ рафтам, набуд. Дар чӯй рафтам, об овардам. Чун бозомадам, дар хоб шуда буд. Шабе сард буд, кӯза бар даст медоштам. Чун аз хоб даромад, огоҳ шуд. Об хӯрд ва маро дуо кард, ки дид кӯза бар дасти ман фусурда буд, гуфт: Чаро аз даст наниҳодӣ? Гуфтам: Тарсидам, ки ту бедор шавӣ

ва ман ҳозир набошам. Пас гуфт: Он дар фаро нима кун! Ман то наздики рӯз мебудам, то нимаи рост бувад, ё на ва фармони ӯро хилоф накарда бошам. Ҳаме вақти саҳар он чӣ мечустам чандин гоҳ, аз дар даромад.

Нақл аст, ки чун аз Макка меомад, ба Ҳамадон расид. Тухми муасфар харида буд. Андаке аз ӯ ба сар омад, бар хирқа баст. Чун ба Бастом расид, ёдаш омад, хирқа бигушод, мӯрчае аз он ҷо бадар омад, гуфт: Эшонро аз ҷойгоҳи хеш овора кардам. Бархост ва эшонро дар Ҳамадон бурд, он ҷо, ки хонаи эшон буд, биниҳод. То касе, ки дар «ат-Таъзиму лиамри-л-Лоҳи» бағоят набувад, «аш-Шафқату ало халқи-л-Лоҳи» то бад-ин ҳад набувад.

Ва шайх гуфт: Дувоздаҳ сол оҳангари нафси худ будам: дар кураи риёзат мениҳодам ва ба оташи муҷоҳада метофтам ва бар сандони мазаммат мениҳодам ва путки маломат бар ӯ мезадам, то аз нафси хеш оинае кардам. Панҷ сол оинаи худ будам, ба анвои ибодату тоат он оина мезудудам. Пас як сол назари эътибор кардам: бар миёни хеш аз ғуруру ишва ба худ нигаристан зунноре дидам ва аз эътимод кардан бар тоат ва амали хеш писандидан. Панҷ соли дигар ҷаҳд кардам, то он зуннор бурида гашт ва исломи тоза биёвардам. Бингаристам: ҳамаи халоиқ мурда дидам; чаҳор такбир дар кори эшон кардам ва аз ҷанозаи ҳама бозгаштам ва бе захмати халқ, ба мадади Худой, ба Худой расидам.

Нақл аст, ки чун шайх ба дари масҷиде расидӣ, соате биистодӣ ва бигристӣ. Пурсиданд, ки: Ин чӣ ҳол аст? Гуфтӣ: Хештанро чун зане мустаҳоза меёбам, ки ташвир мехӯрад, ки ба масҷид дарравад ва масҷид биолояд.

Нақл аст, ки як бор касди сафари Ҳиҷоз кард. Чун берун шуд, бозгашт. Гуфтанд: Ҳаргиз ҳеч азми нақс накардай; ин чаро буд? Гуфт: Рӯй бар роҳ ниҳодам, зангие дидам, теғе кашида, ки: Агар бозгаштӣ, некӯ! Ва илло сарат аз танат ҷудо кунам. Пас маро гуфт: «Тараката-л-Лоҳа биБастома ва касадта-л-Байта-л-ҳарома?» - Худойро ба Бастом гузоштӣ ва касди Каъба кардӣ?

Нақл аст, ки гуфт: Марде дар роҳ пешам омад, гуфт: Кучо меравӣ? Гуфтам: Ба ҳаҷ. Гуфт: Чӣ дорӣ? Гуфтам: Дувист дирам. Гуфт: Биё, ба ман дех, ки соҳиби аёлам; ва ҳафт бор

гирди ман даргард, ки ҳаққи ту ин аст! Гуфт: Чунон кардам ва бозгаштам. Ва чун кори у баланд шуд, сухани у дар ҳафсалаи аҳли зоҳир намеғунҷид. Ҳосил ҳафт бораш аз Бастом берун карданд. Шайх мегуфт: Чӣ маро берун кунед? Гуфтанд: Ту марде бадӣ, туро берун мекунем. Шайх мегуфт: Неко шаҳро, ки бадаш ман бошам!

Нақл аст, ки шабе бар боми работ шуд, то Худойро зикр гӯяд. Бар он девор биистод то бомдод ва Худойро ёд накард. Бингаристанд: бавл карда буд, хама хун буд. Гуфтанд: Чӣ ҳолат буд? Гуфт: Аз ду сабаб то ба рӯз ба баттолӣ бимондам, як сабаб он, ки дар кӯдакӣ сухане бар зуфонам даррафта буд; дигар, ки чандон азамат бар ман соя андохта буд, ки дилам мутаҳаййир бимонда буд: агар дилам ҳозир мешуд, забонам кор намекард; ва агар забонам дар ҳаракат меомад, дилам аз кор мешуд. Ҳама шаб дар ин ҳолат ба рӯз овардам.

Ва пир Умар гӯяд: Чун хилвате хост кард - барои ибодате, ё фикре - дар хона шудӣ ва ҳама сӯроххо маҳкам кардӣ, гуфтӣ: Тарсам, ки овозе, ё бонге маро бишӯронад. Ва он худ баҳона будӣ.

Ва Исои Бастомӣ гӯяд: Сездаҳ сол бо шайх сӯҳбат доштам, ки аз шайх сухане нашунидам ва одаташ чунон будӣ, (ки) сар бар зону ниҳодӣ, чун бар сар овардӣ, оҳе бикардӣ ва дигарбора бар он ҳолат шудӣ. Нақл аст, ки Саҳлагӣ гӯяд: Ин дар ҳолати қабз будааст ва илло дар рӯзгори баст, аз шайх ҳар касе фавоиди бисёр гирифтаанд.

Ва як бор дар хилват буд, бар зуфонаш бирафт, ки: «Субҳона мо аъзама шаънӣ!» Чун бо худ омад, муридон бо у гуфтанд, ки: Чунин калимае бар зуфони ту бирафт, шайх гуфт: Худотон хасм, Боязидатон хасм, агар аз ин чинс калимае бигӯям, маро пора-пора кунед! Пас ҳар якеро корде бидод, ки: Агар низ чунин сухане оядам, бад-ин кордҳо маро бикушед. Магар чунон афтод, ки дигар бор ҳамон гуфт. Муридон қасд карданд, то бикушандаш. Хона аз Боязид анбошта буд. Асҳоб хишт аз девори берун гирифтанд ва ҳар яке корде мезаданд, чунон коргар меомад, ки касе корд бар об занад; ҳеч захми коргар намеомад, чун соате чанд баромад, он сурат хурд мешуд, Боязид падид омад, чун саъвае хурд дар меҳроб нишаста; асҳоб даромаданд ва ҳол бигуфтанд.

Шайх гуфт: Боязид ин аст, ки мебинед, он Боязид набуд. Пас гуфт: «ал-Ҷаббору нафсаҳу ало лисони абдиҳи». Агар касе гӯяд: Ин чӣ гуна бувад? Гӯям: Чунонки Одам, алайҳи-с-салом, дар ибтидо чунон буд, ки сар дар фалак мекӯфт. Ҷабраил, алайҳи-с-салом, паре ба фарқи ӯ фурӯ овард, то Одам ба миқдори кӯчактар бозомад. Чун раво бувад сурате мехтар, ки кехтар гардад ва баръакси ин ҳам раво бувад, чунонки тифле дар шиками модар ду ман бувад, чун ба ҷавонӣ мерасад, дувист ман мешавад. Ва чунонки Ҷабраил, алайҳи-с-салом, дар сурати башарӣ бар Марям мутаҷаллӣ шуд, ҳолати шайх ҳам аз ин шева буда бошад. Аммо то касе ба воқеаи он ҷо нарасад, шарҳ суд надорад.

Нақл аст, ки вақте себе сурх баргирифт ва дарнигарист. Гуфт: Ин себе латиф аст. Ба сирраш нидо омад, ки: Эй Боязид, шарм надорӣ, ки номи мо бар мевае ниҳӣ? Ва чиҳил рӯз номи Худой бар дилаш фаромӯш шуд. Шайх гуфт: Савганд хӯрдам, то зинда бошам, меваи Бастом нахӯрам.

Ва гуфт: Рӯзе нишаста будам, ба хотирам бигзашт, ки: Ман имрӯз пири вақтам ва бузурги асрам. Чун ин андеша кардам, донистам, ки ғалате азим афтод. Бархостам ва ба тариқи Хуросон шудам ва дар манзиле мақом кардам ва савганд ёд кардам, ки: аз ин ҷо барнахезам, то Ҳақ таоло касе ба ман фиристад, ки маро ба ман бознамояд. Се шабонарӯз он ҷо бимондам. Рӯзи чаҳорум марде аъварро дидам бар роҳила меомад. Чун дарнигаристам, асари огоҳӣ дар вай бидидам. Ба уштур ишора кардам: Таваққуф кун. Дарсоат ду пои уштур - ба хушк - бар замин фурӯ рафт ва биистод. Он марди аъвар ба ман бознигарист, гуфт: Бад-он меоварӣ, ки чашми фарокарда бозкунам ва дари баста бозгушоям, Бастому аҳли Бастом бо Боязид ба ҳам ғарқа кунам. Гуфт: Ман аз ҳуш бирафтам, гуфтам: Аз куҷо меоӣ? Гуфт: Аз он вақт боз, ки ту он аҳд бастай, се ҳазор фарсанг биёмадам. Он гоҳ гуфт: Зинҳор, эй Боязид, дил нигоҳ дор! Ва рӯй аз ман бигардониду бирафт.

Нақл аст, ки шайх чиҳил сол дар масҷид муҷовир буд, ҷомаи масҷид ҷудо доштӣ ва ҷомаи хона ҷудо ва ҷомаи таҳоратҷой ҷудо.

Ва гуфт: Чиҳил сол аст, ки пушт ба ҳеч девор наниҳодам,

магар ба девори масҷиде, ё девори работе.

Ва гуфт: Худои таоло аз зарра-зарра бозхоҳад пурсид, ин аз зарра беш бувад.

Ва гуфт: Чиҳил сол он чӣ одамиён хӯранд, нахӯрдам, яъне қути ман аз ҷое дигар буд.

Ва гуфт: Чиҳил сол дидабони дил будам, чун бингаристам, зуннори мушрикӣ бар миёни дил дидам ва ширкаш он буд, ки ҷуз ба Ҳақ илтифот кардӣ, ки: дар диле, ки ширк намонад, ба ҷуз Ҳақ ҳеҷ майлаш набувад; то ба чизе дигар кашиш мебувад, ширк бокӣ аст.

Ва гуфт: Чиҳил сол дидабони дил будам, чун нигоҳ кардам, бандагиву худовандӣ ҳар ду аз Ҳақ дидам.

Ва гуфт: Сӣ сол Худойро металабидам, чун бингаристам, ӯ толиб буд ва ман матлуб.

Ва гуфт: Сӣ сол аст, то ҳар вақт ки хоҳам, ки Ҳақро ёд кунам, даҳону зуфон ба се об бишӯям таъзими Худовандро.

Абӯмӯсо аз вай пурсид, ки: Саъбтарин коре дар ин роҳ чӣ дидӣ? Гуфт: Муддате нафсро ба даргоҳ мебурдам ва ӯ мегирист, чун мадади Ҳақ даррасид, нафсро мебурдам ва ӯ механдид.

Ва пурсиданд, ки: Дар ин роҳ чӣ ачабтар дидай? Гуфт: Он касе, ки он ҷо ҳаргиз водид ояд.

Нақл аст, ки дар охир кори ӯ бад-он ҷо расида буд, ки ҳар чӣ ба хотири ӯ бигзаштӣ, дарҳол пеши ӯ пайдо гаштӣ ва чун Ҳақро ёд овардӣ, ба ҷои бавл хун аз ӯ зоил гаштӣ. Як рӯз ҷамоате пеши шайх даромаданд, шайх сар фурӯ бурда буд, бароварду гуфт: Аз бомдод боз донае пӯсида талаб мекунам, то ба шумо диҳам, то худ тоқати кашиши он доред. Дарнамеёбам.

Нақл аст, ки Бутуроби Нахшабӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, муриде дошт, азим гарм ва соҳиби вачд. Бутуроб ӯро басе гуфтӣ, ки: Чунин, ки туӣ, туро Боязид мебояд дид! Як рӯз мурид гуфт: Хоҷа! Касе, ки ҳар рӯз сад бор Худои Боязидро бинад, Боязидро чӣ кунад, ки бинад? Бутуроб гуфт: Эй мард! Чун Худойро ту бинӣ, бар қадри худ бинӣ ва чун дар пеши Боязид бинӣ, бар қадри Боязид бинӣ. Дар дида тафовут аст. На Сиддиқ, разия-л-Лоҳу анҳуро як бор мутаҷаллӣ хоҳад шуд ва ҷумлаи халқро як бор. Он сухан бар дили мурид

омад. Гуфт бар-ӯ: То биравем: ҳар ду биёмаданд ба Бастом. Шайх дар хона набуд. Ба беша омаданд. Шайх аз беша берун меомад, сабӯи об дар даст ва пӯстини кӯҳна дар бар. Ҳамин ки чашми мурид Бӯтуроб бар Боязид афтод, биларзид ва дарҳол хушк шуд ва бимурд. Бӯтуроб гуфт: Шайхо, як назар ва марг! Шайх гуфт: Дар ниҳоди ин ҷавон коре буд, ҳанӯз вақти кашфи он набуд. Дар мушоҳадаи Боязид он кор ба як бор бар ӯ афтод, тоқат надошт, фурӯ шуд. Занони Мисрро ҳамин афтод, ки тоқати ҷамоли Юсуф надоштанд, дастҳо ба як бор қатъ карданд.

Накл аст, ки Яҳёи Муоз, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, нома навишт ба Боязид. Гуфт: Чӣ гӯӣ дар касе, ки қадаҳи шароб хӯрд ва масти азалу абад шуд? Боязид ҷавоб дод, ки: Ман он надонам, он донам, ки ин ҷо мард ҳаст, ки дар шабонарӯзе дарёҳои азалу абад дармекашаду наъраи «ҳал мин мазид» мезанад. Пас Яҳё номае навишт, ки: Маро бо ту сирре ҳаст, валекин миод миёни ману ту биҳишт аст, ки дар зери сояи Тубо бигӯем. Ва курсе бо он нома бифиристод ва гуфт: Бояд, ки шайх ин ба кор барад, ки аз оби Замзам сиришташам. Боязид ҷавоб дод ва он сирри ӯ боз ёд карду гуфт: Он ҷо, ки ёди ӯ бошад, моро ҳама нақди биҳишт аст ва ҳама сояи дарахти Тубо. Ва аммо он курс ба кор набарам, аз он ки гуфта будӣ, ки аз кадом об сиришташам ва нагуфта будӣ, ки аз кадом тухм киштаам. Пас Яҳёи Муозро иштиёқи шайх басе шуд. Бархост ва ба зиёрати ӯ омад, намози хуфтан ба он ҷо расид. Гуфт: Шайхро ташвиш натавонистам дод ва сабрам набуд, бомдод ҷое, ки дар саҳро ӯро нишон медоданд, он ҷо шудам, шайхро дидам, ки намози хуфтан бигзорид; ва то рӯз бар сари ангушти пой истода буд. Ва гуфт: Ман дар ҳоли ачаб бимондам ва ӯро гӯш медоштам. Ҷумлаи шаб дар кор буд. Пас чун субҳ баромад, бар зуфони шайх бирафт, ки: «Аъузу бика ан асъалака ҳоза-л-мақома». Пас Яҳё ба вақти хеш фурӯ рафт ва салом гуфт, пурсид аз воқеаи шабона. Шайх гуфт: Бисту анде мақом бар мо шумурданд, гуфтам: Аз ин ҳама ҳеч нахоҳам, ки ин ҳама мақоми ҳиҷоб аст. Яҳё мубтадӣ буд ва Боязид мунтаҳӣ буд. Яҳё гуфт: Эй шайх! Чаро аз Худой маърифат нахостӣ ва ӯ маликулмулук аст ва гуфтааст: Ҳар чӣ хоҳед, бихоҳед. Боязид наърае бизад ва

гуфт: Хомӯш, эй Яҳё! Ки маро бар хеш ғайрат ояд, ки ӯро бидонам, ки ман ҳаргиз нахоҳам, ки ӯро ҷуз ӯ донад, чое, ки маърифати ӯ бувад дар миён, чӣ кор дорам? Худ хости ӯ он аст, эй Яҳё! Ҷуз вай касе дигар ӯро нашиносад. Пас Яҳё гуфт: Ба ҳаққи иззати Худой, ки аз он футӯҳе, ки туро дӯш будааст, маро насибе кун! Шайх гуфт: Агар суфути Одаму қудси Ҷабраил ва хиллати Иброҳиму шавқи Мӯсо ва таҳорати Исову муҳаббати Муҳаммад, алайҳи-с-салом, ба ту диҳанд, зинҳор розӣ нашавӣ ва моварои он талаб кунӣ, ки моварои корҳост; соҳибҳиммат бош! Ба ҳеч фурӯ маё, ки ба ҳар чи фурӯ ой, бад-он маҳҷуб шавӣ.

Ва Аҳмади Ҳарб ҳасире бар шайх фиристод, ки: Ба шаб бар он ҷо намоз кун! Шайх гуфт: Ман ибодати осмониён ва заминиён ҷамъ кардам ва дар болише ниҳодам ва он дар зери сар гирифтам.

Нақл аст, ки Зуннуни Мисрӣ шайхро мусаллое фиристод. Шайх бад-ӯ боздод, ки: Моро мусалло ба чӣ кор? Моро муснаде фирист, то бар ӯ такя кунем, яъне кор аз ниёз даргузашт ва ба ниҳоят расид. Бумӯсо гуфт: Зуннун болиши некӯ фиристод. Шайх он ҳам бозфиристод, ки шайх ин вақт бигудохта буд ва ҷуз пӯсте ва устухоне намонда буд. Гуфт: Онро, ки такягоҳи ӯ лутф ва карами Ҳақ бувад, ба болиши махлуқ ниёз наёяд.

Нақл аст, ки гуфт: Шабе дар саҳрое будам, сар дар хирқа кашида. Магар хобе даромад, ногоҳ ҳолате падид шуд, ки аз он ғусл бояд кард, яъне эҳтилом. Ва шаб бағоят сард буд. Чун бедор шудам, нафсам коҳилӣ мекард, ки ба оби сард ғусл кунад. Мегуфт: Сабр кун, то офтоб барояд, он гоҳ ин муомала фаро пеш гир! Гуфт: Чун коҳилии нафс бидидам ва донистам, ки намоз ба қазо хоҳад андохт, бархостам ва ҳамчунон бози он хирқа ях фурӯ шикастам ва ғусл кардам ва ҳамчунон дар миёни он хирқа мебудам, то вақте ки бияфтодам ва бехуш шудам. Чун ба ҳуш бозомадам, ногоҳ хирқа хушк шуда буд.

Нақл аст, ки шайх басе дар гӯристон ғаштӣ. Як шаб аз гӯристон меомад, ҷавоне аз бузургзодагони вилоят барбате дар даст мезад, чун ба Боязид расид, Боязид лоҳавл кард. Ҷавон барбат бар сари Боязид зад ва сари Боязид ва барбат

ҳар ду бишкаст. Ҷавон маст буд, надонист, ки ӯ кист. Боязид ба зовияи хеш бозомад, таваққуф кард то бомдод. Якеро аз асҳоб бихонд ва гуфт: Барбате ба ҷанд диҳанд? Баҳои он маълум кард ва дар хирқае баст ва порае ҳалво бо он ёр кард ва бад-он ҷавон фиристод ва гуфт: Он ҷавонро бигӯй, ки Боязид узр мехоҳад ва мегуяд: Дӯш он барбат бар мо задӣ ва бишкаст, ин зар дар баҳои он сарф кун ва ивазе бозхар ва ин ҳалво аз баҳри он, то гуссаи шикастани он аз дилат бархезад. Ҷавон чун бидонист, биёмад ва аз шайх узр хост ва тавба кард ва ҷанд ҷавон бо ӯ тавба карданд.

Нақл аст, ки як рӯз мегузашт бо ҷамоате дар тангноии роҳе афтод ва саге меомад. Боязид бозгашт ва роҳ бар саг исор кард, то сагро бознабояд гашт. Магар ин хотир ба тариқи инкор бар муриде бигзашт, ки : Ҳақ таоло одамиро мукаррам гардонидааст ва Боязид султонулорифин аст, бо ин ҳама пойгоҳ ва ҷамоате муридон роҳро бар саге исор кунад ва бозгардад! Ин чӣ гуна бувад? Шайх гуфт: Эй ҷавонмард! Ин саг ба зуфони ҳол бо Боязид гуфт: Дар сабақуссабақ аз ман чӣ тақсир дар вуҷуд омадааст? Ва аз ту чӣ тавфиқ ҳосил шудааст, ки пӯсте аз саге дар ман пӯшидаанд ва хилъати султонулорифин дар сари ту афганданд? Ин андеша бар сари мо даромад, роҳ бар ӯ исор кардам.

Нақл аст, ки як рӯз мерафт, саге бо ӯ ҳамроҳи ӯ афтод. Шайх доман аз ӯ дарфароҳам гирифт. Саг гуфт: Агар хушкам, ҳеч халале нест; ва агар тарам, ҳафт обу ҳок миёни ману ту сулҳе андозад. Аммо агар доман ба худ боззанӣ, агар ба ҳафт дарё гусл кунӣ, пок нашавӣ. Боязид гуфт: Ту палиди зоҳир ва ман палиди ботин, биё, то ҳар ду барҳам кунем, то ба сабаби ҷамъият бувад, ки аз миёни мо покӣ сар бар кунад. Саг гуфт: Ту ҳамроҳӣ ва анбозии маро нашоӣ, ки ман радди халқаму ту мақбули халқӣ; ҳар кӣ ба ман расад, санге бар пахлуи ман занад ва ҳар кӣ ба ту расад, гӯяд: «Саломун алайка, ё султона-л-орифин». Ва ман ҳаргиз устухоне фардоро наниҳодаам, ту ҳуме гандум дорӣ фардоро; Боязид гуфт: Ҳамроҳии сагеро намешоям, ҳамроҳии «лам йазал ва ло йазол»-ро чун кунам? Субҳон он Худойро, ки бехтарин халқро ба камтарин халқ парвариш диҳад. Пас шайх гуфт:

Дилтангӣ бар ман даромад ва аз тоат навмед шудам, гуфтам: Ба бозор шавам, зунноре бихараму бар миён бандам, то нанги ман аз миёни халқ биравад. Берун омадам, талаб мекардам, дукконеро дидам зунноре овехта. Гуфтам: Ин ба як дирам бидиҳанд. Гуфтам: Ба чанд диҳӣ? Гуфт: Ба ҳазор динор. Ман сар дар пеш афгандам. Ҳотифе овоз дод, ки: Ту надонистӣ, ки зунноре, ки бар миёни чун туе банданд, ба ҳазор динор кам надиҳанд. Гуфт: Дилам хуш гашт; донистам, ки Ҳақро иноят аст.

Нақл аст, ки зоҳиде буд аз чумлаи бузургони Бастом, соҳибтабъ ва соҳибқабул. Ва аз ҳалқаи Боязид ҳеч ғоиб набудӣ; ҳама сухани ӯ шунидӣ ва бо асҳоби ӯ нишаст кардӣ. Як рӯз Боязидро гуфт: Хоҷа! Имрӯз сӣ сол аст, то соимуддаҳрам ва ба шаб дар намозам, чунонки ҳеч намехуфтам ва дар худ аз ин илм, ки мегӯй, асаре намеёбам ва тасдиқи ин илм мекунам ва дӯст медорам ин суханро. Боязид гуфт: Агар сесад сол ба рӯз рӯза бошӣ ва ба шаб ба намоз, яке зарра аз ин ҳадис наёбӣ. Мард гуфт: Чаро? Гуфт: Аз чиҳати он ки ту маҳчубӣ ба нафси хеш. Мард гуфт: Давои ин чист? Шайх гуфт: Ту ҳаргиз қабул накунӣ. Гуфт: Кунам, бо ман бигӯ, то ба чой оварам, ҳар чӣ гӯй. Шайх гуфт: Ин соат бирав ва мӯи маҳосин ва сарро пок бустура кун ва ин чома, ки дорӣ, баркаш ва изоре аз гилем бар миён банд ва тубрае пурчавз бар гардан овез ва ба бозор берун шав ва кӯдаконро чамъ кун ва бад-эшон гӯй, ҳар кӣ маро яке силӣ мезанад, як чавз бад-ӯ медиҳам. Ҳамчунин дар шаҳр мегард! Ҳар чо ки туро мешиносанд, он чо мерав! Ва илочи ту ин аст. Мард ин бишнуд. Гуфт: «Субҳона-л-Лоҳ, ло илоҳа илла-л-Лоҳ». Гуфт: Кофире агар ин калима бигӯяд, мӯъмин мешавад; ту бад-ин калима гуфтан мушрик шудӣ. Мард гуфт: Чаро? Шайх гуфт: Аз чиҳати он ки хештан бузургтар шумурдӣ, аз он ки ин тавон кард. Лочарам мушрик гаштӣ. Ту бузургии нафси хешро ин калима гуфтӣ, на таъзими Худойро. Мард гуфт: Ин натавонам кард, чизе дигарам фармой. Гуфт: Илоч ин аст, ки гуфтам. Мард гуфт: Натавонам кард. Шайх гуфт: На ман гуфтам, ки накунӣ ва фармон набарӣ!

Нақл аст, ки шогирде аз они Шақиқи Балхӣ, раҳмату-

л-Лоҳи алайҳ, азми ҳаҷ кард. Шақиқ вайро гуфт: Роҳи Бастом кун, то он пирро зиёрат кунӣ. Он шогирд ба Бастом омад. Боязид ӯро гуфт: Пири ту кист? Гуфт: Шақиқ. Шайх гуфт: Ӯ чӣ гӯяд? Гуфт: Шақиқ аз халқ фориғ шудааст ва бар ҳукми таваккул нишаста; ва ӯ чунин гӯяд, ки: Агар осмон рӯин гардад ва замин оҳанин гардад ва ҳаргиз аз осмон борон набораду аз замин гиёҳ нарӯяд ва халқи ҳамаи олам аёли ман бошад, ман аз таваккули ҳуд барнагардам. Боязид, ки бишнуд, гуфт: Ин-т саъб кофире! Ин-т саъб мушрике, ки ӯст. Агар Боязид калоғе будӣ, ба шаҳри он мушрик напаридӣ, чун бозгардӣ, бигӯ ӯро, ки нигар! Худойро ба ду гирдаи нон наозмой. Чун гурусна гардӣ, ду гирда аз ҷинсе аз они хеш бихоҳ ва борномаи таваккул ба як сӯ нех, то он шаҳру вилоят аз шумии муомалати ту ба замин фурӯ нашавад. Он мурид аз ҳавли ин сухан бозгашту ба ҳаҷ нарафт, ба Балх бари Шақиқ шуд. Шақиқ гуфт: Зуд бозгаштӣ! Гуфт: На ту гуфта будӣ, ки гузар бо Боязид кун? Бари ӯ рафтам, чунин пурсид ва ман чунин ҷавоб додам; ва ӯ чунину чунин гуфт. Ман аз ҳавли ин сухан бозгардидам, то туро биёгоҳонам. Шақиқ зирак буд, айби ин сухан бар ҳуд бидид, ки чунин гӯянд, ки чаҳорсад хирвор китоб дошт ва марде сахт бузург буд. Лекин пиндошт бузургонро бештар афтад. Пас Шақиқ муридро гуфт: Ту нагуфтӣ, ки: Агар ӯ чунон аст, ту чӣ гунай? Гуфт: На. Гуфт: Акнун бирав ва бипурс, агар ӯ чунон аст, ту чӣ гунай? Мурид бархост ва боз ба Бастом омад. Боязид гуфт: Бозомадӣ! Гуфт: Маро бозфиристод, то ки аз ту бипурсам: Агар ӯ чунон аст, ту чӣ гунай? Боязид гуфт: Ин дигар нодониш нигар! Пас гуфт: Агар ман бигӯям, ту надонӣ. Гуфт: Ман аз рохе дур омадаам бад-ин умед. Агар маслаҳат бинед, фармоед, то ҳарфе бинависанд, то ранҷ зоеъ нашавад. Боязид гуфт: Бинависед: «Бисми-л-Лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим». Боязид ин аст. Коғаз фаро навардид ва дод. Яъне Боязид ҳеч нест, чун мавсуфе набувад, чӣ гуна васфаш тавон кард? То бад-он чӣ расад, ки пурсанд, ки ӯ чӣ гуна аст? Ё таваккуле дорад, ё ихлосе? Ки ин ҳама сифати халқ аст ва «Таҳаллақу биахлоқи-л-Лоҳи» мебояд, на ба таваккул муҳалло шудан. Мурид рафт. Шақиқ бемор шуда буд ва ачалаш наздик расида ва хар соат касе бар бом мефиристод,

то роҳ менигарид, то пеш аз он ки ачалаш даррасад, ҷавоби Боязид бишнавад. Нафасе чанд монда буд, ки мурид даррасид. Гуфт: Чӣ гуфт? Мурид гуфт: Бар коғаз навиштааст. Шақик бархонд. Гуфт: «Ашҳаду ан ло илоҳа илла-л-Лоҳу, ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулу-л-Лоҳ» ва мусалмонӣ пок бибурд аз айби пиндошти хеш. Ва аз он бозпас омад ва тавба кард ва ҷон бидод.

Нақл аст, ки ҳазор мурид бо Ахмади Хизравия, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, дар бари Боязид шуданд - чунонки ҳар ҳазор бар об метавонистанд рафтан ва дар ҳаво метавонистанд парид - чунонки Аҳмад бад-эшон гуфт, ки: Ҳар кӣ аз шумо тоқати мушоҳадаи Боязид надоред, берун бошед, то мо ба зиёрати шайх равем. Ҳар ҳазор даррафтанд ва ҳар яке асое доштанд, дар хонае, ки даҳлези шайх буд, бинҳоданд - ки он хонаро байтуласо гӯянд - хона пури асо шуд. Як мурид бозпас истод ва бар Боязид нарафт, гуфт: Ман хештанро аҳлийяти он намебинам, ки бари шайх равам. Ман асоҳо гӯш дорам. Чун ҷамъ бар Боязид даромаданд, Боязид гуфт: Он беҳтари шумо, ки асл ӯст, дароваредаш! Бирафтанд ва ӯро даровардаид! Боязид Хизравияро гуфт: То кай саёҳат ва гирди олам гаштан? Хизравия гуфт: Чун об бар як ҷой биистад, мутағаййир шавад. Шайх гуфт: «Кун баҳран ло татағаййар!» - Ҷаро дарё набошӣ,то ҳаргиз мутағаййир нагардӣ ва олоиш напазирӣ? Пас шайх Боязид дар сухан омад. Аҳмад гуфт: Эй шайх! Фурӯтар ой, ки сухани ту фаҳм намекунем. Фурӯтар омад. Пас дигар бор гуфт: Фурӯтар ой! Фурӯтар омад. Ҳамчунин мегуфт то ҳафт бор. Он гоҳ сухани Боязид фаҳм карданд. Боязид хомӯш шуд. Аҳмад гуфт: Ё шайх! Иблисро дидам бар сари кӯи ту бар дор карда. Боязид гуфт: Оре, бо мо ахд карда буд, ки гирди Бастом нагардад, акнун якеро васваса кард, то дар хуне афтод. Шарти дуздон ин аст, ки бар даргоҳи подшоҳон бар дор кунанд.

Ва касе аз шайх пурсид, ки: Мо ба наздики ту ҷамоатеро мебинем монанди зану мард, эшон кистанд? Гуфт: Эшон фариштагонанд, ки меоянд ва маро аз улум суол мекунанд. Ва ман ҷавоби эшон медиҳам.

Нақл аст, ки як шаб ба хоб медид, ки фариштагони осмони аввал бар ӯ меомаданд, ки: Хез, то Худоро зикр

гӯем! Гуфт: Ман забони зикр надорам. Фариштагони осмони дуввум биёмаданд, ҳамон гуфтанд. Ӯ ҳамон ҷавоб дод. Ҳамчунин то фариштагони осмони ҳафтум. Ӯ ҳамон як ҷавоб медод. Гуфтанд: Пас забони зикри ӯ кай хоҳӣ дошт? Гуфт: Он гоҳ ки аҳли дӯзах дар дӯзах ва аҳли биҳишт дар биҳишт қарор гиранд ва қиёмат бигзарад; пас Боязид гирди арши Худованд мегардад ва мегӯяд: Аллоҳ! Аллоҳ.

Ва гуфт: Шабе хона равшан гашт. Гуфтам: Агар шайтон аст, ман аз он азизтарам ва баландхимматтар, ки ӯро дар ман тамаъ афтад. Ва агар аз наздики туст, бигзор, то аз сарои хидмат ба сарои каромат расам!

Нақл аст, ки як шаб завқи ибодат менаёфт. Гуфт: Бингаред, то ҳеҷ дар хона маълум ҳаст? Бингаристанд, ним хӯшае ангур диданд. Гуфт: Бибаред ва бо касе диҳед, ки хонаи мо хонаи баққолон нест! То вақти хеш бозёфт.

Нақл аст, ки дар ҳамсоягии ӯ габре буд ва кӯдаке дошт. Ин кӯдак мегирист - ки чароғ надоштанд - Боязид ба дасти хеш чароғе дар хонаи эшон бурд. Кӯдакашон хомӯш шуд. Эшон гуфтанд: Чун равшании Боязид даромад, дареғ бувад, ки ба сари торикии хеш шавем. Дарҳол мусалмон шуданд.

Нақл аст, ки габре буд дар ахди шайх. Гуфтанд: Мусалмон шав! Гуфт: Агар мусалмонӣ ин аст, ки Боязид мекунад, ман тоқат надорам. Ва агар ин аст, ки шумо мекунед, орзу-м намекунад.

Нақл аст, ки рӯзе дар масҷиде нишаста буд. Муридонро гуфт: Бархезед, то ба истиқболи дӯсте шавем аз дӯстони ҷаббори олам. Пас бирафтанд. Чун ба дарвоза расиданд, Иброҳими Хиравӣ бар харе нишаста меомад. Боязид гуфт: Нидо омад аз Ҳақ ба дилам, ки: Хез, ӯро истиқбол кун! Ва ба мо шафеъ овар! Гуфт: Агар шафоати аввалин ва охирин ба ту диҳанд, ҳанӯз муште хок буд! Боязид гуфти ӯ ачаб дошт. Пас чун вақти суфра даромад, магар таоме буд хуш. Иброҳим бо худ андешид ки: Шайх ин аст, ки чунин хӯришҳои неку хӯрад! Шайх ин маънӣ бидонист. Чун фориғ шуданд, дасти Иброҳим бигирифту ба каноре бурд ва даст бар девор зад, даричае гушода гашт ва дарёе бенихоят зоҳир шуд. Гуфт: Акнун биё, то дар ин дарё шавем! Иброҳимро

ҳарос оварду гуфт: Маро ин мақом нест. Пас шайх гуфт: Он ҷав, ки аз саҳро баргирифтай ва нон пухтай ва дар анбон ниҳодай, он ҷаве будааст, ки чаҳорпоён бихӯрдаанд ва бияндохта; ва он ҷави начас будааст - ва чунон буд, ки шайх гуфта буд - Иброҳим тавба кард.

Ва як рӯз марде гуфт: Дар Табаристон касе аз дунё бирафта буд. Ман туро дидам бо Хизр, алайҳи-с-салом ва ӯ даст бар гардани ту ниҳода ва ту даст бар дӯши ӯ ниҳода. Чун халқ аз ҷаноза бозгаштанд, ман дар ҳаво дидам туро, ки рафтй. Шайх гуфт: Чунин аст, ки ту мегӯй.

Накл аст, ки як рӯз ҷамоате омаданд, ки: Ё шайх! Бими қаҳт аст ва борон намеояд. Шайх сар фурӯ бурд ва гуфт: Хин! Новдонҳо рост кунед, ки борон омад. Дарҳол борон оғоз ниҳод, чунонки ҷанд шабонарӯз бознадошт.

Накл аст, ки як рӯз шайх пой фурӯ кард, муриде бо ӯ ба ҳам фурӯ кард. Боязид пой баркашид, он мардро гуфт: Пой баркаш! Он мард пой барнатавонист кашидан, ҳамчунон бимонд, то охири умр. Ва он аз он буд, пиндошт, ки пой фурӯ кардани мардон ҳамчунон бувад, ки қиёси халқи дигар.

Накл аст, ки як бор шайх пой фурӯ карда буд. Донишманде бархост, то биравад, пой аз забари пояш биниҳод. Гуфтанд: Эй нодон! Чаро чунин кардй аз сари пиндоре? Гуфт: Чй мегуед? Томоте дар ӯ бастаанд. Баъд аз он дар он пойхӯра афтод ва чунин гӯянд, ки ба чандин фарзанд он иллат сирорт кард. Яке аз бузургон пурсид, ки: Чун аст, ки яке гуноҳ кард, укубати вай ба дигаре сирорт кунад, чй маънй аст? Гуфт: Чун марде сахтандоз бувад, тири ӯ дуртар шавад.

Накл аст, ки мункаре ба имтиҳон пеши шайх омаду гуфт: Фалон масъала бар ман кашф гардон! Шайх он инкор дар вай бидид, гуфт: Ба фалон кӯҳ ғоре аст. Дар он ғор яке аз дӯстони мост, аз вай суол кун, то бар ту кашф гардонад. Бархосту бад-он ғор шуд, аждаҳое дид азим сахмнок. Чун он бидид, беҳуш шуд ва дар ҷома начас кард ва бехуд худро аз он ҷо берун андохту кафш дар он ҷо бигузошт, ҳамчунон бози хидмати шайх омад ва дар пояш афтод ва тавбат кард. Шайх гуфт: Субҳоналлоҳ! Ту кафш нигоҳ наметавонй дошт аз ҳайбати махлуке, дар ҳайбати холик чй гуна кашф нигоҳ

дорӣ, ки ба ин кор омадаӣ, ки: Маро фалон сухан кашф кун!

Нақл аст, ки қурроеро инкоре буд дар ҳаққи шайх - ки корҳои азим медид ва он бечора маҳрум - гуфт: Ин муомалатҳо ва риёзатҳо, ки ӯ мекашад, ман ҳам мекашам ва ӯ сухане мегӯяд, ки мо дар он бегонаем. Шайхро аз он огоҳӣ буд. Рӯзе қасди шайх кард. Шайх нафасе бар он қурро ҳаволат кард. Қурро се рӯз аз даст дарафтод ва худро начас кард. Чун бозомад, ғусл кард. Пас ба назди шайх омад. Баъд аз он шайх гуфт: Ту надонистӣ, ки бори пилон бар харон наниҳанд?

Нақл аст, ки шайх Абусаиди Манчуронӣ пеши Боязид омаду хост, то имтиҳоне кунад. Шайх ӯро ба муриде ҳаволат кард - номи ӯ Саиди Роъӣ - гуфт: Пеши ӯ рав, ки вилояти каромат ба иктоъ бад-ӯ додаем. Чун Саид он ҷо рафт, Роъиро дид, ки дар саҳро намоз мекарду гургон шубонии гӯсфандони ӯ мекарданд. Чун аз намоз фориғ шуд, гуфт: Чӣ мехоҳӣ? Гуфт: Нони гарму ангур. Роъӣ чубе дошт ва ба ду ним кард ва як нима ба тарафи худ фурӯ бурд ва як нима ба тарафи ӯ. Дарҳол ангур бор оварда ва тарафи Роъӣ сафед буд ва тарафи Саиди Манчуронӣ сиёҳ буд. Ва гуфт: Чаро тарафи ту сафед аст ва аз они ман сиёҳ? Роъӣ гуфт: Аз он ки ман аз сари якин хостам ва ту аз роҳи имтиҳон хостӣ, ранги ҳар чизе низ лонқи ҳоли ӯ хоҳад буд. Баъд аз он гилеме ба Саиди Манчуронӣ дод ва гуфт: Нигаҳ дор! Чун Саид ба ҳаҷ шуд, дар Арафот он гилем аз вай ғоиб шуд. Чун ба Бастом омад, он гилем бо Роъӣ буд.

Нақл аст, ки аз Боязид пурсиданд, ки: Пири ту кӣ буд? Гуфт: Пиразане. Як рӯз дар ғалаботи шавқ ва тавҳид будам, чунонки мӯеро гунҷ набуд. Ба саҳро рафтам - бехуд - пиразане бо анбоне орд бирасид. Маро гуфт: Ин анбони орд бо ман баргир! Ва ман чунон будам, ки худро намедонистам бурд, ба шере ишорат кардам. Биёмад. Анбон дар пушти ӯ ниҳодам ва пиразанро гуфтам: Агар ба шаҳр равӣ, чӣ гӯӣ, ки киро дидам? Ки хостам, ки донад, ки киям. Гуфт: Киро дидам? Золиме раъноро дидам. Пас шайх гуфт: Ҳон! Чӣ гӯӣ? Пиразан гуфт: Ин шер мукаллаф аст, ё на? Гуфтам: На. Гуфт: Онро, ки Худой таклиф накардааст,

таклиф кардӣ. Золим набошӣ? Гуфтам: Бошам. Гуфт: Бо ин ҳама, мехоҳӣ, ки аҳли шаҳр бидонанд, ки ӯ туро мутеъ аст ва ту соҳиби каромотӣ? Ин на раъноӣ буд! Гуфтам: Бале, тавба кардам ва аз аъло ба асфал омадам. Ин сухан пири ман буд. Баъд аз он чунон шуд, ки чун ояте, ё каромоте рӯй бад-ӯ овардӣ, аз Ҳақ таоло тасдиқи он хостӣ. Пас дарҳол нуре зар падид омадӣ ба хатти сабз бар ӯ навишта, ки: «Ло илоҳа илла-л-Лоҳу Муҳамадун расулу-л-Лоҳ, Нуҳ набийу-л-Лоҳ, Иброҳим халилу-л-Лоҳ, Мӯсо калиму-л-Лоҳ, Исо руҳу-л-Лоҳ», бад-ин панҷ гувоҳ каромат пазируфтӣ, то чунон шуд, ки гувоҳ ба кор наёмад.

Аҳмади Хизравия гуфт: Ҳақро ба хоб дидам. Фармуд, ки: Ҷумлаи мардон аз ман металабанд, он чӣ металабанд, магар Боязид, ки маро металабад.

Нақл аст, ки Шақиқи Балхӣ ва Абутуроби Нахшабӣ пеши шайх омаданд. Шайх таоме фармуд - ки оварданд - ва яке аз муридон хидмати шайх мекард ва истода буд. Бутуроб гуфт: Мувофақат кун! Гуфт: Рӯза дорам. Гуфт: Бихӯр ва савоби якмоҳа бистон! Гуфт: Рӯза натавон гушод. Шақиқ гуфт: Рӯза бигушой ва музди яксола бистон. Гуфт: Натвон гушод. Боязид гуфт: Бигзор! Ки ӯ рондаи ҳазрат аст. Пас муддате наёмад, ки ӯро ба дуздӣ баргирифтанд ва ҳар ду дасташ ҷудо карданд.

Нақл аст, ки шайх як рӯз дар ҷомеъ асо бар замин фурӯ бурда буд ва бияфтод, бар асои пире омад. Он пир дуто шуд ва асо бардошт. Шайх ба хонаи ӯ рафт ва аз вай биҳиллӣ хост ва гуфт: Пушт дуто кардӣ дар гирифтани асо.

Нақл аст, ки рӯзе яке даромад, аз ҳаё масъалае пурсид. Шайх ҷавоб дод. Он кас об шуд, марде даромад, оби зард дид, истода. Гуфт: Ё шайх, ин чист? Гуфт: Яке аз дар даромад ва суоле аз ҳаё кард ва ман ҷавоб додам. Токат надошт, чунин об шуд аз шарм.

Нақл аст, ки: шайх гуфт: Як бор ба Дачла расидам. Дачла об ба ҳам овард. Гуфтам: Бад-ин ғарра нашавам, ки ба ним донг маро бигзаронанд ва ман сӣ сол умри хеш ба ним донг ба зиён наёрам. Маро карим бояд, на каромат.

Нақл аст, ки гуфт: Хостам, то аз Ҳақ таоло дархоҳам, то маунати занон аз ман кифоят кунанд. Пас гуфтам: Раво

набувад ин хостан, ки пайғамбар, алайҳи-с-салом, нахост. Бад-ин ҳурматдошти пайғамбар, Ҳақ таоло онро кифоят кард, то пеши ман чӣ зане, чӣ деворе, ҳар ду яке аст.

Нақл аст, ки шайх дар паси имоме намоз мекард. Пас, имом гуфт: Ё шайх! Ту касбе намекунӣ ва чизе аз касе намехоҳӣ, аз кучо мехӯрӣ? Шайх гуфт: Сабр кун, то намоз казо кунам. Гуфт: Чаро? Гуфт: Намоз аз паси касе, ки рӯзидиҳандаро надонад, раво набувад, ки гузорад.

Ва як бор яке дар масҷиде дид, ки намоз мекард. Гуфт: Агар пиндорӣ, ки ин намоз сабаби расидан аст ба Худои таоло, ғалат мекунӣ; ки ҳама пиндошт аст, на мувосалат. Агар намоз накунӣ, кофир бошӣ ва агар заррае ба чашми эътимод ба вай нигарӣ, мушрик бошӣ.

Нақл аст, ки гуфт: Кас бошад, ки ба зиёрати мо ояд ва самараи он лаънат бувад ва касе бошад, ки биёяд ва фоидаи он раҳмат бошад. Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Яке биёяд ва ҳолате бар ман ғолиб ояд, ки дар он ҳолат бо худ набошам. Маро ғайбат кунад ва дар лаънат афтад. Ва дигаре биёяд, Ҳақро бар ман ғолиб ёбад, маъзур дорад. Самараи он раҳмат бошад.

Ва гуфт: Мехоҳам, ки зудтар қиёмат барҳостӣ, то ман ҳаймаи ҳуд бар тарафи дӯзах задаме, ки чун дӯзах маро бинад, нест шудӣ, то ман сабаби роҳати халқ бошам.

Ҳотами Асамм муридонро гуфт: Ҳар киро аз шумо рӯзи қиёмат шафеъ набувад дар аҳли дӯзах, ӯ аз муридони ман нест. Ин сухан бо Боязид гуфтанд. Боязид гуфт: Ман мегӯям, ки мурид ман он аст, ки бар канораи дӯзах биистад ва ҳар киро ба дӯзах баранд, дасти ӯ бигирад ва ба биҳишт фиристад ва ба чои ӯ ба дӯзах равад.

Гуфтанд: Чаро бад-ин фазл, ки Ҳақ бо ту кардааст, халқро ба Худой нахонӣ. Гуфт: Касеро, ки ӯ банд кард, Боязид чун тавонад, ки бардорад?

Бузурге пеши Боязид рафт, ӯро дид сар ба гиребони фикрат фурӯ бурда. Чун сар бароварад, гуфт: Эй шайх! Чӣ кардӣ? Гуфт: Сар ба фанои худ фурӯ бурдам ва ба бакои Ҳақ бароварам.

Як рӯз хатиб бар минбар ин оят бархонд: «Мо кадару-л-Лоха Ҳакка кадрихи» (Сураи Анъом, ояти 91); чандон сар

ба минбар зад, ки беҳуш шуд. Чун ба ҳуш омад, гуфт: Чун донистӣ, ин гадои дурӯғзанро кучо меовардӣ, то даъвои маърифати ту кунад?

Муриде шайхро дид, ки меларзид. Гуфт: Ё шайх! Ин харакати ту аз чист? Шайх гуфт: Сӣ сол дар роҳи сидқ қадам бояд зад ва хоки мазобил ба маҳосин бояд рӯфт ва сар бар зонуи андӯҳ бояд ниҳод, то таҳарруки мардон бидонӣ; ба як-ду рӯз, ки аз паси тахта бархостӣ, мехоҳӣ, ки ба асрори мардон воқиф шавӣ?

Нақл аст, ки: вакте лашкари ислом дар Рум заиф шуда буд ва наздик буд, ки шикаста шаванд аз куффор. Овозе шуниданд, ки: Ё Боязид! Дарёб! Дарҳол аз чониби Хуросон оташе биёмад, чунонки ҳаросе дар лашкари куффор афтод ва лашкари ислом нусрат ёфт.

Накл аст: Марде пеши шайх омад. Шайх сар фурӯ бурда буд, чун баровард, он мард гуфт: Кучо будӣ? Гуфт: Ба ҳазрат. Он мард гуфт: Ман ба ҳазрат будам. Ва туро надидам. Шайх гуфт: Рост мегӯй, ман даруни парда будам ва ту берун. Ва беруниён даруниёнро набинанд.

Гуфт: Ҳар кӣ Қуръон нахонаду ба чанозаи мусалмон ҳозир нашавад ва ба аёдати беморон нараваду бемороиро напурсад ва даъвои ин ҳадис кунад, бидонед, ки муддай аст.

Яке шайхро гуфт: Дил софӣ кун, то бо ту сухане гӯям. Шайх гуфт: Сӣ сол аст, то аз Ҳак дили софӣ мехоҳам, ҳанӯз наёфтаам, ба як соат аз барои ту дили софӣ аз кучо орам?

Ва гуфт: Халқ пиндорад, ки роҳ ба Худой равшантар аз офтоб аст! Ва ман чандин сол аст, то аз ӯ мехоҳам, ки микдори сари сӯзане аз ин роҳ бар ман гушода гардонад ва ний шавад.

Нақл аст, ки он рӯз, ки балое бад-ӯ нарасидӣ, гуфтӣ: Илоҳо! Нон фиристодӣ, нонхӯриш мебояд. Балое фирист, то нонхӯриш кунам.

Рӯзе Бумусо аз шайх пурсид, ки: Бомдодат чун аст? Гуфт: Маро на бомдод аст ва на шабонгоҳ.

Ва гуфт: Ба синаи мо овоз доданд, ки: Эй Боязид! Хазоини мо аз тоати макбул ва хидмати писандида пур аст. Агар моро мехоҳӣ, чизе биёвар, ки моро набувад. Гуфтам: Худовандо, он чӣ бувад, ки туро набошад? Гуфт: Бечорагӣ

ва аҷзу ниёзу хорӣ ва шикастагӣ.

Ва гуфт: Ба сахро шудам, ишқ борида буд ва замин тар шуда, чунонки паи мард ба гилзор фурӯ шавад, пои ман ба ишқ фурӯ мешуд.

Ва гуфт: Аз намоз чуз истодагии тан надидам ва аз рӯза чуз гуруснагӣ надидам. Он чӣ марост аз фазли ӯст, на феъли ман.

Пас гуфт: Ба чаҳду касб ҳеч ҳосил натавон кард; ва ин ҳадис, ки марост, пеш аз ҳар ду кувн аст, лекин бандаи некбахт он бувад, ки меравад, ногоҳ пои ӯ ба ганче фурӯ равад ва тавонгар гардад.

Ва гуфт: Ҳар мурид, ки дар иродат омад, маро фурӯтар боист омад ва барои ӯ бо ӯ сухан гуфт.

Накл аст, ки чун дар сифоти Ҳақ сухан гуфтӣ, шодмон ва сокин будӣ; ва чун дар зот сухан гуфтӣ, аз ҷой бирафтӣ ва дар чунбиш омадӣ ва гуфтӣ: Омад, омад; ва ба сар омад.

Шайх мардеро дид, ки мегуфт: Аҷаб дорам аз касе, ки ӯро донад ва тоаташ накунад. Шайх гуфт: Аҷаб дорам аз касе, ки ӯро донад ва тоаташ кунад; яъне аҷаб бувад, ки бар ҷой бимонад.

Накл аст, ки аз ӯ пурсиданд, ки: Ин дараҷа ба чӣ ёфтӣ? Ва бад-ин мақом ба чӣ расидӣ? Гуфт: Шабе дар кӯдакӣ аз Бастом берун омадам. Моҳтоб метофт. Ҷаҳон оромида ва ҳазрате дидам, ки ҳаждаҳ ҳазор олам дар ҷанби он ҳазрат заррае намуд. Шӯре дар ман афтод ва ҳолате азим бар ман ғолиб шуд. Гуфтам: Худовандо! Даргоҳе бад-ин азимӣ ва чунин холӣ! Ва корҳое бад-ин шигарфӣ дар чунин танҳоӣ! Ҳотифе овоз дод, ки: Даргоҳ холӣ на аз он аст, ки касе намеояд, аз он аст, ки мо намехоҳем, ки ҳар ношустарӯе шоистаи ин даргоҳ нест. Ният кардам, ки чумлаи халоиқро бихоҳам. Боз хотире даромад, ки: Мақоми шафоат Муҳаммад, алайҳи-с-саломрост. Адаб нигоҳ доштам. Хитобе шунидам, ки: Бад-ин як адаб, ки нигоҳ доштӣ, номат баланд гардонидем, чунонки то қиёмат гӯянд: Султонулорифин Боязид.

Дар пеши имом Абунасри Қушайрӣ гуфтанд: Боязид чунин ҳикояте фармудааст: Ман дӯш хостам, ки аз карами рубубият дархоҳам, то зайли ғуфрон бар чароими халқи

аввалину охирин пӯшад, лекин шарм доштам, ки бад-ин қадар ҳоҷат ба ҳазрати карам мурочиат кунам ва шафоат - ки мақоми соҳиби шариат аст - дар тасарруфи хеш орам, адаб нигоҳ доштам.

Қушайрӣ гуфт: «Би ҳозиҳи-л-ҳиммати нола мо нола Боязид» - Бад-ин ҳиммати баланд дар авҷи шараф ба парвоз расидааст.

Нақл аст, ки шайх гуфт: Аввал бор, ки ба хона рафтам, хона дидам; дуввум бор, ки ба хона рафтам, худованди хона дидам; саввум бор на хона дидам ва на худованди хона, яъне дар Ҳақ гум шудам, ки ҳеч намедонистам, ки агар медидам, Ҳақ медидам.

Ва далел бар ин сухан он аст, ки яке ба дари хонаи Боязид шуд ва овоз дод. Шайх гуфт: Киро металабӣ? Гуфт: Боязидро. Гуфт: Бечора Боязид! Сӣ сол аст, то ман Боязидро металабам, ному нишонаш намеёбам. Ин сухан бо Зуннун гуфтанд. Гуфт: Худой бародарамро - Боязид - биёмурзод! Ки бо ҷамоате, ки дар Худой гум шудаанд, гум шудааст.

Нақл аст, ки Боязидро гуфтанд: Аз муҷоҳадаи худ моро чизе бигуй! Гуфт: Агар аз бузургтар гӯям, тоқат надоред; аммо аз ин камтарин бигӯям. Рӯзе нафсро коре бифармудам, ҳарунӣ кард, яъне фармон набурд, як солаш об надодам, гуфтам: Ё нафс! Тан дар тоат дех, ё дар ташнагӣ чон бидех.

Ва гуфт: Чӣ гӯй дар касе, ки ҳичоби ӯ Ҳақ аст? Яъне то ӯ медонад, ки Ҳақ аст, ҳичоб аст; ӯ мебояд, ки намонад ва дониши ӯ низ намонад, то кашф ҳақикӣ бувад.

Ва дар истиғрок чунон буд, ки: муриде дошт, ки бист сол буд, то аз вай чудо нашуда буд, ҳар рӯз, ки шайх ӯро хондӣ, гуфтӣ: Эй писар! Номи ту чист? Рӯзе мурид гуфт: Эй шайх! Маро афсус мекунӣ. Бист сол аст, то дар хидмати ту мебошам ва ҳар рӯз номи ман мепурсӣ? Шайх гуфт: Эй писар! Истеҳзо намекунам, лекин номи ӯ омадааст ва ҳамаи номҳо аз дили ман бурда; номи ту ёд мегирам ва боз фаромӯш мекунам.

Нақл аст, ки гуфт: Дар ҳамаи умри хеш, мебоядам, ки як намоз кунам, ки ҳазрати ӯро шояд ва накардам. Шабе аз намози хуфтан то вақти субх чаҳор ракъат намоз мегузоридам, ҳар бор ки фориғ шудаме, гуфтаме: Бех аз ин

бояд! Наздик буд, ки субҳ бидамад. Витр биёвардам ва гуфтам: Илоҳо! Ман чаҳд кардам, то дархури ту бувад, аммо набувад; дархури Боязид аст. Акнун туро бенамозон бисёранд, Боязидро яке аз эшон гир!

Ва гуфт: Баъд аз риёзати чиҳил сол, шабе ҳичоб бардоштанд. Зорӣ кардам, ки: Роҳам диҳед! Хитоб омад, ки: Бо кӯзае, ки ту дорӣ ва пӯстине, туро бор нест! Кӯзаву пӯстин бияндохтам, нидое шунидам, ки: Ё Боязид! Бо ин мудлаиён бигӯй, ки: Боязид баъд аз чиҳил соли риёзат ва мучоҳадат, бо кӯзае шикаста ва пӯстине пора-пора, то наяндохт, бор наёфт; то шумо - ки чандин алоиқ ба худ бозбастаед ва тарикатро донаи домӣ ҳавои нафс сохтаед, - калло ва ҳошо, ки ҳаргиз бор ёбед.

Нақл аст, ки касе гӯш медошт вақти саҳаргоҳӣ, то чӣ хохад кард? Як бор гуфт: Аллоҳ ва бияфтод ва хун аз вай равон шуд. Гуфтанд: Ин чӣ ҳолат буд? Гуфт: Нидо омад, ки ту кистӣ, ки ҳадиси мо кунӣ?

Нақл аст, ки шабе бар сари ангуштони пой буд аз намози хуфтан то саҳаргоҳ - ва ходим он ҳол мушоҳада мекард - ва хун аз чашми шайх бар хок мерехт. Ходим дар тааҷҷуб монд. Бомдод аз шайх пурсид, ки: Он чӣ ҳол буд? Моро аз он насибе кун! Шайх гуфт: Аввал қадам, ки рафтам, ба арш рафтам. Аршро дидам чун гурги лаболуда ва тиҳишикам. Гуфтам: Эй арш! Ба ту нишоне медиҳанд ки: «ар-Раҳмону ала-л-арши-ставо» (Сураи Тоҳо, ояти 5). Биё, то чӣ дорӣ! Гуфт: Чӣ чои ин ҳадис аст? Ки моро низ бадали ту нишоне медиҳанд, ки: «Ано инда-л-мункасирати қулубухум», агар осмониёнанд, аз заминиён мечӯянд ва агар заминиёнанд, аз осмониён металабанд; агар чавон аст, аз пир металабад ва агар пир аст, аз чавон металабад ва агар хароботӣ аст, аз зоҳид металабад; агар зоҳид аст, аз хароботӣ металабад.

Ва гуфт: Чун ба мақоми қурб расидам, гуфтанд: Бихох! Гуфтам: Маро хост нест, ҳам ту аз баҳри мо бихох! Гуфтанд: Бихох! Гуфтам: Туро хоҳаму бас! Гуфтанд: То вучуди Боязид заррае мемонад, ин хост муҳол аст, «Даъ нафсака ва таъола». Гуфтам: Безиллат бознатавонам гашт, густохӣ хохам кард. Гуфтанд: Бигӯй! Гуфтам: Бар ҳамаи халоиқ рахмат кун! Гуфтанд: Бознигар! Бознигаристам, хеч офарида надидам,

илло, ӯро шафее буд ва Ҳакро бар эшон басе некхоҳтар аз худ дидам, пас хомӯш шудам. Баъд аз он гуфтам: Бар Иблис раҳмат кун! Гуфтанд: Густохӣ кардӣ. Бирав! Ки ӯ аз оташ аст, оташиро оташ бояд. Ту чаҳди он кун, ки худро бад-он наёрӣ, ки сазои оташ шавӣ, ки тоқат наёрӣ.

Нақл аст, ки гуфт: Ҳақ таоло маро ду ҳазор мақом дар пеши худ ҳозир кард ва дар ҳар мақоме мамлакате бар ман арза кард, ман қабул накардам. Маро гуфт: Эй Боязид! Чӣ меҳоҳӣ? Гуфтам: Он ки ҳеч нахоҳам.

Ва чун касе аз вай дуое хостӣ, гуфтӣ: Худовандо! Халқи туанд ва ту холиқи эшон; ман дар миёна кистам, ки миёни ту ва халқи ту восита бошам? Бо худ гуфтӣ: Ӯ донои асрор аст, маро бо ин фузулӣ чӣ кор?

Ва яке пеши шайх омад ва гуфт: Маро чизе омӯз, ки сабаби растагории ман бувад. Гуфт: Ду ҳарф ёд гир аз илми чандинат бас: ки бидонӣ, ки Худой бар ту мутталеъ аст ва ҳар чӣ мекунӣ, мебинад; ва бидонӣ, ки Худованд аз амали ту бениёз аст.

Ва як рӯз шайх мерафт. Ҷавоне қадам бар қадами шайх ниҳод ва мегуфт: Қадам бар қадами машоих чунин ниҳанд. Ва пӯстине дар бари шайх буд, гуфт: Ё шайх! Порае аз ин пӯстин ба ман деҳ, то баракати ту бар ман расад. Шайх гуфт: Агар ту пӯсти Боязид дар худ кашӣ, судат надорад, то амали Боязид накунӣ.

Ва як рӯз шӯридаеро дид, ки мегуфт: Илоҳо! Дар ман нигар! Шайх гуфт - аз сари ғайрат ва ғалаботи вачд - ки: Некӯ сару рӯе дорӣ, ки дар ту нигарад? Гуфт: Эй шайх! Он назар аз барои он мехоҳам, то сару рӯям некӯ шавад. Шайхро аз ин сухан азим хуш омад, гуфт: Рост гуфтӣ.

Нақл аст, ки як рӯз сухани ҳақиқат мегуфт ва лаби хеш мемазиду мегуфт: Ҳам шаробхорам ва ҳам шароб ва ҳам соқӣ.

Нақл аст, ки гуфт: Ҳафтод зуннор аз миён гушодам, яке бимонд, ҳарчанд чаҳд кардам, ки гушода шавад, намешуд, зорӣ кардаму гуфтам: Илоҳо! Қувват деҳ, то ин низ бигушоям, овозе омад, ки: Ҳама зуннорҳо гушодӣ, ин яке гушодан кори ту нест.

Ва гуфт: Ба ҳамаи дастҳо дари Ҳақ бикӯфтам; охир то

илло, ӯро шафее буд ва Ҳақро бар эшон басе некхоҳтар аз худ дидам, пас хомӯш шудам. Баъд аз он гуфтам: Бар Иблис раҳмат кун! Гуфтанд: Густохӣ кардӣ. Бирав! Ки ӯ аз оташ аст, оташиро оташ бояд. Ту чаҳди он кун, ки худро бад-он наёрӣ, ки сазои оташ шавӣ, ки тоқат наёрӣ.

Нақл аст, ки гуфт: Ҳақ таоло маро ду ҳазор мақом дар пеши худ ҳозир кард ва дар ҳар мақоме мамлакате бар ман арза кард, ман қабул накардам. Маро гуфт: Эй Боязид! Чи мехоҳӣ? Гуфтам: Он ки ҳеч нахоҳам.

Ва чун касе аз вай дуое хостӣ, гуфтӣ: Худовандо! Халқи туанд ва ту холиқи эшон; ман дар миёна кистам, ки миёни ту ва халқи ту восита бошам? Бо худ гуфтӣ: Ӯ донои асрор аст, маро бо ин фузулӣ чӣ кор?

Ва яке пеши шайх омад ва гуфт: Маро чизе омӯз, ки сабаби растагории ман бувад. Гуфт: Ду ҳарф ёд гир аз илми чандинат бас: ки бидонӣ, ки Худой бар ту мутталеъ аст ва ҳар чӣ мекунӣ, мебинад; ва бидонӣ, ки Худованд аз амали ту бениёз аст.

Ва як рӯз шайх мерафт. Ҷавоне қадам бар қадами шайх ниҳод ва мегуфт: Қадам бар қадами машоих чунин ниҳанд. Ва пӯстине дар бари шайх буд, гуфт: Ё шайх! Порае аз ин пӯстин ба ман деҳ, то баракати ту бар ман расад. Шайх гуфт: Агар ту пӯсти Боязид дар худ кашӣ, судат надорад, то амали Боязид накунӣ.

Ва як рӯз шӯридаеро дид, ки мегуфт: Илоҳо! Дар ман нигар! Шайх гуфт – аз сари ғайрат ва ғалаботи вачд – ки: Некӯ сару рӯе дорӣ, ки дар ту нигарад? Гуфт: Эй шайх! Он назар аз барои он мехоҳам, то сару рӯям некӯ шавад. Шайхро аз ин суҳан азим хуш омад, гуфт: Рост гуфтӣ.

Нақл аст, ки як рӯз суҳани ҳақиқат мегуфт ва лаби хеш мемазиду мегуфт: Ҳам шаробхорам ва ҳам шароб ва ҳам соқӣ.

Нақл аст, ки гуфт: Ҳафтод зуннор аз миён гушодам, яке бимонд, ҳарчанд ҷаҳд кардам, ки гушода шавад, намешуд, зорӣ кардаму гуфтам: Илоҳо! Қувват деҳ, то ин низ бигушоям, овозе омад, ки: Ҳама зуннорҳо гушодӣ, ин яке гушодан кори ту нест.

Ва гуфт: Ба ҳамаи дастҳо дари Ҳақ бикӯфтам; охир то

ба дасти ниёз накӯфтам, нагушоданд; ва ба ҳамаи забонҳо бор хостам, то ба зуфони андӯҳ бор нахостам, бор надоданд. Ба ҳамаи қадамҳо ба роҳи ӯ бирафтам, то ба қадами зулл нарафтам, ба манзилгоҳи иззат нарасидам.

Ва гуфт: Сӣ сол буд, то ман мегуфтам: Чунин кун! Ва чунин дех! Ва чун ба қадами аввали маърифат расидам, гуфтам: Илоҳо! Ту маро бош ва ҳар чӣ мехоҳӣ, кун.

Ва гуфт: Сӣ сол Ҳудойро ёд кардам, чун хомӯш шудам, бингаристам: ҳичӣоби ман зикри ман буд.

Ва гуфт: Як бор ба даргоҳи ӯ муноҷот кардаму гуфтам: «Кайфа-л-вусулу илайка?» Нидое шунидам, ки: Эй Боязид! «Таллиқ нафсака салосан сумма қули-л-Лоҳ» - Нахуст худро талоқ дех ва он гоҳ ҳадиси мо кун!

Ва гуфт: Агар Ҳақ таоло аз ман ҳисоби ҳафтодсола хоҳад, ман аз вай ҳисоби ҳафтод ҳазорсола хоҳам, аз баҳри он ки ҳафтод ҳазор сол аст, то «Аласту бираббикум» (Сураи Аъроф, ояти 172) гуфтааст ва ҷумларо дар шӯр оварда аз бало гуфтан: ҷумлаи шӯрҳо, ки дар осмону замин аст, аз шавқи «аласту» аст. Пас гуфт: Баъд аз он хитоб омад, ки: Ҷавоб шунав! Рӯзи шумор ҳафт андомат зарра-зарра гардонем ва ба ҳар заррае дидоре диҳем. Гӯем: Инак ҳисоби ҳафтод ҳазорсола ва ҳосил ва боқӣ дар канорат ниҳодем.

Ва гуфт: Агар ҳашт биҳиштро дар кулбаи мо гушоянд ва вилояти ҳар ду сарой ба иқтоъ ба мо диҳанд, ҳанӯз бад-он як оҳ, ки дар саҳаргоҳ бар ёди шавқи ӯ аз миёни ҷони мо барояд, надиҳем, балки як нафас, ки ба дарди ӯ барорем, бо мулки ҳаждаҳ ҳазор олам баробар накунем.

Ва гуфт: Агар фардо дар биҳишт дидор нанамояд, чандон навҳаву нола кунам, ки аҳли ҳафт дӯзах аз гиряву нолаи ман азоби худ фаромӯш кунанд.

Ва гуфт: Касоне, ки пеш аз мо будаанд, ҳар касе ба чизе фурӯ омадаанд, мо ба ҳеч фурӯ наёмадем ва якборагӣ худро фидои ӯ кардем ва худро аз барои худ нахоҳем, ки агар як зарра сифоти мо ба саҳро ояд, ҳафт осмону замин дарҳам афтад.

Ва гуфт: Ӯ хост, ки моро бинад ва мо нахостем, ки ӯро бинем, яъне бандаро хост набувад.

Ва гуфт: Чихил сол рӯй ба халқ кардам ва эшонро ба

Ҳақ ҳондам, касе маро иҷобат накард; рӯй аз эшон бигардонидам. Чун ба ҳазрат рафтам, ҳамаро пеш аз худ он ҷо дидам; яъне иноятӣ Ҳақ дар хаққи халқ беш аз иноятӣ худ дидам. Он чӣ хостам, Ҳақ таоло ба як иноят, он ҳамаро пеш аз ман ба худ расонид.

Ва гуфт: Аз боязидӣ берун омадам - чун мор аз пӯст - пас нигаҳ кардам: ошиқу маъшуқу ишқ яке дидам, ки дар олами тавҳид ҳама якӣ тавон буд.

Ва гуфт: Аз Худой ба Худой рафтам, нидо кардам аз ман дар ман, ки: Эй ту ман! Яъне ба мақоми: «ал-Фаноу фӣ-л-Лоҳ» расидам.

Ва гуфт: Чанд ҳазор мақомот аз пас кардам, чун нигоҳ кардам, худро дар мақоми «ҳизбу-л-Лоҳ» дидам, яъне ба маънии Аллоҳ, ки он кунҳ аст, роҳ нест.

Ва гуфт: Ҳақ таоло сӣ сол оинаи ман буд, акнун ман оинаи худам; яъне он чӣ ман будам, намондам, ки ман ва Ҳақ ширк бувад, чун ман намондам, Ҳақ таоло оинаи хеш аст. Инак бигӯям, ки оинаи хешам Ҳақ аст, ки ба забони ман сухан гӯяд ва ман дар миён нопадид.

Ва гуфт: Солҳо бар ин даргоҳ мучовир будам, ба окибат ҳайрат бидидам ва чуз ҳайрат насиби мо наёмад.

Ва гуфт: Ба даргоҳи иззат шудам, ҳеч заҳмат набуд, аҳли дунё ба дунё машғул буданд ва маҳҷуб ва аҳли охират ба охират ва муддаиён ба даъво ва арбоби тариқату тасаввуф: қавме ба акл ва шурб ва гиря, қавме ба самоъу рақс; ва онҳо, ки мукаддамони роҳ буданд ва пешравони сипоҳ буданд, дар бодияи ҳайрат гум шуда буданд ва дар дарёи ачз ғарқ шуда.

Гуфт: Муддате гирди «хона» тавоф мекардам, чун ба Ҳақ расидам, хонаро дидам, ки гирди ман тавоф мекард.

Гуфт: Шабе дили хеш металабидам ва наёфтам. Саҳаргоҳ нидое шунидам, ки: Эй, Боязид! Ба чуз аз мо чизе дигар металабӣ, туро бо дил чӣ кор аст?

Ва гуфт: Мард на он аст, ки бар паи чизе равад, мард он аст, ки ҳар чо ки бошад, ҳар чӣ хоҳад, пеш ояд ва бо ҳар кӣ сухан гӯяд, аз вай ҷавоб шунавад.

Ва гуфт: Ҳақ маро ба чое расонид, ки халоиқ ба чумлагӣ дар миёни ду ангушти худ бидидам.

Ва гуфт: Муридро халовати тоат диҳанд, чун бад-он хуррам шавад, шодии ӯ ҳичоби қурби ӯ гардад.

Ва гуфт: Камтарин дарачаи ориф он аст, ки сифоти Ҳақ дар вай бувад.

Ва гуфт: Агар бадали халоиқ маро ба оташ бисӯзонад, ман сабр кунам аз он чо ки манам, муҳаббати ӯро ҳанӯз ҳеч накарда бошам; ва агар гуноҳи ману азони ҳамаи халоиқ биёмурзад, аз он чо, ки сифати раъфату раҳмати ӯст, ҳанӯз бас коре набошад.

Ва гуфт: Тавба аз маъсият яке аст ва аз тоат ҳазор, яъне учб дар тоат бадтар аз гуноҳ аст.

Ва гуфт: Камоли дарачаи ориф сӯзиши ӯ бувад дар муҳаббат.

Ва гуфт: Илми азал даъвӣ кардан, аз касе дуруст ояд, ки аввал бар худ нури зот намояд.

Ва гуфт: Дунёро душман гирифтаму назди холиқ рафтам ва Худойро бар махлуқот ихтиёр кардам, то чандон муҳаббати Ҳақ бар ман муставлӣ шуд, ки вучуди худро душман гирифтам. Чун заҳамот аз миёна бардоштанд, унс ба бақои лутфи Ҳақ доштам.

Ва гуфт: Худойро бандагонанд, ки агар биҳишт бо ҳама зинатҳо бар эшон арза кунанд, эшон аз биҳишт ҳамон фарёд кунанд, ки дӯзахиён аз дӯзах.

Ва гуфт: Обиди ба ҳақиқат ва омили ба сидқ он бувад, ки ба теғи чаҳд сари ҳамаи муродот бардорад ва ҳамаи шаҳавоту таманнои ӯ дар муҳаббати Ҳақ ночиз шавад: он дӯст дорад, ки Ҳақ хоҳад ва он орзу кунад, ки Ҳақ шоҳиди ӯ бувад.

Ва гуфт: На Худованди таоло ба ризои хеш балгумонро ба биҳишт мебарад? Гуфтанд: Бале. Гуфт: Чун ризои худ ба касе диҳад, он кас биҳиштро чӣ кунад?

Ва гуфт: Як зарра ҳаловати маърифат дар диле беҳ аз ҳазор қаср дар фирдавси аъло.

Ва гуфт: Ягонагии ӯ бисёр мардони мардро очиз гардонад ва басе очизонро ба марди расонад.

Ва гуфт: Агар тавонед, ба сари қоидаи фанои аввал бозравед, то бад-ин ҳадис расед ва агар ин ҳама салоҳу зӯҳд бод аст, ки бар шумо мезанад.

Ва гуфт: Худойшиносон савоби бихиштанд ва бихишт вуболи эшон.

Ва гуфт: Гунох шуморо чунон зиён надорад, ки бехурматӣ кардан ва хор доштани бародари мусалмон.

Ва гуфт: Дунё ахли дунёро ғурур дар ғурур аст ва охират ахли охиратро сурур дар сурур аст ва дӯстии Ҳақ ахли маърифатро нур дар нур.

Ва гуфт: Дар муояна кори накд аст, аммо дар мушохада накди накд аст.

Ва гуфт: Ибодат ахли маърифатро баъси анфос аст.

Ва гуфт: Чун ориф хомӯш бувад, муродаш он бувад, ки бо Ҳақ сухан гӯяд ва чун чашм барҳам ниҳад, мақсудаш он бувад, ки чун боз кунад, ба Ҳақ нигарад ва чун сар ба зону нихад, талаби он кунад, ки сар барнадорад, то Исрофил сур бидамад, аз бисёрии унс, ки ба Худой дорад.

Ва гуфт: Савори дил бош ва пиёдаи тан!

Ва гуфт: Аломати шинохти Ҳақ гурехтан аз халқ бошад ва хомӯш будан дар маърифати ӯ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба Ҳақ мубтало гашт, мамлакат аз ӯ дареғ надорад ва ӯ худ ба ҳар ду сарой сар фурӯ наёрад.

Ва гуфт: Ишқи ӯ даромад ва ҳар чӣ дуни ӯ буд, бардошт ва аз модун асар нагузошт, то ягона монд, чунонки худ ягона аст.

Ва гуфт: Камоли ориф сӯхтани ӯ бошад дар дӯстии Ҳақ.

Ва гуфт: Фардо ахли биҳишт ба зиёрат раванд, чун бозгарданд, суратҳо бар эшон арза кунанд, ҳар кӣ сурат ихтиёр кард, ӯро ба зиёрат рох надиҳанд.

Ва гуфт: Бандаро ҳеч беҳ аз он набошад, ки бе ҳеч бошад: на зӯҳд дорад ва на илму на амал; чун бе ҳама бошад, бо ҳама бошад.

Ва гуфт: Ин қиссаро илам бояд, ки аз қалам ҳеч наёяд.

Ва гуфт: Ориф чандон аз маърифат бигӯяд ва дар кӯи ӯ бипӯяд, ки маориф намонад ва ориф бирасад. Пас маориф аз ориф ниёбат дорад. Ва ориф ба маърифат нарасад, то аз маориф ёд наёрад.

Ва гуфт: Талаби илму ахбор аз касе лоиқ аст, ки аз илм ба маълум шавад ва аз хабар ба мухаббар. Аммо ҳар кӣ аз барои мубохот илме хонад ва бад-он рутбат ва зинати худ

талаб кунад, то махлуқе ӯро пазирад, ҳар рӯз дуртар бошад ва аз ӯ маҳҷуртар гардад.

Ва гуфт: Дунё чӣ қадри он дорад, ки касе гузоштани ӯ коре пиндорад, ки мухол бошад, ки касе Ҳақро шиносад ва дӯсташ надорад; ва маърифат бе муҳаббат қадре надорад.

Ва гуфт: Аз чӯйҳои оби равон овоз мешунавӣ, ки чӣ гуна меояд, чун ба дарё расад, сокин гардад ва аз даромадан ва берун шудани ӯ дарёро на зиёдат бувад, на нуқсон.

Ва гуфт: Ӯро бандагонанд, ки агар соате дар дунё аз вай маҳҷуб монанд, ӯро напарастанду тоаташ надоранд, яъне чун маҳҷуб монанд, нобуд гарданд ва нобуд ибодат чун кунад?

Ва гуфт: Ҳар кӣ Худойро донад, забон ба сухане дигар чӯз ёди Ҳақ натвонад гушод.

Ва гуфт: Камтарин чизе, ки орифро воҷиб омад, он аст, ки аз молу мулк табарро кунад; ва ҳақ ин аст, ки агар ҳар ду чаҳон дар сари дӯстии ӯ кунӣ, ҳанӯз андак бошад.

Ва гуфт: Савоби орифон аз Ҳақ ҳақ бошад.

Ва гуфт: Орифон дар аён макон чӯянд ва дар айн асар нагӯянд ва агар аз арш то саро сад ҳазор одам бошанд бо зароири бисёр ва иттибоъу насли бешумор ва сад ҳазор фариштае муқарраб чун Ҷабраилу Микоил қадам аз адам дар зовияи дили ориф ниҳанд, ӯ дар ҷанби вучуду маърифати Ҳақ эшонро мавҷуд напиндорад ва аз даромадану берун шудани эшон хабар надорад; ва агар ба хилофи ин бувад, муддаӣ бувад, на ориф.

Ва гуфт: Ориф маъруфро бинад ва олим бо олам нишинад. Олим гӯяд: Ман чӣ кунам? Ориф гӯяд: Ӯ чӣ кунад?

Ва гуфт: Биҳиштро назди дӯстони Ҳақ хатаре набошад ва бо ин ҳама, ки аҳли муҳаббат ба муҳаббат маҳҷуранд; кор он қавм доранд, ки агар хуфтаанд ва агар бедоранд, толибу матлубанд ва аз талабкорӣ ва дӯстдории худ фориғанд, мағлуби мушоҳадаи маъшуқанд, ки бар ошиқе ишқи худ дидан товон аст ва дар муқобалаи матлуб ба талабкории худ нигаристан дар роҳи муҳаббат тугён аст.

Ва гуфт: Ҳақ бар дили авлиёи худ мутталеъ гашт, баъзе аз дилҳо дид, ки бори маърифат ӯ натавонист кашид, ба ибодаташ машғул гардонид.

Ва гуфт: Бори Ҳақ ҷуз боргирони хос барнадоранд, ки музаллилкардаи мучоҳада бошанд ва риёзатёфтаи мушоҳада.

Ва гуфт: Кошки ки халқ ба шиноҳти худ тавонандӣ расид, ки маърифати эшонро дар шиноҳти худ тамом будӣ.

Ва гуфт: Ҷаҳд кун, то як дам ба даст орӣ, ки он дам дар замину осмон ҷуз Ҳақро набинӣ, яъне то бад-он дам ҳамаи умр тавонгар нишинӣ.

Ва гуфт: Аломати он, ки Ҳақ ӯро дӯст дорад, он аст, ки се хислат бад-ӯ диҳад: саховате чун саховати дарё ва шафқате чу шафқати офтоб ва тавозуе чун тавозуи замин.

Ва гуфт: Ҳочиён ба қолиб гирди Каъба тавоф кунанд, бако хоҳанд; ва аҳли муҳаббат ба қулуб гарданд гирди арш ва лико хоҳанд.

Ва гуфт: Дар илм илме аст, ки уламо надонанд; ва дар зӯҳд зӯҳде аст, ки зоҳидон нашиносанд.

Ва гуфт: Ҳар киро баргузинад, фиръавниро бад-ӯ гуморад, то ӯро меранчонад.

Ва гуфт: Ин ҳама гуфтугӯю машғала ва бонгу ҳаракат ва орзу беруни парда аст, даруни парда хомӯшиву сукунат ва ором аст.

Ва гуфт: Ин далерӣ чандон аст, ки хоча ғоиб аст аз ҳазрати Ҳақ ва ошики худ аст, чун хузур хосил омад, чӣ чои гуфтугӯ аст?

Ва гуфт: Сӯҳбати некон бех аз кори нек ва сӯҳбати бадон бадтар аз кори бад.

Ва гуфт: Ҳама корҳо дар мучоҳада бояд кард, он гох фазли Худой дидан, на феъли хеш.

Ва гуфт: Ҳар кӣ Худойро шиноҳт, ӯро бо суол ҳочат нест ва набуд; ва ҳар кӣ нашноҳт, сухани ориф дарнаёбад.

Ва гуфт: Ориф он аст, ки ҳеч чиз машрабгоҳи ӯ тира нагардонад, ҳар кудурат, ки бад-ӯ расад, софӣ гардад.

Ва гуфт: Оташи азоб он касрост, ки Худойро надонад, аммо худойшиносон бар оташ азоб бошанд.

Ва гуфт: Ҳар рӯз ҳазор кас дар ин рох оянд, шабонгох аз имон бароянд.

Ва гуфт: Ҳар чӣ ҳаст дар ду қадам ҳосил ояд, ки яке бар насибҳои худ ниҳад ва яке бар фармонҳои Ҳақ; он як қадамро бардорад ва он дигар бар чой бидорад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ тарки ҳаво гуфт, ба Ҳақ расид.

Ва гуфт: Ҳар кӣ наздики Ҳақ бувад, ҳама чиз ва ҳама чой ӯро бувад, зеро ки Ҳақ таоло ҳама чой аст ва Ҳакро ҳама чиз ҳаст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба Ҳақ ориф аст, чохил аст ва ҳар кӣ чохили Ҳақ аст, ориф аст.

Ва гуфт: Ориф тайёр аст ва зоҳид сайёр аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ Худойро шинохт, азобе гардад бар оташ ва ҳар кӣ Худойро надонист, оташ бар ӯ азоб гардад; ва ҳар кӣ Худойро шинохт, бихиштро савобе гардад ва бихишт бар ӯ вуболе гардад.

Ва гуфт: Ориф ба ҳеч чиз шод нашавад чуз ба висол.

Ва гуфт, ки: Нифоқи орифон фозилтар аз ихлоси муридон.

Ва гуфт: Он чӣ ривоят мекунанд, ки: Иброҳиму Мӯсо ва Исо, салавоту-л-Лоҳи алайхим аҷмаин, гуфтанд: Худоё! Моро аз уммати Муҳаммад гардон! Гумон барӣ, ки орзуи фазоеҳ ин муште раёсатҷӯй карданд? Калло ва ҳошо! Балки эшон дар ин уммат мардоне диданд, ки икдоми эшон бар таҳти саро буд ва сарҳои эшон аз аълоиллиййин баргузашта ва эшон дар миён гумшуда.

Ва гуфт: Ҳаззи авлиё дар тафовути дарачот аз чаҳор ном аст ва қиёми ҳар фиркате аз эшон ба номе аст аз номҳои Худой ва он қавли Худой аст: «Ҳува-л-аввалу ва-л-оҳиру ва-з-зоҳиру ва-л-ботин» (Сураи Ҳадид, ояти 3). Ҳар киро ҳаззи ӯ аз ин номҳо зиёдтар бувад ба зоҳир, аҷоиби қудрати вай нигаронтар бувад; ва ҳар киро ҳаззи ӯ аз ин номҳо ботин бувад, нигарон бувад бад-он чӣ равад аз анвор ва асрор; ва ҳар киро ҳаззи ӯ аз ин номҳо аввал бувад, шуғли ӯ бад-он бувад, ки андар сабқат рафтааст; ва ҳар киро ҳаззи ӯ аз ин номҳо охир бувад, шуғли ӯ ба мустақбал баста бувад, бо он чӣ хоҳад буд; ва ҳар касро аз ин кашф бар қадри тоати ӯ бувад.

Ва гуфт: Агар ҳамаи давлатҳо, ки халоиқро буд, дар ҳаволаи шумо афтад, дар ҳавола машавед ва агар ҳама бедавлатӣ дар рохатон афтад, навмед магардед, ки кори Худой «Кун, файакун» бувад ва ҳар кӣ ба худ фурӯ нигарад ва ибодати хеш холис бинад ва аз сафои кашфи худ хисобе

бартавонад гирифт ва нафси худро ахбасуннуфус набинад, ӯ аз хеч хисоб нест.

Ва гуфт: Хар кӣ дили худро мурда гардонад ба касрати шаҳавот, ӯро дар кафани лаънат печанд ва дар замини надомат дафн кунанд; ва хар кӣ нафси худро бимиронад ба бозистодан аз шаҳавот, ӯро дар кафани раҳмат печанд ва дар замини саломат дафн кунанд.

Ва гуфт: Ба Ҳақ нарасид он, ки расид магар ба ҳифзи ҳурмат ва аз роҳ наяфтод он, ки аз роҳ афтод, магар ба тарки ҳурмат кардан.

Ва гуфт: Харгиз ин ҳадисро ба талаб натавон ёфт, аммо чуз толибон наёбанд.

Ва гуфт: Чун мурид наъра занад ва бонг кунад, ҳавзе бувад; ва чун хомӯш бувад, дарё шавад пури дур.

Ва гуфт: Ё чунон намой, ки хастӣ, ё чунон бош, ки менамой.

Ва гуфт: Хар киро савоби Худой ба фардо афтад, худ имрӯз ибодат накардааст, ки савоби ҳар нафасе аз мучоҳадот дар ҳол ҳосил аст.

Ва гуфт: Илм узр аст ва маърифат макр аст ва мушоҳада ҳичоб; пас кай хоҳӣ ёфт, чизе, ки металаби?

Ва гуфт: Қабзи дилҳо дар басти нуфус аст ва басти дилҳо дар қабзи нуфус аст.

Ва гуфт: Нафс сифате аст, ки ҳаргиз наравад чуз ба ботил.

Ва гуфт: Хаёт дар илм аст ва роҳат дар маърифат ва ризқ дар зикр.

Ва гуфт: Шавқ дорулмулки ошиқон аст, дар он дорулмулк тахте аз сиёсати фироқ ниҳодааст ва теғе аз ҳавли ҳичрон кашид ва як шохи наргиси висол бар дасти рачо дода ва дар ҳар нафасе ҳазор сар бад-он теғ бардоранд.

Ва гуфт: Ҳафт ҳазор сол бигзашт ва ҳанӯз он наргис «газзан тарийян» аст, ки дасти ҳеч амал бад-ӯ нарасидааст.

Ва гуфт: Маърифат он аст, ки бишносӣ, ки ҳаракоту саканоти халқ ба Худой аст.

Ва гуфт: Таваккул зистанро ба як рӯз бозовардан аст ва андешаи фардо пок андохтан.

Ва гуфт: Зикри касир на ба адад аст, лекин ба ҳузури

беғафлат аст.

Ва гуфт: Муҳаббат он аст, ки бисёри худро андак шумарӣ ва андаки Ҳақ бисёр донӣ.

Ва гуфт: Муҳаббат он аст, ки дунёву охиратро дӯст надорӣ.

Ва гуфт: Ихтилофи уламо раҳмат аст, магар дар тафрид ва тавҳид.

Ва гуфт: Гуруснагӣ абре аст, ки ҷуз борони ҳикмат наборонад.

Ва гуфт: Дуртарин халоиқ ба Ҳақ он бошад, ки ишора беш кунад.

Ва гуфт: Наздиктарин халоиқ ба Ҳақ он аст, ки бори халқ беш кашад ва хӯи хуш дорад.

Ва гуфт: Фаромӯшии нафс ёд кардани Ҳақ аст ва ҳар кӣ Ҳақро ба Ҳақ шиносад, зинда гардад ва ҳар кӣ Ҳақро ба худ шиносад, фонӣ гардад.

Ва гуфт: Дили ориф чун чароғе аст дар қандиле аз обгинаи пок, ки шуои ӯ ҷумлаи малакутро равшан дорад, ӯро аз торикӣ чӣ бок?

Ва гуфт: Ҳалоки худ дар ду чиз аст: яке халқро ҳурмат нодоштан ва яке Ҳақро миннат нодоштан.

Гуфтанд: Фаризаву суннат чист? Гуфт: Фариза сӯҳбати мавло аст ва суннат тарки дунё.

Нақл аст, ки мурида ба сафаре мерафт. Шайхро гуфт: Маро васияте кун! Гуфт: Ба се хислат туро васият мекунам. Чун бо бадхуе сӯҳбат дорӣ, хӯи бади ӯро бо хӯи неки худ ор, то айшат муҳайё ва муҳанно бувад ва чун касе бо ту инъоме кунад, аввал Худойро шукр кун, баъд аз он, он касро, ки Ҳақ дили ӯ бар ту меҳрубон кард; ва чун балое рӯй ба ту ниҳад, ба ачз мӯътариф гард ва фарёд хоҳ, ки ту сабр натвонӣ кард ва Ҳақ бок надорад.

Пурсиданд аз зӯҳд. Гуфт: Зӯҳдро қимате нест, ки ман се рӯз зоҳид будам. Рӯзи аввал дар дунё ва рӯзи дуввум дар охират ва рӯзи саввум аз он чӣ ғайри Худо аст. Ҳотифе овоз дод, ки: Эй Боязид! Ту тоқати мо надорӣ. Гуфтам: Муроди ман ин аст. Ба гӯши ман омад, ки: Ёфтӣ! Ёфтӣ!

Ва гуфт: Камоли ризои ман аз ӯ то ҳадде аст, ки агар бандаеро ҷовид ба иллиййин барорад ва маро ба

асфалассофилин ҷовид фурӯ барад, ман розитар бошам аз он банда.

Пурсиданд, ки: Банда ба дараҷаи камол кай расад? Гуфт: Чун айби худро бишносаду химмат аз халқ бардорад, он гоҳ ҳаққи ӯро бар қадри химмати вай ва ба қадри дурии ӯ аз нафси худ ба хеш наздик гардонад.

Гуфтанд: Моро зӯҳду ибодат мефармой ва ту зиёдат зӯҳду ибодат намекунӣ. Шайх наърае бизаду гуфт: Зӯҳду ибодат аз ман шикофтаанд.

Пурсиданд, ки: Роҳ ба Ҳақ чӣ гуна аст? Гуфт: Ту аз роҳ бархез, ки ба Ҳақ расидӣ.

Гуфтанд: Ба чӣ ба Ҳақ тавон расид? Гуфт: Ба кӯриву карӣ ва гунгӣ.

Гуфтанд: Бисёр суханҳои пирон шунидем. Ҳеч сухан азимтар аз он сухани ту нест. Гуфт: Эшон дар баҳри сафои муомалат гуфтанд ва ман аз баҳри сафои миннат мегӯям. Эшон омехта мегӯянд, ман холис мегӯям. Омехта омехтаро пок накунад. Эшон гуфтанд: «Ту ва мо» ва ман мегӯям: «Ту бар ту».

Яке васият хост. Гуфт: Бар осмон нигар! Нигаҳ кард. Гуфт: Медонӣ, ки ин кай офаридааст? Гуфт: Донам. Гуфт: Он кас, ки офаридааст, ҳар ҷо ки бошӣ, бар ту мутталеъ аст. Аз ӯ пурҳазар бош.

Яке гуфт: Ин толибон аз саёҳат намеосоянд. Гуфт: Он чӣ мақсуд аст, муқим аст, на мусофир. Муқимро талабидан муҳол бувад дар сафар.

Гуфтанд: Сухбат бо кӣ дорем? Гуфт: Он ки чун бемор шавӣ, туро бозпурсад ва чун гуноҳе кунӣ, тавба қабул кунад ва ҳар чӣ Ҳақ аз ту донад, аз ӯ пӯшида набувад.

Яке гуфт: Чаро шаб намоз намекунӣ? Гуфт: Маро фароғати намоз нест. Ман гирди малакут мегардам ва ҳар кучо афтодае аст, дасти ӯ мегирам. Яъне кор дар андаруни худ мекунам.

Гуфтанд: Бузургтарин нишони ориф чист? Гуфт: Он ки бо ту таом меҳӯрад ва аз ту мегурезад ва аз ту мехараду ба ту мефурӯшад ва дилаш дар ҳазоири қудс пушт ба болиши унс бозниҳода бошад.

Ва гуфт: Ориф он аст, ки дар хоб ҷуз Худой набинаду

бо кас ҷуз аз вай мувофақат накунад ва сирри худ ҷуз бо вай нагушояд.

Пурсиданд аз амри маъруф ва наҳйи мункар. Гуфт: Дар вилояте бошед, ки дар вай амри маъруф ва наҳйи мункар набошад, ки ҳар ду дар вилояти халқ аст. Дар ҳазрати ваҳдат на амри маъруф аст ва на наҳйи мункар бошад.

Гуфтанд, ки: Мард кай донад, ки ба ҳакиқати маърифат расидааст? Гуфт: Он вақт ки фонӣ гардад дар тахти итлои Ҳақ ва боқӣ шавад бар бисоти Ҳақ бе нуфус ва бе халқ. Пас ӯ фонис бувад боқӣ ва бокие бувад фонӣ ва мурдае бувад зинда ва зиндае бувад мурда ва маҳҷубе макшуф бувад ва макшуфе маҳҷуб.

Шайхро гуфтанд: Саҳли Абдуллоҳ дар маърифат сухан гӯяд. Гуфт: Саҳл бар канораи дарё рафта ва дар гирдоб афтода.

Гуфтанд: Эй шайх! Он, ки дар баҳр ғарқ шавад, ҳоли ӯ чун бувад? Гуфт: Аз он ҷо ки дидори халқ аст, нопарвоии ҳар ду кавн бувад ва бисоти гуфтугӯй дарнавардад, ки «Ман арафа-л-Лоҳа калла лисонуҳу».

Гуфтанд: Дарвеш чист? Гуфт: Он, ки касеро дар кунҷи дили хеш пой ба ганҷе фурӯ шавад – ва онро расвои охират гӯянд, – дар он ганҷ гавҳаре ёбад, онро муҳаббат гӯянд. Ҳар кӣ он гавҳар ёфт, ӯ дарвеш аст.

Гуфтанд: Мард ба Худой кай расад? Гуфт: Эй мискин! Ҳаргиз расад.

Гуфтанд: Ба чӣ ёфтӣ, он чӣ ёфтӣ? Гуфт: Асбоби дунёро ҷамъ кардам ва ба занҷири қаноат бастам ва дар манҷаниқи сидқ ниҳодам ва ба дарёи ноумедӣ андохтам.

Гуфтанд: Умри ту чанд аст? Гуфт: Чаҳор сол. Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Ҳафтод сол буд, то дар ҳуҷуби дунё будам, аммо чаҳор сол аст, то ӯро мебинам, чунонки мапурс! Ва рӯзгор ҳиҷоб аз умр набошад.

Аҳмади Хизравия шайхро гуфт: Ба ниҳояти тавба намерасам.

Шайх гуфт: Ниҳояти тавба иззате дорад ва иззат сифати Ҳак аст, махлуқе кай ба даст тавонад овардан?

Пурсиданд аз намоз. Гуфт: Пайвастан аст ва пайвастан набошад магар баъд аз гусастан.

Гуфтанд? Рох ба Худой чӣ гуна аст? Гуфт: Ғоиб шав аз

рох ва пайвастӣ ба Аллох.

Гуфтанд: Маро мадҳи гуруснагӣ мегуӣ? Гуфт: Агар Фиръавн гурусна будӣ, ҳаргиз «Ано раббукуму-л-аъло» нагуфтӣ.

Ва гуфт: Ҳаргиз мутакаббир буи маърифат наёбад. Гуфтанд: Нишони мутакаббир чист? Гуфт: Он, ки дар ҳаждах ҳазор олам нафсе бубинад хабистар аз нафси хеш.

Гуфтанд: Бар сари об меравӣ? Гуфт: Чӯбпорае бар об биравад. Гуфтанд: Дар ҳаво мепарӣ! Гуфт: Мурғ дар ҳаво мепарад. Гуфтанд: Ба шабе ба Каъба меравӣ! Гуфт: Ҷодуе дар шабе аз Ҳинд ба Дамованд меравад. Гуфтанд: Пас кори мардон чист? Гуфт: Он, ки дил дар кас набандад ҷуз Худой.

Гуфтанд: Дар муҷоҳадаҳо чун будӣ? Гуфт: Шоиздаҳ сол дар мехроб будам ва хобро чун зани ҳоиз дидам.

Ва гуфт: Дунёро се талоқ додам ва ягонаро ягона шудам, пеши ҳазрат биистодам, гуфтам: Бор Худоё! Ҷуз аз ту кас надораму чун туро дорам, ҳама дорам. Чун сидқи ман бидонист, нахуст фазл, ки кард, он буд, ки хошоки нафс аз пеши ман бардошт.

Ва гуфт: Ҳақ таоло амру наҳй фармуд. Онҳо, ки фармони ӯро нигоҳ доштанд, хилъат ёфтанд ва бад-он хилъат машғул шуданд ва ман нахостам аз вай ҷуз вайро.

Ва гуфт: Чандон ёдаш кардам, ки ҷумлаи халқон ёдаш карданд, то ба ҷое ки ёдкарди ман ёдкарди ӯ шуд, пас шиноҳти ӯ тохтан овард ва маро нест кард; дигарбора тохтан овард ва маро зинда кард.

Ва гуфт: Пиндоштам, ки ман ӯро дӯст медорам. Чун нигаҳ кардам, дӯстии ӯ маро собиқ буд.

Ва гуфт: Ҳар касе дар дарёи амал ғарқа гаштанд. Ва ман дар дарёи бирр ғарқа гаштам, яъне дигарон риёзати худ диданд ва ман иноятӣ Ҳақ дидам.

Ва гуфт: Мардумон илм аз мурдагон гирифтанд ва мо аз зиндае илм гирифтем, ки ҳаргиз намирад. Ҳама ба Ҳақ гӯянд ва ман аз Ҳақ гӯям, лоҷарам - гуфт: - Ҳеч чиз бар ман душвортар аз мутобаати илм набувад, яъне илми таълими зоҳир.

Ва гуфт: Нафсро ба Худой хондам, ичобат накард, тарки ӯ кардам ва танҳо рафтам ба ҳазрат.

Ва гуфт: Диламро ба осмон бурданд, гирди ҳамаи малакут бигашт ва бозомад. Гуфтам: Чи оварди? Гуфт: Муҳаббат ва ризо, ки подшоҳ ин ҳар ду буданд.

Ва гуфт: Чун Ҳақро ба илми хеш донистам, гуфтам: агар ба кифояти ӯ туро бас нест, ба кифояти ҳеч кас туро басанда набувад, то чаворехро дар хидмат овардам. Ҳар гоҳ ки яке коҳилӣ кардӣ, ба дигар андом машғул шудаме, то Боязид шуд.

Ва гуфт: Хостам, то сахттарин уқубате бар тани худ бидонам, ки чист. Ҳеч чиз бадтар аз ғафлат надидам ва оташи дӯзах бо мардон он накунад, ки як зарра ғафлат кунад.

Ва гуфт: Солҳост, то намоз мекунам ва эътиқодам дар нафас ба ҳар намозе он будааст, ки габраму зуннор бихоҳам бурид.

Ва гуфт: Кори занон аз кори мо бехтар, ки эшон дар моҳе ғусле кунанд аз нопокӣ ва мо дар ҳамаи умри худ ғусле накардаем дар покӣ ва гуфт: Агар дар ҳамаи умр аз Боязид ин калима дуруст ояд, аз ҳеч бок надорад.

Ва гуфт: Агар фардо маро дар арасот гӯянд: Чаро накардӣ? Дусттар дорам аз он ки гӯянд: Чаро кардӣ? Яъне ҳарчӣ кунам, дар вай мании ман бувад ва манӣ ширк аст ва ширк бадтар аз гуноҳ аст, магар тоате бар ман равад, ки ман дар миён набошам.

Ва гуфт: Худои таоло бар асрори халқ мутталеъ аст. Ба ҳар сирр, ки нигарад, холӣ бинад, магар сирри Боязид, ки аз худ пур бинад.

Ва гуфт: Эй басо кас, ки ба мо наздиктар аст ва аз мо дур аст ва эй басо кас, ки аз мо дур аст ва ба мо наздик аст.

Ва гуфт: Дар хоб дидам, ки зиёдат мехостам аз Ҳақ таоло, пас аз тавҳид, чун бедор шудам, гуфтам: Ё Раб! Зиёдат намехоҳам баъд аз тавҳид.

Ва гуфт: Ҳақро ба хоб дидам, маро гуфт: Ё Боязид! Чи мехоҳӣ? Гуфтам: Он мехоҳам, ки ту мехоҳӣ. Фармуд, ки ман туроям, чунонки ту марой.

Ва гуфт: Ҳақро ба хоб дидам. Пурсидам, ки: Рох ба ту чун аст? Гуфт: Тарки худ гӯй, ки ба ман расидӣ.

Ва гуфт: Халқ пиндоранд, ки ман чун эшон якеям. Агар сифати ман дар олами ғайб бинанд, ҳама ҳалок шаванд.

Ва гуфт: Масали ман чун масали дарёст, ки онро на умқ падид аст ва на аввалу охир пайдост.

Ва яке аз вай суол кард, ки: Арш чист? Гуфт: Манам. Гуфт: Курсӣ чист? Гуфт: Манам. Ва гуфт: Лавҳу қалам чист? Гуфт: Манам. Гуфтанд: Худойро бандагонанд бадали Иброҳиму Мӯсо ва Исову Муҳаммад, салавоту-л-Лоҳи алайҳим аҷмаин? Гуфт: Он ҳама манам. Гуфтанд: Мегӯянд, ки Худойро бандагонанд бадали Ҷабраилу Микоил ва Исрофил. Гуфт: Он ҳама манам. Хомӯш шуд. Боязид гуфт: Бале! Ҳар кӣ дар Ҳақ маҳв шуд ва ба ҳақиқати ҳар чӣ ҳаст, расид, ҳама Ҳақ аст. Агар он кас набувад, Ҳақ ҳама худро бинад, аҷаб набувад. «Ва-л-Лоҳу аъламу ва аҳкам».

МЕЪРОҶИ ШАЙХ БОЯЗИД, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Инро биёрем ва хатм кунем. Шайх гуфт: Ба чашми яқин дар Ҳақ нигаристам, баъд аз он ки маро аз ҳамаи мавҷудот ба дараҷаи истиғно расонид ва ба нури худ мунаввар гардонид ва аҷоиби асрор бар ман ошкоро кард ва азамати ҳувийяти хеш бар ман пайдо овард. Ман аз Ҳақ бар худ нигаристам ва дар асрору сифоти хеш тааммул кардам, нури ман дар ҷанби нури Ҳақ зулмат буд, азамати ман дар ҷанби азамати Ҳақ айни ҳақорат гашт, иззати ман дар ҷанби иззати Ҳақ айни пиндор шуд; он ҷо ҳама сафо буд ва ин ҷо ҳама кудурат. Боз чун нигоҳ кардам, нури худ ба нури ӯ дидам, иззати худ аз азамату иззати ӯ донистам, ҳар чӣ кардам ба қудрати ӯ тавонистам кард, дидаи қолибам хар чӣ ёфт, аз ӯ ёфт.

Ба чашми инсофу ҳақиқат назар кардам, ҳама парастиш худ аз Ҳақ буд, на аз ман; ва ман пиндошта будам, ки манаш мепарастам. Гуфтам: Бор Худоё! Ин чист? Гуфт: Он ҳама манам ва на ғайри ман, яъне мубошири афъол туй, лекин муқаддар ва муяссари ту манам. То тавфиқи ман рӯй нанамояд, аз тоати ту чизе наояд. Пас дидаи ман аз воситаи дидани ӯ аз ман дида бардӯхт ва нигараш ба асли кор ва ҳувийяти хеш даромӯхт ва маро аз буди хеш ночиз кард ва ба бақои хеш боқӣ гардонид ва азиз кард; худии худ бе заҳмати вуҷуди ман ба ман намуд, лоҷарам Ҳақ маро ҳақиқат бияфзуд; аз Ҳақ ба Ҳақ нигоҳ кардам ва Ҳақро ба ҳақиқат бидидам ва он ҷо мақом кардаму биёромидам ва ғуши кӯшиш биёгандаму забони ниёз дар коми номуродӣ кашидам ва илми касбӣ бигзоштаму заҳмати нафси аммора аз миён бардоштам; бе олат муддате қарор гирифтам ва фузул аз роҳи вусул ба дасти тавфиқ бируфтам. Ҳақро бар ман бахшоиш омад, маро илми азалӣ дод ва забоне аз лутфи худ дар коми ман ниҳод ва чашмам аз нури худ биёфарид, ҳамаи мавҷудотро ба Ҳақ дидам.

Чун ба забони лутф бо Ҳақ муноҷот кардам ва аз илми Ҳақ амале ба даст овардам ва ба нури ӯ бад-ӯ нигаристам, гуфтам: Эй ҳама беҳамай бо ҳама ва беолат бо олат! Гуфтам: Бор Худоё! Бад-ин мағрур нашавам ва ба буди хеш аз ту мустағнӣ нашавам ва ту бе ман маро бошӣ, беҳ аз он ки ман бе ту худро бошам; ва ба ту бо ту сухан гӯям беҳтар, ки бе ту бо нафси худ гӯям. Гуфт: Акнун шариатро гӯш дор ва пой аз ҳадди амру наҳӣ дармагузор, то саъят ба назди мо машкур бошад. Гуфтам: Аз он ҷо, ки муридон аст ва диламро яқин аст, ту агар шукр гӯй, аз худ гӯй, беҳ аз он ки раҳӣ ва агар мазаммат кунӣ, ту аз айб муназзаҳӣ. Маро гуфт: Аз кӣ омӯхтӣ? Гуфтам: Соил беҳ донад аз масъул, ки ҳам мурод аст ва ҳам мурид ва ҳам муҷоб аст ва ҳам муҷиб.

Чун сафои сирри ман бидид, пас дили ман нидо аз ризои Ҳақ бишнид ва рақами хушнудӣ бар ман кашид ва маро мунаввар гардонид ва аз зулмати нафсу аз кудуроти башарият даргузаронид. Донистам, ки бад-ӯ зиндаам ва аз фазли ӯ бисоти шодӣ дар дил афгандам. Гуфт: Ҳар чӣ хоҳӣ, бихох! Гуфтам: Туро хоҳам, ки аз фазл фозилтарӣ ва аз карам бузургтарӣ; ва аз ту ба ту қонеъ гаштам. Чун маро бошӣ, маншури фазлу карам дарнавиштам, аз худам бозмадор ва он чӣ модуни ту аст, дар пеши ман маёр!

Замоне маро чавоб надод. Пас тоҷи каромат бар фарқи ман ниҳод ва маро гуфт: Ҳақ мегӯй ва ҳақиқат мечӯй, аз он чӣ ҳақ дидӣ ва ҳақ шунидӣ. Гуфтам: Агар дидам, ба ту дидам ва агар шунидам, ба ту шунидам; нахуст ту шунидӣ, боз ман шунидам. Ва бар вай саноҳо гуфтам. Лоҷарам аз кибриё маро пар дод, то дар маёдини иззи ӯ мепаридам ва аҷоиби сунъи ӯ медидам. Чун заъфи ман бидонист ва ниёзи ман бишнохт, маро ба қуввати худ қавӣ гардонид ва ба зиннати худ биёрост ва тоҷи каромат бар сари ман ниҳод ва дари сарои тавҳид бар ман гушод.

Чун мутталеъ шуд, ки сифоти ман дар сифоти ӯ бирасид, аз ҳазрати худ маро ном ниҳод ва ба худии худ маро ташриф дод ва яктой падид омад, дуй бархост ва гуфт: Ризои мо он аст, ки ризои ту аст ва ризои ту он аст, ки ризои мост; сухани ту олоиш напазирад ва мании ту кас бар ту нагирад. Пас маро захми ғайрат бичашонид ва бозам зинда гардонид;

аз кӯраи имтиҳон холис берун омадам, то гуфт: «Лимани-л-мулку?» (Сураи Ғофир, ояти 16). Гуфтам: Туро. Гуфт: «Лимани-л-ҳукму?» Гуфтам: Туро. Гуфт: «Лимани-л-ихтиёр?» Гуфтам: Туро. Чун сухан ҳамон буд, ки дар бидояти кор шунуд хост, ки маро бознамояд, ки: Агар сабаки раҳмати ман набудӣ, халқ ҳаргиз наёсудӣ ва агар муҳаббат набудӣ, қудрати димор аз ҳама баровардӣ. Ба назари қаҳҳорӣ, ба воситаи ҷабборӣ ба ман нигарист, низ аз ман касе асаре надид.

Чун дар мастии хештан худро ба ҳамаи водиҳо дарандохтам ва ба оташи ғайрат танро бар ҳамаи бӯтаҳо бигудохтам ва асби талаб дар фазои саҳро битохтам, беҳ аз ниёз сайде надидам ва беҳ аз аҷз чизе наёфтам ва равшантар аз хомӯшии чароғе надидам ва сухан беҳ аз бесуханӣ нашунидам, сокини сарои сукут шудам ва судраи собирӣ дарпӯшидам, то кор ба ғоят расид, зоҳиру ботини маро аз иллати башарият холӣ дид, фурчае аз фарақ дар синаи зулмонии ман гушод ва маро аз тақриду тавҳид забоне дод, лоҷарам забонам аз лутфи самадонӣ аст ва дилам аз нури раббонӣ аст ва чашмам аз сунъи яздонӣ аст; ва мадади ӯ мегӯям ва ба қуввати ӯ мегирам; чун бад-ӯ зиндаам, ҳаргиз намирам. Чун бад-ин мақом расидам, ишорати ман азалӣ аст ва иборати ман абадӣ аст, забони ман забони тавҳид аст ва равони ман равони тақрид аст; на аз худ мегӯям, то муҳаддис бошам, ё ба худ мегӯям, музаккир бошам; забонро ӯ мегардонад, бад-он чӣ хоҳад ва ман дар миён тарҷумонеям, гӯянда ба ҳақиқат ӯст, на манам.

Акнун чун маро бузург гардонид, маро гуфт, ки: Халқ мехоҳанд, ки туро бубинанд. Гуфтам: Ман нахоҳам, ки эшонро бинам; агар дӯст дорӣ, ки маро пеши халқ берун орӣ, ман туро хилоф накунам, маро ба вахдонияти худ биёрӣ, то халқи ту чун маро бубинанд ва дар сунъи ту нигаранд, сонеъро дида бошанд ва ман дар миён набошам. Ин мурод ба ман дод ва тоҷи каромат бар сари ман ниҳод ва аз мақоми башариятам даргузаронид. Пас гуфт: Пеши халқи ман ой! Як қадам аз ҳазрат берун ниҳодам, ба қадами дуввум аз пой дарафтодам; нидое шунидам, ки: Дӯсти маро бозоред, ки ӯ бе ман натавонад будан ва ҷуз ба ман роҳе надонад.

Ва гуфт: Чун ба вахдоният расидам - ва он аввали лаҳазот буд, ки ба тавҳид нигаристам, - солҳо дар он водӣ ба қадами ифҳом давидам, то мурғе гаштам; чашми ӯ аз ягонагӣ, пари ӯ аз ҳамешагӣ, дар ҳавои чигунагӣ мепаридам. Чун аз махлуқот ғоиб гаштам, гуфтам: Ба холиқ расидам. Пас сар аз водии рубубият баровардам, косае биёшомидам, ки ҳаргиз то абад аз ташнагии ӯ сероб нашудам. Пас сӣ ҳазор сол дар фазои вахдонияти ӯ паридам ва сӣ ҳазор соли дигар дар улуҳият паридам ва сӣ ҳазор соли дигар дар фардоният. Чун навад ҳазор сол ба сар омад, Боязидро дидам; ва ман ҳар чӣ дидам, ҳама ман будам, пас чаҳор ҳазор бодия буридам ва ба ниҳоят расидам. Чун нигаҳ кардам, худро дидам дар бидояти дараҷаи анбиё. Пас чандоне дар он бениҳоятӣ бирафтам, ки гуфтам: Болои ин ҳаргиз касе нарасидааст ва бартар аз ин мақом мумкин нест. Чун нек нигаҳ кардам, сари худ бар кафи пои яке набӣ дидам, пас маълумам шуд, ки ниҳояти ҳоли авлиё бидояти аҳволи анбиё аст, ниҳояти анбиёро ғоят нест.

Пас, рӯҳи ман бар ҳаман малакут бигзашт, биҳишту дӯзах бад-ӯ намуданд ва ба ҳеч илтифот накард ва ҳар чӣ дар пеши ӯ омад, токати он надошт ва ба ҷони ҳеч пайғомбар нарасид, илло, ки салом кард. Чун ба ҷони Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, расид, он ҷо сад ҳазор дарёи оташин дид бениҳоят ва ҳазор ҳиҷоб аз нур, ки агар ба аввали дарё қадам ниҳодаме, бисӯхтаме ва худро ба бод бардодаме, то лоҷарам аз ҳайбату дахшат чунон мадҳуш гаштам, ки ҳеч намондам, ҳарчанд хостам, то мехи таноби ҳаймаи Муҳаммад расулуллоҳ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, битавонам дид, заҳра надоштам; бо он ки ба Ҳақ расидам, заҳра надоштам ба Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, расидан - яъне ҳар касе бар қадри хеш ба Худой тавонанд расид, ки Ҳақ бо ҳама аст, аммо Муҳаммад дар пешашон дар ҳарами хос аст, лоҷарам то водии «Ло илоҳа илла-л-Лоҳ» қатъ накунӣ, ба водии Муҳаммад расулуллоҳ натавонӣ расидан; ва дар ҳақиқат ҳар ду водӣ яке аст, чунонки он маънӣ, ки гуфтам, ки: Муриди Бутуроб Ҳақро медид ва токати дидори Боязид надошт.

Пас Боязид гуфт: Илоҳо, ҳар чӣ дидам, ҳама ман будам,

бо манӣ маро ба ту роҳ нест ва аз худии худ маро гузар нест, маро чӣ бояд кард? Фармон омад, ки: Халоси ту аз туии ту дар мутобаати дӯсти мост - Муҳаммади арабӣ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, - дидаро ба хоки қадами ӯ иктиҳол кун ва бар мутобаати ӯ мудовамат намой! Тааҷҷуб аз қавме дорам, ки касеро чандин таъзими нубувват бувад, он гоҳ сухан гӯяд ба хилофи ин ва маънии ин надонанд, чунонки Боязидро гуфтанд: Фардои қиёмат халоиқ дар тахти ливои Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бошанд. Гуфт: Ба худои Худой, ки ливои ман аз ливои Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зиёдат аст, ки пайғомбарон ва халоиқ дар тахти ливои ман бошанд. Яъне чун манеро на дар осмон мисл ёбанд ва на дар замин сифате донанд, сифоти ман дар ғайб ғоиб аст ва он ки дар саропардаи ғайб аст, аз ӯ сухан гуфтан ҷаҳли маҳз аст ва саросар ҳама ғайбат аст. Пас чун касе чунин бувад, чӣ гуна ин кас ин кас бувад, балки ин касро забони Ҳақ бувад ва гӯянда низ Ҳақ бувад.

Ва гуфт: Он ки нутқи ӯ бе янтиқ бувад ва бе ясмаъ ва бе ябсур, то лоҷарам Ҳақ бар забони Боязид сухане гӯяд ва он бувад, ки: «Ливой аъзаму мин ливои Муҳаммадин»; Балс ливои Ҳақ аз ливои Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, азимтар бувад. Чун раво дорӣ, ки: «Инни ана-л-Лоҳу» аз дарахте падид ояд, раво дор, ки: «Ливой аъзаму мин ливои Муҳаммад, ва субҳона мо аъзама шаънӣ» аз дарахти ниҳоди Боязид падид ояд. «Ва-л-Лоҳу аъламу ва аҳкам».

МУНОҶОТИ ШАЙХ БОЯЗИД, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Боязидро муноҷоте аст: Бор Худоё! То кай миёни ману ту маниву туй бувад? Манй аз миён бардор, то манияти ман ба ту бошад, то ман ҳеч набошам.

Ва гуфт: Илоҳо! То бо туам, бештар аз ҳамаам; ва то бо худам, камтар аз ҳамаам.

Ва гуфт: Илоҳо! Маро фақру фоқа ба ту расонид ва лутфи ту онро зоил нагардонид.

Ва гуфт: Худоё! Маро зоҳидй намебояд ва қурроӣ намебояд ва олимй намебояд, агар маро аз аҳли чизе хоҳй гардонид, аз аҳли шаммае аз асрори худ гардон ва ба дарачаи дӯстони худ бирасон!

Илоҳо! Ноз ба ту кунам ва аз ту ба ту расам.

Илоҳо! Чй некӯст воқиеяти илҳоми ту бар хатароти дилҳо ва чй ширин аст равиши ифҳоми ту дар роҳи ғайбҳо ва чй азим аст ҳолате, ки халқ кашф натавонанд кард ва забон васфи он надонад ва ин қисса ба сар наёяд.

Ва гуфт: Илоҳо! Аҷаб нест аз он ки ман туро дӯст дорам ва ман бандаи оҷиз ва заиф ва мӯҳтоҷ, - аҷаб он ки ту маро дӯст дорй - ва ту Худовандй ва подшоҳу мустағнй.

Ва гуфт: Илоҳо! Ки метарсам акнун ва ба ту чунин шодам; чй гуна шодмон набошам, агар эмин гардам?

Нақл аст, ки Боязид ҳафтод бор ба ҳазрати иззат қурб ёфт, ҳар бор ки бозомадй, зунноре барбастй ва боз буридй. Умраш чун ба охир омад, дар меҳроб шуд ва зунноре барбаст ва пӯстине дошт, божгуна дарпӯшид ва кулоҳ божгуна бар сар ниҳоду гуфт: Илоҳо! Риёзати ҳамаи умр намефурӯшам ва намози ҳама шаб арза намекунам ва рӯзаи ҳамаи умр намегӯям ва хатмҳои Қуръон намешуморам ва авқоту муноҷот ва қурбат бознамегӯям ва ту медонй, ки ба ҳеч бознаменигарам ва ин ки бо забон шарҳ медиҳам, на аз тафохуру эътимод аст, балки шарҳ медиҳам, ки аз ҳар чй

кардаам, нанг медорам ва ин хилъатам ту додай, ки худро чунин мебинам. Он ҳама ҳеч аст, ҳамон ангор, ки нест; туркамонем ҳафтодсола, мӯй дар габрӣ сафед карда, аз биёбон акнун бармеоем ва «Тангри-Тангри» мегӯем, Аллоҳ-Аллоҳ гуфтан. Акнун меомӯзам, зуннор акнун мебандам, қадам дар доираи ислом акнун мезанам, забон ба шаҳодат акнун мегардонам; кори ту бе иллат нест, қабули ту ба тоат на ва радди ту ба маъсият на; ман ҳар чӣ дидам, ҳабо ангоштам, ту низ ҳар чӣ дидӣ аз ман, - ки писанди ҳазрати ту набуд, - хати афв бар вай каш ва гарди маъсиятро аз ман фурӯ шӯй, ки ман гарди пиндори тоат фурӯ шустам.

Нақл аст, ки Шайх дар ибтидо Аллоҳ-Аллоҳ бисёр мегуфтӣ. Дар ҳолати назъ ҳамон Аллоҳ мегуфт. Пас гуфт: Ё Раб(б)! Ҳаргиз туро ёд накардам магар ба ғафлат ва акнун, ки чон меравад, аз тоати ту ғофилам, надонам, то ҳузур кай хоҳад буд? Пас дар зикру ҳузур чон бидод.

Он шаб, ки ӯ вафот кард, Бӯмӯсо ҳозир набуд, гуфт: Ба хоб дидам, ки аршеро бар фарқи сар ниҳода будам ва мебурдам, тааҷҷуб кардам. Бомдод равона шудам, то бо шайх бигӯям. Шайх вафот карда буд ва халқи бекиёс аз атроф омада буданд. Чун ҷаноза бардоштанд, ман ҷаҳд кардам, то гӯшаи ҷаноза ба ман диҳанд, Албатта ба ман намерасид, бесабр шудам, дар зери ҷаноза рафтам ва бар сар гирифтам ва мерафтам ва маро он хоб фаромӯш шуда буд. Шайхро дидам, ки гуфт: Ё Бӯмӯсо! Инак таъбири он хоб, ки дӯш дидӣ, ки: арш бар сар гирифта будӣ. Он арш ин ҷанозаи Боязид аст.

Нақл аст, ки муриде шайхро ба хоб дид, гуфт: Аз Мункар ва Накир чун растӣ? Гуфт: Чун он азизон аз ман суол карданд, гуфтам: Шуморо аз ин суол мақсуде барнаёяд, ба чиҳати он ки агар гӯям: Худои ман ӯст, ин сухан аз ман ҳеч набувад, лекин бозгардед ва аз вай пурсед, ки: Ман ӯро киям? Он чӣ ӯ гӯяд, он бувад; ки агар ман сад бор гӯям, ки: Худовандам ӯст, то ӯ маро бандаи худ надонад, фоидае набувад.

Бузурге ӯро ба хоб дид. Гуфт: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Аз ман пурсид, ки: Эй Боязид! Чӣ овардӣ? Гуфтам: Худовандо, чизе наёвардам, ки ҳазрати иззати туро бишояд;

бо ин ҳама ширк низ наёвардам. Ҳақ таоло фармуд: «Ва ло лайлата-л-лабани!» - Он шаб шири ширк набуд? Гуфт: Шабе шир хӯрда будам, шикамам ба дард омад. Ҳақ таоло бо ман бад-ин қадар итоб фармуд, яъне ҷуз аз ман чизе дигар бар кор аст.

Нақл аст, ки шайхро дафн карданд, модари Алӣ, ки зани Аҳмади Хизравия буд, ба зиёрати шайх омад. Чун аз зиёрати ӯ бозгашт, гуфт: Медонӣ, ки шайх Боязид кӣ буд? Гуфтанд: Ту беҳ донӣ. Гуфт: Шабе дар тавофи Каъба будам, соате биншастам, дар хоб шудам, чунон дидам, ки маро бар осмон бурданд ва то зери арш бидидам ва он ҷо, ки зери арш буд, биёбоне дидам, ки пахно ва болои он падид набуд ва ҳамаи биёбон гулу раёҳин буд, бар ҳар барги гуле навишта буд, ки: «Абуйазиду валийӣ».

Нақл аст, ки бузурге гуфт: Шайхро ба хоб дидам, гуфтам: Маро васияте кун! Гуфт: Мардумон дар дарёи бениҳоятанд, дур аз эшон киштӣ аст, ҷаҳд кун, то ба киштӣ нишинӣ ва тани мискинро аз ин дарё бираҳонӣ.

Нақл аст, ки касе шайхро ба хоб дид, гуфт: Тасаввуф чист? Гуфт: Дари осоиш бар худ бибастан ва дар паси зонуи меҳнат нишастан.

Ва чун шайх Абӯсаиди Абулхайр ба зиёрати шайх омад, соате биистод. Чун бозмегашт, гуфт: Ин ҷое аст, ки ҳар кӣ чизе гум карда бошад дар олам, ин ҷо бозёбад, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, «ва-л-Лоҳу таъоло аъламу ва аҳкам».

15. ЗИКРИ АБДУЛЛОҲИ МУБОРАК, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он зайни замон, он рукни амон, он имоми шариату тариқат, он зулчиҳодин ба ҳақиқат, он амири қаламу балорак, Абдуллоҳи Муборак, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Ӯро шаҳаншоҳи уламо гуфтаанд. Дар илму шуҷоат ҳуд назир надошт ва аз мӯҳташамони асҳоби тариқат буд ва аз мӯҳтарамони арбоби шариат; ва дар фунуни улум аҳволе писандида дошт ва машоихи бузургеро дида буд ва бо ҳама сӯҳбат дошта ва мақбули ҳама буд. Ва ӯро тасониф машҳур аст ва каромот мазкур.

Рӯзе меомад, Суфёни Саврӣ гуфт: «Таъола, йо раҷула-л-машриқ!» Фузайл ҳозир буд, гуфт: «Ва-л-мағриби ва мо байнаҳумо».

Ва касеро, ки Фузайл фазл ниҳад, ситоиши ӯ чун тавон кард?

Ибтидои тавбаи ӯ он буд, ки бар канизаке фитна шуд, чунонки қарор надошт. Шабе дар зимистон, дар зери девори хонаи маъшуқ то бомдод биистод ба интизори ӯ. Ҳамаи шаб барф меборид, чун бонги намоз гуфтанд, пиндошт, ки бонги хуфтан аст. Чун рӯз шуд, донист, ки ҳамаи шаб мустағраки ҳоли маъшуқ будааст, бо худ гуфт: Шармат бод! Эй писари Мубораки номуборак, ки шабе чунин муборак то рӯз ба чиҳати ҳавои ҳуд бар пой будӣ ва агар имом дар намоз сурае дарозтар хонад, девона гардӣ! Дарҳол дарде ба дили ӯ фурӯ омад ва тавба кард ва ба ибодат машғул шуд, то ба дарачае расид, ки модараш рӯзе дар боғ шуд, ӯро дид хуфта дар сояи гулбуне ва море шохи наргис дар даҳан гирифта ва магас аз вай меронд.

Он гоҳ аз Марв реҳлат кард ва дар Бағдод муддате, дар сӯҳбати машоих буд. Пас ба Макка рафт ва пас муҷовир шуд, боз ба Марв омад. Аҳли Марв ба ӯ тавалло карданд ва

дарсу мачлис ниҳоданд; ва дар он вақт як нима аз халоиқ мутобеи ҳадис буданд ва як нима ба илми фиқҳ машғул буданди, ҳамчунонки имрӯз ӯро «разийу-л-фариқайн» гӯянд ба ҳукми мувофақаташ бо ҳар яке аз эшон. Ва ҳар ду фариқ дар вай даъвӣ карданди. Ва ӯ он чо ду работ кард: яке ба чихати ахли хадис ва яке барои ахли фиқҳ. Пас ба Ҳичоз рафт ва мучовир шуд.

Накл аст, ки як сол ҳаҷ кардӣ ва як сол ғазо кардӣ ва як сол тичорат кардӣ ва манфаати хеш бар асҳоб тафриқа кардӣ ва дарвешонро хурмо додӣ ва устухони хурмо бишумурдӣ, ҳар кӣ бештар хӯрдӣ, ба ҳар устухоне дираме бидодӣ.

Накл аст, ки вақте бо бадхӯе ҳамроҳ шуд, чун аз вай чудо шуд, Абдуллоҳ бигирист. Гуфтанд: Чаро мегирӣй? Гуфт: Он бечора бирафт ва он хӯи бад ҳамчунон бо вай бирафт; ва аз мо чудо шуд ва хӯи бад аз вай чудо нашуд.

Накл аст, ки як бор дар бодия мерафт ва бар уштуре нишаста буд ва ба дарвеше расид ва гуфт: Эй дарвеш! Мо тавонгаронем, моро хондаанд; шумо кучо меравед, ки туфайлиед? Дарвеш гуфт: Мизбон чун карим бувад, туфайлиро бехтар дорад; агар шуморо ба хонаи хеш хонд, моро ба худ хонд. Абдуллоҳ гуфт: Аз мо тавонгарон вом хост. Дарвеш гуфт: Агар аз шумо вом хост, барои мо хост. Абдуллоҳ шармзада шуд ва гуфт: Рост мегуӣ!

Накл аст, ки дар тақво то ҳадде буд, ки як бор дар манзиле фуруд омада буд ва асбе гаронмоя дошт. Ба намоз машғул шуд, асб дар заръ шуд. Асбро хамон чой бигузошт ва пиёда бирафт ва гуфт: Вай кишти султониён хӯрдааст.

Ва вақте аз Марв ба Шом рафт ба чихати қаламе, ки хоста буд ва бознадода, то бозрасонид.

Накл аст, ки рӯзе мегузашт, нобиноеро гуфтанд, ки: Абдуллоҳи Муборак меояд, харчӣ мебояд, бихох! Нобино гуфт: Таваккуф кун, ё Абдуллоҳ! Абдуллоҳ биистод. Нобино гуфт: Дуо кун, то Ҳақ таоло чашми маро боздихад! Абдуллоҳ сар дар пеш афканду дуо кард, дархол бино шуд.

Накл аст, ки рӯзе дар дахаи зулҳичча ба сахро шуд ва аз орзуи ҳаҷ месӯхт ва гуфт: Агар он чо наям, боре бар фавти ин ҳасрате бихӯрам ва аъмоли эшон ба чой орам, ки ҳар кӣ мутобаати эшон кунад дар он аъмол - ки мӯй бознакунад

ва нохун начинад - ӯро аз савоби ҳоҷиён насиб бувад. Дар он миён пиразане биёмад - пушт дуто шуда, асое дар даст гирифта, гуфт: Ё Абдуллоҳ! Магар орзуи ҳаҷ дорӣ? Гуфт: Оре. Пас гуфт: Эй Абдуллоҳ! Маро аз барои ту фиристодаанд, бо ман ҳамроҳ шав, то туро ба Арафот бирасонам. Абдуллоҳ гуфт: Бо худ гуфтам, ки: Се рӯзи дигар мондааст, аз Марв чун маро ба Арафот расонад? Пиразан гуфт: Касе намози бомдод, суннат дар Санҷоб гузорида бошад ва фариза бар лаби Ҷайҳун ва офтоб баромадан ба Марв, бо ӯ ҳамроҳӣ тавон кард. Гуфтам: «Бисми-л-Лоҳ». Пой дар роҳ ниҳодам ва ба чанд оби азим бигузаштам, ки ба киштӣ душвор тавон гузашт. Ба хар об, ки мерасидам, маро гуфтӣ: Чашм барҳам нех! Чун чашм барҳам ниҳодаме, худро аз он наимаи об дидаме; то маро ба Арафот расонид. Чун ҳаҷ бигзоридем ва аз тавофу саъй ва умра фориғ шудем ва тавофи видоъ овардем, пиразан гуфт: Биё! Ки маро писаре аст - ки чанд гоҳ аст, то ба риёзат дар ғоре нишастааст - то ӯро бубинем. Чун он ҷо рафтем, ҷавоне дидам зардрӯй ва заифу нуронӣ. Чун модарро дид, дар пои модар афтод ва рӯй дар кафи пои ӯ мемолиду гуфт: Донам, ки наёмадай, аммо Худоят фиристодааст, ки маро вакти рафтан наздик аст, омадай, ки маро таҷҳиз кунӣ. Пиразан гуфт: Ё Абдуллоҳ! Ин ҷо маком кун, то ӯро дафн кунӣ! Пас дархол он ҷавон вафот кард ва ӯро дафн кардем, баъд аз он гуфт он пиразан, ки: Ман ҳеҷ кор надорам, бокии умр бар сари хоки ӯ хоҳам буд. Ту, эй Абдуллоҳ бирав, соли дигар чун бозой ва маро набинӣ, маро дар ин мавсим ба дуо ёд дор!

Накл аст, ки Абдуллоҳ дар ҳарам буд як сол. Аз ҳаҷ фориғ шуда буд. Соате дар хоб шуд, ба хоб дид, ки ду фариштa аз осмон фуруд омаданд, яке аз дигаре пурсид, ки: Имсол чанд халқ омадаанд? Яке гуфт: Шашсад ҳазор. Гуфт: Ҳаҷҷи чанд кас қабул карданд? Гуфт: Аз они ҳеҷ кас қабул накарданд. Абдуллоҳ гуфт: Чун ин бишнидам, изтиробе дар ман падид омад. Гуфтам: Ин ҳама халоиқ, ки аз атрофу акнофи ҷаҳон бо чандин ранҷ ва тааб - «Мин кулли фаҷҷин амиқин» - аз роҳҳои дур омада ва биёбон қатъ карда; ин ҳама зоеъ гардад? Пас он фариштa гуфт: Дар Димишқ кафшгаре номи ӯ Алӣ ибни Муваффақ аст, ӯ ба ҳаҷ

наёмадааст, аммо ҳач ӯро қабул аст ва ҳамаро бад-ӯ бахшиданд ва ин чумла дар кори ӯ карданд. Чун ин бишнидам, аз хоб даромадаму гуфтам: Ба Димишқ бояд шуд ва он шахсро зиёрат бояд кард. Пас ба Димишқ шудам ва хонаи он шахсро талаб кардам ва овоз додам. Шахсе берун омад, гуфтам: Номи ту чист? Гуфт: Алӣ ибни Муваффақ. Гуфтам: Маро бо ту сухане аст. Гуфт: Бигуй! Гуфтам: Ту чи кор куни? Гуфт: Порадӯзӣ мекунам. Пас он воқеа бо ӯ бигуфтам. Гуфт: Номи ту чист? Гуфтам: Абдуллоҳи Муборак. Наърае бизад ва бияфтоду аз ҳуш бишуд. Чун ба ҳуш омад, гуфтам: Маро аз кори ҳуд хабар дех. Гуфт: Си сол буд, то маро орзуи ҳач буд ва аз порадӯзӣ сесаду панчоҳ дирам чамъ кардам. Имсол қасди ҳач кардам, то биравам. Рӯзе сарпӯшидае, ки дар хона аст, ҳомила буд; магар аз ҳамсоя бӯи таоме меомад. Маро гуфт: Бирав ва порае биёр аз он таом! Ман рафтам ба дари хонаи ҳамсоя, он ҳол хабар додам, ҳамсоя гиристан гирифт ва гуфт: Бидон, ки се шабонарӯз буд, ки атфоли ман ҳеч нахӯрда буданд, имрӯз харе мурда дидам, порае аз вай чудо кардам ва таом сохтам; бар шумо ҳалол набошад. Чун ин бишнидам, оташ дар чони ман афтод, он сесаду панчоҳ дирам бардоштам ва бад-ӯ додам, гуфтам: Нафақаи атфол кун, ки ҳаччи мо ин аст! Абдуллоҳ гуфт: «Садақа-л-малику фи-р-руъйо ва садақа-л-малику фи-л-ҳукми ва-л-қазо».

Нақл аст, ки Абдуллоҳ Макотиб ғуломе дошт. Яке Абдуллоҳро гуфт, ки: Ин ғулом наббошӣ мекунад ва сим ба ту медиҳад. Абдуллоҳ ғамгин шуд, шабе бар ақиби ӯ мерафт, то ба гӯристоне шуд ва сари гӯр боз кард ва дар он чо мехробе буд, дар намоз истод. Абдуллоҳ аз дур онро медид, то оҳиста ба наздики ғулом шуд. Ғуломро дид палосе пӯшида ва ғуле бар гардан нихода ва рӯ дар хок мемолид ва зорӣ мекард. Абдуллоҳ чун он бидид, оҳиста бозпас омад ва гирён шуд ва дар гӯшае биншаст; ва ғулом то субҳ дар он чо бимонд: пас бозомад ва сари гӯр бипӯшонид ва дар масчид шуд ва намози бомдод бигзорид ва гуфт: Илоҳо! Рӯз омад ва ҳудованди мачозӣ аз ман дирам ҳоҳад. Мояи муфлисон туй, бидех аз он чо, ки ту донӣ! Дарҳол нуре аз ҳаво падид омад ва як дирам сим бар дасти ғулом нишаст, Абдуллоҳро токат

намонд, бархост ва сари ғулом дар канор гирифт ва мебӯсиду мегуфт, ки ҳазор ҷон фидои чунин ғулом бод! Хоҷа, ту будай, на ман. Ғулом чун он ҳол бидид, гуфт: Илоҳо! Чун пардаи ман дарида шуд ва рози ман ошкоро гашт, дар дунё маро рохат намонад. Ба иззати худ, ки маро фитна нагардонй ва ҷони ман бардорй! Ҳанӯз сараш дар канори Абдуллоҳ буд, ки ҷон бидод. Абдуллоҳ асбоби тачҳиз ва такфини ӯро рост кард ва ӯро бо ҳамон палос дар ҳамон гӯр дафн кард. Ҳамон шаб, саййиди оламро ба хоб дид ва Иброҳими Халил, алайҳи-с-саломро, ки омаданд, ҳар яке бар буроқе нишаста. Гуфтанд: Ё Абдуллоҳ! Чаро он дӯсти моро бо палос дафн кардй?

Накл аст, ки Абдуллоҳ рӯзе бо кавкабаи тамом аз мачлис берун омада буд ва мерафт. Алавибачае гуфт: Эй ҳиндузода! Ин чй корубор аст, ки туро аз даст бармеояд, ки ман, ки фарзанди Муҳаммад расулуллоҳам, рӯзе чандин дирафш мезанам, то куте ба даст орам ва ту бо чандин кавкаба меравй? Абдуллоҳ гуфт: Аз баҳри он ки ман он мекунам, ки чадди ту кардааст ва фармудааст ва ту он намекунй. Ва низ гӯянд, ки чунин гуфт: Оре, эй саййидзода! Туро падаре буд ва маро падаре; ва падари ту Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буд, аз вай илм мерос монд; ва падари ман аз аҳли дунё буд, аз вай дунё мерос монд, ман мероси падари ту гирифтам ва ба баракати он азиз шудам ва ту мероси падари ман гирифтй ва бад-он хор шудй. Он шаб, Абдуллоҳ пайғамбар, алайҳи-с-саломро ба хоб дид, мутағаййир шуда. Гуфт: Ё расулуллоҳ! Сабаби тағайюр чист? Гуфт: Оре, нуктае бар фарзанди мо менишонй. Абдуллоҳ бедор шуд ва азми он кард, ки алавизода талаб кунад ва узри ӯ бихоҳад. Алавибача ҳамон шаб пайғамбарро ба хоб дид ва гуфт: Агар ту чунон будатй, ки боистй, ӯ туро он натвонистй гуфт. Алавй чун бедор шуд, азми хидмати Абдуллоҳ кард, ки узр хоҳад. Дар рох ба ҳам расиданд ва мочаро дар миён ниҳоданду тавба карданд.

Накл аст, ки Сахл ибни Абдуллоҳи Марвазй ҳама рӯз ба дарси Абдуллоҳ меомад. Рӯзе берун омад ва гуфт: Дигар ба дарси ту нахоҳам омад, ки канизакони ту дар бом омаданд ва маро ба худ хонданд ва гуфтанд: Сахли ман! Сахли ман! Чаро эшонро адаб накунй? Абдуллоҳ бо асҳоби худ гуфт,

ки: Ҳозир бошед, то намоз бар Сахл бикунед. Дархол Сахл вафот кард, бар вай намоз карданд, пас гуфтанд: Ё шайх! Туро чун маълум шуд? Гуфт: Он хурони хулд буданд, ки уро мехонданд ва ман ҳеч канизак надорам.

Накл аст, ки аз вай пурсиданд, ки: Аз ачоиб чй дидй? Гуфт: Рохибе дидам - аз мучохада заиф шуда ва аз хавф дуто шуда - пурсидам, ки: Рох ба Худой чист? Гуфт: Агар уро бидонй, рох бад-у хам бидонй. Ва гуфт: Ман бутпарастам ва метарсам онро, ки вайро намешиносам ва ту осй мегардй, дар он, ки уро мешиносй; яъне маърифат хавф иктизо кунад ва туро хавф намебинам; ва куфр чахл иктизо кунад ва худро аз хавф гудохта мебинам. Сухани у маро панд шуд ва аз бисёр нокарданй маро боздошт.

Накл аст, ки гуфт: Як бор ба газо будам дар гушае аз билоди Рум. Дар он чо халке бисёр дидам, чамъ шуда; ва якеро бар укобайн кашида ва гуфтанд: Агар як зарра таксир кунй, хасмат бути бузург бод! Сахтзан ва гармзан. Ва он бечора дар ранче тамом буд ва ох намекард. Пурсидам, ки: Коре бад-ин азимй ва чубе бад-ин сахтй мехурй ва ох намекунй? Сабаб чист? Гуфт: Чурме азим аз ман дар вучуд омадааст ва дар миллати мо суннате аст, ки то касе аз ҳар чй хаст, пок нашавад, номи бути мехин бар забон наёрад. Акнун ту мусалмон менамой, ки ман дар миёни ду паллаи тарозу номи бути мехин бурдаам, ин чазои он аст. Абдуллох гуфт: Боре дар миллати мо ин аст, ки ҳар кй бишносад, уро ёд натвонад кард, ки: «Ман арафа-л-Лоҳа калла лисонуху».

Накл аст, ки як бор газо рафта буд, бо кофире чанг мекард, вакти намоз даромад, аз кофир мухлат хост ва намоз кард. Чун вакти намози кофир даромад, мухлате хост, то намоз кунад. Чун рй ба бут овард, Абдуллох гуфт: Ин соат бар вай зафар ёфтам. Бо теги кашида ба сари у рафт, то уро бикушад. Овозе шунид, ки: Ё Абдуллох! «Авфу би-л-ахди инна-л-ахда кона масъулан»(Сураи Исро, ояти 34) - Аз вафои ахд хоханд пурсид. Абдуллох бигирист, кофир сар бардошт, Абдуллохро дид бо теге кашида ва гирён, гуфт: Туро чй афтод? Абдуллох бигирист, ки: Аз барон ту бо ман итобе чунин рафт. Кофир назрае бизад, гуфт: Ночавонмардй бувад, ки дар чунин Худой осиву тогй буд, ки бо дуст аз барои

душман итоб кунад! Дарҳол мусалмон шуд ва азизе гашт дар роҳи дин.

Накл аст, ки гуфт: Дар Макка чавоне дидам, соҳибчамол, ки қасд кард, ки дар Каъба равад; ногоҳ беҳуш шуду бияфтод. Пеши ӯ рафтам, чавон шаҳодат овард. Гуфтам: Эй чавон! Туро чӣ ҳол афтод? Гуфт: Ман тарсо будам, хостам, то ба талбис худро дар Каъба андозам, то чамоли Каъбаро бинам. Ҳотифе овоз дод «Тадхулу байта-л-ҳабибӣ ва фӣ қалбика муъодоту-л-ҳабиби?» - Раво дорӣ, ки дар хонаи дӯст ой ва дил пур аз душмании дӯст!

Накл аст, ки зимистони сард дар бозори Нишобур мерафт, ғуломе дид бо пироҳани танҳо, ки аз сармо меларзид. Гуфт: Чаро бо хоча нагӯй, ки аз барои ту чуббае созад? Гуфт: Чӣ гӯям? Ӯ худ медонад ва мебинад. Абдуллохро вакт хуш шуд. Наърае бизад ва бехуш бияфтод. Пас гуфт: Тариқат аз ин ғулом омӯзед!

Накл аст, ки Абдуллохро вакте мусибате расид, халқе ба таъзияти ӯ рафтанд, габре низ бирафт ва бо Абдуллоҳ гуфт: Хирадманд он бувад, ки чун мусибате ба вай расад, рӯзи нахуст он кунад, ки баъд аз се рӯз хохад кард. Абдуллоҳ гуфт: Ин сухан бинависед, ки ҳикмат аст.

Накл аст, ки аз ӯ пурсиданд, ки: Кадом хислат дар одамӣ нофеътар аст. Гуфт: Ақли вофир. Гуфтанд: Агар набувад? Гуфт: Ҳусни адаб. Гуфтанд: Агар набувад. Гуфт: Бародари мушфик, ки бо ӯ машварате кунад. Гуфтанд: Агар набувад. Гуфт: Хомушии доим. Гуфтанд: Агар набувад. Гуфт: Марги дарҳол.

Накл аст, ки гуфт: Ҳар кӣ роҳи адаб осон гирад, халал дар суннатҳо падид ояд; ва ҳар кӣ суннатҳо осон гирад, ӯро аз фароиз махрум гардонанд ва ҳар кӣ фароиз осон гирад, аз маърифаташ махрум гардонанд; ва хар кӣ аз маърифат махрум бувад, донӣ, ки чун бувад!

Ва гуфт: Чун дарвешони дунё ин бошанд, манзилати дарвешони Ҳақ чӣ гуна бошад!

Ва гуфт: Дили дӯстони Ҳақ харгиз сокин нашавад, яъне доиман талаб бувад; ки хар кӣ биистод, макоми худ падид кард.

Ва гуфт:Мо ба андаке амал мухточтарем аз бисёрии илм.

Ва гуфт: Адаб акнун металабем, ки мардумони адиб рафтанд.

Ва гуфт: Мардумон сухан бисёр гуфтаанд дар адаб ва наздики ман адаб шинохтани нафс аст.

Ва гуфт: Саховат кардан аз он чӣ дар дасти мардумон аст, фозилтар аст аз базл кардан аз он чӣ дар дасти ту аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ як дирам ба худованд боздихад, дӯсттар дорам аз он ки сад ҳазор дирам садака кунад; ва ҳар кӣ пашизе аз ҳаром бигирад, мутаваккил набувад.

Ва гуфт: Таваккул он нест, ки ту аз нафси хеш таваккул бинӣ, таваккул он аст, ки Худой аз ту таваккул донад.

Ва гуфт: Касб кардан монеъ набувад аз тафвизу таваккул, агар ин ҳар ду одат набувад дар касб.

Ва гуфт: Агар касе бо қуввате касбе кунад, шояд, то агар бемор шавад, нафақа кунад; ва агар бимирад ҳам, аз моли вай кафан бувадаш.

Ва гуфт: Ҳеч чиз нест дар одамӣ, ки зулли касб накашидааст.

Ва гуфт: Мурувватӣ хурсандӣ бех аз мурувват додан.

Ва гуфт: Зӯҳд эминӣ бувад бар Худой бо дӯстии дарвешӣ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ таъми бандагӣ кардан начашид, ӯро харгиз завқ набувад.

Ва гуфт: Касе, ки ӯро аёлу фарзанд бувад, эшонро дар салоҳ бидорад ва ба шаб аз хоб бедор шавад, кӯдаконро барахна бинад, чома бар эшон афганад, он амали ӯ аз газо фозилтар бувад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ кадри ӯ ба назди халқ бузургтар бувад, ӯ худро бояд, ки дар нафси хеш хакиртар бинад.

Гуфтанд: Дорӯи дил чист? Гуфт: Аз мардумон дур будан.

Ва гуфт: Бар тавонгарон такаббур кардан ва бар дарвешон мутавозеъ будан аз тавозӯъ бувад.

Ва гуфт: Тавозӯъ он бувад, ҳар кӣ дар дунё болои ту аст, бар вай такаббур кунӣ; ва бо он, ки фурӯтар аст, тавозӯъ кунӣ.

Ва гуфт: Рачои аслӣ он аст, ки аз хавф падид ояд ва хавфи аслӣ он аст, ки аз сидқи аъмол падид ояд ва сидқи аъмол аз тасдиқ падид ояд; ва ҳар рачо, ки дар мукаддимаи он хавф набувад, зуд бувад, ки он кас эмин гардад ва сокин

шавад.

Ва гуфт: Он чӣ хавф ангезад, то дар дил қарор гирад, давоми мурақабат бувад дар ниҳону ошкоро.

Нақл аст, ки пеши ӯ ҳадиси ғайбат мерафт. Гуфт: Агар ман ғайбат кунам, модару падари худро ғайбат кунам, ки эшон ба эҳсони ман авлотаранд.

Нақл аст, ки рӯзе ҷавоне биёмад ва дар пои Абдуллоҳ афтод ва зор-зор бигирист. Ва гуфт: Гуноҳ кардаам, аз шарм наметавонам гуфт. Абдуллоҳ гуфт: Бигӯй, то чӣ кардай? Гуфт: Зино кардаам. Гуфт: Тарсидам, ки магар ғайбат кардай?

Ва марде гуфт, ки: Ӯ маро васият кард ва гуфт: Худойро нигоҳ дор! Гуфтам: Тафсири ин чист? Гуфт: Ҳамеша чунон бош, ки гӯё Худойро мебинӣ.

Нақл аст, ки дар ҳоли ҳаёт ҳамаи мол ба дарвешон дод. Вақте уро меҳмоне омад, ҳар чӣ дошт, харҷ кард ва гуфт: Меҳмонон фиристодагони Худоянд. Зан бо вай ба хусумат омад; гуфт: Занс, ки дар ин маънӣ бо ман хусумат кунад, нашояд. Ковини вай бидод ва талоқ додаш. Худованди таоло чунон ҳукм кард, то духтаре аз меҳтарзодагон ба мачлиси вай омад ва сухани вай хуш омадаш. Ба хона рафт, аз падар дархост, ки: Маро ба занӣ ба вай деҳ! Падар панҷоҳ ҳазор динор ба духтар дод ва духтар ба занӣ ба вай дод. Ба хоб намудандаш, ки: Занеро аз баҳри мо талоқ додӣ, инак иваз! То бидонӣ, ки кас бари мо зиён накунад!

Чун вақти вафоташ наздик расид, ҳамаи моли худ ба дарвешон дод. Муриде бар болини ӯ буд. Гуфт: Эй шайх! Се духтарак дорӣ ва дида аз дунё фароз мекунӣ, эшонро чизе бигузор! Тадбири эшон чӣ кардай? Гуфт: Ман ҳадиси эшон гуфтаам ва «Ҳува йатавалла-с-солиҳин»(Сураи Аъроф, ояти 196) - Корсози аҳли салоҳ ӯст, ки созандаи кораш ӯ бувад, беҳ аз он ки Абдуллоҳи Муборак бувад.

Пас дар вақти марг чашмҳо боз кард ва механдид ва мегуфт: «Лимисли хозо фалйаъмали-л-омилун» (Сураи Софот, ояти 61).

Суфёни Савриро ба хоб диданд, гуфтанд: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Раҳмат кард. Гуфтанд: Ҳоли Абдуллоҳи Муборак чист? Гуфт: Ӯ аз он ҷумла аст, ки рӯзе ду бор ба ҳазрат меравад, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

16. ЗИКРИ СУФЁНИ САВРӢ, КАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он точи дину диёнат, он шамъи зӯҳду ҳидоят, он уламоро шайху подшоҳ, он кудаморо ҳочиби даргоҳ, он қутби ҳаракати даврӣ, имоми олим Суфёни Саврӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз бузургони дин буд. Ӯро амиралмӯъминин гуфтандӣ, ҳаргиз хилофат нокарда ва муқтадое ба Ҳақ буд ва соҳиби қабул ва дар илми зоҳиру ботин назир надошт ва аз муҷтаҳидони панҷгона буд ва дар вараъу тақво ба ниҳоят расида буд. Ва адабу тавозӯъ бағоят дошт ва бисёр машоихи кибор дида буд. Ва аз аввали кор ба охир аз он чӣ буд, заррае барнагашт, чунонки:

нақл аст, ки Иброҳим ӯро бихонд, ки: Биё, то самоъи ҳадис кунем! Дарҳол биёмад. Иброҳим гуфт: Маро мебоист, ки то хулқи ӯ биёзмоям – ва аз модар дар вараъ падид омада буд, чунонки нақл аст, ки як рӯз модараш бар бом рафта буд ва аз боми ҳамсоя ангуште туршӣ дар дахон кард, чандон сар бар шиками модар зад, ки модарро дар хотир омад, то бирафту халолӣ хост.

Ва ибтидои холи ӯ он буд, ки як рӯз ба ғафлат пои чап дар масчид ниход, овозе шунид, ки: Ё Савр! Саврӣ аз он сабаб гуфтанд; чун он овоз шунид, ҳуш аз вай бирафт. Чун ба ҳуш боз омад, маҳосини худ бигирифт ва таппонча бар рӯи худ мезад ва мегуфт: Чун пой ба адаб дар масчид наниходӣ, номат аз ҷаридаи инсон махв карданд, ҳуш дор, то қадам чӣ гуна менихӣ!

Нақл аст, ки пой дар киштзоре ниход, овоз омад, ки: Ё Савр! Бингар, то чӣ иноят бувад дар ҳаққи касе, ки гоме бар хилофи суннат барнатавонад дошт. Чун ба зоҳир бад-ин қадар бигирандаш, сухани ботин ӯ кай тавонад гуфт? Ва бист сол бардавом ба шаб хеч нахуфт.

Нақл аст, ки гуфт: Ҳаргиз аз ҳадиси пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нашнидам, ки на онро кор бастам.

Ва гуфтӣ: Эй асҳоби ҳадис! Закоти ҳадис бидиҳед! Гуфтанд: Ҳадисро закот чист? Гуфт: Он, ки аз дувист ҳадис ба панҷ ҳадис кор кунед!

Нақл аст, ки халифаи аҳд пеши ӯ намоз мекард ва дар намоз бо маҳосин ҳаракате мекард. Суфён гуфт: Инчунин намозе намоз набувад ва ин намоз фардо дар арасот чун ругӯе палид ба рӯят боззананд. Халифа гуфт: Охистатар гӯй! Гуфт: Агар ман аз чунин муҳимме даст бидорам, дарҳол бавлам хун шавад. Халифа он аз вай дар дил гирифт, фармуд, ки: доре фурӯ баранд ва ӯро бар дор кунанд, то дигар ҳеч кас пеши ман далерӣ накунад. Он рӯз, ки дор мезаданд, Суфён сар бар канори бузурге ниҳода буд ва пой бар канори Суфён ибни Уйайнаҳ ниҳода буд ва дар хоб шуда. Ин ду бузургро ин ҳол маълум шуд. Бо якдигар гуфтанд: Ӯро хабар накунем аз ин ҳол. Ӯ худ бедор буд, гуфт: Чист ҳол? Эшон ҳол бозгуфтанд ва дилтангӣ бисёр менамуданд. Суфён гуфт: Маро дар чони хеш чандин овезиш нест, валекин Ҳақ корҳои дунё бибояд гузорад. Пас об дар чашм оварда, гуфт: Бор Худоё! Бигир эшонро гирифтане азим! Ҳамин ки ин дуо гуфт, дарҳол халифа бар тахт буд ва аркони давлат бар ҳавошӣ нишаста буданд, тароқе дар он сарой афтод ва халифа бо аркони давлат ба як бор бар замин фурӯ шуданд. Ва он ду бузургвор гуфтанд: Дуое бад-ин мустачобӣ ва бад-ин таъчилӣ! Суфён гуфт: Оре! Мо обруи худ бад-ин даргоҳ набурдаем.

Нақл аст, ки халифаи дигар биншаст, муътақиди Суфён буд. Чунон афтод, ки Суфён бемор шуд. Халифа табибе тарсо дошт - сахт устоду ҳозик - пеши Суфён фиристод, то муолаҷат кунад. Чун қорураи ӯ бидид, гуфт: Ин марде аст, ки аз хавфи Худой чигари ӯ хун шудааст ва пора-пора аз масона берун меояд. Пас он табиби тарсо гуфт: Дар дине, ки чунин марде бувад, он дин ботил набувад, дарҳол мусалмон шуд. Халифа гуфт: Пиндоштам, ки табиб ба болини бемор мефиристам! Худ беморро пеши табиб мефиристодам.

Нақл аст, ки Суфёнро дар ҳоли ҷавонӣ пушт кӯж шуда

буд. Гуфтанд: Эй имоми мусалмонон! Туро ҳанӯз вақти ин нест. Ӯ чавоб надод аз он, ки ӯро аз зикри Ҳақ парвои халқ набудӣ; то рӯзе илҳоҳ карданд. Гуфт: Маро устоде буд ва марде сахт бузург буд ва ман аз вай илм меомӯхтам. Чун умраш ба охир расид ва киштии умраш ба гирдоби ачал фурӯ хост шуд, ман бар болини ӯ нишаста будам. Ногоҳ чашм боз кард ва маро гуфт: Эй Суфён! Мебинӣ, ки бо мо чӣ мекунанд? Панҷоҳ сол аст, то халқро роҳи рост менамоем ва ба даргоҳи Ҳақ мехонем, акнун маро меронанд ва мегӯянд: Бирав, ки моро намешоӣ!

Ва гӯянд, ки гуфт: Се устодро хидмат кардам ва илм омӯхтам. Чун кори яке ба охир расид, чуҳуд шуд ва дар он вафот кард; дигар «тамаққаса; солису танассара». Аз он тарс, тароке аз пушти ман биёмад ва пуштам шикаста шуд.

Нақл аст, ки яке ду бадраи зар пеши ӯ фиристоду гуфт: Бистон! Ки падарам дӯсти ту буд ва ӯ мурид ту буд ва ин вачҳе ҳалол аст ва аз мероси ӯ пеши ту овардам. Ба дасти писар дод ва бозфиристоду гуфт: Бигӯй, ки: Дӯстии ман бо падарат аз баҳри Худой буд. Писари Суфён гуфт: Чун бозомадам, гуфтам: Эй падар, дили ту магар аз санг аст! Мебинӣ, ки аёл дорам ва ҳеч надорам, бар ман раҳм намекунӣ! Суфён гуфт: Эй писар! Туро мебояд, ки бихӯрӣ ва ман дӯстии Худой ба дӯстии дунё нафурӯшам, ки ба қиёмат дармонам.

Нақл аст, ки ҳадяе пеши Суфён овардам ва қабул накард, гуфт: Ман аз ту ҳаргиз ҳадис нашунидаам. Суфён гуфт: Бародарат шунидааст, тарсам, ки ба сабаби моли ту дили ман бар-ӯ мушфиқтар шавад аз дигарон ва ин майл бувад. Ва ҳаргиз аз касе чизе нагирифтӣ, гуфтӣ: Агар донаме, ки дарнамемонам, бигираме.

Ва рӯзе бо яке ба дари сарои мӯҳташаме мегузашт. Он кас бар он айвон нигарист. Ӯро наҳӣ кард. Бад-ӯ гуфт: Агар шумо дар он ҷо нигаҳ намекардетӣ, эшон чандин исроф накарданди. Пас чун шумо назар мекунед, шарик бошед дар мазлимати ин исроф.

Ва ӯро ҳамсояе вафот кард. Ба намози ҷанозаи ӯ шуд. Баъд аз он шунид, ки мардумон мегуфтанд, ки: Ӯ марде некӯ буд. Суфён гуфт: Агар донистаме, ки халқ аз ӯ хушнуд

бигарданд, ба намози ҷанозаи ӯ нарафтаме, зеро ки то мард мунофиқ нашавад, халқ аз ӯ хушнуд нагарданд.

Ва Суфёнро одат буд, ки дар мақсураи ҷомеа нишастӣ. Чун аз моли султон мичмарае пури уд сохтанд, аз он ҷо бигурехт, то он бӯй нашнавад ва дигар он ҷо нанишаст.

Нақл аст, ки рӯзе ҷома божгуна пӯшида буд. Бо ӯ гуфтанд. Хост, ки рост кунад, накарду гуфт: Ин пироҳан аз баҳри Худой пӯшида будам, нахоҳам, ки аз барои халқ бигардонам. Ҳамчунон бигузошт.

Нақл аст, ки ҷавонеро ҳаҷ фавт шуда буд. Оҳе кард. Суфён гуфт: Чиҳил ҳаҷ кардаам, ба ту додам; ту ин оҳ ба ман додӣ? Гуфт: Додам. Он шаб ба хоб дид, ки ӯро гуфтанд: Суде кардӣ, ки агар ба ҳамаи аҳли Арафот қисмат кунӣ, тавонгар шаванд.

Нақл аст, ки рӯзе дар ғармоба омад. Ғуломе амрад даромад. Гуфт: Берун кунед ӯро, ки: бо ҳар зане як дев аст ва бо ҳар амраде ҳаждаҳ дев аст, ки ӯро меороянд дар чашмҳои мардон.

Нақл аст, ки рӯзе нон меҳӯрд, саге он ҷо буд ва бад-ӯ медод. Гуфтанд: Чаро бо зану фарзанд нахӯрӣ? Гуфт: Агар нон ба саг диҳам, то рӯз поси ман дорад, то ман намоз кунам ва агар ба зану фарзанд диҳам, аз тоатам бозоранд.

Ва рӯзе асҳобро гуфт: Хушу нохуши таом беш аз он нест, ки аз лаб ба ҳалқ расад, ин қадар агар хуш аст ва агар нохуш, сабр кунед, то хушу нохуш ба наздики шумо яке бувад, ки чизе, ки бад-ин зудӣ бигзарад, ба он сабр тавон кард. Ва аз бузургдошти ӯ дарвешонро чунон нақл кунанд, ки дар мачлиси ӯ дарвешон чун амирон будандӣ.

Нақл аст, ки як бор дар маҳмиле буд ва ба Макка мерафт. Рафиқе бо ӯ буд, ӯ ҳамаи роҳ мегирист. Рафиқ гуфт: Аз бими гуноҳ мегирӣй? Суфён даст дароз карду коҳбарге бардошт ва гуфт: Гуноҳ бисёр аст, валекин гуноҳони ман ба андозаи ин коҳбарг қимат надорад; аз он метарсам, ки имон, ки овардаам, то худ имон ҳаст, ё на?

Ва гуфт: Дигарон ба ибодат машгул шуданд, ҳикматашон бор овард.

Ва гуфт: Гиря дах чузв аст, нӯх чузв аз он риё аст, яке аз баҳри Худой. Агар аз он як чузв, ки аз баҳри Худост, дар

соле як қатра аз чашм биёяд, бисёр бувад.

Ва гуфт: Агар халқи бисёр чое нишаста бошанд ва касе мунодӣ кунад, ки: Кӣ медонад, ки имрӯз то ба шаб хоҳад зист, бархезад! Як тан барнахезад. Ва ачаб он, ки агар ҳамаи халқро гӯянд, ки: Бо чунон коре, ки дар пеш аст, ҳар кӣ маргро сохтаед, бархезед! Як тан барнахезад.

Ва гуфт: Пархез кардан бар амал сахттар аст аз амал ва басе бувад, ки мард амале нек мекунад, то вақте ки онро дар девони алония нависанд, пас баъд аз он чандон бад-он фахр кунад ва чандон бозгӯяд, ки онро дар девони риё нависанд.

Ва гуфт: Чун дарвеш гирди тавонгар гардад, бидон, ки мурой аст ва чун гирди султон гардад, бидон, ки дузд аст.

Ва гуфт: Зохид он аст, ки дар дунё зӯҳди худ ба феъл меорад ва мутазаҳҳид он аст, ки зӯҳди ӯ ба забон бувад.

Ва гуфт: Зӯҳд дар дунё на палос пӯшидан аст ва на нони чавин хӯрдан аст, валекин дил дар дунё нобастан аст ва амал кӯтоҳ кардан аст.

Ва гуфт: Агар наздики Худой шавӣ бо бисёрии гуноҳ, гунохе, ки миёни туву Худой бувад осонтар аз он, ки як гуноҳ миёни туву бандагони ӯ.

Ва гуфт: Ин рӯзгоре аст, ки хомӯш бошӣ ва гӯшас бигирӣ – «Замону-с-сукути ва лузуму-л-буюти!»

Яке гуфт: Дар гӯшае нишинам дар касб кардан, чӣ гӯӣ? Гуфт: Аз Худой битарс, ки ҳеч тарсгорро надидам, ки ба касб мӯҳтоҷ шуд.

Ва гуфт: Одамиро ҳеч некӯтар аз сӯрохе намедонам, ки дар он чо гурезад ва худро нопадид кунад, ки салаф карохият доштаанд, ки ҷомаи ангуштнамой пӯшанд – ё дар кӯхна, ё дар нав – балки чунон мебояд, ки хадиси он накунанд. «Нахаййани-ш-шухратайн» ин аст.

Ва гуфт: Ҳеч намедонам аҳли ин рӯзгорро босаломаттар аз хоб.

Ва гуфт: Бехтарини султонон он аст, ки бо аҳли илм нишинад ва аз эшон илм омӯзад; ва бадтарини уламо он, ки бо салотин нишинад.

Ва гуфт: Нахустибодате хилват аст, он гоҳ талаб кардани илм, он гоҳ бад-он амал кардан, он гоҳ нашри он илм кардан.

Ва гуфт: Ҳаргиз тавозўъ накардам касеро, пеш аз он ки як ҳарф аз ҳикмат дидам.

Ва гуфт: Дунёро бигир аз барои танро ва охиратро бигир аз барои дилро.

Ва гуфт: Агар гуноҳро кайд будӣ, ҳеч кас аз кайди он нарастӣ; ва ҳар кӣ худро ба ғайри худ фазл нихад, ў мутакаббир аст.

Ва гуфт: Азизтарин халқон панҷанд: олиме зоҳид, факеҳе сўфӣ ва тавонгаре мутавозеъ ва дарвеше шокир ва шарифе суннӣ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар намоз хошеъ набувад, намози ў дуруст набувад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ аз ҳаром садақа диҳаду хайре кунад, чун касе бувад, ки ҷомаи палид ба хун бишўяд, ё ба бавл; он ҷома палидтар шавад.

Ва гуфт: Ризо қабули мақдур аст ба шукр.

Ва гуфт: Хулқи ҳасани одамӣ хашми Худой биншонад.

Ва гуфт: Яқин он аст, ки муттаҳам надорӣ Худойро дар ҳар чӣ ба ту расад.

Ва гуфт: Субҳон он Худое, ки мекушад моро ва мол меситонад ва мо ўро дўсттар медорем.

Ва гуфт: Ҳар киро ба дўстӣ гирифт, ба душманӣ нагирад.

Ва гуфт: Нафас задан дар мушоҳада ҳаром аст ва дар мукошафа ҳаром аст ва дар муояна ҳаром аст ва дар хатарот ҳалол.

Ва гуфт: Агар касе туро гўяд: «Неъма-р-рақулу анта», ин туро хуштар ояд аз он, ки гўянд: «Биъса-р-рақулу анта», бидон, ки ту ҳанўз марде бадӣ.

Ва пурсиданд аз якин. Гуфт: Феъле аст дар дил, ҳар гоҳ ки маърифат дуруст шуд, яқин собит гашт ва яқин он аст, ки ҳар чӣ ба ту расад, донӣ, ки аз Ҳақ ба ту мерасад, то ҷунон бошӣ, ки ваъдае туро чун аён бувад, балки бештар аз аён, яъне ҳозир бувад, балки аз ин зиёдат бувад.

Пурсиданд, ки: Саййид, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: Худой душман дорад аҳли хонаеро, ки дар вай гўшт бисёр хўранд. Гуфт: Аҳли ғайбатро гуфтааст, ки гўшти мусалмонон хўранд.

Накл аст, ки Ҳотами Асаммро гуфт: Туро чаҳор сухан

гӯям, ки аз куфр аст: яке, маломат кардан мардумонро аз нодидани қазост ва нодидани қазо кофирӣ аст; дуввум, ҳасад кардан бародари мусалмонро аз нодидани қисмат аст ва нодидани қисмат аз кофирӣ аст; саввум, моли ҳарому шубҳат ҷамъ кардан аз нодидани шумори қиёмат аст ва нодидани шумори қиёмат аз кофирӣ аст; чаҳорум, эмин будан аз ваиди Ҳақ ва умед надоштан ба ваъдаи Ҳақ ва нодидани ин ҳама кофирӣ аст.

Нақл аст, ки чун яке аз шогирдони Суфён ба сафар шудӣ, гуфтӣ: Агар ҷое марг бубинед, барои ман бихаред! Чун аҷалаш наздик омад, бигиристу гуфт: Марг ба орзу ҳостам, акнун марг сахт аст; кошки ҳамаи сафар чунон будӣ, ки ба асоеву раквае рост шудӣ! Валекин: «ал-Қудуму ала-л-Лоҳи шадидун» - Ба наздики Худой шудан осон нест.

Ва ҳар гоҳ ки сухани марг ва истилои ӯ шунидӣ, чанд рӯз аз худ бирафтӣ ва ба ҳар кӣ расидӣ, гуфтӣ: «Истаъидда ли-л-мавти қабла нузулиҳи» - Сохта бош маргро пеш аз он ки ногоҳ туро бигирад, аз марг чунин метарсид ва ба орзу мехост ва дар он вақт ёронаш мегуфтанд: Хушат бод дар биҳишт! Ва ӯ сар мечунбонид, ки: Чӣ мегуед? Биҳишт ҳаргиз ба ман нарасад, ё ба чун ман касе диҳанд?

Пас бемории ӯ дар Басра буд ва амири Басра хост, то ҷомагӣ ба вай диҳад. Ӯро талаб карданд, дар сугургоҳе буд, ки ранҷи шикам дошт ва аз ибодат як дам намеосуд; ва он шаб ҳисоб карданд, шаст бор обдаст карда буд ва вузӯъ месохту дар намоз мерафт, бозаш ҳочат омадӣ. Гуфтанд: Охир, вузӯ масоз! Гуфт: Мехоҳам, то чун Азроил барояд, тоҳир бошам, на ҳаҷас, ки палид ба ҷаноби ҳазрат рӯй натавон ниҳод.

Абдуллохи Маҳдӣ гуфт, ки: Суфён гуфт: Рӯи ман бар замин нех, ки аҷали ман наздик омад. Рӯяш бар замин ниҳодам ва берун омадам, то ҷамъро хабар кунам, чун бозомадам, асҳоб ҳама ҳозир буданд. Гуфтам: Шуморо кӣ хабар дод? Гуфтанд: Мо дар хоб дидем, ки ба ҷанозаи Суфён ҳозир шавед. Мардумон даромаданд ва ҳол бар вай танг шуд. Даст дар зер кашид ва ҳамёне ҳазор динор берун оварда гуфт: Садака кунед! Гуфтанд: Субҳоналлоҳ! Суфён пайваста гуфтӣ: Дунёро набояд гирифт ва чандин зар дошт!

Суфён гуфт: Ин посбони дини ман буд ва дини худро бад-ин тавонистам дошт, ки Иблис бад-ин бар ман даст набарад, ки агар гуфтй: Имрўз чй хўрй ва чй пўшй? Гуфтаме: Инак зар ва агар гуфтй: Кафан надорй. Гуфтаме: Инак зар! Ва васвоси ўро аз худ дафъ кардаме, харчанд маро бад-ин хочат набуд, пас калимаи шаходат бигуфт ва чон таслим кард.

Ва гўянд: Ворисе буд ўро дар Бухоро, бимурд. Уламои Бухоро он молро нигох доштанд, Суфёнро хабар шуд. Азми Бухоро кард. Ахли Бухоро то лаби об истиқбол карданд ва ба эъзози тамом дар Бухоро бурданд; ва Суфён хаждахсола буд ва он зар бад-ў доданд ва онро нигох медошт, то аз касе чизе набояд хост; то якин шуд, ки вафот хохад кард, ба садақа бидод.

Ва он шаб, ки вафот кард, овозе шуниданд, ки: «Мота-л-вараъу мота-л-вараъу». Пас ўро ба хоб диданд, гуфтанд: Чун сабр кардй бо вахшат ва торикии гўр? Гуфт: Гўри ман марғзоре аст аз марғзорхои бихишт.

Дигаре ўро ба хоб дид. Гуфт: Худой бо ту чй кард? Гуфт: Як қадам бар сирот ниходам ва дигар дар бихишт.

Дигаре ба хоб дид, ки: Суфён дар бихишт аз дарахте ба дарахте мепаридй. Пурсид, ки: Ин ба чй ёфтй? Гуфт: Ба вараъ.

Нақл аст, ки аз шафқат, ки ўро буд бар халқи Худой, рўзе дар бозор мурғаке дид дар қафас, ки фарёд мекарду метапид. Ўро бихариду озод кард. Мурғаке хар шаб ба хонаи Суфён омадй. Суфён хама шаб намоз кардй ва он мурғак назора мекардй ва гох-гох ба рўи вай менишастй. Чун Суфёнро ба хок бурданд, он мурғак худро бар чанозаи ў мезад ва фарёд мекард ва халқ ба хой-хой мегиристанд. Чун шайхро дафн карданд, мурғак худро бар хок мезад, то аз гўр овоз омад, ки Хақ таоло Суфёнро ба шафкате, ки бар халқ дошт, биёмурзида; Ва он мурғак низ бимурд. Ва ба Суфён расид, рахмату-л-Лохи алайх.

17. ЗИКРИ ШАҚИҚИ БАЛХӢ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он мутаваккили аброр, он мутасаррифи асрор, он рукни мӯхтарам, он киблаи мӯхташам, он диловари аҳли тариқ, Абуалии Шақиқ, раҳмату-л-Лохи алайҳ.

Ягонаи аҳд буд ва шайхи вақт буд ва дар зӯҳду ибодат қадаме росих дошт ва ҳамаи умр дар тавакқул рафт ва дар анвои улум комил буд ва тасониф бисёр дорад дар фунуни илм.

Ва устоди Ҳотами Асамм буд ва тариқат аз Иброҳими Адҳам гирифта буд ва бо бисёр машоих ӯ сӯҳбат дошта буд.

Ва гуфт: Ҳазору ҳафтсад устодро шогирдӣ кардам ва чанд уштурвор китоб ҳосил кардам.

Ва гуфт: Роҳи Худой дар чаҳор чиз аст: яке, амн дар рӯзӣ; ва дуввум, ихлос дар кор; ва саввум, адоват бо шайтон; ва чаҳорум, сохтани марг.

Ва сабаби тавбаи ӯ он буд, ки ба Туркистон шуд ба тиҷорат ва ба назораи бутхона рафт. Бутпарастеро дид, ки бутеро мепарастид ва зорӣ мекард. Суфён (саҳеҳ: Шақиқ) гуфт: Туро офаридгоре аст, зиндаву қодир ва олим. Ӯро параст! Ва шарм дор ва бут мапараст, ки аз ӯ ҳеч хайру шар наёяд. Бутпараст гуфт: Агар чунин аст, ки ту мегӯй, қодир нест, ки туро дар шаҳри ту рӯзӣ диҳад, ки туро бад-ин ҷониб бояд омад? Шақиқ аз ин сухан бедор шуд ва рӯй ба Балх ниҳод. Габре ҳамрохи ӯ афтод. Бо Шақиқ гуфт: Дар чӣ корӣ? Гуфт: Дар бозаргонӣ. Гуфт: Агар дар паи рӯзӣ (рӯзие) меравӣ, ки туро тақдир накардаанд, то қиёмат агар равӣ, бад-он нарасӣ ва агар аз паси рӯзӣ (рӯзие) меравӣ, ки туро тақдир кардаанд, марав, ки худ ба ту расад.

Шақиқ чун ин сухан бишнид, бедор шуд ва дунё бар дилаш сард шуд. Пас ба Балх омад. Ҷамоате дӯстон бар вай ҷамъ шуданд ки ӯ бағоят ҷавонмард буд. Ва Алӣ ибни Исо ибни Ҳомон амири Балх буд ва сагони шикорӣ доштӣ. Уро

саге гум шуда буд, гуфтанд: Ба назди ҳамсояи Шақиқ аст; ва он касро бигирифтанд, ки: Ту гирифтай? Пас он ҳамсояро меранҷониданд. Ӯ илтиҷо ба Шақиқ кард. Шақиқ пеши амир шуд ва гуфт: То се рӯзи дигар саг ба ту расонам, ӯро халос дех! Ӯро халос дод. Баъд аз се рӯзи дигар магар шахсе он сагро ёфта буд ва гирифта. Андеша кард, ки ин сагро пеши Шақиқ бояд бурд - ки ӯ ҷавонмард аст - то маро чизе диҳад. Пас ӯро пеши Шақиқ овард, Шақиқ пеши амир бурд ва аз замон берун омад. Ин ҷо азм карду ба куллӣ аз дунё эъроз кард.

Нақл аст, ки дар Балх қаҳтии азим буд, чунонки якдигар мехӯрданд. Ғуломе дид дар бозор шодмону хандон. Гуфт: Эй ғулом! Чӣ ҷои хуррамӣ аст? Набинӣ, ки халқ аз гуруснагӣ чунанд? Ғулом гуфт: Маро чӣ бок! Ки ман бандаи касеам, ки вайро дехе аст хосса ва чандин ғалла дорад, маро гурусна нагузорад. Шақиқ он ҷойгоҳ аз даст бирафт, гуфт: Илоҳо! Ин ғулом ба хоҷае, ки анбор дошта бошад, чунин шод бошад, ту моликулмулукӣ ва рӯзӣ пазируфтай; мо чаро андӯҳ хӯрем? Дарҳол аз шуғли дунё ручӯъ кард ва тавбаи насӯҳ карду рӯй ба роҳи Ҳақ ниҳод ва дар таваккул ба ҳадди камол расид. Пайваста гуфтӣ: Ман шогирди ғуломеям.

Нақл аст, ки Ҳотами Асамм гуфт: Бо Шақиқ ба ғазо рафтам, рӯзе саъб буд, масоф мекарданд, чунонки ба ҷуз сари найза наметавонистӣ дид ва тир аз ҳаво меомад. Шақиқ маро гуфт: Ё Ҳотам! Худро чун меёбӣ? Магар пиндорӣ, ки дӯш аст, ки бо зани худ дар ҷомаи хоб хуфта будӣ? Гуфтам: На. Гуфт: Ба Худой! Ки ман тани худро ҳамчунон меёбам, ки ту дӯш дар ҷомаи хоб будӣ? Пас шаб даромад ва бихуфт ва хирқае болин кард ва дар хоб шуд ва аз эътимоде, ки бар Худой дошт, дар миёни чунон душманон дар хоб шуд.

Нақл аст, ки рӯзе мачлис медошт, овозае дар шаҳр афтод, ки кофир омад. Шақиқ берун давид ва кофиронро ҳазимат кард ва бозомад. Муриде гуле чанд назди саҷҷодаи шайх ниҳод, онро мебӯид. Ҷоҳиле он бидид, гуфт: Лашкар бар дари шаҳр ва имоми мусалмонон пеши худ гул ниҳода ва мебӯяд. Шайх гуфт: Мунофиқ ҳама гул бӯидан бинад, ҳеч лашкар шикастан набинад.

Нақл аст, ки рӯзе мерафт. Бегонае ӯро дид, гуфт: Эй Шақиқ! Шарм надорӣ,ки даъвии хоссагӣ куни ва чунин

сухан гуӣ? Ин сухан бад-он монад, ки ҳар кӣ ӯро мепарастад ва имон дорад аз баҳри рӯзӣ додан, ӯ неъматпараст аст. Шақиқ ёронро гуфт: Ин сухан бинависед, ки ӯ мегуяд. Бегона гуфт: Чун ту марде сухани чун мане нависад? Гуфт: Оре, мо чун ҷавҳар ёбем, агарчи дар нақосат афтода бошад, баргирем ва бок надорем. Бегона гуфт: Ислом арза кун, ки дини ту тавозӯъ аст ва Ҳақ пазируфтан. Гуфт: Оре, расул, алайҳи-с-салом, фармудааст: «ал-Ҳикмату золлату-л-мӯъмини фатлубҳо ва лав кона инда-л-кофирин».

Накл аст, ки Шақик дар Самарқанд мачлис мегуфт. Рӯй ба қавм карду гуфт: Эй қавм! Агар мурдаед, ба гӯристон; ва агар кӯдакед, ба дабиристон; ва агар девонаед, бемористон; ва агар кофиред, кофиристон ва агар бандаед, доди мусалмонӣ аз худ биситонед, эй махлуқпарастон!

Яке Шақикро гуфт: Мардумон маломат мекунанд туро ва мегуянд, аз дастранчи мардумон нон мехурад. Биё, то ман туро учро кунам. Гуфт: Агар туро панҷ айб набудӣ, чунин кардаме: яке он, ки хазонаи ту кам шавад: дуввум он, ки дузд бибарад, саввум он, ки пушаймон шавӣ; чаҳорум он, ки дур набувад агар аз ман айбе бинӣ ва учро аз ман бозгирӣ; панчум, раво бувад, ки ачал даррасад ва бебарг монам. Аммо маро Худованде ҳаст, ки аз ҳаман айбҳо пок ва муназзах аст.

Накл аст, ки яке пеши ӯ омад ва гуфт: Мехоҳам, ки ба ҳач равам. Гуфт: Тӯшаи роҳ чист? Гуфт: Чаҳор чиз. Гуфт: Кадом аст? Гуфт: Яке он, ки ҳеч кас маро ба рӯзии хеш наздиктар аз худ намебинад ва ҳеч касро аз рӯзии худ дуртар аз ғайри худ намебинам ва казои Худо мебинам, ки бо ман меояд - ҳар чо ки бошам - ва чунон донам, ки дар ҳар ҳол ки бошам, медонам, ки Худой донотар аст ба ҳоли ман аз ман. Шақиқ гуфт: Аҳсанта, неку зоде аст, муборакат бод!

Накл аст, ки чун Шакик касди Каъба кард ва ба Багдод расид, Ҳорунаррашид ӯро бихонд. Чун Шақик ба назди Ҳорун рафт, Ҳорун гуфт: Туӣ Шақики зоҳид? Гуфт: Шақик манам, аммо зоҳид наям. Ҳорун гуфт: Маро панде дех! Гуфт: Ҳуш дор! Ки Ҳақ таоло туро ба чои Сиддиқ нишондааст, аз ту сидқ хохад, чунонки аз вай; ва ба чои Форук нишондааст, аз ту фарқ хоҳад миёни ҳақ ва ботил, чунонки аз вай; ба

ҷои Зиннурайн нишондааст, аз ту хаё кардан хоҳад, чунонки аз вай; ва ба ҷои Муртазо нишондааст, аз ту илму адл хоҳад, чунонки аз вай. Гуфт: Зиёдат кун! Гуфт: Худойро сарое аст, ки онро дӯзах хонанд; туро дарбони он сохта ва се чиз ба ту дода: молу шамшер ва тозиёна; ва гуфтааст, ки халқро бад-ин се чиз аз дӯзах боздор! Ҳар ҳоҷатманд, ки пеши ту ояд, мол аз вай дареғ мадор! Ва ҳар кӣ фармони Ҳақро хилоф кунад, бад-ин тозиёна ӯро адаб кун! Ва ҳар кӣ якеро бикушад, бад-ин шамшер қасос хоҳ ба дастурӣ ва агар ин накунӣ, пешрави дӯзахиён ту бошӣ. Ҳорун гуфт: Зиёдат кун! Гуфт: Ту чашмаи ва уммол чӯйҳо, агар чашма равшан бувад, ба тирагии чӯйҳо зиён надорад; агар чашма торик бувад, ба равшании чӯй ҳеч умед набошад. Гуфт: Зиёдат кун! Гуфт: Агар дар биёбон ташна шавӣ, чунонки бо ҳалокат наздик бошӣ, агар он соат шарбате об ёбӣ, ба чанд бихарӣ? Гуфт: Ба ҳар чӣ хоҳад. Гуфт: Агар нафурӯшад илло ба нимаи мулки ту? Гуфт: Бидиҳам. Ва гуфт: Агар он об, ки бихӯрӣ, аз ту берун наояд, чунонки бими ҳалокат бувад, яке гӯяд: Ман туро илоҷ кунам, аммо нимае аз мулки ту бистонам, чӣ кунӣ? Гуфт: Бидиҳам. Гуфт: Пас ба чӣ нозӣ ба мулке, ки қиматаш як шарбати об бувад, ки бихӯрӣ ва аз ту берун ояд? Ҳорун бигирист ва ӯро ба эъзозе тамом бозгардонид.

Пас Шақиқ ба Макка шуд ва он ҷо мардумон бар вай ҷамъ шуданд ва гуфт: Ин ҷо ҷустани рӯзӣ ҷаҳл аст ва кор кардан аз баҳри рӯзӣ ҳаром. Ва Иброҳими Адҳам ба вай афтод. Шақиқ гуфт: Эй Иброҳим! Чун мекунӣ дар кори маош? Гуфт: Агар чизе расад, шукр кунам ва агар нарасад, сабр кунам. Шақиқ гуфт: Сагони Балх ҳамин кунанд, ки чун чизе бошад, муроот кунанд ва дум ҷунбонанд ва агар набошад, сабр кунанд. Иброҳим гуфт: Шумо чӣ гуна кунед? Гуфт: Агар моро чизе расад, исор кунем ва агар нарасад, шукр кунем. Иброҳим бархост ва сари ӯ дар канор гирифту бибӯсид ва «қола: Анта-л-устозу ва-л-Лоҳи».

Чун аз Макка ба Бағдод омад, мачлис гуфт: ва сухани ӯ бештар дар таваккул буд ва дар аснои сухан гуфт: Дар бодия фурӯ шудам, чаҳор донг сим доштам дар ҷайб ва ҳамчунон дорам. Ҷавоне бархост ва гуфт: Он чо, ки он чаҳор донг дар ҷайб мениҳодӣ, Худои таоло ҳозир набуд ва он соат эътимод

бар Худой набуда буд. Шақиқ мутағаййир шуд ва бад-он иқрор кард ва гуфт: Рост мегӯй ва аз минбар фуруд омад.

Нақл аст, ки пире пеши ӯ омад ва гуфт, ки: Гуноҳ кардаам бисёр ва мехоҳам, ки тавба кунам. Гуфт: Дер омадӣ! Пир гуфт: Зуд омадам. Гуфт: Чун? Гуфт: Ҳар кӣ пеш аз марг омада, зуд омада бошад. Шақиқ гуфт: Нек омадӣ ва нек гуфтӣ.

Ва гуфт: Ба ҳоб дидам, ки гуфтанд: Ҳар кӣ ба Худой эътимод кунад ба рӯзии хеш, хӯи неки ӯ зиёдат шавад ва ӯ сахӣ гардад ва дар тоаташ васвос набувад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар мусибат ҷазаъ кард, ҳамчунон аст, ки найзае баргирифтааст ва бо Худой ҷанг мекунад.

Ва гуфт: Асли тоат хавф аст ва раҷо ва муҳаббат.

Ва гуфт: Аломати хавф тарки маҳорим аст ва аломати раҷо тоати доим аст ва аломати муҳаббат шавқ ва инобати лозим аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ бо ӯ се чиз набувад, аз дӯзах наҷот наёбад: амну хавф ва изтироб.

Ва гуфт: Бандаи ҳоиф он аст, ки уро хавфе аст, дар он чӣ гузаштӣ аз ҳаёт, то чун гузашт? Ва хавфе аст, ки намедонад, то баъд аз ин чӣ ҳоҳад буд?

Ва гуфт: Ибодат дах ҷузв аст, нӯҳ ҷузв гурехтан аз халқ ва як ҷузв хомӯшӣ.

Ва гуфт: Ҳалоки мард дар се чиз аст: гуноҳ мекунад ба умеди тавба; ва тавба накунад ба умеди зиндагонӣ; ва тавба накарда мемонад ба умеди раҳмат; пас чунин кас ҳаргиз тавба накунад.

Ва гуфт: Ҳақ таоло аҳли тоати худро дар ҳоли марг зинда гардонад ва аҳли маъсиятро дар ҳоли зиндагонӣ мурда гардонад.

Ва гуфт: Се чиз қарини фуқаро аст: фароғати дилу сабукии ҳисоб ва роҳати нафс; ва се чиз лозими тавонгарон аст: ранҷи тану шутли дил ва сахтии ҳисоб.

Ва гуфт: Маргро сохта бояд буд, ки чун марг биёяд, бознагардад.

Ва гуфт: Ҳар киро чизе диҳӣ, агар уро дӯсттар дорӣ аз он ки ӯ туро чизе диҳад, ту дӯсти охиратӣ ва агар на, дӯсти дунёӣ.

Ва гуфт: Ман ҳеҷ чиз дӯсттар аз меҳмон надорам, аз баҳри он ки рӯзӣ ва маунати ӯ бар Худой аст. Ва ман дар миён ҳеҷ кас наям ва музд ва савоб маро.

Ва гуфт: Ҳар кӣ аз миёни неъмат дар тангдастӣ афтад ва тангдастӣ наздики ӯ бузургтар аз неъмати бисёр набувад, ӯ дар ду ғами бузург афтодааст: як ғам дар дунё ва як ғам дар охират; ва ҳар кӣ аз миёни неъмат дар тангӣ афтад ва он тангӣ наздики ӯ бузургтар аз неъмат бувад, дар ду шодӣ афтад: яке дар дунё ва яке дар охират.

Гуфтанд: Ба чӣ шиносанд, ки банда восиқ аст ба Худой ва эътимоди ӯ ба Худой аст? Гуфт: Бад-он ки чун ӯро аз дунё фавт шавад, ғанимат шумарад.

Ва гуфт: Агар хоҳӣ, ки мардро бишносӣ, дарнигар, то ба ваъдаи Худой эминтар аст, ё ба ваъдаи мардумон!

Ва гуфт: Таҳворо ба се чиз тавон донист: ба фиристодан, ба манъ кардан ва сухан гуфтан. Фиристодан дин бувад, яъне он чи он ҷо фиристодӣ, дин аст; ва манъ кардан дунё бувад, яъне моле, ки ба ту диҳанд, наситонӣ, ки дунё бувад; ва сухан гуфтан дар дин ва дунё бувад, яъне аз ҳар ду сарой сухан тавон гуфт, ки сухан динӣ бувад ва дунёвӣ бувад. Ва дигар маъно он аст, ки он чӣ фиристодӣ, дин аст, яъне, авомир ба ҷой овардан ва манъ кардани дунё аст, яъне аз навоҳӣ дур будан; ва сухан гуфтан ба ҳар ду муҳит аст, ки ба сухан маълум тавон кард, ки мард дар дин аст, ё дар дунё.

Ва гуфт: Ҳафтсад мардуми олимро пурсидам аз панҷ чиз, ки: Хирадманд кист? Ва тавонгар кист? Ва зирак кист? Ва дарвеш кист? Ва бахил кист? Ҳар ҳафтсад як ҷавоб доданд. Ҳама гуфтанд: Хирадманд он аст, ки дунёро дӯст надорад ва зирак он аст, ки дунё ӯро нафиребад ва тавонгар он аст, ки ба қисмати Худой розӣ бувад ва дарвеш он аст, ки дар дилаш талаби зиёдатӣ набошад ва бахил он аст, ки ҳаққи моли Худой аз Худой бозорад.

Ҳотами Асамм гуфт: Аз вай васият хостам, ба чизе, ки нофеъ бувад. Гуфт: Агар васияти ом хоҳӣ, забон нигаҳ дор ва ҳаргиз сухан магӯй, то савоби он гуфтор дар тарозуи худ бинӣ. Ва агар васияти хос хоҳӣ, нигар, то сухан нагӯй, магар худро чунон бинӣ, ки агар нагӯй, бисӯзӣ. «Ва-л-Лоҳу аълам».

18. ЗИКРИ ИМОМ АБӮҲАНИФА, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он чароғи шарьу миллат, он шамъи дину давлат, он нӯъмони ҳақоиқ, он уммони ҷавоҳири маонӣ ва дақоиқ, он орифи олими суфӣ, имоми ҷаҳон Абӯҳанифаи Кӯфӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Сифати касе, ки ба ҳамаи забонҳо сутуда бошад ва ба ҳамаи миллатҳо мақбул, кӣ тавонад гуфт? Риёзату муҷоҳадаи ӯ ва хилвату мушоҳадаи ӯ ниҳоят надошт ва дар усули тариқат ва фурӯи шариат дараҷаи рафеъ ва назаре нофиз дошт; ва дар фаросату сиёсат ва киёсат ягона буд; ва дар мурувватӯ футивват ӯъҷубае буд: ҳам карими ҷаҳон буд ва ҳам ҷаводи замон; ҳам афзали аҳд ва аълами вақт; «Ва ҳува кона фи-д-дараҷати-л-қусво ва-р-рутбати-л-улйо».

Ва Анас ривоят кард аз расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки марде бошад дар уммат: «Ман йуқолу лаҳу Нуъмон ибн Собит ва кунийатуҳу Абуҳанифа; ҳува сирочу умматй».

Сифати Абӯҳанифа дар Таврот буд ва Абӯюсуф гуфт: Нуздаҳ сол дар хидмати вай будам, дар ин нуздаҳ сол намози бомдод ба таҳорати намози хуфтан гузорид.

Молики Анас гуфт: Абӯҳанифаро чунон дидам, ки агар даъво кардй, ки ин сутун заррин аст, далел тавонистя гуфт.

Шофей гуфт: Ҷумлаи уламои олам аёли Абӯҳанифаанд дар фиқҳ.

«Ва қола Алй ибни Абитолиб раҳмату-л-Лоҳи алайҳ: «Самиъту-н-набй, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, йақулу: Тубо лиман раони ав рао ман раонй»; ва вай чанд кас аз саҳоба дарёфта буд: Абдуллоҳ ибни Ҷазаъ аз-Зубайдй ва Анас ибни Молику Ҷобир ибни Абдуллоҳ ва Абдуллоҳ ибни Абиавфу Асла ибни ал-Асқоъ ва Оиша бинти Ачрад. Пас вай мутақаддам аст бад-ин далоил, ки ёд кардем.

Ва бисёр машоихро дида буд ва бо Содиқ, разия-л-Лоҳу

анҳу, сӯҳбат дошта буд. Ва устоди илми Фузайл ва Иброҳими Адҳам ва Бишри Ҳофӣ ва Довуди Тойӣ ва Абдуллоҳ ибни Муборак буд.

Он гоҳ, ки ба сари равзаи саййидулмурсалин, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, расид ва гуфт: «ас-Салому алайка йо саййиду-л-мурсалина», ҷавоб омад, ки: «Ваалайка-с-салом йо имома-л-муслимин».

Ва дар аввали кор азимати узлат кард; накл аст, ки: таваҷҷӯҳ ба қиблаи ҳақиқӣ дошт ва рӯй аз халқ бигардонид ва суф пӯшид. То шабе ба хоб дид, ки устухонҳои пайғомбар, алайҳи-с-салом, аз лаҳад гирд мекард ва баъзеро аз баъзе ихтиёр мекард. Аз ҳайбати он бедор шуд ва якеро аз асҳоби Ибни Сирин пурсид, гуфт: Ту дар илми пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ва ҳифзи суннати ӯ ба дараҷаи бузург расӣ, чунонки дар он мутасарриф шавӣ, саҳеҳ аз сақим ҷудо кунӣ.

Як бори дигар пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро ба хоб дид, ки гуфт: Ё Абоҳанифа! Туро сабаби зинда гардонидани суннати ман гардонидаанд, қасди узлат макун!

Ва аз баракоти эҳтиёти ӯ буд, ки Шаъбӣ, ки устоди ӯ буд ва пир шуда буд, халифа маҷмаае сохт ва Шаъбиро бихонду уламои Бағдодро ҳозир карду шартеро бифармуд, то ба номи ҳар ходиме зиёе бинависад, баъзе ба иқрор ва баъзе ба мулк. Ва баъзе ба вақф. Пас ходим он хатро пеши Шаъбӣ овард - ки қозӣ буд. Ва гуфт: Амиралмӯъминин мефармояд, ки бар ин хатҳо гувоҳӣ бинавис! Бинавишт; ва ҷумлаи фуқаҳо бинавиштанд. Пас ба хидмати Абуҳанифа оварданд, гуфтанд: Амиралмӯъминин мефармояд, ки: Гувоҳӣ бинавис! Гуфт: Куҷост? Гуфтанд: Дар сарой. Гуфт: Амиралмӯъминин ин ҷо ояд? Ё ман он ҷо равам, то шаҳодат дуруст ояд! Ходим бо вай дурушти кард, ки: Қозӣ ва фуқаҳо ва пирон навиштанд, ту аз ҷавонӣ фузулӣ мекунӣ. Пас Абуҳанифа гуфт: «Лаҳо мо касабат». Ин ба самъи халифа расид. Шаъбиро ҳозир кард ва гуфт: Дар шаҳодат дидор шарт нест, ё ҳаст? Гуфт: Бале, ҳаст. Гуфт: Пас ту маро кай дидӣ, ки гувоҳӣ навиштӣ? Шаъбӣ гуфт: Донистам, ки ба ирфони ту аст, лекин дидори ту натавонистам хост. Халифа гуфт:

Ин сухан аз ҳақ дур аст ва ин чавон қазоро авлотар.

Пас, баъд аз он Мансур, ки халифа буд, андеша кард, то қазо ба яке диҳад. Ва мушоварат кард бар яке аз чаҳор кас, ки фаҳули уламо буданд; ва иттифоқ карданд: яке, Абӯҳанифа, дуввум, Суфён, саввум, Шурайк, чаҳорум, Мисъар ибни Кидом. Ҳар чаҳорро талаб карданд, дар роҳ, ки меомаданд, Абӯханифа гуфт: Ман дар ҳар яке аз шумо фаросате гӯям. Гуфтанд: Савоб ояд. Гуфт: Ман ба ҳиллате қазо аз худ дафъ кунам ва Суфён бигурезад ва Мисъар худро девона созад ва Шурайк қозӣ шавад. Пас Суфён дар роҳ бигурехт ва дар киштӣ пинҳон шуд; гуфт: Маро пинҳон доред, ки сарам бихоҳанд бурид, ба таъвили он ҳабар, ки расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фармудааст: «Ман чуъила қозийан фақад зубиҳа биғайри сиккин» - Ҳар киро қозӣ гардониданд, бе кордаш бикуштанд. Пас маллоҳ ӯро пинҳон кард ва ин ҳар се пеши Мансур шуданд. Аввал Абӯҳанифаро гуфт: Туро қазо мебояд кард! Гуфт: Ё айюҳаламир, ман мардеям на аз араб ва содоти араб ба ҳукми ман розӣ набошанд. Чаъфар гуфт: Ин кор ба нисбат тааллуқ надорад, инро илм бояд. Абӯҳанифа гуфт: Ман ин корро нашоям ва дар ин қавл, ки: гуфтам нашоям, агар рост мегӯям, нашоям; ва агар дурӯғ мегӯям, дурӯғзан қазои мусалмонро нашояд; ва ту халифаи Ҳудой, раво мадор, ки дурӯғгӯеро халифаи худ куний ва эътимоди хуну моли мусалмонон бар вай куний. Ин бигуфт ва начот ёфт.

Пас Мисъар пеши халифа рафту дасти халифа бигирифт ва гуфт: Чӣ гунай? Ва мастурот чӣ гуна? Ва фарзандонат чӣ гунаанд? Мансур гуфт: Ӯро берун кунед, ки девона аст. Пас Шурайкро гуфтанд: Туро қазо бояд кард. Гуфт: Ман савдоиям, димоғам заиф аст. Мансур гуфт: Муолачат кун, то акл комил шавад! Пас қазо ба Шурайк доданд ва Абӯҳанифа ӯро маҳчур кард ва ҳаргиз бо вай сухан нагуфт.

Нақл аст, ки чамъе кӯдакон гӯй мезаданд. Гӯи эшон ба миёни чамъи Абӯҳанифа афтод. Ҳеч кӯдаке намерафт, то берун орад. Кӯдаке гуфт: Ман биравам ва биёрам. Пас густохвор даррафт ва берун овард; ва Абӯҳанифа гуфт: Ин кӯдак ҳалолзода нест. Пас тафаҳҳус карданд, чунон буд. Гуфтанд: Эй имоми мусалмонон, аз чӣ донисти? Гуфт: Агар

ҳалолзода будӣ, ҳаё монеъ омадӣ.

Нақл аст, ки ӯро бар касе моле буд ва дар маҳаллати он шахс шӯгирде аз они имом вафот кард. Имом ба намози ӯ рафт, офтобе азим буд ва дар он ҷо ҳеҷ сояе набуд, илло деворе, ки аз они он мард буд, ки мол ба имом мебоист дод. Мардумон гуфтанд: Дар ин соя соате биншин! Гуфт: Маро бар соҳиби ин девор моле аст, раво набошад, ки аз девори ӯ таматтӯе ба ман расад, ки пайғамбар, фармудааст: «Куллу қарзин ҷарра манфаъатан фаҳува рибо», агар манфаате гирам, рибо бошад.

Нақл аст, ки ӯро як бор маҳбус карданд. Яке аз залама биёмад ва гуфт: Маро қаламе битарош! Гуфт: Натарошам. Ҳарчанд гуфт, суд надошт. Гуфт: Чаро наметарошӣ? Гуфт: Тарсам, ки аз он қавм бошам, ки Ҳақ таоло фармудааст: «Уҳшуру-л-лазина заламу ва азвочаҳум» (Сураи Софот, ояти 22).

Ва ҳар шаб сесад ракъат намоз кардӣ. Рӯзе мегузашт, зане бо зане гуфт: Ин мард ҳар шаб понсад ракъат намоз мекунад. Имом он бишнид, ният кард, ки: баъд аз ин понсад ракъат намоз кунам дар ҳар шабе, то занни эшон рост шавад.

Рӯзи дигар мегузашт, кӯдакон гуфтанд бо ҳамдигар, ки: Ин мард, ки меравад, ҳар шаб ҳазор ракъат намоз мекунад. Абӯҳанифа гуфт: Ният кардам, ки ҳар шаб ҳазор ракъат намоз кунам.

Рӯзе шӯгирде бо имом гуфт: Мардумон мегӯянд, ки: Абӯҳанифа шаб намехусбад. Гуфт: Ният кардам, ки дигар ба шаб нахуфтам. Гуфт: Чаро? Гуфт: Худои таоло мефармояд: «Ва йуҳиббуна ан йуҳмаду бимо лам йафъалу» (Сураи Оли Имрон, ояти 188) - Бандагонеанд, ки дӯст доранд, ки эшонро ба чизе, ки накардаанд, ёд кунанд, акнун ман паҳлӯй бар замин наниҳам, то аз он қавм набошам ва баъд аз он сӣ сол намози бомдод ба таҳорати намози хуфтан кардӣ.

Нақл аст, ки сари зонуи ӯ чун сари зонуи шутур шуда буд аз бисёрӣ, ки дар сачда буд.

Нақл аст, ки тавонгареро тавозӯъ карда буд аз бахри имони ӯ. Гуфт: Ҳазор хатм кардаам каффорати онро.

Ва гуфтанд: Гоҳ будӣ, ки чихил бор хатми Қуръон кардӣ, то масъалае, ки ӯро мушкил будӣ, кашф шудӣ.

Накл аст, ки: Муҳаммад ибни Ҳасан, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, азим сохибчамол буд. Чун як бор ўро бидид, баъд аз он дигар ўро надид; ва чун дарси ў гуфтй, ўро дар паси сутуне нишондй, ки набояд, ки чашмаш бар вай афтад.

Накл аст, ки Довуди Той гуфт: Бист сол пеши Имом Абуҳанифа будам ва дар ин муддат ўро нигоҳ доштам дар халову мало. Сарбарахна нанишаст ва аз барои истироҳат пой дароз накард. Ўро гуфтам: Эй имоми дин! Дар ҳоли хилват агар пой дароз куни, чй бошад? Гуфт: Бо Худой адаби гўш доштан дар хилват авлотар.

Накл аст, ки рўзе мегузашт, кўдакеро дид, ки дар гил монда буд. Гуфт: Гуш дор, то наяфтй! Кўдак гуфт: Афтодани ман сахл аст, агар бияфтам, танҳо бошам; аммо ту гўш дор! Ки агар пои ту билағзад, ҳамаи мусалмонон, ки аз паси ту дароянд, билағзанд ва барҳостани ҳама душвор бувад. Имомро аз ҳазокати он кўдак ачаб омад ва дарҳол бигирист ва бо асҳоб гуфт: Зинҳор! Агар шуморо дар масъалае чизе зоҳир шавад ва далеле рушантар намояд, дар он мутобаати ман макунед! Ва ин нишони камоли инсоф аст, то лочарам Абуюсуф ва Муҳаммад, рахимахуму-л-Лоҳ, басе ақвол доранд дар масоили мухталиф бо он ки чунин гуфтаанд, ки: Тири ичтиходи ў бар нишона чунон рост омад, ки майл накард ва ичтиходи дигарон гирд бар гирд нишона буд.

Накл аст, ки марде молдор буд ва амиралмўъмин Усмон, разия-л-Лоҳу анҳу(ро) душман доштй, то ҳадде ки ўро чухуд хондй. Ин сухан ба Абуҳанифа расид. Ўро бихонд. Гуфт: Духтари ту ба фалон чухуд хоҳам дод. Ў гуфт: Ту имоми мусалмонон бошй, раво дорй, ки духтари мусалмонро ба чухуд диҳй? Ва ман худ ҳаргиз надиҳам. Абуҳанифа гуфт: Субҳоналлоҳ, чун раво намедорй, ки духтари худ ба чухуде дихй, чун раво бошад, ки Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду духтари худ ба чухуде дихад? Он мард дарҳол бидонист, ки сухан аз кучост. Аз он эътиқод баргашт ва тавба кард аз баракоти Имоми Абуҳанифа.

Накл аст, ки рўзе дар гармоба буд. Якеро дид беизор. Баъзе гуфтанд: Ў фосиқе аст ва баъзе гуфтанд: Ў дахрй аст. Абуҳанифа чашм барҳам ниход. Он мард гуфт: Эй имом! Рушнои чашм аз ту кай бозгирифтанд? Гуфт: Аз он гах

боз, ки ситр аз ту бардоштанд.

Ва гуфт: Чун бо қадарӣ мунозара кунӣ, ду сухан аст: Ё кофир шавад, ё аз мазҳаби худ баргардад. Ӯро бигӯй, ки: Худой хост, ки илми ӯ дар эшон рост шавад ва маълуми ӯ бо илм баробар ояд. Агар гӯяд: «на», кофир бошад, аз он ки чун гӯяд, ки нахост, ки илми ӯ рост шавад ва илм бо маълум баробар ояд, ин куфр бувад. Агар гӯяд, ки: хост, таслим кард ва аз мазҳаби хеш безор шуд.

Ва гуфт: Ман бахилро таъдил накунам ва гувоҳии ӯ нашнавам, ки бухл ӯро бар он дорад, ки истиқсо кунад ва зиёдат аз ҳаққи хеш ситонад.

Нақл аст, ки: масҷиде иморат мекарданд, аз баҳри табаррук аз Абуҳанифа чизе бихостанд, бар имом гарон омад. Мардумон гуфтанд; моро ғараз ба табаррук аст, он чӣ хоҳад, бидиҳад, дурусте зар бидод ба кароҳияте тамом. Шогирдон гуфтанд: Эй имом! Ту каримиву олимӣ ва дар сахо ҳамто надорӣ. Ин қадар зар додан чаро бар ту гарон омад? Гуфт: На аз ҷиҳати мол буд, валекин ман яқин медонам, ки моли ҳалол ҳаргиз ба обу гил харҷ наравад ва ман моли худро ҳалол медонам. Чун аз ман чизе хостанд, кароҳияти он буд, ки дар моли ҳалоли ман шубҳате падид омад ва аз он сабаб азим меранҷидам. Чун чанд рӯзе баромад, он дуруст бозоварданду гуфтанд: Башиз аст. Имом азим шод шуд.

Нақл аст, ки дар бозор мегузашт, миқдори нохуне гил бар ҷомаи ӯ чакид. Ба лаби Дақла рафт ва мешуст. Гуфтанд: Эй имом! Ту миқдори муайяни наҷосат бар ҷома рухсат медиҳӣ. Ва ин қадар гилро мешӯӣ? Гуфт: Оре, он фатво аст ва ин тақво аст, чунонки расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ним гирда Билолро иҷоза надод, ки мудаххар кунад ва яксола занонро қут ниҳод.

Ва гуянд, ки: Чун Довуди Тоӣ муқтадо шуд, Абуҳанифаро гуфт: Акнун чӣ кунем? Гуфт: Бар ту бод ба кор бастани илм! Ки ҳар илме, ки онро кор набандӣ, чун часаде бувад беруҳ.

Ва гӯянд: Халифаи аҳд ба хоб дид малакулмавтро. Аз ӯ пурсид, ки: Умри ман чанд мондааст? Малакулмавт панҷ ангушт бардошту бад-он ишорат кард. Таъбири ин хоб аз

бисёр кас пурсид. Маълум намешуд. Абуҳанифаро пурсид. Гуфт: Ишорати панҷ ангушт ба панҷ илм аст, яъне он панҷ илм кас надонанд ва ин панҷ илм дар ин оя аст, ки Ҳақ таоло мефармояд: «Инна-л-Лоҳа индаҳу илму-с-соъати ва йуназзилу-л-ғайса ва йаъламу мо фӣ-л-арҳоми ва мо тадрӣ нафсун мозо таксибу ғадан ва мо тадрӣ нафсун биаййи арзин тамут» (Сураи Лукмон, ояти 34).

Шайх Абуалӣ ибни Усмон ал-Ҷулло гӯяд, ки: ба Шом будам, бар сари хоки Билоли муаззин, разия-л-Лоҳу анҳу, хуфта будам. Дар хоб худро дар Макка дидам, ки пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз боби Бани Шайба даромадӣ ва пиреро дарбар гирифта, чунонки атфолро дарбар гиранд ба шафкате тамом. Ман пеши ӯ давидам ва бар пояш бӯса додам ва дар тааҷҷуби он будам, ки ин пир кист? Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ҳукми мӯъҷиза бар ботини ман муширф шуд ва гуфт: Ин имоми аҳли диёри ту аст, Абуҳанифа, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Накл аст, ки Навфал ибни Ҳайён гуфт: Чун Абуҳанифа вафот кард, қиёмат ба хоб дидам, ки ҷумлаи халоиқ дар ҳисобгоҳ истода буданд ва пайғамбар, алайҳи-с-саломро дидам бар лаби ҳавз истода ва ба ҷониби ӯ аз росту чап машоих дидам истода ва пире дидам некӯрӯй ва сару рӯи вай сафед, рӯй ба рӯи пайғамбар ниҳода. Ва Имом Абуҳанифаро дидам дар баробари пайғомбар истода. Салом кардам, гуфтам: Маро об дех! Гуфт: То пайғамбар иҷоза диҳад. Пас пайғамбар фармуд, ки: Ӯро об дех! Ҷоме об ба ман дод. Ман ва асҳоб аз он ҷом об хӯрдем, ки ҳеч кам нашуд. Бо Абуҳанифа гуфтам: Ба рости пайғамбар, он пир кист? Гуфт: Иброҳими Халил; ва бар чап, Абубакри Сиддиқ. Ҳамчунин пурсидам ва ба ангушт икд мегирифтам, то ҳафдаҳ кас пурсидам, чун бедор шудам, ҳафдаҳ икд гирифта будам.

Яҳё Муози Розӣ гуфт: Паёмбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро ба хоб дидам. Гуфтам: «Айна атлубука? Қола: Инда илми Абӣ Ҳанифа» ва манокиби ӯ бисёр аст ва маҳомиди ӯ бешумор; ва пӯшида нест. Бар ин хатм кардем.

19. ЗИКРИ ИМОМ ШОФЕЙ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он султони шариату тариқат, он бурҳони муҳаббату ҳақиқат, он муфтии асрори илоҳӣ, он маҳдии атвори номутаноҳӣ, он ворис ва ибни амми набӣ, ватади олам, Шофеии муталлиби, разия-л-Лоҳу анҳу.

Шарҳи ӯ додан ҳоҷат нест, ки ҳамаи олам пури нур аз шарҳи садри ӯст.

Фазоилу маноқиби ӯ ва шамоили ӯ бисёр аст. Васфи ӯ ин тамом аст, ки шӯъбаи давҳаи набавӣ аст ва меваи шаҷараи мустафвӣ аст. Ва дар фаросату сиёсат ва киёсат ягона буд ва дар мурувватu футувват уъҷуба буд: ҳам карими ҷаҳон буд ва ҳам ҷаводи замон ва ҳам афзали аҳду ҳам аълами вақт. Ва ҳам «ҳуҷҷату-л-аимма мин Қурайш», ҳам муқаддами «қаддиму Ола Қурайш». Риёзату каромати ӯ на чандон аст, ки ин китоб ҳамли он тавонад кард.

Дар сездаҳсолагӣ дар ҳарам гуфт: «Салуни мо шиътум» ва дар понздаҳсолагӣ фатво медод. Аҳмади Ҳанбал, ки имоми ҷаҳон буд ва сесад ҳазор ҳадис ҳифз дошт, ба шогирдии ӯ омад ва дар ғошиядорӣ сар бараҳна кард. Қавме бар ӯ эътироз карданд, ки: Марде бад-ин дараҷа дар пеши бисту панҷсолае менишинад ва суҳбати машоиху устодони олӣ тарк мекунад. Аҳмад гуфт: Ҳар чӣ мо ёд дорем, маънии он медонад, ки агар ӯ ба мо наяфтодӣ, мо бар дар хостем монд, ки аз ҳақоику ахбор ва оёт он чӣ фаҳм кардааст, мо ҳадис беш надонистем, аммо ӯ чун офтобе аст ҷаҳонро ва чун офияте аст халкро.

Ва ҳам Аҳмад гуфт, ки: Дари фиқҳ бар халқ баста буд. Ҳақ таоло он дар ба сабаби ӯ гушода кард.

Ва ҳам Аҳмад гуфт: Намедонам, касеро, ки миннати ӯ бузургтар аст бар ислом дар аҳди Шофеӣ илло Шофеиро.

Ва ҳам Аҳмад гуфт: Шофеӣ файласуф аст дар ҷаҳор

илм: дар луғат ва ихтилофуннос ва илми фиқҳу илми маонӣ.

Ва ҳам Аҳмад гуфт: Дар маънии ин ҳадис, ки Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фармуд, ки: Бар сари ҳар сад сол мардеро барангезонанд, то дини ман дар халқ омӯзонад ва он Шофеӣ аст.

Ва Саврӣ гуфт: Агар ақли Шофеиро вазн карданӣ бо ақли як ниман халқ, ақли ӯ рочеҳ омадӣ.

Ва Билоли Хавос гӯяд, ки: Аз Хизр пурсидам, ки: Дар ҳаққи Шофеӣ чӣ гӯӣ? Гуфт: Аз автод аст.

Ва дар ибтидо дар ҳеч аруси ва даъват нарафтӣ ва пайваста гирёну сӯзон будӣ.

Ҳанӯз тифл буд, ки хилъати ҳазорсола дар сари ӯ афганданд, пас ба Салими Роъӣ афтод ва дар сӯҳбати ӯ басе буд, то дар тасарруф бар хама собиқ шуд, чунонки Абдуллоҳи Ансорӣ гӯяд, ки: Ман мазҳаби ӯ надорам, Имом Шофеиро дӯст медорам аз он, ки дар ҳар мақоме, ки менигарам, ӯро дар пеш мебинам.

Шофеӣ гӯяд, ки: расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро ба хоб дидам. Маро гуфт: Эй писар, ту кисти? Гуфтам: Ё расулуллоҳ ! Яке аз гурӯҳи ту. Гуфт: Наздик ой! Наздик шудам, оби даҳани худ бигрифт, то ба даҳани ман кунад. Ман даҳан боз кардам, чунонки ба лабу даҳон ва забони ман расид. Пас гуфт: Акнун бирав, ки Худой ёри ту бод! Ва ҳам дар он соат Алии Муртазоро ба хоб дидам, ки ангуштарии худ берун кард ва дар ангушти ман кард, то илми Алӣ ва набӣ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар ман сироят кунад. Чунонки Шофеӣ шашсола буд, ки ба дабиристон мерафт.

Ва модараш зоҳидае буд аз Банӣ Ҳошим; ва мардум амонат бад-ӯ месупурданӣ. Рӯзе ду кас биёмаданд ва ҷомадоне бад-ӯ супурданд. Баъд аз он, яке аз он ду биёмад ва ҷомадон хост ба хӯи хуш, бад-ӯ дод. Баъд аз он якчанде, он дигар биёмад ва ҷомадон талабид. Гуфт: Ба ёри ту додам. Гуфт: На қарор кардем, ки то ҳар ду ҳозир набошем, бознадиҳӣ? Гуфт: Бале. Гуфт: Акнун, чаро додӣ? Модари Шофеӣ малул шуд. Шофеӣ даромад ва гуфт: Эй модар! Чаро малул шудай? Ҳол бозгуфт. Шофеӣ гуфт: Ҳеч бок нест. Муддаӣ кучост? То ҷавоб гӯем. Муддаӣ гуфт: Манам.

Шофеӣ гуфт: Ҷомадони ту барҷост. Бирав ва ёри худ биёвар ва бистон! Он мардро аҷаб омад ва муваккали қозӣ, ки оварда буд, мутаҳаййир шуд аз сухани ӯ ва бирафтанд.

Баъд аз он ба шогирдии Молик афтод ва Молик ҳафтоду андсола буд. Бар дари сарои Молик биншаст ва ҳар фатво, ки берун омадӣ, бидидӣ ва мустафтиро гуфтӣ: Бозгард ва бигӯй, ки: Беҳтар аз ин эҳтиёт кун. Чун бидидӣ, ҳақ ба дасти Шофеӣ будӣ ва Молик бад-ӯ менозидӣ. Ва дар он вақт халифа Ҳорунаррашид буд.

Нақл аст, ки Ҳорун шабе бо Зубайда мунозара кард. Зубайда Ҳорунро гуфт: Эй дӯзахӣ! Ҳорун гуфт: Агар ман дӯзахиям, «Фа анта толиқун». Аз якдигар чудо шуданд; ва Ҳорун Зубайдаро азим дӯст медошт. Нафир аз ҷони ӯ баромад. Мунодӣ фармуд ва уламои Бағдодро ҳозир кард ва ин масъаларо фатво карданд. Ҳеч кас ҷавоб нанавишт, гуфтанд: Худой донад, ки Ҳорун дӯзахӣ аст, ё биҳиштӣ. Кудаке аз миёни ҷамъ бархост ва гуфт: Ман ҷавоб диҳам. Халқ тааҷҷуб карданд, гуфтанд: Магар девона аст! Ҷое, ки чандин уламои фахул оҷизанд, ӯро чӣ маҷоли сухан бувад? Ҳорун ӯро бихонд ва гуфт: Ҷавоб гӯй! Гуфт: Ҳоҷат турост ба ман, ё маро ба ту? Гуфт: Маро ба ту. Шофеӣ гуфт: Пас аз тахт фуруд ой! Ки ҷои уламо баланд аст. Халифа ӯро бар тахт нишонд. Пас Шофеӣ гуфт: Аввал, ту масъалаи маро ҷавоб деҳ! То он гоҳ ман масъалаи туро ҷавоб диҳам. Ҳорун гуфт: Суол чист? Гуфт: Он ки ҳаргиз бар ҳеч маъсият қодир шудай? Ва аз бими Худой бозистодай? Гуфт: Бале, ба Худой, ки чунин аст. Гуфт: Ман ҳукм кардам, ки ту аз аҳли биҳиштӣ. Уламо овоз баровардаанд, ки: Ба чӣ далел ва ҳуҷҷат? Гуфт: Ба Қуръон, ки Ҳақ таоло мефармояд: «Ва аммо ман хофа мақома раббиҳи ва наҳо-н-нафса ани-л-ҳаво фаинна-л-ҷанната ҳийа-л-маъво» (Сураи Нозиот, ояти 40) - Ҳар кӣ ӯ қасди маъсият кунад ва бими Худой ӯро аз он боздошт, биҳишт ҷои ӯст. Ҳама фарёд баровардаанд ва гуфтанд: Дар ҳоли туфулият чунин бувад, дар шабоб чун бувад?

Нақл аст, ки як бор дар миёни дарс дах бор бархост ва биншаст. Гуфтанд: Чӣ ҳол аст? Гуфт: Алавизодае бар дар бозӣ мекунад, ҳар бор ки дар баробари ман ояд, ҳурмати ӯро бармехезам, ки раво набувад, ки фарзанди расул, салла-

л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фароз ояд ва барнахезй.

Накл аст, ки вақте касе моле фиристод, то бар муҷовирони Макка сарф кунанд ва Шофей он ҷо буд, баъзе аз он мол наздики ӯ бурданд. Гуфт: Худованди мол чй гуфтааст? Гуфт: Ӯ васият кардааст, ки ин мол бар дарвешони муттакй дихед. Шофей гуфт: Маро аз ин мол нашояд гирифт, ман на муттакиям. Ва нагирифт.

Накл аст, ки вақте аз Санъо ба Макка омад ва даҳ ҳазор динор бо вай. Гуфтанд: Зиёе бояд харид, ё гӯсфанд. Аз беруни Макка хаймае бизад ва он зар фуру рехт, ҳар кй меомад, муште ба вай медод. Намози пешин хеч намонд.

Накл аст, ки аз билоди Рум ҳар сол мол бисёр мефиристоданд ба Ҳорунаррашид. Як сол рухбоне чанд бифиристоданд, то бо донишмандон баҳс кунанд, агар эшон бех донанд, мол бидихем ва илло, аз мо дигар мол маталабед! Чахорсад марди тарсо биёмаданд. Халифа фармуд, то мунодй карданд ва чумлаи уламои Бағдод бар лаби Дачла ҳозир шуданд. Пас Ҳорун Шофеиро талабид ва гуфт: Ҷавоби эшон туро мебояд кард. Чун ҳама бар лаби Дачла ҳозир шуданд, Шофей саҷҷода бар дӯш андохту бирафт ва бар сари об андохт ва гуфт: Ҳар кй бо мо баҳс мекунад, ин ҷо ояд. Тарсоён чун он бидиданд, чумла мусалмон шуданд ва хабар бар қайсари Рум расид, ки: Эшон мусалмон шуданд бар дасти Шофей. Қайсар гуфт: Алҳамдулиллоҳ, ки он мард ин ҷо наёмад, ки агар ин ҷо омадй, дар ҳамаи Рум зуннордоре намондй.

Накл аст, ки чамоате бо Ҳорун гуфтанд, ки: Шофей Қуръон ҳифз надорад ва чунон буд, лекин куввати ҳофизаи ӯ чунон буд, ки Ҳорун хост, ки имтиҳон кунад, моҳи рамазон имомиаш фармуд. Шофей ҳар рӯз чузве Қуръон мутолаа мекард ва ҳар шаб дар таровеҳ бармехонд, то дар моҳи рамазон ҳамаи Қуръон ҳифз кард.

Ва дар ахди ӯ зане буд, ки дурӯй буд. Шофей хост, ки ӯро бинад, ба сад динор ӯро акд кард ва бидид. Пас талок дод.

Ва ба мазҳаби Аҳмади Ҳанбал ҳар кй як намоз амдан раҳо кунад, кофир шавад ва ба мазҳаби Шофей нашавад: ӯро азобе кунанд, ки куффорро накунанд. Шофей Аҳмадро

гуфт: Чун яке тарки намоз кунад, кофир шавад, чӣ кунад, то мусалмон шавад? Гуфт: Намоз кунад. Шофеӣ Ахмадро гуфт: Намоз чун дуруст бувад аз кофир? Ахмад хомӯш шуд аз ин сухан, ки асрори фикҳ аст ва суолу ҷавоб бисёр аст; аммо ин китоб ҷои ин сухан нест.

Ва гуфт: Агар олимеро бинӣ, ки ба рухас ва таъвилот машғул гардад, бидон, ки аз ӯ ҳеч наёяд.

Ва гуфт: Ман бандаи касеям, ки маро як ҳарф аз одоб таълим кардааст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ илм дар чуҳҳол омӯзад, ҳаққи илм зоеъ карда бошад ва ҳар кӣ илм аз касе, ки шоиста бошад, боздорад, зулм кардааст.

Ва гуфт: Агар дунёро ба гирдаи нон ба ман бифурӯшанд, нахарам.

Ва гуфт: Ҳар киро ҳиммат он бувад, ки чизе дар шиками ӯ шавад, қимати ӯ он бувад, ки аз шиками ӯ берун ояд.

Вақте яке ӯро гуфт: Маро панде деҳ! Гуфт: Чандон ғабтат бар бар зиндагон, ки бар мурдагон мебарӣ; яъне ҳаргиз нагӯӣ: Дареғо, ки ман низ чандон сим ҷамъ накардаам, ки ӯ кард ва бигзошт ба ҳасрат, балки ғабтат бар он барӣ, ки чандон тоат, ки ӯ кард, боре ман кардаме! Дигар ҳеч кас бар мурда ҳасад набарад; бар зинда бояд, ки набарад, ки ин зинда низ зуд хоҳад мурд.

Нақл аст, ки Шофеӣ рӯзе вақти худ гум кард, ба ҳамаи мақомҳо бигардид ва ба харобот баргузашт ва ба масҷиду мадраса ва бозор бигзашт, наёфт; ва ба хонақоҳе баргузашт, ҷамъе сӯфиён дид, ки нишаста буданд. Яке гуфт: Вақтро азиз доред, ки вақт биёяд. Шофеӣ рӯй ба ходим кард ва гуфт: Инак, вақт бозёфтам. Бишнав, ки чӣ мегӯянд!

Абӯсаид, раҳмату-л-Лохи алайҳ, нақл мекунад, ки Шофеӣ гуфт, ки: Илми ҳамаи олам дар илми ман нарасид ва илми ман дар илми сӯфиён нарасид ва илми эшон дар илми як сухани пири эшон нарасид, ки гуфт: «ал-Вақту сайфун қотиъун».

Ва Рабеъ гуфт: Дар хоб дидам, ки пеш аз марги Шофеӣ, ки Одам, алайҳи-с-салом, вафот карда будӣ ва халқ мехостанд, ки ҷаноза берун оранд. Чун бедор шудам, аз муаббире пурсидам. Гуфт: Касе, ки олимтарини замона бувад,

вафот кунад, ки илм хосияти одам аст, ки: «Ва аллама Одама-л-асмоа куллаҳо» (Сураи Бақара, ояти 31). Пас дар он наздикӣ Шофеӣ вафот кард.

Нақл аст, ки вақти вафот васият кард, ки: Фалон бигӯед, то маро бишӯяд! Ва он шахс ба Миср буд. Чун бозомад, бо вай гуфтанд, ки: Шофеӣ чунин васият кард, ки: Фалон бигӯед, то маро бишӯяд. Гуфт: Тазкираи ӯ биёред. Пас тазкира биёварданд пеши он шахс, ки Шофеӣ васият карда буд. Баъд аз он, мард дар тазкира нигоҳ кард ва дар он чо навишта буд, ки: ҳазор дирам вом дорам. Пас он мард вомӣ ӯ бигузорид ва гуфт: Шустан ӯро ин бувад.

Ва Рабеъ ибни Сулаймон гуфт: Шофеиро ба хоб дидам, гуфтам: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Маро бар курсӣ нишонд, зару марворид бар ман нисор кард ва ҳафсад бор чанди дунё ба ман дод, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

20. ЗИКРИ ИМОМ АҲМАДИ ҲАНБАЛ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он имоми дину суннат, он муқтадои мазҳабу миллат, он ҷаҳони дирояту амал, он макони кифояти бебадал, он соҳибтабаи замона, он соҳибвараи ягона, он суннии охиру аввал, имоми баҳақ, Аҳмади Ҳанбал, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Шайхи суннату ҷамоат буд ва имоми дину давлат ва ҳеч касро дар илми аҳодис он ҳақ нест, ки ӯро ва дар вараъу тақво ва риёзату каромат шаъне азим дошт. Ва соҳибфаросат буд ва мустаҷобуддаъват.

Ва чумлаи фирақ ӯро муборак доштаанд аз ғояти инсоф ва аз он чи бар ӯ икрор карданд, муқаддас ва мубаррост, то ҳадде ки писараш як рӯз маънии ин ҳадис мегуфт: «Хаммара тината Одама бийадихи» ва дар ин маънӣ гуфтан даст аз остин берун карда буд. Аҳмад гуфт: Чун сухани ядуллоҳ гӯй, ба даст ишора макун!

Ва басе машоихи кибор дида буд чун Зуннуну Бишри Ҳофӣ ва Сарии Сақативу Маъруфи Кархӣ ва монанди эшон.

Ва Бишри Ҳофӣ гуфт: Аҳмадро се хислат аст, ки маро нест: ҳалол талаб кардан ҳам барои худ ва ҳам барои аёл ва ман барои худ талаб кунам.

Пас Сарии Сақатӣ гуфт: Ӯ пайваста музтарр буд дар ҳоли ҳаёт аз таъни мӯътазила ва дар ҳоли вафот дар ҳаёли мушаббаҳа; ва ӯ аз ҳама барӣ.

Накл аст, ки чун дар Бағдод мӯътазила ғалаба карданд, гуфтанд: Ӯро таклиф бояд кард, то Қуръон махлуқ гӯяд! Пас ӯро ба сарои халифа бурданд. Сарҳанге бар дари сарои халифа буд. Гуфт: Эй имом! Зинҳор, то мардона бошӣ, ки вақте дуздӣ кардам, ҳазор чӯбам бизаданд, муқирр нашудам, то окибат раҳоӣ ёфтам. Ман бар ботил чунин сабр кардам, ту ки бар ҳаққӣ, авлотар бошӣ! Аҳмад гуфт: Он сухани ӯ ёрие буд маро. Пас ӯро мебурданд - ва ӯ пир ва заиф буд -

бар укобайн кашиданд ва хазор тозиёна бизаданд, ки: Қуръонро махлуқ гӯй! Ва нагуфт; ва дар он миёна банди изораш гушода шуд ва дастхои ӯ баста буданд. Ду даст аз ғайб падид омаду бибаст. Чун ин бурҳон бидиданд, рахо карданд ва ҳам дар он вафот кард.

Ва дар охири кор кавме пеши ӯ омаданд ва гуфтанд: Дар ин қавм, ки туро ранҷондаанд, чи гӯй? Гуфт: Аз барои Худой маро мезаданд, пиндоштанд, ки: бар ботилам. Ба мучаррадии захми чӯб бо эшон ба қиёмат ҳеч хусумат надорам.

Нақл аст, ки чавоне модари бемор дошт ва заман шуда. Рӯзе гуфт: Эй фарзанд! Агар хушнудии ман мехоҳӣ, пеши имом Аҳмад рав ва бигӯ, то дуо кунад барои ман, магар Ҳақ таоло сиҳат дихад, ки маро дил аз ин беморӣ бигирифт. Чавон ба дари хонаи имом Аҳмад шуд ва овоз дод. Гуфтанд: Кист? Гуфт: Мухточе. Ва ҳол бозгуфт, ки: Модари бемор дорам ва аз ту дуое металабад. Имом азим карохият дошт аз он маънӣ, ки: Маро худ чаро мешиносад? Пас имом бархост ва ғусл кард ва ба намоз машғул шуд. Ходими имом гуфт: Эй чавон! Ту бозгард, ки имом ба кори ту машғул аст. Чавон бозгашт. Чун ба дари хона расид, модараш бархост ва дар бигушод ва сиҳҳати кулли ёфт ба фармони Худои таоло.

Нақл аст, ки бар лаби обе вузӯ месохт. Дигаре болои ӯ вузӯ месохт, ҳурмати имомро бархост ва зери имом шуду вузӯ сохт. Чун он мард вафот кард, уро ба хоб диданд, гуфтанд: Худой, бо ту чӣ кард? Гуфт: Бар ман рахмат кард, бад-он ҳурматдошт, ки он имомро кардам дар вузӯ сохтан.

Нақл аст, ки Аҳмад гуфт: Ба бодия фурӯ шудам ба танҳо. Роҳ гум кардам. Аъробиеро дидам ба гӯшае нишаста тоза. Гуфтам: Биравам ва аз вай бипурсам. Рафтаму пурсидам. Гуфт: Маро гурусна аст. Порае нон доштам ва бад-ӯ медодам. Ӯ даршӯрид, гуфт: Эй Аҳмад! Ту кий, ки ба хонаи Худой равӣ? Ба рӯзӣ расонидан аз Худой розӣ набошӣ, лочарам роҳ гум куний. Аҳмад гуфт: Оташи ғайрат дар ман афтод, гуфтам: Илоҳо! Туро дар гӯшахо чандин бандагонанд пӯшида. Он мард гуфт: Чӣ меандешӣ, эй Аҳмад? Чӣ меандешӣ? Уро бандагонанд, ки агар ба Худои таоло савганд диханд, чумлаи замин ва кӯҳҳо зар гардад барои эшон. Ахмад гуфт: Нигах кардам, чумлаи он замин ва кӯҳ зар шуда буд.

Аз худ бишудам. Ҳотифе овоз дод, ки: Чаро дил нигоҳ надорӣ, эй Ахмад? Ки ӯ бандае аст моро, ки агар хоҳад, аз барои ӯ осмон бар замин занем ва замин бар осмон. Ва ӯро ба ту намудем, аммо низаш набинӣ.

Накл аст, ки Ахмад дар Бағдод нишастӣ, аммо ҳаргиз нони Бағдод нахӯрдӣ ва гуфтӣ: Ин заминро амиралмӯъминин Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, вакф кардааст бар ғозиён ва зар ба Мавсил фиристодӣ, то аз он ҷо орд оварданд ва аз он нон хӯрдӣ.

Писараш, Солеҳ ибни Ахмад, як сол дар Исфаҳон қозӣ буд ва соимуддаҳру қоимуллайл буд ва дар шаб ду соат беш нахуфтӣ ва бар дари сарои худ хонае бедар сохта буд ва шаб он ҷо нишастӣ, ки набояд, ки дар шаб касеро муҳиме бошад ва дар баста ёбад. Инчунин қозие буд. Як рӯз барои имоми Ахмад нон мепухтанд, хамирмоя аз они Солеҳ бистаданд, чун нон пеши Ахмад оварданд, гуфт: Ин нонро чӣ будааст? Гуфтанд: Хамирмоя азони Солеҳ аст. Гуфт: Охир, ӯ як сол қазои Исфаҳон кардааст, ҳалқи моро нашояд. Гуфтанд: Пас, инро чӣ кунем? Гуфт: Бинихед! Чун соиле биёяд, бигӯед, ки хамир аз они Солеҳ аст, агар мехоҳед, бистонед. Чиҳил рӯз дар хона буд, ки соиле наомад, ки бистонад. Он нон бӯй гирифт ва дар Дачла андохтанд. Ахмад гуфт: Чӣ кардед он нон? Гуфтанд: Ба Дачла андохтем. Ахмад баъд аз он ҳаргиз моҳии Дачла нахӯрд.

Ва дар тақво то ҳадде буд, ки гуфт: Дар чамъе агар хама сурмадоне симин бувад, набояд нишастан!

Накл аст, ки як бор ба Макка рафта буд пеши Суфён Уйайнаҳ, то ахбор самоъ кунад. Як рӯз нарафт. Касе фиристод, то бидонад, ки чаро наёмадааст? Чун бирафт, Ахмад ҷома ба гозур дода буд ва бараҳна нишаста буд ва натавонист берун омад. Марде бари эшон омад ва гуфт: Ман чандин динор бидиҳам, то дар вақҳи худ ниҳӣ! Гуфт: На. Гуфт: Ҷомаи худ орият дихам. Гуфт: На. Гуфт: Бознагардам, то тадбири он накунӣ! Гуфт: Китобе менависам, аз музди он карбос бихар барои ман. Гуфт: Китоб бихарам. Гуфт: На, остар бистон даҳ газ, то панҷ газ ба пироҳан кунам ва панҷ газ ба чиҳати изорпой.

Накл аст, ки Ахмадро шогирде меҳмон омад. Он шаб

кӯзае об пеши ӯ бурд. Бомдод ҳамчунон пур буд. Аҳмад гуфт: Чаро кӯзаи об ҳамчунон пур аст? Толибилм гуфт: Чӣ кардаме? Гуфт: Таҳорат ва намози шаб ва илло ин илм ба чӣ меомӯзӣ?

Нақл аст, ки Аҳмад муздуре дошт. Намози шом шогирдеро гуфт, то зиёдат аз музд чизе ба вай диҳад. Муздур нагирифт. Чун бирафт, имом Аҳмад фармуд, ки: Бар ақиби ӯ бибар, ки бистонад. Шогирд гуфт: Чӣ гуна? Гуфт: Он вақт дар ботини худ тамаи он надида бошад, ин соат чун бинад, бистонад.

Вақте шогирди деринаро маҳчур кард, ба сабаби он ки беруни дари хонаро ба коҳгил бияндуда буд. Гуфт: Як нохун аз шохрохи мусалмон гирифтай, туро нашояд илм омӯхтан.

Имом вақте сатиле ба гарав ниҳода буд. Чун бозмегирифт, баққол ду сатил оварда, гуфт: Они худ бардор, ки ман намешиносам, ки аз они ту кадом аст? Имом Аҳмад сатил ба вай рахо кард ва бирафт.

Нақл аст, ки муддате Аҳмадро орзуи Абдуллохи Муборак мекард, то Абдуллоҳ он ҷо омад. Писари Аҳмад гуфт: Эй падар! Абдуллохи Муборак ба дари хона аст, ки ба дидани ту омадааст. Имом Аҳмад роҳ надод, (!) писараш гуфт: Дар ин чӣ ҳикмат аст, ки солҳост, то дар орзуи ӯ месӯхтӣ, акнун, ки давлате чунин ба дари хонаи ту омадааст, роҳ намедиҳӣ? Аҳмад гуфт: Чунин аст, ки ту мегӯй, аммо метарсам, ки агар ӯро бубинам, ҳӯкардаи лутфи ӯ шавам, баъд аз он тоқати фироқи ӯ надорам, ҳамчунин бар бӯи ӯ умр мегузорам, то он ҷо бинам, ки фироқ дар пай набошад.

Ва ӯро калимоте олӣ аст дар муомалот; ва ҳар кӣ аз ӯ масъалае пурсидӣ, агар муомалате будӣ, ҷавоб додӣ ва агар аз ҳақоиқ будӣ, ҳаволат бар Бишри Хофӣ кардӣ.

Ва гуфт: Аз Худои таоло дархостам, то даре аз хавф бар ман бигушод, то чунон шудам, ки бими он буд, ки худ аз ман зоил шавад. Дуо кардам, гуфтам: Илоҳо! Тақарруб ба чӣ чиз фозилтар? Гуфт: Ба каломи ман, Қуръон.

Пурсиданд, ки: Ихлос чист? Гуфт: Он, ки аз офоти аъмол халос ёбӣ.

Гуфтанд: Таваккул чист? Гуфт: «ас-Сиқату би-л-Лоҳи» - Бовардоштӣ Худой дар рӯзӣ.

Гуфтанд: Ризо чист? Гуфт: Он, ки корҳои худ ба Худой супорй.

Гуфтанд: Муҳаббат чист? Гуфт: Ин аз Бишр пурсед! Ки то ӯ зинда бошад, ман ин ҷавоб нагӯям.

Гуфтанд: Зӯҳд чист? Гуфт: Зӯҳд се аст: тарки ҳаром ва ин зӯҳди авом аст; ва тарки афзунй аз ҳалол ва ин зӯҳди хос аст; ва тарки ҳар чй туро аз Ҳақ машғул кунад ва ин зӯҳди орифон аст.

Гуфтанд: Ин суфиён, ки дар масҷиди одина нишастаанд бар таваккул, бе илм? Гуфт: Ғалат мекунед! Ки эшонро илм нишондааст.

Гуфтанд: Ҳамаи ҳиммати эшон дар нони шикаста бастааст. Гуфт: Ман намедонам қавмеро бар рӯи замин, бузургҳимматтар аз он қавм, ки ҳиммати эшон порае нон беш набувад.

Ва чун вафоташ наздик омад аз он захм, ки гуфтам, ки дар дарачаи шуҳадо буд, дар он ҳолат ба даст ишорат мекард ва ба забон мегуфт: На ҳанӯз! Писараш гуфт: Эй падар! Ин чй ҳол аст? Гуфт: Вақт бо хатар аст, чй вақти ҷавоб аст? Ба дуо мададе кун! Аз ҷумлаи он ҳозирон, ки бар болинанд, «Ани-л-йамини ва ани-ш-шимоли қоъидун», яке Иблис аст дар баробар истода ва хоки идбор бар сар мерезад ва мегӯяд: Эй Аҳмад! Ҷон бурдй аз дасти ман. Ман мегӯям: На ҳанӯз! На ҳанӯз, то як нафас мондааст, ҷои хатар аст, на ҷои амн.

Ва чун вафот кард, ҷанозаи ӯ бардоштанд, мурғон меомаданд ва худро бар ҷанозаи ӯ мезаданд, то чиҳилу ду ҳазор габру ҷуҳуд ва тарсо мусалмон шуданд ва зуннорҳо меандохтанд ва наъра мезаданд ва «Ло илоҳа илла-л-Лоҳ» мегуфтанд ва сабаб он буд, ки Ҳақ таоло гиря бар чаҳор қавм андохт ба ифрот дар он рӯз: яке бар муғону дигар бар ҷуҳудон ва дигар бар тарсоёну дигар бар мусалмонон.

Аммо аз бузурге пурсиданд, ки: Назари ӯ дар ҳаёт беш буд, ё дар мамот? Гуфт: Ӯро ду дуо мустаҷоб буд, яке он, ки гуфтй: Бор Худоё! Ҳар киро имон надодай, бидеҳ; ва ҳар киро имон додай, бозмаситон! Аз ин ду дуо яке дарҳол иҷобат афтод, то ҳар киро имон дода буд, бознагирифта; ва дигар дар ҳоли марг, то эшонро ислом рӯзй кард.

Ва Муҳаммад ибни Хузайма гуфт: Аҳмадро ба хоб дидам,

баъд аз вафот, ки меланғиди. Гуфтам: Ин чӣ рафтор аст? Гуфт: Рафтани ман ба доруссалом. Гуфтам: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Биёмурзид ва тоҷ бар сари ман ниҳод ва наълайн дар пои ман кард. Гуфт: Ё Аҳмад! Ин аз барои он аст, ки гуфтӣ: Қуръон махлуқ нест. Пас фармуд, ки маро бихон бад-он дуоҳо, ки ба ту расад. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

21. ЗИКРИ ДОВУДИ ТОЙ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он шамъи донишу биниш, он чароғи офариниш, он омили тариқат, он олими ҳақиқат, он марди худой, Довуди Той, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз акобири ин тоифа буд ва саййидулқавм. Ва дар вараъ ба ҳадди камол буд; ва дар анвои улум бахраи тамом дошт, хоса дар фиқҳ, ки бар сар омада буд ва мутааййин гашта ва бист сол Абуҳанифаро шогирдй карда буд. Ва Фузайл ва Иброхими Адҳамро дида ва пири тариқати у Ҳабиби Роъй буд.

Ва аз аввали кор дар андаруни у ҳузне ғолиб буд ва пайваста аз халқ рамида буд ва сабаби тавбаи у ин буд, ки навҳагаре ин байт мегуфт - шеър:

«Биайй хаддайка табадда-л-било?

Вааййу айнайка изан соло?»

Кадом мӯю рӯй буд, ки дар хок рехта нашуд? Ва кадом чашм аст, ки дар замин рехта нагашт. Дарде азим аз ин маънй ба вай фуруд омад ва қарор аз вай бирафт. Мутаҳаййир гашт ва ҳамчунин ба дарси имом Абуҳанифа рафт. Имом уро бар ин ҳол дид, гуфт: Туро чй будааст? У воқеа бозгуфт ва гуфт: Дилам аз дунё сард шудааст ва чизе дар ман падид омадааст, ки рох бад-он намедонам ва дар ҳеч китоб маънии он намеёбам ва ба ҳеч фатво дарнамеояд. Имом гуфт: Аз халқ эъроз кун! Довуд рӯй аз халқ бигардонид ва дар хонае мӯътакиф шуд. Чун муддате баромад, имом Абуҳанифа пеши у рафт ва гуфт: Ин коре набошад, ки дар хона мутаворй шавй ва сухан нагӯй. Кор он бошад, ки дар миёни аимма нишинй ва сухани номаълуми эшон бишнавй ва бар он сабр кунй ва ҳеч нагӯй; ва он гоҳ масоил бех аз эшон донй.

Довуд донист, ки чунон аст, ки у мегӯяд. Як сол ба дарс омад ва миёни аимма биншаст ва ҳеч нагуфт ва ҳар чй

мегуфтанд, сабр мекард. Ва ҷавоб намедод ва бар истимоъ басанда мекард. Чун як сол тамом шуд, гуфт: Ин сабри яксолаи ман кори сисола буд, ки карда шуд. Пас ба Ҳабиби Роъӣ афтод ва гушоиши ӯ дар ин роҳ аз ӯ буд. Ва мардона пой дар ин роҳ ниҳод ва кутубро ба об фурӯ дод ва узлат гирифт ва умед аз халқ мункатеъ гардонид.

Нақл аст, ки бист динор ба мерос ёфта буд, дар бист сол меҳӯрд; то машоих, баъзе гуфтанд, ки: Тариқат исор аст, на нигоҳ доштан. Ӯ гуфт: Ман ин қадар аз он медорам, ки сабаби фароғати ман аст, то ба ин месозам, то бимирам. Ва ҳеч аз кор кардан наёсуд, то ҳадде ки нон дар об мениҳодӣ ва биёшомидӣ, гуфтӣ: Миёни ин ва хӯрдан, панҷоҳ оят аз Қуръон барметавон хонд, рӯзгор чаро зоеъ кунам?

Абубакри Айёш гӯяд: Ба ҳучраи Довуд рафтам, ӯро дидам пораи нони хушк дар даст дошт ва мегирист. Гуфтам: Довуд! Чӣ будааст туро? Гуфт: Мехоҳам, ки ин пораи нон бихӯрам ва намедонам, ки ҳалол аст, ё ҳаром. Яке дигар гуфт: Пеши ӯ рафтам, сабӯе об дидам дар офтоб ниҳода, гуфтам: Чаро дар соя нанихӣ? Гуфт: Чун он ҷо бинҳодам, сояе буд, акнун аз Худой шарм дорам, ки аз бахри нафс танаъъум кунам.

Нақл аст, ки сарое дошт азим. Дар он ҷо хонаи бисёр буд ва то он соат дар хонае муқим будӣ, ки хароб шудӣ. Пас дар хонаи дигар шудӣ. Гуфтанд: Чаро иморати хона накунӣ? Гуфт: Маро бо Худой аҳде аст, ки дунёро ободон накунам.

Нақл аст, ки ҳамаи сарой фурӯ афтод, ҷуз дахлез намонд; он шаб, ки вафот кард, дахлез низ фурӯ афтод.

Яке дигар пеши ӯ рафт ва гуфт: Сақфи хона шикастааст, бихоҳад афтод. Гуфт: Бист сол аст, ки то ин сақфро надидаам.

Нақл аст, ки гуфтанд: Чаро бо халқ нанишинӣ? Гуфт: Бо кӣ нишинам? Агар бо хурдтар аз худ нишинам, маро ба кори дин амр намекунанд ва агар бо бузургтар нишинам, айби ман бар ман намегӯянд ва маро дар чашми ман меороянд. Пас сӯҳбати халқро чӣ кунам?

Гуфтанд: Чаро зан нахоҳӣ? Гуфт: Муъминаеро натвонам фирефт. Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Чун ӯро бихоҳам, дар гардани ҳуд карда бошам, ки ман бар корҳои ӯ қиём намоям - диниву дунёӣ - чун натвонам кард, пас ӯро фирефта бошам. Гуфтанд: Охир, маҳосинро шона кун! Гуфт: Пас

фориғ монда бошам, ки ин кор кунам?

Нақл аст, ки шабе махтоб буд, бар бом омад ва дар осмон менигарист ва дар малакут тафаккур мекарду мегирист, то бехуд шуд ва бар боми хамсоя афтод. Хамсоя пиндошт, ки дузд бар бом аст, бо теғе бар бом омад. Довудро дид. Дасти ӯ гирифту гуфт: Туро ки андохт? Гуфт: Намедонам, ман бехуд будам, маро хабар нест.

Нақл аст, ки ӯро диданд, ки ба намоз медавид. Гуфтанд: Чи уштоб аст? Гуфт: Ин лашкар, ки бар дари шахр аст, мунтазири мананд. Гуфтанд: Кадом лашкар? Гуфт: Мурдагони гӯристон. Ва чун саломи намоз бозгодӣ, чунон рафтӣ, ки гӯӣ, аз касе мегурезад, то дар хона рафтӣ; ва азим карохият дошти ба намоз шудан, аз сабаби вахшати халқ. То Ҳақ таоло он маунат аз вай кифоят кард. Чунонки нақл аст, ки модараш рӯзе ӯро дид дар офтоб нишаста ва арақ аз вай равон шуда. Гуфт: Чони модар! Гармое азим ва ту соимуддахрӣ. Чи бошад агар бо соя нишинӣ? Гуфт: Эй модар! Аз Худой шарм дорам, ки кадам барои мувофақати нафс ва хушомад бардорам. Ва ман худ равойӣ надорам. Модар гуфт: Ин чи сухан аст? Гуфт: Эй модар! Чун дар Боғдод холхо ва ношоистахо бидидам, дуо кардам, то Ҳақ таоло равойӣ аз ман бозгирифт, то маъзур бошам ва ба намози чамоат наравам, то онхо(ро) набояд дид. Акнун шонздах сол аст, то равойӣ надорам ва бо ту нагуфтам.

Нақл аст, ки доим андӯҳгин будӣ; чун шаб даромадӣ, гуфтӣ: Илохо! Андӯҳи туам бар хамаи андӯххо ғалаба кард ва хоб аз ман бурд. Ва гуфтӣ: Аз андӯх кай берун ояд он, ки масоиб бар вай мутавотир гардад?

Ва дигар вакте дарвеше гуфт: Ба пеши Довуд рафтам, ӯро хандон ёфтам. Ачаб доштам. Гуфтам: Ё Босулаймон! Ин хушдилӣ аз чист? Гуфт: Саҳаргоҳ маро шаробе доданд, ки онро шароби унс гӯянд, имрӯз ид кардам ва шодӣ пеш гирифтам.

Нақл аст, ки нон мехӯрд, тарсое бар вай бигузашт. Порае нон бад-ӯ дод, то бихӯрд. Он шаб он тарсо бо ҳалоли худ сӯхбат кард, Маъруфи Кархӣ дар вучуд омад.

Абӯрабеъи Воситӣ гӯяд, ки: Довудро гуфтам: Маро васияте кун! Гуфт: «Сум ани-д-дунё ва афтир фи-л-охирати»

- Аз дунё рӯза гир ва маргро ид соз ва аз мардумон бигурез, чунонки аз шери дарранда гурезанд.

Яке дигар васият хост. Гуфт: Забон нигаҳ дор! Гуфт: Зиёдат кун! Гуфт: Танҳо бош аз халқ ва агар тавонӣ, дил аз эшон бибур. Гуфт: Зиёдат кун! Гуфт: Аз ин ҷаҳон бояд, ки басанда кунӣ ба саломати дин, чунонки аҳли ҷаҳон басанда карданд ба саломати дунё.

Дигаре васият хост. Гуфт: Ҷаҳде, ки кунӣ дар дунё, ба қадри он кун, ки туро дар дунё мақом хоҳад буд ва дар дунё ба кор хоҳад омад; ва ҷаҳде, ки кунӣ барои охират, чандон кун, ки туро дар охират мақом хоҳад буд ва ба кадри он ки туро дар охират ба кор хоҳад омад.

Дигаре васият хост. Гуфт: Мурдагон мунтазири туанд.

Ва гуфт: Одамӣ тавба ва тоат бозпас меафганад, рост бад-он монад, ки пайкоре мекунад, то манфаати он дигареро расад.

Муридеро гуфт: Агар саломат хоҳӣ, саломе бар дунё кун ба видоъ ва агар каромат хоҳӣ, такбире ба охират гӯй ба марг; яъне аз ҳар ду бигзар, то ба Ҳақ тавонӣ расид.

Нақл аст, ки Фузайл дар ҳамаи умр ду бор Довудро дид ва бад-он фахр кардӣ; як бор дар зери сақфе рафта буд шикаста. Гуфт: Бархез! Ки ин сақф шикастааст ва фурӯ хоҳад афтод; Гуфт: То ман дар ин суффаам, ин сақфро надидаам - «Кону йакраҳуна фузула-н-назари камо йакраҳуна фузула-л-каломи» -. Дуввум бор он буд, ки гуфт: Маро панде дех! Гуфт: Аз халқ бигурез!

Ва Маъруфи Кархӣ гӯяд, ки: Ҳеч кас надидаам, ки хортар доштааст аз Довуд, ки ҷумлаи дунё ва аҳли дунёро дар чашми ӯ заррае миқдор набудӣ; агар якеро аз эшон бидидӣ, аз зулмати он шикоят кардӣ; то лоҷарам аз роҳи расм чунон дур будӣ, ки гуфт: Ҳар гоҳ ки ман пироҳан бишӯям, дилро мутағаййир ёбам. Аммо фақиронро азим мӯътақид будӣ, ба чашми ҳурмату мурувват нигаристӣ.

Ҷунайд гуфт: Хаҷҷоме ӯро ҳиҷомат мекард. Диноре бад-ӯ дод. Гуфтанд: Исроф кардӣ. Гуфт: Ҳар киро мурувват набошад, ибодат набошад - «Ло дина лиман ло мурувата лаҳу».

Нақл аст, ки яке дар пеши ӯ буд ва дар вай менигарист.

Гуфт: Надонӣ, ки чунонки бисёр гуфтан карохият аст, бисёр нигаристан хам карохият аст, то донӣ!

Накл аст, ки: чун Муҳаммад ва Абӯюсуфро ихтилоф афтодӣ, ҳакам ӯ будӣ. Чун пеши ӯ омадандӣ, пушт бар Абӯюсуф кардӣ ва рӯӣ ба Муҳаммад овардӣ; ва бо Муҳаммад ихтилот кардӣ, бо Абӯюсуф сухане нагуфтӣ. Агар қавл қавли Муҳаммад будӣ, гуфтӣ: Ин аст, ки Муҳаммад мегӯяд. Ва агар қавл қавли Абӯюсуф будӣ, гуфтӣ: Қавл ин аст ва ном набурдӣ. Гуфтанд: Ҳарду дар илм бузурганд, чаро якеро азиз медорӣ ва якеро дар пеши худ нагузорӣ? Гуфт: Ба ҷиҳати он ки Муҳаммади Ҳасан аз сари неъмати бисёр ва рафъати дунё бархостааст ва ба сари илм омадааст ва илм сабаби иззи дин аст ва зулли дунё; ва Абӯюсуф аз сари зуллу фоқа ба илм омадааст ва илмро сабаби иззу ҷоҳи худ гардонида. Пас ҳаргиз Муҳаммад чун ӯ набувад, ки устоди моро Абӯҳанифа ба тозиёна заданд, қазо қабул накард ва Абӯюсуф қабул кард; ҳар кӣ тариқи устод хилоф кунад, ман бо ӯ сухан нагӯям.

Накл аст, ки Ҳорунаррашид аз Абӯюсуф дархост кард, ки маро пеши Довуд бар, то зиёрат кунам. Абӯюсуф ба дари хонаи Довуд омад, бор наёфт. Аз модари ӯ дархост, то шафоат кард, ки: Уро роҳ дех! Қабул намекард ва гуфт: Маро ба аҳли дунё ва золимон чӣ кор? Модар гуфт: Ба ҳаққи шири ман роҳ дихӣ! Довуд гуфт: Илоҳо! Ту фармудай, ки: ҳаққи модар нигоҳ дор, ки ризои ман дар ризои ӯст, ва агар на, маро ба эшон чӣ кор? Пас бор дод, даромаданд ва биншастанд. Довуд ваъз оғоз кард. Ҳорун бисёр бигирист, чун бозгашт, мӯҳре зар бинҳод ва гуфт: Ҳалол аст. Довуд гуфт: Бардор, ки маро бад-ин ҳоҷат нест. Ман хонае фурӯхтаам аз мероси ҳалол ва онро нафақа мекунам; ва аз Ҳақ таоло дархостам, ки чун он нафақа тамом шавад, ҷони ман бистонад, то маро ба касе ҳоҷат набувад. Умед дорам, ки дуо ичобат карда бошад.

Пас ҳар ду бозгаштанд. Абӯюсуф аз вакилхарҷи ӯ пурсид, ки: Нафақоти Довуд чанд мондааст? Гуфт: Ду дирам. Ва ҳар рӯз донге сим харҷ кардӣ. Ҳисоб кард то рӯзи охир, Абӯюсуф пушт ба мехроб боздода буд, гуфт: Имрӯз Довуд вафот кардааст. Нигоҳ карданд, ҳамчунон буд. Гуфтанд: Чӣ

донистӣ? Гуфт: Аз нафақаи ӯ ҳисоб кардам, ки имрӯз ҳеч намондааст, донистам, ки дуои ӯ мустаҷоб бошад.

Ва аз модараш ҳоли вафоти ӯ пурсиданд. Гуфт: Ҳама шаб намоз мекард. Охири шаб сар ба саҷда ниҳод ва барнадошт, то маро дил машғул шуд. Гуфтам: Эй писар! Вақти намоз аст. Чун нигоҳ кардам, вафот карда буд.

Бузурге гуфт: Дар ҳоли беморӣ дар он даҳлези ҳароб хуфта буд ва гармои азим ва хиште зери сар ниҳода ва дар назъ буду Қуръон мехонд. Гуфтам: Хоҳӣ, то бар ин саҳро-т берун барам? Гуфт: Шарм дорам, ки барои нафс дархосте кунам, ки ҳаргиз нафсро бар ман даст набуд; дар ин ҳол авлотар бошад.

Пас ҳамон шаб вафот кард. Довуд васият карда буд, ки: Маро дар паси деворе дафн кунед, то касе пеши руи ман нагузарад. Чунон карданд, ки вай имрӯз ҳамчунон аст.

Ва он шаб, ки аз дунё бирафт, аз осмон овоз омад, ки: Эй аҳли замин! Довуди Той ба Ҳақ расид ва Ҳақ субҳонаҳу ва таоло аз вай розӣ аст.

Баъд аз он ба хобаш диданд, ки Довуд дар ҳаво мепарид ва мегуфт: Ин соат аз зиндон халос ёфтам. Он шахс биёмад, то хоби ӯ бигуяд, вафот карда буд ва аз паси марги ӯ аз осмон овозе омад, ки: Довуд ба мақсуд расид. «Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ».

22. ЗИКРИ ҲОРИСИ МУҲОСАБӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он саййиди авлиё, он умдаи аткиё, он мӯхташами мӯътабар, он мӯхтарами муфтахар, он хатмкардаи зулманоқибӣ, шайхи олам Ҳориси Муҳосабӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз уламои машоих буд ба улуми зоҳиру ботин; ва дар муомалоту ишорот макбулуннафас; ва рӯчуи авлиёи вакт дар ҳама фан бад-ӯ буд ва ӯро тасониф бисёр аст дар анвои улум.

Ва сахт олиҳиммат буд ва бузургвор буд ва саховатеву муруввате ачиб дошт ва дар фаросату ҳазоқат назир надошт.

Ва дар вақти худ шайхулмашоихи Бағдод буд ва ба тачриду тавҳид махсус буд ва дар муҷохадаву мушоҳада ба ақсулғоя буд ва дар тариқат муҷтаҳид. Ва наздики ӯ «ризо» аз «аҳвол» аст, на аз «мақомот». Ва шарҳи ин сухан тӯле дорад.

Басрӣ буд ва вафоти ӯ дар Бағдод буд.

Ва Абдуллоҳи Хафиф гуфт: Бар панҷ кас аз пирони мо иқтидо кунед ва ба ҳоли эшон мутобаат намоед ва дигаронро таслим бояд шуд: аввал, Ҳориси Муҳосабӣ, дуввум, Ҷунайди Бағдодӣ, саввум, Рувайм, чаҳорум, Ибни Ато, панҷум, Амр ибни Усмони Маккӣ, раҳимаҳуму-л-Лоҳ, зеро ки эшон ҷамъ карданд миёни илму ҳақиқат ва миёни тариқату шариат; ва ҳар кӣ ҷуз ин панҷанд, эътиқодро шоянд, аммо ин панҷро ҳам эътиқод шояд ва иқтидо шояд. Ва бузургони тариқат гуфтаанд, ки Абдуллоҳи Хафиф шашуми эшон буд, ки ҳам эътиқодро шояд ва ҳам иқтидоро шояд, аммо хештан сутудан на кори эшон аст.

Нақл аст, ки Ҳорисро се ҳазор динор аз падар мерос монд. Гуфт: Ба байтулмол баред, то султонро бошад. Гуфтанд: Чаро? Гуфт: Пайғамбар фармудааст - сахех аст - ки: «ал-

Қадарийу мачусу ҳозиҳи-л-уммати» - Қадаримазҳаб габри ин уммат аст ва падари ман қадарӣ буд. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фармуд: Мерос набарад мусалмон аз муғ; ва падари ман муғ буд ва ман мусалмон.

Ва иноятиҲақ таоло дар ҳифзи ӯ чандон буд, ки чун даст ба таоме бурдӣ, ки шубҳат дар ӯ будӣ, раге дар пушти ангушти ӯ кашида шудӣ, чунонки ангушти ӯ фармон набурдӣ, ӯ бидонистӣ, ки он луқма бавачҳ нест.

Чунайд гуфт: Рӯзе Ҳорис пеши ман омад. Дар вай асари гуруснагӣ дидам. Гуфтам: Ё амм! Таоме орам? Гуфт: Нек ояд. Дар хона шудам, чизе талаб кардам; шабона аз арӯсӣ чизе оварда буданд. Пеши ӯ бурдам. Ангушти ӯ мутоваат накард, луқма дар даҳон ниход ва ҳарчанд ки чаҳд кард, фурӯ нашуд. Дар даҳон мегардонид то дергоҳ, бархост ва дар поёни сарой афганд ва берун шуд. Баъд аз он, аз он ҳол пурсидам. Ҳорис гуфт: Гурусна будам, хостам, ки дили ту нигоҳ дорам. Лекин маро бо Худованд нишоне аст, ки ҳар таоме, ки дар вай шубҳате бувад, ба ҳалки ман фурӯ наравад ва ангушти ман мутоваат накунад. Ҳарчанд ки кушидам, фурӯ нарафт. Он таом аз кучо буд? Гуфтам: Аз хонае, ки хешованди ман буд. Пас гуфтам: Имрӯз дар хонаи ман ой? Гуфт: Оям. Даромадам ва порае нони хушк овардам. Пас бихӯрдем. Гуфт: Чизе, ки пеши дарвешон орӣ, чунин бояд!

Ва гуфт: Сӣ сол аст, то гӯши ман ба чуз аз сирри ман ҳеч нашунидааст, пас сӣ соли дигар ҳол бар ман бигардид, ки сирри ман ба чуз аз Худой ҳеч нашунид.

Ва гуфт: Касеро, ки дар намоз мебинед ва ӯ бад-он шод шавад, мутаваккиф будам бад-он, то намози ӯ ботил шавад, ё на? Акнун голиби занни ман он аст, ки ботил шавад.

Ва дар муҳосаба муболағате тамом дошт, чунон уро Муҳосабӣ бад-ин чихат гуфтандӣ.

Ва гуфт: Аҳли мухосабаро чанд хислат аст, ки биёзмуданд дар сухан гуфтан, ки чун киём намуданд ба тавфики Ҳақ таоло ба манозили шариф пайвастанд ва ҳамаи чизҳо ба қуввати азм даст диҳад ва ба қаҳр кардани ҳавову нафс, ки ҳар киро азм қавӣ бошад, мухолафати ҳаво бар вай осон бошад. Пас азм қавӣ дор ва бар ин хислатҳо мувозабат намой, ки ин мучарраб аст: аввал хислат он аст, ки ба Худой

савганд ёд накунӣ, на ба рост ва на ба дурӯғ; ва на ба саҳву на ба амд; ва дуввум, аз дурӯғ парҳез кунӣ ва саввум, ваъда хилоф накунӣ, чун вафо тавонӣ кард ва то тавонӣ, касеро ваъда мадеҳ, ки ин ба савоб наздик аст; ва чаҳорум он, ки ҳеч касро лаънат накунӣ, агарчи зулм карда бошад; ва панҷум, ки дуои бад накунӣ на ба гуфтору на ба кирдор ва мукофот наҷӯӣ ва барои Худой таҳаммул кунӣ; ва шашум, ба ҳеч кас гувоҳӣ надиҳӣ на ба куфру на ба ширк ва на ба нифоқ, ки ин ба раҳмат бар халқ наздиктар аст ва аз мақати Худои таоло дуртар аст; ва ҳафтум, он ки қасди маъсият накунӣ на дар зоҳиру на дар ботин ва ҷавореҳи худро аз ҳама боздорӣ; ва ҳаштум он, ки ранҷи худ бар ҳеч кас наяфганӣ ва бори худ андаку бисёр аз ҳама кас бардорӣ, дар он чӣ бад-он мӯҳтоҷ бошӣ ва дар он чӣ бад-он мустағнӣ бошӣ; ва нӯҳум он, ки тамаъ аз халоиқ бурида гардонӣ ва аз ҳама ноумед шавӣ, аз он чӣ доранд; ва даҳум он, ки баландии дараҷа ва истикмоли иззат наздики Худой ва наздики халқ бар он чӣ хоҳад дар дунё ва охират бад-он сабаб ба даст тавон кард, ки ҳеч касро набинӣ аз фарзандони Одам, алайҳи-с-салом, магар, ки ӯро аз худ бехтар бидонӣ.

Ва гуфт: Мурокабат илми дил аст дар қурби Ҳақ таоло.

Ва гуфт: Ризо ором гирифтан аст дар тахти мачории аҳком.

Ва гуфт: Сабр нишонаи тирҳои бало шудан аст.

Ва гуфт: Тафаккур асбобро ба Ҳақ коим дидан аст.

Ва гуфт: Таслим собит будан аст дар вақти нузули бало бе тағайюре дар зоҳир ва ботин.

Ва гуфт: Ҳаё бозбудан аст аз ҷумлаи хӯҳои бад, ки Худованд бад-он розӣ набувад.

Ва гуфт: Муҳаббат майл бувад ба ҳамагӣ ба чизе; пас онро исор кардан аст бар хештан ба тану ҷону мол ва мувофакат кардан дар ниҳону ошкоро, пас бидонистан, ки аз ту ҳама таксир аст.

Ва гуфт: Хавф он аст, ки албатта, як ҳаракат натвонад кард, ки на гумони у чунон бувад, ки: ман бад-ин ҳаракат маъхуз хоҳам буд дар охират.

Ва гуфт: Аломати унс ба Ҳақ вахшат аст аз халқ ва гурез аст аз ҳар чӣ халқ дар он аст ва мунфарид шудан ба

ҳаловати зикри Ҳақ таоло бар қадри он ки унси Ҳақ дар дил ҷой мегирад, баъд аз он унс ба махлуқот аз дил рахт бармегирад.

Ва гуфт: Содиқ он бошад, ки ӯро бок набувад, агараш наздики халқ ҳеч миқдор намонад ва ҷиҳати салоҳи дили хеш донад ва дӯст надорад, ки мардумон заррае аъмоли ӯ бубинанд.

Ва гуфт: Дар ҳама корхо аз сустии азм ҳазар кун, ки душман дар ин вақт бар ту зафар ёбад ва ҳар гоҳ ки футури азм дидӣ, аз худ ҳеч ором магир ва ба Худой паноҳ ҷӯй!

Ва дарвешеро гуфт: «Кун ли-л-Лоҳи ва илло ло такуну». - Гуфт: Худойро бош, вагарна худ мабош! Ин некӯ сухане аст.

Ва гуфт: Сазовор аст касеро, ки нафси худро ба риёзат муҳаззаб гардонидааст, ки ӯро роҳ бинамояд ба мақомот.

Ва гуфт: Ҳар кӣ хоҳад, ки лаззати аҳли биҳишт ёбад, гӯ: дар сӯҳбати дарвешони солех қонеъ бош!

Ва гуфт: Ҳар кӣ ботини худро дуруст кунад ба муроқабату ихлос, Худои таоло зоҳири ӯ ороста гардонад ба мушоҳада ва иттибои суннат.

Ва гуфт: Он, ки ба ҳаракоти дил дар маҳалли ғайб олим бувад, бехтар аз он ки ба ҳаракоти ҷаворех олим бувад.

Ва гуфт: Пайваста орифон фурӯ мераванд дар ҳандақи ризо ва ғаввосӣ мекунанд дар баҳри сафо ва берун меоваранд ҷавоҳири вафо, то лочарам ба Худой мерасанд дар сирру ҳафо.

Ва гуфт: Се чиз аст, ки агар онро биёбанд, аз он баҳра бардоранд ва мо наёфтем: дӯсте некӯ, босиёнату бовафо ва бошафқат.

Ва накл аст, ки таснифе мекард. Дарвеше аз вай пурсид, ки: Маърифати Ҳақ ҳақ аст бар банда, ё ҳаққи банда бар Ҳақ? Ӯ бад-ин сухан тарки тасниф кард, яъне агар гуя: маърифат банда ба худ мешиносад ва ба ҷаҳди худ ҳосил мекунад, пас бандаро ҳаққе бувад бар Ҳақ ва ин раво набувад; ва агар маърифати Ҳақ ҳақ бувад бар банда, раво набувад, ки Ҳақро ҳаққе бубояд гузорид. Ин ҷо мутаҳаййир шуд ва тарки тасниф кард. Дигар маъно он аст, ки: чун маърифати Ҳақ ҳақ аст, то аз ҷиҳати карам ин ҳақ бигзоранд, китоб

кардан дар маърифат ба чӣ кор ояд? Ҳақ худ он чӣ ҳаққи банда бувад, бад-ӯ диҳад, ки: «Аддабанӣ Раббӣ». Агар касе бувад, ки ҳаққи он Ҳақ хоҳад гузорад, дар маънии «Иннака ло таҳдӣ ман аҳбабта» (Сураи Қасас, ояти 56) бувад. Лочарам тарки тасниф кард. Дигар маъно он аст, ки: маърифати Ҳақ ҳақ аст бар банда, бад-он маънӣ, ки чун Ҳақ бандаро маърифат дод, бандаро воҷиб аст ҳаққи он Ҳақ гузоридан; чун ҳар ҳақ, ки банда ба ибодат хоҳад гузорад ҳам, ҳаққи Ҳақ хоҳад буд ва ба тавфиқи ӯ хоҳад буд. Пас бандаро ҳаққе, ки бувад, бо ҳаққи Ҳақ гузорад, пас китоб тасниф кард; «Ва-л-Лоҳу аъламу би-с-савоби».

Ибни Масруқ гуфт, ки: Ҳорис он вақт, ки вафот мекард, ба дираме муҳтоҷ буд ва аз падараш зиёъ бисёр монда буд ва ҳеч нагирифт ва ҳам дар он соат, ки дасттанг буд, фуру шуд. «Раҳмату-л-Лоҳи алайҳи раҳматан восиаъатан».

23. ЗИКРИ АБӮСУЛАЙМОНИ ДОРОЙ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он муҷарради ботину зоҳир, он мусофири ғоибу ҳозир, он дар вараъу маърифат омил, он дар садгуна сифат комил, он дурри дарёи тавоной, Абӯсулаймони Дорой, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Ягонаи вақт буд ва аз ғояти лутф ӯро «Райҳонулқулуб» гуфтаанд.

Ва дар риёзати саъб ва ҷуъи муфрит шаъне неқӯ дошт, чунонки ӯро «Бундорулҷойиин» гуфтандй, ки ҳеч кас аз ин уммат бар ҷуъ он сабр натвонист кард, ки вай.

Ва дар маърифат ва ҳолоти ғуюби қалб ва офоти уюби нафс ҳаззе азим вофир дошт.

Ва ӯро калимоте аст олй ва ишороте латиф.

Ва дигар Доро деҳе аст дар Димишқ, ӯ аз он ҷо буд.

Аҳмади Ҳаворй, ки муриди ӯ буд, гуфт: Шабе дар хилват намоз мекардам ва дар он миёна роҳате азим ёфтам. Дигар рӯз бо Сулаймон гуфтам. Гуфт: Заиф мардей! Ки туро ҳанӯз халқ дар пеш аст; то дар хало дигаргунай ва дар мало дигаргуна. Ва дар ду ҷаҳон ҳеч чизро он хатар нест, ки бандаро аз Ҳақ тавонад боздошт.

Ва Абӯсулаймон гуфт: Шабе дар масҷид будам ва аз сармо ором набуд. Дар вақти дуо як даст пинҳон кардам, роҳате азим аз роҳи ин даст ба ман расид. Ҳотифе овоз дод, ки: Ё Босулаймон! Он чй рӯзии он даст буд, ки берун карда будй, додем; агар дасти дигар берун будй, насиби вай бидодамоне! Савганд хӯрдам, ки ҳаргиз дуо накунам ба сармо ва гармо, магар (ки) ҳар ду даст берун карда бошам. Пас гуфт: Субҳон он Худое, ки лутфи худ дар бекомй ва бемуродй таъбия кардааст!

Ва гуфт: Вақте хуфта мондам, вирди ман фавт шуд. Ҳуре дидам, ки маро гуфт: Хуш мехусбй! Понсад сол аст, ки

маро меороянд дар парда аз баҳри ту.

Ва гуфт: Шабе ҳуре дидам аз гушае, ки дар ман хандид; ва равшании ӯ ба ҳадде буд, ки васф натвон кард, васфи зебоии ӯ ба ҷое, ки дар иборат намегунҷад. Гуфтам: Ин равшаниву ҷамол аз кучо овардӣ? Гуфт: Шабе қатрае чанд аз дида бориди, аз он рӯи ман шустанд, ин ҳама аз он аст, ки оби чашми шумо гулгунаи рӯйҳои ҳуриён аст; харчанд бештар, хубтар.

Ва гуфт: Маро одат буд, (ки) ба вақти нон хӯрдан нону намак хӯрдаме. Шабе дар он намак як кунҷид буд, ки хӯрда омад. Як сол вақти худ гум кардам. Ҷое, ки кунҷиде намегунҷад, сад ҳазор шаҳват бо дили ту надонам, чӣ хоҳад кард!

Ва гуфт: Дӯсте доштам, ки ҳар чӣ хостаме, бидодӣ. Як бор чизе хостам. Гуфт: Чанд хоҳӣ? Ҳаловати дӯстӣ аз дилам бирафт.

Ва гуфт: Бар халифа инкор кардам. Донистам, ки сухани ман шунавад ва аз он наяндешидам, лекин мардумон бисёр буданд, тарсидам, ки маро бинанд ва салобати он ба назари халқ дар дили ман ширин шавад, он гоҳ беихлос гашта шавам.

Ва гуфт: Муриде дидам ба Макка, ҳеч нахӯрдӣ, илло оби Замзам. Гуфтам: Агар ин об хушк шавад, чӣ хӯрӣ? Пас бархосту гуфт: «Ҷазока-л-Лоҳу хайран», маро роҳ намудӣ, ки чандин сол Замзампараст будам. Ин бигуфту бирафт.

Аҳмади Ҳаворӣ гуфт: Абӯсулаймон дар вақти эҳром «лаббайк» нагуфтӣ. Гуфт: Ҳақ таоло ба Мӯсо, алайҳи-с-салом, ваҳӣ кард, ки: Золимони уммати худро бигӯй, то маро ёд накунанд, ки ҳар кӣ золим бувад ва маро ёд кунад, ман ӯро ба лаънат ёд кунам. Пас гуфт: Шунидам, ки ҳар кӣ нафақаи ҳаҷ аз моли шубҳат кунад, он гоҳ гӯяд: «Лаббайк», ӯро гӯянд : «Ло лаббайка ва ло саъдайка ҳатто тарудда мо фӣ йадайк».

Нақл аст, ки писари Фузайл токати шунидани ояти азоб надоштӣ. Аз Фузайл пурсиданд, ки: Писари ту ба дараҷаи хавф ба чӣ расид? Гуфт: Ба андакии гуноҳ. Ин бо Сулаймон гуфтанд. Гуфт: Касеро, ки хавф беш бувад, аз бисёрии гуноҳ бувад, на аз андакии гуноҳ.

Нақл аст, ки Солеҳ Абдулкарим гуфт: Рачо ва хавф дар

дил ду нур аст. Бо ӯ гуфтанд, ки: Аз ин ҳар ду кадом равшантар? Гуфт: Рачо. Ин суханро ба Бӯсулаймон расониданд. Гуфт: Субҳоналлоҳ! Ин чӣ гуна сухане аст, ки мо дидаем, ки аз хавф тақво ва савму салот ва аъмоли дигар мехезад ва аз рачо нахезад; пас чӣ гуна рачо равшантар бувад?

Ва гуфт: Ман метарсам аз оташе, ки он уқубати Худо аст, (ё) метарсам аз Худое, ки уқубати ӯ оташ аст.

Ва гуфт: Асли ҳамаи чизҳо дар дунё ва охират хавф аст аз Ҳақ таоло. Ҳар гоҳ ки рачо бар хавф ғолиб ояд, дил фасод ёбад ва ҳар гоҳ ки хавф дар дил доим бувад, хушӯъ бар дил зоҳир гардад; ва агар доим нагардад ва гоҳ-гоҳ бар дил хавфе мегузарад, ҳаргиз дилро хушӯъ ҳосил наёяд.

Ва гуфт: Ҳаргиз аз диле хавф чудо нашавад, ки на он дил хароб гардад.

Ва як рӯз Аҳмади Хавориро гуфт: Чун мардумонро бубинӣ, ки ба рачо амал мекунанд, агар тавонӣ, ки ту бар хавф амал кунӣ, бикун! Луқмон писари худро гуфт: Битарс аз Худой тарсидане, ки дар ӯ ноумед нашавӣ аз раҳмати ӯ ва умед дор ба Худой умед доштане, ки дар ӯ эмин набошӣ аз макри ӯ.

Ва гуфт: Чун дили худро дар шавқ андозӣ, баъд аз он дар хавф андоз, то он шавқро хавф аз роҳ бигирад, яъне, ту ин соат ба хавф мӯҳточтарӣ аз он ки ба шавқ.

Ва гуфт: Фозилтарин корҳо хилофи ризои нафс аст; ва ҳар чизеро аломате аст, аломати хизлон даст доштан аз гиря аст; ва ҳар чизеро зангоре аст ва зангори нури дил сер хӯрдан аст.

Ва гуфт: Эҳтилом уқубат аст, аз он чиҳат мегӯяд, ки аломати серӣ аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ сер хӯрад, шаш чиз ба вай дарояд: ибодатро ҳаловат наёбад ва ҳифзи вай дар ёддошти ҳикмат кам шавад ва аз шафқат бар халқ маҳрум монад, ки пиндорад, ки ҳамаи чаҳониён серанд ва ибодат бар вай гарон шавад ва шаҳавот бар вай зиёдат гарданд ва ҳамаи мӯминон гирди масочид гарданд ва ӯ гирди мазобил гардад.

Ва гуфт: Чӯъ наздики Худой аз хазонае аст мудаххар, ки надиханд ба касе, илло бад-он ки ӯро дӯст дорад.

Ва гуфт: Чун одамӣ сер хӯрад, чумла аъзои ӯ ба шаҳавот

гурусна шавад ва чун гурусна бошад, чумлаи аъзои ӯ аз шаҳавот сер гардад; яъне то шикам сер набувад, ҳеч шаҳвати дигар орзу накунад.

Ва гуфт: Гуруснагӣ калиди охират асту серӣ калиди дунё.

Ва гуфт: Ҳар гоҳ ки туро ҳочате бувад аз ҳавоиҷи дунё ва охират, ҳечмаҳӯр, то он вақт ки он ҳочат раво бувад; аз баҳри он ки ҳӯрдан ақлро мутағаййир гардонад ва ҳочат ҳостан аз мутағаййир, мутағаййир бувад. Пас бар ту бод, ки бар чӯъ ҳирс кунӣ, ки чӯъ нафсро залил кунад ва дилро рақиқ кунад ва илми самовӣ бар ту резад.

Ва гуфт: Агар як луқма аз ҳалол шабе камтар хӯрам, дӯсттар дорам аз он ки то рӯз намоз кунам, зеро ки шаб он вақт дарояд, ки офтоб фурӯ шавад ва шаби дили мӯъминон он вақт ояд, ки меъда аз таом пур шавад.

Ва гуфт: Сабр накунад аз шаҳавоти дунё магар нафсе, ки дар дили ӯ нуре бувад, ки ба охирататаш машғул медорад.

Ва гуфт: Чун банда сабр накунад бар он, ки дӯсттар дорад, чӣ гуна сабр кунад бар он, ки дӯст надорад?

Ва гуфт: Бознагашт он, ки бозгашт илло аз роҳ, ки агар бирасидӣ, бозгаштӣ абадан.

Ва гуфт: Хунук он, ки дар ҳамаи умри хеш як хатва ба ихлос даст додаш.

Ва гуфт: Ҳар гоҳ ки бандае холис шавад, аз бисёрии васвос ва риё начот ёбад.

Ва гуфт: Аъмоли холис андаке аст.

Ва гуфт: Агар содиқе хоҳад, ки сифат кунад, он чи дар дили ӯ бувад, забонаш кор накунад.

Ва гуфт: Сидқ бо забони содикон ба ҳам бирафт ва бокӣ монд бар забони козибон.

Ва гуфт: Ҳар чизеро, ки бинӣ, зевареаст; ва зевари сидқ хушӯъ аст.

Ва гуфт: Сидкро мазаннаи хеш соз! Ва Ҳақро ҳамеша шамшери хеш соз! Ва Худойро гояти талаби хеш дон!

Ва гуфт: Қаноат аз ризо ба чои вараъ аст аз зӯҳд; ин аввали ризо аст ва он аввали зӯҳд.

Ва гуфт: Худойро бандагонанд, ки шарм медоранд, ки бо ӯ муомалат кунанд ба сабр, пас муомалат мекунанд ба ризо; яъне дар сабр кардан маънӣ он бувад, ки ман худ

сабурам, аммо дар ризо ҳеч набувад ва чунонки дорад, чунон бошад: сабр ба ту таалluқ дорад ва ризо бад-ӯ.

Ва гуфт: Розӣ будан ва ризо он аст, ки аз Худо биҳишт нахоҳӣ ва аз дӯзах паноҳ наталабӣ!

Ва гуфт: Ман намешиносам зӯҳдро ҳадде ва вараъро ҳадде ва ризоро ҳадде ва ғояте; валекин роҳе аз ӯ медонам.

Ва гуфт: Аз ҳар мақоме ҳоле ба ман расид, магар аз ризо, ки ба ҷуз бӯе аз ӯ ба ман нарасид, бо ин ҳама агар халқи ҳамаи оламро ба дӯзах баранд ва ҳама ба курҳ раванд, ман ба ризо равам, зеро ки агар ризои ман нест даромадан ба дӯзах, ризои ӯ ҳаст.

Ва гуфт: Мо дар ризо ба ҷое расидем, ки агар ҳафт табақаи дӯзах дар чашми рости мо ниҳанд, дар хотири мо нагзарад, ки чаро дар чашми чап наниҳоданд.

Ва гуфт: Тавозуъ он аст, ки дар амали хешат ҳеч уҷб падид наёяд.

Ва гуфт: Ҳаргиз банда тавозуъ накунад, то вақте ки нафси хешро надонад ва ҳаргиз зӯҳд накунад, то нашиносад, ки дунё ҳеч нест; ва зӯҳд он аст, ки ҳар чӣ туро аз Ҳақ таоло боздорад, тарки он кунӣ!

Ва гуфт: Аломати зӯҳд он аст, ки агар касе суфе дар ту пушад, ки қимати он се дирам бувад, дар дилат рағбати суфе набувад, ки қиматаш панҷ дирам бувад.

Ва гуфт: Бар ҳеч кас ба зӯҳд гувоҳӣ мадеҳ! Ба ҷиҳати он ки ӯ дар дил ғоиб аст аз ту ва дар вараъ ҳозир аст.

Ва гуфт: Вараъ дар забон сахттар аз он аст, ки симу зар дар дил.

Ва гуфт: Ҳусни ҳасин нигоҳдошти забон аст ва мағзи ибодат гуруснагӣ аст ва дӯстии дунё сари ҳамаи хатоҳо аст.

Ва гуфт: Тасаввуф он аст, ки бар вай афъол меравад, ки ҷуз Худой надонад ва пайваста бо Худой бувад, чунонки ҷуз Худой надонад.

Ва гуфт: Тафаккур дар дунё ҳиҷобӣ охират аст ва тафаккур дар охират самараи ҳикмат ва зиндагии дилҳост.

Ва гуфт: Аз ғайрат илм зиёдат шавад ва аз тафаккур хавф.

Ва дар пеши ӯ касе зикри маъсияте кард, ӯ зор бигирист ва гуфт: Ба Худой, ки дар тоат чандон офате мебинам, ки ба

он маъсият ҳоҷат нест.

Ва гуфт: Одат кунед чашмро ба гиря ва дилро ба фикрат.

Ва гуфт: Агар банда ба ҳеч нагиряд, магар бар он ки зоеъ кардааст аз рӯзгори хеш, то ин ғоят ӯро ин андӯҳи тамом аст то ба вакти марг.

Ва гуфт: Ҳар кӣ Худойро шинохт, дилро фориғ дорад ва ба зикри ӯ машғул шавад ва ба хидмати ӯ ва мегиряд бар хатоҳои хеш.

Ва гуфт: Дар биҳишт саҳроҳост, чун банда ба зикр машғул шавад, дарахтон мекоранд ба номи ӯ, то он ғох ки бас кунад, он фариштаро гӯянд: Чаро бас кардед? Гӯянд: Вай бас кард.

Ва гуфт: Ҳар кӣ панддиҳандае мехоҳад, гӯ: Дар ихтилофи рӯзу шаб нигар!

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар рӯз некӣ кунад, дар шаб мукофот ёбад; ва ҳар кӣ дар шаб некӣ кунад, дар рӯз мукофот ёбад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба сидқ аз шаҳват бозистад, Ҳақ таоло аз он каримтар аст, ки ӯро азоб кунад ва он шаҳавотро аз дили ӯ бибарад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба никоҳу сафару ҳадис навиштан машғул шавад, рӯй ба дунё оварад, магар зане нек, ки ӯ аз дунё нест, балки аз охират аст; яъне туро фориғ дорад, то ба кори охират пардозӣ, аммо ҳар кӣ туро аз Ҳақ бздорад аз молу аҳлу фарзанд, шум бувад.

Ва гуфт: Ҳар амал, ки онро дар дунё ба нақд савобе наёбӣ, бидон, ки онро дар охират нахоҳӣ ёфт; яъне роҳати қабули он тоат бояд, ки ин ҷо ба ту расад.

Ва гуфт: Он як нафаси сард, ки аз дили дарвеше барояд ба вақти орзуе, ки аз ёфти он оҷиз бувад, фозилтар аз ҳазорсола тоату ибодати тавонгар.

Ва гуфт: Бехтарин саховат он аст, ки мувофиқи ҳоҷат бувад.

Ва гуфт: Охир акдоми зоҳидон аввал акдоми мутаваккилон аст.

Ва гуфт: Агар ғофилон бидонанд, ки аз эшон чӣ фавт мешавад, аз он чи эшон дар онанд, ҷумла ба муфоҷоти сахте бимиранд.

Ва гуфт: Ҳақ таоло орифро ба бистар хуфта бошад, ки бар вай сирр бикшояд ва равшан кунад он чӣ ҳаргиз накшояд

истодаро дар намоз.

Ва гуфт: Орифро чун чашми дил кушода шуд, чашми саратӣон баста шавад; чуз ӯ хеч набинанд.

Чунонки хам ӯ гуфт: Наздиктарин чизе, ки бад-он курбат чӯянд ба Худои таоло он аст, ки бидонӣ, ки Худои таоло бар дили ту мутталеъ аст, аз дили ту донад, ки аз дунё ва охират намехоҳӣ, илло ӯро.

Ва гуфт: Агар маърифатро сурат кунанд бар чое, ҳеч кас нанигарад дар вай илло, ки бимирад аз зебоӣ ва чамоли ӯ ва аз некӯиву лутфи ӯ; ва тира гардад хамаи равшанихо дар чанби нури ӯ.

Ва гуфт: Маърифат ба хомӯшӣ наздиктар аст, ки ба сухан гуфтан; ва дили мӯъмин равшан аст ба зикри ӯ ва зикри ӯ гизои ӯст ва унс роҳати ӯ ва ҳусни муомалати ӯ тичорати ӯ ва шаб бозори ӯ, масҷид дӯкони ӯ ва ибодат касби ӯ ва Қуръон бизоати ӯ ва дунё киштзори ӯ ва қиёмат хирмангохи ӯ ва савоби Ҳақ таоло самараи ранҷи ӯ.

Ва гуфт: Бехтарини рӯзгори мо сабр аст ва сабр бар ду қисм аст: Сабре аст бар он чӣ корехи онӣ, дар ҳар чӣ авомири Ҳақ аст ва лозим аст гузоридан; ва сабре аст, аз он чӣ толиби онӣ, дар ҳар чӣ туро ҳаво бар он даъват кунад ва Ҳақ туро аз он наҳӣ кардаст.

Ва гуфт: Хайре, ки дар ӯ шарр набувад, шукр аст дар неъмат ва сабр аст дар бало.

Ва гуфт: Ҳар кӣ нафси худро қимате донад, ҳаргиз ҳаловати хидмат наёбад.

Ва гуфт: Агар мардум гирд оянд, то маро хор кунанд, чунонки ман худро хор гардонидам, натвонанд; ва агар хоҳанд, ки маро азиз гардонанд, чунонки ман худро, натавонанд; яъне хории ман дар маъсият аст ва иззи ман дар тоат аст.

Ва гуфт: Ҳар чизеро ковине аст ва ковини бихишт тарки дунё кардан аст ва ҳар чӣ дар дунё аст.

Ва гуфт: Дар ҳар диле, ки дӯстии дунё қарор гирифт, дӯстии охират аз он дил рахт бардошт.

Ва гуфт: Чун ҳаким тарки дунё кард, дунёро ба нури хикмат мунаввар кард.

Ва гуфт: Дунё наздики Худой камтар аст аз пари пашшае,

қимати он чӣ бувад, то касе дар вай зоҳид шавад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ василат ҷӯяд ба Худой ба талаф кардани нафси хеш, Худой нафси ӯро бар вай нигоҳ дорад ва ӯро аз аҳли ҷаннат гардонад.

Ва гуфт: Худои таоло мефармояд, ки: Бандаи ман! Агар аз ман шарм дорӣ, айбҳои туро бар мардум пӯшида гардонам ва зиллатҳои туро аз лавҳи маҳфуз маҳв гардонам ва рӯзи қиёмат дар шумор бо ту истиқсо накунам.

Ва муридеро гуфт: Чун аз дӯст хиёнате бинӣ, итоб макун! Ки бошад, ки дар итоб сухане шунавӣ, ки аз он сахттар. Мурид гуфт: Чун биёзмудам, чунон буд.

Аҳмади Ҳаворӣ гуфт: Як рӯз шайх ҷомаи сафед пӯшида буд, гуфт: Кошки дили ман дар миёни дилҳо чун пироҳани ман будӣ дар миёни ҷомаҳо.

Ва шайх Ҷунайд, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, гӯяд, ки: Эҳтиёти вай чунон буд, ки гуфт: Бисёр бувад, ки чизе бар дилам ояд аз нуктаи ин қавм. Ба чанд рӯз онро напазирам, илло ба ду гувоҳи адл аз китобу суннат.

Ва дар муноҷот гуфтӣ: Илоҳо! Чӣ гуна шоистаи хидмати ту бувад он, ки шоистаи хидматгори ту натвонад буд? Ё чӣ гуна умед дорад ба раҳмати ту он, ки шарм намедорад, ки наҷот ёбад аз азоби ту?

Накл аст, ки вай соҳиби Маоди Ҷабал буд ва илм аз вай гирифта буд. Чун вафоташ наздик омад, асҳоб гуфтанд: Моро башорат деҳ! Ки ба ҳазрате меравӣ, ки Худованди ғафуру раҳмон аст. Гуфт: Чаро намегӯед, ки: ба ҳазрати Худованде меравӣ, ки ӯ ба сағирае ҳисоб кунад ва ба кабирае азоб кунад?

Пас чун бидод. Дигаре баъд аз вафоти ӯ ба хобаш дид, гуфт: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Раҳмат кард ва иноят намуд дар ҳаққи ман; валекин ишороти ин қавм маро азим зиёнманд буд. Яъне ангуштнамой будам миёни аҳли дин; «раҳмату-л-Лоҳи алайҳ».

л-Лоҳи мина-ш-шайтони-р-рақими «Ва би-л-ҳаққи анзалноҳу ва би-л-ҳаққи назала» (Сураи Исро, ояти 105). Мо бозгаштем ва ҳол бад-ӯ намудем. Ӯ чунон кард, ки фармуда буд. Дарҳол шифо ёфт ва гуфт: Бидонед, ки ӯ Хизр, алайҳи-с-салом, буд.

Нақл аст, ки чун вақти вафоташ омад, мегуфт: Бор Худоё! Донӣ, ки дар он вақт, ки маъсият мекардам, аҳли тоати туро дӯст медоштам, инро каффорати он гардон!

Нақл аст, ки ӯ азаб буд. Ӯро гуфтанд: Кадхудой хоҳӣ? Гуфт: Ний. Гуфтанд: Чаро? Гуфт: Аз баҳри он ки бо ман шайтоне аст, яке дигар дарояд ва маро тоқати он набошад, ки ду шайтон дар хонаи ман бошанд. Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Ҳар якеро аз мо шайтоне аст: яке маро ва яке ӯро! Ду шайтон дар яке хона чӣ гуна бувад?

Баъд аз он вафот кард. Ӯро ба хоб диданд, гуфтанд: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Ҳама навохту хилъат ва каромату икром буд. Валекин он чо ҳеч касро оби рӯй нест, илло касонеро, ки эшон бори аёл кашидаанд ва тан дар ранчи дабба ва занбил додаанд, «раҳмату-л-Лоҳи алайҳ».

25. ЗИКРИ МУҲАММАД АСЛАМИ АТ-ТӮСӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он қутби дину давлат, он шамъи ҷамъи суннат, он замин карда ба тан мутаҳҳар, он фалак карда ба ҷон мунаввар, он мутамаккини бисоти қудсӣ, Муҳаммад ибни Аслам ат-Тӯсӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Ягонаи ҷаҳон буд ва муқтадои мутлақ буд ва ӯро «лисони расул» гуфтаанд ва «шаҳнаи Хуросон» навиштаанд. Ва касро дар мутобаати суннат он кадам набудааст, ки ӯро; ҷумлаи умр саканот ва ҳаракоти ӯро бар ҷодаи суннат ёфтаанд.

Бо Алӣ ибни Мӯсо ар-Ризо, разия-л-Лоҳу анҳу, ба Нишобур омад. Ҳар ду ба ҳам дар каҷобае буданд бар як уштур; ва Исҳоқ ибни Роҳавия ал-Ҳанзалӣ маҳори шутур мекашид. Ба Нишобур расиданд, ба миёни шаҳр баромад кулоҳе намадин бар сар ва пироҳане аз пашм дар бар ва ҳаритае пури китоб бар китф ниҳода. Мардумон чун ӯро бидиданд бад-он сират, бигиристанд. Ӯ низ бигирист. Гуфтанд: Мо туро бо ин пироҳан ва ин кулоҳ наметавонем дид.

Накл аст, ки ӯ маҷлис доштӣ ва ба маҷлиси ӯ тане чанд, маъдуд, беш наёмаданди. Ва бо ин ҳама аз баракоти нафаси ӯ қурби панҷоҳ ҳазор одамӣ ба роҳи рост бозомаданд ва тавба карданд ва даст аз фасод бардоштанд.

Пас муддати ду сол маҳбус буд аз ҷиҳати золиме, ки ӯро мегуфт: Бигӯй, ки Қуръон маҳлуқ аст! Гуфт: Нагӯям. Дар зиндон карданд. Ҳар одина ғусл кардӣ ва суннатҳо ба ҷой овардӣ ва саҷҷода баргирифтӣ ва меомадӣ то ба дари зиндон; чун манъаш карданди, бозгаштӣ ва рӯй бар хок ниҳодӣ ва гуфтӣ: Бор Худоё! Он чӣ бар ман буд, кардам, акнун ту донӣ.

Чун итлоқаш карданд, Абдуллоҳи Тоҳир амири Хуросон буд, марде соҳибҷамол буд бағоят ва некусират; ва бо уламо

некӯ буд. Ба Нишобур омад. Аъёни шаҳр ҳама ба истиқбол ва саломи ӯ омаданд. Рӯзи дуввум ҳамчунон ба салом шуданд ва саввуму чаҳорум ва панҷуму шашум. Абдуллоҳ гуфт: Ҳеҷ кас мондааст дар ин шаҳр, ки ба саломи мо наёмадааст? Гуфтанд: Ҳама омаданд, магар ду тан. Гуфт: Эшон киёнанд? Гуфтанд: Аҳмади Ҳарб ва Муҳаммади Аслам ат-Тӯсӣ, раҳимаҳуму-л-Лоҳ. Гуфт: Чаро ба назди мо наёмаданд? Гуфтанд: Эшон уламои раббониянд, ба саломи султонон наравand. Гуфт: Агар эшон ба саломи мо наёянд, мо ба саломи эшон равем. Ба наздики Аҳмади Ҳарб рафт. Яке гуфт: Абдуллоҳи Тоҳир меояд Гуфт: Чорае нест. Даромад. Аҳмад барпой хост ва сар дар пеш афканда мебуд, соате тамом. Пас сар боровард ва дар вай менигарист. Гуфт: Шунуда будам, ки марде некӯрӯй, валекин манзар беш аз он аст: некрӯйтар аз онӣ, ки хабар доданд. Акнун ин рӯи некӯро ба маъсият ва мухолафати амри Худой зишт магардон! Аз он ҷо берун омад, ба назди Муҳаммади Аслам шуд, ӯро бор надод. Ҳарчанд ҷаҳд кард, суд надошт ва рӯзи одина буд. Сабр кард, то ба намози одина берун омад ва дар ӯ нигарист. Оқибат тоқаташ бирасид, аз сутур фуруд омад ва рӯй бар хоки қадами Муҳаммади Аслам ниҳод ва гуфт: Эй Худованди азиз! Ӯ барои туро, ки бандаи бадам, маро душман медорад ва ман барои ту, ки бандаи нек аст, ӯро дӯст медорам ва ғуломи ӯям. Чун ҳар ду барои ту аст, ин бадро дар кори ин нек кун! Ин бигуфт ва бозгашт.

Пас, Муҳаммади Аслам баъд аз он ба Тӯс рафт ва он ҷо сокин шуд ва ӯро он ҷо масҷиде аст, ки ҳар кӣ нобино набувад, чун он ҷо расад, бубинад, ки он чӣ ҷойгоҳ аст! Ва ӯ арабӣ буд, чун он ҷо нишаст, ба Муҳаммад Аслами ат-Тӯсӣ машҳур шуд ва муддате мадид дар Тӯс буд.

Ва бар дари хонаи ӯ оби равон буд, ҳаргиз кӯза аз он ҷо барнагирифт, гуфт: Ин об аз они мардумон аст, раво набувад, ки баргиранд. Ва муддате бар оби равонаш майл буд, суд надошт. Чун оқибат майли ӯ аз ҳад бигузашт, як рӯз кӯзае об аз чоҳ баркашид, дар он ҷӯй рехт ва аз он ҷӯй оби равон бардошт. Пас ба Нишобур бозомад.

Нақл аст, ки аз акобири тариқат яке гуфт: Дар Рум будам, дар чамъияте ногоҳ Иблисро дидам, ки аз ҳаво

дарафтод. Гуфтам: Эй лаин! Ин чӣ ҳолат аст ва туро чӣ расидааст? Гуфт: Ин соат Муҳаммади Аслам дар мутаваззоъ танаҳнухе кард, ман аз бими бонги ӯ ин ҷо афтодам ва наздик буд, ки аз пой дароям.

Нақл аст, ки ӯ пайваста вом кардӣ ва ба дарвешон додӣ, то вақте чуҳуде биёмад ва гуфт: Заре чанд ба ту додаам, боздеҳ! Муҳаммади Аслам ҳеч надошт, он соат қалам тарошида буд ва тарошаи қалам дар пеш ниҳода. Чуҳудро гуфт: Бархез ва он тарошаи қаламро баргир! Чуҳуд бархост, мебинад, ки тарошаи қалам зар шуда буд, ба тааҷҷуб бимонд, гуфт: Ҳар дине, ки дар ӯ ба нафаси азизе тарошаи қалам зар шавад, он дин ботил набувад, имон оварда ва ду қабилаи ӯ имон оварданд.

Нақл аст, ки як рӯз Шайх Алии Формадӣ дар Нишобур мачлис мегуфт ва имомулҳарамайн ҳозир буд. Яке пурсид, ки: «ал-Уламоу варасату-л-анбийои» кадоманд? Гуфт: На ҳамоно, ки ин гӯянда бувад ва на ҳамоно, ки ин шунаванда бувад, яъне имомулҳарамайн; аммо ин мард бувад, ки бар дарвоза ҳуфтааст ва ишора кард ба хоки Муҳаммади Аслам.

Нақл аст, ки дар Нишобур бемор шуд. Яке аз ҳамсоягон ӯро ба хоб дид, ки мегӯяд, ки: Алҳамдулиллоҳ, ки халос ёфтам ва аз беморӣ биҷастам. Он мард бархост, то ӯро хабар диҳад, чун ба дари хонаи вай расид, пурсид, ки: Ҳоли хоҷа чист? Гуфтанд: Худоят музд диҳод! Ки ӯ дӯш даргузашт. Чун ҷанозаи ӯ бардоштанд, хирқае, ки ӯро будӣ, бар ӯ афганданд; пораи намади кӯхна, ки дошт, ки бар он ҷо нишастӣ, дар зери ҷаноза афганданд. Ду пиразан бар бом буданд, бо якдигар мегуфтанд, ки: Муҳаммади Аслам бимурд ва он чӣ бо худ дошт, бурд ва ҳаргиз дунё ӯро натавонист фирефт. «Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ».

26. ЗИКРИ АҲМАДИ ҲАРБ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он матини мақоми мукнат, он амину имоми суннат, он зоҳиди зуҳҳод, он қиблаи уббод, он қудваи Шарқу Ғарб, пири Хуросон, Аҳмади Ҳарб, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Фазилати ӯ бисёр аст ва дар вараъ ҳамто надошт ва дар ибодат бемисл буд ва мӯътақад фихи буд, то ба ҳадде ки Яҳё Муози Розӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, васият карда буд, ки: Сари ман бар пои ӯ ниҳед!

Ва дар тақво то ба ҳадде буд, ки дар ибтидо модараш мурғе бирён карда буд. Гуфт : Бихӯр, ки дар хонаи худ парвардаам ва дар ӯ ҳеч шубҳат нест. Аҳмад гуфт: Рӯзе ба боми ҳамсоя бар шуд ва аз он бом донае чанд бихӯрд ва он ҳамсоя лашкарӣ буд, ҳалқи маро нашояд!

Ва гуфтаанд, ки: Ду Аҳмад будаанд дар Нишобур: яке ҳама дар дин; ва яке ҳама дар дунё. Якеро Аҳмади Ҳарб гуфтанд ва якеро Аҳмади бозаргон. Ин Аҳмад ба сифате будааст, ки чандон зикр бар вай ғолиб буд, ки музайӣин мехост, ки мӯйлаби ӯ рост кунад, ӯ лаб мечунбонид. Гуфташ: Чандон таваққуф кун, ки ин мӯят рост кунам. Гуфтӣ: Ту ба шуғли хеш машғул бош! То ҳар боре чанд ҷое аз лаби ӯ бурида шудӣ.

Вақте касе номае навишт ба ӯ. Муддате дароз мехост, ки ҷавоби нома бознависад, вақт намеёфт. То як рӯз муаззин бонги намоз мегуфт. Дар миёни қомат якеро гуфт: Ҷавоби номаи дӯст бознавис! Ва бигӯй, то беш нома нанависад, ки моро фароғати ҷавоб нест. Бинавис, ки: Ба Худой машғул бош, вассалом.

Ва Аҳмади Бозаргон чандон ҳубби дунё бар вай ғолиб буд, ки аз канизаки худ таоме хост. Канизак таоме сохт ва ба наздики вай овард ва бинҳод. Ва ӯ ҳисобе мекард, то ба ҳадде расид, ки шабонгоҳ шуд ва хобаш бибурд. То бомдод

бедор шуд, пурсид, ки: Эй канизак! Он таом насохтӣ? Гуфт: Сохтам, ту ба ҳисоб машғул будӣ. Бори дигар бисохт ва ба наздики ӯ овард; ҳам фароғат наёфт, ки бихӯрдӣ. Бори саввум бисохт, ҳам иттифоқ наёфт. Канизак бирафт, вайро хуфта ёфт. Порае таом бар лаби вай молид. Бедор шуд, гуфт: Ташт биёр! Пиндошт, ки таом хӯрдааст.

Нақл аст, ки Аҳмади Ҳарб фарзандеро бар таваккул рост мекард, гуфт: Ҳар гоҳ ки таомат бояд, ё чизе дигар, бад-ин равзан рав! Ва бигӯ: Бор Худоё! Маро нон мебояд! Пас ҳар гоҳ ки кӯдак бад-он мавзеъ рафтӣ, чунон сохта буданд, ки: он чӣ ӯ хостӣ дар он равзан афгандандӣ. Як рӯз ҳама аз хона ғоиб буданд. Кӯдакро гуруснагӣ ғолиб шуд. Бар одати худ ба зери равзан омад ва гуфт: Эй бор Худой! Нонам мебояд ва фалон чиз. Дарҳол дар он равзан ба ӯ расониданд. Аҳли хона биёмаданд, вайро диданд нишаста ва чизе меҳӯрд. Гуфтанд: Ин аз кучо овардӣ? Гуфт: Аз он кас, ки ҳар рӯз медод. Бидонистанд, ки ин тариқ ӯро мусаллам шуд.

Нақл аст, ки яке аз бузургон гуфт, ки: Ба мачлиси Аҳмади Ҳарб бигзаштам. Масъалае бар забони вай рафт ва дили ман равшан шуд чун офтоб. Чиҳил сол аст, то дар ин завқ мондаам ва аз дили ман маҳв намешавад.

Ва Аҳмад муриди Яҳё ибни Яҳё буд. Ва ӯ боғе дошт. Як рӯз андаке ангур бихӯрд. Ахмад гуфт: Чаро меҳӯрӣ? Гуфт: Ин боғ милки ман аст. Гуфт: Дар ин дех як шабонарӯз об вакф аст ва мардумон инро гӯш намедоранд. Яҳё ибни Яҳё тавба кард, ки беш аз он боғ ангур нахӯрам.

Нақл аст, ки савмаае дошт, ки ҳар вакт дар он чо рафтӣ ба ибодат, то холитар будӣ. Шабе ба ибодат он чо рафта будӣ, ки бороне азим меомад, магар андаке дилаш ба хона рафт, ки: набояд, ки об дар хона роҳ барад ва кутуб тар шавад! Овозе шунуд, ки: Эй Аҳмад! Хез, ба хона рав! Ки он чӣ аз ту ба кор меояд, ба хона фиристодӣ. Ту ин чо чӣ мекунӣ? Ва ҳамон дам ба дил тавба кард.

Нақл аст, ки рӯзе содоти Нишобур ба салом омада буданд. Писаре дошт майхора ва рубоб мезад; аз дар даромад ва бар эшон бигзашт ва аз ин чамоат наяндешид. Чумла мутағаййир шуданд. Ахмад он ҳол бидид, эшонро гуфт:

Маъзур доред, ки моро шабе аз хонаи ҳамсоя чизе оварданд, бихӯрдем. Шаб моро сӯхбат афтод, вай дар вуҷуд омад, тафаҳҳус кардам ва модараш ба арӯсӣ рафта буд ба хонаи султон ва аз он ҷо чизе овард.

Накл аст, ки Ахмад ҳамсояи габре дошт, Баҳром ном. Магар шарике ба тиҷорат фиристода буд. Дар роҳ он молро дуздон бибурданд, хабар чун ба шайх расид, муридонро гуфт: Бархезед! Ки ҳамсояи моро чунин чизе афтодааст, то ғамхорагонӣ кунем. Агарчи габр аст, ҳамсоя аст. Чун ба дари сарои ӯ расиданд, Баҳром оташе габрӣ месӯхт, пеш боздавид, остини ӯро бӯса дод. Баҳромро дар хотир омад, ки: Магар гуруснаанд ва нон танг аст, то суфра биниҳам. Шайх гуфт: Хотир нигаҳ дор! Ки мо бад-он омадаем, ки то ғамхорагӣ кунем, шунидаам, ки моли шумо дузд бурдааст. Габр гуфт: Оре, чунон аст. Аммо се шукр воҷиб аст, ки Худойро бикунам, яке он, ки аз ман бурданд, на ман аз дигаре; дуввум он, ки нимае бурдаанд ва нимае на; саввум он, ки дини ман бо ман аст, дунё худ ояду равад. Аҳмадро ин сухан хуш омад, гуфт: Инро бинависед! Ки аз ин се сухан бӯи мусалмонӣ меояд. Пас шайх рӯй ба Баҳром кард, гуфт: Ин оташро чаро мепарастӣ? Гуфт: То маро насӯзад; дигар он ки имрӯз чандин ҳезум бад-ӯ додам, фардо бевафоӣ накунад, то маро ба Худой расонад. Шайх гуфт: Азим ғалате кардай! Оташ заиф аст ва ҷоҳилу бевафо, ҳар ҳисоб, ки аз ӯ баргирифтай, ботил аст, ки агар тифле пораи об бад-ӯ резад, бимирад. Касе, ки чунин заиф бувад, туро ба чунон қавӣ кай тавонад расонид? Касе, ки қуввати он надорад, ки пораи хок аз худ дафъ кунад, туро ба Ҳақ чӣ гуна тавонад расонид? Дигар он ки ҷоҳил аст, агар мушк ва наҷосат дар вай андозӣ, бисӯзад ва надонад, ки яке бехтар аст; ва аз ин ҷост, ки аз наҷосату уд фарқ накунад. Дигар он ки ту ҳафтод сол аст, то ӯро мепарастӣ ва ҳаргиз ман напарастидаам. Биё, то ҳар ду даст дар оташ кунем, мушоҳада кунӣ, ки ҳар дуро бисӯзад ва вафои ту нигоҳ надорад. Габрро ин сухан дар дил афтод, гуфт: Чаҳор масъала бипурсам, агар ҷавоб диҳӣ, имон оварам: бигӯ, ки Ҳақ таоло чаро халқ офарид? Ва чун офарид, чаро ризқ дод ва чаро миронид? Ва чун миронид, чаро барангезад? Гуфт: Биёфарид, то ӯро банда бошанд ва ризқ дод, то ӯро ба

раззоқӣ бишносанд ва бимиронид, то ӯро ба қаҳҳорӣ бишносанд ва зинда гардонид, то ӯро ба қодирӣ ва олимӣ бишносанд. Бахром чун ин бишнид, гуфт: «Ашҳаду ан ло илоҳа илла-л-Лоҳу, ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулу-л-Лоҳ». Чун вай мусалмон гашт, шайх наърае бизад ва беҳуш шуд, соате буд, ба ҳуш бозомад, гуфтанд: Ё шайх! Сабаби ин чӣ буд? Гуфт: Дар ин соат, ки ангушти шаҳодат бигушодӣ, дар сиррам нидо карданд, ки: Аҳмад! Бахром ҳафтод сол дар габрӣ буд, имон овард; ту ҳафтод сол дар мусалмонӣ гузоштай, то оқибат чӣ хоҳӣ овард?

Накл аст, ки Аҳмад дар умри худ шабе нахуфта буд, гуфтанд: Охир, лаҳзае биосой! Гуфт: Касеро, ки бихишт аз боло меороянд ва дӯзах дар нишеби ӯ метобанд ва ӯ надонад, ки аз аҳли кадом аст, ин ҷойгоҳ чӣ гуна хоб оядаш?

Ва сухани ӯст, ки: Кошкӣ ки бидонаме, кӣ маро душман медорад ва кӣ ғайбат мекунад ва кӣ бад мегӯяд, то ман ӯро симу зар фиристодаме, ба охири кор; ки чун кори ман мекунад, аз моли ман харҷ кунад.

Ва гуфт: Аз Худой битарсед, чандон ки битавонед ва тоаташ бидоред, чандон ки битавонед ва гӯш доред, то дунё шуморо фирефта накунад, то чунонки гузаштагон ба бало мубтало шуданд, шумо нашавед!

27. ЗИКРИ ҲОТАМИ АСАММ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он зоҳиди замона, он обиди ягона, он мӯъризи дунё, он муқбили уқбо, он хокими карам шайх Ҳотами Асамм, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз бузургони машоихи Балх буд ва дар Хуросон бар сар омада буд. Мурид и Шақиқи Балхӣ буд. Ва низ Хизравияро дида буд.

Ва дар зӯҳду риёзату вараъ ва адабу сидқ ва эҳтиёт бебадал буд. Тавон гуфт, ки баъд аз булуғ як нафас бе мурақабат ва бе муҳосабат аз вай барнаёмада буд; ва як қадам бе сидқу ихлос барнагирифта буд, то ба ҳадде ки Ҷунайд гуфт: «Сиддиқу замонино Ҳотаму-л-Асамми».

Ва ӯро дар сахт гирифтани нафс ва дақоиқи макри нафс ва маърифати рууноти нафс калимоте ачиб аст ва тасонифе мӯътабар ва нукат ва ҳикмати ӯ назир надорад. Чуноне ки яке рӯз ёронро гуфт: Агар мардумон шуморо пурсанд, ки: Аз Ҳотам чӣ меомӯзед? Чӣ гӯед? Гуфтанд: Гӯем, илм. Гуфт: Агар гӯянд, Ҳотамро илм нест? Гуфтанд: Бигӯем, ҳикмат. Гуфт: Агар гӯянд, ҳикмат нест, чӣ гӯед? Гуфтанд: Бигӯем: ду чиз, яке хурсандӣ бад-он чӣ дар даст аст; дуввум, навмедӣ аз он чӣ дар дасти мардумон аст.

Яке рӯз асҳобро пурсид, ки: Умре аст, то ман ранҷи шумо мекашам, боре ҳеч кас ҷунонки мебояд, нашудаед. Яке гуфт: Фулон кас чандин ғазо кардааст. Гуфт: Марде ғозӣ бувад, маро шоистае мебояд! Гуфтанд: Фулон кас басе мол базл кардааст. Гуфт: Марде сахӣ бувад, маро шоистае мебояд. Гуфтанд: Фулон кас басе хаҷ кардааст. Гуфт: Марде ҳоҷӣ бувад, маро шоистае мебояд. Гуфтанд: Мо намедонем, ту баён кун, ки шоиста кист? Гуфт: Он, ки ҷуз аз Худой натарсад ва ҷуз ба Худой умед надорад.

Ва карам ӯро то ба ҳадде буд, ки рӯзе зане ба назди ӯ

омад. Ва масъалае пурсид, магар боде аз ӯ раҳо шуд. Ҳотам гуфт: Овоз баландтар кун, ки маро гӯш гарон аст, то магар пиразанро хичолате наояд. Пиразан овоз баланд кард, то ӯ он масъаларо чавоб дод. Баъд аз он, то он пиразан зинда буд қурби понздаҳ сол, хештан кар сохт, то касе бо пиразан нагӯяд, ки: Ӯ на чунон аст. Чун пиразан вафот кард, он гоҳ сухани оҳистаро чавоб дод, ки пеш аз он ҳар кӣ бо ӯ сухан гуфтӣ, гуфтӣ: Баландтар гӯй! Бад-ин сабаб Асаммаш ном ниҳоданд.

Нақл аст, ки рӯзе дар Балх мачлис медошт. Мегуфт: Илоҳо! Ҳар кӣ имрӯз дар ин мачлис гуноҳкортар аст ва девон сиёҳтар аст ва бар гуноҳ далертар аст, ту ӯро биёмурз! Марде буд, наббошӣ кардӣ. Ва бисёр гӯрҳоро боз карда буд ва кафан бардошта; дар он мачлис ҳозир буд, чун шаб даромад, ба одати хеш ба наббошӣ рафт. Чун хок аз сари гӯр бардошт, аз лаҳад овозе шунуд, ки: Шарм надорӣ, ки дар мачлиси Асамм дӣ омурзида гаштӣ, дигар имшаб ба кори худ машғул шавӣ? Наббош аз хок баромад ва бари Ҳотам рафт ва қисса бозгуфт ва тавба кард.

Саъид ибни Муҳаммади ар-Розӣ гӯяд: Чанд сол Ҳотамро шогирдӣ кардам, ҳаргиз надидам, ки ӯ дар хашм шуд, магар вақте ба бозор омада буд, якеро дид, ки шогирдеро аз они ӯ гирифта буд ва бонг мекард, ки чандин гоҳ аст, ки колои ман гирифтааст ва хӯрда ва баҳои он ба ман намедиҳад. Шайх гуфт: Эй чавонмард! Мувосоте бикун! Мард гуфт: Мувосо надонам, сим хоҳам. Ҳарчанд гуфт, суд надошт. Дар хашм шуд ва ридо аз китф баргирифт ва бар замин зад дар миёни бозор, пури зар шуд - ҳама дуруст -. Гуфт: Ҳало! Баргир ҳаққи хешро; ва зиёдат бармагир, ки дастат хушк шавад! Мард зар барчидан гирифт, то ҳаққи хеш баргирифт. Низ сабр натавонист кард, даст дароз кард, то дигар бардорад, дасташ дарсоат хушк шуд.

Нақл аст, ки яке Ҳотамро ба даъват хонд, гуфт: Маро одат нест ба меҳмон рафтан. Мард илҳоҳ кард. Гуфт: Агар лобудд аст, ичобат кардам, се кор туро бояд кард. Гуфт: Бикунам. Гуфт: Он чо нишинам, ки ман хоҳам ва он кунӣ, ки ман хоҳам ва он хӯрам, ки ман хоҳам. Гуфт: Нек ояд. Пас бирафт ва даромад ва ба саффи ниол биншаст. Гуфтанд:

Ин на ҷои ту аст. Гуфт: Шарт кардаам, ки он ҷо нишинам, ки ман хоҳам. Чун суфра биниҳоданд, Ҳотам курсе чавин аз остин берун кард ва хӯрдан гирифт. Гуфт: Ё шайх! Аз таоми мо чизе бихӯр! Гуфт: Шарт кардаам, ки он хӯрам, ки ман хоҳам. Чун фориғ шуданд, гуфт: Он сепояро дар оташ бинех, то сурх шавад. Мард чунон кард. Гуфт: Акнун бад-ин роҳгузар бинех! Мард чунон кард, бархост ва пой бар сепоя ниҳод ва гуфт: Курсе хӯрдам ва бигзашт. Ва гуфт: Агар шумо медонед, ки сирот ҳақ аст ва дӯзах ҳақ аст ва аз ҳар чӣ карда бошед, бар он сирот пурсанд, ангоред, ки ин сепоя он сирот аст, пой бар он ҷо нихед ва ҳар чӣ имрӯз дар ин даъват бихӯрдет, ҳисоб ба ман диҳед. Гуфтанд: Ё Ҳотам! Моро тоқати он набошад. Ҳотам гуфт: Пас, фардо чун тоқат хохед доштан, ки аз ҳар чӣ карда бошед дар дунё ва хӯрда, аз ҳама бозпурсанд, «қола-л-Лоҳу таъоло: «Ва латусъалунна йавмаизин ани-н-наъим» (Сураи Такосур, ояти 8). Он даъват бар ҳама мотам шуд.

Нақл аст, ки як рӯз касе бари ӯ омад, гуфт: Мол бисёр дорам ва мехоҳам, ки аз ин мол туро ва ёрони туро бидиҳам. Мегирӣ? Гуфт: Аз он метарсам, ки ту мирӣ, маро бояд гуфт, ки: Рӯзидиҳандаи осмон! Рӯзидиҳандаи замин бимурд.

Марде Ҳотамро гуфт: Аз кучо мехӯрӣ? Гуфт: Аз хирмангохи Худой, ки он на зиёдат ва нуксон пазирад. Он мард гуфт: Моли мардумон ба фусӯс мехӯрӣ! Ҳотам гуфт: Аз моли ту ҳеч мехӯрам? Гуфт: Не. Гуфт: Кошки ту аз мусалмонон будатӣ! Гуфт: Ҳуҷҷат мегӯи? Гуфт: Худои таоло рӯзи қиёмат аз банда ҳуҷҷат хохад. Гуфт: Ин ҳама сухан аст. Гуфт: Худои таоло сухан фиристодааст ва модар бар падари ту ба сухан халол шудааст. Гуфт: Рӯзий шумо аз осмон ояд? Гуфт: Рӯзии ҳама аз осмон ояд: «Ва фӣ-с-самои ризқукум ва мо туъадуна» (Сураи Зориёт, ояти 22). Гуфт: Магар аз равзани хонаи шумо фурӯ меояд? Гуфт: Дар шиками модар будам, он рӯз на рӯзӣ меомад? Гуфт: Бистон, (ба бистар боз) бихусб, то рӯзӣ ба дахони ту ояд. Ҳотам гуфт: Ду сол дар гаҳворастон хуфта будам ва рӯзӣ ба дахони ман дармеомад. Гуфт: Ҳеч касро дидӣ, ки медаравад нокишта? Гуфт: Мӯи сарат, ки медаравӣ, нокишта аст. Гуфт: Дар ҳаво рав, то рӯзӣ ба ту расад! Гуфт: Чун мурғ шавам, бирасад.

Гуфт: Ба замин фурӯ рав, то бирасад! Гуфт: Агар мӯр шавам, бирасад. Гуфт: Ба зери об шав ва рӯзӣ биталаб! Гуфт: Моҳиро рӯзӣ дар зери об медиҳад, агар ба ман низ расад, ачаб набувад. Он мард хомӯш гашт ва тавба кард, гуфт: Маро панде дех! Гуфт: Тамаъ аз халқ бибур, то эшон бахилӣ аз ту бибуранд; ва ниҳонӣ миёни хеш бо Худой некӯ кун, то Худой ошкорои туро некӯ гардонад; ва ҳар кучо бошӣ, холикро хидмат кун, то халқ туро хидмат кунанд.

Ва ҳам ӯро марде гуфт: Аз кучо мехӯрӣ? Гуфт: «Ва ли-л-Лоҳи хазоину-с-самовоти ва-л-арзи» (Сураи Мунофикун, ояти 7).

Накл аст, ки Ҳотам пурсид мар Аҳмади Ҳанбалро, ки: Рӯзиро мечӯӣ? Гуфт: Чӯям. Гуфт: Пеш аз вақт мечӯӣ, ё пас аз вақт, ё дар вақт мечӯӣ? Аҳмад андешид, ки агар гӯям: Пеш аз вақт. Гӯяд: Чаро рӯзгори худ зоеъ мекунӣ? Ва агар гӯям: Пас аз вакт. Гӯяд: Чӣ чӯӣ чизе, ки аз ту даргузашт? Ва агар гӯям: Дар вақт. Чаро машғул шавӣ ба чизе, ки хозир хоҳад буд? Фурӯ монд дар ин масъала. Бузурге гуфт: Ҷавоб чунин мебоист, набишт, ки: Ҷустан бар мо на фариза аст ва на вочиб ва на суннат. Чӣ чӯям чизеро, ки аз ин ҳар се нест? Ва талаб кардани чизе, ки вай худ туро мечӯяд, ба қавли расул, алайхи-с-салом, ӯ худ бар ту ояд. Ва ҷавоби Ҳотам ин аст: «Алайно ан наъбудаҳу камо амарано ва алайхи ан йарзуқано камо ваъадано».

Накл аст, ки Ҳомиди Лафоф гуфт, ки: Ҳотам гуфт, ки: Ҳар рӯзе бомдод Иблис васваса кунад, ки: Имрӯз чӣ хӯрӣ? Гуям: Марг. Гӯяд: Чӣ пӯшӣ? Гӯям: Кафан. Гӯяд: Кучо бошӣ? Гуям: Ба гӯр. Гӯяд: Нохуш мардӣ! Маро монду рафт.

Накл аст, ки зани вай чунон буд, ки гуфт: Ман ба ғазо меравам. Занро гуфт: Туро чанде нафақа монам? Гуфт: Чандон ки зиндагонӣ бихохӣ монд. Гуфт: Зиндагонӣ ба дасти ман нест. Гуфт: Рӯзӣ ҳам ба дасти ту нест. Чун Ҳотам рафт, пиразане мар зани Хотамро гуфт: Ҳотам рӯзии ту чӣ мондааст? Гуфт: Ҳотам рӯзихора буд, рӯзидех ин чост, нарафтааст.

Накл аст, ки Ҳотам гуфт: Чун ба ғазо будам, турке маро бигирифт ва бияфганд, то бикушад. Дилам хеч машғул нашуд ва натарсид. Мунтазир мебудам, то чӣ хоҳад кард? Корд

мечуст, ногоҳ тире бар вай омад ва аз ман бияфтод, гуфтам: Ту маро куштӣ, ё ман туро?

Нақл аст, ки касе ба сафаре хост рафт. Ҳотамро гуфт: Маро васияте кун! Гуфт: Агар ёр хоҳӣ, туро Худой бас; ва агар ҳамроҳ хоҳӣ, кироманкотибин бас; ва агар ибрат хоҳӣ, туро дунё бас ва агар мӯнис хоҳӣ, Қуръон бас; ва агар кор хоҳӣ, ибодати Худой туро бас; ва агар ваъз хоҳӣ, туро марг бас; ва агар ин ки ёд кардам, туро басанда нест, дӯзах туро бас.

Нақл аст, ки Ҳотам рӯзе Ҳомиди Лафофро гуфт: Чӣ гунаӣ? Гуфт: Ба саломат ва офияти ӯ. Гуфт: Саломат баъд аз гузаштани сирот аст ва офият он аст, ки дар биҳишт бошӣ.

Гуфтанд: Туро чӣ орзу кунад? Гуфт: Офият. Гуфтанд: Ҳама рӯз дар офият наӣ? Гуфт: Офияти ман он рӯз аст, ки он рӯз осӣ набошам.

Нақл аст, ки Ҳотамро гуфтанд: Фулон моли бисёр ҷамъ кардааст. Гуфт: Зиндагонӣ ба он ҷамъ кардааст? Гуфтанд: На. Гуфт: Мурдаро мол ба чӣ кор ояд?

Яке Ҳотамро гуфт: Ҳоҷате ҳаст? Гуфт: Ҳаст. Гуфт: Бихоҳ! Гуфт: Ҳоҷатам он аст, ки на ту маро бинӣ ва на ман туро.

Ва яке аз машоих Ҳотамро пурсид, ки: Намоз чӣ гуна кунӣ? Гуфт: Чун вақт дарояд, вузӯи зоҳир кунам ва вузӯи ботин кунам. Гуфт: Зоҳирро ба об пок кунам ва ботинро ба тавба. Ва он гоҳ ба масҷид дароям ва масҷиди Ҳаромро мушоҳада кунам ва мақоми Иброҳимро дар миёни ду абрӯи худ биниҳам ва биҳиштро бар рости худ ва дӯзахро бар чапи худ ва сирот зери қадами худ дорам ва малакулмавтро паси пушти худ ангорам ва дилро ба Худой супорам, он гоҳ такбир бигӯям бо таъзим ва киёме бахурмат, қироате боҳайбат, суҷуде ботазарруъ ва рукӯе ботавозуъ ва ҷулусе баҳилм ва саломе башукр бигӯям. Намози ман инчунин бувад.

Нақл аст, ки як рӯз ба ҷамъе аз аҳли илм бигзашт ва гуфт: Агар се чиз дар шумост ва агар на, дӯзах шуморо воҷиб аст. Гуфтанд: Он се чиз чист? Гуфт: Ҳасрати дина, ки аз шумо гузашт ва натавонед дар он тоат зиёдат кардан ва на гуноҳонро узр хостан; ва агар имрӯз ба узри дина машғул шавӣ, ҳаққи имрӯз кай гузорӣ? Дигар, имрӯзро ғанимат шумурдан ва дар салохи кори хеш кӯшидан ба тоат ва

хушнуд кардани хасмон. Саввум, тарсу бими он, ки фардо ба ту чӣ хохад расид: начот, ё халок?

Ва гуфт: Худои таоло се чиз дар се чиз ниҳодааст: фароғати ибодат пас аз амни маунат ниҳодааст ва ихлос дар кор дар навмедӣ аз халк ниҳодааст ва начот аз азоб ба овардани тоат ниҳодааст, то мутеи ӯй, умеди начот аст.

Ва гуфт: Ҳазар кун аз марг ба се хол, ки туро бигирад: кибр ва хирсу хиромидан. Аммо мутакаббирро Худой аз ин чаҳон берун набарад, то начашонад хорие аз камтарин кас аз ахли вай; ва аммо харисро берун набарад аз ин чаҳон магар гурусна ва ташна гӯлӯ-шро бигирад ва гузар надиҳад, то чизе бихӯрад; аммо хиромандаро берун набарад, то ӯро нағалтонад дар бавлу ҳадас.

Ва гуфт: Агар вазн кунед кибри зохидони рӯзгори моро ва уламо ва куррои эшонро басе зиёдат ояд аз кибри умарову мулук.

Ва гуфт: Ба хона ва боғи ороста ғарра машав, ки хеч чой бехтар аз бихишт нест, Одам дид, он чӣ дид, дигар ба бисёрии каромат ва ибодат ва бисёрии амал ғарра машав, ки Балъам бо чандон каромат ва бо номи бузурги Худой, ки ӯро дода буд, дид, он чӣ дид. Худои таоло гуфт: «Фамасалуҳу камасали-л-калби» (Сураи Аъроф, ояти 176). Дигар ба бисёрии амал ғарра машав, ки Иблис бо он ҳама тоат дид, он чӣ дид. Дигар ба дидани порсоён ва олимон ғарра машав, ки хеч кас бузургтар аз Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, набуд, Саълаба дар хидмати вай буд ва хешони вай, вайро медиданд ва хидмат мекарданд ва хеч суд надошт.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар ин мазҳаб ояд, се маргаш бибояд чашид: мавту-л-абйаз ва он гуруснагӣ аст; ва мавту-л-асвад, ва он эҳтимол аст; ва мавту-л-аҳмар ва он муракқаъ доштан аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба микдори як сабъа аз Қуръон, хикоёти порсоён дар шабонарӯзе бар худ арза накунад, дини хеш ба саломат натвонад нигоҳ дошт.

Ва гуфт: Дил панҷ навъ аст: диле аст мурда ва диле аст бемор ва диле аст ғофил ва диле аст мунтабеҳ ва диле аст сахех. Дили мурда дили кофир аст; дили бемор дили гуноҳкорон аст; дили ғофил дили бархурдор аст; дили

мунтабеҳ дили ҷуҳуди бадкор аст - «Қолу қулубуно ғулфун» (Сураи Бақара, ояти 88); ва дили саҳеҳ дили ҳушёр, ки дар кор аст ва бо тоати бисёр аст ва бо хавф аз малики зулҷалол аст.

Ва гуфт: Дар се вақт тааҳҳуди нафс кун: чун амал кунӣ, ёд дор, ки Худой нозир аст ба ту; ва чун сухан гӯӣ, ёд дор, ки Худой мешунавад, он чӣ мегӯӣ; ва чун хомӯш бошӣ, ёд дор, ки Худой медонад, ки чӣ гуна хомӯшӣ.

Ва гуфт: Шаҳват се қисм аст: шаҳвате аст дар хӯрдан ва шаҳвате аст дар гуфтан ва шаҳвате аст дар нигаристан. Дар хӯрдан эътимод бар Худой нигоҳ дор! Дар гуфтан ростӣ нигоҳ дор! Ва дар нигаристан ибрат нигоҳ дор.

Ва гуфт: Дар чаҳор мавзеъ нафси худро бозҷӯй: дар амали солеҳи бериё ва дар гирифтани бетамаъ ва дар додани беминнат ва дар нигоҳ доштани бебухл.

Ва гуфт: Мунофиқ он аст, ки он чӣ дар дунё бигирад, ба ҳирс гирад ва агар манъ кунад, ба шак манъ кунад; ва агар нафақа кунад, дар маъсият ва риё нафақа кунад. Ва мӯъмин он чӣ гирад, ба камрағбативу хавф гирад; ва агар нигоҳ дорад, ба сахтӣ нигоҳ дорад, яъне сахт бувад бар ӯ нигоҳ доштан; ва агар нафақа кунад, дар тоат бувад «холисан ливаҷҳи-л-Лоҳи таъоло».

Ва гуфт: Ҷиҳод се аст: ҷиҳоде дар сирр бо шайтон, то вақте ки шикаста шавад; ва ҷиҳоде аст дар алония дар адои фароиз, то вақте ки гузорида шавад, чунонки фармудаанд: намози фарз бо ҷамоат ошкоро ва закот ошкоро ва ҷиҳоде аст бо адои дин дар ғазои ислом, то кушта шавад, ё бикушад.

Ва гуфт: Мардумро аз ҳама эҳтимол бояд кард, магар аз нафси хеш.

Ва гуфт: Аввали зӯҳд эътимод аст бар Худой ва миёнаи он сабр аст ва охири он ихлос аст.

Ва гуфт: Ҳар чизеро зинате аст, зинати ибодат хавф аст ва аломати хавф кӯтоҳии амал аст ва ин оят бархонд: «Алло тахофу ва ло таҳзану» (Сураи Фуссилат, ояти 30).

Ва гуфт: Агар хоҳӣ, ки дӯсти Худо бошӣ, розӣ бош ба ҳар чӣ Худой кунад; ва агар хоҳӣ, ки туро дар осмонҳо бишносанд, бар ту бод ба сидқ ваъда!

Ва гуфт: Шитобзадагӣ аз шайтон аст, магар дар панҷ

чиз: таом пеши меҳмон ниҳодан ва тачҳизи мурдагон ва никоҳи духтарони болиға, гузоридани вом ва тавбаи гуноҳон.

Накл аст, ки Ҳотамро чизе фиристодандӣ, қабул накардӣ. Гуфтанд: Чаро намегирӣ? Гуфт: Андар пазируфтан зулли хеш дидам; ва андар ногирифтан иззи хеш дидам. Як бор қабул кард. Гуфтанд: Чӣ ҳикмат аст? Гуфт: Иззи ӯ бар иззи хеш ихтиёр кардам ва зулли хеш бар зулли ӯ баргузидам.

Накл аст, ки чун Ҳотам ба Бағдод омад, халифаро хабар доданд, ки зоҳиди Хуросон омадааст. Ӯро талаб кард. Чун Ҳотам аз дар даромад, халифаро гуфт: Ё зоҳид! Халифа гуфт: Ман зоҳид наям, ки ҳамаи дунё зери фармони ман аст, зоҳид туӣ. Ҳотам гуфт: Не, ки туӣ зоҳид, ки Худои таоло мефармояд: «Қул матоу-д-дунйо қалилун» (Сураи Нисо, ояти 77) ва ту ба андаке қаноат кардай; зоҳид ту бошӣ, на ман, ки ба дунё ва укбо сар фурӯ намеоварам, чӣ гуна зоҳид бошам?

28. ЗИКРИ САҲЛ ИБНИ АБДУЛЛОҲИ ТУСТАРӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он сайёҳи байдои тариқат, он ғаввоси дарёи ҳақиқат, он шарафи акобир, он мушрифи хотир, он маҳдии роҳу раҳбарӣ, Саҳл ибни Абдуллоҳ ат-Тустарӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз мӯҳташамони аҳли тасаввуф буд ва аз кибори ин тоифа буд ва дар ин шева муҷтаҳид буд ва дар вақти худ султони тариқат буд ва бурҳони ҳақиқат буд. Ва бароҳини ӯ бисёр аст ва дар ҷӯъ ва сухр шаъне олӣ дошт ва аз уламои машоих буд ва имоми аҳду мӯътабари ҷумла буд ва дар риёзоту каромот беназир буд ва дар муомалоту ишорот бебадал буд ва дар ҳақоиқу дақоиқ беҳамто буд ва уламои зоҳир чунон гӯянд, ки миёни шариату ҳақиқат ӯ ҷамъ кардааст ва ин аҷаб худ ҳар ду яке аст, ки ҳақиқат равғани шариат аст ва шариат мағзи он.

Пири ӯ Зуннуни Мисрӣ буд. Дар он сол, ки ба ҳаҷ рафта буд, ӯро дарёфт ва ҳеч шайхеро аз тифлӣ боз ин воқеа зоҳир набудааст. Чунонки ӯро пеш аз тифлӣ боз, чунонки аз ӯ нақл кунанд, ки гуфтааст, ки: Ёд дорам, ки Ҳақ таоло мегуфт: «Аласту бираббикум» (Сураи Аъроф, ояти 172) ва ман гуфтам: Бале! Ва ҷавоб додам ва дар шиками модар хештанро ёд дорам.

Ва гуфт: Сесола будам, ки маро қиёми шаб будӣ ва андар намоз холам, Муҳаммад ибни Сувор, ҳамегиристӣ, ки: Ӯро қиём аст. Гуфтӣ: Ё Саҳл! Бихусб, ки дил машғул ҳамедорӣ. Ва ман пинҳон ва ошкоро назораи ӯ мекардам, то чунон шудам, ки холро гуфтам: Маро ҳолате мебошад саъб, чунонки мебинам, ки сари ман ба сӯҷуд аст пеши арш. Гуфт: Ё кӯдак! Нихон дор ин ҳолат ва бо кас магӯй. Пас гуфт: Ба дил ёд кун, он гоҳ ки дар ҷоми хоб аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ бигардӣ ва забонат бичунбад, бигӯй:

«Аллоҳу маъӣ, Аллоҳу нозирӣ, Аллоҳу шоҳидӣ». Гуфт: Инро мегуфтам. Ӯро хабар додам, гуфт: Ҳар шаб ҳафт бор бигӯй. Гуфт: Пас ӯро хабар додам. Гуфт: Понздаҳ бор бигӯй. Гуфтам: Пас аз ин ҳаловате дар дилам падид меомад. Чун як сол баромад, холам гуфт: Нигоҳ дор, он чӣ туро омӯхтам ва доим бар он бош, то дар гӯр шавӣ, ки дунё ва охирати туро самараи он хоҳад буд. Пас гуфт: Солҳо бигузашт. Ҳамон мегуфтам, то ҳаловати он дар сирри ман падид омад. Пас холам гуфт: Ё Саҳл! Ҳар киро Худой бо ӯ бувад ва вайро мебинад, чӣ гуна маъсият кунад? Худойро бар ту бод, ки маъсият накунӣ! Пас, ман дар хилват шудам.

Он гоҳ маро ба дабиристон фиристоданд. Гуфтам: Ман метарсам, ки ҳиммати ман пароканда шавад. Бо муаллим шарт кунед, ки: Соате ба наздики вай бошам ва чизе биёмӯзам ва ба кори худ бозгардам. Бад-ин шарт ба дабиристон шудам ва Қуръон биёмӯхтам. Ҳафтсола будам, ки рӯза бидоштаме, пайваста қути ман нони чавин будӣ. Ба дувоздаҳсолагӣ маро масъалае афтод, ки кас ҳал наметавонад кард. Дархостам, то маро ба Басра фиристоданд, то он масъаларо бипурсам. Биёмадам ва аз уламои Басра бипурсидам, ҳеч кас маро чавоб надод. Ба Уббодон омадам, ба наздики марде, ки ӯро Ҳабиб ибни Ҳамза гуфтандӣ. Вайро пурсидам. Чавоб дод. Ба наздики вай якчанде бибудам ва маро аз вай басе фавоид буд. Пас ба Тустар омадам ва қути худ ба он овардам, ки маро ба як дирам чав харидандӣ ва ос кардандӣ ва пухтандӣ. Ҳар шабе ба вақти саҳар ба як вақия рӯза гушодаме бе нонхуриш ва бенамак. Ин дирам маро як сол басанда будӣ. Пас азм кардам, ки ҳар се шабонарӯзе як бор рӯза гушоям, пас ба панч рӯз расонидам, пас ба ҳафт рӯз бурдам, пас ба бист рӯз расонидам.

Нақл аст, ки мегуфт: Ба ҳафтод рӯз расонида будам. Ва гуфт: Гоҳ будӣ, ки дар чиҳил шабонарӯз мағзе бодом хӯрдаме.

Ва гуфт: Чандин сол биёзмудам дар серӣ ва гуруснагӣ. Дар ибтидо заъфи ман аз гуруснагӣ буд ва қуввати ман аз серӣ. Чун рӯзгор баромад, қуввати ман аз гуруснагӣ буд ва заъфи ман аз серӣ. Он гоҳ гуфтам: Худовандо! Саҳлро дида аз ҳар ду бардӯз, то серӣ дар гуруснагӣ ва гуруснагӣ дар серӣ аз ту бинад. Ва бештар рӯза дар шаъбон доштааст, ки

бештари ахбор дар шаъбон аст ва чун рамазон даромадӣ, як бор чизе хӯрдӣ ва шабу рӯз дар қиём будӣ.

Рӯзе гуфт: Тавба фариза аст бар банда ба ҳар нафасе, хоҳ хос, хоҳ ом, хоҳ мутеъ бошӣ, хоҳ осӣ. Марде буд дар Тустар, ки нисбат ба зӯҳду илм кардӣ. Бар вай хурӯҷ кард бад-ин сухан, ки вай мегӯяд, ки: Аз маъсият осиро тавба бояд кард ва мутеъро аз тоат тавба бояд кард. Ва рӯзгори ӯ дар чашми омма бад гардонид ва аҳволашро ба мухолафат мансуб карданд ва такфир кардандаш ба наздики авом ва бузургон. Ва ӯ сари он надошт, ки бо эшон мунозара кунад. Тафриқа медодандаш. Сӯзи дин доманаш бигирифт; ва ҳар чӣ дошт,аз зиёъ ва иқору асбобу фаршу авонӣ ва зару сим бар коғаз навишт; ва халқро гирд карду он коғазпораҳо бар сари эшон афшонд. Ҳар кас порае коғаз бардоштанд, ҳар чӣ дар он коғаз навишта буд, ба эшон медод шукри онро, ки дунё аз ӯ қабул карданд.

Чун ҳама бидод, сафари Ҳиҷоз пеш гирифт ва бо нафс гуфт: Эй нафс! Муфлис гаштам, беш аз ман ҳеч орзу махоҳ, ки наёбӣ! Нафс бо ӯ шарт кард, ки: Нахоҳам. Чун ба Кӯфа расид, нафсаш гуфт: То ин ҷо аз ту чизе нахостам, акнун пораи нон ва моҳӣ орзу кардам. Нафс гуфт: Ин миқдор маро деҳ, то бихӯрам ва туро беш то ба Макка наранҷонам. Ба Кӯфа даромад, харосе дид, ки уштурро баста буданд, гуфт: Ин уштурро рӯзе чанд киро дихед? Гуфтанд: Ду дирам. Шайх гуфт: Уштурро бигушоед ва маро дарбандед ва то намози шом яке дирам дихед! Уштурро бигушоданд ва шайхро дар харос бастанд. Шабонгоҳ як дирам бидоданд, нону моҳӣ харид ва пеш ниҳод ва гуфт: Эй нафс! Ҳар гоҳ ки аз ин орзуе хоҳӣ, бо худ қарор деҳ, ки бомдод то шабонгоҳ кори сутурон кунӣ, то ба орзу расӣ.

Пас, ба Каъба рафт ва он ҷо бисёр машоихро дарёфт. Он гоҳ ба Тустар омад ва Зуннунро он ҷо дарёфта буд.

Ҳаргиз пушт ба девор бознаниҳод ва пой гирд накард ва суолеро ҷавоб надод ва бар минбар наёмад ва чаҳор моҳ ангуштони пойро баста дошт. Дарвеше аз вай пурсид, ки: Ангушти туро чӣ расидааст? Гуфт: Ҳеч нарасидааст. Он гоҳ он дарвеш ба Миср рафт, ба наздики Зуннун ӯро дид, ангушти пой баста. Гуфт: Чӣ афтодааст? Гуфт: Дард хостааст.

Гуфт: Аз кай боз? Гуфт: Аз чаҳор моҳ боз. Гуфт: Ҳисоб кардам, донистам, ки Саҳл мувофақати шайх Зуннун кардааст, яъне мувофақат шарт аст. Воқеа бозгуфтам. Зуннун гуфт: Касе аст, ки ӯро аз дарди мо огоҳӣ аст ва мувофақати мо мекунад.

Накл аст, ки рӯзе Саҳл дар Тустар пой гирд кард ва пушт ба девор бозниҳод ва гуфт: «Салуни аммо бадо лакум». Гуфтанд: Пеш аз инҳо накардӣ? Гуфт: То устод зинда бувад, шогирдро баадаб бояд бувад. Таърих навиштанд, ҳамон вақт Зуннун даргузашта буд.

Накл аст, ки Амри Лайс бемор шуд, чунонки ҳамаи атиббо аз муолачати ӯ оҷиз шуданд. Гуфтанд: Ин кори касе аст, ки дуо кунад. Гуфтанд: Саҳл мустаҷобуддаъват аст. Ӯро талаб карданд ва ба ҳукми фармони улуламр иҷобат кард. Чун дар пеши ӯ бинишаст, гуфт: Дуо дар ҳаққи касе мустаҷоб шавад, ки тавба кунад. Ва туро дар зиндон мазлумон бошанд. Ҳама раҳо кард ва тавба кард. Саҳл гуфт: Худовандо! Чунонки зулли маъсияти ӯ ба ӯ намудӣ, иззи тоати ман бад-ӯ намой! Чунонки ботинашро либоси инобат пӯшонидӣ, зоҳирашро либоси офият пӯшон! Чун ин муноҷот кард, Амри Лайс биншаст ва сиҳҳат ёфт. Моли бисёр ба ӯ арза кард, ҳеч қабул накард ва аз он чо берун омад. Муриде гуфт: Агар чизе қабул кардӣ, то дар вақти вом, ки карда будем бигзоридеме, беҳ набудӣ? Муридро гуфт: Туро зар мебояд? Бингар! Он мурид бингарид, ҳама дашт ва саҳро дид, чумла зар гашта ва лаъл шуда. Гуфт: Касеро, ки бо Худой чунин ҳоле бувад, аз махлуқ чаро чизе бигирад?

Накл аст, ки чун Саҳл самоъе шунидӣ, ӯро вақте падид омадӣ, бисту панҷ рӯз дар он вақт мондӣ ва таом нахӯрдӣ; ва агар зимистон будӣ, арақ мекардӣ, ки пироҳанаш тар шудӣ. Чун дар он ҳолат уламо аз ӯ суол карданди, гуфт: Аз ман мапурсет, ки шуморо аз ман ва аз каломи ман дар ин вақт ҳеч манфаат набошад.

Накл аст, ки бар об бирафтӣ, ки қадамаш тар нашудӣ. Яке гуфт: Қавме гӯянд: Ту бар сари об меравӣ. Гуфт: Муаззини ин масҷидро бипурс, ки ӯ марди ростгӯй аст. Гуфт: Пурсидам. Муаззин гуфт: Ман он надидам, лекин дар ин рӯзҳо дар ҳавзе даромад, то ғусл созад. Дар ҳавз афтод, ки

агар ман набудаме, дар он ҷо бимурдӣ. Шайх Бӯалии Даққоқ чун ин бишнид, гуфт: Ӯро каромот бисёр аст, лекин хост, то каромоти худро бипӯшонад.

Нақл аст, ки як рӯз дар масҷид нишаста буд. Кабӯтаре бияфтод аз гармо ва ранҷ. Саҳл гуфт: Шоҳ (Шуҷои) Кирмонӣ бимурд. Чун нигоҳ карданд, ҳамчунон буд.

Нақл аст, ки яке аз бузургон гуфт, ки: Рӯзи одина пеш аз намоз наздики Саҳл шудам, море дидам дар он хона. Ман тарсидам. Гуфт: Дарой! Гуфтам: Метарсам. Гуфт: Касе ба ҳақиқати имон нарасад, то аз чизе дигар ҷуз Худой битарсад. Маро гуфт: Дар намози одина чӣ гӯӣ? Гуфтам: Миёни мо ва масҷид як шабонарӯз аст. Дасти ман баргирифт. Пас ман нигоҳ кардам ва худро дар масҷиди одина дидам. Намоз кардем ва берун омадем. Ман дар он мардумон менигаристам. Гуфт: Аҳли «Ло илоҳа илла-л-Лоҳ» бисёранд ва мухлисон андаке.

Нақл аст, ки шерон ва сибоъи бисёр ба наздики ӯ омадандӣ ва мар эшонро ғизо додӣ ва муроот кардӣ ва имрӯз дар Тустар, хонаи Саҳлро «байтуссибоъ» гӯянд.

Ва азбаски қиём карда ва дар риёзат дард кашида, бар ҷои худ намонд ва ҳирқати бавл овард, чунонки дар соате чанд бор ҳоҷат омадӣ; пайваста ҷоме бо худ доштӣ аз баҳри он ки натавонистӣ нигоҳ дошт. Аммо чун вақти намоз даромадӣ, инқитоъ пазируфтӣ ва таҳорат кардӣ ва намоз кардӣ ва он гоҳ боз бар ҷои худ бимондӣ. Ва чун бар минбар баромадӣ, ҳамаи ҳирқаташ бирафтӣ ва мунқатеъ шудӣ ва ҳамаи дарди пой зоил шудӣ. Ва чун фуруд омадӣ, боз иллаташ падид меомадӣ, аммо як зарра аз шариат бар вай фавт нашудӣ.

Нақл аст, ки муридеро гуфт: Ҷаҳд кун, то ҳама рӯз гӯӣ: Аллоҳ, Аллоҳ. Он мард мегуфт, то бар он хӯй кард, гуфт: Акнун шабҳо бар он пайванд кун! Чунон кард, то чунон шуд, ки агар худро ба ҷои хоб дидӣ, ҳамон Аллоҳ гуфтӣ дар хоб, то ӯро гуфтанд: Аз ин бозгард ва ба ёддошт машғул шав! То чунон шуд, ки ҳамаи рӯзгораш мустағрақи он шуд. Вақте дар хонае буд, чӯбе аз боло бияфтод ва бар сари ӯ омад ва бишкаст ва қатароти хун аз сараш бар замин омад ва ҳама нақши Аллоҳ-Аллоҳ падид омад.

Нақл аст, ки муридеро коре фармуд. Гуфт: Натвонам

аз бими забони мардумон. Саҳл рӯй ба асҳоб кард ва гуфт: Ба ҳақиқати ин кор нарасад, то аз ду сифат яке беҳ ҳосил накунад: ё халқ аз чашми вай бияфтад, ки ҷуз холиқ набинад ва ё нафси вай аз чашми вай бияфтад ва ба ҳар сифат, ки халқ, ки ӯро бинанд, бок надорад, яъне ҳама Ҳақ бинад.

Накл аст, ки дар пеши муриде ҳикоят мекард, ки: Дар Басра нонпазе аст, ки дараҷае вилоят дорад. Мурид бархост ва ба Басра рафт, он нонпазро дид, харитае дар маҳосини худ карда, ҷунонки одати нонвоён бошад. Чун чашми мурид бар вай афтод, бар хотири ӯ бигзашт, ки: Агар ӯро дараҷаи вилоят будӣ, аз оташ эҳтироз накардӣ. Пас салом гуфт ва суоле кард. Нонво гуфт: Чун ба ибтидо ба чашми ҳақорат дар ман нигаристӣ, туро сухани ман фоида набувад.

Накл аст, ки шайх гуфт: Вақте дар бодия мерафтам мучаррад. Пиразане дидам, ки меомад, асобае бар сар баста ва асое дар даст гирифта. Гуфтам: Магар аз қофила бозмондааст. Даст ба ҷайб бурдам ва чизе ба вай додам, ки: Сохтагӣ кун, то аз мақсуд бознамонӣ. Пиразан ангушти тааҷҷуб дар дандон гирифт ва даст дар ҳаво кард ва муште зар бигирифт ва гуфт: Ту аз ҷайб мегирӣ, ман аз ғайб мегирам. Ин бигуфт ва нопадид шуд. Ман дар ҳайрати он мерафтам, то ба Арафот расидам. Чун ба тавофгоҳ шудам, Каъбаро дидам, гирди яке тавоф мекард, он ҷо рафтам. Он пиразанро дидам. Гуфт: Ё Саҳл! Ҳар кӣ қадам баргирад, то ҷамоли Каъбаро бинад, лобудд ӯро тавоф бояд кард. Аммо ҳар кӣ аз худии худ баргирад, то ҷамоли Ҳақ бинад, Каъба гирди ӯ тавоф бояд кард.

Ва гуфт: Марде аз абдол бар ман расид ва бо ӯ сӯҳбат кардам ва аз ман масоил мепурсид аз ҳақиқат. Ва ман ҷавоб мегуфтам, то вақте ки намози бомдод бигзоридӣ ва ба зери об фурӯ шудӣ ва ба зери об нишастӣ то вақти завол. Чун ахӣ Иброҳим бонги намоз кардӣ, ӯ аз зери об берун омадӣ, як сари мӯй бар вай тар нашуда будӣ ва намози пешин гузоридӣ, пас ба зери об даршудӣ ва аз он об ҷуз ба вақти намоз берун наёмадӣ. Муддате бо ман буд, ҳам бад-ин сифат, ки, албатта, ҳеч нахӯрд ва бо ҳеч кас нанишаст, то вақте ки бирафт.

Ва гуфт: Шабе дар хоб киёматро дидам, ки дар миёни

мавқиф истода будам, ногоҳ мурғе сапед дидам, ки аз миёни мавқиф аз ҳар ҷониб яке мегирифт ва дар биҳишт мебурд. Гуфтам: Оё ин чӣ мурғе аст, ки Ҳақ таоло бар бандагони худ миннат ниҳодааст? Ногоҳ коғазе аз ҳаво падид омад, боз кардам, бар он ҷо навишта буд, ки : ин мурғе аст, ки ӯро вараъ гӯянд, ҳар кӣ дар дунё бо вараъ бувад, ҳоли вай дар қиёмат чунин бувад.

Ва гуфт: Ба хоб дидам, ки маро дар бихишт бурданд, сесад танро дидам. Гуфтам: Ассалому алайкум, пас пурсидам, ки: Хавфноктарин чизе, ки хавфи шумо аз он бештар шуд, чӣ буд? Гуфтанд: Хавфи хотимат.

Ва гуфт: Ҳақ таоло хост, ки рӯҳ дар Одам диҳад, рӯҳро ба номи Муҳаммад дар ӯ дамид ва гуфт: Кунияти ӯ Абӯмуҳаммад кард ва дар ҷумлаи биҳишт як барг нест, ки номи Муҳаммад бар вай навишта нест ва дарахте нест дар ҷумлаи биҳишт, илло ба номи ӯ киштаанд. Ва ибтидои ҷумлаи ашё ба номи ӯ кардаанд ва хатми ҷумлаи анбиё бад-ӯ хоҳад буд, лоҷарам номи ӯ «Хотамуннабийин» омад.

Ва гуфт: Иблисро ба хоб дидам. Гуфтам: Бар ту чӣ сахттар? Гуфт: Ишорати дилҳои бандагон ба Худованди ҷаҳон.

Ва гуфт: Иблисро дидам дар миёни қавме. Гуфт: Ба ҳимматаш банд кардам. Чун он қавм бирафтанд, гуфтам: Раҳо накунам! Биё, дар тавҳид сухане бигӯй. Гуфт: Иблис дар миён омад ва фасле бигуфт дар тавҳид, ки агар орифони вақт ҳозир будандӣ, ҳама ангушт ба дандон гирифтандӣ.

Ва гуфт: Ман касеро дидам дар шабе, ки азим гурусна буд. Луқма пеши ӯ оварданд, магар шубҳатолуд буд, тарк кард ва нахӯрд ва он шаб аз гуруснагӣ тоат натавонист кард - ва се сол буд, то ба шаб дар тоат буд - он шаб музди он як гуруснагӣ ва даст аз таоми шубҳат кашиданро бо он сесола ибодат баробар карданд, ин зиёдат омад.

Ва гуфт: Шиками ман пури хамр шавад, дӯсттар дорам, ки пур аз таоми ҳалол. Гуфтанд: Чаро? Гуфт: Аз он ки чун шиками ман пури хамр шавад, ақл биёромад ва оташи шаҳват бимирад ва халқ аз дасту забони ман эмин шаванд. Аммо чун аз таоми ҳалол пур шавад, фузулӣ орзу кунад ва шаҳват қавӣ гардад ва нафс ба талаби орзуҳои худ сар барорад.

Ва гуфт: Хилват дуруст наёяд магар ба ҳалол хӯрдан ва ҳалол дуруст наёяд, магар ба ҳаққи Худой додан.

Ва гуфт: Дар шабонарӯзе ҳар кӣ як бор хӯрад, ин хӯрди сиддиқон аст.

Ва гуфт: Дуруст набувад ибодат ҳеч касро ва холис набувад амале, ки мекунад, то мард гурусна набувад.

Ва гуфт: Бояд, ки аз чаҳор чиз нагурезад, то дар ибодат дуруст ояд: гуруснагиву дарвешӣ ва дигар хорӣ ва дигар қаноат.

Ва гуфт: Ҳар кӣ гуруснагӣ кашад, шайтон гирди ӯ нагардад ба фармони Худой. Чун сер бихӯрдед, талаби гуруснагӣ кунед, аз он ки шуморо мубтало гардонидааст ба сер хӯрдан; ва агар чунин накунед, аз ҳад даргузаред ва тоғӣ шавед.

Ва гуфт: Сари ҳаман офатҳо сер хӯрдан аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ҳаром хӯрад, ҳафт андоми вай дар маъсият афтад, агар хоҳад, вагарна ночор маъсият кунад; ва ҳар кӣ ҳалол хӯрад, ҳафт андоми вай дар тоат бувад ва тавфики хайр бад-ӯ пайваста бувад.

Ва гуфт: Ҳалоли софӣ он бувад, ки андар вай Худойро фаромӯш накунад.

Накл аст, ки шогирдеро гуруснагӣ ба ғоят расид ва чанд рӯз баромад. Гуфт: «Йо устоз! Мо ал-қуту? Қола: Зикру-л-ҳаййи-л-лазӣ ло йамуту» (Сураи Фурқон, ояти 58).

Ва гуфт: Халқ бар се қисманд: гурӯҳеянд бо худ ба ҷанг барои Худои таоло; ва гурӯҳеянд бо халқ ба ҷанг барои Худой; ва гурӯҳеянд бо Ҳақ ба ҷанг барои худ, ки чаро қазои ту ба ризои мо нест? Чаро машийяти ту ба мушоварати мо нест?

Ва гуфт: Ҳар кӣ хоҳад, ки тақвои вай дуруст ояд, гӯ: Аз ҳаман гуноҳон даст бидор.

Ва гуфт: Ҳар амал, ки кунед, ки на ба иқтидои муқтадо кунед, ҷумла азоби нафси худ донед.

Ва гуфт: Бандаро тааббуд дуруст наояд, то он гоҳ ки дар адам бар хештан асари дӯстӣ набинад ва дар фано асари вуҷуд.

Ва гуфт: Берун рафтанд уламо ва уббоду зуҳҳод аз дунё ва дилҳои эшон ҳанӯз дар ғилоф буд ва гушода нашуд, магар дилҳои сиддиқон ва шаҳидон.

Ва гуфт: Имони мард комил нашавад, то вақте ки амали ӯ ба вараъ набувад ва вараъи ӯ ба ихлос набувад ва ихлоси ӯ ба мушоҳада ва ихлос табарро кардан бувад аз ҳар чи дуни Худой бувад.

Ва гуфт: Беҳтарини хоифон мухлисонанд ва беҳтарин мухлисон он қавманд, ки ихлоси эшон то ба марг бирасонад.

Ва гуфт: Ҷуз мухлис воқифи риё набувад.

Ва гуфт: Он қавм, ки бад-ин мақом падид омаданд, эшонро ба бало ҳаракат доданд; агар бичунбанд, чудо монанд ва агар биёроманд, пайвастанд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ Худойро напарастад ба ихтиёр, халқаш бояд парастидан ба изтирор.

Ва гуфт: Ҳаром аст бар диле, ки ба ғайри Худой ором тавонад гирифт, ки ҳаргиз бӯи яқин ба вай расад.

Ва гуфт: Ҳаром аст бар диле, ки дар ӯ чизе бувад, ки Худой бад-он розӣ набошад, ки дар он дил нуре роҳ ёбад.

Ва гуфт: Ҳар вақте, ки китоб ва суннат гувоҳи он набувад, ботил бувад.

Ва гуфт: Фозилтарин аъмол он бувад, ки банда пок гардад аз диди покии хеш.

Ва гуфт: Ҳар кӣ нақл кунад аз нафсе ба нафсе гаҳ-гаҳ, зикри холиқи худ зоеъ кард.

Ва гуфт: Ҳиммат он аст, ки зиёдат талабад, чун тамом шавад ва ба мақсуд бирасад, ё мунқатеъ гардад.

Ва гуфт: Агар бало набудӣ, ба Ҳақ роҳ набудӣ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ чиҳил рӯз ба ихлос бувад, дар дунё зоҳид гардад ва ӯро каромат падид ояд ва агар падид наояд, халал аз вай афтода бошад андар зӯҳд. Гуфтанд: Чӣ гуна падид ояд ӯро каромат? Гуфт: Бигирад он чӣ хоҳад, чунонки хоҳад.

Ва гуфт: Ҳар дил, ки бо илм сахт гардад, аз ҳамаи дилҳо сахттар гардад ва аломати он дил, ки бо илм сахт гардад, он бувад, ки дили вай ба тадбирҳо ва ҳилатҳо баста шавад ва тадбири хеш ба Худованд таслим натвонад кард. Ва ҳар киро Ҳақ таоло ба тадбир ӯро бозгузорад, ҳам бад-ин ҷаҳон ва ҳам бад-он ҷаҳон ӯро ба дӯзах андозад.

Ва гуфт: Уламо се қавманд: олим аст ба илми зоҳир, илми хеш бо аҳли зоҳир мегӯяд; ва олим аст ба илми ботин,

ки илми хешро бо аҳли ӯ мегӯяд; ва олиме аст, ки илми ӯ миёни ӯ ва миёни Худой аст, онро бо ҳеч кас натвонад гуфт.

Ва гуфт: Офтоб барнаёмад ва фурӯ нашуд бар ҳеч кас некӯтар аз он ки Худойро баргузинад бар тан ва молу дунё ва ҷону охират.

Ва гуфт: Ҳеч маъсият азимтар аз ҷаҳл нест.

Ва гуфт: Бад-ин мачнунҳо ба чашми ҳақорат мангаред, ки эшонро халифатони анбиё гуфтанд. Касе гуфт: Илми шумо чист? Гуфт: Ин илми мо ба тасарруф наояд, валекин он илмро ба такаллуф раҳо натвонад кард, чун ин ҳадис биёяд, худ он ҳама аз ту биситонад.

Ва гуфт: Усули мо шаш чиз аст: тамассук ба китоби Худой ва иқтидо ба суннати расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ва ҳалол хӯрдан ва боздоштани даст аз ранҷонидани халқ - ва агарчи туро биранҷонанд - ва дур будан аз маноҳӣ ва таъчил кардан ба гузориди ҳуқуқ.

Ва гуфт: Усули мазҳаби мо се чиз аст: иқтидо ба расул дар ахлоқу ақвол ва афъол ва хӯрдани ҳалол ва ихлос дар ҷумлаи аъмол.

Ва гуфт: Аввал чизе, ки мубтадиро лозим ояд, тавба аст ва он надомат аст ва шаҳавот аз дил баркандан ва аз ҳаракоти мазмума ба ҳаракоти маҳмуда накл кардан; ва даст надиҳад бандаро тавба, то хомӯшӣ лозими худ нагардонад ва хомӯшӣ лозими ӯ нагардад, то хилват нагирад ва хилват лозими ӯ нашавад, то ҳалол нахӯрад ва хӯрдани ҳалол даст надиҳад, то ҳаққи Худой нагузорад ва ҳаққи Худой гузоридан ҳосил нагардад, магар ба ҳифзи ҷаворех; ва аз ин ҳама, ки баршумурдем, ҳеч муяссар нашавад, то ёрӣ нахоҳад аз Худой бар ин ҷумла.

Ва гуфт: Аввали мақоми убудият бархостан аз ихтиёр аст ва безор шудан аз ҳавлу қувваи хеш.

Ва гуфт: Бузургтарин мақомот он аст, ки хӯи бади хеш ба хӯи нек бадал кунад.

Ва гуфт: Одамиёнро ду чиз ҳалок гардонад: талаби иззу ҳавфи дарвеши.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дили вай хошеътар бувад, дев гирди вай нагардад.

Ва гуфт: Панҷ чиз аз гавҳари нафс аст: дарвеше, ки тавонгарӣ намояд ва гуруснае, ки серӣ намояд ва андӯҳгине, ки шодӣ намояд ва марде, ки вайро бо касе душманӣ бошад ва дӯстӣ намояд ва марде, ки ба шаб намоз кунад ва ба рӯз рӯза дорад ва қувват намояд аз худ.

Ва гуфт: Миёни Худой ва банда ҳеч ҳиҷоб ғализтар аз ҳиҷоби даъво нест ва ҳеч роҳ нест ба Худой наздиктар аз ифтиқор ба Худой.

Ва гуфт: Ҳар кӣ муддаӣ бувад, хоиф набувад; ва ҳар кӣ хоиф набувад, эмин набувад; ва ҳар кӣ эмин набувад, ӯро бар хазоини подшоҳ иттилоъ набувад.

Ва гуфт: Бӯи сидқ наёбад, ҳар кӣ мудоҳанат кунад ғайри худро ва мудоҳанат бо худ риё бувад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ бо мубтадеъ мудоҳанат кунад, Ҳақ таоло суннат аз ӯ бибарад ва ҳар кӣ дар рӯи мубтадее бихандад, Ҳақ таоло нури имон аз ӯ бибарад.

Ва гуфт: Ҳар ҳалол, ки аз аҳли маосӣ хоҳанд, ки бигиранд, он бар эшон ҳаром шавад.

Ва гуфт: Масали суннат дар дунё чун биҳишт аст дар уқбо, ҳар кӣ дар биҳишт шуд, эмин шуд аз хавф ва бало; ҳамчунин низ ҳар кӣ бар ҷодаи суннат дар амал шуд, эмин шуд аз бидъату ҳаво.

Ва гуфт: Ҳар кӣ таън кунад дар касб, дар суннат таън кардааст; ва ҳар кӣ дар таваккул таън кунад, дар имон таън кардааст; ва дуруст наёяд касб аҳли таваккулро магар бар ҷодаи суннат; ҳар кӣ на аҳли таваккул аст, дуруст нест касби ӯ магар бар нияти таовун, яъне муованат кунад, то дили халқ аз вай фориғ бувад.

Ва гуфт: Агар тавонӣ, ки бар сабр нишинӣ, чунон кун! Ва аз он қавм мабош, ки сабр бар ту нишинад.

Ва гуфт: Асли ҷумлаи офатҳо андакии сабр аст бар чизҳо; ва ғояти шукри ориф он аст, ки бидонад, ки оҷиз аст аз он ки шукри ӯ тавонад гузорад, ё ба ҳадди шукр тавонад расид.

Ва гуфт: Худойро дар ҳар рӯзе ва ҳар соате ва ҳар шабе атоҳо аст ва бузургтарин ато он аст, ки зикри хеш туро илҳом кунад.

Ва гуфт: Ҳеч маъсият нест батар аз фаромӯшии Ҳақ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ бихобонад чашми хеш аз ҳаромкардаи

Худой, як чашмзахм ҳаргиз дар чумлаи умр бад-ӯ роҳ наёбад.

Ва гуфт: Ҳақ таоло ҳеч маконе наёфарид аз дили мӯъмин азизтар, аз баҳри он ки ҳеч атое надод халқро аз маърифат азизтар; ва азизтарин атоҳо ба азизтарин маконҳо биниҳанд. Ва агар дар олам маконе будӣ аз дили мӯъмин азизтар, маърифати худро он чо ниҳодӣ.

Ва гуфт: Ориф он аст, ки ҳаргиз таъми вай нагардад, ҳар дам хушбӯйтар бувад.

Ва гуфт: Ҳеч ёридех нест, илло Худой ва ҳеч далел нест, илло расули Худой ва ҳеч зод нест, илло тақво ва ҳеч амал нест магар сабр бар ин панҷ чиз, ки гуфтем.

Ва гуфт: Ҳеч рӯз нагузарад, ки на Ҳақ таоло нидо кунад, ки: Бандаи ман! Инсоф намедиҳӣ, туро ёд мекунам ва ту маро фаромӯш мекунӣ. Туро ба худ мехонам ва ту ба даргоҳи касе дигар меравӣ. Ва ман балоҳоро аз ту бозмедорам ва ту бар гуноҳ мӯътакиф мебошӣ. Ё фарзанди Одам! Фардо, ки ба қиёмат ҳозир ой, чӣ узр хоҳӣ гуфт?

Ва гуфт: Худои таоло халқро биёфарид, гуфт: Бо ман роз гӯед! Агар роз нагӯет, ба ман нигарет! Ва агар ин накунед, ҳочат хоҳед!

Ва гуфт: Дил ҳаргиз зинда нашавад, то нафс намирад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба нафси хеш молик шуд, азиз шуд ва бар дигарон низ молик шуд, чунонки гуфтаанд: Подшоҳи тани худ, подшоҳи ҳар тане, хасми ту бо ту барнаёяд, чу ту бо худ баромадай. Ва ҳар киро нафси ӯ бар ӯ молик шуд, залил шуд. Ва аввали чиноятн сиддиқон сохтани эшон бувад бо нафси хеш.

Ва гуфт: Худойро ҳеч ибодат накунанд фозилтар аз мухолафати ҳаво ва нафс.

Ва гуфт: Ҳар кӣ нафси худро нашносад барои Худованди хеш, Худованди хешро нашносад барои нафси хеш.

Ва гуфт: Ҳар кӣ Худойро шиноҳт, ғарқа гашт дар дарёи андӯҳу шодӣ.

Ва гуфт: Ғояти маърифат ҳайрат аст ва дахшат.

Ва гуфт: Аввали мақоми маърифат он аст, ки бандаро якин дихад дар сирри вай ва чумлаи чавореҳи вай бад-он якин ором гирад; яъне хотирҳои бад аз заъфи якин бувад.

Ва гуфт: Аҳли маърифати Худой асҳоби аърофанд, ҳамаро

ба нишони ӯ шиносанд.Ва гуфт: Содиқ он бувад, ки Худои таоло фариштае бар вай гуморад, ки чун вақти намоз дарояд, бандае баргуморад, то намоз кунад ва агар хуфта бошад, бедор кунад.

Ва гуфт: Аз тавбаи курро навмедӣ беш аз он бувад, ки аз тавбаи куффор ва аҳли маосӣ.

Ва гуфт: «Ло илоҳа илла-л-Лоҳ» лозим аст халқро эътиқод бад-он ба дил ва эътироф бад-он ба забон ва вафо бад-он ба феъл.

Ва гуфт: Аввали тавба иҷобат аст, пас инобат аст, пас тавба аст, пас истиғфор: иҷобат ба феъл бувад ва инобат ба дил ва тавба ба ният ва истиғфор аз тақсир.

Ва гуфт: Суфӣ он бувад, ки софӣ шавад аз кадир ва пур шавад аз фикр ва дар қурби Худой мунқатеъ шавад аз башар; ва яксон шавад дар чашми ӯ хоку зар.

Ва гуфт: Тасаввуф андак хӯрдан аст ва бо Худой ором гирифтан ва аз халқ гурехтан.

Ва гуфт: Таваккул ҳоли пайғамбарон аст, ҳар кӣ дар таваккул ҳоли пайғамбар дорад, гӯ: Суннати ӯ фурӯ магзор!

Ва гуфт: Аввалмақоме дар таваккул он аст, ки дар пеши қудрат чунон бошӣ, ки мурда пеши мурда шавӣ, то чунонки хоҳад ӯро мегардонад ва ӯро ҳеч иродат набувад ва ҳаракат набошад.

Ва гуфт: Таваккул дуруст наёяд, илло ба базли рӯҳ ва базли рӯҳ натавон кард, илло ба тарки тадбир.

Ва гуфт: Нишони таваккул се чиз аст: яке он ки суол накунад ва чун падид ояд, напазирад ва чун напазируфт, бигузорад.

Ва гуфт: Аҳли таваккулро се чиз диҳанд: ҳақиқати яқин ва мукошафаи ғайбӣ ва мушоҳадаи қурби Ҳақ таоло.

Ва гуфт: Таваккул он аст, ки Худойро муттаҳам надорӣ, яъне он чӣ гуфтааст, ба ту расонад.

Ва гуфт: Таваккул он аст, ки агар чизе бувад ва агар набувад, дар ҳар ду ҳол сокин бувад.

Ва гуфт: Таваккул дилро бувад, ки бо Худой зиндагонӣ кунад бе алоқате.

Ва гуфт: Ҷумлаи аҳволро рӯе аст ва қафое, магар таваккулро ҳама рӯй аст бе қафо. Маънӣ он аст, ки зӯҳд ва

такво аз ичтиноби дунё бувад, мучоҳада дар мухолафати нафсу ҳаво бувад. Илму маърифат дар диду дониши ашё бувад, хавф ва рачо аз лутфу кибриё бувад, тавфизу таслим дар ранҷ ва ано бувад, ризо ба қазо бувад ва шукр ба наъмо бувад ва сабр бар бало бувад ва таваккул бар Худо бувад, лочарам, таваккул ҳама рӯе беқафо бувад. Агар касе гӯяд, дӯстӣ низ ҳамчунин аст, ки таваккул бар Худо аст; гӯем: Дӯстӣ бар Худой набувад, бо Худой бувад.

Ва гуфт: Дӯстӣ даст ба гардани тоат кардан бувад ва аз мухолафат дур будан.

Ва гуфт: Хар кӣ Худойро дӯст дорад, айш ӯ дорад.

Ва гуфт: Ҳаё баландтар аст аз хавф, ки ҳаё хосагиёнро бувад ва хавф уламоро.

Ва гуфт: Убудият ризо додан аст ба феъли Худой.

Ва гуфт: Муроқабат он аст, ки аз фавти дунё натарсӣ ва аз фавти охират тарсӣ.

Ва гуфт: Хавф нар аст ва рачо мода ва фарзанди хар ду имон аст.

Ва гуфт: Дар хар дил, ки кибр бувад, хафв ва рачо дар он қарор нагирад.

Ва гуфт: Хавф дур будан аст аз навоҳӣ ва рачо шитофтан аст ба адои авомир; ва илми рачо дуруст наёяд, илло хоифро.

Ва гуфт: Баландтарин мақоми хавф он аст, ки банда хоиф бувад, то дар илми Худой тақдири ӯ бар чӣ рафтааст.

Марде даъвии хавф мекард. Гуфт: Дар сирри ту берун аз хавфи катеат ҳеч хавф хаст? Гуфт: Ҳаст. Гуфт: Ту Худойро нашиноҳтай ва аз қатеати ӯ натарсидай.

Ва гуфт: Сабр интизори фараҷ аст аз Худои таоло.

Ва гуфт: Мукошафа он аст, ки гуфтаам: «Лав кушифал-гитоу мо издадту йақинан».

Ва гуфт: Футувват мутобаати суннат аст.

Ва гуфт: Зӯҳд дар се чиз аст: яке дар малбус, ки охири он дар мазбалҳо хоҳад расид; ва зӯҳд дар бародарон, ки охири он фирок хоҳад буд; ва зӯҳд дар дунё, ки охири он фано хоҳад шуд.

Ва гуфт: Вараъ тарки дунё аст ва дунё нафс аст; хар кӣ нафси худро гирифт, душмани Худой гирифтааст.

Ва гуфт: Сафар кардан аз нафс ба Худой сайд аст.

Ва гуфт: Нафс аз се сифат холӣ нест: ё кофир аст, ё мунофиқ, ё мурой.

Ва гуфт: Нафсро шарроҳои бисёр аст, яке аз он шарроҳ он аст, ки бар Фиръавн ошкоро кард ва ҷуз ба фиръавнӣ ошкоро накунад ва он даъвои худой аст.

Ва гуфт: Унс ба касе гир, ки ба наздики ӯст, ҳар чӣ туро мебояд.

Ва гуфт: Ҳақ таоло қурб надод аброрро ба хайрот ва қурб дод ба яқин.

Ва гуфт: Равған нигоҳ доред, то ақлатон зиёдат шавад, ки ҳаргиз Худойро ҳеч диле ноқисақл дарнаёфтааст.

Ва гуфт: Таҷаллӣ бар се ҳол аст: таҷаллии зот ва он мукошафа аст; ва таҷаллии сифот ва он мавзеи нур аст; ва таҷаллии ҳукми зот ва он охират аст ва мофиҳо.

Пурсиданд аз унс. Гуфт: Унс он аст, ки андомҳо унс гирад ба ақл ва ақл унс гирад ба илм ва илм унс гирад ба банда ва банда унс гирад ба Худой.

Ва пурсиданд аз ибтидои аҳвол ва ниҳояти он. Гуфт: Вараъ аввали зӯҳд аст ва зӯҳд аввали таваккул ва таваккул аввали дараҷаи ориф; ва маърифат аввали қаноат аст ва қаноат тарки шаҳавот ва тарки шаҳавот аввали ризо аст ва ризо аввали мувофақат аст.

Пурсиданд: Чӣ чиз сахттар бувад бар нафс? Гуфт: Ихлос, зеро ки нафсро дар ихлос ҳеч насибе нест.

Ва гуфт: Ихлос иҷобат аст, ҳар киро иҷобат нест, ихлос нест.

Пурсиданд аз ихлос. Гуфт: Ихлос он аст, ки чунонки динро аз Худой гирифтай, ба ҳеч каси дигар надиҳӣ ҷуз ба Худованд.

Гуфтанд: Моро васфи содиқон кун! Гуфт: Шумо асрори содиқон биёред, то ман шуморо хабар диҳам аз васфи содиқон.

Гуфтанд: Мушоҳада чист? Гуфт: Убудият.

Гуфтанд: Осиёнро унс бувад? Гуфт: На ва на ҳар ки андешаи маъсият кунад.

Гуфтанд: Ба чӣ чиз бад-он савоб расад? Гуфт, ки: Намози шаб бикунад, бад-он ки рӯз ҷиноят накунад.

Гуфтанд: Марде мегӯяд, ки: Ман ҳамчун дарам, ҳаракат

накунам то вакт, ки маро ҳаракат надиҳанд. Гуфт: Ин сухан нагӯяд магар ду тан: ё сиддиқе, ё зиндиқе.

Гуфтанд: Дар шабонрӯзе як бор таом хӯрдан чӣ гуӣ? Гуфт: Хӯрдани сиддиқон бувад. Гуфтанд: Ду бор. Гуфт: Хӯрдани мӯъминон бувад. Гуфтанд: Се бор. Гуфт: Бигӯ, то охуре бикунанд, то чун сутур мехӯрӣ!

Пурсиданд аз хӯи неқӯ. Гуфт: Камтарин ҳолаш боркашӣ ва мукофоти бадӣ нокардан ва ӯро омурзиш хостан ва бар ӯ бахшудан.

Ва гуфт: Рӯй овардани бандагон ба Худой зӯҳд аст.

Пурсиданд: Ба чӣ чиз асари лутфи худ ба банда орад? Гуфт: Чун дар гуруснагиву беморӣ ва бало сабр кунад, илло мошоаллоҳ.

Пурсиданд аз касе, ки рӯзҳои бисёр ҳеч намехӯрад, кучо мешавад он оташи гуруснагии ӯ? Гуфт: Он норро нур бинишонад.

Ва гуфт: Гуруснагиро се манзил аст: яке ҷӯъи табъ ва ин мавзеи ақл аст; ва ҷӯъи мавт аст ва ин мавзеи фасод аст; ва ҷӯъи шаҳват аст ва ин мавзеи исроф аст.

Пурсиданд, ки: Тавба чист? Гуфт: Он, ки гуноҳ фаромӯш куни. Мард гуфт: Тавба он аст, ки гуноҳ фаромӯш накуни. Саҳл гуфт: Чунин нест, ки ту донистай, ки: зикри ҷафо дар айёми вафо ҷафо бувад.

Яке гуфт: Маро васияте кун! Гуфт: Растагории ту дар чаҳор чиз аст: ноҳурӣ ва бехобӣ ва танҳоиву хомӯшӣ. Гуфт: Хоҳам, ки бо ту сӯҳбат дорам. Гуфт: Чун аз мо яке мирад, бо кӣ сӯҳбат дорӣ? Акнун худ бо ӯ дор!

Ва гуфт: Агар ту аз сибоъ метарсӣ, бо ман сӯҳбат мадор.

Гуфтанд: Мегӯянд, шер ба зиёрати ту меояд. Гуфт: Оре, саг ба саг ояд.

Гуфтанд: Дарвеш кай баросояд? Гуфт: Он гох, ки худро ҷуз он вакт набинад, ки дар вай буд.

Гуфтанд: Аз ҷумлаи халоиқ бо кадом кавм сӯҳбат дорем? Гуфт: Бо орифон, аз ҷиҳати он ки эшон ҳеч чизро бисёр нашмаранд, ҳар феъле, ки равад, он ба наздики эшон таъвиле бувад; лочарам туро дар кулли аҳвол маъзур доранд.

Муноҷоти ӯст, ки гуфт: Илоҳо! Маро ёд кардӣ ва ман кас на; ва агар ман туро ёд кунам, чун ман кас на; маро ин

шодӣ бас на ва аз ман нокастар кас на.

Ва Саҳл ибни Абдуллоҳ воизе ҳакиқӣ буд ва халқе ба сабаби ӯ ба роҳ бозомаданд.

Ва он рӯз, ки вафоти ӯ наздик расид, чаҳорсад марди мурид дошт. Он мардони мард бар сари болини ӯ буданд, гуфтанд: Бар ҷои ту кӣ нишинад? Ва бар минбари ту кӣ сухан гӯяд? Габре буд, ки ӯро Шоддили габр гуфтандӣ. Пир чашм бозкарду гуфт: Бар ҷои ман Шоддил нишинад. Халқ гуфтанд: Магар ин пирро ақл тафовут кардааст! Касеро, ки чаҳорсад марди олими диндор шогирд дорад, ӯ габреро бар ҷои худ насб кунад! Ӯ гуфт: Шӯр дар бокӣ кунед! Биравед ва он Шоддилро ба назди ман ored! Биёварданд. Чун назари шайх бар Шоддил афтод, гуфт: Чун рӯзи саввум аз вафоти ман гузарад, баъд аз намози дигар бар минбари ман рав ва ба ҷои ман биншину халқро сухан гӯй ва ваъз кун! Шайх ин бигуфту даргузашт. Рӯзи саввум баъд аз намози дигар, чандон мардум ҷамъ шуданд. Шоддил биёмад ва бар минбар шуд ва халқ назора мекарданд, то: худ ин чист? Габре ва кулоҳи габрӣ бар сар ва зунноре бар миён баста? Гуфт: Меҳтари шумо маро ба шумо расул кардааст ва маро гуфт: Ё Шоддил! Гоҳи он наёмад, ки зуннори габрӣ бибурӣ? Гуфт: Акнун буридам ва корд барниҳоду зуннорро бибурид. Ва гуфтааст, ки: Гоҳи он наёмад, ки кулоҳи габрӣ аз сар биниҳӣ? Гуфт: Инак ниҳодам. Ва гуфт: «Ашҳаду ан ло илоҳа илла-л-Лоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулу-л-Лоҳ». Пас гуфт: Шайх гуфтааст, ки: Бигӯй, ки ин, ки пири шумо буд ва устоди шумо буд, насиҳат кард ва насиҳати устоди худ пазируфтан шарт ҳаст, инак, Шоддил зуннори зоҳир бибурид, агар хоҳед, ки моро ба киёмат бубинед, ба ҷавонмардӣ бар шумо, ки ҳама зуннорҳои ботинро бибуред! Ин бигуфт, қиёмате аз он қавм баромад ва ҳолоте аҷаб зоҳир шуд.

Нақл аст, ки он рӯз, ки ҷанозаи шайх бардоштанд, халқ бисёр заҳмат мекарданд. Ҷуҳуде буд ҳафтодсола. Чун он бонгу ҷалаба шунуд, берун омад, то чист? Чун ҷаноза бирасид, овоз бароварда, ки: Эй мардумон! Он чӣ ман мебинам, шумо мебинед? Фариштагон аз осмон фурӯ меоянд ва хештан бар ҷанозаи ӯ мемоланд. Дарҳол калимаи

шаҳодат гуфт ва мусалмон шуд.

Абуталҳа ибни Молик гуфт, ки: Саҳл он рӯз, ки дар вуҷуд омад, рӯзадор буд; ва он рӯз бирафт, ҳам рӯзадор буд ва ба Ҳақ расид рӯза ногушуда.

Нақл аст, ки Саҳл рӯзе нишаста буд бо ёрон. Марде он ҷо бигзашт. Саҳл гуфт: Ин мард сирре дорад. То бингаристанд, мард рафта буд. Чун Саҳл вафот кард, муриде бар сари гӯри вай нишаста буд. Он мард бигзашт. Мурид гуфт: Хоҷа! Ин пир, ки дар ин хок аст, гуфтааст, ки: Ту сирре дорӣ, ба ҳаққи он Худованд, ки туро ин сирр додааст, ки чизе ба мо намоӣ! Он мард ба гӯристони Саҳл ишорат кард, ки: Эй Саҳл! Саҳл дар гӯр ба овози баланд бигуфт: «Ло илоҳа илла-л-Лоҳ, ваҳдаху ло шарика лаҳу». Гуфт: Мегуянд, ки ҳар кӣ аҳли «ло илоҳа илла-л-Лоҳ» бувад, ӯро торикии гӯр набувад; рост аст ё на? Саҳл аз гӯр овоз дод ва гуфт: Рост аст, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

29. ЗИКРИ МАЪРУФИ КАРХӢ, РАҲМАТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲ

Он ҳамдами насими висол, он маҳрами ҳарими ҷалол, он муқтадои садри тариқат, он раҳнамои роҳи ҳақиқат, он орифи асрори шайхӣ, қутби вақт Маъруфи Кархӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Муқаддами тариқат буд ва муқаддами тавоиф буд ва махсус ба анвои латоиф буд ва саййиди муҳиббони вақт буд ва хулосаи орифони аҳд буд, балки агар ориф набудӣ, маъруф нагаштӣ.

Каромату риёзати ӯ бисёр; ва дар футуввату тақво ояте буд. Ва азим лутфе ва қурбе тамом доштааст ва дар мақоми унсу шавқ бағоят будааст.

Ва модару падараш тарсо буданд. Вайро бари муаллим фиристоданд. Устодаш гуфт: Бигӯй: «Солис ва салоса»! Гуфт: Ний, «бал ҳува-л-Лоҳу-л-воҳид». Ҳарчанд ки мегуфт, ки: Бигӯй, Худо се аст, ӯ мегуфт: Яке. Ҳарчанд устод бизадаш, суд надошт. Яке боз сахт задаш. Маъруф бигурехт ва беш наёфтандаш. Модару падараш гуфтандӣ: Кошкӣ биёмадӣ ва ҳар дине, ки ӯ бихостӣ, мо мувофақати ӯ кардамоне. Вай бирафт ва бар дасти Алӣ ибни Мӯсо ар-Ризо мусалмон шуд.

Баъд аз чанд гоҳ, рӯзе ба дари хонаи падар рафт, дари хона бикӯфт. Гуфтанд: Кист? Гуфт: Маъруф. Гуфтанд: Бар кадом динӣ? Гуфт: Бар дини Муҳаммад, расулуллоҳ. Модару падараш дарҳол мусалмон шуданд.

Он гоҳ ба Довуди Тойӣ афтод ва бисёр риёзат кашид ва басе ибодату муҷоҳада ба ҷой оварда ва чандон дар сидқ қадам зад, ки мушорунилайҳ гашт.

Муҳаммад ибни Мансури ат-Тӯсӣ гӯяд: Ба наздики Маъруф будам дар Бағдод. Асаре бар рӯи ӯ дидам, гуфтам: Дӣ ба наздики ту будам, ин нишон набуд. Ин чист? Гуфт: Чизе, ки туро чора аст, мапурс! Ва пурс аз чизе, ки туро ба

кор ояд. Гуфтам: Ба ҳаққи маъбуд, ки бигӯй! Гуфт: Дӯш намоз мекардам ва хостам, ки ба Макка равам ва тавофе кунам. Ба сӯи Замзам рафтам, то об хӯрам. Пои ман билағзид ва рӯй бад-он даромад. Ин нишони он аст.

Нақл аст, ки ба Дачла рафта буд ба таҳорат ва мусҳафу мусалло дар масҷид бинҳод. Пиразане даромад ва баргирифт ва мерафт. Маъруф аз паи ӯ мерафт, то бад-ӯ расид. Бо вай сухан гуфт, сар дар пеш афганд, то чашм бар вай наяфтад. Гуфт: Ҳеч писараки қуръонхон дорӣ? Гуфт: На. Гуфт: Мусҳаф ба ман деҳ! Мусалло туро. Он зан аз ҳилми ӯ ба шигифт монд ва ҳар ду он чо бинҳод. Маъруф гуфт: Мусалло туро ҳалол, бигир! Он зан аз шарму ҳичолати он ба шитоб бирафт.

Нақл аст, ки як рӯз бо чамъе мерафт. Ҷамоате чавонон меомаданд ва фасод мекарданд, то ба лаби Дачла расиданд. Ёрон гуфтанд: Ё шайх! Дуо кун, то Ҳақ таоло ин чумларо ғарқ кунад, то шумии эшон аз халқ мункатеъ шавад. Маъруф гуфт: Дастҳо бардоред! Пас гуфт: Илоҳо! Чунонки дар ин чаҳон айшашон хуш додӣ, дар он чаҳонашон айши хуш деҳ! Асҳоб ба тааччуб бимонданд, гуфтанд: Хоча! Мо сирри ин дуо намедонем. Гуфт: Он кас, ки бо ӯ мегӯем, медонад. Тавақкуф кунед, ки ҳам акнун сирри ин пайдо ояд. Он чамъ чун шайх бидиданд, рубоб бишкастанд ва хамр бирехтанд ва ларза бар эшон афтод ва дар дасту пои шайх афтоданду тавба карданд. Шайх гуфт: Дидет, ки муроди чумла ҳосил шуд бе ғарқ ва бе он ки ранче ба касе расид!

Нақл аст, ки Сарии Сақатӣ гуфт: Рӯзи ид Маъруфро дидам, ки донаи хурмо бармечид. Гуфтам: Инро чӣ мекунӣ? Гуфт: Ин кӯдакро дидам, ки мегирист. Гуфтам: Чаро мегирӣй? Гуфт: Ман ятимам, на падар дорам ва на модар. Кӯдакони дигарро чомаҳост ва ман надорам; ва эшон чавз доранд ва ман надорам. Ин донаҳо аз баҳри он мечинам, то бифрӯшам ва вайро чавз харам, то биравад ва бозӣ мекунад. Сарӣ гуфт: Ин корро ман кифоят кунам ва дили туро фориғ кунам. Кӯдакро бурдам ва чома дар ӯ пӯшидам ва чавз харидам ва дили вай шод кардам. Дарҳол нуре дидам, ки дар дилам падид омад ва ҳолам аз лавне дигар шуд.

Нақл аст, ки рӯзе Маъруфро мусофире расид дар хонақоҳ ва кибларо намедонист. Рӯй ба сӯи дигар кард ва

намоз кард. Чун вақти намоз даромад, асҳоб рӯй сӯи қибла карданд ва намоз карданд. Он мусофир хичил шуд, гуфт: Охир маро чаро хабар накардед? Шайх гуфт: Мо дарвешем ва дарвешро бо тасарруф чӣ кор? Он мусофирро чандон муроот кард, ки сифат натвон кард.

Нақл аст, ки Маъруфро холе буд, ки волии шаҳр буд. Рӯзе ба чое хароб мегузашт, Маъруфро дид он чо нишаста ва нон мехӯрд ва саге дар пеши вай. Ва вай як луқма дар даҳони худ мениҳод ва як луқма дар даҳони саг. Хол Гуфт: Шарм намедорӣ, ки бо саг нон мехӯрӣ? Гуфт: Аз шарм нон медиҳам ба дарвеш. Пас сар бароварда ва мурғеро аз ҳаво бихонд. Мурғ фуруд омад ва бар дасти вай нишаст ва ба пари худ сару чашми худро мепӯшид. Маъруф гуфт: Ҳар кӣ аз Худой шарм дорад, ҳама чиз аз вай шарм дорад. Дарҳол хол хичил шуд.

Нақл аст, ки яке рӯз таҳорат бишкаст. Дарҳол таяммум кард. Гуфтанд: Инак Дачла, таяммум чаро мекунӣ? Гуфт: Тавонад буд, ки то он чо бирасам, намонда бошам.

Нақл аст, ки як бор шавқ бар вай ғолиб шуд. Сутуне буд, бархост ва он сутунро дар канор гирифт ва чандон бифишорид, ки бими он буд, ки он сутун пора шавад.

Ва ӯро калимоте аст олӣ:

Гуфт: Аломати чавонмардӣ се чиз аст: яке, вафои бехилоф, дуввум, ситоиши бехуд, саввум, атое бесуол.

Ва гуфт: Аломати дӯстии Худой он бувад, ки ӯро машғул дорад ба коре, ки саодати вай дар он бувад ва нигоҳ дорад аз машғулие, ки ӯро ба кор наёяд.

Ва гуфт: Аломати гирифти Худой дар ҳаққи касе он бувад, ки ӯро машғул кунад ба кори нафси хеш ба чизе, ки ӯро ба кор наёяд.

Ва гуфт: Аломати авлиёи Худой се чиз аст: андешаи эшон аз Худой бувад ва карори эшон бо Худой бувад ва шуғли эшон дар Худой бувад.

Ва гуфт: Чун Ҳақ таоло ба бандае хайре хоҳад дод, дари амали хайр бар вай бигушояд ва дари сухан бар вай бибандад ва сухан гуфтани мард дар чизе, ки ба кор наёяд, аломати хизлон аст ва чун ба касе шарре хоҳад, баръакси ин бувад.

Ва гуфт: Аломати вафо ба ҳуш омадани сирр аст аз хоби

ғафлат ва фориғ шудани андеша аст аз фузули офат.

Ва гуфт: Чун Худои таоло ба касе хайре хоҳад дод, бар ӯ бигушояд дари амал ва дарбандад бар вай дари касал.

Ва гуфт: Талаби биҳишт бе амал гуноҳ аст ва интизори шафоат бе нигоҳдошти суннат навъе аст аз ғурур ва умед доштани раҳмат дар нофармонбардорӣ ҷаҳл асту ҳамоқат.

Ва гуфтанд: Тасаввуф чист? Гуфт: Гирифтани ҳақоиқ ва гуфтан ба дақоиқ ва навмед шудан аз он чӣ ҳаст дар дасти халоиқ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ошиқи раёсат аст, ҳаргиз фалоҳ наёбад.

Ва гуфт: Ман роҳе медонам ба Худой: он, ки аз касе чизе нахоҳӣ ва ҳечат набувад, ки касе аз ту чизе хоҳад.

Ва гуфт: Чашм фурӯ хобонед ва агар ҳама аз наре бувад ва модае.

Ва гуфт: Забон аз мадҳ нигоҳ доред, чунонки аз замм нигоҳ доред.

Суол карданд, ки: Ба чӣ чиз даст ёбем бар тоат? Гуфт: Бад-он ки ҳубби дунё аз дили худ берун кунед; ки агар андак чизе аз дунё дар дили шумо ояд, ҳар сачда, ки кунед, он чизро кунед.

Ва суол карданд аз муҳаббат. Гуфт: Муҳаббат на аз таълими халқ аст, ки муҳаббат аз мавҳибати Ҳақ аст ва аз фазли ӯ.

Ва гуфт: Орифро агар ҳеч неъмате набувад, ӯ худ дар ҳама неъмат бувад.

Накл аст, ки як рӯз таоми хуш мехӯрд. Ӯро гуфтанд: Чӣ мехӯрӣ? Гуфт: Ман меҳмонам, он чи маро диҳанд, он хӯрам. Бо ин ҳама як рӯз нафсро мегуфт: Эй нафс! Халос дех маро, то ту низ халос ёбӣ.

Ва Иброҳим як бор ӯро васияте хост. Гуфт: Таваккул кун, то Худой бо ту ба хам бувад ва аниси ту бувад ва бозгашт буд, ки аз ҳама бар ӯ шикоят кунӣ, ки ҷумлаи халқ на туро манфаат тавонанд расонид ва на мазаррат дафъ тавонанд кард.

Ва гуфт: Илтимосе, ки кунӣ, аз он чо кун, ки ҷумлаи дармонҳо наздики ӯст ва бад-он ки ҳар чӣ ба ту фурӯ меояд - ранче ё балое ёфтай - яқин медон, ки фарағ ёфтан аз он дар ниҳон доштан аст.

Ва касе дигар гуфт: Маро васияте бикун! Гуфт: Ҳазар кун аз он ки Худой туро мебинад ва ту дар шеваи масокин набошӣ!

Сарӣ гуфт: Маъруф маро гуфт: Чун туро ба Худой ҳоҷате бувад, савгандаш деҳ! Бигӯй: Ё Раб! Ба ҳаққи Маъруфи Кархӣ, ки ҳоҷати ман раво кунӣ, то ҳолӣ инҷобат афтад.

Нақл аст, ки шиа як рӯз бар дари Ризо, разия-л-Лоҳу анҳу, музоҳамат карданд ва пахлӯи Маъруфи Кархиро бишкастанд. Бемор шуд. Сарии Сақатӣ гуфт: Маро васияте кун! Гуфт: Чун ман бимирам, пироҳани маро садақа деҳ, ки ман мехоҳам, ки аз дунё берун равам, барахна бошам. Чунонки аз модар барахна омадаам. Лоҷарам дар таҷрид ҳамто надошт ва аз қуввати таҷриди ӯ буд, ки баъд аз вафоти ӯ хоки ӯро «тарёки муҷарраб» мегӯянд, ба ҳар ҳоҷат, ки ба хоки ӯ раванд, Ҳақ таоло раво гардонад.

Пас чун вафот кард, аз ғояти хулқ ва тавозӯи ӯ буд, ки ҳама адён дар вай даъво карданд: ҷуҳудону тарсоён ва мӯъминон, ҳар як гурӯҳ гуфтанд, ки вай аз мост. Ходим гуфт, ки ӯ гуфтааст, ки: Ҳар кӣ ҷанозаи маро аз замин бартавонад дошт, ман аз он қавмам. Тарсоён натавонистанд, ҷуҳудон натавонистанд бардошт, аҳли ислом биёмаданду бардоштанд ва намоз карданд ва боз ҳам он ҷо ӯро ба хок карданд.

Нақл аст, ки як рӯз рӯзадор буд ва рӯз ба намози дигар расида буд. Дар бозор мерафт. Саққое мегуфт, ки: «Раҳима-л-Лоҳу ман шариба» - Худой бар он кас раҳмат кунод, ки аз ин об бихӯрад! Бигирифт ва бихӯрд. Гуфтанд: На ки рӯзадор будӣ! Гуфт: Оре, лекин ба дуо рағбат кардам. Чун вафот кард, ӯро ба хоб диданд. Гуфтанд: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Маро дар кори дуои саққо кард ва биёмурзид.

Муҳаммад ибни Ҳусайн, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, гуфт: Маъруфро ба хоб дидам. Гуфтам: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Биёмурзид. Гуфтам: Ба зӯҳду вараъ? Гуфт: На, ба қабули як сухан, ки аз писари Саммок шунидам ба Кӯфа. Гуфт: Ҳар кӣ ба ҷумлагӣ ба Худой бозгардад, Худой ба раҳмат бад-ӯ бозгардад ва ҳамаи халқро бад-ӯ бозгардонад. Сухани ӯ дар дили ман афтод. Ба Худой бозгаштам ва аз ҷумлаи шуғлҳо даст бидоштам, магар хидмати Алӣ ибни Мӯсо ар-Ризо (ро)

ва ин сухан ӯро гуфтам. Гуфт: Агар панд пазирӣ, ин туро кифоят аст.

Сарӣ гуфт: Маъруфро ба хоб дидам дар зери арш истода, чашм фароҳу паҳн бозкарда, чун волае мадҳуш; ва аз Ҳақ таоло нидо мерасид ба фариштагон, ки: Ин кист? Гуфтанд: Бор Худоё! Ту донотарӣ. Фармон омад, ки: Маъруф аст, ки аз дӯстии мо масти вола гаштааст ва ҷуз ба дидори мо ба ҳуш бознаёяд ва ҷуз ба ликои мо аз худ хабар наёбад, раҳматул-Лоҳи алайҳ.

30. ЗИКРИ САРИИ САҚАТӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он нафскуштаи муҷоҳада, он дилзиндаи мушоҳада, он солики ҳазрати малакут, он шоҳиди иззати ҷабарут, он нуқтаи доираи лонуқатӣ, шайхи вақт Сарии Сақатӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Имоми аҳли тасаввуф буд ва дар аснофи илм ба камол буд ва дарёи андӯҳу дард буд ва кӯхи ҳилму субот буд ва хазонаи муруввату шафқат буд ва дар румузу ишорот ўъҷубае буд. Ва аввал касе, ки дар Бағдод сухани ҳақоиқ ва тавҳид гуфт, ӯ буд. Ва бештар аз машоихи Ироқ муриди вай буданд. Ва холи Ҷунайд буд ва муриди Маъруфи Кархӣ буд ва Ҳабиби Роъиро дида буд.

Ва дар ибтидо дар Бағдод нишастӣ. Дӯконе дошт ва пардае аз дари дӯкон даровехта. Даромадӣ ва намоз кардӣ. Ҳар рӯз чандин ракъат намоз кардӣ. Яке аз кӯҳи Луком биёмад ба зиёрати вай ва парда аз он дар бардошт ва салом гуфт ва Сариро гуфт: Фалон пир аз кӯҳи Луком туро салом гуфт. Сарӣ гуфт: Вай дар кӯҳ сокин шудааст, бас коре набошад. Мард бояд, ки дар миёни бозор ба Ҳақ машғул тавонад буд, чунонки як лаҳзае аз Ҳақ таоло ғоиб набувад.

Нақл аст, ки дар харидуфурӯхт ҷуз дах ним суд нахостӣ. Як бор ба шаст динор бодом харид. Бодом гарон шуд, даллол биёмад ва гуфт: Бифрӯш! Гуфт: Ба чанд? Гуфт: Ба шасту се динор. Гуфт: Баҳои бодом имрӯз навад динор аст. Гуфт: Қарори ман ин аст, ки ҳар дах динор ним динор беш настонам, ман азми худ накз накунам. Даллол гуфт: Ман низ раво надорам, ки колои ту ба кам фурӯшам. На даллол фурӯхт ва на Сарӣ раво дошт.

Дар аввал сақатфурӯшӣ кардӣ. Як рӯз бозори Бағдод бисӯхт. Ӯро гуфтанд: Бозор бисӯхт. Гуфт: Ман низ фориғ шудам. Баъд аз он нигоҳ карданд ва дӯкони ӯ насӯхта буд.

Чун ончунон бидид, он чӣ дошт, ба дарвешон дод ва тариқи тасаввуф пеш гирифт. Аз ӯ пурсиданд, ки: Ибтидои ҳоли ту чӣ гуна буд? Гуфт: Рӯзе Ҳабиби Роъӣ ба дӯкони ман баргузашт. Ман чизе бад-ӯ додам, ки: Ба дарвешон деҳ! Гуфт: «Хаййарака-л-Лоҳу». Он рӯз ин дуо бигуфт, дунё бар дили ман сард шуд, то рӯзи дигар Маъруфи Кархӣ меомад, кӯдаке ятим бо ӯ хамроҳ. Гуфт: Инро ҷома кун! Ман ҷома кардам. Маъруф гуфт: Худои таоло дунёро бар дили ту душман гардонад ва туро аз ин шуғл роҳат диҳад! Ман ба якборагӣ аз дунё фориғ омадам аз баракоти дуои Маъруф.

Ва касе дар риёзат он муболағат накард, ки ӯ, то ба ҳадде ки Ҷунайд гуфт: Ҳеч касро надидам дар ибодат комилтар аз Сарӣ, ки наваду ҳашт сол бар ӯ бигузашт, ки паҳлӯ бар замин наниҳод, магар дар бемории марг.

Ва гуфт: Чиҳил сол аст, то нафси ман гизир дар ангубин мехоҳад ва ман надодамаш.

Ва гуфт: Ҳар рӯзе чанд карат дар оина бингарам аз бими он, ки набояд, ки аз шумии гунох рӯям сиёҳ шуда бошад.

Ва гуфт: Хоҳам, ки он чӣ бар дили мардумон аст, бар дили манастӣ аз андӯҳ, то эшон фориғ будандӣ аз андӯҳ.

Ва гуфт: Агар бародаре ба наздики ман ояд ва ман даст ба маҳосин фуруд орам, тарсам, ки номамро дар ҷаридаи мунофиқон сабт кунанд.

Ва Бишри Ҳофӣ гуфт: Ман аз ҳеч кас суол накардаме, магар аз Сарӣ, ки зӯҳди ӯро дониста будам, ки шод шавад, ки чизе аз дасти вай берун шавад.

Ҷунайд гуфт: Як рӯз бари Сарӣ рафтам. Мегирист. Гуфтам: Чӣ будааст? Гуфт: Дар хотирам омад, ки имшаб кӯзаеро баровезам, то об сард шавад. Дар хоб шудам. Хуреро дидам. Гуфтам: Ту азони кистӣ? Гуфт: Азони касе, ки кӯза барнаёвезад, то об хунук шавад. Ва он ҳур кӯзаи маро бар замин зад. Инак бингар! Ҷунайд гуфт: Сафолҳои шикаста дидам, то дер гох он сафолҳо он ҷо афтода буд.

Ҷунайд гуфт: Шабе хуфта будам, бедор шудам. Сирри ман тақозо кард, ки: Ба масҷиди Шавнезия рав! Пас бирафтам: шахсе дидам хоил. Битарсидам. Маро гуфт: Ё Ҷунайд! Аз ман метарсӣ? Гуфтам: Оре. Гуфт: Агар Худойро ба сазо бишнохтай, ҷуз аз вай натарсидӣ. Гуфтам: Ту кистӣ?

Гуфт: Иблис. Гуфтам: Мебоист, ки туро дидаме! Гуфт: Он соат, ки аз ман андешидӣ, аз Худой ғофил шудӣ ва туро хабаре на. Мурод аз дидани ман чӣ буд? Гуфтам: Хостам, то пурсам, ки туро бар фуқаро хеч даст бошад? Гуфт: На. Гуфтам: Чаро? Гуфт: Чун хоҳам, ки ба дунё бигирамашон, ба уқбо гурезанд; ва чун хоҳам, ки ба уқбо бигирамашон, ба мавло гурезанд; ва маро он чо роҳ нест. Гуфтам: Агар бар эшон даст наёбӣ, эшонро хеч бинӣ? Гуфт: Бинам, он гоҳ ки дар самоъу вачд уфтанд, бинамашон, ки аз кучо меноланд. Ин бигуфту нопадид шуд. Чун ба масчид даромадам, Сариро дидам - сар бар зону ниҳода - сар бароварду гуфт: Дурӯғ мегӯяд он душмани Худой, ки эшон аз он азизтаранд, ки эшон ба Иблис намояд.

Чунайд гуфт: Бо Сарӣ ба чамоати муханнасон баргузаштам. Ба дили ман даромад, ки: Ҳоли эшон чун хоҳад буд? Сарӣ гуфт: Ҳаргиз ба дили ман нагузаштааст, ки маро бар хеч офарида фазл аст дар кулли олам. Гуфтам: Ё шайх! На бар муханнасон худро фазл ниҳодай? Гуфт: Ҳаргиз на.

Чунайд гуфт: Ба наздики Сарӣ даршудам, вайро дидам мутағаййир. Гуфтам: Чӣ будааст? Гуфт: Парие аз париён бар ман омад ва суол кард, ки ҳаё чӣ бошад? Чавоб додам. Он парӣ об гашт, чунинки мебинӣ.

Нақл аст, ки Сарӣ хоҳаре дошт. Дастурӣ хост, ки: Ин хонаи туро бирӯбам. Дастурӣ надод, гуфт: Зиндагонии ман кирои ин накунад. То як рӯз даромад, пиразанеро дид, ки хонаи вай меруфт. Гуфт: Эй бародар! Маро дастурӣ надодӣ, то хидмати ту кардаме, акнун номахраме овардай! Гуфт: Эй хоҳар! Дил машғул мадор, ки ин дунё аст, ки дар ишқи мо сӯхтааст ва аз мо махрум буд. Акнун аз Ҳақ таоло дастурӣ хост, то аз рӯзгори мо насибе бувад ӯро. Чорӯби ҳучраи мо бад-ӯ доданд.

Яке аз бузургон мегӯяд: Чандин машоихро дидам. Хеч касро бар халқи Худой чунон мушфиқ наёфтам, ки Сариро.

Нақл аст, ки ҳар кӣ саломаш кардӣ, рӯй туруш кардӣ ва чавоб гуфтӣ. Аз сирри ин пурсиданд. Гуфт: Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст, ки: Ҳар кӣ салом кунад бар мусалмоне, сад раҳмат фуруд ояд. Навад он касро бувад, ки рӯи тоза дорад. Ман рӯй туруш кардаам, то навад

раҳмат ӯро бувад. Агар касе гӯяд: Ин исор бувад ва дарачаи исор аз он чӣ ӯ кард, зиёдат аст, пас чӣ гуна ӯро бех аз худ хоста бошад? Гӯям: «Наҳну наҳкуму би-з-зоҳири». Руй туруш карданро ба зоҳир ҳукм натвонем кард, аммо бар исор ҳукм наметавон кардан: ё аз сари сидқ бувад, ё набувад, аз сари ихлос бувад, ё набувад; лочарам он чӣ ба зоҳир ба дасти ӯ бувад, ба чой оварад.

Накл аст, ки як бор Яъқуб, алайҳи-с-саломро ба хоб дид. Гуфт: Эй пайғомбари Худой! Ин чӣ шӯр аст, ки аз баҳри Юсуф дар чаҳон андохтай? Чун туро бари ҳазрат бор хаст, ҳадиси Юсуфро ба бод бурда! Нидое бар сари ӯ расид, ки: Ё Сарӣ! Дил нигаҳ дор. Ва Юсуфро бо вай намуданд. Наърае бизад ва беҳуш шуд ва сездаҳ шабонарӯз беакл афтода буд. Чун ба акл бозомад, гуфтанд: Ин чазои он касе аст, ки ошиқони даргоҳи моро маломат мекунад.

Накл аст, ки касе пеши Сарӣ таоме овард ва гуфт: Чанд рӯз аст, то нахӯрдай? Гуфт: Панч рӯз! Гуфт: Гуруснагии ту гуруснагии бухл будааст, гуруснагии фақр набудааст.

Накл аст, ки Сарӣ хост, ки яке аз авлиёро бинад. Пас, ба иттифоқ якеро бар сари кӯҳе бидид. Чун ба вай расид, гуфт: Ассалому алайка! Ту кистӣ? Гуфт: Ӯ. Гуфт: Ту чӣ мекунӣ? Гуфт: Ӯ. Гуфт: Ту чӣ мехӯрӣ? Гуфт: Ӯ. Гуфтам: (!) Ин ки мегӯй ӯ, аз ин сухан Худойро мехоҳи? Ин сухан бишнид, наърае бизад ва чон бидод.

Накл аст, ки Ҷунайд гуфт: Сарӣ маро рӯзе аз муҳаббат пурсид, гуфтам, ки: Гурӯҳе гуфтанд: мувофақат аст. Ва гурӯҳе гуфтанд: ишорат аст ва чизҳои дигар гуфтааст.

Сарӣ пӯсти дасти хеш бигирифт ва бикашид, аз дасташ барнахост. Гуфт: Ба иззати ӯ, ки агар гӯям: ин пӯст аз дӯстии ӯ хушк шудааст, рост гӯям ва аз ҳуш бишуд ва рӯи ӯ чун мох гашт.

Накл аст, ки Сарӣ гуфт: Банда ба чое бирасад дар муҳаббат, ки агар тире ё шамшере бар вай занӣ, хабар надорад ва аз он хабар бувад андар дили ман, то он гоҳ ки ошкоро шуд, ки чунин аст.

Сарӣ гуфт: Чун хабар месёбам, ки мардумон бари ман меоянд, то аз ман илм омӯзанд, дуо гӯям: Ё Раб! Ту эшонро илме ато кун, ки машғул гардонад, то ман эшонро ба кор

наёям, ки ман дӯст надорам, ки эшон сӯи ман оянд.

Нақл аст, ки марде сӣ сол буд, то дар мучохада истода буд. Гуфтанд: Ин ба чӣ ёфтӣ? Гуфт: Ба дуои Сарӣ. Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Рӯзе ба дари сарои ӯ шудам ва дар бикӯфтам. Ӯ дар хилвате буд. Овоз дод, ки: Кист? Гуфтам: Ошно. Гуфт: Агар ошно будӣ, машғули ӯ будӣ ва парвои мо-т набудӣ. Пас гуфт: Худовандо! Ба худаш машғул кун, чунонки парвои ҳеч касаш набувад. Ҳамин ки ин дуо гуфт, чизе ба синаи ман фуруд омад ва кори ман бад-ин ҷой расид.

Нақл аст, ки як рӯз мачлис мегуфт. Яке аз надимони халифа мегузашт - номи ӯ Аҳмад Язиди котиб буд - бо тачаммуле тамом ва ҷамъе ходимон ва ғуломон гирди ӯ даромада. Гуфт: Бош, то ба мачлиси ин мард равем. Чанд ҷос равем, ки набояд рафт? Пас дилам он ҷо бигирифт. Пас ба мачлиси Сарӣ рафт ва биншаст. Ва бар забони Сарӣ рафт, ки: Дар ҳаждаҳ ҳазор олам ҳеч кас нест аз одамӣ заифтар ва ҳеч кас аз анвои халқи Худой дар фармони Худой чунон осӣ нашавад, ки одамӣ. Ки агар некӯ шавад, чунон некӯ шавад, ки фаришта рашк барад аз ҳолати ӯ; ва агар бад шавад, чунон бад шавад, ки девро нанг ояд аз сӯҳбати ӯ. Аҷаб аз одамӣ бад-ин заифӣ, ки осӣ шавад дар Худой бад-ин бузургӣ. Ин тире буд, ки аз камони Сарӣ ҷудо шуд, бар ҷони Аҳмад омад; чандон бигирист, ки аз ҳуш бишуд. Пас гирён бархост ва ба хона рафт ва он шаб ҳеч нахӯрд ва сухан нагуфт. Дигар рӯз пиёда ба мачлис омад, андӯҳгин ва зардрӯй. Чун мачлис ба охир расид, бирафт ба хона. Рӯзи саввум пиёда танҳо биёмад. Чун мачлис тамом шуд, пеши Сарӣ омад ва гуфт: Эй устод! Он сухани ту маро гирифтааст ва дунёро бар дили ман сард гардондай, мехоҳам, ки аз халқ узлат гирам ва дунёро фурӯ гузорам. Маро баён кун роҳи соликон! Гуфт: Роҳи тариқат хоҳӣ, ё роҳи шариат? Роҳи ом хоҳӣ, ё роҳи хос? Гуфт: Ҳардуро баён кун! Гуфт: Роҳи ом он аст, ки панҷ намоз паси имом нигоҳ дорӣ ва закот бидиҳӣ, - агар мол бошад - аз бист динор, ним динор. Ва роҳи хос он аст, ки ҳама динор пушти пой занӣ ва ба ҳеч аз ороиши вай машғул нашавӣ. Агар бидиҳанд, қабул накунӣ; ва ту донӣ. Ин аст ин ду роҳ. Пас аз он ҷо берун омад ва рӯй ба сахрое ниҳод.

Чун рӯзе чанд баромад, пиразане - мӯйканда ва рӯйхарошида - биёмад ба наздики Сарӣ ва гуфт: Эй имоми мусалмонон! Фарзандаке доштам ҷавон ва тозарӯй, рӯзе ба мачлиси ту омад - хандон ва хиромон ва бозгашт - гирён ва гудозон. Акнун чанд рӯз аст, то ғоиб шудааст ва намедонам, ки кучост. Дилам дар фироқи ӯ бисӯхт. Тадбири кори ман бикун, азбас зорӣ, ки кард, Сариро рахм омад. Гуфт: Дилтангӣ макун, ки чуз хайр набувад, чун биёяд, ман туро хабар диҳам, ки вай тарки дунё гуфтааст ва аҳли дунёро монда. Тоиби ҳақиқӣ шудааст.

Чун муддате баромад, шабе Аҳмад биёмад. Сарӣ ходимро гуфт: Бирав ва пиразанро хабар дех. Пас Сарӣ Аҳмадро дид зардрӯй шуда ва низоргашта ва болои сарваш дуто гашта. Гуфт: Эй устоди мушфиқ! Чандон ки маро дар роҳат афгандӣ ва аз зулмот бираҳонидӣ, Худой туро роҳат диҳод ва роҳати ду чаҳон туро арзонӣ дорад. Эшон дар ин сухан буданд, ки модари Аҳмад ва аёли ӯ биёмаданд. Ва писараке хурд дошт ва биёварданд. Чун модарро чашм бар Аҳмад афтод, бар он хол бидид, ки надида буд, хештан дар канори ӯ афганд ва аёл низ ба як сӯй зорӣ мекард ва писарак мегирист. Хурӯш аз хама баромад, Сарӣ гирён шуд. Бача хештан дар пои ӯ андохт. Харчанд кӯшиданд, то ӯро ба хона баранд, албатта, суд надошт. Гуфт: Эй имоми мусалмонон! Чаро эшонро хабар кардӣ? Ки кори маро ба зиён бихоҳанд овард. Гуфт: Модарат бисёр зорӣ карда буд, ман аз вай пазируфтам.

Пас Аҳмад хост, ки бозгардад, зан гуфт: Маро ба зиндагӣ бева кардӣ ва фарзандон ятим кардӣ, он вакт ки ӯ туро хохад, ман чӣ кунам? Лочарам писарро бо худ барбояд гирифт. Гуфт: Чунин кунам. Фарзандро он чомаи некӯ аз вай берун кард ва пораи гилем бар вай андохт ва занбил дар дасти ӯ ниҳод ва гуфт: Равон шав! Модар чун он хол бидид, гуфт: Ман токати ин кор надорам. Фарзандро даррабуд. Аҳмад занро гуфт: Туро низ вакили худ кардам. Агар хохӣ, пои маро гушода кун!

Пас Аҳмад бозгашт ва рӯй ба сахро ниҳод, то соле чанд баромад. Шабе намози хуфтан буд, ки касе рӯй ба хонакохи Сарӣ ниҳод ва даромаду гуфт: Маро Аҳмад фиристодааст.

Мегӯяд, ки: Кори ман танг даромадааст, маро дарёб. Шайх бирафт, Аҳмадро дид дар гӯрхонае бар хок хуфта ва нафас ба лаб омада ва забон мечунбонид. Гӯш дошт, мегуфт: «Лимисли хозо фалйаъмали-л-омилун». (Сураи Соффот, ояти 61). Сарӣ сари вай бардошт ва аз хок пок кард ва бар канори худ ниход. Аҳмад чашм боз кард, шайхро дид. Гуфт: Эй устод! Ба вақт омадӣ, ки кори ман танг даромадааст. Пас нафас мунқатеъ шуд. Сарӣ, гирён, рӯй ба шаҳр ниҳод, то кори ӯ бисозад. Халқеро дид, ки аз шаҳр берун меомаданд. Гуфт: Кучо меравед? Гуфтанд: Хабар надорӣ, ки дӯш аз осмон нидое омад, ки: Ҳар кӣ хоҳад, ки бар валии хоси Худой намоз кунад, гӯ ба гӯристони Шавнезия равед! Ва нафаси вай чунин буд, ки муридон чунин мехостанд. Ва агар худ аз вай Ҷунайд хост, тамом буд.

Ва сухани ӯст, ки: Эй ҷавонон! Кор ба ҷавонӣ кунед, пеш аз он ки ба пирӣ расед, ки заиф шавед ва дар тақсир бимонед, чунинки ман мондаам. Ва ин вақт, ки ин сухан гуфт, ҳеч ҷавон тоқати ибодати ӯ надошт ва гуфт: Сӣ сол аст, ки истиғфор мекунам аз як шукр гуфтан. Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Бозори Бағдод бисӯхт, аммо дӯкони ман насӯхт, маро хабар доданд. Гуфтам: «ал-Ҳамдули-л-Лоҳ». Аз шарми он ки худро бех аз бародари мусалмон хостам ва дунёро ҳамд гуфтам, аз он истиғфор мекунам.

Ва гуфт: Агар як харф аз вирде, ки марост, фавт шавад, ҳаргиз онро қазо нест.

Ва гуфт: Дур бошед аз ҳамсоягони тавонгар ва қурроёни бозор ва олимони амирон!

Ва гуфт: Ҳар кӣ хоҳад, ки ба саломат бимонад дини ӯ ва ба роҳат расад дили ӯ ва тани ӯ ва андак шавад ғами ӯ, гӯ: Аз халқ узлат кун, ки акнун замони узлат аст ва рӯзгори танҳой.

Ва гуфт: Ҷумлаи дунё фузул аст, магар панҷ чиз: ноне, ки садди рамақ бувад ва обе, ки ташнагӣ бибарад ва ҷомае, ки аврат бипӯшад ва хонае, ки дар он ҷо тавонад буд ва илме, ки бад-он кор мекунӣ.

Ва гуфт: Ҳар маъсият, ки аз сабаби шаҳват бувад, умед тавон дошт ба омурзиши он; ва хар маъсият, ки он ба сабаби кибр бувад, умед натвон дошт ба омурзиши он, зеро ки

маъсияти Иблис аз кибр буд ва зиллати одам аз шаҳват.

Ва гуфт: Агар касе дар бӯстоне бувад, ки дарахтони бисёр бошад бар ҳар барги дарахте мурғе нишаста ва ба забоне фасеҳ мегӯянд: «ас-Салому алайка, йо валийу-л-Лоҳ!» Он кас, ки натарсад, ки он макр аст ва истидроҷ, бар вай бибояд тарсид.

Ва гуфт: Аломати истидроҷ кӯрӣ аст аз уюби нафс.

Ва гуфт: Макр қавле аст бе амал.

Ва гуфт: Адаб тарҷумони дил аст.

Ва гуфт: Қавитарин қуввате он аст, ки бар нафси худ ғолиб ой; ва ҳар кӣ очиз ояд аз адаби нафси хеш, аз адаби ғайре очизтар бувад ҳазор бор.

Ва гуфт: Бисёранд чамъе, ки гуфти эшон мувофиқи феъл нест, аммо андак аст он, ки феъли ӯ мувофиқи гуфти ӯст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ қадри неъмат нашиносад, завол оядаш аз он чо, ки надонад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ мутеъ шавад онро, ки фавқи ӯст, мутеи ӯ шавад, он ки дуни ӯст. Ва гуфт: Забони ту тарҷумони дили туст ва рӯи ту оинаи дили туст, бар рӯи ту пайдо шавад, он чӣ дар дил пинҳон дорӣ.

Ва гуфт: Дилҳо се қисм аст: диле аст мисли кӯҳ, ки онро ҳеч аз ҷой натвонад ҷунбонид; ва диле аст мисли дарахт, бехи ӯ собит, аммо бод ӯро гоҳ-гоҳ ҳаракате медиҳад; ва диле аст мисли паре, ки бо бод меравад ва ба ҳар сӯ мегардад.

Ва гуфт: Дилҳои аброр муаллақ ба хотимат аст; ва дилҳои мукаррабон муаллақ ба собиқат аст, маънӣ он аст, ки ҳасаноти аброр сайиоти мукаррабон аст ва ҳасанаи сайиа аз он мешавад, ки бар ӯ фурӯ меояд, ба ҳар чӣ фурӯ ой, кор бар ту хатм шавад. Ва аброр он қавмеанд, ки фурӯ оянд, ки: «Инна-л-аброра лафӣ наъим» (Сураи Инфитор, ояти 13); бар неъмат фурӯ оянд, лочарам дилҳои эшон муаллақи хотимат бувад. Аммо собиқонро, ки мукаррабонанд, чашм дар азал бувад, лочарам ҳаргиз фурӯ наёянд, ки ҳаргиз ба азал натвон расид. Аз ин ҷиҳат чун бар ҳеч фурӯ наёянд, эшонро ба занҷир ба биҳишт бояд кашид.

Ва гуфт: Ҳаё ва унс ба дари дил оянд; агар дар дил зӯҳд ва вараъ бошад, фуруд оянд ва агар на, бозгарданд.

Ва гуфт: Панҷ чиз аст, ки қарор нагирад дар дил, агар дар он дил чизе дигар бувад: хавф аз Худой ва рачо ба Худой ва дӯстии Худой ва ҳаё аз Худой ва унс ба Худой.

Ва гуфт: Миқдори ҳар марде дар фаҳми хеш бар миқдор наздикии дили ӯ бувад ба Худой.

Ва гуфт: Фаҳмкунандатарин халқ он бувад, ки фаҳм кунад асрори Қуръон ва тадаббур кунад дар он асрор.

Ва гуфт: Собиртарин халқ касе бувад, ки бар халқ сабр тавонад кард.

Ва гуфт: Фардо умматонро ба анбиё хонанд ва лекин дӯстонро ба Худой бозхонанд.

Ва гуфт: Шавқ бартарин мақоми ориф аст.

Ва гуфт: Ориф он аст, ки хӯрдани вай хӯрдани беморон бувад ва хуфтани вай хуфтани моргазидагон бувад ва айши вай айши ғарқашудагон бувад.

Ва гуфт: Дар баъзе кутуби мунзал навиштааст, ки Худованд фармуд, ки: Эй бандаи ман! Чун зикри ман бар ту ғолиб шавад, ман ошиқи ту шавам ва ишқ ин чо ба маънии муҳаббат бувад.

Ва гуфт: Ориф офтобсифат аст, ки бар ҳамаи олам битобад; ва заминшакл аст, ки бори ҳамаи мавчудот бикашад ва обниҳод аст, ки зиндагонии дилҳои ҳама бад-ӯ бувад ва оташранг аст, ки олам бад-ӯ равшан гардад.

Ва гуфт: Тасаввуф номе аст се маъноро: яке он ки маърифаташ нури вараъ фурӯ нагирад; ва дар олами ботин ҳеч нагӯяд, ки накзи зоҳири китоб бувад; ва каромот ӯро бад-он донад, ки мардум бозорад аз маҳорим.

Ва гуфт: Аломати зоҳид ором гирифтани нафс аст аз талаб ва қаноат кардан аст бад-он чӣ аз гуруснагӣ биравад бар вай ва розӣ будан аст бад-он чӣ авратпӯшӣ бувад ва нуфур будани нафс аст аз фузул ва бурун кардани халқ аз дил.

Ва гуфт: Сармояи ибодат зӯҳд аст дар дунё ва сармояи футувват рағбат аст дар охират.

Ва гуфт: Айши зоҳид хуш набувад, ки вай ба худ машғул аст; ва айши ориф хуш бувад, чун аз хештан машғул бувад.

Ва гуфт: Корҳои зӯҳд ҳама бар даст гирифтам, ҳар чӣ хостам, аз ӯ ёфтам, магар зӯҳд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ биёрояд дар чашми халқ, он чӣ дар ӯ набувад, бияфтад аз зикри Ҳақ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ бисёр омехт бо халқ, аз андакии сидқ аст.

Ва гуфт: Ҳусни хулқ он аст, ки халқро наранҷонӣ ва ранҷи халқ бикашӣ бекина ва мукофот.

Ва гуфт: Аз ҳеҷ бародар бурида машав дар гумону шак ва даст аз сӯҳбати ӯ мадор бе итоб.

Ва гуфт: Қавитарин халқ он аст, ки бо хашми хештан барояд.

Ва гуфт: Тарки гуноҳ гуфтан се вачҳ аст: яке аз хавфи дӯзах ва яке аз рағбати биҳишт ва яке аз шарми Худой.

Ва гуфт: Банда комил нашавад, то он гоҳ ки дини худро бар шаҳавот ихтиёр накунад.

Нақл аст, ки як рӯз дар сабр сухан мегуфт. Каждуме чанд бор ӯро захм зад. Охир гуфтанд: Чаро ӯро дафъ накардӣ? Гуфт: Шарм доштам, чун дар сабр сухан мегуфтам.

Ва дар муноҷот гуфтааст: Илоҳо! Азамати ту маро бозбурид аз муноҷоти ту ва шинохти ман ба ту маро унс дод бо ту.

Ва гуфт: Агар на онастӣ, ки ту фармудай ки: Маро ёд кун ба забон! Ва агар на ёд накардаме; яъне ту дар забон нагунчӣ ва забоне, ки ба лаҳв олуда аст, ба зикри ту чӣ гуна гушода гардонам?

Ҷунайд гуфт, ки: Сарӣ гуфт: Намехоҳам, ки дар Бағдод бимирам, аз он ки тарсам, ки маро замин напазирад ва расво шавам. Ва мардумон ба ман гумони некӯ бурдаанд, эшонро бад афтад. Чун бемор шуд, ба аёдати ӯ даршудам. Бодбезане буд, баргирифтам ва бодаш мекардам. Гуфт: Эй Ҷунайд! Бинех, ки оташ тезтар шавад. Ҷунайд гуфт: Ҳол чист? Гуфт: «Абдан мамлукан ло йақдиру ало шайъин» (Сураи Нахл, ояти 75). Гуфтам: Васияте бикун! Гуфт: Машғул машав ба сабаби сӯҳбати халқ аз сӯҳбати Ҳақ таоло. Ҷунайд гуфт: Агар ин суханро пеш аз ин гуфтатӣ, бо ту низ сӯҳбат надоштаме; ва нафаси Сарӣ сипарӣ шуд, «раҳмату-л-Лоҳи алайҳи раҳматан восиъатан».

31. ЗИКРИ ФАТҲИ МАВСИЛӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он олими фаръу асл, он ҳокими васлу фасл, он сутудаи ричол, он рабудаи ҷалол, он ба ҳақиқат валӣ, шайхи вақт, Фатҳи Мавсилӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз бузургони машоих буд ва соҳибҳиммат буд ва оликадр ва дар вараъу муҷоҳада бағоят буд ва ҳузне ва хавфе ғолиб дошт ва инқитое аз халқ. Ва худро пинҳон медошт аз халқ, то ҳадде ки дастае калид бар ҳам баста буд бар шакли бозаргонон, ҳар кучо рафтӣ, дар пеши саҷҷода бинҳодӣ, то касе надонистӣ, ки ӯ кист. Вақте дӯсте аз дӯстони Ҳақ таоло бад-ӯ расид. Ӯро гуфт: Бад-ин калидҳо чӣ мегушой, ки бар худ бастай?

Аз бузурге суол карданд, ки: Фатҳро ҳеч илм ҳаст? Гуфт: Ӯро басанда аст илм, ки тарки дунё кардааст бакуллӣ.

Абӯабдуллоҳ ибни Ҷулло гӯяд, ки: Дар хонаи Сарӣ будам, чун порае аз шаб бигузашт, ҷомаҳои покиза дарпӯшид ва ридо барафганд. Гуфтам: Дар ин вақт кучо меравӣ? Гуфт: Ба аёдати Фатҳи Мавсилӣ. Чун берун омад, асас бигирифташ ва ба зиндон бурд. Чун рӯз шуд, фармуданд, ки: Маҳбусонро чӯб занед! Чун ҷаллод даст бардошт, то ӯро бизанад, дасташ хушк шуд, натавонист ҷунбонидан, ҷаллодро гуфтанд: Чаро намезанӣ? Гуфт: Пире баробари ман истодаст ва мегӯяд: То бар ӯ назанӣ! Дасти ман бефармон шуд. Бингаристанд, Фатҳи Мавсилӣ буд. Сариро назди ӯ бурданд ва раҳо карданд.

Накл аст, ки рӯзе Фатҳро суол карданд аз сидқ. Даст дар кӯраи оҳангарӣ кард, пораи оҳани тофта берун овард ва бар даст ниҳод ва гуфт: Сидқ ин аст.

Фатҳ гуфт: Амиралмӯъминин Алиро ба хоб дидам, Гуфтам: Маро васияте кун! Гуфт: Надидам чизе некӯтар аз тавозӯъ, ки тавонгар кунад марди дарвешро бар умеди савоби

Ҳақ. Гуфтам: Бияфзой! Гуфт: Некӯтар аз ин кибри дарвеш аст бар тавонгарон аз ғояти эътимод, ки ӯ дорад бар Ҳақ.

Нақл аст, ки Фатҳ гуфт: Вақте дар масҷид будам бо ёрон. Ҷавоне даромад бо пироҳане халақ ва салом кард ва гуфт: Ғарибонро Худой бошаду бас. Фардо ба фалон маҳаллат биёй ва хонаи ман нишон хоҳ! Ва ман хуфта бошам, маро бишӯй ва ин пироҳанро кафан кун ва ба хок дафн кун! Бирафтам. Чунон буд. Ӯро бишустам ва он пироҳанро кафан кардам ва дафн кардам. Мехостам, ки бозгардам, доманам бигирифт ва гуфт: Агар маро, эй Фатҳ! Бар ҳазрати Худой манзилате бувад, туро мукофот кунам бар ин ранҷ, ки дидй. Пас гуфт: Мард бар он бимирад, ки бар он зиста бошад. Ин бигуфт ва хомӯш шуд.

Нақл аст, ки як рӯз мегирист, ашкҳои хунолуд аз дидагон меборид. Гуфтанд: Ё Фатҳ! Чаро пайваста гирёнй? Гуфт: Чун аз гуноҳи худ ёд мекунам, хун равон мешавад аз дидаи ман, ки набояд, ки гиристани ман ба риё бувад, на ба ихлос.

Нақл аст, ки касе Фатҳро панҷоҳ дирам овард. Гуфт: Дар хабар аст, ки ҳар киро бе суол чизе диҳад ва рад кунад, бар Ҳақ таоло рад кардааст. Як дирам бигирифт ва боқй боздод.

Ва гуфт: Бо сй пир сӯҳбат доштам, ки эшон аз ҷумлаи абдол буданд. Ҳама гуфтанд, ки: Бипарҳез аз сӯҳбати халқ ва ҳам ба кам хӯрдан фармуданд.

Ва гуфт: Эй мардумон! На ҳар кй таому шароб аз бемор бозгирад, бимирад? Гуфтанд: Бале. Гуфт: Ҳамчунин дил, ки аз хикмат ва сухани машоих бозгирад, бимирад.

Ва гуфт: Вақте суол кардам аз роҳибе, ки: Роҳ ба Худой чй гуна аст? Гуфт: Чу рӯй ба роҳи вай овардй, он ҷост.

Ва гуфт: Аҳли маърифат он қавманд, ки чун сухан гӯянд, аз Худой гӯянд; ва чун амал кунанд барои Худой кунанд; ва чун талаб кунанд, аз Худой талаб кунанд.

Ва гуфт: Ҳар кй мудовамат кунад бар зикри дил, он ҷо шодии маҳбуб падид ояд; ва ҳар кй Худойро баргузинад бар хавои хеш, аз он ҷо дӯстии Худои таоло падид ояд; ва ҳар киро орзумандй бувад ба Худой, рӯй бигардонад, аз ҳар чй ҷуз ӯст.

Нақл аст, ки чун Фатҳ вафот кард, уро ба хоб диданд. Гуфтанд: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Худованди таоло фармуд, ки: Чаро чандин гиристӣ? Гуфтам: Илоҳо! Аз шарми гуноҳон. Фармуд, ки: Ё Фатҳ! Фариштаи гуноҳи туро фармуда будам, ки то чиҳил сол ҳеч гуноҳ бар ту нанависад аз баҳри гиристани ту. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

32. ЗИКРИ АҲМАДИ ҲАВОРӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он шайхи кабир, он имоми хатир, он зайни замон, он рукни ҷаҳон, он валии қуббаи таворӣ, кутби вақт Аҳмади Ҳаворӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Ягонаи вақт буд ва дар ҷумлаи фунуни улум олим буд ва дар тариқат баёне олӣ дошт ва дар ҳақоиқ мӯътабар буд ва дар ривоёту аҳодис муқтадо буд ва руҷӯи аҳли аҳд дар воқеот бад-ӯ буд ва аз акобири машоихи Шом буд ва ба ҳамаи забонҳо маҳмуд буд, то ба ҳадде ки Ҷунайд гуфт: Аҳмади Ҳаворӣ райҳони Шом аст.

Ва аз муридони Абӯсулаймони Дорой буд ва бо Суфёни Уйайнаҳ сӯҳбат дошта буд ва сухани ӯро дар дилҳо асаре аҷаб бувад.

Ва дар ибтидо ба таҳсили илм машғул буд, то дар илм ба дараҷаи камол расид. Он гоҳ кутубро бардошт ва ба дарё бурд ва гуфт: Неку далел ва роҳбаре будӣ моро, аммо аз паси расидан ба мақсуд машғул будан ба далел муҳол бувад; ки далел то он гоҳ бояд, ки мурид дар роҳ бувад, чун ба пешгоҳ падид омад, даргоҳ ва роҳро чӣ қимат? Пас кутубро ба дарё раҳо кард ва ба сабаби он ранҷҳои азим кашид. Ва машоих гуфтанд: Он дар ҳоли сукр буд.

Накл аст, ки миёни Сулаймони Дорой ва Аҳмади Ҳаворӣ ахд буд, ки ба ҳеч чиз вайро мухолафат накунад, рӯзе сухан мегуфт, вайро гуфт: Танӯр тофтаанд, чӣ фармоӣ? Абӯсулаймон ҷавоб надод. Се бор бигуфт. Бӯсулаймон гуфт: Бирав ва дар он ҷо биншин! Чун бар ин ҳол соате баромад, ёд омадаш. Гуфт: Аҳмадро талаб кунед! Талаб карданд, наёфтанд. Гуфт, ки: Дар танӯр бингарет, ки бо ман ахд дорад, ки ба ҳеч чиз маро мухолафат накунад. Чун бингаристанд, дар танӯр буд, мӯе бар вай насӯхта буд.

Накл аст, ки гуфт: Ҳуреро ба хоб дидам, нуре дошт, ки

медурафшид. Гуфтам: Эй ҳур! Руи некӯ дорӣ. Гуфт: Оре, ё Аҳмад! Он шаб, ки бигиристӣ, ман он оби дидаи ту дар рӯи ҳуд молидам, рӯи ман чунин шуд.

Ва гуфт: Банда тоиб набувад, то пушаймон нашавад ба дил ва истиғфор накунад ба забон; ва аз ӯҳдаи мазолим берун наёяд, то ҷаҳд накунад дар ибодат. Чун чунин бувад, ки гуфтам, аз тавбаву иҷтиҳод зӯҳду сидқ бархезад ва аз сидқ таваккул бархезад ва аз таваккул истиқомат бархезад ва аз истиқомат маърифат бархезад. Баъд аз он лаззати унс бувад, баъд аз унс ҳаё бувад, баъд аз ҳаё хавф бувад аз макру истидроҷ; ва дар ҷумлаи ин аҳвол аз дил ӯ муфорақат накунад аз хавфи он ки набояд, ки ин аҳвол бар ӯ завол ояд ва аз ликои Ҳақ бозмонад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ бишносад он чӣ аз ӯ бояд тарсид, осон шавад бар вай дур будан аз хар чӣ ӯро нахӣ кардаанд аз он.

Ва гуфт: Ҳар кӣ оқилтар бувад, ба Худой орифтар бувад; ва ҳар кӣ ба Худой орифтар бувад, зуд ба манзил расад.

Ва гуфт: Рачо қуввати хоифон аст.

Ва гуфт: Фозилтарин гиристан, гиристани банда бувад дар фавт шудани авқоте, ки на бар вақҳ буда бошад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба дунё назар кунад ба назари иродат ва дӯстӣ, Ҳақ таоло ӯро нури фақр ва зӯҳд аз дили ӯ берун барад.

Ва гуфт: Дунё чун мазбалае аст ва ҷойгоҳи ҷамъ омадани сагон аст; ва камтар аз саг бошад он, ки бар сари маълуми дунё нишинад, аз он ки саг аз мазбала - чун хоҷати худ раво кунад - сер шавад, бозгардад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ нафси хешро нашиносад, ӯ дар дини хеш дар ғурур бувад.

Ва гуфт: Мубтало нагардонад Ҳақ таоло ҳеч бандаеро ба чизе сахттар аз ғафлат ва сахтдилӣ.

Ва гуфт: Анбиё маргро кароҳият доштаанд, ки аз зикри Ҳақ бозмондаанд.

Ва гуфт: Дӯстии Худой, дӯстии тоати Худой бувад.

Ва гуфт: Дӯстии Худойро нишоне ҳаст ва он дӯстӣ тоати ӯст.

Ва гуфт: Ҳеч далел нест бар шинохтани Худой, ҷуз Худой. Аммо далел талаб кардан барои одоби хидмат аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дӯст дорад, ки ӯро ба хайр бишносанд, ё некӯии ӯро ёд кунанд, ӯ мушрик аст дар ибодати Худои таоло ба наздики ин тоифа, аз бахри он ки ҳар кӣ Худойро ба дӯстӣ парастад, дӯст надорад, ки хидмати ӯро ҳеч кас бинад ҷуз махдуми ӯ, вассалом.

33. ЗИКРИ АҲМАДИ ХИЗРАВИЯ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он ҷавонмарди роҳ, он покбози даргоҳ, он мутасаррифи тариқат, он мутаваккил ба ҳақиқат, он соҳиби футуввати шайхӣ, Аҳмади Хизравии Балхӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз мӯътабарони машоихи Хуросон буд ва аз комилони тариқат буд ва аз машҳурони футувват буд ва аз султонони вилоят ва аз мақбулони ҷумлаи фирқат буд. Ва дар риёзат машҳур буд ва дар калимоти олӣ мазкур буд ва соҳибтасниф буд ва ҳазор мурид дошт, ки хар ҳазор бар об мерафтанд ва бар ҳаво мепариданд.

Ва дар ибтидо мурида Ҳотами Асамм буд ва бо Абӯтуроб сӯҳбат дошта буд ва Бӯҳафсро дида буд. Бӯҳафсро пурсиданд, ки: Аз ин тоифа киро дидӣ? Гуфт: Ҳеч касро надидам баландҳимматтар ва содиқаҳволтар, ки Аҳмади Хизравӣ.

Ва ҳам Абӯҳафс гуфт: Агар Аҳмад набудӣ, футувват ва мурувват пайдо нагаштӣ.

Ва Аҳмад ҷома ба расми лашкариён пӯшидӣ.

Ва Фотима, ки аёли ӯ буд, андар тариқат ояте буд; ва аз духтарони амири Балх буд, тавбат кард ва бари Аҳмад кас фиристод, ки: Аҳмад! Маро аз падар бихоҳ! Аҳмад иҷобат накард. Дигар бор кас фиристод, ки: Эй Аҳмад! Ман туро мардонатар аз ин донистам. Роҳбар бош, на роҳбур! Аҳмад кас фиристод ва аз падар бихост. Падар ба ҳукми табаррук ӯро ба Аҳмад дод. Фотима ба тарки шуғли дунё бигуфт ва ба ҳукми узлат бо Аҳмад биёромид, то Аҳмадро қасди зиёрати Боязид афтод. Фотима бо вай бирафт. Чун пеши Боязид андар омаданд, Фотима ниқоб аз рӯй бардошт ва бо Абӯязид сухан гуфт. Аҳмад аз он мутағаййир шуд ва ғайрате бар дилаш муставлӣ шуд. Гуфт: Эй Фотима! Ин чӣ густохӣ буд, ки бо Боязид кардӣ? Фотима гуфт: Аз он ки ту маҳрами табиати манӣ ва Боязид маҳрами тариқати ман. Аз ту ба

ҳаво бирасам ва аз вай ба Худо расам. Ва далели сухан ин аст, ки ӯ аз сӯҳбати ман бениёз аст ва ту ба ман мӯҳтоҷӣ.

Ва пайваста Боязид бо Фотима густох мебудӣ, то рӯзе Боязидро чашм бар дасти Фотима афтод, ки ҳино баста буд. Гуфт: Ё Фотима! Аз барои чӣ ҳино бастай? Гуфт: Ё Боязид! То ин ғоят ту дасту ҳинои ман надида будӣ, маро бар ту инбисот буд. Акнун, ки чашми ту бар инҳо афтод, сӯҳбати мо бо ту ҳаром шуд. Ва агар касеро ин ҷо хаёле равад, пеш аз ин гуфтаам, (ки) Боязид гуфт: Аз Худованд дархост кардаам, то занонро бар чашми ман чу девор гардонад. Ва бар чашми ман яксон гардонидааст. Чун касе чунин бувад, ӯ кучо зан бинад?

Пас Аҳмад ва Фотима аз он ҷо ба Нишобур омаданд ва аҳли Нишобурро бо Аҳмад хуш буд. Ва чун Яхё Муози Розӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, ба Нишобур омад ва қасди Балх дошт, Аҳмад хост, ки ӯро даъвате кунад. Бо Фотима машварат кард, ки: даъвати Яхёро чӣ бояд? Фотима гуфт: Чандин гову гӯсфанд ва ҳавоичу чандин шамъ ва атр ва бо ин ҳама чанд хар низ бибояд. Аҳмад гуфт: Боре, куштани хар чаро? Гуфт: Чун кариме ба меҳмон ояд, бояд, ки сагони маҳаллатро аз он насибе бувад. Ин Фотима дар футувват чунон буд. Лоҷарам Боязид гуфт: Ҳар кӣ хоҳад, ки то марде бинад пинҳон дар либоси занон, гӯ, дар Фотима нигар!

Накл аст, ки Аҳмад гуфт: Муддати мадид нафси хешро қаҳр кардам. Рӯзе ҷамоате ба ғазо мерафтанд, рағбате азим дар ман падид омад ва нафс аҳодисе, ки дар баёни савоби ғазо будӣ, ба пеш меовард. Аҷаб доштам. Гуфтам: Аз нафс нишоти тоат наёяд. Ин магар он аст, ки ӯро пайваста дар рӯза медорам? Аз гуруснагӣ токаташ намондааст; мехоҳад, то рӯза гушояд. Гуфтам: Ба сафар рӯза нагушоем. Гуфт: Раво дорам. Аҷаб доштам. Гуфтам: Магар аз баҳри он мегӯяд, ки ман ӯро ба намози шаб фармоям; хоҳад, ки ба сафар равад, то ба шаб бихусбад ва биосояд! Гуфтам: То рӯз бедор дорамат. Гуфт: Раво дорам. Аҷаб доштам ва тафаккур кардам, ки магар аз он мегӯяд, то ба халқ биёмезад, ки малул гаштааст дар танҳой, то ба халқ унсе ёбад. Гуфтам: Ҳар кучо туро барам, туро ба каронае фуруд орам ва бо халқ нанишинам. Гуфт: Раво дорам. Очиз омадам ва ба тазарруъ ба Ҳақ бозгаштам,

то аз макри вай маро огоҳ кунад, ё ӯро муқир оварад, то чунин гуфт, ки: Ту маро ба хилофҳои мурод, ҳар рӯзе сад бор ҳамекушӣ ва халқ огоҳ не. Он чо боре дар ғазо ба як бор кушта шавам ва бозраҳам ва ҳамаи ҷаҳон овора(!) шаванд, ки: зиҳӣ Аҳмади Хизравия! Ки ӯро бикуштанд ва шаҳодат ёфт. Гуфт: Субҳон он Худое, ки нафсе офарид ба зиндагонии мунофиқ ва аз пас мард ҳам мунофиқ! На бад-ин ҷаҳон ислом хоҳад оварда ва на бад-он ҷаҳон. Пиндоштам, ки тоат мечӯӣ; надонистам, ки зуннор мебандӣ. Ва хилофи ӯ, ки мекардам, зиёдат кардам.

Нақл аст, ки гуфт: Як бор ба бодия, бар таваккул ба роҳи ҳаҷ даромадам. Порае бирафтам. Хори муғелон дар поям шикаст, берун накардам, гуфтам: Таваккул ботил шавад, ҳамчунон мерафтам. Поям омос гирифт, ҳам берун накардам. Ҳамчунон лангон-лангон ба Макка расидам ва ҳаҷ бигзоридам ва ҳамчунон бозгаштам. Ва ҷумлаи роҳ аз вай чизе берун меомад ва ман ба ранҷе тамом мерафтам. Мардумон бидиданд ва он хор аз поям берун карданд. Поям маҷрӯҳ шуд. Рӯй ба Бастом ниҳодам, ба наздики Боязид даромадам. Боязидро чашм бар ман афтод. Табассуме бикард ва гуфт: Он ишкел, ки бар поят ниҳоданд, чӣ кардӣ? Гуфтам: Ихтиёри хеш ба ихтиёри ӯ бигузоштам. Шайх гуфт: Эй мушрик! «Ихтиёри ман» мегӯи? Яъне туро низ вуҷуде ва ихтиёре ҳаст, ин ширк набувад?

Нақл аст, ки гуфт: Иззи дарвешии хешро пинҳон дор! Пас гуфт: Дарвеше дар моҳи рамазон яке тавонгаре ба хона бурд ва дар хонаи вай ба ҷуз ноне хушк набуд. Тавонгар бозгашт, суррае зар бад-ӯ фиристод. Дарвеш он зарро бозфиристод ва гуфт: Ин сазои он кас аст, ки сирри хеш бо чун туе ошкоро кунад. Мо ин дарвешӣ ба ҳар ду ҷаҳон нафурӯшем.

Нақл аст, ки дузде дар хонаи ӯ омад. Бисёре бигашт, ҳеч наёфт. Хост, ки навмед бозгардад. Аҳмад гуфт: Эй барно! Далв бигир ва об баркаш аз чоҳ ва таҳорат кун ва ба намоз машғул шав, то чун чизе бирасад, ба ту диҳам, то тиҳидаст аз хонаи мо бознагардӣ. Барно ҳамчунин кард. Чун рӯз шуд, хоҷае сад динор биёварда ва ба шайх дод. Шайх гуфт: Бигир! Ин ҷазои якшаба намози ту аст. Дуздро ҳолате падид омад,

ларза бар андоми ӯ афтод. Гирён шуд ва гуфт: Роҳ ғалат карда будам; як шаб аз барои Худой кор кардам, маро чунин икром кард. Тавба кард ва ба Худой бозгашт ва зарро қабул накард ва аз муридони шайх шуд.

Нақл аст, ки яке аз бузургон гуфт: Аҳмади Хизравияро дидам дар гардуне нишаста, ба занҷирҳои заррин; он гардунро фариштагон мекашиданд дар ҳаво. Гуфтам: Шайхо! Бад-ин манзилат ба кучо мебарӣ (меравӣ)? Гуфт: Ба зиёрати дӯсте. Гуфтам: Туро бо чунин мақоме ба зиёрати касе мебояд рафт? Гуфт: Агар ман наравам, ӯ биёяд; дараҷаи зоирон ӯро бувад, на маро.

Нақл аст, ки як бор дар хонақоҳе меомад бо ҷомаи халақ ва аз расми сӯфиён фориғ. Ба вазоифи ҳақиқат машғул шуд. Асҳоби он хонақоҳ - ба ботин - бо ӯ инкор карданд ва бо шайхи худ мегуфтанд, ки: Ӯ аҳли хонақоҳ нест. То рӯзе Аҳмад бар сари чоҳ омад, далваш дар чоҳ афтод, ӯро биранҷониданд, Аҳмад бари шайх омад ва гуфт: Фотиҳае бихон, то далв аз чоҳ барояд! Шайх мутавакқиф шуд, ки ин чӣ илтимос аст? Аҳмад гуфт: Агар ту барнамехонӣ, иҷозат деҳ, то ман бархонам. Шайх иҷозат дод. Аҳмад фотиҳа бархонд, далв бар сари чоҳ омад. Шайх чун он бидид, кулоҳ бинҳод ва гуфт: Эй ҷавон, ту кистӣ, ки хирманҷоҳи ман дар баробари донаи ту коҳ шуд? Гуфт: Ёронро бигӯй, то ба чашми камӣ дар мусофирон нигоҳ накунанд! Ки ман худ рафтам.

Нақл аст, ки марде ба наздики ӯ омад, гуфт: Ранҷураму дарвеш. Маро тариқате биёмӯз, то аз ин меҳнат бираҳам. Шайх гуфт: Номи ҳар пешае, ки хаст, бар коғаз бинавис ва дар тубрае кун ва наздики ман ор! Он мард ҷумлаи пешаҳо бинавист ва биёвард. Шайх даст бар тубра кард, яке коғаз берун кашид, номи дуздӣ бар он ҷо навишта буд. Гуфт: Туро дуздӣ бояд кард. Мард дар тааҷҷуб бимонд. Пас бархост ба наздики ҷамоате рафт, ки бар сари роҳе дуздӣ мекарданд. Гуфт: Маро бад-ин кор рағбат аст, чун кунам? Эшон гуфтанд: Ин корро як шарт аст, ки ҳар чӣ мо ба ту фармоем, бикунӣ. Гуфт: Чунин кунам, ки шумо мегӯед. Чанд рӯз бо эшон мебуд, то рӯзе корвоне бирасиданд. Он корвонро бизаданд. Якеро аз ин корвониён, ки моли бисёр буд, ӯро

биёварданд, ин навпешаро гуфтанд, ки: Инро гардан бизан! Ин мард тавакқуфе кард. Бо худ гуфт: Ин мири дуздон чандин халқ кушта бошад. Ман ӯро бикушам беҳтар, ки ин марди бозаргонро. Он мард ӯро гуфт: Агар ба коре омадаӣ, он бояд кард, ки мо фармоем; ва агар на, паси кори дигар рав! Гуфт: Чун фармон мебояд бурд, фармони Ҳақ барам, на фармони дузд. Шамшер бигирифт ва он бозаргонро бигузошт ва он мири дуздонро сар аз тан ҷудо кард. Дуздон чун он бидиданд, бигурехтанд ва он борҳо ба саломат бимонд ва он бозаргон халос ёфт ва ӯро зару сим бисёр дод, чунонки мустағнӣ шуд.

Нақл аст, ки вақте дарвеше ба меҳмонии Аҳмад омад, шайх ҳафтод шамъ барафрӯхт. Дарвеш гуфт: Маро ин ҳеч хуш намеояд, ки такаллуф бо тасаввуф нисбат надорад. Аҳмад гуфт: Бирав ва ҳар чӣ на аз баҳри Худой афрӯхтаам, ту онро бознишон! Он шаб он дарвеш то бомдод обу хок мерехт, ки аз он ҳафтод шамъ якеро натавонист кушт. Дигар рӯз он дарвешро гуфт: Ин ҳама тааҷҷуб чист: бархез, то ачоиб бинӣ! Мерафтанд то ба дари калисое, муваккилони тарсоён нишаста буданд. Чун Аҳмадро бидиданд ва асҳоби ӯро, меҳтар гуфт: Дароед! Эшон даррафтанд. Хоне бинҳод. Пас Аҳмадро гуфт: Бихӯр! Гуфт: Дӯстон бо душманон нахӯранд. Гуфт: Ислом арза кун! Пас ислом овард ва аз хайли ӯ ҳафтод тан ислом оварданд. Он шаб бихуфт. Ба хоб дид, ки Ҳақ таоло гуфт: Эй Аҳмад! Аз барои мо хафтод шамъ барафрӯхтӣ, аз барои ту хафтод дил ба нури шуои имон барафрӯхтем.

Нақл аст, ки Аҳмад гуфт: Ҷумлаи халқро дидам, ки чун гову хар аз яке охур алаф мехӯрданд. Яке гуфт: Хоҷа! Пас ту кучо будӣ? Гуфт: Ман низ бо эшон будам, аммо фарқ он буд, ки эшон мехӯрданд ва механдиданд ва бар ҳам мечастанд ва менадонистанд; ва ман мехӯрдам ва мегиристам ва сар бар зону ниҳода будам ва медонистам.

Ва гуфт: Ҳар кӣ хидмати дарвешон кунад, ба се чиз мукаррам шавад: тавозӯъ ва ҳусни адабу саховат.

Ва гуфт: Ҳар кӣ хоҳад, ки Худои таоло бо ӯ бувад, гӯ сидқро мулозим бош, ки мефармояд: «Инна-л-Лоҳа маа-с-содиқин».

Ва гуфт: Ҳар кӣ сабр кунад бар сабри хеш, ӯ собир бувад;

на он ки сабр кунад ва шикоят кунад.

Ва гуфт: Сабр зоди музтаррон аст ва ризо дараҷаи орифон аст.

Ва гуфт: Ҳақиқати маърифат он аст, ки дӯст дорӣ ӯро ба дил ва ёд кунӣ ӯро ба забон ва ҳиммат бурида гардонӣ аз ҳар чӣ ғайри ӯст.

Ва гуфт: Наздиктарин касе ба Худой он аст, ки хулқи ӯ бештар аст.

Ва гуфт: Нест касе, ки Ҳақ ӯро мутолабат кунад ба олои хеш, ҷуз касе, ки ӯро мутолабат кунад ба наъмои хеш.

Ва аз ӯ суол карданд, ки: Аломати муҳаббат чист? Гуфт: Он, ки азим набувад ҳеч чиз аз ду кавн дар дили ӯ, аз баҳри он ки дили ӯ пур бувад аз зикри Худой; ва он, ки ҳеч орзуе набувад ӯро магар хидмати ӯ, аз ҷиҳати он ки набинад иззи дунё ва охират магар дар хидмати ӯ; ва он ки нафси хешро ғариб бинад ва агарчи дар миёни аҳли хеш бувад, аз ҷиҳати он ки ҳеч кас ба он чи ӯ дар он аст, мувофиқи ӯ набувад дар хидмати дӯсти ӯ.

Ва гуфт: Дилҳо раванда аст, то гирди арш гардад, ё гирди поки.

Ва гуфт: Дилҳо ҷойгоҳҳост, ҳар гоҳ аз ҳақ пур шавад, падид оварад зиёдатии анвори он бар ҷаворех; ва ҳар гоҳ ки аз ботил пур шавад, падид оварад зиёдатии зулмоти он бар ҷаворех.

Ва гуфт: Ҳеч хоб нест гаронтар аз хоби ғафлат ва ҳеч молик нест бақувваттар аз шаҳват; ва агар гаронии ғафлат набувад, ҳаргиз шаҳват зафар наёбад.

Ва гуфт: Тамомии бандагӣ дар озодӣ аст; ва дар таҳқиқи бандагӣ озодӣ тамом шавад.

Ва гуфт: Шуморо дар дунё ва дин, дар миёни ду мутазод, зиндагонӣ мебояд кард.

Ва гуфт: Тариқ ҳувайдост; ва ҳақ равшан аст; ва дой шунаванда аст; пас, баъд аз ин таҳайюр нест, илло аз кӯре пурсиданд, ки: Кадом амал фозилтар аст? Гуфт: Нигоҳ доштани сирр аст аз илтифот кардан ба чизе ғайри Аллоҳ.

Ва як рӯз дар пеши ӯ бархонданд: «Фафирру ила-л-Лоҳи» (Сураи Зориёт, ояти 50), гуфт: Таълим медиҳанд бадон ки бехтарин мафарри даргоҳи Худой аст.

Ва касе гуфт: Маро васияте бикун! Гуфт: Бимирон нафсро, то зинда гардонандаш.

Чун ӯро вафот наздик омад, ҳафтсад динор вом дошт, ҳама ба масокин ва ба мусофирон дода буд. Дар назъ афтод. Ғаримонаш ба як бор ба болини ӯ омаданд. Аҳмад дар он ҳол дар муноҷот омад, гуфт: Илоҳо! Маро мебарӣ ва гарави эшон ҷони ман аст ва ман ба гаравам ба наздики эшон. Чун васиқати эшон меситонӣ, касеро баргумор, то ба ҳаққи эшон қиём намояд, он гоҳ ҷони ман бистон! Дар ин сухан буд, ки касе дар бикӯфт, ки: Ғаримони шайх берун оянд! Ҳама берун омаданд ва зари хеш тамом бигирифтанд. Чун вом гузорида шуд, ҷон аз Аҳмад ҷудо шуд, «раҳмату-л-Лоҳи алайҳ».

34. ЗИКРИ АБӮТУРОБИ НАХШАБӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он муборизи саффи боло, он орифи сидқу сафо, он марди майдони маъно, он фарди айвони тақво, он муҳаққики Ҳаққу набӣ, қутби вақт, Абӯтуроби Нахшабӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз айёрпешагони тариқат буд, аз муҷаррадони роҳи бало буд ва аз сайёҳони бодияи фақр буд ва аз саййидони ин тоифа буд ва аз акобири машоихи Хуросон буд ва дар муҷоҳада ва тақво қадаме росих дошт ва дар ишорот ва калимот нафасе олӣ дошт.

Чиҳил мавқиф истода буд ва дар чандин сол ҳаргиз сар ба болин наниҳода буд, магар дар ҳарам. Як бор, дар саҳаргоҳ ба хоб шуд. Қавме аз ҳурон хостанд, ки хештан бар ӯ арза кунанд. Шайх гуфт: Моро чандон парвое ҳаст ба ғафур, ки парвои ҳур надорам. Ҳурон гуфтанд: Эй бузург! Ҳарчанд чунин аст, аммо ёрони мо шамотат кунанд, ки бишнаванд, ки моро пеши ту қабуле набувад. То ризвон ҷавоб дод, ки: Мумкин нест, ки ин азизро парвои шумо бувад, биравед, то фардо, ки дар биҳишт қарор гирад ва бар сарири мамлакат нишинад, он гоҳ биёед ва тақсире, ки дар хидмат рафтааст, ба ҷой ored. Бӯтуроб гуфт, ки: Эй ризвон! Агар худ ба биҳишт фурӯ оям, гӯ, хидмат кунед!

Ибни Ҷулло гӯяд: Бӯтуроб дар Макка омад, тозарӯй буд. Гуфтам: Таом куҷо хӯрдай? Гуфт: Ба Басра ва дигар ба Бағдод ва дигар ин ҷо.

Ва Ибни Ҷулло гӯяд: Сесад пирро дидам, дар миёни эшон ҳеч кас бузургтар аз чаҳор тан набуд, аввали эшон Бӯтуроб буд.

Нақл аст, ки чун аз асҳоби хеш чизе дидӣ, ки кароҳият доштӣ, худ тавба кардӣ ва дар муҷоҳада бияфзудӣ ва гуфтӣ: Ин бечора ба шумии ман дар ин бало афтодааст.

Ва асҳобро гуфтӣ: Ҳар кӣ аз шумо мураққае пӯшид, суол кард; ва ҳар кӣ андар хонақоҳ нишаст, суол кард; ва ҳар кӣ аз мусҳафи Қуръон хонд, суол кард.

Як рӯз яке аз асҳоби вай даст ба пӯсти харбузае дароз кард ва се рӯз буд, то чизе нахӯрда буд. Гуфт: Ту бирав, ки тасаввуфро нашой, туро ба бозор бояд шуд.

Ва гуфт: Миёни ману миёни Худой аҳде аст, ки чун даст ба ҳаром дароз кунам, маро аз он боздорад.

Ва гуфт: Ҳеч орзу бар дили ман даст набудааст, магар вақте дар бодия меомадам, орзуи нони гарму хояи мурғ бар дилам гузар кард. Иттифоқ афтод, ки роҳ гум кардам, ба қабилае афтодам, ҷамъе истода буданд ва машғала мекарданд. Чун маро бидиданд, дар ман овехтанд ва гуфтанд: Колои мо бурдаӣ ва касе омада буд ва колои эшон бурда буд. Шайхро бигирифтанд ва дувист чӯб бизаданд. Дар миёни чӯб задан пире аз он мавзеъ бигзашт, дид, ки якеро мезаданд, ба наздики ӯ шуд, бидонист, ки ӯ кист. Мураққаъ бидарид ва фарёд бардошт ва гуфт: Шайхушшуюхи тариқат аст, ин чӣ беҳурматӣ аст? Ин чӣ беадабӣ аст, ки бо саййиди ҳама сиддиқони тариқат кардед? Он мардумон фарёд карданд ва пушаймонӣ хӯрданд ва узр хостанд. Шайх гуфт: Эй бародарон, ба ҳаққи вафои ислом, ки ҳаргиз вақте бар ман гузар накард хуштар аз ин вақт. Ва солҳо буд, то мехостам, ки ин нафс ба коми хеш бинам, бад-он орзу акнун расидам. Пас пири суфӣ дасти ӯ бигирифт ва ӯро ба хонақоҳ бурд ва дастурӣ хост, то таоме биёварад. Бирафт ва нони гарму хояи мурғ биёвард. Шайх гуфт: Эй нафс! Ҳар орзуе, ки бар дили ту хоҳад гузашт, бе дувист тозиёна нахоҳад буд.

Накл аст, ки Бутуробро чанд писар буд. Ва дар ахди ӯ гурги мардумхор падид омада буд, чанд писарашро бидарид. Як рӯз ба саҳҳода нишаста буд. Гург қасди ӯ кард. Ӯро хабар карданд. Ҳамчунон мебуд. Гург чун ӯро бидид, бозгашт.

Накл аст, ки як бор бо муридон дар бодия мерафт. Асҳоб ташна шуданд. Хостанд, ки вузӯъ созанд. Ба шайх муроҷиат карданд. Шайх хатте бикашид, об барҷӯшид ва вузӯъ сохтанд.

Абулаббоси Сайрамӣ гӯяд, ки: бо Бутуроб дар бодия будам. Яке аз ёрон гуфт: Маро ташна аст, пой бар замин

зад, чашмаи об падид омад. Мард гуфт: Маро чунон орзуст, ки ба қадаҳ бихӯрам. Даст бар замин зад, қадаҳе баромад аз обгинаи сапед, ки аз он некӯтар набошад. Вай аз он бихӯрд ва ёронро об дод ва он қадаҳ то ба Макка бо мо буд. Бӯтуроб Абулаббосро гуфт: Асҳоби ту чӣ мегӯянд дар ин корҳо, ки Ҳақ таоло бо авлиёи хеш мекунад аз каромот? Гуфт: Ҳеч кас надидам, ки бад-ин имон оварад, илло андаке. Гуфт: Ҳар кӣ имон наёрад бад-ин, кофир бувад.

Ва як бор муридон гуфтанд: Гурез нест аз қути шайх. Гуфт: Гурез нест аз он ки аз ӯ гурез нест.

Бӯтуроб гуфт: Шабе дар бодия мерафтам танҳо. Шабе торик буд. Ногоҳ сиёҳӣ пеши ман омад, чандон ки манорае. Тарсидам. Чун ӯро бидидам, гуфтам: Ту парӣ, ё одамӣ? Гуфт: Ту мусалмонӣ, ё кофирӣ? Гуфтам: Мусалмон. Гуфт: Мусалмон бидуни Худой аз чизи дигар натарсад. Шайх гуфт: Дили ман ба ман бозомад, донистам, ки фиристодаи ғайб аст, таслим кардам ва хавф аз ман бирафт.

Ва гуфт: Ғуломе дидам дар бодия бе зоду роҳила. Гуфтам: Агар яқин нестӣ бо ӯ, ҳалок шавад. Пас гуфтам: Ё ғулом! Ба чунин ҷой меравӣ бе зод? Гуфт: Эй пир! Сар бардор, то ҷуз Худой ҳеч касро бинӣ! Гуфтам: Акнун ҳар кучо хоҳӣ, бирав!

Ва гуфт: Муддати бист сол на аз касе чизе гирифтам ва на касеро чизе додам. Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Агар мегирифтам, аз вай гирифтам ва агар медодам, бад-ӯ медодам.

Ва гуфт: Рӯзе таоме бар ман арза карданд, манъ кардам. Чаҳордаҳ рӯз гурусна мондам аз шумии он ки манъ кардам.

Ва гуфт: Ҳеч намедонам муридро музирртар аз сафар кардан бар мутобаати нафс ва ҳеч фасод ба мурид роҳ наёфт, илло ба сабаби сафарҳои ботил.

Ва гуфт: Ҳақ таоло фармудааст, ки: Дур бошед аз кабоир! Ва кабоир нест илло даъвии фасод ва ишорати ботил ва итлоқ кардани иборот ва алфози миёнтиҳии беҳақиқат. «Сумма қола: Қола-л-Лоҳу таъоло: Ва инна-ш-шайотина лайуҳуна ило авлийоиҳим лийуҷодилукум»(Сураи Анъом, ояти 121).

Ва гуфт: Ҳаргиз ҳеч кас ба ризои Худой нарасад, агар як зарра дунёро дар дили ӯ миқдор бувад.

35. ЗИКРИ ЯҲЁИ МУОДИ РОЗӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он чашмаи равзаи сафо, он нуқтаи Каъбаи рачо, он нотиқи ҳақоиқ, он воизи халоиқ, он марди мурод Яҳёи Муод, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Латифи рӯзгор буд ва хулқе ачаб дошт ва басте бо қабз омехта ва рачое ғолиб. Кори хоифон пеш гирифта ва забони тариқату муҳаббат буд. Ва ҳиммате олӣ дошт ва густохи даргоҳ буд ва ваъзе шофӣ дошт, чунонки ӯро Яҳёи воиз гуфтандӣ. Ва дар илму амал қадаме росих ӯро буд ва ба латоифу ҳақоиқ махсус буд ва ба муҷоҳадаву мушоҳада мавсуф. Ва соҳибтасниф буд. Ва сухане мавзуну нафасе гиро дошт, то ба ҳадде ки машоих гуфтаанд: Худовандро ду Яҳё буд, яке аз анбиё ва яке аз авлиё; Яҳёи Закариё, алайҳи-с-салом, тариқи хавфро чунон супурд, ки ҳамаи сиддиқон ба хавфи ӯ аз фалоҳи худ навмед гаштанд ва Яҳёи Муод тариқи рачоро чунон сулук кард, ки дасти ҳамаи муддаиёни рачоро дар хок молид. Гуфтанд: Ҳоли Яҳёи Закариё маълум аст, ҳоли ин Яҳё чӣ гуна бувад? Гуфт: Чунин расидааст, ки ҳаргиз ӯро дар тоат малолат набуд; ва бар вай кабирае нарафт ва дар муомалоту варзиш аз Худой хатаре азим дошт, ки кас тоқати он надоштӣ.

Аз асҳоби ӯ гуфтанд: Эй шайх! Муомалати рачо ва муомалати хоифон чист? Гуфт: Бидон, ки тарки убудият залолат бувад; ва хавфу рачо ду қоимаи имонанд, муҳол бошад, ки касе ба варзиши рукне аз аркони имон ба залолат афтад. Хоиф ибодат кунад, тарси қатеатро; ва роҷӣ умед дорад васлатро; то ибодат ҳосил набошад, на хавф дуруст ояд ва на рачо. Ва чун ибодат ҳосил бувад, бе хавфу рачо набувад.

Ва нахуст кас аз машоихи ин тоифа аз паси хулафои рошидин, ки бар минбар шуд, ӯ буд.

Нақл аст, ки яке рӯз бар минбар омад. Чаҳор ҳазор мард ҳозир буданд. Бингарист некӯ ва аз минбар фуруд омад, гуфт: Аз барои он кас, ки бар минбар омадем, ҳозир нест.

Нақл аст, ки бародаре дошт, ба Макка рафт ва ба муҷовирӣ биншаст ва ба Яҳё номае навишт, ки: Маро се чиз орзу буд, ду ёфтам, яке мондааст. Дуо кун, то Худованд он яке низ каромат кунад. Маро орзу буд, ки охири умри хеш ба буқъае фозилтар бигзорам; ба ҳарам омадам, ки фозилтари биқоъ аст. Ва дуввум, орзу буд, ки маро ходиме бошад, то маро хидмат кунад ва оби вузӯи ман омода дорад; канизаке шоиста Худой маро ато кард. Саввум, орзуи ман он аст, ки пеш аз марг туро бинам. Бувад, ки Худованд ин рӯзӣ кунад? Яҳё ҷавоб навишт, ки: Он, ки гуфтӣ, ки (туро) орзуи бехтарин буқъае буд, ту бехтарини халқ бош ва ба ҳар буқъа, ки хоҳӣ бош, ки буқъа ба мардон азиз аст, на мардон ба буқъа. Ва аммо он, ки гуфтӣ: Маро ходиме орзу буд, ёфтам. Агар туро мурувват будӣ ва ҷавонмардӣ будӣ, ходими Ҳақро ходими хеш нагардонидӣ ва аз хидмати Ҳақ бознадоштӣ ва ба хидмати хеш машғул накардӣ. Туро ходим мебояд буд! Маҳдумӣ орзу мекунӣ. Маҳдумӣ аз сифоти Ҳақ аст ва ходимӣ аз сифоти банда. Бандаро банда бояд будан. Чун бандаро мақоми Ҳақ орзу кард, фиръавнӣ бувад. Ва аммо он гуфтӣ: Маро орзуи дидори ту аст; агар туро аз Худой хабар будӣ, аз ман туро ёд наёмадӣ. Бо Ҳақ сӯҳбат чунон кун, ки туро ҳеч ҷо аз бародар ёд наёяд, ки он ҷо фарзанд қурбон бояд кард, то ба бародар чӣ расад! Агар уро ёфтӣ, ман туро ба чӣ кор оям? Ва агар наёфтӣ, аз ман туро чӣ суд?

Нақл аст, ки як бор дӯстеро номае навишт, ки: Дунё чун хоб аст ва охират чун бедорӣ. Ҳар кӣ ба хоб бинад, ки мегиряд, таъбираш он бувад, ки дар бедорӣ бихандад ва шод гардад. Ва ту дар хоби дунё бигирӣй, то дар бедории охират бихандӣ ва шод бошӣ.

Нақл аст, ки Яҳё духтаре дошт. Рӯзе модарро гуфт, ки: Маро фулон чиз мебояд! Модар гуфт: Аз Худой хоҳ! Гуфт: Эй модар! Шарм медорам, ки боисти нафсонӣ хоҳам аз Худой. Биё, ту бидеҳ, ки он чӣ дихӣ, азони ӯ бувад.

Нақл аст, ки Яҳё бо бародаре ба дари деҳе бигзашт. Бародараш гуфт: Хуш деҳе аст. Яҳё гуфт: Хуштар аз ин дех

дили он кас аст, ки аз ин дех фориғ аст: «Истағно би-л-малики ани-л-мулк».

Нақл аст, ки Яҳёро ба даъвате бурданд. Ӯ марде буд, ки кам хӯрдӣ, чизе намехӯрд. Илҳоҳ кардандаш. Гуфт: Як дам тозиёнаи риёзат аз даст наниҳем, ки ин ҳавои нафси мо дар камингоҳи макр худ нишастааст, ки агар як лаҳза инон ба вай раҳо кунем, моро дар вартаи ҳалок андозад.

Шабе шамъе пеши ӯ ниҳода буданд. Боде даромад ва шамъро биншонд. Яҳё дар гиристан омад. Гуфтанд: Чаро мегирйӣ? Ҳамин соат бозгирем. Гуфт: Аз ин намегирям, аз он мегирям, ки шамъҳои имон ва чароғҳои тавҳид дар синаҳои мо афрӯхтаанд, метарсам, ки набояд, ки аз маҳаббаи бениёзи боде дарояд ҳамчунин ва он ҳамаро фурӯ нишонад.

Рӯзе ба пеши ӯ мегуфтанд, ки: Дунё бо малакулмавт ба ҳаббае наарзад. Гуфт: Ғалат кардаед, агар малакулмавт нест, наарзидӣ. Гуфтанд: Чаро? Гуфт: «ал-Мавту чисрун йусалу-л-ҳабиба ила-л-ҳабиб». Гуфт: Марг чисре аст дӯстро ба дӯст расонад.

Ва як рӯз бад-ин оят бирасид, ки: «Оманно бирабби-л-оламина» (Сураи Аъроф, ояти 121). Гуфт: Имони яксоата аз маҳв кардани куфри дувистсола оҷиз наёмад, имони ҳафтодсола аз маҳв кардани гуноҳи ҳафтодсола кай оҷиз ояд?

Ва гуфт: Агар Худои таоло рӯзи қиёмат гӯяд, ки: Чӣ чиз хоҳӣ? Гуям: Худовандо! Он хоҳам, ки маро ба қаъри дӯзах фиристӣ ва бифармоӣ, то аз баҳри ман саропардаҳои оташин бизананд ва дар он саропарда тахти оташин биниҳанд, то чун мо дар қаъри дӯзах бар сарири мамлакат нишинем, дастурӣ фармоӣ, то як нафас бизанем аз он оташ, ки дар сирри ман вадиат ниҳодаӣ, то Моликро ва хазанаи дӯзахро, бо дӯзах, чумларо ба якбора ба китми адам барам ва агар ин ҳикоятро аз насси муснаде хоҳӣ, хабар: «Йо муъмину фаинна нурака атфаа лаҳабӣ» тамом аст.

Ва гуфт: Агар дӯзах маро бахшанд, ҳаргиз ҳеч ошикро насӯзам, аз баҳри он ки ишқ, худ, ӯро сад бор сӯхтааст. Соиле гуфт: Агар он ошикро чурм бисёр бувад, ӯро насӯзӣ? Гуфт: На, ки он чурм ба ихтиёр набуда бошад; ки кори ошиқон изтирорӣ бувад, на ихтиёрӣ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ шод шавад ба хидмати Худои азза ва ҷалла, ҷумлаи ашё ба хидмати ӯ шод шавад; ва ҳар киро чашм равшан бувад ба Худой, ҷумлаи ашё ба назар кардан дар ӯ равшан шавад.

Ва гуфт: Нест касе, ки дар Худой мутаҳаййир шавад, ҳамчун касе, ки мутаҳаййир шавад дар аҷоибе, ки бар ӯ мегузарад.

Ва гуфт: Худои таоло аз он каримтар аст, ки орифонро даъват кунад ба таоми бихишт, ки эшонро ҳиммате аст, ки ҷуз ба дидори Худой сар фурӯ наёрад.

Ва гуфт: Бар қадри он ки Худойро дӯст дорӣ, халқ туро дӯст доранд; ва бар қадри он ки аз Худой тарс дорӣ, халқ аз ту тарс доранд; ва бар қадри он ки ба Худой машғул бошӣ, халқ ба кори ту машғул бошанд. Ва ҳар кӣ шарм дошта бувад аз Худой дар ҳоли тоати Худои азза ва ҷалла, шарми карам дорад, ки ӯро азоб кунад аз баҳри гунох.

Ва гуфт: Ҳаёи банда ҳаёи нидам бувад ва ҳаёи Худой ҳаёи карам бувад.

Ва гуфт: Гумони некӯи банда ба Худой бар қадри маърифат бувад ба карами Худой ва набувад ҳаргиз касе, ки тарки гуноҳ кунад барои нафси хеш, ки бар нафси хеш тарсад, чун касе, ки тарки гуноҳ кунад аз шарми Худой, ки медонад, ки Худой ӯро мебинад дар чизе, ки наҳй кардааст. Пас ӯ аз он ҷиҳат эъроз кунад, на аз ҷиҳати худ.

Ва гуфт: Гумони некӯ ба Худой некӯтарин гумонҳост, чун ба аъмоли шоиста ва муроқабат ба ҳам бувад. Ва аммо агар бо ғафлат ва маосӣ бувад, он орзу бувад, ки ӯро дар хатар андозад.

Ва гуфт: Аз амали некӯ гумони некӯ хезад ва аз амали бад гумони бад.

Ва гуфт: Мағбун он кас аст, ки мӯҳмал гузорад рӯзгори хеш ба батолат ва мусаллат гардонад ҷавореҳи худро бар ҳалокат ва бимирад, пеш аз он ки ба ҳуш ояд аз ҷиноят.

Ва гуфт: Ибрат ба хирвор аст ва касе, ки ба ибрат нигарад, ба миқдол.

Ва гуфт: Ҳар кӣ эътибор нагирад ба муояна, панд напазирад ба насиҳат; ва ҳар кӣ эътибор гирад ба муояна, мустағнӣ гардад аз насиҳат.

Ва гуфт: Дур бош аз сӯҳбати се қавм: яке, уламои ғофил; дуввум, куррои мудоҳин; саввум, мутасаввифи ҷоҳил.

Ва гуфт: Танҳоӣ орзуи сиддиқон аст; ва унс гирифтан ба халқ ваҳшати эшон аст.

Ва гуфт: Се хислат аз сифати авлиё аст: эътимод кардан бар Худой дар ҳамаи чизҳо ва бениёз будан бад-ӯ аз ҳамаи чизҳо ва рӯҷуъ кардан бад-ӯ дар ҳамаи чизҳо.

Ва гуфт: Агар маргро дар бозор фурӯхтандӣ ва бар табақ ниҳодандӣ, сазовор будӣ аҳли охиратро, ки ҳечашон орзу наёмадӣ ва нахаридандӣ ҷуз марг.

Ва гуфт: Асҳоби дунёро хидмат парасторон ва бандагон кунанд ва асҳоби охиратро хидмат аҳрору аброр ва зуҳҳоду бузургворон кунанд.

Ва гуфт: Мард ҳаким набувад, то ҷамъ набувад дар ӯ се хислат: яке он, ки ба чашми насиҳат дар тавонгарон нигарад, на ба чашми ҳасад; дуввум он, ки ба чашми шафқат дар занон нигарад, на ба чашми шаҳват; саввум он, ки ба чашми тавозӯъ дар дарвешон нигарад, на ба чашми такаббур.

Ва гуфт: Ҳар ки хиёнат кунад Худойро дар сирр, Худой пардаи ӯро бидаронад ба ошкоро.

Ва гуфт: Чун банда инсофи Худо бидиҳад аз нафси хеш, Худой ӯро биёмурзад.

Ва гуфт: Бо мардумон сухан андак гӯед ва бо Худой сухан бисёр гӯед.

Ва гуфт: Чун ориф бо Худой даст аз адаб бидорад, ҳалок шавад бо ҳалокшудагон.

Ва гуфт: Ҳар киро тавоной ба Худой бувад, ҳамеша тавонгар аст; ва ҳар киро тавонгарӣ ба касби хеш бувад, ҳамеша фақир бувад: ба аввал маҷзубонро мехоҳад ва ба охир муҷоҳидонро, чунонки гуфт: Худойро дар сарро неъмати фазл аст ва дар зарро неъмати татҳир; ту агар банда бошӣ, дар сарро бош!

Ва гуфт: Ачаб дорам аз оҳи мувахҳидон дар дӯзахи забоназан, ки чӣ гуна месӯзад оташ аз сидқи тавҳиди ӯ.

Ва гуфт: Субҳон он Худое, ки банда гуноҳ мекунад ва Ҳақ шарм аз ӯ дорад.

Ва гуфт: Гуноҳе, ки туро мӯҳтоҷ гардонад бад-ӯ, дӯсттар дорам аз амале, ки бад-ӯ нозанд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ Худойро дӯст дорад, нафсро душман дорад.

Ва гуфт: Валӣ муроӣ ва мунофиқӣ накунад ва чунин касро дӯст кам бувад.

Ва гуфт: Бад дӯсте бошад, ки туро ҳоҷат ояд, чизе аз ӯ суол кардан, ё ӯро гуфтан: Маро ба дуо ёд дор! Ё дар зиндагонӣ, ки бо ӯ кунӣ, ҳоҷат ояд мадоро кардан, ё ҳоҷат ояд ба узр хостан аз вай дар зиллате, ки аз ту зоҳир шавад.

Ва гуфт: Насиби мӯъмин аз ту се чиз бояд, ки буд: яке он ки манфаате натвонӣ расонид, мазаррате нарасонӣ; ва агар шодаш натвонӣ гардонид, боре андӯҳгин накунӣ; ва агар мадҳаш нагӯӣ, боре накӯҳиш накунӣ.

Ва гуфт: Ҳеч ҳамоқат беш аз он нест, ки тухми оташ меандозад ва биҳишт тамаъ медорад.

Ва гуфт: Яке гуноҳ баъд аз тавба зиштгар бувад аз ҳафтод гуноҳи пеш аз тавба.

Ва гуфт: Гуноҳи мӯъмин, ки миёни биму умед бувад, чун рӯбоҳе бувад миёни ду шер.

Ва гуфт: Басанда аст шуморо аз дорухо тарки гуноҳ.

Ва гуфт: Аҷаб дорам аз касе, ки парҳез кунад аз таом аз бими бемориӣ, пас чаро парҳез накунад аз гуноҳ аз бими уқубат?

Ва гуфт: Карами Худой дар офаридани дӯзах зоҳиртар аст аз он ки дар офаридани биҳишт, аз баҳри он ки ҳарчанд (ки) биҳишт ваъда кардааст, агар бими дӯзах набудӣ, як тан ба тоат набошаде.

Ва гуфт: Дунё ҷойгоҳи ишғол аст, пайваста банда миёни машғулӣ ва бим аст, то бар чӣ карор гирад: иммо биҳишт ва иммо дӯзах?

Ва гуфт: Ҷумлаи дунё, аз аввал то охир, дар баробари як соат ғам наарзад; пас чӣ гуна бувад умр дар ғами будан аз ӯ бо насиби андак аз ӯ?

Ва гуфт: Дунё дуккони шайтон аст, зинҳор ки аз дуккони ӯ чизе надуздӣ, ки аз пас дарояд ва аз ту бозситонад.

Ва гуфт: Дунё хамри шайтон аст, ҳар кӣ аз он маст шуд, ҳаргиз ба ҳуш бознаёмад, магар дар миёни лашкари Худой рӯзи қиёмат дар надомат ва ҳусрон.

Ва гуфт: Дунё чун арӯсе аст ва чӯяндаи ӯ чун машшотаи

ӯ; ва зоҳид дар ӯ касе бувад, ки рӯи вай сиёҳ кунад ва мӯи ӯ биканад ва ҷомаи ӯ бидарад.

Ва гуфт: Дар дунё андеша аст ва ғам ва дар охират азоб ва иқоб; пас аз ӯ роҳат кай хохад буд?

Ва гуфт: Худованд мегӯяд: Аз ман шикоят макунед аз ғами дунё! Шуморо ин пӯшида нест, ки ҳар ду ҷаҳон марост ва ман шуморо.

Ва гуфт: Дар касб кардани дунё зулли нуфус аст ва дар касб кардани биҳишт иззи нуфус аст. Эй аҷаб аз касе, ки ихтиёр кунад хорӣ ва мазаллат дар талаби чизе, ки ҷовид ва боқӣ нахоҳад монд.

Ва гуфт: Шумии дунё туро бад-он дараҷа аст, ки орзуи он туро аз Худой машғул кунад, то ба ёфт чӣ расад.

Ва гуфт: Оқил се тан аст: яке он, ки тарки дунё кунад, пеш аз он ки дунё тарки ӯ кунад; ва он, ки гӯрро иморат кунад, пеш аз он ки дар гӯр равад; ва он ки Худойро розӣ гардонад, пеш аз он ки бад-ӯ расад.

Ва гуфт: Ду мусибат аст бандаро, ки аввалин ва охирин сахттар аз он нашунидаанд ва он вақти марг бувад. Гуфтанд: Он кадом бувад? Гуфт: Яке он, ки моле ҷамъ кардааст, аз ӯ бистонанд, дуввум он ки аз як-яки чиз аз моли ӯ суол кунанд.

Ва гуфт: Динору дирам каждум аст, даст бад-он макун, то афсуни он наёмӯзӣ; вагарна захри он туро ҳалок кунад. Гуфтанд: Афсуни ӯ чист? Гуфт: Он, ки дахли ӯ аз ҳалол бувад ва харҷи ӯ ба ҳақ бувад.

Ва гуфт: Талаби дунё оқилро некӯтар аз тарк овардани дунё ҷоҳилро.

Ва гуфт: Эй худовандони илм ва эътиқод! Қасрҳотон қайсарӣ аст ва хонаҳотон кисравӣ аст ва иморатҳотон шаддодӣ аст ва кибратон одӣ аст; ин ҳаматон ҳеч аҳмадӣ нест.

Ва гуфт: Ҷӯяндаи ин ҷаҳон ҳамеша дар зулли маъсият аст ва ҷӯяндаи он ҷаҳон ҳамеша дар иззи тоат аст; ва ҷӯяндаи Ҳақ ҳамеша дар равҳу роҳат аст

Ва гуфт: Суф пӯшидан дукконе аст ва сухан гуфтан дар зӯҳд пешаи ӯст; ва худованди нофила, арзакунанда аст; ин ҳама нишонаҳост.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар таваккул таън кунад, дар имон таън кардааст.

Ва гуфт: Такаббур кардан бар он кас, ки бар ту ба мол такаббур кунад, тавозӯъ бувад.

Ва гуфт: Аз пойгоҳ афтодани мардон он бошад, ки дар хештан ба ғалат афтанд.

Ва гуфт: Муридро аз се чиз гузир нест: хонае, ки дар он ҷо мутаворӣ бувад ва кифояте, ки бад-он тавон зистан ва амале, ки бад-он хирфате тавонад кард. Ва хонаи ӯ хилват аст; ва кифояти ӯ таваккул аст; ва ҳирфати ӯ ибодат аст.

Ва гуфт: Чун мурид мубтало гардад ба бисёр хӯрдан, малоика бар ӯ бигирянд; ва ҳар киро ба ҳирси пур хӯрдан мубтало карданд, зуд бувад, ки ба оташи шаҳват сӯхта гардад.

Ва гуфт: Дар тани фарзанди Одам ҳазор узв аст, ҷумла аз шарр ва он ҳама дар дасти шайтон аст. Чун муридро гурусна бувад, нафсро риёзат диҳад, он ҷумла аъзо хушк шавад ва ба оташи гуруснагӣ ҷумла сӯхта гардад.

Ва гуфт: Гуруснагӣ нуре аст ва серхӯрдагӣ норе аст; ва шаҳват хезуми он, ки аз ӯ оташ зояд, он оташ фурӯ нанишинад, то худованди онро насӯзад.

Ва гуфт: Ҳеч банда сер нахӯрад, ки Худованд аз ӯ набарад чизе, ки ҳаргиз баъд аз он онро натавонад ёфтан.

Ва гуфт: Гуруснагӣ таоми Худой аст дар замин, ки танҳои содиқон бад-он қувват ёбанд.

Ва гуфт: Гуруснагӣ муридонро риёзат аст ва тоибонро тачрибат аст ва зоҳидонро сиёсат аст ва орифонро макрамат аст.

Ва гуфт: Паноҳ мегирам ба Худои таоло аз зоҳиде, ки фосид гардонад меъдаи худро аз бисёр хӯрдани таомҳои лавн ба лавни тавонгарон.

Ва гуфт: Эшон се қавманд: зоҳид ва муштоқу восил. Зоҳид муолача бар сабр кунад ва муштоқ муолача ба шукр ва восил муолача ба вилоят кунад.

Ва гуфт: Чун бинӣ, ки мард ишорат ба амал кунад, бидон, ки тариқати ӯ вараъ аст; ва чун бинӣ, ки ишорат ба оят кунад, бидон, ки тариқи ӯ тариқи абдол аст; ва чун бинӣ, ки ишорат ба оло мекунад, бидон, ки тариқи ӯ тариқи муҳиббон аст; ва чун бинӣ, ки тааллуқ ба зикр кунад, бидон,

сухан гӯяд, саломат ёбад.

Ва гуфт: Аломати тавбаи насӯҳ се чиз аст: кам хӯрдан аз баҳри рӯза ва кам хуфтан аз баҳри намоз ва кам гуфтан аз баҳри зикри Худои таоло.

Ва гуфт: Зикри ӯ ҷумлаи гуноҳро ғарқа гардонад, худ ризои ӯ чӣ гуна бувад? Ва ризои ӯ ғарқа гардонад омолро, худ ҳубби ӯ чӣ гуна бувад? Ва ҳубби ӯ дар дахшат андозад укулро, худ вудди ӯ чӣ гуна бувад? Ва вудди ӯ фаромӯш гардонад ҳар чӣ дуни ӯст, худ лутфи ӯ чӣ гуна бувад?

Пурсиданд, ки: Ба чӣ тавон шинохт, ки Худои таоло аз мо розӣ аст, ё ний? Гуфт: Агар ту розӣ бошӣ, аз ӯ нишон аст, ки ӯ аз ту розӣ аст. Гуфтанд: Он гоҳ касе бувад, ки аз ӯ розӣ набувад ва даъвии маърифати ӯ кунад? Гуфт: Оре, ҳар кӣ ғофил монад аз инъоми ӯ, дар хашм ба сабаби мақдурӣ - чӣ аз неъмат ва чӣ аз меҳнат ва чӣ аз мусибат.

Ва касе гуфт: Кай бувад, ки ба мақоми таваккул расам ва радои оз барафганам ва бо зоҳидон биншинам? Гуфт: Он гоҳ, ки нафсро дар сирр риёзат диҳӣ, то он гоҳ ки агар се рӯз туро Ҳақ рӯзӣ надиҳад, заиф нагардӣ дар нафси худ; ва агар бад-ин дарача нарасида бошӣ, нишасти ту бар бисоти зоҳидон чахл бувад ва аз фазиҳат шудани ту эмин набошам.

Гуфтанд: Фардо кӣ эминтар бувад? Гуфт: Он, ки имрӯз бештар тарсад.

Гуфтанд: Мард ба таваккул кай расад? Гуфт: Он гоҳ ки Худои таолоро ба вакилӣ ризо диҳад.

Гуфтанд: Тавонгарӣ чӣ бошад? Гуфт: Эмин будан ба Худой.

Гуфтанд: Ориф кӣ бошад? Гуфт: Ҳасти нест бувад.

Гуфтанд: Дарвешӣ чист? Гуфт: Он, ки ба Худованди хеш аз ҷумлаи коинот тавонгар шавӣ!

Магар, ки як рӯз дар пеши ӯ сухани тавонгарӣ ва дарвешӣ мерафт. Гуфт: Фардо на тавонгарӣ вазне хоҳад дошт ва на дарвешӣ; сабру шукр вазн хоҳад дошт. Бояд, ки шукр орӣ ва сабр кунӣ!

Гуфтанд: Аз халқ дар зӯҳд кӣ собиткадамтар? Гуфт: Он, ки якини ӯ бештар бувад.

Гуфтанд: Муҳаббатро нишон чист? Гуфт: Он, ки ба некӯи зиёдат нашавад ва ба ҷафо нуқсон нагирад

Яке гуфташ: Маро васияте кун! Гуфт: Субҳоналлоҳ! Чу нафси ман аз ман қабул намекунад, дигаре аз ман қабул чӣ гуна кунад?

Гуфтанд: Ҷамоатеро мебинем, ки туро ғайбат мекунанд. Гуфт: Агар Худой маро бихоҳад омурзид, ҳеч зиён надорад, маро он чӣ эшон гӯянд; ва агар нахоҳад омурзид, пас ман сазои онам, ки эшон мегӯянд.

Гуфтанд: Ту чаро ҳама аз рачо мегӯй? Ва ҳам аз караму лутфи ӯ шарҳ медиҳӣ? Гуфт: Лобудд сухани чу мане бо чавонмарде, ба ҷуз аз караму лутф набувад.

Ва ӯро муноҷот аст. Ва гуфт: Худовандо! Умеди ман ба ту ба сайиот беш аз он аст, ки умеди ман ба ту, ба ҳасанот; аз баҳри он ки ман хештан чунон меёбам, ки эътимод кунам бар тоат ба ихлос. Ва ман чӣ гуна тоат ба ихлос тавонам кард? Ва ман ба офот маъруф; ва лекин худро дар гунох чунон меёбам, ки эътимод дорам бар афви ту. Ва ту чӣ гуна гуноҳи ман афв накунӣ ва ту ба ҷуд мавсуф?

Ва гуфт: Илоҳо! Мар Мӯсои калимро ва Ҳорунн азизро ба наздики Фиръавни тоғии ёғӣ фиристодӣ ва гуфтӣ: Сухан бо ӯ охиста бигӯед! Илоҳо! Ин лутфи ту аст бо касе, ки даъвии худой мекунад, худ лутфи ту чӣ гуна бувад бо касе, ки бандагии туро аз миёни ҷон мекунад?

Ва гуфт: Илоҳо! Лутфу ҳилми ту бо касе, ки: «Ано Раббукуму-л-аъло» (Сураи Нозиъот, ояти 24) гӯяд, ин аст, лутфу карами ту бо касе, ки «Субҳона раббийа-л-аъло» гӯяд, ки донад, ки чӣ хоҳад буд?

Ва гуфт: Илоҳо! Дар ҷумла молу мулки ман ҷуз гилеме кӯҳна нест, бо ин ҳама агар касе аз ман бихоҳад - агарчи мӯҳточам - аз ӯ бознадорам. Туро чандин ҳазор раҳмат аст ва ба заррае мӯҳточ най ва чандин дармонда; раҳмат аз эшон дареғ доштан чӯн бувад?

Ва гуфт: Илоҳо! Ту фармудай, ки: «Ман ҷоа би-л-ҳасанати фалаҳу хайрун минҳо» (Сураи Намл, ояти 89). - Ҳар кӣ некӯие ба мо орад, бехтар аз он бад-ӯ бозdихам; ҳеч некутар аз имон нест, ки ба мо додай, чӣ бехтар аз он ба мо дихӣ ҷуз ликои ту, Худовандо?

Ва гуфт: Илоҳо! Чунонки ту ба кас намонӣ, корҳои ту ба кори кас намонад. Ҳар касе, ки мар касеро дӯст дорад,

ҳама роҳати он кас чӯяд. Ту чун мар касеро дӯст дорӣ, бало бар сари ӯ бороні?

Ва гуфт: Худовандо! Ҳар чӣ аз дунё маро хоҳӣ дод, ба кофирон деҳ! Ва ҳар чӣ аз укбо маро хоҳӣ дод, ба мӯъминон деҳ! Ки маро басанда аст дар дунё ёдкарди ту ва дар укбо дидори ту.

Ва гуфт: Илоҳо! Чӣ гуна имтиноъ намоем ба сабаби гунох аз дуо? Ки намебинам туро, ки имтиноъ намоӣ ба сабаби гуноҳи ман аз ато; агарчи гунох мекунам, ту ҳамчунон ато медиҳӣ. Пас ман низ агарчи гунох мекунам, аз дуо бознатвонам истод.

Ва гуфт: Илоҳо! Агар ман натвонам, ки аз гунох бозистам, ту метавонӣ, ки гуноҳам биёмурзӣ.

Ва гуфт: Илоҳо! Ҳар гунох, ки аз ман дар вучуд меояд, ду рӯй дорад: яке рӯй ба лутфи ту дорад ва яке рӯй ба заъфи ман. Ё бад-он рӯй гуноҳам афв кун, ки ба лутфи ту дорад, ё бад-он рӯй биёмурз, ки ба заъфи ман дорад.

Ва гуфт: Илоҳо! Ба бадкирдорӣ, ки марост, аз ту метарсам; ва ба фазле, ки турост, ба ту умед медорам. Пас аз ман бозмадор фазле, ки турост, ба сабаби бадкирдорӣ(е), ки марост.

Ва гуфт: Илоҳо! Бар ман бахшо, зеро ки ман з-они туам.

Ва гуфт: Илоҳо! Чӣ гуна тарсам аз ту? Ва ту каримӣ; ва чӣ гуна натарсам аз ту? Ва ту азизӣ.

Ва гуфт: Илоҳо! Чӣ гуна хонам туро? Ва ман бандаи осӣ; ва чӣ гуна нахонам туро; ва ту Худованди карим.

Ва гуфт: Илоҳо! Зиҳӣ Худованди пок, ки банда гунох кунад ва туро шарми карам бувад.

Ва гуфт: Илоҳо! Тарсам аз ту, зеро ки бандаам; ва умед медорам ба ту, зеро ки ту Худовандӣ.

Ва гуфт: Илоҳо! Ту дӯст медорӣ, ки ман туро дӯст дорам, бо он ки бениёзӣ аз ман; пас ман чӣ гуна дӯст надорам, ки ту маро дӯст дорӣ бо ин ҳама эҳтиёҷ, ки ба ту дорам?

Ва гуфт: Илоҳо! Ман ғарибам ва зикри ту ғариб. Ва ман бо зикри ту улфат гирифтам, зеро ки ғариб бо ғариб улфат гирад.

Ва гуфт: Илоҳо! Ширинтарин атоҳо дар дили ман рачои

туст ва хуштарин суханон бар забони ман санои туст ва дӯсттарин вақтҳо бар ман вақти лиқои туст.

Ва гуфт: Илоҳо! Маро амали биҳишт нест ва тоқати дӯзах надорам. Акнун кор бо фазли ту афтод.

Ва гуфт: Агар фардо маро гӯяд: Чӣ овардӣ? Гӯям: Худовандо, аз зиндони мӯйболида ва ҷомаи шухгин ва оламе андӯху хичлат барҳамбаста чӣ тавон овард? Маро бишӯй ва хилъате фирист ва мапурс!

Нақл аст, ки Яҳё сад ҳазор дирам вом дошт бар ғозиёну ҳочиён ва фуқаро ва уламо ва сӯфиён сарф карда буд ва ғурамо тақозо мекарданд ва дили ӯ бад-он машғул буд. Шаби одина пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро ба хоб дид, ки гуфт: Эй Яҳё! Дилтанг машав, ки аз дилтангии ту ман ранҷурам. Бархез ва ба Хуросон рав, ки он сад ҳазор дирам, ки ту вом дорӣ, он ҷойгаҳ зане аз баҳри ту сесад ҳазор дирам, ки ту вом дорӣ, ниҳодааст. Гуфт: Ё расулуллоҳ! Он шаҳр кадом? Ва он шахс кист? Гуфт: Шаҳр ба шаҳр мерав ва сухан мегӯй, ки сухани ту шифои дилҳост, ки ман худ, чунонки ба хоби ту омадаам, ба хоби он кас равам. Пас, Яҳё ба Нишобур омад. Ва ӯро дар пештоқ минбар ниҳоданд. Гуфт: Эй мардумони Нишобур! Ман ин ҷо ба ишорати пайғамбар, алайҳи-с-салом, омадаам, ки фармудааст, ки: Воми ту як кас бигзорад. Ва ман сад ҳазор дирам нуқра вом дорам. Ва бидонед, ки сухани моро ба ҳар вақт ҷамоле буд. Акнун ин вом ҳичоб омад. Яке гуфт: Ман панҷоҳ хазор дирам бидиҳам. Дигаре гуфт: Чиҳил ҳазор дирам бидиҳам. Яҳё нагирифт ва гуфт: Саййид, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба як кас ишорат кардааст. Пас дар сухан омад. Рӯзи аввал ҳафт ҷаноза аз мачлиси ӯ бардоштанд. Пас чун дар Нишобур вом гузорида нашуд, азми Балх кард. Чун он ҷо расид, муддате боздоштанд, то сухан гуфт. Ва тавонгариро фазл ниҳод бар дарвешӣ. Сад ҳазор дирамаш бидоданд. Шайхе дар он нохият буд, магар ин сухан хуш наомад тавонгариро фазл ниходан. Гуфт: Худой баракат макунод бар вай! Чун аз Балх берун омад, роҳаш бизаданд ва мол бибурданд. Гуфтанд: Асари дуои он пир буд. Пас азми Хиро(т) кард; ва гӯянд, ки ба Марв рафт, пас ба Хиро омад. Ва хоб бозгуфт. Духтари амири Хиро дар мачлис буд,

кас фиристод, ки: Эй имом! Дил аз вом фориғ дор, ки он шаб, ки саййиди олам, салла-л-Лоху алайҳи ва саллам, дар хоб ба ту гуфт, бо ман низ гуфт. Гуфтам: Ё расулуллоҳ! Ман пеши ӯ равам? Фармуд, ки: Ӯ худ ояд. Ва ман интизори ту мекардам. Чун падар маро ба шавҳар дод, он чӣ дигаронро рӯй ва мис бошад, маро аз нуқра ва зар сохт. Он чӣ нуқра аст, сесад ҳазор дирам аст, ҷумла ба ту исор кардам; ва лекин як ҳоҷат дорам ва он он аст, ки чаҳор рӯзи дигар маҷлис бигӯй. Яҳё чаҳор рӯз маҷлис бигуфт. Рӯзи аввал дах ҷаноза баргирифтанд ва рӯзи дуввум бисту панҷ ҷаноза баргирифтанд ва рӯзи сеюм чиҳил ҷаноза ва рӯзи чаҳорум ҳафтод ҷаноза. Ва пас рӯзи панҷум аз Ҳарӣ бирафт бо хафт шутурвор нуқра. Чун ба Балҳам расид, писар бо ӯ буд ва он мол меовард. Гуфт: Набояд, ки чун ба шаҳр расад, ҳолӣ ба ғурамо ва фуқаро диҳад ва маро бенасиб бигзорад. Ҳангоми саҳар муноҷот мекард, сар ба саҷҷода ниҳод. Ногоҳ санге бар сари ӯ омад. Яҳё гуфт: Молро ба ғаримон дихед! Ва ҷон бидод. Аҳли тариқат ӯро бар гардан ниҳоданд ва ба Нишобур оварданд ва ба гӯристони маъмур дафн карданд, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

36. ЗИКРИ ШОҲ ШУҶОИ КИРМОНӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ

Он тезчашми басират, он шоҳбози сурату сират, он сиддиқи маърифат, он мухлиси бесифат, он нури чароғи рӯҳонӣ, Шоҳ Шуҷои Кирмонӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Бузурги аҳд буд ва мӯҳташами рӯзгор. Ва аз айёрони тариқат ва аз саълукони сабили ҳақиқат ва тезфаросат. Ва фаросати ӯ, албатта, хато наюфтодӣ.

Ва аз абнои мулук буд ва соҳибтасниф. Ва ӯ китобе сохтааст, номи ӯ «Миръоту-л-ҳукамо». Ва бисёр машоихро дида буд, чун: Бӯтуроб ва Яҳёи Муод ва ғайри эшон. Ва ӯ қабо пӯшидӣ. Чун ба Нишобур омад, Бӯҳафси Ҳаддод бо азаман худ чун ӯро дид хост ва пеши ӯ омад ва гуфт: «Вачадту фӣ-л-кабои мо талабту фӣ-л-абои». - Ёфтем дар қабо, он чӣ дар гилем металабидем.

Нақл аст, ки чиҳил сол нахуфт ва намак дар чашм мекард, то чашмҳои ӯ чун ду қадаҳи хун шуда буд. Баъд аз чиҳил сол шабе бихуфт. Худойро ба хоб дид, гуфт: Бор Худоё! Ман туро бедорӣ мечустам, дар хоб ёфтам. Фармуд, ки: Эй Шох! Моро дар хоб аз он бедориҳо ёфтӣ. Агар он бедорӣ набудӣ, чунин хобе надидӣ. Баъд аз он ӯро дидандӣ, ки ҳар чо ки рафтӣ, болише мениҳодӣ ва мехуфтӣ. Гуфтӣ: Бошад, ки як бори дигар чунон хоб бинам! Ошиқи хоби худ шуда буд ва гуфтӣ: Як зарра аз ин хоби худ ба бедории хамаи олам надиҳам.

Нақл аст, ки Шохро писаре буд, ба хати сабз бар синаи ӯ Аллоҳ набишта буд. Чун чавонӣ бар вай ғолиб шуд, ба тамошо машғул шуд ва рубоб мезад. Ва овозе хуш дошт. Ва рубоб мезад ва мегирист. Шабе маст берун омад; рубобзанону сурудгӯён ба маҳаллате фурӯ шуд. Арӯсе аз канори шавҳар бархост ва ба назораи ӯ омад. Мард бедор шуд, занро надид. Бархост ва он ҳол мушоҳада кард. Овоз дод, ки: Эй писар!

Ҳанӯз вақти тавба нест? Ин сухан бар дили ӯ омад ва гуфт: Омад, омад. Ва ҷома бидарид ва рубоб бишкаст ва дар хонае нишаст ва чиҳил рӯз ҳеч нахӯрд. Пас берун омаду бирафт. Шоҳ гуфт: Он чӣ моро ба чиҳил сол доданд, ӯро ба чиҳил рӯз доданд.

Нақл аст, ки Шоҳро духтаре буд, подшоҳони Кирмон мехостанд. Се рӯз мӯҳлат хост. Ва дар он се рӯз дар масоҷид мегашт, то дарвешеро дид, ки намоз некӯ мекард. Шоҳ сабр кард, то аз намоз фориғ шуд. Гуфт: Эй дарвеш! Аҳл дорӣ? Гуфт: На. Гуфт: Зане Қуръонхон хоҳӣ? Гуфт: Маро чунин зан кӣ диҳад, ки се дирам беш надорам. Гуфт: Ман диҳам духтари худ ба ту. Ин се дирам, ки дорӣ, яке ба нон деҳ ва яке ба атр ва ақди никоҳ банд. Пас чунон карданд ва ҳамон шаб духтар ба хона фиристод. Духтар чун дар хонаи дарвеш омад, нони хушк дид бар сари кӯзаи об ниҳода. Гуфт: Ин нон чист? Гуфт: Дӯш бозмонда буд, ба ҷиҳати имшаб гузоштам. Духтар қасд кард, ки берун ояд. Дарвеш гуфт: Донистам, ки духтари Шоҳ бо ман натвонад буд ва тан дар бебаргии ман надиҳад. Духтар гуфт: Эй ҷавон! Ман на аз бенавоии ту меравам, ки аз заъфи имон ва яқини ту меравам. Ки аз дӯш боз ноне ниҳодаӣ фардоро. Эътимод бар ризқ надорӣ. Валекин аҷаб аз падари худ дорам, ки бист сол маро дар хона дошт ва гуфт: Туро ба парҳезгоре хоҳам дод. Он гаҳ ба касе дод, ки он кас ба рӯзии худ эътимод бар Худой надорад. Дарвеш гуфт: Ин гуноҳро узре ҳаст? Гуфт: Узр он аст, ки дар ин хона, ё ман бошам, ё нони хушк.

Нақл аст, ки вақте Абӯҳафс ба Шоҳ номае навишт. Гуфт: Назар кардам дар нафси худ ва амали худ ва тақсири худ. Пас ноумед шудам. Вассалом. Шоҳ ҷавоб навишт, ки: Номаи туро оинаи дили хеш гардонидам. Агар холис бувад маро ноумедӣ аз нафси хеш, умедам ба Худой софӣ шавад; ва агар софӣ шавад умеди ман ба Худой, софӣ шавад хавфи ман аз Худой, он гаҳ ноумед шавам аз нафси хеш; ва агар ноумед шавам аз нафси хеш, он гоҳ Худойро ёд тавонам кард; ва агар Худойро ёд кунам, Худо маро ёд кунад; ва агар Худо маро ёд кунад, наҷот ёбам аз махлуқот ва пайваста шавам ба ҷумлаи маҳбубот. Вассалом.

Нақл аст, ки миёни Шоҳ ва Яҳёи Муод дӯстӣ буд. Дар

як шаҳр ҷамъ шуданд ва Шоҳ ба мачлиси Яҳё ҳозир нашудӣ. Гуфтанд: Чаро наёӣ? Гуфт: Савоб дар он аст. Илҳоҳ карданд, то як рӯз бирафт ва дар гӯшае биншаст. Сухан бар Яҳё баста шуд. Гуфт: Касе ҳозир аст, ки ба сухан гуфтан аз ман авлотар аст. Шоҳ гуфт: Ман гуфтам, ки омадани ман маслаҳат нест.

Ва гуфт: Аҳли фазлро фазл бошад бар ҳама, то он гоҳ ки фазли худ набинанд. Чун фазли худ диданд, дигарашон фазл набошад; ва аҳли вилоятро вилоят аст то он гоҳ, ки вилоят набинанд; чун вилоят диданд, дигар вилоят набошад.

Ва гуфт: Фақр сирри Ҳақ аст наздики банда, чун фақр ниҳон дорад, амин бувад; ва чун зоҳир гардонад, исми фақр аз ӯ бархост.

Ва гуфт: Аломати сидқ се чиз аст: Аввал он, ки қадри дунё аз дили ту биравад, чунонки зару сим пеши ту чун хок бувад, то ҳар гоҳ ки симу зар ба дасти ту афтад, даст аз вай чунон фишонӣ, ки аз хок; дуввум он, ки дидани халқ аз дили ту бияфтад, чунонки мадҳу замм пеши ту яке бувад, ки на аз мадҳ зиёдат шавӣ ва на аз замм ноқис гардӣ; саввум он, ки рондани шаҳват аз дили ту бияфтад, то чунон шавӣ аз шодии гуруснагӣ ва тарки шаҳавот, ки аҳли дунё шод шаванд аз сер хӯрдан ва рондани шаҳавот. Пас ҳар гоҳ ки чунин бошӣ, мулозамати тариқи муридон кун! Ва агар чунин най, туро бо ин сухан чӣ кор?

Ва гуфт: Тарсгорӣ андӯхи доим аст.

Ва гуфт: Хавфи воҷиб он аст, ки донӣ, ки тақсир кардай дар ҳуқуқи Худои таоло.

Ва гуфт: Аломати хушхӯй ранҷи худ аз халқ бардоштан аст ва ранҷи халқ кашидан.

Ва гуфт: Аломати такво вараъ аст ва аломати вараъ аз шубаҳот бозистодан.

Ва гуфт: Ушшоқ ба ишқ мурда даромаданд, аз он буд, ки чун ба висоле расиданд аз хаёле, ба худовандӣ даъво карданд.

Ва гуфт: Аломати рачо хусни зоҳир аст.

Ва гуфт: Аломати сабр се чиз аст: тарки шикоят ва сидқи ризо ва қабули қазо ба дилхушӣ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ чашм нигоҳ дорад аз ҳаром ва тан аз шаҳавот; ва ботин ободон дорад ба мурокабати доим ва зоҳир

ороста дорад ба мутобаати суннат; ва одат кунад ба халол хӯрдан, фаросати ӯ хато нашавад.

Нақл аст, ки рӯзе ёронро гуфт, ки: Аз дурӯғ гуфтану хиёнат кардан ва ғайбат кардан дур бошед! Бокӣ ҳар чӣ хоҳед, кунед.

Ва гуфт: Дунё бигзор ва тавба кардӣ; ва ҳавои нафс бигзор ва ба мурод расидӣ.

Аз ӯ пурсиданд, ки: Ба шаб чунӣ? Гуфт: Мурғеро, ки бар бобзан зада бошанд ва ба оташ мегардонанд, ҳоҷат набувад аз ӯ пурсидан, ки чунӣ?

Нақл аст, ки Хоҷа Алии Сиргонӣ бар сари турбати Шоҳ нон медод. Як рӯз таом дар пеш ниҳод ва гуфт: Худовандо! Меҳмон фирист. Ногоҳ саге даромад. Хоҷа Алӣ бонг бар вай зад. Саг бирафт. Ҳотифе овоз дод: Аз сари турбати Шоҳ, ки меҳмон хоҳӣ, чун бифиристем, бозгардонӣ! Дарҳол бархост ва берун давид ва гирди маҳаллатҳо мегашт, сагро надид. Ба саҳро рафт, ӯро дид дар гӯшае хуфта. Моҳазаре, ки дошт, пеши ӯ ниҳод. Саг ҳеч илтифоте накард. Хоҷа Алӣ хиҷил шуд ва дар мақоми истиғфор биистод ва дастор бигирифт ва бигуфт: Тавба кардам. Саг гуфт: Аҳсанта, эй Хоҷа Алӣ! Меҳмон хонӣ, чун биёяд, бироне. Туро чашм бояд, агар на сабаб Шоҳ будӣ, дидӣ, он чӣ дидӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

37. ЗИКРИ ЮСУФ ИБНИ АЛ-ҲУСАЙН, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он мӯътакифи ҳазрати доим, он ҳуҷҷати вилояти «Ва ло йахофуна лавмата лоимин» (Сураи Моида, ояти 54), он офтоби ниҳонӣ, он дари зулмати оби зиндагонӣ, он шоҳбози кавнайн, қутби вақт, Юсуф ибни ал-Ҳусайн, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз ҷумлаи машоих буд ва аз муқаддимони авлиёи олам буд, ба анвои улуми зоҳир ва ботин (олим). Ва забоне дошт дар баёни маориф ва асрор.

Ва пири Рай буд ва бисёр машоиху шуюхро дида буд ва бо Абӯтуроб сӯҳбат дошта. Ва аз рафиқони Абӯсаиди Харроз буд. Ва муриди Зуннуни Мисрӣ буд. Ва умре дароз ёфта буд.

Ва пайваста дар кор ҷидде тамом кардааст ва дар адаб ояте будааст. Ва ӯ худ адиб буд. Ва риёзоте ва каромоте дошт ва дар маломат қадаме маҳкам дошт ва ҳиммате баланд.

Ва ибтидои ҳоли ӯ он буд, ки дар Араб бо ҷамъе ба қабилае бирасид. Духтари амири араб чун ӯро бидид, фитнаи ӯ шуд, ки азим сохибҷамол буд. Он духтар ногоҳ фурсат ҷуст ва худро пеши ӯ андохт. Ӯ биларзид ва ӯро бигзошт ва ба қабилаи дуртар рафт ва он шаб бихуфт. Сар бар зону ниҳода буд, дар хоб шуд. Мавзее, ки мисли он надида буд, бидид; ва ҷамъе сабзпӯшон ва яке бар тахте нишаста - подшоҳвор - Юсуфро орзу кард, ки бидонад, ки эшон киянд. Худро ба наздики эшон афганд. Эшон ӯро роҳ доданду таъзим карданд. Пас гуфт: Шумо киёнед? Гуфтанд: Фариштагонем ва ин ки бар тахт аст, Юсуф-пайғомбар, алайҳиссалом, ба зиёрати Юсуф ибни ал-Ҳусайн омадааст. Гуфт: Маро гиря омад. Гуфтам: Ман кӣ бошам, ки пайғомбари Худой ба зиёрати ман ояд? Дар ин будам, ки Юсуф, алайҳи-с-салом, аз тахт фуруд омад ва маро дар

канор гирифт ва бар тахт нишонд. Гуфтам: Ё набиюллоҳ! Ман кӣ бошам, ки бо ман ин лутф кунӣ? Гуфт: Дар он соат, ки он духтар бо ғояти ҷамол худро дар пеши ту афганд ва ту худро ба Ҳақ таоло супурдӣ ва паноҳ бад-ӯ ҷустӣ, Ҳақ таоло туро бар ман ва малоика арза кард ва чилва фармуду гуфт: Бингар, эй Юсуф, ту он Юсуфӣ, ки қасд кардӣ ба Зулайхо, то дафъ кунӣ ӯро. Ва ӯ он Юсуф аст, ки қасд накард ба духтари шоҳи араб ва бигурехт. Маро бо ин фариштагон ба зиёрати ту фиристод ва башорат дод, ки ту аз гузидагони Ҳаққӣ. Пас гуфт: Дар ҳар аҳде нишонае бошад. Ва дар ин аҳд нишонаи Зуннуни Мисрӣ аст ва номи аъзам ӯро доданд. Пеши ӯ рав!

Юсуф чун бедор шуд, ҷумлаи ниҳодаш дард гирифт ва шавқ бар ӯ ғолиб шуд ва рӯй ба Миср ниҳод ва дар орзуи номи бузурги Худои таоло мебуд. Чун ба масҷиди Зуннун расид, салом кард ва биншаст. Зуннун ҷавоби салом дод. Юсуф як сол дар гӯшаи масҷиде биншаст, ки захра надошт, ки аз Зуннун чизе пурсад. Ва баъд аз як сол Зуннун гуфт: Ин ҷавонмард аз кучост? Гуфт: Аз Рай. Як соли дигар ҳеч нагуфт. Ва Юсуф ҳам дар он гӯша муқим шуд. Чун як соли дигар бигзашт, Зуннун гуфт: Ин ҷавон ба чӣ кор омадааст? Гуфт: Ба зиёрати шумо. Як соли дигар ҳеч нагуфт. Баъд аз он гуфт: Ҳеч ҳоҷате ҳаст? Гуфт: Бад-он омадаам, ки то исми аъзам ба ман омӯзӣ. Як соли дигар ҳеч нагуфт. Баъд аз он косаи чӯбини сарпӯшида бад-ӯ дод ва гуфт: Аз рӯди Нил бигзар. Дар фалон ҷойгоҳ пире аст. Ин коса бад-ӯ деҳ ва ҳар чӣ бо ту гӯяд, ёд гир! Юсуф коса бардошт ва равон шуд. Чун порае роҳ бирафт, васвасае дар вай пайдо шуд, ки: дар ин коса чӣ бошад, ки мечунбад? Сари коса бигушод. Муше берун ҷаст ва бирафт. Юсуф мутаҳаййир шуд ва гуфт: Акнун кучо равам? Пеши ин шайх равам, ё пеши Зуннун? Оқибат пеши он шайх рафт бо косаи тиҳӣ. Шайх чун ӯро бидид, табассуме бикард ва гуфт: Номи бузурги Худой аз ӯ дархостай? Гуфт: Оре. Гуфт: Зуннун бесабрии ту медид. Муше ба ту дод. Субҳоналлоҳ! Муше гӯш наметавонӣ дошт, номи аъзам чун нигоҳ дорӣ? Юсуф хиҷил шуд ва бо масҷиди Зуннун бозомад. Зуннун гуфт: Дӯш ҳафт бор аз Ҳақ иҷозат хостам, то номи аъзам ба ту омӯзам, дастурӣ надод; яъне

ҳанӯз вақт нест. Пас Ҳақ таоло фармуд, ки: Ӯро ба муше биёзмой! Чун биёзмудам, чунон буд. Акнун ба шаҳри худ бозрав, то вақт ояд.

Юсуф гуфт: Маро васияте кун! Гуфт: Туро се васият мекунам: яке бузург, яке миёна ва яке хурд. Васияти бузург он аст, ки ҳар чӣ хондай, фаромӯш кунӣ ва ҳар чӣ набиштай, бишӯй, то ҳиҷоб бархезад. Юсуф гуфт: Ин натвонам. Пас гуфт: Миёна он аст, ки маро фаромӯш кунӣ ва номи ман бо касе нагӯй, ки: Пири ман чунин гуфтааст ва Шайхи ман чунон фармудааст, ки ин ҳама хештанситой аст. Гуфт: Ин ҳам натвонам кард. Пас гуфт: Васияте хурд он аст, ки халқро насиҳат кунӣ ва ба Худой хонӣ. Гуфт: Ин битвонам, иншоаллоҳ. Гуфт: Аммо ба шарте насиҳат кунӣ, ки халқро дар миён набинӣ! Гуфт: Чунон кунам.

Пас ба Рай омад ва ӯ бузургзодаи Рай буд. Аҳли шаҳр истиқбол карданд, чун мачлис оғоз кард, сухани ҳақоиқ баён кард. Аҳли зоҳир ба хасмӣ бархостанд, ки дар он вақт ба ҷуз илми сурат илми дигаре набуд. Ва ӯ низ дар маломат рафтӣ, то чунон шуд, ки кас ба мачлиси ӯ наёмадӣ. Рӯзе даромад, ки мачлис бигуяд, касеро надид. Хост, ки бозгардад. Пиразане овоз дод, ки: На бо Зуннун аҳд карда будӣ, ки халқро дар миён набинӣ, дар насиҳат гуфтан ва аз барои Худой гӯй. Чун ин бишнид, мутаҳаййир шуд ва сухан оғоз кард агар касе будӣ ва агар на. Панҷоҳ сол бад-ин ҳол бигзаронид ва Иброҳими Хавос мурид ӯ шуд ва ҳоли ӯ кавӣ гашт.

Иброҳим аз баракати сӯҳбати ӯ ба ҷое расид, ки бодияро бе зоду роҳила қатъ мекард. То Иброҳим гуфт: Шабе нидое шунидам, ки: Бирав ва Юсуфи Ҳусайнро бигӯй, ки ту аз рондагонӣ. Иброҳим гуфт: Маро ин сухан чунон сахт омад, ки агар кӯҳе бар сари ман заландӣ, осонтар аз он будӣ, ки ин сухан бо вай гӯям. Шаби дигар батаҳдидтар аз он шунидам, ки: Ба ӯ бигӯй, ки ту аз рондагонӣ. Бархостам ва ғусле кардам ва истиғфор кардам ва мутафаккир биншастам. То шаби саввум ҳамон овоз шунидам, ки: Бо ӯ бигӯй, ки ту аз рондагонӣ! Ва агар нагӯй, захме хӯрӣ, чунонки барнахезӣ. Бархостам ва ба андӯҳе тамом дар масҷид шудам. Ӯро дидам дар меҳроб нишаста. Чун маро бидид, гуфт: Ҳеч байт ба ёд

дорӣ? Гуфтам: Дорам. Байте тозӣ ёд доштам, бигуфтам. Ӯро вақт хуш шуд, бархост ва дере бар пой буд; ва об аз чашмаш равон шуд, чунонки бо хун омехта буд. Пас рӯй ба ман карду гуфт: Аз бомдод то акнун пеши ман Қуръон мехонданд, як қатра об аз чашми ман наёмад; бад-ин як байт, ки гуфтӣ, чунин ҳолате зоҳир шуд: тӯфон аз чашми ман равон шуд. Мардумон рост мегӯянд, ки: ӯ зиндиқ аст ва аз ҳазрат хитоби рост меояд, ки: ӯ аз рондагон аст; касе аз байте чунин шавад ва аз Қуръон бар ҷой бимонад, ронда бувад. Иброҳим гуфт: Ман мутаҳаййир шудам дар кори ӯ ва эътиқоди ман сустӣ гирифт. Тарсидам ва бархостам ва рӯй дар бодия ниҳодам. Иттифоқан бо Хизр уфтодам. Фармуд, ки: Юсуфи Ҳусайн захмхӯрдаи Ҳақ аст, валекин ҷои ӯ аълоиллиййин аст, ки дар роҳи Ҳақ чандон қадам бояд зад, ки агар дасти рад ба пешонии ту бозниҳанд, ҳанӯз аълоиллиййин ҷои ту бошад, ки ҳар кӣ дар ин роҳ аз подшоҳӣ бияфтад, аз вазорат наяфтад.

Нақл аст, ки Абдулвоҳид Зайд марде шаттор буд. Модару падараш пайваста аз вай дар захмат будандӣ, ки бағоят нохалаф буд. Рӯзе ба мачлиси Юсуфи Ҳусайн бигзашт. Ӯ ин калима мегуфт: «Даоҳум билутфихи кааннаҳу муҳтоҷун илайҳим» - Ҳақ таоло бандаи осиро мехонад ба лутфи хеш, чунонки касеро ба касе ҳоҷат бувад. Абдулвоҳид ҷома бияндохт ва наърае бизад ва ба гӯристон рафт, се шабонарӯз бимонд. Аввали шаб Юсуф ибни ал-Ҳусайн ӯро ба хоб дид, ки хитобе шунидӣ: «Адрики-ш-шобба-т-тоиб!» - Он ҷавони тоибро дарёб! Юсуф мегардид, то дар он гӯристон ба вай расид. Сари вай бар канор ниҳод. Ӯ чашм боз карду гуфт: Се шабонарӯз аст, то туро фиристодаанд, акнун меоӣ? Ин бигуфту ҷон бидод.

Нақл аст, ки дар Нишобур бозаргоне канизаке турк дошт ба ҳазор динор харида ва ғариме дошт дар шаҳри дигар. Хост, ки ба таъҷил биравад ва моли худ аз вай бистонад ва дар Нишобур бар кас эътимод надошт, ки канизакро ба вай супорад. Пеши Бӯусмони Ҳирӣ омад ва ҳол бознамуд. Бӯусмон қабул намекард. Шафоати бисёр кард ва гуфт: Дар ҳарами худ ӯро роҳ дех, ки ҳар чӣ зудтар бозоям. Алқисса, қабул кард. Он бозаргон бирафт. Бӯусмонро беихтиёр назар

бар он канизак афтод ва ошиқи ӯ шуд, чунонки бетоқат гашт. Надонист, ки чӣ кунад? Бархост ва пеши шайхи худ Абӯҳафси Ҳаддод рафт. Абӯҳафс ӯро гуфт: Туро ба Рай мебояд шуд, пеши Юсуф ибни ал-Ҳусайн. Бӯусмон дарҳол азми Ирок кард. Чун ба Рай расид, макоми Юсуфи Ҳусайн пурсид. Гуфтанд: Он зиндиқи мубоҳиро чӣ куни? Ту аҳли салоҳ менамой, туро сӯҳбати ӯ зиён дорад. Аз ин навъ чанде бигуфтанд. Бӯусмон аз омадан пушаймон шуд, бозгашт. Чун ба Нишобур омад, Бӯҳафс гуфт: Юсуфи Ҳусайнро дидӣ? Гуфт: На. Гуфт: Чаро? Ҳол бозгуфт, ки: Шунидам, ки ӯ марде чунину чунон аст, нарафтам ва бозомадам. Бӯҳафс гуфт: Бозгард ва ӯро бубин! Бӯусмон бозгашт ва ба Рай омад ва хонаи ӯ пурсид. Сад чандони дигар бигуфтанд. Ӯ гуфт: Маро муҳиме аст пеши ӯ. То нишон доданд. Чун ба дари хонаи ӯ расид, пире дид нишаста, писаре амрад дар пеши ӯ, сохибчамол ва суроҳиву пиёлае пеши ӯ ниҳода ва нур аз рӯи ӯ мерехт. Даромад ва салом кард, биншаст. Шайх Юсуф дар сухан омад ва чандон калимоти олӣ бигуфт, ки Бӯусмон мутаҳаййир шуд. Пас гуфт: Эй хоҷа! Аз барои Худой бо чунин калимоте ва чунин мушоҳадае, ин чӣ ҳол аст, ки ту дорӣ? Хамру амрад. Юсуф гуфт: Ин амрад писари ман аст ва кам кас донад, ки ӯ писари ман аст ва Қуръонаш меомӯзам. Ва дар ин гулхан суроҳие афтода буд, бардоштам ва пок бишустам ва пури об кардам, ки ҳар кӣ об хоҳад, бозхӯрад, ки кӯза надоштем. Бӯусмон гуфт: Аз барои Худой, чаро чунин мекунӣ, то мардумон мегӯянд, он чӣ мегӯянд? Юсуф гуфт: Аз барои он мекунам, то ҳеч кас канизаки турк, ба мӯътамадӣ, ба хонаи ман нафиристад. Бӯусмон чун ин бишнид, дар пои шайх афтод ва донист, ки ин мард дараҷаи баланд дорад.

Накл аст, ки дар чашми Юсуф ибни ал-Ҳусайн сурхие буд зоҳир; ва футуре аз ғояти бехобӣ.

Аз Иброҳими Хавос пурсиданд, ки: Ибодати ӯ чӣ гуна аст? Гуфт: Чун аз намози хуфтан фориғ шавад, то рӯз бар пой бошад, на рукӯъ кунад ва на сучуд кунад. Пас аз Юсуф пурсиданд, ки: То рӯз истодан чӣ ибодат бошад? Гуфт: Намози фариза ба осонӣ мегузорам, аммо мехоҳам, ки намози шаб гузорам, ҳамчунин истода бошам, имкони он

набувад, ки такбир тавонам кард аз азамати ӯ. Ногоҳ чизе ба ман дарояд ва маро ҳамчунон медорад то вақти субҳ, чун субҳ барояд, фариза гузорам.

Нақл аст, ки вақте ба Ҷунайд номае навишт, ки: Худой туро таъми нафси ту мечашонод! Ки агар ин таъм бичашонад, пас аз ин ҳеч набинӣ.

Ва гуфт: Ҳар умматеро сафват аст, ки эшон вадиати Худоянд, ки эшонро аз халқи хеш пинҳон медорад, агар эшон дар ин уммат ҳастанд, суфиёнанд.

Ва гуфт: Офати суфиён дар сӯҳбати кӯдакон аст ва дар муошарати аздод ва дар рафиқии занон.

Ва гуфт: Қавмеянд, ки донанд, ки Худой эшонро мебинад, пас эшон шарм доранд аз назари Ҳақ, ки аз маҳобат чизе кунанд ҷуз аз они вай ва ҳар кӣ ба ҳақиқат зикри Худой ёд кунад, зикри ғайр фаромӯш кунад дар ёдкарди ӯ; ва ҳар кӣ фаромӯш кунад зикри ашё дар зикри Ҳақ, ҳама чиз бад-ӯ нигаҳ доранд аз баҳри он ки Худой уро иваз бувад аз ҳама чиз.

Ва гуфт: Ишорати халқ бар қадри ёфти халқ аст; ва ёфти халқ бар қадри шинохти халқ аст; ва шинохти халқ бар қадри муҳаббати халқ аст; ва ҳеч хол нест бар наздики Худои таоло дӯсттар аз муҳаббат бандаи Худойро.

Ва пурсиданд аз муҳаббат. Гуфт: Ҳар кӣ Худойро дӯсттар дорад, хори ва зулли ӯ сахттар бувад; ва шафқати ӯ ва насиҳати ӯ халқи Худойро бештар бувад.

Ва гуфт: Аломати шинохти унс он аст, ки дур бошад аз ҳар чӣ қотеи ӯ ояд аз зикри дӯст.

Ва гуфт: Аломати содиқ ду чиз аст: танҳой дӯст дорад ва ниҳон доштани тоат.

Ва гуфт: Тавҳиди хос он аст, ки дар сирр ва дил дар тавҳид чунон пиндорад, ки пеши ҳазрати ӯ истодааст; тадбири ӯ бар ӯ меравад дар аҳкому қудрати ӯ дар дарёҳои тавҳиди ӯ ва аз хештан фонӣ шуда ва уро хабар на. Акнун, ки ҳаст, ки ҳамчунон ҳаст, ки пеш аз ин буд дар ҷараёни ҳукми ӯ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар баҳри тафрид афтод, ҳар рӯз ташнатар бувад ва ҳаргиз сероб нагардад, зеро ки ташнагӣ ҳақиқат дорад ва он ҷуз ба Ҳақ сокин нагардад.

Ва гуфт: Азизтарин чизе дар дунё ихлос аст, ки ҳарчанд

ҷаҳд кунам, то риё аз дили хеш берун кунам, ба лавне дигар аз дили ман бирӯяд.

Ва гуфт: Агар Худойро бинам бо ҷумлаи маосӣ дӯсттар аз он дорам, ки бо заррае тасаннӯъ бинам.

Ва гуфт: Аз аломати зӯҳд он аст, ки талаб накунад, то вақте ки мавҷуди худро мафқуд нагардонад.

Ва гуфт: Фояти убудият он аст, ки бандаи ӯ бошӣ дар ҳама чизе.

Ва гуфт: Ҳар кӣ бишнохт ӯро ба фикр, ибодат кард ӯро ба дил.

Ва гуфт: Залилтарин мардумон таммоъ аст, чунонки шарифтарин инсон дарвеши содиқ бувад.

Ва чун вафоташ наздик омад, гуфт: Бор Худоё! Ту медонӣ, ки насиҳат кардам халқро қавлан ва насиҳат кардам нафсро феълан ва хиёнати нафси ман ба насиҳати халқи хеш бахш!

Ва баъд аз вафот ӯро ба хоб диданд. Гуфтанд: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Биёмурзид. Гуфтанд: Ба чӣ сабаб? Гуфт: Ба баракати он ки ҳаргиз ҳазлро бо ҷидд наёмехтам. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

38. ЗИКРИ АБӮҲАФСИ ҲАДДОД, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он қудваи ричол, он нуқтаи камол, он обиди содиқ, он зоҳиди ошиқ, он султони автод, қутби олам, Абӯҳафси Ҳаддод, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Подшоҳи машоих буд алалитлоқ, халифаи Ҳақ буд ба истеҳқоқ. Ва аз мӯҳташамони ин тоифа буд ва касе ба бузургии ӯ набуд дар вақти вай ва дар риёзату каромат ва мурувату футувват беназир буд. Ва дар кашфу баён ягона.

Ва муаллиму мулаққини ӯ бевосита Худои азза ва ҷалла буд. Ва пири Бӯусмони Ҳирӣ буд. Ва Шоҳ Шуҷоъ аз Кирмон ба зиёрати ӯ омад ва дар сӯҳбати ӯ ба Бағдод шуд ва ба зиёрати машоих.

Ва ибтидои ӯ он буд, ки бар канизаке ошиқ буд, чунонки қарор надошт. Ӯро гуфтанд: ки дар Шористони Нишобур ҷуҳуде ҷодуст, тадбири кори ту ӯ кунад. Абӯҳафс пеши ӯ рафту ҳол бигуфт. Ӯ гуфт: Туро чиҳил рӯз намоз набояд кард ва ҳеч тоату амали некӯ набояд кард ва номи Худой бар забон нашояд ронд ва нияти некӯ набояд кард, то ман хилат кунам ва туро ба сеҳр ба мақсуд расонам. Бӯҳафс чил рӯз чунон кард, баъд аз он ҷуҳуд он тилисм бикард ва мурод ҳосил нашуд. Ҷуҳуд гуфт: Бешак аз ту хайре дар вуҷуд омадааст, вагарна маро яқин аст, ки мақсуд ҳосил шудӣ. Бӯҳафс гуфт: Ман ҳеч чизе накардаам, илло дар роҳе, ки меомадам, санге аз роҳ ба пой бози канора афкандам, то касе бар ӯ наяфтад. Ҷуҳуд гуфт: Маёзор Худовандеро, ки ту чиҳил рӯз фармони ӯ зоеъ кунӣ ва ӯ аз карам ин миқдор ранчи ту зоеъ накард.

Оташе аз ин сухан дар дили Абӯҳафс падид омад ва чандон қувват кард, ки Бӯҳафс ба дасти ҷуҳуд тавба кард. Ва ҳамон оҳангарӣ мекард ва воқеаи худ ниҳон медошт ва ҳар рӯз як динор касб мекард ва шаб ба дарвешон додӣ ва дар

калиддони бевазанон андохтӣ, чунонки надонистандӣ. Ва намози хуфтан дарюза кардӣ ва рӯза бад-он гушодӣ. Вақте будӣ, ки дар ҳавзе, ки тарра шустандӣ, бақоёи он барчидӣ ва нонхӯриш сохтӣ ва муддате бад-ин рӯзгор гузоштӣ. Як рӯз нобиное дар бозор мегузашт, ин оят мехонд, ки: «Аъузу би-л-Лоҳи мина-ш-шайтони-р-рачим. Бисми-л-Лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Ва бадо лаҳум мина-л-Лоҳи мо лам йакуну йаҳтасибун» (Сураи Зумар, 47). Дилаш бад-ин оят машғул шуд ва чизе бар вай даромад ва бехуд гашт, ба ҷои анбӯр даст дар кӯра кард ва оҳани тафсида берун кард ва бар сандон ниҳод. Шогирдон путк бизаданд, нигоҳ карданд, оҳан дар дасти ӯ диданд, ки мегардонид, гуфтанд: Эй устод! Ин чӣ ҳол аст? Ӯ бонг бар шогирдон зад, ки: Бизанед! Гуфтанд: Эй устод! Бар кучо занем, чун оҳан пок шуд? Пас Бӯҳафс ба худ бозомад, оҳани тофта дар дасти худ дид ва ин сухан бишнид, ки: Чун пок шуд, бар кучо занем? Наърае бизад ва оҳан аз даст бияфганд ва дуконро ба ғорат дод. Ва гуфт: Мо чандин гоҳ хостем ба такаллуф, ки ин кор раҳо кунем ва накардем, то он гоҳ ки ин ҳадис ҳамла овард ва моро аз мо бистад; ва агарчи ман даст аз кор медоштам, то кор даст аз ман надошт, фоида набуд.

Пас рӯй ба риёзат ниҳод ва узлату мурокабат пеш гирифт, чунонки накл аст, ки: дар ҳамсоягии ӯ аҳодис истимоъ мекарданд, гуфтанд: Охир чаро наой, то самоъи аҳодис кунӣ? Гуфт: Ман сӣ сол аст, то мехоҳам, ки доди як ҳадис бидиҳам, наметавонам дод; самоъи дигар ҳадис чун кунам? Гуфтанд: Он ҳадис кадом аст? Гуфт: Он, ки мефармояд расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Мин ҳусни исломи-л-маръи таркуҳу мо ло йаъниҳи» - Аз некуии ислом мард он аст, ки тарк кунад чизе, ки ба кораш наояд.

Накл аст, ки бо ёрон ба саҳро рафта буд ва сухан гуфт. Вақти эшон хуш гузашт. Оҳуе аз кӯҳ биёмад ва сар бар канори Абӯҳафс ниҳод. Абӯҳафс тапонча бар рӯи худ мезад ва фарёд мекард. Оҳу бирафт. Шайх ба ҳоли худ бозомад. Асҳоб суол карданд, ки: Ин чӣ буд? Гуфт, ки: Чун вақти мо хуш шуд, дар хотирам омад, ки: кошки гӯсфанде будӣ, то бирён кардамоне ва ёрон имшаб пароканда нашудандӣ. Чун дар хотирам бигузашт, оҳуе биёмад. Муридон гуфтанд: Ё

шайх! Касеро бо Ҳақ чунин ҳоле бувад, фарёд кардан ва тапонча задан чӣ маъно дорад? Шайх гуфт: Намедонед, ки мурод дар канор ниҳодан аз дар берун кардан аст. Агар Худои таоло ба Фиръавн некӣ хостӣ, бар муроди ӯ Нилро равон накардӣ.

Нақл аст, ки ҳар вақт ки дар хашм шудӣ, сухан дар хулқи неку гуфтӣ, то хашми ӯ сокин шуди; он гоҳ ба сухане дигар шудӣ.

Нақл аст, ки як рӯз мегузашт: якеро дид мутаҳаййир ва гирён. Гуфт: Туро чӣ будааст? Гуфт: Харе доштам, гум шудааст ва ҷуз он ҳеч надоштам. Шайх таваққуф кард ва гуфт: Ба иззати ту, ки гом барнадорам, то хар бад-ӯ нарасад! Дарҳол падид омад.

Абӯусмони Ҳирӣ гӯяд, ки: Рӯзе дар пеши Абӯҳафс мерафтам. Мевизе чанд дидам пеши ӯ ниҳода. Яке бардоштам ва дар даҳон ниҳодам. Ҳалқи маро бигирифт ва гуфт: Эй хоин! Мевизи ман бихӯрдӣ аз чӣ вачҳ? Гуфтам: Ман аз дили ту донам ва бар ту эътимод дорам. Ва низ донистам, ки ҳар чӣ дорӣ, исор кунӣ. Гуфт: Эй ҷоҳил! Ман бар дили хеш эътимод надорам. Ту бар дили ман чун эътимод дорӣ? Ба покии Ҳақ, ки умре аст, то бар ҳароси ӯ мезиям ва намедонам, ки аз ман чӣ хоҳад. Касе даруни хеш надонад, дигаре даруни ӯ чӣ донад?

Ва ҳам Абӯусмон гӯяд, ки: бо Абӯҳафс ба хонаи Абӯбакри Ҳанифа будам ва ҷамъе асҳоб он ҷо буданд. Аз дарвеше ёд мекарданд. Гуфтам: Коҷкӣ ҳозир буди! Шайх гуфт: Агар коғазе будӣ ва руқъае навиштаме, то биёмадӣ. Гуфтанд: Ин ҷо коғаз хаст. Гуфт: Худованди хона ба бозор рафтааст, агар мурда бошад ва коғаз ворисро шуда бошад, нашояд бар ин коғаз чизе навиштан.

Бӯусмон гуфт: Бӯҳафсро гуфтам, ки: Маро чунон равшан шудааст, ки маҷлиси илм гӯям. Гуфт: Туро чӣ бад-ин овардааст? Гуфтам: Шафқат бар халқ. Гуфт: Шафқати ту бар халқ то чӣ ҳадд аст? Гуфтам: То бад-он ҳадд, ки агар Ҳақ таоло маро ба ивази ҳамаи осиён дар дӯзах кунад ва азоб кунад, раво дорам. Гуфт: Агар чунин аст, «бисми-л-Лоҳ». Аммо чун маҷлис гӯй, аввал дили худро панд деҳ ва тани худро; ва дигар, ки ҷамъ омадани мардум туро ғарра

накунад, ки эшон зоҳири туро мурокабат кунанд ва Ҳак таоло ботини туро. Пас ман бар тахт баромадам, Бӯҳафс пинҳон дар гӯшае биншаст. Чун мачлис ба охир омад, соиле бархост ва пироҳане хост. Дарҳол пироҳани худ берун кардам ва ба вай додам. Абӯҳафс гуфт: «Ё каззобу, инзил мина-л-минбари» - Фуруд ой, эй дурӯғзан аз минбар! Гуфтам: Чӣ дурӯғ гуфтам? Гуфт: Даъво кардӣ, ки шафқати ман бар халқ беш аз он аст, ки бар худ ва ба садака додан сабқат кардӣ, то фазли собиқон туро бошад. Худро беҳтар хостӣ. Агар даъвои ту рост будӣ, замоне диранг кардӣ, то фазли собиқон дигареро бошад, пас ту каззобӣ ва минбар на ҷои каззобон аст.

Нақл аст, ки як рӯз дар бозор мерафт. Чуҳуде пеш омад. Ӯ дарҳол бияфтод ва беҳуш шуд. Чун ба ҳуш омад, аз ӯ суол карданд. Гуфт: Мардеро дидам либоси адл пӯшида; ва худро дидам либоси фазл пӯшида. Тарсидам, ки набояд, ки либоси фазл аз сари ман баркашанд ва дар он чуҳуд пӯшанд ва либоси адл аз вай баркашанд ва дар ман пӯшанд.

Ва гуфт: Сӣ сол чунон будам, ки Ҳакро хашмгин медидам, ки дар ман нигарист; субҳоналлоҳ! Он чӣ сӯзу бим буда бошад ӯро дар он ҳол!

Нақл аст, ки Абӯҳафсро азми ҳаҷ афтод ва ӯ омӣ буд ва тозӣ намедонист. Чун ба Багдод расид, муридон бо хам гуфтанд, ки: Шайне азим бошад, ки шайхушшуюхи Хуросонро тарҷумоне бояд, то забони эшонро бидонад. Пас Ҷунайд муридонро ба истиқбол фиристод. Ва шайх бидонист, ки асҳобуно чӣ меандешанд. Дарҳол тозӣ гуфтан оғоз кард, чунонки ахли Багдод дар фасоҳати ӯ ачаб монданд.

Ва ҷамоате аз акобир пеши ӯ ҷамъ омаданд ва аз футувват суол карданд. Бӯҳафс гуфт: Иборат шуморост, шумо гӯед. Ҷунайд гуфт: Футувват наздики ман он аст, ки футувват аз худ набинӣ ва он чӣ карда бошӣ, онро ба худ нисбат надиҳӣ, ки: Ин ман кардаам. Бӯҳафс гуфт: Некӯст, он чӣ гуфтӣ. Аммо футувват наздики ман инсоф додан ва инсоф ноталабидан аст. Ҷунайд гуфт: Дар амал ored асҳобуно. Бӯҳафс гуфт: Ин ба сухан рост наёяд. Ҷунайд чун ин бишнид, гуфт: Бархезед, эй асҳобуно! Ки зиёдат оварда Бӯҳафс бар Одам ва зуррияти ӯ дар ҷавонмардӣ, яъне хатте гирди авлоди

Одам бикашед дар ҷавонмардӣ, агар ҷавонмардӣ ин аст, ки ӯ мегӯяд.

Ва Бӯҳафс асҳоби хешро азим ба ҳайбату адаб дошт ва ҳеч муридонро заҳра набудӣ, ки дар пеши ӯ биншастӣ; ва чашм бар рӯи ӯ наёристӣ андохт. Ва пеши ӯ ҳама бар пой будандӣ ва бе амри ӯ нанишастандӣ. Бӯҳафс султонвор нишаста будӣ. Ҷунайд гуфт: Асҳобро адаби салотин омӯхтай. Бӯҳафс гуфт: Ту унвони нома беш намебинӣ, аммо аз унвон далел тавон сохт, ки дар нома чист. Пас Абӯҳафс гуфт: Деге зирабо ва ҳалво фармоӣ, то бисозанд. Ҷунайд ишорат кард ба муриде, то бисозад. Чун биёвард, Абӯҳафс гуфт: Бар сари ҳаммоле ниҳед, то мебарад, чандон ки хаста гардад. Он ҷо бар дари ҳар хонае, ки расида бошанд, овоз диҳад. Ва ҳар кӣ берун ояд, ба вай диҳад. Ҳаммол чунон кард ва мерафт, то хаста шуд ва тоқат намонд. Бинҳод бар дари хона, овоз дод. Пире худованди хона буд. Гуфт: Агар зирабо ва ҳалво овардай, то дар бигушоям. Гуфт: Оре. Дар бигушод ва гуфт: Дарор! Ҳаммол гуфт: Аҷаб доштам. Аз пир пурсидам, ки: Ин чӣ ҳол аст? Ва ту чӣ донистӣ, ки мо зирабо ва ҳалво овардаем? Гуфт: Дӯш дар муноҷот ин бар хотирам бигзашт, ки: Муддате аст, ки фарзандони ман аз ман ин металабанд; донам, ки бар замин наяфтода бошад.

Нақл аст, ки муриде буд дар хидмати Бӯҳафс сахт боадаб. Ҷунайд чанд бор дар вай нигарист аз он ки ӯ хуш омадаш. Суол кард, ки: Чанд сол аст, то дар хидмати шумост? Абӯҳафс гуфт: Даҳ сол аст. Гуфт: Адабе тамом дорад ва фарре аҷаб ва шоиста ҷавоне аст. Абӯҳафс гуфт: Оре, ҳафдаҳ ҳазор динор дар рохи мо бохтааст ва ҳафдаҳ ҳазор дигар вом карда ва дарбохта; ҳанӯз заҳраи он надорад, ки аз мо сухане пурсад.

Пас Абӯҳафс рӯй ба бодия ниҳод. Гуфт: Абӯтуробро дидам дар бодия ва ман шонздаҳ рӯз ҳеч нахӯрда будам. Бар канори ҳавзе рафтам, то об хӯрам. Ба фикре фурӯ рафтам. Абӯтуроб гуфт: Туро чӣ нишондааст ин ҷо? Гуфтам: Миёни илму яқин интизор мекунам, то ғалаба кадомро бувад, то ёри он дигар бошам, ки ғолиб бошад. Яъне агар ғалаба илмро бувад, об хӯрам; ва агар яқинро бувад, биравам. Бӯтуроб гуфт: Кори ту бузург шавад.

Пас, чун ба Макка расид, ҷамоате масокинро дид

музтарру фурӯмонда, хост, ки дар ҳаққи эшон инъоме кунад. Гарм гашт, ҳолате бар вай зоҳир шуд, даст фурӯ карду санге бардошт ва гуфт: Ба иззати ту, ки агар чизе ба ман надиҳӣ, ҷумлаи қанодили масҷид бишканам! Ин бигуфту дар тавоф омад. Дарҳол яке биёмад ва суррае зар биовард ва бад-ӯ дод, то бар дарвешон харҷ кард.

Чун ҳаҷ бигзорид ва ба Бағдод омад, асҳоби Ҷунайд истиқбол карданд. Ҷунайд гуфт: Эй шайх! Роҳоварди мо чӣ овардай? Бӯҳафс гуфт: Магар яке аз асҳоби мо чунонки мебоист зиндагонӣ наметавонист кард. Инам футӯҳ буд, ки гуфтам: Агар аз бародаре тарки адабе бинед, онро узре аз худ барангезед ва бе ӯ он узрро аз худ бихоҳед. Агар бад-он узр ғубор барнахезад ва ҳақ ба дасти ту бувад, узри беҳтар барангез ва бе ӯ узре дигар аз худ бихоҳ. Агар бад-ин ҳама ғубор барнахезад, узре дигар ангез, то чиҳил бор. Агар баъд аз он ғубор бархезад ва ҳақ ба ҷониби ту бошад ва он чиҳил узр дар муқобалаи он чурм наяфтад; биншин ва бо худ бигӯй, ки: Зиҳӣ гови нафс! Зиҳӣ гарону торик! Зиҳӣ худраъйи беадаб! Зиҳӣ ночавонмарди ҷофӣ, ки туй! Бародаре барои чурме чиҳил узр аз ту хост ва ту яке қабул накардӣ ва ҳамчунон бар сари кори худӣ. Ман даст аз ту шустам. Ту донӣ, чунонки хоҳӣ, мекун! Ҷунайд чун ин бишнид, тааҷҷуб кард; яъне ин қувват, киро тавонад буд?

Нақл аст, ки Шиблӣ чаҳор моҳ Бӯҳафсро меҳмонӣ кард ва ҳар рӯз чанд лавн таом ва чанд гуна ҳалво овардӣ. Охир чун ба видои ӯ рафт, гуфт: Ё Шиблӣ! Агар вақте ба Нишобур ой, мизбонӣ ва ҷавонмардӣ ба ту омӯзам. Гуфт: Ё Абоҳафс, чӣ кардам? Гуфт: Такаллуф кардӣ ва мутакаллиф ҷавонмард набувад. Меҳмонро чунон бояд дошт, ки худро; ба омадани меҳмоне гаронӣ наёядат ва ба рафтан шодӣ набувадат. Ва чун такаллуф кунӣ, омадани ӯ бар ту гарон бувад ва рафтан осон. Ва ҳар киро бо меҳмон ҳол ин бувад, ночавонмардӣ бувад. Пас чун Шиблӣ ба Нишобур омад, пеши Абӯҳафс фурӯ омад ва чиҳил тан буданд. Бӯҳафс шабона чиҳилу як чароғ баргирифт. Шиблӣ гуфт: Нагуфта будӣ, ки такаллуф набояд кард? Абӯҳафс гуфт: Бархезу биншон! Шиблӣ бархост ва ҳарчанд ҷаҳд кард, як чароғ беш натавонист нишонад. Пас гуфт: Ё шайх, ин чӣ ҳол аст? Гуфт: Шумо чиҳил тан

будет, фиристодаи Ҳақ, ки мехмон фиристодаи Ҳақ бувад, лочарам ба номи ҳар яке чароғе гирифтам барои Худой ва яке барои худ. Он чиҳил, ки барои Худой буд, натавонисти нишонд, аммо он яке, ки аз барои ман буд, нишондй. Ту ҳар чй дар Бағдод кардй, барои ман кардй; ва ман ин чй кардам, барои Худой. Лочарам он такаллуф бошад ва ин на.

Бӯалии Сақафй гӯяд, ки: Бӯҳафс гуфт: Ҳар кй афъолу аҳволи худ ба ҳар вақте насанҷад ба мизони китобу суннат ва хотири худро муттаҳам надорад, ӯро аз ҷумлаи мардон машумар!

Пурсиданд, ки: Валиро хомӯшй беҳ ё сухан? Гуфт: Агар сухангӯй офати сухан донад, ҳарчанд тавонад хомӯш бошад, агарчи ба умри Нӯҳ бувад; ва хомӯш агар роҳати хомӯшй бидонад, аз Худой дархохад, то дучанди умри Нӯҳ диҳадаш, то сухан нагӯяд.

Гуфтанд: Чаро дунёро душман дорй? Гуфт: Аз он ки сарое аст, ки ҳар соат бандаро дар гунохе дигар меандозад.

Гуфтанд: Агар дунё бад аст, тавба нек аст; ва тавба ҳам дар дунё ҳосил шавад. Гуфт: Чунин аст, аммо ба гунохе, ки дар дунё карда меояд, яқинам ва дар яқин тавба ба шакку бар хатареам.

Гуфтанд: Убудият чист? Гуфт: Он кй тарки ҳар чй турост, бигӯй; ва мулозим бошй чизеро, ки туро бад-он фармудаанд.

Гуфтанд: Дарвешй чист? Гуфт: Ба ҳазрати Худой шикастагй арза кардан.

Гуфтанд: Нишони дӯстон чист? Гуфт: Он, ки рӯзе, ки бимирад, дӯстон шод шаванд; яъне чунон мучаррад аз дунё берун равад, ки аз вай чизе намонад, ки он хилофи даъвои ӯ бувад дар таҷрид.

Гуфтанд: Валй кист? Гуфт: Он, ки ӯро қуввати каромот дода бошанд ва ӯро аз он ғоиб гардонида.

Гуфтанд: Оқил кист? Гуфт: Он, ки аз нафси хеш ихлос талабад.

Гуфтанд: Бухл чист? Гуфт: Он ки исор тарк кунад, дар вақте ки бад-он мӯхтоҷ бувад.

Ва гуфт: Исор он аст, ки муқаддам дорй насиби бародарон бар насиби худ дар корҳои дунёву охират.

Ва гуфт: Карам андохтани дунё аст барои касе, ки бад-он мӯҳтоҷ аст; ва рӯй овардан аст бар Худой ба сабаби эҳтиёҷе, ки турост ба Ҳақ.

Ва гуфт: Некӯтарин василате, ки банда бад-ӯ такарруб кунад ба Худой, давоми фақр аст ба ҳамаи ҳолҳо; ва мулозим гирифтани суннат дар ҳамаи феълҳо; ва талаби қути ҳалол.

Ва гуфт: Ҳар кӣ худро муттаҳам надорад дар ҳамаи вақтҳову ҳамаи ҳолатҳо; ва мухолафати худ накунад, мағрур бувад; ва ҳар кӣ ба айни ризо дар худ нигарист, ҳалок шуд.

Ва гуфт: Хавф чароғи дил бувад ва он чӣ дар дил бувад, аз хайру шарр бад-он чароғ тавон дид.

Ва гуфт: Касеро фақр дуруст наёяд, то додан дӯсттар аз гирифтан надорад.

Ва гуфт: Касеро нарасад, ки даъвои фаросат кунад, валекин аз фаросати дигарон бибояд тарсид.

Ва гуфт: Ҳар кӣ бидиҳаду бистонад, ӯ марде аст; ва ҳар кӣ бидиҳаду настонад, ӯ ниммарде аст; ва ҳар кӣ надиҳаду бистонад, ӯ магасе аст, на касе аст. Дар вай ҳеч хайр нест.

Бӯусмони Ҳирӣ гуфт: Маънии ин сухан аз ӯ пурсиданд. Гуфт: Ҳар кӣ аз Худой бистонад ва бидиҳад ба Худой, ӯ марде аст, зеро ки ӯ дар ин ҳол худро намебинад, дар он чӣ кунад; ва ҳар кӣ бидиҳад ва настонад, ӯ ниммарде аст, зеро ки худро мебинад, дар он чӣ кунад, ки носитадан фазле аст; ва ҳар кӣ надиҳаду бистонад, ӯ ҳеч касе аст, зеро ки гумони ӯ чунон аст, ки диҳандаву ситонанда ӯст, на Худой.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар хама хол фазли Худой мебинад бар хештан, уммед медорам, ки аз ҳоликон набошад.

Ва гуфт: Мабодо ки ибодати Худой туро пуште бувад, то маъбуд маъбуд бувад.

Ва гуфт: Фозилтарин чизе аҳли аъмолро мурокабати хеш аст бо Худой.

Ва гуфт: Чӣ некӯ аст истиғно ба Худой ва чӣ зишт аст истиғно ба аном.

Ва гуфт: Ҳар кӣ чуръае аз шароби завқ чашид, беҳуш шуд ба сифате ки ба хуш натвонад омад, магар дар вақти лиқо ва мушохада.

Ва гуфт: Ҳол муфоракат накунад аз олам ва на муфоракат кунад бо қабул.

Ва гуфт: Халқ хабар медиҳанд аз вусул ва аз қурб ва аз мақомоти олӣ; ва маро ҳама орзуи он аст, ки далолат кунанд маро ба роҳе, ки он ба Ҳақ бувад - ва агар ҳама як лаҳза бувад.

Ва гуфт: Ибодат дар зоҳир сурур аст ва дар ҳақиқат ғурур, аз он ки мақдур сабқат гирифтааст; ва асл он аст, ки кас ба феъли худ шод нашавад магар мағруре.

Ва гуфт: Маосӣ бариди куфр аст, чунонки захр бариди марг аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ донад, ки ӯро бархоҳанд ангехт ва ҳисобаш хоҳанд кард ва аз маосӣ иҷтиноб нанамояд ва аз мухолафот рӯй нагардонад, яқин аст, ки аз сирри худ хабар медиҳад, ки: Ман имон надорам ба баъс ва хисоб.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дӯст дорад, ки дили ӯ мутавозеъ шавад, гӯ дар сӯҳбати солеҳон бош; ва хидмати эшонро мулозим.

Ва гуфт: Рӯшании танҳо ба хидмати ӯст ва рӯшании ҷонҳо ба истиқомат.

Ва гуфт: Такво дар ҳалоли маҳз асту бас.

Ва гуфт: Тасаввуф ҳама адаб аст.

Ва гуфт: Банда дар тавба ба ҳеч кор нест, зеро ки тавба он аст, ки бад-ӯ ояд, на он ки аз ӯ ояд.

Ва гуфт: Ҳар амал, ки шоиста бувад, онро баранд ва бар ту фаромӯш кунанд.

Ва гуфт: Нобино он аст, ки Худойро ба ашё бинад ва набинад ашёро ба Худой; ва бино он аст, ки аз Худой бувад назари ӯ ба мукавванот.

Нақл аст, ки яке аз ӯ васият хост. Гуфт: Ё ахӣ! Лозими як дар бош, то ҳамаи дарҳо бар ту гушоянд; ва лозими як саййид бош, то ҳамаи содот туро гардан ниҳанд.

Маҳмиш гуфт: Бисту ду сол бо Абӯҳафс сӯҳбат доштам, надидам, ки ҳаргиз бо ғафлат ва инбисот Худойро ёд кард; ки чун Худойро ёд кардӣ, бар сабили ҳузур ва таъзиму ҳурмат ёд кардӣ ва дар он ҳол мутағаййир шудӣ, чунонки ҳозирон онро бидидандӣ.

Ва сухани ӯст, ки гуфт дар вақти назъ, ки: Шикастадил бояд буд ба ҳама ҳол дар тақсирҳои хеш.

Аз ӯ пурсиданд, ки: Бар чӣ рӯй ба Худой овардаӣ? Гуфт: Фақир, ки рӯй ба ғанӣ орад, ба чӣ орад илло ба фақру

фурўмондагй?

Ва васияти Абдуллоҳи Суламй он буд, ки: Чун вафот кунам, сари ман бар пои Абўҳафс ниҳед! Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

39. ЗИКРИ ҲАМДУНИ ҚАССОР, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он ягонаи қиёмат, он нишонаи маломат, он пири арбоби завқ, он шайхи асҳоби шавқ, он мавзуни аброр, Ҳамдуни Қассор, раҳмату-л -Лоҳи алайҳ.

Аз кибори машоих буд ва мавсуф буд ба вараъу такво ва дар фиқҳу илми ҳадис дараҷаи олӣ дошт; ва дар уюби нафс дидан соҳиби назаре аҷаб буд ва муҷоҳадаву муомалае бағоят дошт; ва каломе дар дилҳо муассир ва олӣ.

Ва мазҳаби Саврӣ дошт ва муриди Бӯтуроб буд ва пири Абдуллоҳи Муборак буд ва ба маломати халқ мубтало буд ва мазҳаби маломатиён дар Нишобур аз ӯ мунташир шуд. Ва дар тариқат муҷтаҳид ва соҳибмазҳаб аст; ва ҷамъе аз ин тоифа бад-ӯ тавалло кунанд ва эшонро қассориён гӯянд.

Ва дар такво чунон буд, ки шабе бар болини дӯсте буд дар ҳолати назъ. Чун он дӯст вафот кард, чароғ биншонду гуфт: Ин соат ин чароғ ворисрост, моро раво набошад сӯхтани он.

Ва гуфт: Рӯзе дар ҷӯйбори Ҳираи Нишобур мерафтам. Айёре буд ба футувват маъруф, Нӯҳ ном. Пеш омад. Гуфтам: Ё Нӯҳ! Ҷавонмардӣ чист? Гуфт: Ҷавонмардии ман, ё ҷавонмардии ту? Гуфтам: Ҳар ду. Гуфт: Ҷавонмардии ман он аст, ки қабо берун кунам ва мураққаъ дарпӯшам ва муомалати мураққаъ пеш гирам, то сӯфӣ шавам ва аз шарми халқ дар он ҷома аз маъсият пархез кунам. Ва ҷавонмардии ту он аст, ки мураққаъ берун кунӣ, то ту ба халқ ва халқ ба ту фирефта нагарданд. Пас ҷавонмардии ман ҳифзи шариат бувад бар изҳор ва они ту ҳифзи ҳақиқат бар асрор. Ва ин асле азим аст.

Нақл аст, ки чун кори ӯ олӣ шуд ва калимоти ӯ мунташир шуд, аиммаву акобири Нишобур биёмаданд ва вайро гуфтанд, ки: Туро сухан бояд гуфт, ки сухани ту

фоидаи дилхо бувад. Гуфт: Маро сухан гуфтан раво нест. Гуфтанд: Чаро? Гуфт: Аз он ки дили ман ҳанӯз дар дунёву чоҳ бастааст, сухани ман фоидае надиҳад ва дар дилҳо асар накунад ва сухане, ки дар дилҳо муассир набувад, гуфтани он бар илм истеҳзо кардан бувад ва бар шариат истихфоф кардан бувад. Ва сухан гуфтан он касро мусаллам бувад, ки ба хомӯшии ӯ дин ботил шавад ва чун бигӯяд, халал бархезад.

Ва гуфт: Нашояд ҳеч касро, ки дар илм сухан гӯяд, чун ҳамон сухан касе дигар гӯяд ва ниёбат медорад. Ва раво набувад, ки сухан гӯяд, то набинад, ки фарзе вочиб аст бар вай сухан гуфтан, то ӯро салоҳияти он бувад. Гуфтанд: Нишони салоҳияти он чист? Гуфт: Он кӣ ҳар сухан, ки гуфта бошад, ҳаргизаш ҳоҷат набошад бори дигар гуфтан; ва дар вай тадбири он набувад, ки баъд аз ин чӣ хоҳам гуфт? Ва сухани ӯ аз ғайб бувад, чандон ки аз ғайб бар ӯ меояд, мегӯяд ва худро дар миёна набинад.

Пурсиданд, ки: Чаро сухани салаф нофеътар аст дилҳоро? Гуфт: Ба чиҳати он ки эшон сухан аз барои иззи ислом мегуфтанд ва аз чиҳати начоти нафс ва аз баҳри ризои Ҳақ. Мо аз баҳри иззи нафс ва талаби дунё ва қабули халқ мегӯем.

Ва гуфт: Бояд, ки илми Ҳақ таоло ба ту некӯтар аз он бошад, ки илми халқ, яъне бо Ҳақ дар хало муомалат бехтар аз он кунӣ, ки дар мало.

Ва гуфт: Ҳар кӣ муҳаққақ бувад дар ҳоли худ, хабар натвонад дод.

Ва гуфт: Фош магардон бар ҳеч кас он чӣ вочиб аст, ки аз ту низ пинҳон бувад.

Ва гуфт: Ҳар чӣ хоҳӣ, ки пӯшида бувад, бар кас ошкоро макун.

Ва гуфт: Дар ҳар кӣ хислате бинӣ аз хайр, аз ӯ чудой маҷӯй, ки зуд бувад, ки аз баракоти ӯ хайре ба ту расад.

Ва гуфт: Ман шуморо ба ду чиз васият мекунам: сӯҳбати уламо ва эҳтимол кардан аз чуҳҳол.

Ва гуфт: Сӯҳбат бо сӯфиён кунед, ки зиштиҳоро ба наздики эшон узрҳо бувад ва некиро бас хатаре набошад, то туро бад-он бузург доранд, то ту бад-он дар ғалат афтӣ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар сиратҳои салаф назар кунад, таксири худ бидонад ва бозпас мондани хеш аз дарачаи мардон бинад.

Ва гуфт: Басанда аст он чӣ ба ту мерасонад ба осонӣ, бе ранҷе; аммо ранҷ, ки ҳаст, дар талаби зиёдат аст.

Ва гуфт: Шукри неъмат он аст, ки худро туфайли бинӣ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ тавонад, ки кӯр набувад аз дидани нуқсони нафс, гӯ: кӯр мабош!

Ва гуфт: Ҳар кӣ пиндорад, ки нафси ӯ бехтар аст аз нафси Фиръавн, кибр ошкоро кардааст.

Ва гуфт: Ҳар гоҳ ки мастеро бинӣ, ки мехусбад, нигар, то вайро маломат накунӣ, ки набояд, ки ба ҳамон бало мубтало гардӣ.

Ва гуфт: Маломат тарки саломат аст.

Ва пурсиданд аз маломат. Гуфт: Роҳи ин бар халқ душвор аст ва муғлақ, аммо тарфе бигӯям: Рачои мурчиён ва хавфи қадариён сифати маломат бувад. Яъне дар рачо чандон бирафта бошад, ки мурчиён, то бад-он сабаб ҳама касе маломаташ мекунанд; ва дар хавф чандон сулук карда бошад, ки қадариён, то аз он чиҳат ҳамаи халқ маломаташ мекунанд; то ӯ дар ҳама ҳол нишонаи тири маломат бувад.

Ва гуфт: Ман некхӯйро надонам, магар дар саховат ва бадхӯйро нашиносам, илло дар бухл.

Ва гуфт: Ҳар кӣ худро малакӣ донад, бахил бувад.

Ва гуфт: Ҳоли фақир дар тавозӯъ бувад, чун ба фақри хеш такаббур кунад, бар чумлаи ағниё дар такаббур зиёдат ояд.

Ва гуфт: Тавозӯъ он бошад, ки касро ба худ мӯхточ набинӣ, на дар ин чаҳону на дар он чаҳон.

Ва гуфт: Мансуби Ҳақ фақирро чандон бувад, ки ӯ мутавозеъ бувад, ҳар гоҳ ки тавозӯъ тарк кард, чумлаи хайрот тарк кард.

Ва гуфт: Мероси зиракӣ учб аст ва аз он аст, ки машоих ва бузургон бештар зираконро аз ин тариқ дур доштаанд.

Ва гуфт: Асли ҳамаи дардҳо бисёр хӯрдан аст ва офати дин бисёр хӯрдан.

Ва гуфт: Ҳар киро машғул гардонанд ба талаби дунё аз охират, залилу хор гашт дар дунё, ё дар охират.

Ва гуфт: Хор дор дунёро, то бузург намой дар чашми ахли дунё ва дунёдор.

Ва Абдуллоҳи Муборак гуфт: Ҳамдун маро васият кард,

ки: То тавонӣ аз баҳри дунё хашм магир! Пурсиданд, ки: Банда кист? Гуфт: Он ки напарастад ва дӯст надорад, ки ӯро парастанд.

Гуфтанд: Зӯҳд чист? Гуфт: Наздики ман зӯҳд он аст, ки бад-он чӣ дар дасти ту аст, сокиндилтар бошӣ, аз он чӣ дар замони Худованд аст.

Пурсиданд аз таваккул. Гуфт: Таваккул он аст, ки агар дах ҳазор дирам туро вом бувад, чашм бар ҳеч надорӣ, навмед набошӣ аз Ҳақ таоло ба гузоридани он.

Ва гуфт: Таваккул даст ба Худой задан аст.

Ва гуфт: Агар тавонӣ, ки кори худ ба Худой бозгузорӣ, бехтар аз он ки ба ҳилаву тадбир машғул шавӣ.

Ва гуфт: Ҷазаъ накунад дар мусибат магар касе, ки Худойро муттаҳам дошта бувад.

Ва гуфт: Иблис ва ёрони ӯ ба ҳеч чиз чунон шод нашаванд, ки ба се чиз: яке он, ки мӯъмине мӯъминеро бикушад; ва дуввум он, ки бар куфр бимирад; саввум аз диле, ки дар вай бими дарвешӣ бувад.

Абдуллохи Манозил гуфт: Ҳамдун бемор шуд. Ӯро гуфтанд: Фарзандонро васияте кун! Гуфт: Ман бар эшон аз тавонгарӣ беш метарсам, ки аз дарвешӣ.

Ва Абдуллохро гуфт дар ҳоли назъ, ки: Маро дар миёни занон магузор! Рахмату-л-Лохи алайх.

40. ЗИКРИ МАНСУРИ АММОР, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он собиқи роҳи маъно, он ноқиди нақди тақво, он нигини хотами ҳидоят, он амини олами вилоят, он машҳури асрор, Мансури Аммор, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз ҳукамои машоих буд ва аз содоти ин тоифа буд ва дар мавъиза калимоте олӣ дошт, чунонки дар ваъз касе некӯтар аз ӯ сухан нагуфт ва баёне шофӣ дошт ва дар анвои улум комил буд ва дар муомалату маърифат тамом. Ва баъзе мутасаввифа дар кори ӯ муболағат кунанд.

Ва ӯ аз асҳоби ироқиён буд ва макбули аҳли Хуросон. Ва аз Марв буд ва гӯянд, ки аз Пушанг буд ва дар Басра муқим шуд.

Сабаби тавбаи ӯ он буд, ки дар роҳ коғазе ёфт, «Бисми-л-Лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» бар вай навишта буд. Бардошт ва ҷое наёфт, ки онро бинҳодӣ, бихӯрд. Ба хоб дид, ки: Ба ҳурмате, ки доштӣ он руқъаро, дари ҳикмат бар ту гушода кардем. Пас муддате риёзат кашид ва маҷлис оғоз кард.

Накл аст, ки ҷавоне ба маҷлиси фасод машғул буд. Чаҳор дирам ба ғуломе дод, ки нукли маҷлис харад. Ғулом дар роҳ ба маҷлиси Мансури Аммор баргузашт. Гуфт: Соате таваққуф кунам, то чӣ мегӯяд? Мансур аз барои дарвеше чизе мехост. Гуфт: Кист, ки чаҳор дирам бидиҳад, то чаҳор дуо кунам ӯро? Ғулом гуфт: Ҳеч бехтар аз ин нест, ки ин чаҳор дирам бад-ӯ диҳам, то он дуо маро кунад. Пас он чаҳор дирам бидод. Мансур гуфт: Акнун чӣ дуо мехоҳӣ? Гуфт: Аввал он, ки озод гардам; дуввум он, ки Ҳақ таоло хочаи маро тавба диҳад; саввум он, ки ивази чаҳор дирам боздиҳад; чаҳорум он, ки бар ман ва бар хоҷа ва бар ту ва бар маҷлисиён раҳмат кунад. Мансури Аммор дуо кард. Ғулом боз хона рафт. Хоҷа гуфт: Кучо будӣ? Ва чӣ овардӣ? Гуфт: Ба маҷлиси Мансури Аммор будам ва чаҳор дуо

харидам бад-он чаҳор дирам. Хоча гуфт: Кадом дуост? Ғулом ҳол бозгуфт. Хоча гуфт: Туро озод кардам ва тавба кардам Худойро, ки ҳаргиз хамр нахӯрам ва ба ивази чаҳор дирам чаҳорсад дирам бахшидам; боқӣ, он чаҳорум ба ман тааллуқ надорад. Он чӣ ба дасти ман буд, кардам. Шабона ба хоб дид, ки ҳотифе гуфт: Он чӣ ба дасти ту буд, бо лаимии хеш кардӣ, он чӣ ҳавола ба мост, ба каримии хеш, мо низ кардем. Бар туву ғулом ва бар Мансуру маҷлисиён раҳмат кардем.

Нақл аст, ки рӯзе маҷлис мегуфт. Яке рукъае ба вай дод, ин байт бар он навишта буд. Байт:

Ва ғайру тақиййин йаъмуру-н-носа би-т-туқо
Табибун йудови-н-носа ва ҳува маризун.

Яъне: Касе, ки муттақӣ нест ва халқро такво фармояд, ҳамчун табибе аст, ки илочи дигарон кунад ва ӯ аз ҳама бемортар бувад. Мансур чавоб дод, ки: Эй мард, ту ба кавли ман амал кун, ки қавлу илми ман туро суд дорад ва тақсири ман дар амал, туро зиён надорад.

Ва гуфт: Шабе берун омадам, ба дари хонае расидам. Яке муноҷот мекард, ки: Худоё, ин гунох, ки бар ман рафт, аз он набувад, то фармони туро хилоф кунам, балки аз нафси ман буд, ки роҳи ман бизад; ва Иблис мадад кард, лочарам дар гунох афтодам. Агар ту дастам нагирӣ, кӣ гирад? Ва агар ту дарнагузорӣ, кӣ даргузорад? Чун ин шунидам, оғоз кардам: «Аъузу би-л-Лоҳи мина-ш-шайтони-р-рачим. Вакудуха-н-носу ва-л-хичорату алайҳо малоикатун ғилозун шидодун ло йаъсуна-л-Лоҳа мо амараҳум ва йафъалуна мо йуъмарун». (Сураи Таҳрим, ояти 6). Пас овозе шунудам. Бомдод ба дари он хона мегузаштам. Хурӯше шунидам. Гуфтам: Чӣ ҳол аст? Пиразане он ҷо буд, гуфт: Фарзандам дӯш аз бими Ҳақ таоло бимурдааст, ки дар кӯй ояте барҳонданд, наърае бизад ва ҷон дод. Мансур гуфт: Ман хондам ва ман куштам ӯро.

Нақл аст, ки Ҳорунаррашид ӯро гуфт: Аз ту суоле кунам ва се рӯз мӯҳлат диҳам дар чавоби он. Гуфт: Бигӯй! Гуфт: Олимтарини халқ кист? Ва чоҳилтарини халқ кист? Мансур барҳост ва берун омад. Пас ҳам аз роҳ бозгашт, гуфт: Ё амирулмӯъминин! Ҷавоб бишнав: Олимтарини халқ мутеи

тарснок аст ва чоҳилтарини халқ осии эмин аст. Ва гуфт: Пок аст он Худой, ки дили орифонро маҳалли зикри худ гардонид ва дили зоҳидонро мавзеи таваккул гардонид ва дили мутаваккилонро манбаи ризо ва дили дарвешонро чои қаноат ва дили аҳли дунёро ватани тамаъ гардонид.

Ва гуфт: Мардумон бар ду гунаанд: Яке ниёзмандон ба Худой ва ин дарачаи бузургтарин аст ба ҳукми зоҳири шариат; ва яке он ки диди ифтиқораш набошад, аз он кӣ медонад, ки Ҳақ таоло он чӣ қисмат кард дар азал аз халқу ризқ ва аҷалу ҳаёт ва саодату шақоват чуз он набошад. Пас ин кас дар айни ифтиқор аст ба Ҳақ ва дар айни истиғно аст аз ғайри Ҳақ.

Ва гуфт: Ҳикмат сухан гӯяд дар дили орифон ба забони тасдиқ ва дар дили зоҳидон ба забони тафзил ва дар дили обидон ба забони тавфиқ ва дар дили муридон ба забони тафаккур ва дар дили олимон ба забони тазаккур.

Ва гуфт: Хунак он касе, ки бомдод, ки бархезад, ибодат ҳирфати ӯ бувад ва дарвешӣ орзуи вай бувад ва узлат шаҳвати ӯ бувад ва охират ҳиммати ӯ бувад ва дари марг фикрати ӯ бувад ва тавба кардан азми ӯ бувад ва қабули тавба ва рахмат умеди ӯ бувад.

Ва гуфт: Мардумон бар ду қисманд: ё ба худ орифанд, ё ба Ҳақ. Он кӣ ба худ ориф бувад, шуғлаш муҷоҳада ва риёзат бувад; ва он ки ба Ҳақ ориф бувад, шуғлаш ибодат ва талаби ризо бувад.

Ва гуфт: Дилҳои бандагон чумла рӯҳонисифатанд. Пас чун дунё бад-он дил роҳ ёфт, рӯҳе, ки бад-он дилҳо мерасид, дар ҳиҷоб шавад.

Ва гуфт: Некӯтарин либосе бандаро тавозӯъ ва шикастагӣ аст ва некӯтарин либос орифонро тақво аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ машғули зикри халқ шуд, аз зикри Ҳақ бозмонд.

Ва гуфт: Саломати нафс дар мухолафати ӯст ва балои ту дар мутобаати нафс аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ҷазаъ кунад дар масоиби дунё, зуд бувад, ки дар масоиби дин афтад.

Ва гуфт: Орзуи дунёро тарк ор, то аз ғам роҳат ёбӣ ва забон нигаҳ дор, то аз узр хостан бираҳӣ.

Ва гуфт: Шодии ту ба маъсият, дар он соат, ки тавонӣ ва даст ёбӣ, батар аст аз маъсият кардани ту.

Ва гуфт: Ҳар чо ки расӣ, санге бар оҳан мезан, бошад, ки сӯхтае дар миён бошад. Агар бисӯзад, гӯ: Маъзур дор, ки бар роҳгузари қофила афтода будӣ.

Чун Мансур вафот кард, Абулҳасани Шаронӣ ӯро ба хоб дид, ки гуфт: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Фармуд, ки: Мансури Аммор туӣ? Гуфтам: Бале. Гуфт: Ту будӣ, ки мардумонро ба зӯҳд мефармудӣ ва худ бад-он кор намекардӣ? Гуфтам: Худовандо! Чунин аст, ки мефармоӣ, аммо ҳаргиз мачлис нагуфтам, илло, ки нахуст санои поки ту гуфтам, он гоҳ бар пайғамбари ту салавот фиристодам, он гоҳ халқро насиҳат кардам. Ҳак таоло фармуд, ки: «Саддақта» - Рост гуфтӣ. Пас, фариштагонро фармуд, ки: Ӯро курсӣ ниҳед дар осмон, то дар миёни фариштагон маро сано гӯяд, чунонки дар замин, дар миёни одамиён мегуфт, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

41. ЗИКРИ АҲМАД ИБНИ ОСИМИ АЛ-АНТОКӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он имоми соҳибсадр, он хумоми соҳибқадр, он муборизи ҷидду ҷаҳд, он муҷоҳиди аҳли аҳд, он муқаддаси олами покӣ, Аҳмади ибни Осими ал-Антокӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз қудамои машоих буд ва аз кибори авлиё ва олим буд ба анвои улуми зоҳир ва ботин. Ва муҷоҳадаи тамом дошт ва умри дароз ёфт ва иттибои тобеинро ёфта буд.

Муриди Муҳосабӣ буд ва Бишру Сариро дида буд ва Фузайлро ёфта ва Бӯсулаймони Дорой ӯро «Ҷосусу-л-қулуб» хондӣ аз тезии фаросати ӯ.

Ва ӯро калимоте олӣ аст ва ишороте латифи бадеъ дошт, чунонки яке аз ӯ пурсид, ки: Ту муштоқи Худой? Гуфт: На. Гуфт: Чаро? Гуфт: Ба ҷиҳати он ки шавқ ба ғоиб бувад, аммо чун ғоиб ҳозир бувад, кучо шавқ бувад?

Гуфтанд: Маърифат чист? Гуфт: Мадоричи он се аст: Мадрачаи аввал исботи ваҳдонияти воҳиди қаҳҳор; мадрачаи дуввум бурида кардани дил аз мосиваллоҳ; ва мадрачаи саввум он, ки ҳеч касро ба иборат кардани он роҳ нест, «Ва ман лам йаҷъали-л-Лоҳу лаҳу нуран фамо лаҳу мин нурин» (Сураи Нур, ояти 40).

Гуфтанд: Аломати муҳаббат чист? Гуфт: Он ки ибодати ӯ андак бувад ва тафаккури ӯ доим бувад ва хилвати ӯ бисёр ва хомӯшии ӯ пайваста. Чун бад-ӯ дарнигаранд, ӯ набинад ва чун бихонанд, нашунавад, чун мусибате расад, андӯҳгин нашавад ва чун савобе рӯй бад-ӯ нихад, шод нагардад ва аз ҳеч кас натарсад ва ба ҳеч кас умед надорад.

Гуфтанд: Хавфу рачо чист? Ва аломати ҳар ду кадом аст? Гуфт: Аломати хавф гурез аст; ва аломати рачо талаб аст; ҳар кӣ соҳиби рачост ва талаб надорад, ӯ дурӯғзан аст ва ҳар кӣ соҳиби хавф аст ва гурез надорад, каззоб аст.

Ва гуфт: Рочитарин мардумон ба начот касеро дидам, ки тарсноктар бувад бар нафси хеш, ки: набояд, ки начот наёбад ва тарсноктари халқ ба ҳалок касеро ёфтам, ки эминтар бувад бар нафси худ. Он надидӣ, ки Юнус, алайҳи-с-салом, чун чунон гумон бурд, ки Ҳақ таоло итоб накунад, чӣ гуна укубат рӯй бад-ӯ ниҳод?

Ва гуфт: Камтарин яқин он аст, ки чун ба дил расад, дилро пурнур кунад ва пок кунад аз вай ҳар чо, ки шаке аст; то аз дил шукр ва хавфи Худои таоло падид ояд. Ва яқин маърифати азамати Худо бувад ва бар қадр ва азамати Худой тавонад буд. Ва азамати маърифат азамати Худой бувад.

Ва гуфт: Чун бо аҳли сидқ биншинед, ба сидқ нишинед, ки эшон чосусони дилҳоянд, дар дилҳои шумо раванду берун оянд.

Ва гуфт: Нишони рачо он аст, ки чун некӯй бад-ӯ расад, ӯро илҳоми шукр диҳанд бо умеди тамомии неъмат аз Худои таоло бар вай андар дунё ва тамомии авф дар охират.

Ва гуфт: Нишони зӯҳд чаҳор аст: эътимод бар Ҳақ ва безорӣ аз халқ ва ихлос барои Худой ва эҳтимоли зулм аз чиҳати каромати дин.

Ва гуфт: Нишони андакии маърифати банда ба нафси хеш аз андакии ҳаё бувад ва андакии хавф.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба Худой орифтар, аз Худой тарсонтар.

Ва гуфт: Чун салохи дил чӯй, ёрӣ хох бар вай ба нигохдошти забон.

Ва гуфт: Нофеътарин факре он бувад, ки ту бад-он мутаҳаммил бошӣ ва бад-он розӣ.

Ва гуфт: Нофеътарин ақле он бувад, ки туро шиносо гардонад, то неъмати Худой бар худ бинӣ ва ёрӣ диҳад туро бар шукри он ва бархезад ба хилофи ҳаво.

Ва гуфт: Нофеътарин ихлос он бувад, ки дур кунад аз ту риё ва тасаннӯъ ва тазаййин.

Ва гуфт: Бузургтарин тавозӯъ он бувад, ки дур кунад аз ту кибр(ро) ва хашмро дар ту бимиронад.

Ва гуфт: Зиёнкортарин маосӣ он бувад, ки тоат кунӣ бар чахл, ки зарари он бар ту беш аз он бувад, ки маъсияте кунӣ бар чахл.

Ва гуфт: Ҳар кӣ андакеро осон шуморад ва хурд гирад, зуд бувад, ки дар бисёр афтад.

Ва гуфт: Хавос ғаввосӣ мекунанд дар дарёи фикрат ва авом саргашта ва гумроҳ мегарданд дар биёбони ғафлат.

Ва гуфт: Имоми ҷумлаи амалҳо илм аст ва имоми ҷумлаи илмҳо иноят.

Ва гуфт: Якин нуре аст, ки Ҳақ таоло дар дили банда падид орад, то бад-он ҷумлаи умури охират мушоҳада кунад ва ба қуввати он нур ҷумлаи ҳиҷобҳо, ки миёни ӯ ва миёни охират аст, бисӯзад, то бад-он нур мутолааи ҷумлаи корҳои охират мекунад, чунонки гӯӣ ӯро мушоҳада аст.

Ва гуфт: Ихлос он аст, ки чун амал кунӣ, дӯст надорӣ, ки туро бад-он ёд кунанд ва туро бузург доранд ба сабаби амали ту ва талаб накунӣ савоби амали хеш аз ҳеч кас магар аз Худои таоло, ин ихлоси амал бувад.

Ва гуфт: Амал кун! Ва чунон амал кун, ки ҳеч кас нест дар замин ба ҷуз ту ва ҳеч кас нест дар осмон ба ҷуз ӯ.

Ва гуфт: Ин рӯзе чанд, ки мондааст, инро ғанимате бузург шумар ва ин қадр умр, ки дар пеш дорӣ, дар салоҳ гузор, то биёмурзанд он чӣ аз ту бигзаштааст.

Ва гуфт: Давои дил панҷ чиз аст: ҳамнишинии аҳли салоҳ ва хондани Қуръон ва тиҳӣ доштани шикам ва намози шаб ва зорӣ кардан дар вақти саҳар.

Ва гуфт: Адл ду қисм аст: адле аст зоҳир миёни ту ва миёни халқ; ва адле ботин миёни ту ва миёни Ҳақ ва тариқи адл тариқи истиқомат аст ва тариқи фазл тариқи фазилат аст.

Ва гуфт: Мувофиқи аҳли салоҳем дар аъмоли ҷавореҳ ва мухолифи эшонем ба ҳиммathҳо.

Ва гуфт: Худованд мефармояд: «Иннамо амволукум ва авлодукум фитнатун» (Сураи Анфол, ояти 28) ва мо фитна зиёдат мекунем.

Нақл аст, ки шабе сиву анд кас аз асҳоби ӯ ҷамъ шуданд ва суфра бинҳоданд. Нон андак буд. Шайх пора-пора кард ва чароғ баргирифт, чун чароғ бозовардand, ҳама нонпораҳо бар ҷои худ буд, ки ҳеч кас ба қасди исор нахӯрда буд. Муридонро чунин тарбият карда буд, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

42. ЗИКРИ АБДУЛЛОҲИ ХУБАЙҚ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он ғаввоси дарёи дин ва он дарёи дурри яқин, он қутби мукнат ва он рукни суннат; он имоми аҳли ҷазба ва субайқ, Абдуллоҳи Хубайқ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз зуҳҳод ва уббоди мутасаввифа буд ва аз мутавареон ва мутаваккилон буд ва дар ҳалол хӯрдан муболағате тамом дошт ва бо Юсуфи Асбот сӯҳбат дошта буд ва дар асл кӯфӣ буд ва ба Антокия нишастӣ. Ва мазҳаби Суфён ибни Саиди ас-Саврӣ дошт дар фиқҳу муомалат ва ҳақиқат ва асҳоби ӯро дида буд. Ва калимоти рафеъ дорад.

Фатҳи Мавсилӣ гӯяд, ки: Аввал ӯро дидам, маро гуфт: Ё хуросонӣ! Чаҳор беш нест чашму забон ва дилу ҳаво. Ба чашм чое манигар, ки нашояд ва ба забон чизе магӯй, ки Худой дар дили ту ба хилофи он донад ва дил нигаҳ дор аз хиёнат ва кин бар мусалмонон ва ҳаво нигаҳ дор аз шарр ва ҳеч мачӯй ба ҳаво. Агар ин ҳар чаҳор бад-ин сифат набошад, хокистар бар сар бояд кард, ки дар он шақовати ту бувад.

Ва гуфт: Худованди таоло дилҳоро мавзеи зикр офарид, чун бо нафс сӯҳбат доштанд, мавзеи шаҳват шуданд ва бок надоранд. Ва шаҳват аз дил берун наравад, магар аз хавфе бекароркунанда, ё шавқе беоромкунанда.

Ва гуфт: Ҳар кӣ хоҳад, ки дар зиндагонии хеш зиндадил бошад, гӯ дилро бастаи тамаъ мадор, то аз кулл озод шавӣ.

Ва гуфт: Андӯҳ мадор магар аз барои чизе, ки фардо туро аз он мазаррат бувад ва шод мабош, илло ба чизе, ки фардо туро шод кунад.

Ва гуфт: Рамидатарин бандагон аз бандагони Худой он бувад, ки ба дил ваҳшитар бувад ва агар эшонро унсе будӣ бо Худой, хама чизро бо эшон унс будӣ.

Ва гуфт: Нофеътарин хавфҳо он бувад, ки туро аз маъсият боздорад.

Ва гуфт: Нофеътарин умедҳо он бувад, ки кор бар ту осон гардонад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ботил бисёр шунавад, ҳаловати тоат аз дили ӯ биравад.

Ва гуфт: Нофеътарин хавф он бувад, ки андӯхи туро доим кунад, бар он чӣ фавт шудааст туро аз умр дар ғафлат ва фикратро лозими ту гардонад дар бақияти умри ту.

Ва гуфт: Рачо се гуна аст: марде бувад, ки некӣ кунад ва умед дорад, ки қабул кунанд ва яке бувад, (ки) зиштӣ кунад ва тавба кунад ва умед дорад, ки биёмурзанд ва яке рачои козиб бувад, ки пайваста гуноҳ мекунад ва умед медорад, ки Худой ӯро биёмурзад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ бадкирдор бувад, хавфи ӯ бояд, ки бар рачо ғолиб бувад.

Ва гуфт: Ихлос дар амал сахттар аз амал ва амал худ чунон аст, ки очиз меоянд аз гузоридани он, то ба ихлос чӣ расад!

Ва гуфт: Мустағнӣ натавонад бувад ба ҳеч ҳол аз чумлаи аҳвол аз сидқ ва сидқ мустағнӣ аст аз чумлаи аҳвол; ва ҳар кӣ ба сидқ бувад дар он чӣ миёни ӯ ва миёни Худой ба ҳақиқат ҳаст, мутталеъ гардад бар хазоини ғайб ва амин гардад дар осмонҳо ва заминҳо. Ва агар тавонӣ, ки ҳеч кас бар ту сабқат нагирад, дар кори Худованди хеш чунон кун ва то тавонӣ бар Худованди хеш ҳеч магузин, ки ӯ туро аз ҳама чизҳо бех. Вассалом.

43. ЗИКРИ ҶУНАЙДИ БАҒДОДӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он шайхи алалитлоқ, он қутб ба истеҳқоқ, он манбаи асрор, он мартаи анвор, он сабақбурда ба устодӣ, султони тариқат Ҷунайди Бағдодӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Шайхулмашоихи олам буд ва имомулаиммаи ҷаҳон; ва дар фунуни илм комил ва дар усул ва фурӯъ муфтӣ; ва дар муомалоту риёзот ва каромот калимоти латиф ва ишороти олӣ бар ҷумла сабқат дошт; ва аз аввали ҳол то охири рӯзгор писандида буд ва мақбул ва маҳмуди ҳама фирқат буд; ва ҷумла бар имомати ӯ муттафиқ буданд; ва сухани ӯ дар тариқат ҳуҷҷат аст ва ба ҳамаи забонҳо ситуда; ва ҳеч кас бар зоҳир ва ботини ӯ ангушт натавонист ниҳодан ба хилофи суннат ва эътироз натавонист кард, магар касе, (ки) кӯр бувад.

Ва муқтадои аҳли тасаввуф буд. Ва ӯро «саййиду-т-тоифа» гуфтаанд ва «лисону-л-қавм» хондаанд; ва «аъбаду-л-машойих» навиштаанд ва «товусу-л-уламо» ва «султону-л-муҳаққиқин».

Дар шариату ҳақиқат ба аксалғоя буд ва дар зӯҳду ишқ беназир; ва дар тариқат муҷтаҳид. Ва бештар аз машоихи Бағдод дар асри ӯ ва баъд аз вай мазҳаби ӯ доштаанд. Ва тариқи ӯ тариқи суҳв аст ба хилофи тайфуриён, ки асҳоби Боязиданд. Ва маъруфтарин тариқе дар тариқат ва машҳуртарин мазҳаб мазҳаби Ҷунайд аст. Ва дар вақти ӯ марҷаи машоих ӯ буд. Ва ӯро тасониф олӣ аст дар ишорот ва ҳақоиқу маонӣ; ва аввал касе, ки «илми ишорат» мунташир кард, ӯ буд. Ва бо чунин рӯзгор борҳо душманону ҳосидон ба куфр ва зиндиқаш ӯ гувоҳӣ доданд.

Ва сӯҳбати Муҳосабӣ ёфта буд ва хоҳарзодаи Сарӣ буд ва муриди ӯ. Рӯзе аз Сарӣ пурсиданд, ки: Ҳеч муридро дараҷа аз дараҷаи пир баландтар бошад? Гуфт: Бошад ва бурҳони

он зоҳир аст: Ҷунайдро дараҷа болои дараҷаи ман аст.

Ва Ҷунайд ҳама дарду шавқ буд; ва дар шеваи маърифат ва кашфи тавҳид шаъне рафеъ доштаст; ва дар муҷоҳада ва мушоҳада ва фақр ояте буд, то аз ӯ меоранд, ки бо он азамат, ки Саҳли Тустарӣ дошт, Ҷунайд гуфт, ки: Саҳл соҳиби оёт ва сабоки ғоёт буд, валекин дил надоштааст. Яъне малаксифат будааст, маликсифат набудааст, чунонки Одам, алайҳи-с-салом, ҳама дарду ибодат буд, яъне дардгинӣ коре дигар аст ва эшон донанд, ки чӣ мегӯянд; моро ба нақл кор аст ва моро нарасад касеро бар касе аз эшон фазл ниҳодан.

Ва ибтидои ҳоли ӯ он буд, ки аз кӯдакӣ боз дардзада буд ва талабгор; ва боадаб ва фаросат ва фикрат буд; ва тезфаҳме аҷиб буд. Як рӯз аз дабиристон ба хона омад, падарро дид гирён. Гуфт: Чӣ будааст? Гуфт: Имрӯз чизе аз закот пеши холи ту бурдаам - Сарӣ - қабул накард. Мепирям, ки умри худ дар ин панҷ дирам ба сар бурдаам ва ин худ ҳеч дӯстеро аз дӯстони Худой намешояд. Ҷунайд гуфт: Ба ман дех, то бад-ӯ диҳам ва ӯ бистонад. Ба ӯ дод. Ҷунайд равон шуд ва дари хонаи хол бизад ва дар бикӯфт. Гуфтанд: Кист? Гуфт: Ҷунайд. Дар бигушоед ва ин фаризаи закот бистон. Сарӣ гуфт: Намеситонам. Гуфт: Бад-он Худой, ки бо ту ин фазл ва бо падарам он адл кард, ки бистонӣ! Сарӣ гуфт: Эй Ҷунайд! Бо ман чӣ фазл кард ва бо ӯ чӣ адл? Ҷунайд гуфт: Бо ту он фазл кардааст, ки туро дарвешӣ дод; ва бо падарам он адл кардааст, ки ӯро ба дунё машғул гардонид. Ту, агар хоҳӣ, қабул кунӣ ва агар хоҳӣ, рад кунӣ; ӯ агар хоҳад ва агар нахоҳад, закоти мол ба мустаҳақ бояд расонид. Сариро ин сухан хуш омад. Гуфт: Эй писар! Пеш аз он ки ин закот қабул кунам, туро қабул кардам. Дар бигушод ва он закот бистад ва ӯро дар дили худ ҷой дод.

Ва Ҷунайд ҳафтсола буд, ки Сарӣ ӯро ба ҳаҷ бурд. Дар масҷиди Ҳарам масъалаи шукр мерафт дар миён, чаҳорсад пир чахорсад қавл бигуфтанд дар шарҳи баёни шукр, ҳар касе қавле. Сарӣ бо Ҷунайд гуфт: Ту низ чизе гӯй! Гуфт: Шукр он аст, ки неъмате, ки Худой туро дода бошад, бад-он неъмат дар вай осӣ нашавӣ; ва неъмати ӯро сармояи маъсият насози. Чун Ҷунайд ин бигуфт, ҳар чаҳорсад пир гуфтанд: «Аҳсанта йо қуррата айни-с-сиддиқин!» ва ҳама

иттифоқ карданд, ки: Беҳтар аз ин натавон гуфт; то Сарӣ гуфт: Ё ғулом! Зуд бошад, ки ҳаззи ту аз Худой забони ту бувад. Ҷунайд гуфт: Ман бад-ин мегиристам, ки Сарӣ гуфт. Пас Сарӣ гуфт: Ин аз куҷо овардӣ? Гуфтам: Аз муҷоласати ту.

Пас ба Бағдод омад ва обгинафурӯшӣ кардӣ. Ҳар рӯз ба дуккон шудӣ ва пардае фурӯ гузоштӣ ва чаҳорсад ракъат намоз кардӣ. Муддате баромад, дуккон раҳо кард; ва хонае буд дар дахлези хонаи Сарӣ, дар он ҷо нишаст ва ба посбонии дил машғул шуд ва саҷҷода дар айни муроқабат бозкашид, то ҳеч чиз дуни Ҳақ бар хотири ӯ гузар накард. Ва чиҳил сол ҳамчунин биншаст, чунонки сӣ сол намози хуфтан бигзоридӣ ва бар пой биистодӣ ва то субҳ «Аллоҳ» мегуфтӣ ва ҳам бад-он вузӯъ намози субҳ бигзоридӣ.

Гуфт: Чун чиҳил сол баромад, маро гумон афтод, ки ба мақсуд расидам. Дарсоат ҳотифе овоз дод, ки: Ё Ҷунайд! Гоҳи он омад, ки зуннори ғӯшаи ту ба ту намоем. Чун ин бишнидам, гуфтам: Худовандо! Ҷунайдро чӣ гуноҳ? Нидо омад, ки: Гуноҳе беш аз ин мехоҳӣ, ки ту ҳастӣ? Ҷунайд оҳ кард ва сар даркашид ва гуфт: «Ман лам йакун ли-л-висоли ахлан факуллу иҳсониҳи зунубун». Пас Ҷунайд дар он хона биншаст ва ҳама шаб «Аллоҳ, Аллоҳ» мегуфт.

Забон дар кори ӯ дароз карданд ва ҳикояти ӯ бо халифа гуфтанд. Халифа гуфт: Ӯро бе ҳуҷҷате манъ натавон кард. Гуфтанд: Халқ ба сухани ӯ дар фитна меафтанд. Халифа канизаке дошт, ба се ҳазор динор харида ва ба ҷамоли ӯ кас набуд ва халифа ошиқи ӯ буд. Бифармуд, то ӯро ба либоси фохир ва ҷавоҳири нафис биёростанд ва ӯро гуфтанд: Ба фалон ҷой, пеши Ҷунайд рав ва рӯй бигушой ва худрову ҷавоҳир ва ҷома бар вай арза кун. Ва бигӯ, ки: Ман моли бисёр дорам ва дилам аз кори ҷаҳон гирифтааст; омадаам, то маро бихоҳӣ, то дар сӯҳбати ту рӯй дар тоат орам, ки дилам бар ҳеч кас қарор намегирад, илло ба ту. Ва худро бар вай арза кун ва ҳичоб бардору дар ин боб ҷидде балеғ намой! Пас ходим бо вай равон карданд.

Канизак бо ходим пеши шайх омад ва он чӣ тақрир карда буданд, ба азъофи он ба ҷой овард. Ҷунайдро беихтиёр чашм бар вай афтод, хомӯш шуд ва ҳеч ҷавоб надод. Ва

канизак он ҳикоят мукаррар мекард. Ҷунайд сар дар пеш афканд. Пас сар баровард ва гуфт: Оҳ! Ва дар канизак дамид, дарҳол бияфтод ва бимурд, ходим бирафт. Ва бо халифа гуфт, ки: Ҳол чунин буд. Халифаро оташ дар ҷон афтод ва пушаймон шуд. Ва гуфт: Ҳар кӣ бо мардум он кунад, ки набояд кард, он бинад, ки набояд дид. Бархост ва пеши Ҷунайд рафт ва гуфт: Чунин касро пеши худ натвон хонд. Пас Ҷунайдро гуфт: Эй шайх, охир дилат бор дод, ки чунон суратеро бисӯхтӣ? Ҷунайд гуфт: Эй амирулмӯъминин! Туро шафқат бар мӯъминон чунин аст, ки хостӣ, то риёзату бехобӣ ва ҷон кандани чиҳилсолаи маро ба бод дихӣ! Ман худ, дар миёна киям? Макун, то накунанд!

Баъд аз он кори Ҷунайд боло гирифт: Ва овози ӯ ба ҳамаи олам расид ва дар ҳар дараҷа ӯро имтиҳон карданд, ҳазорчандон буд. Ва дар сухан омад. Вақте бо мардумон гуфт, ки: Бо мардумон сухан нагуфтам, то сӣ кас аз абдол ишорат накарданд, ки: Бишояд, ки ту халқро ба Худой хонӣ! Ва гуфт: Дувист пирро хидмат кардам, ки беш аз ҳафт аз эшон иқтидоро нашоист.

Ва гуфт: Мо ин тасаввуф ба қилу қол нагирифтем ва ба ҷангу корзор ба даст наёвардаем. Аммо аз сари гуруснагӣ ва бехобӣ ёфтаем ва даст доштан аз дунё ва буридан аз он чӣ дӯст доштаем ва дар чашми мо ороста буд.

Ва гуфт: Ин роҳро касе бояд, ки китоби Худой бар дасти рост гирифта бошад ва суннати Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи васаллам, бар дасти чап ва дар рӯшноии ин ду шамъ меравад, то на дар муғоки шубҳат афтад ва на дар зулмати бидъат.

Ва гуфт: Шайхи мо дар усулу фурӯъ ва бало кашидан Алии Муртазо, разия-л-Лоҳу анҳу, аст, ки Муртазо ба пардохтани ҳарбҳо, аз ӯ чизҳо ҳикоят карданди, ки ҳеч кас тоқати шунидани он надорад, ки Худованди таоло ӯро чандон илму ҳикмат каромат карда буд.

Ва гуфт: Агар Муртазо ин як сухан ба каромат нагуфтӣ, асҳоби тариқат чӣ карданди? Ва ин сухан он аст, ки аз Муртазо суол карданд, ки: Худойро ба чӣ шинохтӣ? Гуфт: Бад-он ки шиносо гардонид маро ба худ, ки ӯ Худованде аст, ки шибҳи ӯ натвонад буд ҳеч сурате ва ӯро дарнатавон

ёфт ба ҳеч вачҳе ва ӯро киёс натвон кард ба ҳеч халқе; ки ӯ наздике аст дар дурии хеш ва дуре аст дар наздикии хеш; болои ҳамаи чизҳост ва натвон гуфт, ки таҳти ӯ чизе аст; ва ӯ нест чун чизе ва нест аз чизе ва нест дар чизе ва нест ба чизе. Субҳон он Худой, ки ӯ чунин аст ва чунин нест ҳеч чиз ғайри ӯ. Ва агар касе шарҳи ин сухан диҳад, муҷалладе барояд, «фаҳима ман фаҳима».

Ва гуфт: Даҳ ҳазор муриди содиқро бо Ҷунайд дар наҳҷи сидқ кашиданд ва бар маърифат ҳамаро ба дарёи қаҳр фурӯ бурданд, то Абулқосими Ҷунайдро бар сар оварданд ва аз мо хуршеди фалаки иродат сохтанд.

Ва гуфт: Агар ман ҳазор сол бизиям, аз аъмол як зарра кам накунам, магар, ки маро аз он боздоранд.

Ва гуфт: Ба гуноҳи аввалин ва охирин ман маъхузам, ки Абулқосимро аз ӯҳдаи нақир ва қитмири ҳама берун мебояд омад. Ва ин нишони куллият бувад, чун касе худро кулл бинад ва халоиқ ба масобати аъзои худ бинад ва ба мақоми: «ал-Муъминуна канафсин воҳидатин» бирасад, суханаш ин бувад, ки: «Мо узийа набиййун мисла мо узийту».

Ва гуфт: Рӯзгор чунон гузоштам, ки аҳли осмону замин бар ман гиристанд, боз чунон шудам, ки ман бар ғайбати эшон мегиристам; акнун чунон шудам, ки ман на аз эшон хабар дорам ва на аз худ.

Ва гуфт: Сӣ сол бар дари дил нишастам ба посбонӣ ва дилро нигоҳ доштам, то дар сол дили ман маро нигоҳ дошт; акнун бист сол аст, ки ман на аз дил хабар дораму на аз ман дил хабар дорад.

Ва гуфт: Худои таоло сӣ сол ба забони Ҷунайд бо Ҷунайд сухан гуфт ва Ҷунайд дар миён на ва халқро хабар на.

Ва гуфт: Бист сол бар ҳавошии он илм сухан гуфтам, аммо он чӣ ғавомизи он буд, нагуфтам, ки забонҳоро аз гуфтан манъ кардаанд ва дилро аз идрок маҳрум гардонида.

Ва гуфт: Хавф маро мунқабиз мегардонад ва рачо маро мунбасит мекунад; пас ҳар гоҳ ки мунқабиз шавам ба хавф, он чо фанои ман бувад; ва ҳар гоҳ ки мунбасит шавам ба рачо, маро ба ман боздиҳанд.

Ва гуфт: Агар фардо маро Худой гӯяд, ки: Маро бубин!

Набинам, гуям: Чашм дар дӯстии ғайр бувад ва бегона; ва ғайрати ғайрият маро аз дидор бозмедорад, ки дар дунё бе воситаи чашм медидам.

Ва гуфт: То бидонистам, ки «Инна-л-калома лафи-л-фуод», сисола намоз қазо кардам.

Ва гуфт: Бист сол такбири аввал аз ман фавт нашуд, чунонки агар дар намозе маро андешаи дунёвӣ даромадӣ, он намозро қазо кардаме; ва агар биҳишту охират даромадӣ, сачдаи саҳв кардаме.

Як рӯз асҳобро гуфт: Агар донаме, ки намозе беруни фаризаи ду ракъат фозилтар аз нишастан бо шумо будӣ, ҳаргиз бо шумо нанишастаме.

Нақл аст, ки Ҷунайд пайваста рӯза доштӣ. Чун ёрон даромаданди, бо эшон рӯза гушодӣ ва гуфтӣ: Фазли мусоадат бо бародарон кам аз фазли рӯза набувад.

Нақл аст, ки миёни Ҷунайд ва Абубакри Кисоӣ ҳазор масъала муросалат буд, чун Кисоӣ вафот кард, фармуд, ки: Ин масоил ба дасти кас мадиҳед ва бо ман дар хок ниҳед! Ҷунайд гуфт: Ман чунон дӯст медорам, ки он масоил ба дасти халқ наяфтад.

Нақл аст, ки Ҷунайд ҷома ба расми уламо пӯшидӣ. Асҳоб гуфтанд: Эй пири тариқат! Чӣ бошад агар барои хотири асҳоб мураққаъ дарпӯшӣ? Гуфт: Агар бидонаме, ки ба мураққаъ коре баромадӣ, аз оҳану оташ либос созаме ва дарпӯшаме. Валекин ба ҳар соат дар ботини мо нидо мекунанд, ки: «Лайса-л-иътибору би-л-хирқати, иннама-л-иътибору би-л-ҳурқати».

Чун сухани Ҷунайд азим шуд, Сарии Сақатӣ гуфт: Туро ваъз бояд гуфт! Ҷунайд мутараддид шуд ва рағбат намекард ва мегуфт: Бо вуҷуди шайх адаб набошад сухан гуфтан. То шабе Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи васалламро ба хоб дид, ки гуфт: Сухан гӯй! Бомдод бархост, то ба Сарӣ гӯяд. Сариро дид бар дар истода. Гуфт: Дар банди он будӣ, ки дигарон бигӯянд, ки: Сухан гӯй! Акнун бояд гуфт, ки сухани туро сабаби наҷоти оламе гардонидаанд; чун ба гуфтори муридон нагуфтӣ; ва ба шафоати машоихи Бағдод нагуфтӣ; ва ман бигуфтам ва нагуфтӣ, акнун чун пайғамбар, алайҳи-с-салом, фармуд, бибояд гуфт! Ҷунайд иҷобат кард

ва истиғфор кард. Сариро гуфт: Ту чӣ донистӣ, ки ман пайғомбарро ба хоб дидам? Сарӣ гуфт: Ман Худойро ба хоб дидам. Фармуд, ки: Расулро фиристодам, то Ҷунайдро биғӯяд, то бар минбар сухан гӯяд. Ҷунайд гуфт: Бигӯям, ба шарти он ки аз чиҳил тан зиёдат набувад. Рӯзе мачлис гуфт, чиҳил тан ҳозир буданд, ҳаждаҳ тан ҷон бидоданд ва бисту ду бехуш шуданд ва эшонро ба гардан ниҳоданд ва ба хонаҳо бурданд.

Ва рӯзе дар ҷомеъ мачлис мегуфт ва ғуломе тарсо даромад, чунонки кас надонист, ки ӯ тарсо аст ва гуфт: «Аййуҳа-ш-шайху!» Қавли паёмбар аст: «Иттақу фиросата-л-муъмини фаиннаҳу йанзуру бинури-л-Лоҳи». - Бипарҳезед аз фаросати мӯъмин, ки ӯ ба нури Худой менигарад. Ҷунайд гуфт: Қавл он аст, ки мусалмон шавӣ ва зуннор бибурӣ, ки вақти мусалмонӣ аст. Ва дарҳол мусалмон шуд. Халқ ғулув(в) карданд. Чун мачлисе чанд бигуфт, тарк кард ва дар хона мутаворӣ шуд. Ҳарчанд дархост карданд, иҷобат накард, гуфт: Маро хуш меояд. Худро халок натвонам кард.

Баъд аз он ба муддате бар минбар шуд ва сухан оғоз кард, бе он ки гуфтанд. Пас суол карданд, ки: Дар ин чӣ хикмат буд? Гуфт: Дар ҳадис ёфтам, ки расул, салла-л-Лоҳу алайҳи васаллам, фармудааст, ки: Дар охируззамон заими қавм он кас бувад, ки бадтарини эшон бувад ва эшонро ваъз гӯяд. Ва ман худро бадтарини халқ медонам барои сухани паёмбар, салла-л-Лоҳу алайҳи васаллам, мегӯям, то сухани ӯро хилоф накарда бошам.

Ва яке аз ӯ пурсид, ки: Бад-ин дараҷа ба чӣ расидӣ? Гуфт: Бад-он ки чиҳил сол дар он дараҷа ба шаб бар як қадами муҷоҳада истода будам, яъне ба остонаи Сарии Сақатӣ.

Нақл аст, ки гуфт: Як рӯз дилам гум шуда буд. Гуфтам: Илоҳо, дили ман боздех! Нидое шунидам, ки: Ё Ҷунайд! Мо дил бад-он рабудаем, то бо мо бимонӣ, то бозмехоҳӣ, ки бо ғайри мо бимонӣ!

Нақл аст, ки чун Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ дар ғалабаи ҳолат аз Амр ибни Усмони Маккӣ табарро кард, пеши Ҷунайд омад. Ҷунайд гуфт: Ба чӣ омадай? Чунон набояд, ки бо Саҳли Тустарӣ ва Амр ибни Усмони Маккӣ кардӣ! Ҳусайн гуфт: Сухв ва сукр ду сифатанд бандаро ва пайваста

банда аз Худованди худ ба авсофи вай фонӣ нашавад. Ҷунайд гуфт: Эй ибни Мансур! Хато кардӣ, дар суҳв ва сукр аз он хилоф нест, ки суҳв иборат аст аз сиҳҳати ҳол бо Ҳақ; ва ин дар таҳти сифат ва иктисоби халқ наёяд. Ва ман, эй писари Мансур, дар каломи ту фузулии бисёр мебинам ва ибороти бемаънӣ.

Нақл аст, ки Ҷунайд гуфт: Ҷавонеро дидам дар бодия, зери дарахти муғелон. Гуфтам: Чӣ нишондааст туро? Гуфт: Ҳоле доштам, ин ҷо гум шуд; мулозамат кардаам, то бозёбам. Гуфт: Ба ҳаҷ рафтам, чун бозгаштам, ҳамчунон нишаста буд. Гуфтам: Сабаби мулозамат чист? Гуфт: Он чӣ мечустам, ин ҷо бозёфтам; лоҷарам ин ҷоро мулозамат кардам. Ҷунайд гуфт: Надонам, ки кадом ҳол шарифтар аз он ду ҳол: мулозамат кардан дар талаби ҳол, ё мулозамат дар ёфти ҳол?

Нақл аст, ки Шиблӣ гуфт: Агар Ҳақ таоло маро ба қиёмат мухайяр кунад миёни биҳишту дӯзах, ман дӯзах ихтиёр кунам, аз он ки биҳишт муроди ман аст ва дӯзах муроди дӯст. Ҳар кӣ ихтиёри худ бар ихтиёри дӯст бигузинад, нишони муҳаббат набошад. Ҷунайдро аз ин сухан хабар доданд. Гуфт: Шиблӣ кӯдакӣ мекунад, ки агар маро мухайяр кунанд, ман ихтиёр накунам, гӯям: Бандаро ба ихтиёр чӣ кор? Ҳар ҷо ки фиристӣ, биравам ва ҳар ҷо ки бидорӣ, бибошам; маро ихтиёр он бошад, ки ту хоҳӣ.

Нақл аст, ки як рӯз касе пеши Ҷунайд омад ва гуфт: Соате ҳозир бош, то сухан гӯям. Ҷунайд гуфт: Эй азиз, ту аз ман чизе металабӣ, ки муддате аст, то ман металабам ва мехоҳам, ки бо Ҳақ таоло як нафас ҳозир шавам, наёфтам; ин соат ба ту ҳозир чун тавонам шуд?

Нақл аст, ки Рувайм гуфт: Дар бодия мерафтам, аҷузаеро дидам асо дар даст ва миён баста. Гуфт: Чун ба Бағдод расӣ, Ҷунайдро бигӯй, ки: Шарм надорӣ, ки ҳадиси ӯ кунӣ дар пеши авом? Чун рисолат гузоридам, Ҷунайд гуфт, ки: Маозаллоҳ, ки мо ҳадиси ӯ мегӯем дар пеши халқ, аммо ҳадиси халқи ӯ мегӯем дар пеши ӯ; ки аз ӯ ҳадис натвон кард.

Нақл аст, ки яке аз бузургон расул, салла-л-Лоҳу алайҳи васалламро ба хоб дид нишаста ва Ҷунайд ҳозир. Яке фатво даровард. Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи

васаллам, фармуд, ки: Ба Ҷунайд дех, то ҷавоб гӯяд. Гуфт: Ё расулуллоҳ! Дар ҳузури ту чун ба дигаре диҳанд? Гуфт: Ҷандон ки анбиёро ҳамаи уммат мубоҳот бувад, маро ба Ҷунайд мубоҳот аст.

Ҷаъфар ибни Насир гӯяд, ки: Ҷунайд дираме ба ман дод, ки: Анҷири вазирӣ бистон! Харидам. Намози шом чун рӯза гушод, як анҷир дар даҳан ниҳоду бигирист ва маро гуфт: Бардор! Гуфтам: Чӣ буд? Гуфт: Ҳотифе овоз дод, ки: Шарм надорӣ, ки чизеро, ки барои мо бар худ ҳаром кардай, боз гирди он мегардӣ? Ва ин байт бигуфт, шеър:

Нуну-л-хавони мина-л-ҳаво масрукатун
Ва сариъу кулли ҳаван сариъу хавони

Нақл аст, ки як бор ранҷур шуд. Гуфт: Аллоҳумма ишфаънӣ! Ҳотифе овоз дод, ки: Эй Ҷунайд! Миёни банда ва Худой чӣ кор дорӣ? Ту дар миён маой ва бад-он чӣ фармудаанд, машғул бош ва бар он чӣ мубтало кардаанд, сабр кун! Туро бо ихтиёр чӣ кор?

Нақл аст, ки як бор ба аёдати дарвеше рафт ва дарвеш менолид. Гуфт: Аз кӣ менолӣ? Дарвеш дам даркашид. Гуфт: Ин сабр бо кӣ мекунӣ? Дарвеш фарёд бароварду гуфт: На сомони нолидан аст ва на қуввати сабр кардан.

Нақл аст, ки як бор Ҷунайдро пой дард кард. Фотиҳа хонд ва бар пой дамид. Ҳотифе овоз дод, ки: Шарм надорӣ, ки каломи моро дар ҳаққи нафси худ сарф кунӣ?

Нақл аст, ки як бор чашмаш дард кард. Табиб гуфт: Агар чашмат ба кор аст, об марасон! Чун табиб бирафт, вузӯ сохт ва намоз кард ва ба хоб фурӯ шуд. Чун бедор шуд, чашмаш нек шуда буд. Овозе шунид, ки: Ҷунайд дар ризои мо тарки чашм кард, агар бад-он азм дӯзахиёнро аз мо бихостӣ, иҷобат ёфтӣ. Чун табиб бозомад, чашми ӯ нек дид. Гуфт: Чӣ кардӣ? Гуфт: Вузӯи намоз. Табиб тарсо буд, дарҳол имон овард ва гуфт: Ин илоҷи холиқ аст, на илоҷи махлуқ; ва дарди чашм маро буд, на туро; ва табиб ту будӣ, на ман.

Нақл аст, ки бузурге пеши Ҷунайд меомад, Иблисро дид, ки аз пеши ӯ мегурехт. Чун дар пеши Ҷунайд омад, ӯро дид гармшуда ва хашм бар вай падид омада ва якеро

меранҷонид. Гуфт: Ё шайх! Ман шунидаам, ки Иблисро бештар он вақт даст бувад бар фарзанди Одам, ки ӯ дар хашм шавад. Ту ин соат дар хашмӣ ва Иблисро дидам, ки аз ту мегурехт. Ҷунайд гуфт: Нашунидай ва надонӣ, ки мо ба худ дар хашм нашавем, балки ба Ҳақ дар хашм шавем, лоҷарам Иблис ҳеч вақт аз мо чунон нагурезад, ки он вақт. Хашми дигарон ба ҳаззи нафси худ бувад. Вагарна он будӣ, ки Ҳақ таоло фармудааст, ки: «Аъузу би-л-Лоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим» (Сураи Наҳл, ояти 98). Гӯянд, ман ҳаргиз истиозат нахостаме.

Нақл аст, ки гуфт: Хостам, то Иблисро бубинам. Бар дари масҷид истода будам, пире дидам, ки аз дур меомад. Чун ӯро бидидам, ваҳшате дар ман падид омад. Гуфтам: Ту кистӣ? Гуфт: Орзуи ту. Гуфтам: Ё малъун! Чӣ чиз туро аз саҷдаи Одам боздошт? Гуфт: Ё Ҷунайд! Туро чӣ сурат мебандад, ки ман ғайри ӯро саҷда кунам? Ҷунайд гуфт: Ман мутаҳаййир шудам дар сухани ӯ, ба сиррам нидо омад, ки: Бигӯ, ки дурӯғ мегуӣ. Ки агар ту банда будатӣ, амри ӯро мунқод будӣ ва аз амри ӯ берун наёмадатӣ ва ба наҳве тақарруб накардӣ. Иблис чун ин бишнид, бонг карду гуфт: Эй Ҷунайд! Биллоҳ, ки маро сӯхтӣ ва нопадид шуд.

Нақл аст, ки Шиблӣ рӯзе гуфт: «Ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-Лоҳи». Ҷунайд гуфт: Ин гуфтори тангдилон аст ва тангдилӣ аз даст доштани ризо бувад ба қазо. Яке пеши Ҷунайд гуфт, ки: Бародарони дин дар ин рӯзгор азиз шудаанд ва ё ноёфт. Ҷунайд гуфт: Агар касе металабӣ, ки маунати ту кашад, азиз аст; ва агар касе мехоҳӣ, ки ту маунати ӯ кашӣ, ин ҷинс бародарон бисёранд пеши ман.

Нақл аст, ки шабе бо муриде дар роҳ мерафт, саге бонг кард. Ҷунайд гуфт: «Лаббайка, лаббайк». Мурид гуфт: Ин чӣ ҳол аст? Гуфт: Қувва ва дамдамаи саг аз қаҳри Ҳақ таоло дидам ва овоз аз қудрати Ҳақ таоло шунидам; ва сагро дар миён надидам; лоҷарам лаббайк ҷавоб додам.

Нақл аст, ки як рӯз зор мегирист. Суол карданд, ки: Сабаби гиря чист? Гуфт: Агар балои ӯ аждаҳое гардад, аввал касе ман бошам, ки худро луқмаи ӯ созам ва бо ин ҳама умре гузоштам дар талаби бало; ва ҳанӯз бо ман мегӯянд, ки: Туро чандон бандагӣ нест, ки ба балои мо арзад.

Гуфтанд: Абӯсаиди Харрозро ба вақти назъ тавоҷуд бисёр буд. Ҷунайд гуфт: Аҷаб набувад агар аз шавқи ӯ ҷон бипаридӣ. Гуфтанд: Ин чӣ мақом бувад? Гуфт: Ғояти муҳаббат ва ин мақоми азиз аст, ки ҷумлаи укулро мустағрақ гардонад ва ҷумлаи нуфузро фаромӯш кунад ва ин олитарин мақоме аст илми маърифатро. Дар ин вақт мақоме набувад, ки банда ба ҷое бирасад, ки донад, ки Худой ӯро дӯст медорад, лоҷарам ин банда гӯяд, ки: Ба ҳаққи ман бар ту ва ба ҷои ман назди ту; ва низ гӯянд, ки: Ба дӯстии ту маро. Пас гуфт: Ин қавме бошанд, ки бар Худой ноз кунанд ва унс бад-ӯ гиранд ва миёни эшон ва Худой ҳашмат бархоста бувад; ва эшон суханҳое гӯянд, ки наздики омма шанеъ бошад.

Ва Ҷунайд гуфт: Шабе ба хоб дидам, ки ба ҳазрати Худованд истода будам, маро фармуд, ки: Ин суханон ту аз кучо мегӯӣ? Гуфтам: Он чӣ мегӯям, Ҳақ мегӯям. Фармуд, ки: «Саддақта» - Рост мегӯӣ.

Нақл аст, ки Ибни Шурайҳ ба мачлиси Ҷунайд бигзашт. Гуфтанд: Он чӣ Ҷунайд мегӯяд, ба илм бозмехонад? Гуфт: Он намедонам, валекин ин медонам, ки сухани ӯро савлате аст, ки гӯё Ҳақ меронад бар забони ӯ. Чунонки нақл аст, ки Ҷунайд чун дар тавҳид сухан гуфтӣ, ҳар бор ба иборате дигар оғоз кардӣ, ки касро фаҳм бад-он нарасидӣ.

Рӯзе Шиблӣ дар мачлиси Ҷунайд гуфт: Аллоҳ. Ҷунайд гуфт: Агар Худой ғоиб аст, зикри ғоиб ғайбат аст ва ғайбат ҳаром аст; ва агар ҳозир аст, дар мушоҳадаи ҳозир номи ӯ бурдан тарки ҳурмат аст.

Ва рӯзе сухан мегуфт. Яке бархосту гуфт: Дар сухани ту намерасам. Гуфт: Тоати ҳафтодсола зери пой неҳ! Гуфт: Ниҳодам ва намерасам. Гуфт: Сар зери пой ор! Агар нарасӣ, чурм аз ман дон.

Ва яке дар мачлис Ҷунайдро басе мадҳ гуфт. Ҷунайд гуфт: Ин ки ту мегӯӣ, маро ҳеч нест, ту зикри Худойро мекунӣ ва санои ӯро мегӯӣ.

Нақл аст, ки яке дар мачлиси ӯ бархосту гуфт: Дил кадом вақт хуш бувад? Гуфт: Он вақт, ки ӯ дил бувад.

Ва яке понсад динор пеши Ҷунайд овард. Ҷунайд гуфт: Ба ғайр аз ин чизе дигар дорӣ? Гуфт: Бисёр. Гуфт: Дигарат мебояд? Гуфт: Бояд. Гуфт: Бардор! Ту бад-ин авлотарӣ, ки

ман ҳеч надорам ва маро намебояд.

Нақл аст, ки Ҷунайд аз ҷомеъ берун меомад баъд аз намоз. Халқи бисёр дид. Ҷунайд рӯй ба асҳоб кард ва гуфт: Ин ҳама ҳашви биҳиштанд, аммо ҳамнишиниро қавме дигаранд.

Нақл аст, ки марде дар мачлиси Ҷунайд бархост ва суол кард. Ҷунайдро дар хотир омад, ки: Ин мард тандуруст аст, касб тавонад кард, суол чаро мекунад? Ва ин мазаллат бар худ чаро мениҳад? Он шаб дар хоб дид, ки табақе сарпӯшида пеши ӯ ниҳоданд ва ӯро гуфтанд: Бихӯр! Чун сарпӯш бардошт, соилро дид мурда ва бар он табақ ниҳода. Гуфт: Ман гӯшти мардум нахӯрам. Гуфтанд: Пас чаро дӣ мехӯрдӣ дар масҷид? Ҷунайд донист, ки ғайбат кардааст ба дил ва ӯро ба хотире бигиранд. Гуфт: Аз ҳайбати он бедор шудам ва таҳорат кардам ва ду ракъат намоз кардам ва ба талаби он дарвеш берун рафтам. Ӯро дидам бар лаби Дачла; ва аз он таррарезаҳо,ки шуста буданд, аз сари об мегирифт ва мехӯрд. Сар бар кард, маро дид, ки пеши вай мерафтам. Гуфт: Эй Ҷунайд! Тавба бикардӣ аз он чӣ дар ҳаққи мо андешидӣ? Гуфтам: Кардам. Гуфт: Бирав акнун! «Ва хувал-лазӣ йақбалу-т-тавбата ан ибодихи» (Сураи Шуро, ояти 25); ва ин навбат, хотир нигаҳ дор.

Нақл аст, ки гуфт: Ихлос аз ҳаҷҷоме омӯхтам. Вақте ба Макка будам, ҳаҷҷоме мӯи хоҷас рост мекард, гуфтам: Аз барои Худой мӯи ман тавонӣ ситурдан? Гуфт: Тавонам ва чашм пури об кард ва хоҷаро раҳо кард тамом нашуда ва гуфт: Бархез! Ки чун ҳадиси Худой омад, ҳама дар боқӣ шуд. Маро биншонд ва бӯсае бар сарам дод ва мӯям бозкард. Пас коғазе ба ман дод, дар он ҷо куррозае чанд. Ва гуфт: Инро ба ҳоҷати худ сарф кун! Бо худ ният кардам, ки аввал футӯҳе, ки маро бошад, ба ҷои ӯ мурувват кунам. Басе барнаёмад, ки аз Басра суррае зар бирасид. Пеши ӯ бурдам. Гуфт: Чист? Гуфтам: Ният карда будам, ки ҳар футӯҳеро, ки аввал биёяд, ба ту дихам. Ин омадааст. Гуфт: Эй мард! Аз Худой шарм надорӣ, ки маро гуфтӣ: Аз барои Худой мӯи ман бозкун! Ва пас маро чизе диҳӣ! Киро дидӣ, ки аз барои Худой коре кард ва бар он музде гирифт?

Ва гуфт: Вақте дар шабе ба намоз машғул будам.

Ҳарчанд ҷаҳд кардам, нафси ман дар як сағда бо ман мувофақат накард ва ҳеч тафаккур низ натавонистам кард. Дилтанг шудам. Ва хостам, ки аз хона берун оям. Чун дар бигушодам, ҷавоне дидам, ки гилеме пӯшида ва бар дари сарой сар даркашида. Чун маро дид, гуфт: То ин соат дар интизори ту будам. Гуфтам: Пас ту будай, ки маро бекарор кардӣ? Гуфт: Оре, масъалаи маро ҷавоб деҳ! Чӣ гӯй дар нафсе, ки ҳаргиз дарди ӯ доруи ӯ гардад, ё на? Гуфтам: Гардад, чун мухолафати ҳавои худ кунад. Чун ин бигуфтам, ба гиребони худ фурӯ нигарист ва гуфт: Эй нафс! Чандин бор аз ман ҳамин ҷавоб шунидӣ, акнун аз Ҷунайд бишнав! Бархост ва бирафт; ва надонистам, ки аз кучо омада буд ва кучо шуд.

Ҷунайд гуфт: Юнус чандон бигрист, ки нобино шуд ва чандон дар намоз бозистод, ки пушташ дуто шуд.

Ва гуфт: Ба иззати ту, ки агар миёни ман ва хидмати ту дарёе аз оташ бувад ва рох бар он чо бошад, ман дароям аз ғояти иштиёқ, ки ба ҳазрати ту дорам.

Нақл аст, ки Алии Сахл номае навишт ба Ҷунайд, ки: Хоб ғафлат аст ва қарор чунон бояд, ки муҳиб(б)ро хобу қарор набошад, ки агар бихусбад, аз мақсуд бозмонад ва аз худ ва вакти худ ғофил бувад, чунонки Ҳақ таоло ба Довуд пайғамбар, алайҳи-с-салом, ваҳйе фиристод, ки: Дурӯғ гуфт он, ки даъвии муҳаббати мо кард, чун шаб даромад, бихуфт ва аз дӯстии ман пардохт. Ҷунайд ҷавоб навишт, ки: Бедории мо муомала аст дар роҳи Ҳақ ва хоби мо феъли Ҳақ аст бар мо; пас он чӣ бе ихтиёри мо бувад аз Ҳақ, ба мо бехтар аз он бувад, ки ба ихтиёри мо бувад аз мо ба Ҳақ. «Ва-н-навму мавҳибатун мина-л-Лоҳи ала-л-муҳиббина» - Он атое буд аз Ҳақ таоло бар дӯстон.

Ва аҷаб аз Ҷунайд он аст, ки ӯ соҳиби сухв буд ва дар ин нома тарбияти аҳли сукр мекунад. Тавонад буд, ки он чо он ҳадис хоҳад, ки: «Навму-л-олими ибодатун», ё он мехоҳад, ки: «Таному айнойа вало йаному калбӣ».

Нақл аст, ки дар Бағдод дуздеро овехта буданд. Ҷунайд бирафт ва пои ӯ бӯса дод. Аз ӯ суол карданд. Гуфт: Ҳазор рахмат бар вай бод, ки дар кори худ мард будааст ва чунон ин корро ба камол расонидааст, ки сар дар сари он кор

кардааст.

Нақл аст, ки шабе дузде ба хонаи Ҷунайд рафт, ҷуз пироҳане наёфт. Бардошту бирафт. Рӯзи дигар шайх дар бозор мегузашт, пироҳани худ дид ба дасти даллоле, ки мефурӯхт. Харидор мегуфт: Ошное хоҳам, то гувоҳӣ диҳад, ки аз они ту аст, то бихарам. Ҷунайд бирафт ва гуфт: Ман гувоҳӣ диҳам, ки аз они ӯст, то бихарид.

Нақл аст, ки пиразане пеши Ҷунайд омад ва гуфт: Писарам ғоиб аст, дуое кун, то боз ояд. Гуфт: Сабр кун! Пиразан бирафт ва рӯзе чанд сабр кард ва бозомад. Шайх гуфт: Сабр кун! То чанд навбат сабр фармуд. Рӯзе пиразан биёмад ва гуфт: Ҳеч сабрам намондааст, Худойро дуо кун! Ҷунайд гуфт: Агар рост мегӯй, писарат бозомадааст, ки Ҳақ таоло фармудааст: «Амман йуҷибу-л-музтарра изо даъоҳу». (Сураи Намл, ояти 62). Пас дуо кард. Пиразан чун бози хона шуд, писар омада буд.

Нақл аст, ки яке пеши Ҷунайд шикоят кард аз гуруснагӣ ва бараҳнагӣ. Ҷунайд гуфт: Бирав, эмин бош! Ки ӯ гуруснагӣ ва бараҳнагӣ ба касе наниҳад, ки ташнеъ занад ва ҷаҳонро пур аз шикоят кунад; ба сиддикон ва дӯстони худ диҳад. Ту шикоят макун!

Нақл аст, ки Ҷунайд бо асҳоб нишаста буд. Дунёдоре даромад ва дарвешеро бихонд ва бо худ бибурд. Баъд аз соате биёмад, занбиле дар сари дарвеш ниҳода дар вай таом. Ҷунайд чун он бидид, дар вай ғайрат кор кард, фармуд, то он занбил бар рӯи он дунёдор боззаданд. Гуфт: Дарвешӣ мебоист, то ҳаммолӣ кунад. Он гоҳ гуфт: Агар дарвешонро неъмат нест, ҳиммат аст; ва агар дунё нест, охират аст.

Нақл аст, ки яке аз тавонгарон садақаи худ ҷуз ба сӯфиён надодӣ, гуфтӣ: Эшон қавмеанд, ки эшонро чун ҳоҷате бошад, ҳиммати эшон пароганда шавад, аз Ҳақ таоло бозмонанд. Ва ман як дилро, ки ба ҳазрати Худой барам, дӯсттар дорам аз ҳазор дил, ки ҳиммати ӯ дунё бувад. Ин сухан бо Ҷунайд гуфтанд. Гуфт: Ин сухани дӯсте аст аз дӯстони Худой. Пас чунон афтод, ки он мард муфлис шуд бо ҷиҳати он ки ҳар чӣ дарвешон харидандӣ, баҳо нагирифтӣ. Ҷунайд моле бад-ӯ дод ва гуфт: Чун ту мардро тиҷорат зиён надорад.

Нақл аст, ки Ҷунайд мурида дошт, ки моли бисёр дар роҳи шайх бохта буд ва ӯро ҳеч намонда буд, илло хонае. Гуфт: Ё шайх! Чӣ кунам? Гуфт: Бифурӯш ва зар биёр, то корат анҷом диҳад. Бирафт ва бифурӯхт. Шайх гуфт: Он зар дар Дачла андоз! Бирафт ва дар Дачла андохт ва ба хидмати шайх шуд. Ӯро биронд ва худро бегона сохт ва гуфт: Аз ман бозгард! Ҳарчанд меомад, меронд, яъне то худбинӣ накунад, ки ман чандин зар бохтаам. То он гоҳ ки рохаш анҷом гирифт.

Нақл аст, ки ҷавонеро дар мачлиси Ҷунайд ҳолате зоҳир шуд; тавба кард ва ҳар чӣ дошт, ба ғорат дод ва ҳаққи дигарон бидод ва ҳазор динор бардошт, то пеши Ҷунайд барад, гуфтанд: Ҳазрати ӯ ҳазрати дунё нест. Он ҳазратро олуда натвонӣ кард. Бар лаби Дачла нишаст ва як-як динор дар об меандохт, то ҳеч намонд. Бархост ва ба хонақоҳ шуд. Ҷунайд чун ӯро бидид, гуфт: Қадаме, ки ба як бор бояд ниҳод, ба ҳазор бор ниҳӣ? Бирав, ки моро нашоӣ. Аз дилат барнаёмад, ки як бор дар об андохтӣ. Дар ин роҳ низ агар ҳамчунин он чӣ кунӣ, ба ҳисоб хоҳӣ кард, ба ҳеч ҷой нарасӣ. Бозгард ва ба бозор шав, ки хисобу сарфа дидан дар бозор рост ояд.

Нақл аст, ки муридро сурат баст, ки: Ба дарачаи камол расидам ва танҳо будан маро бехтар. Дар гӯшае рафт ва муддате биншаст, то чунон шуд, ки ҳар шаб шутуре биёварандӣ ва гуфтандӣ, кӣ: Туро ба биҳишт мебарем. Ва ӯ бар он шутур нишастӣ ва мерафтӣ, то ҷое расидӣ, хушу ҳуррам ва қавме бо сурати зебо ва таомҳои покизаву оби равон. Ва то саҳар он ҷо будӣ. Он гоҳ ба хоб даршудӣ, худро дар савмааи худ ёфтӣ; то руунат дар вай зоҳир шуд ва пиндоре азим дар вай сар барзад ва ба даъвӣ падид омад ва гуфт: Маро ҳар шабе ба биҳишт мебаранд. Ин сухан ба Ҷунайд расид, бархост ва ба савмааи ӯ шуд. Ӯро дид ба такаббуре тамом. Ҳол пурсид. Ҳама бо шайх бигуфт. Шайх гуфт: Ин шаб чун туро он ҷо баранд, се бор бигӯй: «Ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-Лоҳи-л-ъалийу-л-азим». Чун шаб даромад, ӯро мебурданд. Ӯ ба дил инкори шайх мекард. Чун бад-он мавзеъ расид, тачрибаро гуфт: «Лоҳавла ва ло қуввата». Он қавм ба чумлагӣ бихурӯшиданд ва бирафтанд

ва ӯ худро дар мазбалае ёфт, устухон дар пеш ниҳода. Бар хатои худ воқиф шуд ва тавба кард ва ба сӯҳбати шайх пайваст ва бидонист, ки муридро танҳо будан заҳр аст.

Нақл аст, ки Ҷунайд сухан мегуфт. Муриде наърае бизад. Шайх ӯро аз он манъ кард ва гуфт: Агар як бори дигар наърае занӣ, туро махчур гардонам. Пас шайх боз сари сухан шуд. Он мурид худро нигоҳ медошт, то ҳол ба ҷое расид, ки тоқаташ намонд ва ҳалок шуд. Бирафтанд, ӯро диданд миёни далқ хокистар шуда.

Нақл аст, ки аз муриде тарки адабе магар дар вуҷуд омад, сафар кард ва ба масҷиди Шавнезия биншаст. Ҷунайдро рӯзе гузар ба он ҷо афтод. Дар вай нигарист. Он мурид дарҳол аз ҳайбати шайх бияфтод ва сараш бишкаст ва хун равон шуд ва аз ҳар қатрае нақши Аллоҳ падид меомад. Ҷунайд гуфт: Ҷилвагарӣ мекунӣ! Яъне ба мақоми зикр расидам, ки ҳамаи кӯдакон бо ту дар зикр баробаранд. Мард мебояд, ки ба мазкур расад. Ин сухан бар ҷони ӯ омад, дарҳол вафот кард. Дафн карданд, баъд аз муддате ба хоб диданд. Пурсиданд, ки: Чун ёфтӣ худро? Гуфт: Солҳои дароз аст, то меравам; акнун ба сари куфри худ расидам ва куфрро мебинам; ва дин дури дур аст. Ин ҳама пиндоштҳо макр будааст.

Нақл аст, ки Ҷунайдро дар Басра муриде буд. Дар хилват магар рӯзе андешаи гуноҳе кард ва дар оина нигоҳ кард ва рӯи худ сиёҳ дид. Мутаҳаййир шуд, ҳар ҳилат, ки кард, суд надошт. Аз шарм рӯй ба кас нанамуд, то се рӯз баромад. Пора-пора он сиёҳӣ кам мешуд. Ногоҳ яке дар бизад. Гуфт: Кист? Гуфт: Номае овардаам аз Ҷунайд. Нома бархонд, навишта буд, ки: Ҷаро дар ҳазрати иззат ба адаб набошӣ, се шабонарӯз аст, то маро гозурӣ мебояд кард, то сиёҳии рӯят ба сапедӣ бадал шавад.

Нақл аст, ки Ҷунайдро муриде буд, магар рӯзе нуктае бар вай гирифтанд, аз ҳичолат бирафт ва ба хонақоҳ наёмад. То як рӯз Ҷунайд бо асҳоб дар бозор мегузашт, назараш бад-он мурид афтод. Мурид аз шарм бигурехт. Ҷунайд асҳобро бозгардонид ва гуфт: Моро мурғе аз дом нуфур шудааст. Ва бар ақиби ӯ бирафт, мурид бозпас нигарист, шайхро дид, ки меомад. Гом гарм кард ва мерафт, то ба ҷое

расид, ки роҳ набуд. Рӯй бар девор ниҳод аз шарм. Ногоҳ шайх бад-ӯ расид. Мурид гуфт: Кучо меой? Шайх гуфт: Ҷое, ки муридро пешонӣ дар девор ояд, шайх он чо ба кор ояд. Пас ӯро бо хонақоҳ бурд. Мурид ба кадамҳои шайх афтод ва истиғфор кард. Чун халқ он ҳолро бидиданд, рикқате дар халқ падид омад ва бисёр кас тавба карданд.

Нақл аст, ки Ҷунайд бо мурида ба бодия фурӯ шуд ва гӯшаи чайби мурид пора буд; офтоб бар гардани ӯ метофт, то бисӯхт ва хун аз вай равон шуд. Бар забони мурид бирафт, ки: Имрӯз рӯзе гарм аст. Шайх ба хайбат дар вай нигарист ва гуфт: Бирав! Ки ту аҳли сӯхбат нестӣ. Ва ӯро махҷур гардонид.

Нақл аст, ки мурида дошт, ки ӯро аз ҳама азизтар медошт. Дигаронро ғайрат омад. Шайх ба фаросат бидонист, гуфт: Адабу фахми ӯ аз ҳама зиёдат аст, моро назар бар он аст. Имтихон кунем, то шуморо маълум шавад. Фармуд, то бист мурғ оварданд ва гуфт: Ҳар мурида якеро бардоред ва ҷое, ки кас шуморо набинад, бикушед ва биёред! Ҳама бирафтанд ва бикуштанд ва бозомаданд, илло он мурид, ки мурғ зинда бозовард. Шайх пурсид, ки: Чаро накуштӣ? Гуфт: Аз он ки шайх фармуда буд, ки: Ҷое бояд, ки кас набинад; Ва ман ҳар чо ки мерафтам, Ҳақ таоло медид. Ҷунайд гуфт: Дидет, ки фахми ӯ чӣ гуна аст? Ва аз они дигарон чӣ гуна? Ҳама истиғфор карданд.

Нақл аст, ки ӯро ҳашт мурид буд, ки аз хавоси ӯ буданд, ки ҳар андеша, ки будӣ, эшонро кифоят карданди. Эшонро дар хотир омад, ки: Моро ба чиҳод мебояд рафтан. Дигар рӯз Ҷунайд ходимро фармуд, ки: Сохтагии чиҳод кун! Пас шайх бо он ҳашт мурид ба чиҳод рафтанд. Чун саф баркашиданд, муборизе аз куффор даромад ва ҳаштро шаҳид кард. Ҷунайд гуфт: Нигоҳ кардам, дар ҳаво нӯҳ ҳавдач дидам, истода; рӯҳ ҳар якеро шаҳид мешуд аз муридон, дар он ҳавдач мениходанд. Пас як ҳавдач тиҳӣ бимонд, ман гуфтам, ки: Шояд, ки он азони ман бошад! Дар саффи корзор шудам. Он мубориз, ки асҳобро кушта буд, даромад ва гуфт: Эй Абулқосим! Он ҳавдачи нӯҳум аз они ман аст. Ту ба Бағдод бозрав ва пири кавм бош ва имон бар ман арза кун! Пас мусалмон шуд ва ба ҳамон тег, ки эшонро кушта буд, ҳашт

кофири дигарро бикушт. Пас шаҳодат ёфт. Ҷунайд гуфт: Ҷони ӯро низ дар он ҳавдаҷ ниҳоданд ва нопадид шуданд.

Нақл аст, ки Ҷунайдро гуфтанд: Сӣ сол аст, то фалон кас сар аз зону барнагирифтааст ва таому шароб нахӯрда; ва чаҳандагон дар вай афтода ва ӯро аз он хабар на. Чӣ гӯӣ дар чунин мард, ки ӯ дар чамъи чамъ бошад, ё на? Гуфт: Бишавад иншоаллоҳ таоло.

Нақл аст, ки саййиде буд, ки ӯро Носирӣ гуфтандӣ. Қасди ҳаҷ кард. Чун ба Бағдод расид, ба зиёрати Ҷунайд рафт ва салом кард. Ҷунайд пурсид, ки: Саййид аз кучост? Гуфт: Аз Гелон. Гуфт: Аз фарзандони кистӣ? Гуфт: Аз фарзандони амиралмӯъмин Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳу. Гуфт: Падари ту ду шамшер мезад: яке бо кофирон ва яке бо нафс. Эй саййид, ки фарзанди ӯйӣ! Аз ин ду кадом кор фармой? Саййид чун ин бишнид, бисёр бигирист ва пеши Ҷунайд меғалтид. Гуфт: Эй шайх! Ҳаччи ман ин чо бувад, маро ба Худой роҳ намой! Гуфт: Ин синаи ту харами хоси Худой аст, то тавонӣ ҳеч номаҳрамро дар харами хос рох мадех! Гуфт: Тамом шуд. Ва Ҷунайдро калимоте олӣ аст.

Гуфт: Футувват ба Шом аст ва фасоҳат ба Ирок ва сидқ ба Хуросон.

Ва гуфт: Дар ин рох қотеон бисёранд ва анвоъ. Бар роҳ се гуна дом меандозанд: домӣ макру истидроҷ; ва домӣ қаҳр; ва домӣ лутф. Ва инро ниҳоят нест, акнун марде бояд, то фарқ кунад миёни домҳо.

Ва гуфт: Нафаси раҳмонӣ аз сирр падид ояд, нафасу сина ва дил бимирад; ва бар ҳеч чиз нагузарад илло, ки он чизро бисӯзад ва агар ҳама арш бувад.

Ва гуфт: Чун қудрат муояна гардад, соҳиби ӯ нафас ба карохият тавонад зад; ва чун азамат муояна шавад, аз нафас задан манъ кунанд; ва чун ҳайбат муояна шавад, он чо касе нафас занад, кофир шавад.

Ва гуфт: Нафасе, ки ба изтирор аз мард барояд, чумлаи хичобҳову гуноҳҳо, ки миёни банда ва Худой аст, бисӯзад.

Ва гуфт: Соҳиби таъзимро нафас задан тавонад буд ва он нафас задан аз ӯ гунох бувад ва натвонад аз ӯ бозистад; ва соҳиби ҳайбат соҳиби ҳамд аст ва ин наздики ӯ гунох бувад ва натвонад, ки ин чо нафас занад.

Ва гуфт: Хунак он кас, ки ӯро дар хамаи умр як соат хузур будааст.

Ва гуфт: Лаҳзат куфрон аст ва хатарат имон ва ишорат гуфрон; яъне лаҳзат ихтиёр.

Ва гуфт: Бандагон ду қисманд: бандагони Ҳаққанд ва бандагони ҳақиқат. Аммо бандагони Ҳак он ҷоянд, ки «Аъузу биризока мин сахатика» ва аммо бандагони ҳақиқат он ҷоянд, ки: «Аъузу бика минка. Ва-л-Лоҳу аълам».

Ва гуфт: Худой аз бандагон ду илм мехоҳад: яке, шинохти илми убудият, дуввум, шинохти илми рубубият; ҳар чӣ ҷуз ин аст, хаззи нафс аст.

Ва гуфт: Шарифтарин нишастхо ва баландтарин нишасте ин аст, ки бо фикрат бувад дар миёни тавҳид.

Ва гуфт: Ҳамаи роххо бар халқ бастааст, магар ба роҳи Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, равад, ки ҳар кӣ ҳофизи Қуръон набошад ва ҳадиси паёмбар нанавишта бошад, ба вай иқтидо макунед, зеро ки илм ба китоб ва суннат бозбастааст.

Ва гуфт: Миёни банда ва Ҳак чаҳор дарё аст, ки то банда онро қатъ накунад, ба Ҳақ нарасад: яке дунё ва киштии ӯ зӯҳд аст; ва яке одамиён ва киштии ӯ дур будан; ва яке Иблис аст ва киштии ӯ буғз аст; ва яке ҳаво ва киштии ӯ мухолафат аст.

Ва гуфт: Миёни ҳавочиси нафсонӣ ва васовиси шайтонӣ фарқ он аст, ки нафс ба чизе илҳоҳ кунад ва ту манъ кунӣ ва ӯ муовадат мекунад, агарчи баъд аз муддате бувад, то вақте ки ба муроди худ расад; аммо шайтон чун даъват кунад ба хилофе, агар ту хилофи он кунӣ, ӯ тарки он даъват кунад.

Ва гуфт: Ин нафс бадӣ фармоянда аст: ба ҳалок хонад ва ёрии душманон кунад ва мутобеи ҳаво бувад ва ба ҳамаи бадиҳо муттаҳам бувад.

Ва гуфт: Иблис мушоҳада наёфт дар тоаташ ва Одам мушоҳада гум накард дар зиллаташ.

Ва гуфт: Тоат иллат нест бар он чӣ дар азал рафтааст ва лекин башорат медиҳад ба он, ки дар азал кор, ки рафтааст дар ҳаққи тоаткунанда, некӯ рафтааст.

Ва гуфт: Мард ба сират мард оянд, на ба сурат.

Ва гуфт: Дили дӯстони Худой ҷои сирри Худой аст. Ва

Худой сирри худ дар дили наниҳад, ки дар вай дӯстии дунё бувад.

Ва гуфт: Асос он аст, ки қиём накунӣ ба муроди нафс!

Ва гуфт: Ғофил будан аз Худой сахттар аз он, ки дар оташ шудан.

Ва гуфт: Ба ҳақиқати озодӣ нарасӣ, то аз убудият бар ту ҳеч боқӣ монда бошад.

Ва гуфт: Нафс ҳаргиз бо Ҳақ улфат нагирад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ нафси худро бишинохт, убудият бар вай осон бувад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ некӯ бувад, риояти ӯ доим бувад ва вилояти ӯ ҳамеша бувад.

Ва гуфт: Ҳар киро муомалат бар хилофи ишорат бувад, ӯ муддаӣ аст ва каззоб аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ гӯяд «Аллоҳ» бе мушоҳада, ин кас дурӯғзан аст.

Ва гуфт: Ҳар кӣ нашнохт Худойро, ҳаргиз шод набувад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ хоҳад, ки то дини ӯ басаломат бошад ва тани ӯ осуда ва дили ӯ баофият, гӯ: Аз мардумон ҷудо бош! Ки ин замонаи вахшат аст; ва хирадманд он аст, ки танҳой ихтиёр кунад.

Ва гуфт: Ҳар киро илм ба яқин нарасидааст ва яқин ба хавф ва хавф ба амал ва амал ба вараъ ва вараъ ба ихлос ва ихлос ба мушоҳада, ӯ аз ҳоликин аст.

Ва гуфт: Мардоне будаанд, ки ба яқин бар об мерафтанд ва он мардон, ки аз ташнагӣ мурданд, якини эшон фозилтар.

Ва гуфт: Ба риояти ҳукуқ натвон расид, магар ба ҳиросати қулуб.

Ва гуфт: Агар ҷумлаи дунё як касро бувад, зиёнаш надорад ва агар сирраш шарахи як дона хурмо кунад, зиёнаш дорад.

Ва гуфт: Агар тавонӣ, ки авонии хонаи ту ҷуз сафол набошад, бикун!

Ва гуфт: Банда он аст, ки бо ҳеч кас шикоят накунад ва тарки тақсир кунад дар хидмат ва тақсир дар тадбир аст.

Ва гуфт: Ҳар гоҳ ки бародарон ва ёрон хозир шаванд, нофила бияфтад.

Ва гуфт: Муриди содиқ бениёз бувад аз илми олимон.

Ва гуфт: Ба дурустӣ ки Худои таоло муомала(с), ки бо бандагон дар охират хоҳад кард, бар андозаи он бувад, ки бандагон дар аввал бо ӯ карда бошанд.

Ва гуфт: Ба дурустӣ ки Худои таоло ба дили бандагон наздик шавад бар андозаи он ки бандаро ба хеш қурб бинад.

Ва гуфт: Агар туро ба ҳақиқат донанд, роҳ бар ту осон гардонанд; ва агар мардона бошӣ, дар аввали масоиб бар ту равшан шавад басе чиз аз аҳоиб ва латоиф ва «ас-Сабру инда-с-садмати-л-уло».

Ва гуфт: Дар ҷумлаи далел базли маҷҳуд аст; ва набувад касе, ки Худойро талаб кунад ва базли маҷҳуд чун касеро, ки ӯро талаб кунад аз тариқи худ.

Ва гуфт: Ҷумлаи илми уламо ба ду ҳарф бозрасидааст: тасхеҳи миллат ва тағриди хидмат.

Ва гуфт: Ҳаёти ҳар кӣ ба нафс бувад, маврти ӯ ба рафтани ҷон бувад; ва ҳаёти ҳар кӣ ба Худой бувад, ӯ нақл кунад аз ҳаёти табъ ба ҳаёти асл. Ва ҳаёт бар ҳақиқат ин аст. Ва ҳар чашме, ки ба ибрати Ҳақ таоло машғул набувад, нобино беҳ; ва ҳар забон, ки ба зикри ӯ мустағрақ нест, гунг беҳ; ва ҳар гӯш, ки ба Ҳақ шунидан мутарассид нест, кар беҳ; ва ҳар тане, ки ба хидмати Худо даркор нест, ё набувад, мурда беҳ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ даст дар амали худ занад, қадамаш аз ҷой биравад; ва ҳар кӣ даст дар мол бизанад, дар андак афтад; ва ҳар кӣ даст дар Худой занад, ҷалил ва бузургвор шавад.

Ва гуфт: Чун Ҳақ таоло ба муриде некӣ хоҳад, ӯро пеши сӯфиён афганад ва аз қурроён боздорад.

Нақл аст, ки гуфт: Нашояд, ки муридонро чизе омӯзанд, магар он чӣ дар намоз бад-он мӯҳтоҷ бошад; ва фотиҳа ва «Қулҳу ва-л-Лоҳу аҳад» тамом аст. Ва ҳар муриде, ки зан кунад ва илм нависад, аз вай ҳеч наёяд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ миёни худ ва ҳазрати Худой тубрае пури таом ниҳодааст, он гоҳ хоҳад, ки лаззати муноҷот ёбад, ин ҳаргиз набувад.

Ва гуфт: Дунё дар дили муридон талхтар аз сабр аст; чун маърифат ба дили эшон расад, он сабр ширинтар аз асал гардад.

Ва гуфт: Замин дурахшон аст аз мураққаиён, чунонки

осмон дурахшон аст аз исторагон.

Ва гуфт: Шуморо, ки дарвешонед, ба Худой шиносанд ва аз барои Худой икром кунанд; бингаред, то дар хало бо вай чӣ гунаед.

Ва гуфт: Фозилтарин аъмол илми авқот омӯхтан аст ва он илм он аст, ки нигоҳдорандаи нафс бошӣ ва нигоҳдорандаи дил ва нигоҳдорандаи дин.

Ва гуфт: Хавотир чаҳор аст: хотире аст аз Ҳақ, ки бандаро даъват кунад ба интибох; ва хотир аз фариштa, ки бандаро даъват кунад ба тоат; ва хотире аз нафс, ки даъват кунад ба ороиши нафс ва танаъъум ба дунё; ва хотире аз шайтон, ки даъват кунад ба ҳикду ҳасаду адоват.

Ва гуфт: Бало чароғи орифон аст ва бедоркунандаи муридон ва ҳалоккунандаи ғофилон.

Ва гуфт: Ҳиммат ишорати Худой аст ва иродати фариштa; ва хотир ишорати маърифат; ва зинати тан ишорати шайтон ва шаҳавот ишорати нафс ва лаҳв ишорати куфр.

Ва гуфт: Худои таоло ҳаргиз сохиби ҳимматро уқубат накунад, агарчи маъсият равад бар вай.

Ва гуфт: Ҳар киро ҳиммат аст, ӯ биност; ва ҳар киро иродат аст, ӯ нобиност.

Ва гуфт: Ҳеч шахсе бар ҳеч шахсе сабқат нагирад ва ҳеч амал бар ҳеч амал бешӣ наёбад; валекин он бувад, ки ҳиммати соҳибҳиммат бар ҳимматҳо сабқат гирад ва ҳимматҳо аз аъмоли ғайрӣ дар беш бувад.

Ва гуфт: Ичмои чаҳор ҳазор пири тариқат аст, ки ниҳояти риёзат ин аст, ки ҳар гох ки дили худ талабӣ, мулозими Ҳақ бинӣ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ дар мувофақат ба ҳақиқат расида бошад, аз он тарсад, ки ҳаззи ӯ аз Худой фавт шавад ба чизе дигар.

Ва гуфт: Мақомот ба шавоҳид аст; ҳар киро мушоҳадати аҳвол аст, ӯ рафиқ аст; ва ҳар киро мушоҳадаи сифот аст, ӯ асир аст, ки ранҷ ин чо расад, ки худӣ бар чой бувад; дар шабонарӯзе ҳазор бораш бибояд мурд. Чун ӯ фонӣ шуд ва шуҳуди Ҳақ таоло ҳосил гашт, амир шуд.

Ва гуфт: Сухани анбиё хабар бошад аз хузур ва каломи

сиддикон ишорат аст аз мушоҳада.

Ва гуфт: Аввал чизе, ки зоҳир шавад аз аҳволи аҳли аҳвол, холис шудани афъоли эшон бувад; ҳар киро сирр холис набувад, ҳеч феъли ӯ софӣ набувад.

Ва гуфт: Сӯфӣ чун замин бошад, ки ҳама палидӣ дар вай афгананд ва ҳама некӯӣ аз вай берун ояд.

Ва гуфт: Тасаввуф зикр аст ба иҷтимоъ ва вачде аст ба истимоъ ва амале ба иттибоъ.

Ва гуфт: Тасаввуф истифо аст; ҳар кӣ гузида шуд аз мосиваллоҳ, ӯ сӯфӣ аст.

Ва гуфт: Сӯфӣ он аст, ки дили ӯ чун дили Иброҳим саломат ёфта бувад аз дӯстии дунё; ва бачойорандаи фармони Худой бувад; ва таслими ӯ таслими Исмоил ва андӯҳи ӯ андӯҳи Довуд ва факри ӯ факри Исо ва сабри ӯ сабри Аюб ва шавқи ӯ шавқи Мӯсо дар вақти муноҷот ва ихлоси ӯ ихлоси Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

Ва гуфт: Тасаввуф наъте аст, ки иқомати банда дар он аст. Гуфтанд: Наъти Ҳақ аст, ё наъти халқ? Гуфт: Ҳақиқаташ наъти Ҳақ аст ва расмаш наъти халқ.

Ва гуфт: Тасаввуф он бувад, ки туро Худованд аз ту бимиронад ва ба худ зинда кунад.

Ва гуфт: Тасаввуф он бувад, ки бо Худой бошӣ бе алоқае.

Ва гуфт: Тасаввуф зикре аст, пас вачде аст, пас на ин аст ва на он, то намонад, чунонки набуд.

Пурсиданд аз зоти тасаввуф. Гуфт: Бар ту бод, ки зоҳираш бигирӣ ва аз зоташ напурсӣ, ки ситам кардан бар вай бувад.

Ва гуфт: Сӯфиён онанд, ки қиёми эшон ба Худованд аст аз он чо, ки надонад илло ӯ. Чунонки нақл аст, ки чавоне дар миёни асҳоби Ҷунайд афтод ва чанд рӯз сар фурӯ кашид ва сар барнаёварад магар ба намоз. Пас бирафт. Ҷунайд муридеро бар акиби ӯ бифиристод, ки: Аз ӯ суол кун, ки: Сӯфӣ ба сафо мавсуф аст, чӣ гуна ёбад чизеро, ки ӯро васф нест? Мурид бирафт ва пурсид. Ҷавоб дод, ки: «Кун било васфин тудрику мо ло васфа лаҳу» - Бевасф бош, то бевасфро дарёбӣ! Ҷунайд чун ин бишнид, чанд рӯз дар азамати ин сухан фурӯ шуд; Гуфт: Дареғо, ки мурғе азим буд ва мо

қадри ӯ надонистем.

Нақл аст, ки гуфт: Орифро ҳафтод мақом аст, яке аз он ноёфти мурод аст аз муродоти ин ҷаҳон.

Ва гуфт: Орифро ҳоле аз ҳоле бознадорад ва манзилате аз манзилате бознадорад.

Ва гуфт: Ориф он аст, ки Ҳақ таоло аз сирри ӯ сухан гӯяд ва ӯ хомӯш.

Ва гуфт: Ориф он аст, ки Ҳақ таоло ӯро он манзилат дихад, ки аз сирри ӯ сухан гӯяд ва ӯ хомӯш бошад.

Ва гуфт: Ориф он аст, ки дар дараҷот мегардад, чунонки ҳеч чиз ӯро ҳичоб накунад ва бознадорад.

Ва гуфт: Маърифат ду қисм аст: Маърифати таарруф аст ва маърифати таъриф. Маърифати таарруф он аст, ки худро ба эшон ошно гардонад; ва маърифати таъриф он аст, ки эшонро шиносо гардонад.

Ва гуфт: Маърифат машғулӣ аст ба Худои таоло.

Ва гуфт: Маърифат макри Худой аст, яъне ҳар кӣ пиндорад, ки ориф аст, мамкур аст.

Ва гуфт: Маърифат вуҷуди ҷаҳл аст дар вақти ҳусули илми ту. Гуфтанд: Зиёдат кун! Гуфт: Орифу маъруф ӯст.

Ва гуфт: Илм чизе аст муҳит ва маърифат чизе аст муҳит, пас Худой куҷост? Ва банда куҷост? Яъне илм Худойрост ва маърифат бандаро; ва ҳар ду муҳит аст ва ин муҳит аз он аст, ки акси он аст; чун ин муҳит дар он муҳит фурӯ шавад, ширк намонад; ва ту Худой ва банда мегӯй, ширк менишинад. Балки ориф ва маъруф яке аст, чунонки гуфтаанд: Дар ҳақиқат ӯст ин ҷо, Худой ва банда куҷост? Яъне ҳама Худой аст.

Ва гуфт: Аввал илм аст, пас маърифат аст ба инкор, пас ҷуҳуд аст ба инкор, пас нафй аст, пас ғарқ аст, пас ҳалок. Ва чун парда бархезад, ҳама Худованди ҳичобанд.

Ва гуфт: Илм он аст, ки қадри хеш бидонӣ.

Ва гуфт: Исбот макр аст ва илм ба исботи макру ҳаракот ғадр аст ва он чи мавҷуд аст, дар дохили макру ғадр аст.

Ва гуфт: Илми тавҳид ҷудост аз вуҷуди ӯ ва вуҷуди ӯ муфориқи илм аст бад-ӯ.

Ва гуфт: Бист сол аст, то илми тавҳид барнавиштаанд ва мардумон дар ҳавошии ӯ сухан мегӯянд.

Ва гуфт: Тавҳиди Худой донистани қидами ӯ бувад аз ҳадас, яъне донӣ, ки агар сел дар дарё бошад, аммо на дарё бошад.

Ва гуфт: Ғояти тавҳид инкори тавҳид аст; яъне хар тавҳид, ки бидонӣ, инкор кунӣ, ки: ин на тавҳид аст.

Ва гуфт: Муҳаббат амонати Худой аст.

Ва гуфт: Ҳар муҳаббат, ки ба иваз бувад, чун иваз бархезад, муҳаббат бархезад.

Ва гуфт: Муҳаббат дуруст нашавад магар дар миёни ду тан, ки яке дигареро гӯяд: Эй ман!

Ва гуфт: Чун муҳаббат дуруст гардад, шарти адаб бияфтад.

Ва гуфт: Ҳақ таоло ҳаром гардонидааст муҳаббат бар соҳиби алоқат.

Ва гуфт: Муҳаббат ифроти майл аст бе найл.

Ва гуфт: Бе муҳаббати Худой ба Худой натвон расид, то ба ҷони хеш дар роҳи ӯ саховат накунӣ.

Ва гуфт: Унс ёфтан ба ваъдаҳо ва эътимод кардан бар он халал аст дар саховат.

Ва гуфт: Аҳли унс дар хилвату муноҷот чизҳо гӯянд, ки наздики ом куфр намояд, агар ом онро бишнаванд, эшонро такфир кунанд; ва эшон дар ахволи хеш бар он мазид ёбанд. Ва ҳар чӣ гӯянд эшонро эҳтимол кунанд ва лоиқи эшон ин бувад.

Ва гуфт: Мушоҳада ғарқ аст ва ваҷд ҳалокат.

Ва гуфт: Ваҷд зиндакунандаи ҳама аст ва мушоҳада миронандаи ҳама.

Ва гуфт: Мушоҳада иқомати рубубият аст ва изолати убудият ба шарти он ки ту дар миён ҳеч набинӣ.

Ва гуфт: Муояна шудани чизе бо ёфти зоти он чиз мушоҳада аст.

Ва гуфт: Ваҷд ҳалоки ваҷд аст.

Ва гуфт: Ваҷд инқитои авсоф аст дар зухури зот дар сурур, яъне он чи авсофи туии ту аст, мунқатеъ гардад ва он чи зоти ту аст, дар айни пирӯзӣ рӯй намояд.

Ва гуфт: Қурб ба ваҷд ҷамъ аст ва ғайбати ӯ дар башарият тафриқа.

Ва гуфт: Мурокабат он бувад, ки тарсанда бошад бар

фавт шудани насибе, ки эшонро аз Худой ҳаст.

Ва пурсиданд, ки: Фарқ чист миёни мурокабат ва ҳаё? Гуфт: Мурокабат интизори ғоиб аст ва ҳаё хичлат аз ҳозири мушоҳада.

Ва гуфт: Вақт чун фавт шавад, ҳаргиз натвон ёфт ва ҳеч чиз азизтар аз вақт нест.

Ва гуфт: Агар содиқе ҳазор сол рӯй ба Ҳақ орад, пас як лаҳза аз Ҳақ эъроз кунад, он чӣ дар он лаҳза аз ӯ фавт шуда бошад, беш аз он бувад, ки дар он ҳазор сол ҳосил карда буд; яъне дар он як лаҳза ҳосил тавонистӣ кард, он чӣ дар он ҳазор сол ҳосил накардӣ. Ва дигар маънӣ он аст, ки мотами мазаррати зоеъ шудани ҳузури он як лаҳза, ки аз Худой эъроз карда бошад, ба ҳазор сол тоат ва он ҳузур ҷазои беадабе натвон кард.

Ва гуфт: Ҳеч чиз бар авлиё сахттар аз нигоҳдошти анфос дар авқот нест.

Ва гуфт: Убудият ду хислат аст: сидқи ифтиқор ба Худой дар ниҳон ва ошкор ва ба некӣ иктидо кардан ба расули Худои таоло.

Ва гуфт: Убудият тарки машғалаҳост ва машғул будан бад-он чӣ асли фароғат аст.

Ва гуфт: Убудият тарк кардани ин ду нисбат аст: яке сокин шудан дар лаззат ва дуввум эътимод кардан бар ҳаракат; чун ин ҳар ду гум шуд, ин чо ҳакки убудият гузорида омад.

Ва гуфт: Шукр он аст, ки нафси худро аз аҳли неъмат нашмарад.

Ва гуфт: Шукрро иллате аст ва он он аст, ки нафси худро мазид бад-он мутолабат кунад ва бо Худой истода бошад ба ҳаззи нафс.

Ва гуфт: Ҳадди зӯҳд тихидаст будан аст ва холӣ будан аз машғалаи он.

Ва гуфт: Ҳақиқати сидқ он аст, ки рост гӯй дар мухимтарин коре, ки аз ӯ начот наёбӣ магар ба дурӯғ.

Ва гуфт: Ҳеч кас нест, ки талаби сидқ кунад, ки наёбад; ва агар ҳама наёбад, баъзе биёбад.

Ва гуфт: Содиқ рӯзе чиҳил бор аз ҳоле ба ҳоле бигардад ва мурой чиҳил сол бар як ҳол бимонад.

Ва гуфт: Аломати фуқарои содиқ он аст, ки суол накунанд ва муораза накунанд; ва агар касе бо эшон муораза кунад, хомӯш шаванд.

Ва гуфт: Тасдиқ зиёдат шавад ва нуқсон нагирад; ва иқрори забон на зиёдат шавад ва нуқсон пазирад ва амали аркон зиёдат шавад ва нуқсон пазирад.

Ва гуфт: Сабр бозdoштан аст нафсро бо Худой, бе он ки ҷазаъ кунад.

Ва гуфт: Ғояти сабр таваккул аст, «қола-л-Лоҳу таъоло: «ал-Лазина сабару ва ало Раббиҳим йатаваккалуна» (Сураи Нахл, ояти 42).

Ва гуфт: Сабр фурӯ хӯрдани талхиҳост ва рӯй туруш нокардан.

Ва гуфт: Таваккул он аст, ки хӯрдани бе таом аст, яъне таом дар миён набинад.

Ва гуфт: Таваккул он аст, ки Худойро бошӣ, чунонки пеш аз ин ки набудӣ, Худойро будӣ.

Ва гуфт: Пеш аз ин таваккул ҳақиқат буд, имрӯз илм аст.

Ва гуфт: Таваккул на касб кардан ва на нокардан, лекин сукуни дил аст ба ваъдаи Ҳақ таоло, ки додааст.

Ва гуфт: Якин қарор гирифтани илме бувад дар дил, ки ба ҳеч ҳол нагардад ва аз дил холӣ набувад.

Ва гуфт: Яқин он аст, ки азми ризқ накунӣ ва андӯхи ризқ нахӯрӣ; ва он аз ту кифоят ояд. Ва он аст, ки ба илме, ки бар гардани ту кардаанд, машғул бошӣ, ки ба яқин ӯ ризқи ту ба ту расонад.

Ва гуфт: Футувват он аст, ки бо дарвешон нифор накунӣ ва бо тавонгарон муораза накунӣ.

Ва гуфт: Ҷавонмардӣ он аст, ки бори худ бар халқ нанихӣ ва он чӣ дорӣ, базл кунӣ.

Ва гуфт: Тавозӯъ он аст, ки такаббур накунӣ бар аҳли хар ду сарой, ки мустағни бошӣ ба Ҳақ.

Ва гуфт: Хулқ чаҳор чиз аст: саховату улфат ва насиҳату шафқат.

Ва гуфт: Сӯҳбат бо фосиқони некӯхӯ дӯсттар дорам аз он ки бо қуррои бадхӯ.

Ва гуфт: Ҳаё дидани олост ва дидани тақсир. Пас, аз

ин ҳар ду ҳолат ҳолате зояд, ки онро ҳаё гӯянд.

Ва гуфт: Иноят пеш аз обу гил будааст.

Ва гуфт: Ҳол чизе аст, ки ба дил фурӯ ояд, аммо доим набувад.

Ва гуфт: Ризо он аст, ки балоро неъмате шумарӣ.

Ва гуфт: Фақр дарёи бало аст.

Ва гуфт: Фақр холӣ шудани дил аст аз ашкол.

Ва гуфт: Хавф он аст, ки берун кунӣ ҳаром аз ҷавф ва тарки амал гирӣ ба «асо» ва «савфа».

Ва гуфт: Савм нисфе аст аз тариқат.

Ва гуфт: Тавбаро се маънӣ аст: аввал, надомат; дуввум, азм бар тарки муовадат; саввум, худро пок кардан аз мазолим ва хусумат.

Ва гуфт: Ҳақиқати зикр фонӣ шудани зокир аст дар зикр ва зикр дар мушоҳадаи мазкур.

Ва гуфт: Макр он аст, ки бар об меравад ва бар ҳаво меравад; ва ҳама ӯро дар ин тасдиқ мекунанд ва ишороти ӯро дар ин тасҳеҳ мекунанд. Ин ҳама, макр бувад кассро, ки донад.

Ва гуфт: Эмин будани мурид аз макр аз кабоир бувад ва эмин будани восил аз макр куфр бувад.

Пурсиданд, ки: Чӣ ҳолат аст, ки мард оромида бошад, чун самоъ шунавад, изтироб дар вай падид ояд? Гуфт: Ҳақ таоло зуррияти Одамро дар мисоқ хитоб кард, ки: «Аласту бираббикум?» (Сураи Аъроф, ояти 172). Ҳамаи арвоҳ мустағрақи лаззати он хитоб шуданд; чун дар ин олам самоъ шунаванд, дар ҳаракат ва изтироб оянд.

Ва гуфт: Тасаввуф софӣ кардани дил аст аз муроҷаати хилқат ва муфорақат аз ахлоқи табиат ва фурӯ миронидани сифоти башарият ва дур будан аз давоии нафсонӣ ва фуруд омадан бар сифоти рӯҳонӣ ва баланд шудан ба улуми ҳақиқӣ ва ба кор доштани он чӣ авлотар аст илалабад ва насиҳат кардани ҷумлаи уммат ва вафо ба ҷой овардан бар ҳақиқат ва мутобаати пайғамбар кардан дар шариат.

Ва боз пурсиданд аз тасаввуф. Гуфт: Анут аст, ки дар вай ҳеч сулҳ набувад.

Ва Рувайм пурсид аз зоти тасаввуф. Гуфт: Бар ту бод, ки дур бошӣ аз ин сухан! Тасаввуф ба зоҳир мегир ва аз

зоти вай суол макун! Пас Рувайм илҳоҳ кард. Гуфт: Суфиён кавмеанд коим бо Худованд, чунонки эшонро надонад, илло Худой.

Пурсиданд: Аз ҳамаи зиштиҳо чӣ зишттар? Гуфт: Суфиро бухл.

Аз тавҳид суол карданд, гуфт: Маънӣ он аст, ки ночиз шавад дар вай русум; ва нопайдо гардад дар вай улум; ва Худой бувад, чунонки бувад ҳамеша ва бошад; фано ва нукс гирди ӯ роҳ наёбад.

Ва боз гуфтанд: Тавҳид чист? Гуфт: Сифати бандагӣ ҳама зулл аст ва аҷзу заъф ва истиконат; ва сифати Худованд ҳама иззу қудрат. Ҳар кӣ ин ҷудо тавонад кард, бо он ки гум шудааст, муваҳҳид аст.

Боз пурсиданд аз тавҳид. Гуфт: Якин аст. Гуфтанд: Чӣ гуна? Гуфт: Он, ки бишносӣ, ки ҳаракот ва саканоти халқ феъли Худой аст, ки касеро бо ӯ ширкат нест. Чун ин ба ҷой овардӣ, шарти тавҳид ба ҷой овардӣ.

Суол карданд аз фано ва бақо. Гуфт: Бақо Ҳақрост ва фано модуни ӯро. Гуфтанд: Тачрид чист? Гуфт: Он, ки зоҳири ӯ муҷаррад бувад аз эъроз ва ботини ӯ аз ағроз.

Суол карданд аз муҳаббат. Гуфт: Он, ки сифоти маҳбуб бадали сифоти мухиб(б) биншинад. «Қола Расулу-л-Лоҳи, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Фаизо аҳбабтуҳу кунту лаҳу самъан ва басаран».

Суол карданд аз унс. Гуфт: Он бувад, ки ҳашмат бархезад.

Суол карданд аз тафаккур. Гуфт: Дар ин чанд вачҳ аст: тафаккуре аст дар оёти Худой ва аломаташ он бувад, ки аз ӯ маърифат зояд; ва тафаккуре аст дар оло ва наъмои Худой, ки аз ӯ муҳаббат зояд; ва тафаккуре аст дар ваъдаи Худой ва аз ӯ ҳайбат зояд; ва тафаккуре аст дар сифоти нафс ва дар эҳсон кардани Худой бо нафс, аз ӯ ҳаё зояд аз Худои таоло. Ва агар касе гӯяд: Чаро аз фикрат дар ваъда ҳайбат зояд? Гӯям: Аз эътимод бар карами Худой аз Худой бигурезад ва ба маъсият машғул шавад.

Суол карданд аз таҳқиқи банда дар убудият. Гуфт: Чун банда ҷумлаи ашёро милки Худой бинад ва падид омадани ҷумла аз Худой бинад ва киёми ҷумла ба Худой бинад ва

марчаи чумла ба Худой бинад, чунонки Худои таборак ва таоло фармудааст: «Фасубҳона-л-лазӣ бийадиҳи малакуту кулли шайъин ва илайҳи турчаъун» (Сураи Ёсин, ояти 83). Ва ин ҳама ӯро муҳаққақ бувад, ба сафвати убудият расида бувад.

Суол карданд аз ҳақиқати муроқабат. Гуфт: Ҳолате аст, ки муроқабат интизор мекунад, он чӣ аз вуқӯи ӯ тарсад; лочарам халқе бувад, чунонки касе аз шабехун тарсад, нахусбад. «Қола-л-Лоҳу таъоло: «Фартақиб!» (Сураи Духон, ояти 10 ва 59). Яъне «Фантазир!»

Суол карданд аз содиқу сиддиқ ва сидқ. Гуфт: Сидқ сифати содиқ аст ва содиқ он аст, ки чун ӯро бинӣ, чунон бинӣ, ки шунуда бошӣ хабари ӯ ва чун муояна бувад, балки хабари ӯ агар як бор ба ту расида бувад, ҳамаи умраш ҳамчунон ёбӣ. Ва сиддиқ он аст, ки пайваста бувад сидқи ӯ дар афъолу ақвол ва аҳвол.

Пурсиданд аз ихлос. Гуфт: «Фарзун фӣ фарзин ва нафлун фӣ нафлин». Гуфт: Ихлос фариза аст дар ҳар чӣ фариза бувад, чун намоз ва ғайри он. Ва намоз, ки фариза аст, фарз аст дар суннат баихлос будан; ва баихлос будан мағзи намоз бувад ва намоз мағзи суннат.

Ва ҳам аз ихлос пурсиданд. Гуфт: Фано аст аз феъли хеш ва бардоштани феъли хеш дидан аз пеш.

Ва гуфт: Ихлос он аст, ки берун орӣ халқро аз муомалаи Худой ва нафс, яъне даъвои рубубият мекунад.

Суол карданд аз хавф. Гуфт: Чашм доштани уқубат аст дар ҳар нафасе. Гуфтанд: Балои у чӣ кор кунад? Гуфт: Бӯтае аст, ки мардро полояд, ҳар кӣ дар ин бӯта полуда гашт, ҳаргиз ӯро бало нанамояд.

Суол карданд аз шафқат бар халқ. Гуфт: Шафқат бар халқ он аст, ки ба тавъ ба эшон диҳӣ, он чӣ талаб мекунанд ва боре бар эшон наниҳӣ, ки токати он надоранд ва сухане нагӯӣ, ки надонанд.

Гуфтанд: Танҳо будан кай дуруст ояд? Гуфт: Вақте ки аз нафси хеш узлат гирӣ; ва он чӣ туро дӣ навиштаанд, имрӯз дарси ту шавад.

Гуфтанд: Азизтарини халқ кист? Гуфт: Дарвеши розӣ.

Гуфтанд: Сӯҳбат бо кӣ дорем? Гуфт: Бо касе, ки ҳар

некӣ, ки бо ту карда бошад, бар вай фаромӯш бувад; ва он чӣ бар вай бувад, мегузорад.

Гуфтанд: Ҳеҷ чиз фозилтар аз гиристан ҳаст? Гуфт: Гиристан бар гиристан.

Гуфтанд: Банда кист? Гуфт: Он, ки аз бандагии касони дигар озод бувад.

Гуфтанд: Мурид ва мурод кист? Гуфт: Мурид дар сиёсат бувад аз илм ва мурод дар риояти Ҳақ бувад; зеро ки мурид даванда бувад ва мурод баранда, даванда дар баранда кай расад.

Гуфтанд: Роҳ ба Худо чӣ гуна аст? Гуфт: Дунёро тарк гирӣ, ёфтӣ; ва хилофи ҳаво кардӣ, ба Ҳақ пайвастӣ.

Гуфтанд: Тавозуъ чист? Гуфт: Фурӯ доштани сар ва пахлӯ ба зер доштан.

Гуфтанд, ки: Мегӯй, ҳиҷоб се аст: нафсу халқ ва дунё. Гуфт: Ин се ҳиҷоби ом аст. Ҳиҷоби хос се аст: диди тоат ва диди савобу диди каромат.

Ва гуфт: Зиллати олим майл аст аз ҳалол ба ҳаром ва зиллати зоҳид майл аст аз бақо ба фано ва зиллати ориф майл аст аз карим ба каромат.

Гуфтанд: Фарқ миёни дили мӯъмин ва мунофиқ чист? Гуфт: Дили мӯъмин дар соате ҳафтод бор бигардад ва дили мунофиқ ҳафтод сол бар як ҳол бимонад.

Нақл аст, ки Ҷунайдро диданд, ки мегуфт: Ё раб! Фардои қиёмат маро нобино ангез! Гуфтанд: Ин чӣ дуост? Гуфт: Аз он ки то касеро, ки туро набинад, ӯро набояд дид.

Чун вафоташ наздик омад, гуфт: Хонро бикашед ва суфра бинҳед, то ба ҷумҷумаи даҳан хӯрдани асҳоб ҷон бидиҳам. Чун кор танг даромад, гуфт: Маро вузуъ дихед! Магар дар вузуъ тахлил фаромӯш карданд. Фармуд, то тахлил ба ҷой оварданд, пас дар сучуд афтод ва мегирист. Гуфтанд: Эй саййиди тариқат! Бо ин тоат ва ибодат, ки аз пеш фиристодай, чӣ вақти сучуд аст? Гуфт: Ҳеҷ вақт Ҷунайд мӯҳтоҷтар аз ин соат нест. Ва ҳолӣ Қуръон хондан оғоз кард ва мехонд. Муриде гуфт: Қуръон мехонӣ! Гуфт: Авлотар аз ман бад-ин кӣ хоҳад буд, ки ин соат саҳифаи умри ман дархоҳанд навардид ва ҳафтодсола тоат ва ибодати худро мебинам дар ҳаво ба як мӯй овехта; ва боде даромада ва

онро мечунбонад, намедонам, ки боди қатеат аст, ё боди васлат? Ва бар як ҷониб сирот ва бар як ҷониб малакулмавт ва козӣ, - ки адл сифати ӯст, - майл накунад. Ва роҳе пеши ман ниҳодаанд, ки намедонам, ки маро ба кадом рох хоҳанд бурд?

Пас Қуръон хатм кард ва аз «Сурату-л-бақара» ҳафтод оят бархонд ва кор танг даромад. Гуфтанд: Бигӯй, Аллоҳ! Гуфт: Фаромӯш накардаам. Пас дар тасбеҳ ангушт икд мекард, то чаҳор ангушт икд гирифт ва ангушти мусаббаҳаро гузошт ва гуфт: «Бисмилоҳи-р-раҳмони-р-раҳим»; Ва дида фароз кард ва ҷон бидод. Ғассол ба вақти ғусл хост, то обе ба чашми вай расонад. Ҳотифе овоз дод, ки : Даст аз дидаи дӯсти мо бидор! Ки чашме, ки ба номи мо баста шуд, ҷуз ба лиқои мо боз нагардад. Пас хост, то ангушт, ки икд карда буд, боз кунад, овоз омад, ки: Ангуште, ки ба номи мо икд шуд, ҷуз ба фармони мо боз гушода нагардад.

Ва чун ҷаноза бардоштанд, кабӯтаре сафед бар гӯшаи ҷаноза биншаст; ҳарчанд ки меронданд, намерафт, то овоз дод, ки: Худрову маро ранҷа мадоред, ки ҷанги ман ба мисмори ишқ бар гӯшаи ҷаноза дӯхтаанд, ман аз баҳри он нишастаам. Шумо ранҷ мабаред, ки имрӯз қолиби ӯ насиби каррубиён аст, ки агар ғавғои шумо набудӣ, колбади ӯ чун бози сафед дар ҳаво бо мо паридӣ.

Яке ӯро ба хоб дид, гуфт: Ҷавоби Мункар ва Накир чун додӣ? Гуфт: Чун он ду муқарраб аз даргоҳи иззат бо он ҳайбат биёмаданд ва гуфтанд: «Ман Раббука?» Ман дар эшон нигаристам ва хандидам ва гуфтам: Он рӯз, ки пурсанда ӯ бувад аз ман, ки: «Аласту бираббикум?» (Сураи Аъроф, ояти 172). Ман будам, ки ҷавоб додам, ки: «Бало!» (Сураи Аъроф, ояти 172). Акнун шумо омадаед, ки: Худои ту кист? Касе, ки ҷавоби султон дода бошад, аз ғулом кай андешад. Ҳам имрӯз ба забони ӯ мегӯям: «ал-Лазӣ халақанӣ фаҳува йаҳдин» (Сураи Шуаро, ояти 78). Ба ҳурмат аз пеши ман бирафтанд ва гуфтанд: Ӯ ҳанӯз дар сукри муҳаббат аст.

Дигаре (ӯро) ба хоб дид, гуфт: Кори худро чун дидӣ? Гуфт: Кор ғайр аз он буд, ки мо донистем, ки саду анд ҳазор нуқтаи нубувват сарафганда ва хомӯшанд ва мо низ хомӯш шудем, то кор чӣ гуна шавад?

Ҷурайрӣ гуфт: Ҷунайдро ба хоб дидам. Гуфтам: Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Раҳмат кард ва он ҳама ишорот ва иборот бод бурд, магар он ду ракъат намоз, ки дар ними шаб кардам.

Нақл аст, ки як рӯз Шиблӣ бар сари хоки Ҷунайд истода буд. Яке аз вай масъала пурсид. Ҷавоб надод ва гуфт: Шеър.

Инна лаастаҳиҳи ва-т-туробу байнано
Камо кунту астаҳиҳи ва ҳува йарони

Бузургонро ҳоли ҳаёт ва мамот яке аст, ман шарм дорам, ки пеши хоки у ҷавоби масъала диҳам, ҳамчунонки дар ҳоли ҳаёт шарм доштам, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

44. ЗИКРИ АМР ИБНИ УСМОНИ МАККӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он шайхушшуюхи тариқат, он асли усул ба ҳақиқат, он шамъи олам, он чароғи ҳарам, он инсони малакӣ, Амр ибни Усмони Маккӣ, раҳмату-л -Лоҳи алайҳ.

Аз бузургони тариқат ва (аз) содоти ин қавм буд; ва аз мӯҳташамон ва мӯътабарони ин тоифа буд; ва ҳама мунқоди ӯ буданд ва сухани ӯ пеши ҳама мақбул буд. Ва ба риёзату вараъ махсус ва ба ҳақоиқу латоиф мавсуф; ва рӯзгори сутуда дошт; ва ҳаргиз сукрро бар худ даст надод ва дар сухв рафт. Ва тасонифи латиф дорад дар ин тариқ ва калимоте олӣ.

Ва иродати ӯ ба Ҷунайд буд, баъд аз он ки Абӯсаиди Харрозро дида буд. Ва пири ҳарам буд ва солҳои дароз дар он ҷо мӯътакиф буд.

Нақл аст, ки Ҳусайн Мансури Ҳаллочро дид, ки чизе менавишт. Гуфт: Чӣ менависӣ? Гуфт, ки: Чизе менависам, ки бо Қуръон муқобала кунам. Амр ибни Усмон ӯро дуои бад кард ва аз пеши худ маҳҷур кард. Пирон гуфтанд: Ҳар чӣ бар Ҳусайн омад аз он балоҳо, ба сабаби дуои ӯ буд.

Нақл аст, ки рӯзе тарҷумаи ганҷнома бар коғазе навишта буд ва дар зери саҷҷода ниҳода буд ва ба таҳорат рафта буд. Дар мутаваззо хабар шуд. Ходимро гуфт, то он ҷузвро бардорад. Чун ходим биёмад, наёфт. Бо шайх гуфт. Шайх гуфт: Бурданд ва рафт. Пас гуфт: Он кас, ки он ганҷнома бурд, зуд бошад, ки дастҳояш бибуранд ва пойҳояш бибуранд ва бар дораш кунанд ва бисӯзанд ва хокистараш бар бод диҳанд. Ӯро ба сари ганҷ мебояд расид, ӯ ганҷнома медуздад!

Ва он ганҷнома ин буд, ки гуфт: Он вақт, ки ҷон дар қолаби Одам, алайҳи-с-салом, омад, ҷумлаи фариштагонро суҷуд фармуд. Ҳама сар бар хок ниҳоданд. Иблис гуфт, ки: Ман саҷда накунам ва ҷон бибозам ва сирр бубинам, ки

шояд, ки лаънатам кунанд ва тоғиву фосиқ ва муроӣ хонанд. Сачда накард, то сирри одамиро бидид ва бидонист. Лочарам ба чуз Иблис хеч касро бар сирри одамӣ вуқуф нест ва касе сирри Иблис надонист, магар одамӣ. Пас Иблис бар сирри одамӣ вуқуф ёфт, аз он ки сачда накард, то бидид, ки ба сирри дидан машғул буд; ва Иблис аз ҳама мардуд буд, ки бар дидаи ӯ ганҷ ниҳода буданд. Гуфтанд: Мо ганче дар хок ниҳодем ва шарти ганҷ он аст, ки як тан бинад, аммо сараш бибуранд, то ғаммозӣ накунад. Пас Иблис фарёд баровард, ки: Андар ин мӯҳлатам дех! Ва маро макуш, валекин ман марди ганчам. Ганҷ бар дидаи ман ниҳоданд ва ин дида ба саломат наравад. Самсоми лоуболӣ фармуд, ки: «Иннака мина-л-мунзарин» (Сураи Аъроф, ояти 15); Туро мӯҳлат додем, валекин муттаҳамат гардонидем, то агар ҳалок накунем, муттаҳам ва дурӯғзан бошӣ ва ҳеч кас ростгӯй надонад, то гӯянд: «Кона мин ал-чинни фафасақа ан амри Раббиҳи» (Сураи Каҳф, ояти 50); Ӯ шайтон аст, рост аз кучо гӯяд? Лочарам малъун асту матруд ва махзул асту маҷҳул. Ва тарчумаи ганҷномаи Амр ибни Усмон ин буд.

Ва ҳам ӯ дар китоби "Маҳаббат" гуфтааст, ки: Ҳақ таоло дилҳоро биёфарид пеш аз чонҳо ба ҳафт ҳазор сол ва дар равзаи унс бидошт. Ва сиррҳоро пеш аз дилҳо биёфарид - ба ҳафт ҳазор сол - ва дар дараҷаи васл бидошт. Ва ҳар рӯз сесаду шаст назари каромат ва калимаи муҳаббат чонҳоро мешунавонид; ва сесаду шаст латифаи унс бар дилҳо зоҳир кард ва сесаду шаст бор кашфи чамол бар сирр тачаллӣ кард, то чумла дар кавн нигоҳ карданд ва аз худ гиромитар кас надиданд. Заҳве ва фахре дар миёни эшон падид омад. Ҳақ таоло бад-он бар эшон имтиҳон кард: сирро дар чон ба зиндон кард ва чонро дар дил махбус гардонид ва дилро дар тан боздошт. Он гоҳ ақлро дар эшон мураккаб гардонид; ва анбиёро фиристод ва фармонҳоро бидод. Он гоҳ ҳар касе аз аҳли он мар мақоми худро чӯён шуданд. Ҳақ таоло намозашон фармуд. То тан дар намоз шуд, дил дар муҳаббат пайваст, чон бар қурбат расид, сирр ба васлат қарор гирифт.

Накл аст, ки аз ҳарам ба Ирок номае навишт ба Чунайд ва Чурайрӣ ва Шиблӣ, ки: Бидонед шумо, ки азизон ва пирони Ирокед, ҳар киро замини Ҳичоз ва чамоли Каъба

бояд, гӯяд: «Лам такуну болиғиҳи илло бишиққи-л-анфус» (Сураи Наҳл, 7) Ва ҳар киро бисоти қурб ва даргоҳи иззат бояд гӯяд: «Лам такуну болиғиҳи илло бишиққи-л-арвоҳ». Ва дар охири нома навишт, ки: Ин хатте аст аз Амр ибни Усмони Маккӣ; ва ин пирони Ҳиҷоз, ки ҳама бо худанд ва дар худанд ва бар худанд ва агар аз шумо касе ҳаст, ки ҳиммати баланд дорад, гӯ: Дарой дар ин роҳ, ки дар вай ду ҳазор кӯҳи оташин аст ва ду ҳазор дарёи муғриқи мӯҳлик. Ва агар ин пойгоҳ надоред, даъвӣ макунед! Ки ба даъвӣ ҳеч намедиҳанд. Чун нома ба Ҷунайд расид, пирони Ироқро ҷамъ кард ва нома бар эшон хонд. Он гоҳ Ҷунайд гуфт: Биёед ва бигӯед, ки аз ин кӯҳҳо чӣ хостааст? То гуфтанд, ки: Аз ин кӯҳҳо мурод нестии мард аст, ки то мард ҳазор бор нест нашавад ва ҳазор бор ҳаст нагардад, ба даргоҳи иззат нарасад. Пас Ҷунайд гуфт: Ман аз ин ду ҳазор кӯҳи оташин, яке беш ба сар набурдаам. Ҷурайрӣ гуфт: Давлат туро, ки охир яке буридӣ, ки ман ҳанӯз се қадам беш набуридаам. Шибли ба ҳой-ҳой бигирист ва гуфт: Хунук туро, эй Ҷунайд, ки як кӯҳи оташин буридӣ! Ва хунук туро, ки се қадам буридӣ; ки ман ҳанӯз гард аз дур надидаам.

Нақл аст, ки: чун Амр ибни Усмон ба Сифоҳон омад, ҷавоне ба сӯҳбати ӯ пайваст. Пас он ҷавон бемор шуд ва муддате ранҷ бикашид. Рӯзе ҷамъе ба аёдат омаданд, шайхро ишорат кард, ки: Қавволро бигӯй, то байте баргӯяд. Амр бо қаввол гуфт: Ин байт баргӯй! Шеър:

«Мо лӣ маризту фалам йаъудниӣ оидун
Минкум, ва йамразу абдукум, фаъуду»

Бемор чун ин бишнид, дарҳол сиҳҳат ёфт ва яке аз бузургони тариқат шуд.

Пурсиданд аз маънии: «Афаман шараҳа-л-Лоҳу садраҳу ли-л-ислом» (Сураи Зумар, ояти 22). Гуфт: Маънӣ он аст, ки чун назари банда бар азамати илми ваҳдоният ва ҷалоли рубубият афтод, нобино шавад баъд аз он, аз ҳар чӣ назар бар ӯ афтад.

Ва гуфт: Бар ту бод, ки парҳез кунӣ аз тафаккур кардан дар чизе аз азамати Худой, ё дар чизе аз сифоти Худой, ки

тафаккур дар Худой маъсият аст ва куфр.

Ва гуфт: Ҷамъ он аст, ки Ҳақ таоло хитоб кард бандагонро дар мисоқ; ва тафриқа он аст, ки иборат мекунад аз ӯ бо вуҷуд ба ҳам.

Ва гуфт: Иборат бар кайфияти вачди дӯстон наяфтад, аз он ки ӯ сирри Ҳақ аст наздики мӯъминон.

Ва гуфт: Аввали мушоҳада қурбат аст ва маърифат ба илмулякин ва ҳақоиқи он.

Ва гуфт: Аввали мушоҳада завоиди якин аст ва аввали якин охири ҳақиқат аст.

Ва гуфт: Муҳаббат дохил аст дар ризо ва ризо низ дар муҳаббат; аз ҷиҳати он ки дӯст надорӣ магар он ки бад-он розӣ бошӣ ва розӣ набошӣ, магар бад-он чӣ дӯст дорӣ.

Ва гуфт: Тасаввуф он аст, ки банда дар ҳар вақте машғул ба чизе бувад, ки дар он вақт он авлотар.

Ва гуфт: Сабр истодан бувад бо Худой ва гирифтани бало ба хушӣ ва осонӣ. «Ва-л-Лоҳу аъламу би-с-савоби ва илайҳи-л-марҷаъи ва-л-маоб».

45. ЗИКРИ АБЎСАИДИ ХАРРОЗ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он пухтаи ҷаҳони қудс, он сўхтаи мақоми унс, он қудваи торумии тариқат, он ғарқаи қулзуми ҳақиқат, он муаззами олами эъзоз, қутби вақт, Абусаиди Харроз, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз машоихи кибор ва аз қудамои эшон буд ва ишрофе азим дошт. Дар вараъ ва риёзат бағоят буд ва ба каромат махсус ва дар ҳақоиқу дақоиқ ба камол ва дар ҳама фан бар сар омада буд. Ва дар мурид парвардан ояте буд.

Ва ўро «Лисону-т-тасаввуф» гуфтанд; ва ин лақаб аз баҳри он доданд, ки дар ин уммат касро забони ҳақиқат чунон набуд, ки ўро. Дар ин илм ўро чаҳорсад китоб тасниф аст.

Ва дар тачриду инқитоъ беҳамто буд.

Ва асли ў аз Бағдод буд ва Зуннуни Мисриро дида буд ва бо Бишру Сарии Сақатӣ сўҳбат дошта буд. Ва дар тариқат муҷтаҳид буд.

Ва ибтидо иборат аз ҳолати бақо ва фано ў кард. Ва тариқати худро дар ин ду иборат мутазаммин гардонид. Ва дар дақоиқи улум баъзе аз уламои зоҳир бар вай инкор карданд ва ўро ба куфр мансуб карданд ба баъзе алфоз, ки дар тасонифи ў диданд. Ва он китоб(ро) «Китобу-с-сирри» ном карда буд, маънии он фаҳм накарданд, яке ин буд, ки гуфта буд: «Инна абдан рачаъа ила-л-Лоҳи, ва тааллақа би-л-Лоҳи ва сакана фӣ курби-л-Лоҳи қад насийа нафсаҳу ва мо сива-л-Лоҳ; фалав қулта лаҳу мин айна анта, ва эйш туриду? Лам якун лаҳу ҷавобун ғайра-л-Лоҳи». - Гуфт: Чун банда ба Худой ручў кунад ва тааллуқ ба Худой гирад ва дар курби Худой сокин шавад; ҳам нафси хешро, ҳам мосиваллоҳро фаромўш кунад. Агар ўро гўянд: Ту аз кучой ва чӣ хоҳи? Ўро ҳеч ҷавоб хубтар аз он набошад, ки гўяд:

Аллоҳ.

Ва дар сифати ин қавм, - ки ӯ мегӯяд, ки баъзеро аз ин қавм гӯянд, ки: Ту чӣ мехоҳӣ? Гӯяд: Аллоҳ - агар чунон бувад, ки андомҳои ӯ дар тани ӯ ба сухан ояд, ҳама гӯяд: Аллоҳ, ки аъзо ва мафосили ӯ пуропур омада бувад аз нуриллоҳ, ки маҷзуб аст дар вай. Пас дар қурб ба ғояте расад, ки ҳеч кас натвонад, ки дар пеши ӯ гӯяд: Аллоҳ, аз ҷиҳати он ки он ҷо ҳар чӣ равад, аз ҳақиқат равад бар ҳақиқат; ва аз Худой равад бар Худой. Чун ин ҷо ҳеч аз Аллоҳ ба сар наёмада бошад, чӣ гуна касе гӯяд: Аллоҳ? Ҷумлаи ақли уқало ин ҷо расад, дар ҳайрат бимонад. Тамом шуд ин сухан.

Ва гуфт: Солҳо бо суфиён сӯҳбат доштам, ки ҳаргиз миёни ману эшон мухолафат набуд аз он, ки ҳам бо эшон будам ва ҳам бо худ.

Ва гуфт: Ҳамаро мухайяр карданд миёни қурб ва буъд; ман буъдро ихтиёр кардам, ки маро тоқати қурб набуд. Чунонки Луқмон гуфт: Маро мухайяр гардониданд миёни ҳикмат ва нубувват; ман ҳикмат ихтиёр кардам, ки маро тоқати бори нубувват набуд.

Ва гуфт: Шабе дар хоб дидам, ки ду фариштa аз осмон биёмаданд ва маро гуфтанд: Сидқ чист? Гуфтам: «ал-Вафо би-л-уҳуд». Гуфтанд: «Саддақта» ва ҳар ду ба осмон рафтанд.

Ва гуфт: Шабе расул, алайҳи-с-саломро ба хоб дидам. Фармуд, ки: Маро дӯст дорӣ? Гуфтам: Маъзурам фармой, ки дӯстии Худой маро машғул кардааст аз дӯстии ту. Гуфт: Ҳар кӣ Худойро дӯст дорад, маро дӯст дошта бувад.

Ва гуфт: Иблисро ба хоб дидам. Асо баргирифтам, то ӯро бизанам. Ҳотифе овоз дод, ки: Ӯ аз асо натарсад, аз нуре тарсад, ки дар дили ту бошад. Гуфтам: Биё! Гуфт: Шуморо чӣ кунам, ки бияндохтаед он чӣ ман мардумонро бад-он фиребам. Гуфтам: Он чист? Гуфт: Дунё. Чун аз ман баргузашт, бознигарид ва гуфт: Маро дар шумо латифае аст, ки бад-он муроди худ биёбам. Гуфтам: Он чист? Гуфт: Нишастан бо кӯдакон.

Ва гуфт: Ба Димишқ будам, расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро ба хоб дидам, ки меомад ва бар Абубакр ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, такя зада буд. Ва ман байте бо

худ мегуфтам ва ангушт бар сина мезадам. Расул, алайҳи-с-салом, фармуд, ки: Шарри ин аз хайри ин беш аст, яъне самоъ набояд кард.

Нақл аст, ки Абӯсаиди Харрозро ду писар буд, яке пеш аз вай вафот кард. Шабе ӯро ба хоб дид, гуфт: Эй писар! Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: Маро дар ҷавори худ фуруд овард ва гиромӣ кард. Гуфтам: Эй писар! Маро васият кун. Гуфт: Эй падар! Ба баддилӣ бо Худой муомала макун! Гуфтам: Зиёдат кун! Гуфт: Эй падар! Агар гӯям, тоқат надорӣ. Гуфтам: Аз Худой ёрӣ хоҳам. Гуфт: Эй падар! Миёни худ ва Худои таоло як пираҳан магузор! Нақл аст, ки: Сӣ сол баъд аз ин бизист, ки ҳаргиз пироҳане дигар напӯшид.

Ва гуфт: Вақте нафсам маро бар он дошт, ки аз Худой чизе хоҳам. Ҳотифе овоз дод, ки: Ба ҷуз Худой чизе дигар мехоҳӣ? Лоҷарам сухани ӯст, ки гуфт: Аз Худой шарм дорам, ки барои рӯзӣ чизе ҷамъ кунам, баъд аз он ки ӯ замон кардааст.

Ва гуфт: Вақте дар бодия мерафтам. Гуруснагӣ ғалаба кард ва нафс чизе мутолаба кард, то аз Худой таом хоҳам. Гуфтам: Таом хостан кори мутаваккилон нест. Ҳеч нагуфтам. Чун нафс ноумед шуд, макри дигар сохт, гуфт: Таом намехоҳӣ, боре сабр хоҳ! Қасд кардам, то сабр ҳоҳам. Исмати Ҳақ маро дарёфт, овозе шунидам, ки касе мегӯяд, ки: Ин дӯсти мо мегӯяд, ки мо бад-ӯ наздикем ва муқаррар аст, ки мо он касро, ки сӯи мо ояд, зоеъ нагузорем, то аз мо қуввати сабр мехоҳад; ва аҷзу заъфи хеш пеш меовард ва пиндорад, ки на ӯ моро дидааст ва на мо ӯро. Яъне ба таом хостан маҳҷуб гаштӣ, аз он ки таом ғайри мо буд ва ба сабр хостан ҳам маҳҷуб мешудӣ, ки сабр ҳам ғайри мост.

Ва гуфт: Вақте дар бодия шудам бе зод. Маро фоқа расид. Чашми ман бар манзил афтод. Шод шудам. Нафс гуфт, ки сукунат ёфтам. Савганд хӯрдам, ки дар он манзил фурӯ наёям. Гӯре бикандам ва дар он ҷо шудам. Овозе шунидам, ки: Эй мардумон! Дар фалон манзил яке аз авлиёи Худой худро боздоштааст дар миёни рег. Ӯро дарёбед! Ҷамоате биёмаданд ва маро баргирифтанд ва ба манзил бурданд.

Ва гуфт: Якчанд ҳар се рӯз таом хӯрдаме. Дар бодия шудам, се рӯз ҳеч наёфтам. Чаҳорум, заъфе дар ман падид

омад. Табъ ба одати худ таом хост. Бар ҷой биншастам. Ҳотифе овоз дод: Ихтиёр кун: То сабабе хоҳӣ дафъи сустиро, ё таом хоҳӣ сукунати нафсро? Гуфтам: Илоҳо! Сабабе. Пас қуввате дар ман падид омад ва дувоздаҳ манзили дигар бирафтам.

Ва гуфт: Як рӯз бар каронаи дарё ҷавоне дидам мураққаъ пӯшида ва меҳбарае овехта. Гуфтам: Симои ӯ аён аст ва муомалаташ на чунон аст. Чун дар вай менигарам, гӯям: Аз расидагон аст; ва чун дар меҳбара менигарам, гӯям: Аз толибилмон аст. Биё, то бипурсам, ки аз кадом аст? Гуфтам: Эй ҷавон! Роҳ ба Худой чист? Гуфт: Роҳ ба Худой ду аст: роҳи хавос ва роҳи авом. Туро аз роҳи хавос ҳеҷ хабаре нест, аммо роҳи авом ин аст, ки ту месипарӣ ва муомалати худро иллати вусул ба Ҳақ менихӣ ва меҳбараро олати ҳиҷоб мешумарӣ.

Ва гуфт: Рӯзе ба саҳро мерафтам. Дах саги шубонон - даранда - рӯй ба ман ниҳоданд. Чун наздик омаданд, ман рӯй ба муроқабат ниҳодам. Саге сапед дар он миён буд, бар эшон ҳамла кард ва ҳамаро аз ман дур кард; ва аз ман ҷудо нашуд, то вақте ки дур шудам. Нигоҳ кардам, сагро надидам.

Нақл аст, ки рӯзе сухан мегуфт дар вараъ. Аббос ал-Муҳтадӣ бигзашт ва гуфт: Ё Абосаид! Шарм надорӣ, ки дар зери бинои Давоникэ нишинӣ ва аз хавзи Зубайда об хӯрӣ, он гоҳ дар вараъ сухан гӯӣ? Дарҳол таслим шуд, ки: Чунон аст, ки ту мегӯӣ.

Ва сухани ӯст, ки: Офариниши дилҳо бар дӯстии он кас аст, ки бад-ӯ некӯӣ кунад.

Ва гуфт: Эй аҷаб он, ки дар ҳамаи олам мар Худойро мӯҳсин надонад, чӣ гуна дил ба куллият бад-ӯ супорад?

Ва гуфт: Душмании фукаро, баъзе бо баъзе, аз ғайрати Ҳақ бувад хост, ки бо якдигар ором натвонанд гирифт.

Ва гуфт: Ҳақ таоло мутолаба кунад аъмолро аз авлиёи худ, чун ӯро баргузидаанд ва ихтиёр карда, ки раво надорад эшонро, ки миёни ӯву миёни эшон дароянда бувад; ва эҳтимол накунад, ки эшонро дар ҳеҷ кор роҳате бувад, илло бад-ӯ.

Ва гуфт: Чун Ҳақ таоло хоҳад, ки дӯст гирад бандаеро аз бандагони худ, дари зикр бар вай гушода гардонад. Пас

ҳар кӣ аз зикр лаззат ёфт, дари қурб бар ӯ гушода гардонад, пас ӯро дар сарои фардония фуруд орад ва маҳалли ҷалол ва азамат бар вай макшуф гардонад. Пас ҳар гоҳ ки чашми ӯ бар ҷалол ва азамати ӯ афтад, боқӣ монад ӯ бе ӯ дар ҳифзи Худой афтад.

Ва гуфт: Аввали мақомоти аҳли маърифат таҳайюр аст бо ифтикор, пас сурур аст бо иттисол, пас фано аст бо интибоҳ, пас бақо аст бо интизор. Ва нарасад ҳеч махлуқе болои ин. Агар касе гӯяд: Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нарасид, гӯем: Расид, аммо дархури хеш. Чунонки ҳамаро Ҳақ таоло мутаҷаллӣ шавад ва Абубакрро як бор мутаҷаллӣ шуд дархури ӯ; ва ҳар якеро дархури он кас.

Ва гуфт: Ҳар кӣ гумон барад, ки ба ҷаҳд ба висоли Ҳақ расад, худро дар ранҷи бениҳоят афганад; ва ҳар кӣ гумон барад, ки бе ҷаҳд ба вай расад, худро дар таманнои бениҳоят афганад.

Ва гуфт: Халқ дар қабзаи Худоянд ва дар мулки ӯ; ҳар гоҳ ки мушоҳада ҳосил шавад миёни банда ва Худой, дар сирри банда ва фаҳми банда ҷуз Худой ҳеч намонад.

Ва гуфт: Вақти азизи худро ҷуз ба азизтарин чизҳо машғул макун! Ва азизтарин чизҳои банда шуғле бошад «Ани-л-мозӣ ва-л-мустақбал»; яъне вақт нигоҳ дор!

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба нури фаросат нигарад, ба нури Ҳақ нигаристан бошад ва моддаи илми вай аз Ҳақ бувад; варо саҳву ғафлат набошад, балки ҳукми Ҳақ бувад, ки забони бандаро бад-он гӯё кунад.

Ва гуфт: Аз бандагони Ҳақ қавмеанд, ки эшонро хашияти Худой хомӯш гардонидааст ва эшон фусаҳо ва булағоянд дар нутқ бад-ӯ.

Ва гуфт: Ҳар киро маърифат дар дил қарор гирифт, дуруст он аст, ки дар ҳар ду сарой набинад ҷуз ӯ ва нашнавад ҷуз ӯ ва машғул набувад ҷуз бад-ӯ.

Ва гуфт: Фано фанои банда бошад аз рӯъяти бандагӣ; ва бақо бақои банда бошад дар ҳузури Илоҳӣ.

Ва гуфт: Фано муталошӣ шудан аст ба Ҳақ ва бақо ҳузур аст бо Ҳақ.

Ва гуфт: Ҳақиқати қурб покии дил аст аз ҳамаи чизҳо ва ороми дил бо Худой.

Ва гуфт: Ҳар ботин, ки зохири вай ба хилофи ӯ бувад, ботил бувад.

Ва гуфт: Зикр се вачҳ аст: Зикре аст ба забон ва дил аз он ғофил ва ин зикр одат бувад; ва зикре аст ба забон ва дил ҳозир, ин зикр талаби савоб бувад; ва зикре аст, ки дилро ба зикр гардонад ва забонро гунг кунад; қадри ин зикр кас надонад ҷуз Худои таоло.

Ва гуфт: Аввали тавҳид фонӣ шудан аст ҳамаи чизҳо аз дили мард ва ба Худой бозгаштан ба ҷумлагӣ.

Ва гуфт: Ориф то нарасидааст, ёрӣ мехоҳад аз ҳама чиз; чун бирасад, мустағнӣ гардад ба Худой аз ҳама чиз ва бад-ӯ мӯҳтоҷ гардад ҳама чиз.

Ва гуфт: Ҳақиқати қурб он аст, ки ба дил эҳсоси ҳеҷ натвонӣ кард ва ба вуҷуд ҳеҷ чиз ҳис натвонӣ ёфт.

Ва гуфт: Илм он аст, ки дар амал орад туро ва яқин он аст, ки баргирад туро.

Ва гуфт: Тасаввуф тамкин аст аз вақт.

Пурсиданд аз тасаввуф. Гуфт: Он аст, ки софӣ бувад аз Худованди хеш ва пур бувад аз анвор ва дар айни лаззат бувад аз зикр.

Ва ҳам аз тасаввуф пурсиданд. Гуфт: Чист гумони ту ба қавме, ки бидиҳанд, то гушоиш ёбанд ва манъ кунанд, то наёбанд. Пас нидо мекунанд ба асрор, ки: Бигирйед бар мо!

Пурсиданд, ки: Орифро гиря бувад? Гуфт: Гиряи ӯ чандон бувад, ки дар роҳ бошад; чун ба ҳақоиқи қурб расид ва таъми висол бичашид, гиря зоил шавад.

Ва гуфт: Айши зоҳид хуш набувад, ки ба худ машғул бувад.

Ва гуфт: Хулки азим он бувад, ки ӯро ҳеҷ ҳиммат набувад ҷуз Худой.

Ва гуфт: Таваккул изтиробе аст бесукун ва сукуне беизтироб. Яъне (ки) соҳиби таваккул бояд, ки чунон музтариб шавад дар ноёфт, ки сукунаш набувад ҳаргиз, ё чунон сукунаш бувад дар қурби ёфт, ки ҳаргизаш ҳаракат набувад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ таҳаккум натвонад кард дар он чӣ миёни ӯ ва Худой аст ба тақво ва мурақабат, ба кашф ва

мушоҳада натвонад расид.

Ва гуфт: Ғирра машавед ба сафои убудият, ки мунқатеъ аст аз нафс ва сокин аст бо Худой.

Гуфтанд: Чун аст, ки ҳаққи тавонгарон ба дарвешон намерасад? Гуфт: Се чизро: Яке он, ки он чӣ эшон доранд, ҳалол набошад; дуввум он, ки бар он мувофиқ набошад; саввум он, ки дарвешон бало ихтиёр кардаанд, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

46. ЗИКРИ АБУЛҲУСАЙНИ НУРӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он маҷзуби ваҳдат, он маслуби иззат, он қиблаи анвор, он нуқтаи асрор, он хештанкушта дар дарди дурӣ, латифи олам Абулҳусайни Нурӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Ягонаи аҳду қудваи вақт ва зарифи аҳли тасаввуфу шарифи аҳли муҳаббат буд. Ва риёзоте шигарф ва муомалоте писандида ва нукате оливу румузе ачиб ва назаре саҳеҳу фиросате содиқ ва ишқе бакамолу шавқе бениҳоят дошт.

Ва машоих бар тақлими ӯ муттафиқ буданд ва ӯро «амирулқулуб» гуфтандӣ ва «қамаруссӯфия».

Муриди Сарии Сақатӣ буд, сӯҳбати Аҳмади Ҳаворӣ ёфта; ва аз акрони Ҷунайд буд. Ва дар тариқат муҷтаҳид буд ва соҳибмазҳаб; ва аз судури уламои машоих буд. Ва ӯро дар тариқат бароҳине қотиа аст ва ҳуҷҷате ломиа. Ва қоидаи мазҳабаш он аст, ки тасаввуфро бар фақр тафзил ниҳад. Ва муомалаташ мувофиқи Ҷунайд аст.

Ва аз наводири тариқати ӯ яке он аст, ки сӯҳбат бе исор ҳаром донад ва дар сӯҳбат исори ҳаққи соҳиб фармояд бар ҳаққи хеш; ва гӯяд: Сӯҳбат бо дарвешон фариза аст ва узлат нописандида; ва исори соҳиб бар соҳиб фариза.

Ва ӯро Нурӣ аз он гуфтанд, ки чун дар шаби торик сухан гуфтӣ, нур аз даҳони ӯ берун омадӣ, чунонки хона равшан шудӣ.

Ва низ аз он Нурӣ гуфтанд, ки ба нури фиросат аз асрори ботин хабар додӣ.

Ва низ гуфтанд, ки ӯро савмаае буд дар саҳро, ки ҳама шаб он ҷо ибодат кардӣ ва халқ он ҷо ба назора шудандӣ. Ба шаб нуре дидандӣ, ки медурафшидӣ ва аз савмаи ӯ ба боло бармешудӣ.

Ва Абумуҳаммад Мағозалӣ гуфт: Ҳеч кас надидам ба ибодати Нурӣ.

Ва дар ибтидо чунон буд, ки ҳар рӯз бомдод аз хона

берун омадӣ, ки: Ба дуккон меравам. Ва ноне чанд бардоштӣ ва дар роҳ садақа кардӣ ва дар масҷид шудӣ ва намоз кардӣ то намози пешин. Пас ба дуккон омадӣ. Аҳли хона пиндоштандӣ, ки ба дуккон чизе хӯрдааст; ва аҳли дуккон гумон бурдандӣ, ки ба хона чизе хӯрдааст. Ҳамчунин бист сол бад-ин навъ муомалат кардӣ, ки кас бар аҳволи ӯ мутталеъ нашуд.

Накл аст, ки гуфт: Солҳо муҷоҳада кардам ва худро ба зиндон боздоштам ва пушт бар халоиқ кардам ва риёзот кашидам, роҳ ба ман гушода нашуд. Бо худ гуфтам, ки: Чизе мебояд кард, ки кор барояд ва ё фурӯ шавам ва аз ин нафс бираҳам. Пас гуфтам: Эй тан! Ту солҳо ба ҳаво ва муроди худ хӯрдӣ ва дидӣ ва шунидӣ ва рафтӣ ва гирифтӣ ва хуфтӣ ва айш кардӣ ва шаҳват рондӣ; ва ин ҳама бар ту товон аст. Акнун дар хона рав, то бандат барниҳам ва ҳар чӣ ҳуқуқи Ҳақ аст, дар гарданат қилода кунам. Агар бар он бимонӣ, соҳиби давлате шавӣ; ва агар на, боре дар роҳи Ҳақ фурӯ шавӣ.

Ва гуфт: Дар роҳи Ҳақ чунин кардам. Ва ман шунида будам, ки дилҳои ин тоифа нозук бувад, ҳар чӣ эшон бинанд ва шунаванд, сирри он бидонанд. Ва ман дар худ он намедидам. Гуфтам: Қавли анбиё ва авлиё ҳақ бувад, магар ман муҷоҳада ба риё кардам ва ин халал аз ман аст, ки ин ҷо хилофро роҳ нест. Он гаҳ гуфтам: Акнун гирди худ бароям, то бингарам, ки чист? Ба худ фурӯ нигаристам, офат он буд, ки нафс бо дили ман яке шуда буд; чун нафс бо дил яке шавад, бало он бувад, ки ҳар чӣ бар дил тобад, нафс ҳаззи худ аз вай бистонад. Чун чунон дидам, донистам, ки аз он барчӣ мемонад, ки ҳар чӣ аз даргоҳ ба дил мерасад, нафс ҳаззи худ меситонад. Баъд аз он, ҳар чӣ нафс бад-он биёсудӣ, гирди он нагаштаме ва чанг дар чизе дигар задаме. Масалан, агар ӯро бо намоз, ё бо рӯза, ё бо садақа хуш будӣ, ё бо хилват, ё бо халқ дарсохтан, хилофи ӯ кардаме, то он ҳамаро берун андохтам ва комҳо ҳама бурида гашт. Он гоҳ асрор дар ман падид меомад. Пас гуфтам: Ту кӣ? Гуфт: Ман дурри кони бекомиам ва акнун бо муридон бигӯй, ки: Кони ман кони бекомӣ аст ва дурри ман дурри кони номуродӣ аст. Он гаҳ ба Дачла рафтам ва миёни ду заврақ

биистодам ва гуфтам: Наравам, то моҳӣ дар шасти ман наяфтад. Охир дарафтод, чун баркашидам, гуфтам: Алҳамдулиллоҳ, ки кори ман нек омад! Бирафтам ва бо Ҷунайд бигуфтам, ки: Маро футӯҳе падид омад. Гуфт: Эй Абулҳусайн! Он ки моҳӣ афтод, агар море будӣ, каромати ту будӣ; лекин чу ту дар миён омадӣ, фиреб аст, на каромат; ки каромат он бувад, ки ту дар миён набошӣ. Субҳоналлоҳ! Ин озодагон чӣ мардон будаанд!

Нақл аст, ки чун Ғуломи Халил ба душмании ин тоифа бархост, пеши халифа гуфт, ки: Ҷамоате падид омаданд, ки суруд мегӯянд ва рақс мекунанду куфриёт мегӯянд ва ҳама рӯз тамошо мекунанду дар сардобҳо мераванду ба ниҳон сухан мегӯянд; ин қавмеанд аз занодиқа, агар амиралмӯъминин фармон диҳад ба куштани эшон, мазҳаби занодиқа муталошӣ шавад; ки сари ҳама ин гурӯҳанд. Агар ин чиз аз дасти амиралмӯъминин ояд, ман ӯро зоминам ба савоби ҷазил.

Халифа дархол фармуд, то эшонро ҳозир карданд ва эшон: Абӯҳамзаву Арқом ва Шибливу Нурӣ ва Ҷунайд буданд. Пас халифа фармуд, то эшонро ба қатл оранд. Сайёф қасди куштани Арқом кард, Нурӣ бичасту худро дар пеш андохт ба сидқ ва ба ҷои Арқом биншаст ва гуфт: Аввал маро ба қатл ор! - тарабкунон ва хандон -. Сайёф гуфт: Эй ҷавонмард! Ҳанӯз вақти ту нест ва шамшер чизе нест, ки бад-он шитобзадагӣ кунанд. Нурӣ гуфт: Бинои тариқати ман бар исор аст; ва ман асҳобро бар исор медорам. Ва азизтарин чизҳо дар дунё зиндагонӣ аст. Мехоҳам, то ин нафасе чанд дар кори ин бародарон кунам, то умр низ исор карда бошам, бо ин ки як нафас дар дунё наздики ман дӯсттар аз ҳазор соли охират, аз он ки ин сарои хидмат аст ва он сарои қурбат; ва қурбати ман ба хидмат бошад.

Чун ин сухан бишниданд аз вай, дар хидмати халифа арза карданд. Халифа(ро) аз инсофу қадами сидқи ӯ тааҷҷуб омад; фармуд, ки: Таваққуф кунед! Ва ба қозӣ ручӯъ фармуд, то дар кори эшон назар кунад. Қозӣ гуфт: Бе хуҷҷате эшонро манъ натвон кард.

Пас қозӣ донист, ки Ҷунайд дар улум комил аст. Ва сухани Нурӣ шунида буд. Гуфт: Аз ин девонамизоҷ, яъне

Шиблӣ, чизе аз фиқҳ бипурсам, ки ӯ ҷавоб натвонад дод. Пас гуфт: Аз бист динор чанд закот бояд дод? Шиблӣ гуфт: Бисту ним динор. Гуфт: Ин закот инчунин, кӣ насб кардааст? Гуфт: Сиддиқи Акбар, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, ки чиҳил ҳазор динор бидоду ҳеҷ бознагирифт. Гуфт: Ин ним динор чист, ки гуфтӣ? Гуфт: Ғароматро, ки он бист динор чаро нигоҳ дошт, то ним динораш бибояд дод! Пас, аз Нурӣ масъалае пурсид аз фиқҳ. Дарҳол ҷавоб дод. Қозӣ хиҷил шуд.

Он гоҳ Нурӣ гуфт: Эй қозӣ! Ин ҳама пурсидӣ ва ҳеҷ напурсидӣ, ки Худойро мардонанд, ки қиёми ҳама бад-ӯст ва ҳаракату сукуни ҳама бад-ӯст ва ҳама зинда бад-ӯянд ва поянда ба мушоҳадаи ӯ; агар як лаҳза аз мушоҳадаи Ҳақ бозмонанд, ҷон аз эшон барояд; бад-ӯ хусбанду бад-ӯ хӯранд ва бад-ӯ гиранду бад-ӯ раванд ва бад-ӯ бинанду бад-ӯ шунаванд ва бад-ӯ бошанд. Илм ин бувад, на он ки ту пурсидӣ. Қозӣ мутаҳаййир шуд ва кас бар халифа фиристод, ки: Агар инҳо мулҳид ва зиндиқанд, ман ҳукм кунам, ки дар рӯи замин як муваҳҳид нест. Халифа эшонро бихонд ва гуфт: Ҳоҷат хоҳед! Гуфтанд: Ҳоҷати мо он аст, ки моро фаромӯш кунӣ; на ба қабули худ моро мушарраф гардонӣ, на ба рад маҳҷур кунӣ, ки моро радди ту чун қабули ту аст ва қабули ту чун радди ту аст. Халифа бисёр бигирист ва эшонро ба каромате тамом равона кард.

Накл аст, ки: Нурӣ як рӯз мардеро дид дар намоз, ки бо маҳосин ҳаракате мекард. Гуфт: Даст аз маҳосини Ҳақ бидор! Ин сухан ба халифа расониданд ва фуқаҳо иҷмоъ карданд, ки: Ӯ бад-ин сухан кофир шуд. Ӯро пеши халифа бурданд. Халифа гуфт: Ин сухан ту гуфтӣ? Гуфт: Бале. Гуфт: Чаро гуфтӣ? Гуфт: Банда аз они кист? Гуфт: Аз они Худой. Гуфт: Маҳосин аз они кӣ бувад? Гуфт: Аз они касе, ки бандаи он ӯ бувад. Пас халифа гуфт: Алҳамдулиллоҳ! Ки Худой маро аз қатли ӯ нигоҳ дошт.

Ва гуфт: Чиҳил сол аст, то миёни ману миёни дил ҷудо кардаанд, ки дар ин чиҳил сол ҳеҷ орзу набуд ва ба ҳеҷ чиз шаҳватам набуд ва ҳеҷ чиз дар дилам некӯ нанамуд. Ва ин аз он вақт боз буд, ки Худойро бишнохтам.

Ва гуфт: Нуре дирафшон дидам дар ғайб пайваста. Дар вай назар мекардам, то вақте ки ман ҳама он нур шудам.

Ва гуфт: Вақте аз Худои таоло дархостам, ки маро ҳолате доим диҳад. Ҳотифе овоз дод, ки: Эй Абулҳусайн! Бар доим сабр натвонад кард, илло доим.

Нақл аст, ки Ҷунайд як рӯз пеши Нурӣ шуд. Нурӣ дар пеши Ҷунайд ба тазаллум дар хок афтод ва гуфт: Ҳарби ман сахт шудааст ва тоқатам намонд. Си сол аст, ки чун ӯ падид меояд, ман гум мешавам; ва чун ман падид меоям, ӯ ғоиб мешавад. Ва ҳузури ӯ дар ғайбати ман аст. Ҳарчанд зорӣ мекунам, мегӯяд: Ё ман бошам, ё ту. Ҷунайд асҳобро гуфт: Бингаред касеро, ки дармонда ва мумтаҳан ва мутаҳаййири Ҳақ таоло аст. Пас Ҷунайд гуфт: Чунон бояд, ки агар парда шавад ба ту ва агар ошкоро шавад ба ту; ту ту набошӣ ва худ ҳама ӯ бувад.

Нақл аст, ки ҷамъе пеши Ҷунайд омаданд ва гуфтанд: Чанд шабонарӯз аст, то Нурӣ ба як хишт мегардад ва мегӯяд: Аллоҳ, Аллоҳ; ва ҳеч таом ва шароб нахӯрдааст ва нахуфта. Намозҳо ба вақт мегузорад ва одоби намоз ба ҷой меоварад. Асҳоби Ҷунайд гуфтанд: Ӯ ҳушёр аст ва фонӣ нест, аз он ки авқоти намоз нигоҳ медорад; ва одоб ба ҷой овардан мешиносад. Пас ин такаллуф аст, на фано, ки фонӣ аз ҳеч чиз хабар надорад. Ҷунайд гуфт: Чунин нест, ки шумо мегӯед; ки онҳо дар вақд бошанд, маҳфуз бошанд. Пас Худой эшонро нигоҳ дорад, аз он ки вақти хидмат аз хидмат маҳрум монанд. Пас Ҷунайд пеши Нурӣ омад ва гуфт: Ё Аболҳусайн! Агар донӣ, ки бо ӯ хурӯш суд медорад, то ман низ дар хурӯш оям ва агар донӣ, ки ризо ба таслим кун, то дилат фориғ шавад. Нурӣ дарҳол аз хурӯш бозистод ва гуфт: Некӯ муаллимо, ки туӣ моро!

Нақл аст, ки Шиблӣ мачлис мегуфт. Нурӣ биёмад ва бар канорае биистод ва гуфт: «ас-Салому алайка, йо Абобакр!» Шиблӣ гуфт: «Ва алайка-с-салом, йо амиру-л-кулуб!» Гуфт: Ҳақ таоло розӣ набувад аз олими дар илм гуфтан, ки онро дар амал наёрад. Агар ту дар амалӣ, чох нигах дор ва агар на, фуруд ой! Шиблӣ нигоҳ кард ва худро рост наёфт. Фуруд омад ва чаҳор мох дар хона биншаст, ки берун наёмад. Халк чамъ шуданд ва ӯро берун оварданд ва бар минбар карданд. Нурӣ хабар ёфт, биёмад ва гуфт: Ё Абобакр! Бар эшон пӯшида кардӣ, лочарам бар минбарат нишонданд; ва ман

насиҳат кардам, маро ба санг бironданд ва ба мазбалаҳо андохтанд. Гуфт: Ё амирулқулуб! Насиҳати ту чӣ буд? Ва пӯшида кардани ман чӣ буд? Гуфт: Насиҳати ман он буд, ки раҳо кардам халқи Худойро ба Худой; ва пӯшида кардани ту он буд, ки ҳиҷоб шудӣ миёни Худой ва халқ. Ва ту кистӣ, ки миёни Худой ва халқи Худой восита бошӣ? Пас намебинам туро, илло фузул.

Нақл аст, ки ҷавоне пойбараҳна аз Исфаҳон ба азми зиёрати Нурӣ берун омад. Чун наздик расид, Нурӣ муридеро фармуд, то як фарсанг роҳ ба чӯруб бирӯфт ва гуфт, ки: Ҷавоне меояд, ки ин ҳадис бар вай тофтааст. Чун бирасид, Нурӣ гуфт: Аз кучо меой? Гуфт: Аз Исфаҳон. Ва малики Исфаҳон он ҷавонро кӯшке ва ҳазор динор асбоб ва канизаке ва ҳазор динор медод, ки: Аз он ҷо марав! Пас Нурӣ гуфт: Агар малики Исфаҳон туро кӯшке ва канизаке ва ҳазор динор медод ва ҳазор динор асбоб додӣ, ки: Аз он ҷо марав! Ва ту ин талабро бо он муқобала кардӣ? Ҷавон дарҳол фарёд баровард, ки: Маро мазан! Нурӣ гуфт: Агар Ҳақ таоло ҳаждаҳ ҳазор олам бар табақе ниҳад ва дар пеши муриде ниҳанд ва ӯ дар он нигарад, мусалламаш набувад, ки ҳадиси Худой кунад.

Нақл аст, ки Нурӣ бо яке нишаста буд ва ҳар ду зор мегиристанд. Чун он кас бирафт, Нурӣ рӯй ба ёрон кард ва гуфт: Донистед, ки он шахс кӣ буд? Гуфтанд: На. Гуфт: Иблис буд, ҳикояти ҳадамоти ҳуд мекард ва афсонаи рӯзгори ҳуд мегуфт ва аз дарди фироқ менолид ва чунонки дидет, мегирист. Ман низ мегиристам.

Ҷаъфари Хулдӣ гуфт: Нурӣ дар хилват муноҷот мекард, ман гӯш доштам, ки то чӣ мегӯяд? Гуфт: Бор Худоё! Аҳли дӯзахро азоб кунӣ? Ҷумла офаридаи туанд ба илму қудрат ва иродати қадим. Ва агар ҳар оина дӯзахро аз мард пур хоҳӣ кард, қодирӣ бар он ки дӯзах аз ман пур кунӣ ва эшонро ба биҳишт барӣ. Ҷаъфар гуфт: Ман мутаҳаййир шудам. Он гоҳ ба хоб дидам, ки яке биёмадӣ ва гуфтӣ, ки: Худой фармудааст, ки Абулҳусайнро бигӯ, ки: Мо туро бад-он таъзим ва шафқат бахшидем.

Нақл аст, ки гуфт: Шабе тавофгоҳ холӣ ёфтам. Тавоф мекардам ва ҳар бор ки ба ҳаҷаруласвад мерасидам, дуо

мекардам ва мегуфтам: «Аллоҳумма арзукӣ ҳолан ва сифатан ло атағаййару минҳо» - Бор Худоё! Маро ҳоле ва сифате рӯзӣ кун, ки аз он нагардам. Як рӯз аз миёни Каъба овозе шунидам, ки: Ё Аболҳусайн! Мехоҳӣ, ки бо мо баробарӣ кунӣ? Моем, ки аз сифати худ барнагардем, аммо бандагон гардон-гардон дорем, то рубубият аз убудият пайдо гардад. Моем, ки бар як сифатем, сифати одамӣ гардон аст.

Шиблӣ гӯяд: Пеши Нурӣ шудам. Ӯро дидам ба муроқабат нишаста, ки мӯе бар тани ӯ ҳаракат намекард. Гуфтам: Муроқабате чунин некӯ аз кӣ омӯхтӣ? Гуфт: Аз гурбае, ки бар сӯрохии муш буд. Ва ӯ аз ман бисёр сокинтар буд.

Нақл аст, ки шабе аҳли Қодисия шуниданд, ки: Дӯсте аз дӯстони Худой худро дар водии шерон бездоштааст, ӯро дарёбед! Халқ ҷумла берун омаданд ва ба водии сибоъ рафтанд; диданд Нуриро, ки гӯре фурӯ бурда буд ва дар он ҷо нишаста ва гирд ба гирди ӯ шерон нишаста. Шафоат карданд ва ӯро ба Қодисия оварданд. Пас аз он ҳол суол карданд. Гуфт: Муддате буд, то чизе нахӯрда будам ва дар ин бодия будам. Чун хурмобун бидидам, рутаб орзу кардам, гуфтам: Ҳанӯз ҷои орзу мондааст дар ман, дар ин водӣ фурӯ оям, то шеронат бидаранд, то беш хурмо орзу накунад.

Нақл аст, ки гуфт: Рӯзе дар об ғусл мекардам. Дузде ҷомаи ман бибурд. Ҳанӯз аз об берун наёмада будам, ки бозовард; ва дасти ӯ хушк шуда буд. Гуфтам: Илоҳо! Чун ҷома бозовард, дасти ӯ бездех! Дарҳол нек шуд.

Пурсиданд, ки: Худои таоло бо ту чӣ кунад? Гуфт: Чун ман ба гармоба равам, ҷомаи ман нигоҳ дорад, ки рӯзе ба гармоба рафтам, яке ҷомаи ман бибурд. Гуфтам: Худовандо! Ҷомаи ман бездех! Дарҳол он мард биёмад ва ҷома бозовард ва узр хост.

Нақл аст, ки дар бозори наххосони Бағдод оташ афтод ва халқи бисёр бисӯхтанд. Бар як дуккон ду ғуломбачаи румӣ буданд сахт бочамол. Ва оташ гирди эшон фурӯ гирифта буд ва худованди ғулом мегуфт, ки: Ҳар кӣ эшонро берун орад, ҳазор динори мағрибӣ бидиҳам. Ҳеч касро захра набуд, ки гирди он бигардад. Ногоҳ Нурӣ бирасид. Он ду ғуломбачаро дид, ки фарёд мекарданд. Гуфт: «Бисми-л-Лоҳи-

р-раҳмони-р-раҳим» ва пой дарниҳод ва ҳар дуро ба саломат берун овард. Худованди ғулом ҳазор динори мағрибӣ пеши Нурӣ ниҳод. Нурӣ гуфт: Бардор ва Худойро шукр кун; ки ин мартаба, ки ба мо додаанд, ба ногирифтан додаанд, ки мо дунёро ба охират бадал кардаем.

Нақл аст, ки ходимае дошт Зайтуна ном. Гуфт: Рӯзе нону шир пеши Нурӣ бурдам ва ӯ оташ ба даст гардонида буд ва ангуштони ӯ сиёҳ шуда, ҳамчунон ношуста нон меҳӯрд. Гуфтам: Бехинҷор марде аст. Дарҳол зане биёмад ва маро бигуфт, ки: Размаи ҷомаи ман бурдай! Ва маро пеши амир бурданд. Нурӣ биёмад, каси амирро гуфт: Ӯро маранҷон, ки ҷома инак меоранд. Нигоҳ карданд. Канизаке меомад ва размаи ҷома меовард. Пас ман халос ёфтам. Шайх маро гуфт: Дигар гӯй, ки беҳинҷор марде аст? Зайтуна гуфт: Тавба кардам.

Нақл аст, ки Нурӣ мегузашт. Якеро дид, ки бор афтода ва хараш мурда ва ӯ зор мегирист. Нурӣ пой бар хар зад ва гуфт: Бархез! Чӣ ҷои хуфтан аст? Ҳолӣ бархост. Мард бор барниҳод ва бирафт.

Нақл аст, ки Нурӣ бемор шуд. Ҷунайд ба аёдати вай омад ва гулу мева овард. Баъд аз муддате Ҷунайд бемор шуд. Нурӣ бо асҳоб ба аёдат омад. Пас бо ёрон гуфт, ки: Ҳар кас аз бемории Ҷунайд чизе баргирад, то ӯ сиҳҳат ёбад. Гуфтанд: Баргирифтем. Ҷунайд ҳолӣ бархост. Нурӣ гуфт: Ин навбат, ки ба аёдат ой, чунин ой! На чунонки гулу мева орӣ.

Нурӣ гуфт: Пире дидам заиф ва бекувват, ки ба тозиёна мезаданду ӯ сабр мекард. Пас ба зиндон бурданд. Ман пеши ӯ рафтам ва гуфтам: Ту чунин заиф ва бекуввати, чӣ гуна сабр кардӣ бар он тозиёна? Гуфт: Эй фарзанд! Ба ҳиммат бало тавон кашид, на ба ҷисм. Гуфтам: Пеши ту сабр чист? Гуфт: Он, ки дар бало омадан ҳамчунон бувад, ки аз бало берун шудан.

Нақл аст, ки аз Нурӣ суол карданд, ки: Роҳ ба маърифат чун аст? Гуфт: Ҳафт дарё аст аз нору нур. Чун ҳар ҳафтро гузора кардӣ, он гоҳ лукмае гардӣ дар ҳалқи ӯ, чунонки аввалину охиринро ба як луқма фурӯ бурдӣ.

Нақл аст, ки яке аз асҳоб Бӯҳамзаи Бағдодиро гуфт - ва

Бӯҳамза ишора ба курб кардӣ - гуфт: Ӯро бигӯй, ки Нурӣ салом мерасонад ва мегӯяд: Курби курб дар он чӣ мо дар онем, буъди буъд бувад.

Ва суол карданд аз убудият. Гуфт: Мушоҳадаи рубубият аст.

Ва гуфтанд: Одамӣ кай мустаҳаққи он шавад, ки халқро сухан гӯяд? Гуфт: Вақте ки аз Худой фаҳм кунад. Ва гар аз Худой фаҳм намекунад, балои ӯ дар ибодуллоҳ ва билодуллоҳи омм бувад.

Суол карданд аз ишорат. Гуфт: Ишорат мустағнӣ аст аз иборат ва ёфтани ишорат ба ҳақ истиғроқи сароир аст аз иборати сидқ.

Суол карданд аз вачд. Гуфт: Ба Худой, ки мумтанеъ аст забон аз наъти ҳақиқати ӯ ва гунг аст балоғати адиб аз васфи чавҳари ӯ; ки кори вачд аз бузургтарин корҳост ва ҳеч дарде нест дардмандтар аз муолачаи вачд.

Ва гуфт: Вачд забонаест, ки дар сирр бичунбад ва аз шавқ падид ояд, ки андомҳо ба чунбиш ояд ё аз шодӣ ё аз андӯҳ.

Гуфтанд: Далел чист ба Худой? Гуфт: Худой. Гуфтанд: Пас ҳоли акл чист? Гуфт: Акл очизе аст ва очиз далолат натвонад кард чуз бар очизе, ки мисли ӯ бувад.

Ва гуфт: Роҳи мусалмонӣ бар халқ бастааст, то сар ба хатти расул, алайҳи-с-салом, наниҳанд, гушода нашавад.

Ва гуфт: Сӯфиён он кавманд, ки чони эшон аз кудурати башарият озод гаштааст ва аз офати нафс софӣ шуда ва аз ҳаво халос ёфта, то дар саффи аввал ва дарачаи аъло бо Ҳақ биёромиданд ва аз ғайри ӯ рамида, на молик буданд ва на мамлук.

Ва гуфт: Сӯфӣ он бувад, ки ҳеч чиз дар банди ӯ набувад ва ӯ дар банди ҳеч чиз нашавад.

Ва гуфт: Тасаввуф на расм аст ва на улум, лекин ахлоқе аст; яъне агар расм будӣ, ба мучоҳада ба даст омадӣ; ва агар илм будӣ, ба таълим ҳосил шудӣ; балки ахлоқе аст, ки: «Тахаллақу биахлоқи-л-Лоҳи» ва ба халқи Худой берун омадан на ба расм даст дихад ва на ба улум.

Ва гуфт: Тасаввуф озодӣ аст ва чавонмардӣ ва тарки такаллуф ва саховат.

Ва гуфт: Тасаввуф тарки чумлаи насибхои нафс аст барои насиби Ҳақ.

Ва гуфт: Тасаввуф душмани дунё аст ва дӯсти мавло.

Нақл аст, ки рӯзе нобиное «Аллоҳ, Аллоҳ» мегуфт. Нурӣ пеши ӯ рафт ва гуфт: Ту ӯро чӣ донӣ? Ва агар бидонӣ, зинда монӣ? Ин бигуфту бехуш шуд ва аз он шавқ ба сахро афтод дар найистоне навдуруда ва он най дар пой ва пахлӯи ӯ мерафт ва хун равон мешуд ва аз ҳар қатраи хун Аллоҳ, Аллоҳ падид меомад. Бӯнасри Сарроҷ гӯяд: Чун ӯро аз он ҷо ба хона оварданд, гуфтанд: Бигӯ: «Ло илоҳа илла-л-Лоҳ!» Гуфт: Охир, ҳам он ҷо меравам. Ва дар он вафот кард.

Ҷунайд гуфт: То Нурӣ вафот кард, ҳеч кас дар ҳақиқати сидқ сухан нагуфт, ки сиддики замона ӯ буд. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

47. ЗИКРИ БӮУСМОНИ ҲИРӢ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он ҳозири асрори тариқат, он нозири анвори ҳақиқат, он адабёфтаи атабаи убудият, он чигарсӯхтаи чазбаи рубубият, он сабақбурда дар муридиву пирӣ, қутби вақт, Усмони Ҳирӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз акобири ин тоифа ва аз мӯътабарони аҳли тасаввуф буд. Ва рафеъқадр буд ва олиҳиммат; ва мақбули асҳоб ва махсус ба анвои каромот ва риёзот; ва ваъзе шофӣ дошт ва ишороте баланд. Ва дар фунуни улуми тариқат ва шариат комил буд. Ва сухане мавзун ва муассир дошт.

Ва ҳеч касро дар бузургии ӯ сухан нест, чунонки аҳли тариқат дар ахди ӯ чунин гуфтанд, ки: Дар дунё се марданд, ки эшонро чаҳорум нест: Усмон дар Нишобуру Ҷунайд дар Бағдод ва Бӯабдуллоҳи ал-Ҷулло ба Шом.

Ва Абдуллоҳ Муҳаммади Розӣ гуфт: Ҷунайду Рувайм ва Юсуфи Ҳусайну Муҳаммади Фазл ва Абӯалии Ҷузчонӣ ва ғайри эшонро аз машоих басе дидам, ҳеч кас аз ин кавм шиносотар ба Худой аз Абӯусмони Ҳирӣ надидам.

Ва изҳори тасаввуф дар Хуросон аз ӯ буд ва ӯ бо Ҷунайду Рувайм ва Юсуфи Ҳусайну Муҳаммади Фазл сӯҳбат дошта буд.

Ва ӯро се пири бузургвор буд. Аввал: Яҳёи Муоз; ва дуввум, Шоҳ Шуҷои Кирмонӣ; ва саввум Абӯҳафси Ҳаддод.

Ва ҳеч кас аз машоих аз дили пирон чандон баҳра наёфт, ки ӯ ёфт. Ва дар Нишобур ӯро минбар ниҳоданд, то сухани аҳли тасаввуф баён кард. Ва ибтидои ӯ он буд, ки гуфт: Пайваста дилам чизе аз ҳақиқат металабид дар ҳоли туфулият. Ва аз аҳли зоҳир нафрате доштам ва пайваста бад-он мебудам, ки чуз ин ки омма бар онанд,

чизе дигар ҳаст ва шариатро асроре аст ҷуз ин зоҳир.

Нақл аст, ки рӯзе ба дабиристон мерафт бо чаҳор ғулом, яке ҳабашӣ ва яке руми ву яке кашмирӣ ва яке турк; ва давоте заррин дар даст ва дасторе қасаб бар сар; ва хазе пӯшида. Ба корвонсарои кӯҳна расид ва дарнигарист. Ҳаре дид пуштреш. Калоғ аз ҷароҳати ӯ меканд ва ӯро қуввати он на, ки бironад. Раҳм омадаш. Ғуломро гуфт: Ту чаро бо манӣ? Гуфт: То ҳар андешае, ки бар хотири ту бигзарад, бо он ёри ту бошем. Дарҳол ҷуббаи хаз берун кард ва бар дарозгӯш пӯшид ва дастори қасаб ба вай фурӯ баст. Дарҳол он ҳар ба забони ҳол дар ҳазрати иззат муноҷот кард. Бӯусмон ҳанӯз ба хона нарасида буд, ки вокеаи мардон ба вай фурӯ омад. Чун шӯридае ба мачлиси Яҳё афтод. Аз сухани Яҳёи Муоз кор ба рӯи вай гушода шуд. Аз модару падар бибурид ва чанд гоҳ дар хидмати Яҳё риёзат кашид; то чамъе аз пеши Шоҳ Шуҷои Кирмонӣ бирасиданд ва ҳикояти Шоҳ бозгуфтанд. Ӯро майле азим ба дидани Шоҳи Кирмонӣ падид омад. Дастурӣ хост ва ба Кирмон шуд ба хидмати Шоҳ, Шоҳ ӯро бор надод, гуфт: Ту бо рачо хӯ кардай ва макоми Яҳё рачо аст. Касе, ки парвардаи рачо бувад, аз вай сулук наёяд, ки ба рачо таклид кардан коҳилӣ бор оварад. Ва рачо Яҳёро таҳқиқ аст ва туро таклид. Бисёр тазарруъ намуд. Ва бист рӯз бар остонаи ӯ мӯътакиф шуд, то бор доданд. Дар сӯҳбати ӯ бимонд ва фавоиди бисёр гирифт. То Шоҳ азми Нишобур кард ба зиёрати Бӯҳафс; Усмон бо вай биёмад. Ва Шоҳ қабо мепӯшид. Бӯҳафс Шоҳро истиқбол кард ва сано гуфт. Пас Бӯусмонро ҳамаи ҳиммат сӯҳбати Бӯҳафс буд, аммо ҳашамати Шоҳ ӯро аз он манъ мекард, ки чизе гӯяд, - ки Шоҳ ғаюр буд - Бӯусмон аз Худой мехост, то сабабе созад, ки беозор Шоҳ пеши Бӯҳафс бимонад, аз он ки кори Бӯҳафс азим баланд медид. Чун Шоҳ азми бозгашт кард, Бӯусмон ҳам барги роҳ бисохт. То рӯзе Бӯҳафс гуфт бо Шоҳ - ба ҳукми инбисот -: Ин чавонро ин чо бимон, ки моро бо вай хуш аст. Шоҳ рӯй ба Усмон кард ва гуфт: Ичобат кун шайхро! Пас Шоҳ бирафт ва Бӯусмон он чо монд ва дид, он чӣ дид, то Абӯҳафс дар хакки Абӯусмон гуфт, ки: Он воиз - яъне Яҳёи Муоз - ӯро ба зиён овард, то ки ба салоҳ бозояд! Яъне нахуст оташе будааст, касе мебоист,

то онро зиёдат кунад ва набуд.

Накл аст, ки Бӯусмон гуфт: Ҳанӯз чавон будам, ки Бӯхафс маро аз пеши худ биронд ва гуфт: Нахоҳам, ки дигар наздики ман ой! Ҳеч нагуфтам ва дилам надод, ки пушт бар вай кунам. Ҳамчунон рӯй сӯи ӯ, бозпас мерафтам гирён, то аз чашми ӯ ғоиб шудам. Ва дар баробари ӯ чое сохтам ва сӯрохӣ буридам ва аз он ҷо ӯро медидам ва азм кардам, ки аз он ҷо берун наёям, магар ба фармони шайх. Чун шайх маро чунон дид ва он ҳол мушоҳада кард, маро бихонд ва мукарраб гардонд ва духтар ба ман дод.

Ва сухани ӯст, ки: Чихил сол аст, то Худованд маро дар ҳар ҳол, ки доштааст, корех набудаам; ва маро аз ҳеч ҳол ба ҳоли дигар накл накардааст, ки ман дар он ҳол сохит будам. Ва далел бар ин сухан он аст, ки мункаре буд, ӯро ба даъват хонд. Бӯусмон бирафт то ба дари сарои ӯ. Гуфт: Эй шикамхор! Чизе нест, бозгард! Бӯусмон бозгашт. Чун порае бозомад, овоз дод, ки: Эй шайх, биё! Пас бозгашт. Гуфт: Неку чидде дорӣ дар чизе хӯрдан, чизе камтаре аст, бирав! Шайх бирафт. Дигар бор бихонд. Бозомад. Гуфт: Санг бихӯр ва илло бозгард! Шайх бирафт. Ҳамчунин то сӣ бор ӯро мехонд ва меронд. Ва шайх меомаду мерафт, ки тағайюре дар вай падид намеомад. Баъд аз он, он мард дар пои шайх афтод ва бигирист ва тавба кард ва муриди ӯ шуд ва гуфт: Ту чӣ мардӣ? Ки сӣ бор туро ба хорӣ бирондам, як зарра тағайюр дар ту падид наёмад! Бӯусмон гуфт: Ин сахл коре аст, кори сагон чунин бошад, ки чун бирониӣ, бираванд ва чун бихониӣ, биёянд ва ҳеч тағайюр дар эшон падид наёяд. Ин бас коре набувад, ки сагон бо мо баробаранд. Кори мардон кори дигар аст.

Накл аст, ки рӯзе мерафт. Яке аз бом таште хокистар бар сари ӯ рехт. Асҳоб дар хашм шуданд, хостанд, ки он касро чафо гӯянд. Бӯусмон гуфт: Ҳазор бор шукр мебояд кард, ки касе, ки сазои оташ бувад, ба хокистар бо ӯ сулҳ карданд.

Бӯамр гуфт: Дар ибтидо тавба кардам дар мачлиси Бӯусмон ва муддате бар он будам. Боз дар маъсият афтодам ва аз хидмати ӯ эъроз кардам; ва ҳар чое ки ӯро медидам, мегурехтам. Рӯзе ногоҳ бад-ӯ расидам. Маро гуфт: Эй писар!

Бо душманон манишин! Магар ки маъсум бошӣ, аз он ки душман айби ту бинад. Ва чун маъюб бошӣ, душман шод гардад; ва чун маъсум бошӣ, андӯҳгин шавад. Агар туро бояд, ки маъсияте кунӣ, пеши мо ой, то мо балои туро ба ҷон бикашем ва ту душманком нагардӣ. Чун шайх ин бигуфт, дилам аз гуноҳ сер шуд, тавбаи насӯҳ кардам.

Нақл аст, ки ҷавоне қаллош мерафт, рубобе дар даст ва сармаст. Ногоҳ Бӯусмонро дид. Мӯй дар зери кулоҳ пинҳон кард ва рубоб дар остин кашид. Пиндошт, ки эҳтисоб хоҳад кард. Бӯусмон аз сари шафқат наздики ӯ шуд ва гуфт: Матарс! Ки бародарон ҳама якеянд. Ҷавон чун он бидид, тавба кард ва муриди шайх шуд ва ғуслаш фармуду хирқа дар вай пӯшид ва сар бароварду гуфт: Илоҳо! Ман аз они худ кардам, боқӣ туро мебояд кард! Дарсоат воқеаи мардон ба вай фурӯ омад, чунонки Бӯусмон дар он воқеа мутаҳаййир шуд. Намози дигарро Абӯусмони Мағрибӣ бирасид. Бӯусмони Ҳирӣ гуфт: Эй шайх! Дар рашк месӯзам, ки ҳар чӣ мо ба умри дароз тамаъ медоштем, ройгон ба сари ин ҷавон дарафғанданд, ки аз меъдааш бӯи хамр меомад. То бидонӣ, ки кор Худой дорад, на халқ.

Нақл аст, ки яке аз ӯ пурсид, ки: Ба забон зикр мегӯям, дил бо он ёр намегардад. Гуфт: Шукр кун, ки як узвро боре мутеъ шуд ва як ҷузвро аз ту роҳ доданд; бошад, ки дил низ мувофақат кунад.

Нақл аст, ки муриде пурсид, ки: Чӣ гӯӣ дар ҳаққи касе, ки ҷамъе барои ӯ бархезанд, хуш ояд; ва агар нахезанд, нохуш ояд? Шайх ҳеч нагуфт, то рӯзе дар миёни ҷамъ гуфт: Аз ман масъалае чунин ва чунин пурсиданд. Чӣ гӯем чунин касеро, ки агар дар ҳамин бимонад, гӯ: хоҳ тарсо мир, хоҳ ҷуҳуд.

Нақл аст, ки муриде даҳ сол хидмати ӯ кард ва аз одобу ҳурмат ҳеч бознагирифт ва бо шайх ба сафари Ҳичоз шуд ва риёзат кашид ва дар ин муддат мегуфт, ки: Сирре аз асрор бо ман бигӯй? То баъд аз даҳ сол шайх гуфт: Чун ба мабраз равӣ, эзорпой бикаш! Ки ин сухан дароз аст, «фаҳима ман фаҳима». Ин сухан бад-он монад, ки аз Абӯсаиди Абулхайр, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, пурсиданд, ки: Маърифат чист? Гуфт: Он, ки кӯдаконро гӯянд, ки: Бинӣ пок кун! Он гаҳ ҳадиси

мо кун.

Ва гуфт: Сўҳбат бо Худой ба хусни адаб бояд кард ва давоми ҳайбат; ва сўҳбат бо расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мутобаати суннат ва лузуми зоҳири илм; ва сўҳбат бо авлиё ба ҳурмат доштан ва хидмат кардан; ва сўҳбат бо бародарон ба тозарўй, агар дар гуноҳ набошанд; ва сўҳбат бо ҷуҳҳол ба дуо ва раҳмат кардан бар эшон.

Ва гуфт: Чун мурида чизе шунавад аз илми ин қавм ва онро кор фармояд, нури он ба охири умр дар дили ў падид ояд ва нафъи он бад-ў расад ва ҳар кй аз ў он сухан бишнавад, ўро суд дорад; ва ҳар кй чизе шунавад аз илми эшон ва бад-он кор накунад, ҳикояте бувад, ки ёд гирифт, рўзе чанд барояд, фаромўш шавад.

Ва гуфт: Ҳар киро дар ибтидо иродат дуруст набувад, ўро ба рўзгор наяфзояд, илло идбор.

Ва гуфт: Ҳар кй суннатро бар худ амир кунад, ҳикмат гўяд; ва ҳар кй ҳаворо бар худ амир кунад, бидъат гўяд.

Ва гуфт: Ҳеч кас айби худ набинад, то ҳеч аз ў неку бинад; ки айби нафс касе бинад, ки дар ҳамаи ҳолҳо худро накўҳида дорад.

Ва гуфт: Мард тамом нашавад, то дар дили ў чаҳор чиз баробар нагардад: манъ ва ато; ва зулл ва изз.

Ва гуфт: Азизтарин чизе ба рўи замин се чиз аст: Олиме, ки сухани ў аз илми худ бувад; ва муриде, ки ўро тамаъ набувад; ва орифе, ки сифати Ҳақ кунад бе кайфият.

Ва гуфт: Асли мо дар ин тариқ хомўшй аст; ва басанда кардан ба илми Худой.

Ва гуфт: Хилофи суннат дар зоҳир аломати риёи ботин бувад.

Ва гуфт: Сазовор аст онро, ки Худои таоло ба маърифат азиз кард, ки ў худро ба маъсият залил накунад.

Ва гуфт: Салоҳи дил чаҳор чиз аст: дар фақр ба Худой ва истиғно аз ғайри Худой ва тавозўъ ва муроқабат.

Ва гуфт: Ҳар киро андешаи ў дар ҷумлаи маонй Худой набувад, насиби ў дар ҷумлаи маонй аз Худой нокис бувад.

Ва гуфт: Ҳар кй тафаккур кунад дар охират ва пойдории он рағбат дар охирататаш падид ояд.

Ва гуфт: Ҳар кй зоҳид шавад дар насиби хеш, аз роҳат

ва иззу риёсат диле фориғаш падид ояд ва раҳмат бар бандагони Худой.

Ва гуфт: Зӯҳд даст доштани дунё аст ва бок нодоштан андар дасти ҳар кӣ бувад.

Ва гуфт: Андӯҳгин он бувад, ки парвои онаш набувад, ки аз андӯҳ пурсад.

Ва гуфт: Андӯҳ ба ҳама вақҳ фазилати мӯъмин аст, агар ба сабаби маъсият набувад.

Ва гуфт: Хавф аз адли ӯст ва рачо аз фазли ӯ.

Ва гуфт: Сидқи хавф пархез кардан аст аз рӯзгор ба зоҳир ва ботин.

Ва гуфт: Хавфи хос дар вақт бувад ва хавфи ом дар мустақбал.

Ва гуфт: Хавф туро ба Худой расонад ва уҷб дур гардонад.

Ва гуфт: Собир он бувад, ки хӯй карда бувад ба макореҳ кашидан.

Ва гуфт: Шукри омм бар таом бувад ва бар либос; ва шукри хос бар он чӣ дар дили эшон ояд аз маонӣ.

Ва гуфт: Асли тавозӯъ аз се чиз аст: аз он ки банда аз чаҳли хеш ёд кунад; ва аз он ки аз гуноҳи хеш ёд кунад ва аз он чи эҳтиёчи хеш ба Худои таоло ёд кунад.

Ва гуфт: Таваккул басанда кардан аст ба Худой аз он ки эътимод бар вай дорад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ аз ҳаё сухан гӯяд ва шарм надорад аз Худой дар он чӣ гӯяд, ӯ мустадриҷ бувад.

Ва гуфт: Яқин он бувад, ки андеша ва қасди кори фардо ӯро андак бувад.

Ва гуфт: Шавқ самараи муҳаббат бувад, ҳар кӣ Худойро дӯст дорад, орзуманди Худой ва лиқои Худой бувад.

Ва гуфт: Ба қадри он ки ба дили банда аз Худои таоло сурурe расад, бандаро иштиёқ падид ояд бад-ӯ; ва ба қадри он ки банда аз дур мондани ӯ ва аз рондани ӯ метарсад, бад-ӯ наздик шавад.

Ва гуфт: Ба хавф муҳаббат дуруст гардад ва мулозамати адаб бар дӯст муаккад гардад.

Ва гуфт: Муҳаббатро аз он ном муҳаббат карданд, ки хар чӣ дар дил бувад ҷуз маҳбуб, маҳв гардонад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ вахшати ғафлат начашида бошад, ҳаловати унс наёбад.

Ва гуфт: Тафвиз он бувад, ки илме, ки надонӣ, ба олими он бигзорӣ ва тафвиз мукаддимаи ризо аст ва «ар-Ризо бобу-л-Лоҳи-л-аъзаму».

Ва гуфт: Зӯҳд дар ҳаром фариза аст ва дар мубоҳ василат ва дар ҳалол қурбат.

Ва гуфт: Аломати саодат он аст, ки мутеъ мебошӣ ва метарсӣ, ки мардуд бошӣ.

Ва гуфт: Аломати шақоват он аст, ки маъсият мекунӣ ва умед дорӣ, ки мақбул бошӣ.

Ва гуфт: Оқил он аст, ки аз ҳар чӣ тарсад, пеш аз он ки дар ӯ фитад, кори он бисозад.

Ва гуфт: Ту дар зиндонӣ аз мутобаат кардани шаҳавоти хеш. Чун кор ба Худой бозгузорӣ, саломат ёбӣ ва ба рохат бирасӣ.

Ва гуфт: Сабр кардан бар тоат то фавт нашавад, аз ту тоат бувад; ва сабр кардан аз маъсият, то нақот ёбӣ аз асрор бар маъсият ҳам, тоат бувад.

Ва гуфт: Сӯҳбат дор бо ағниё ба тааззуз ва бо фуқаро ба тазаллул, ки тааззуз бар ағниё тавозӯъ бувад ва тазаллул ахли фақрро шарифтар.

Ва гуфт: Шод будани ту ба дунё шод будани ба Худой аз дилат бубарад; ва тарси ту аз ғайри Худой тарси Худой аз дилат пок бубарад; ва умед доштан ба ғайри Худой умед доштани ба Худой аз дилат дур кунад.

Ва гуфт: Муваффақ он аст, ки аз ғайри Худой натарсад ва ба ғайри ӯ умед надорад ва ризои ӯ бар ҳавои нафси хеш баргузинад.

Ва гуфт: Хавф аз Худой туро ба Худой расонад ва кибру учби нафс туро аз Худой мунқатеъ гардонад. Ва ҳақир доштан халқро беморӣ(е) аст, ки ҳаргиз даво напазирад.

Ва гуфт: Одамиён бар ахлоқи хешанд, то модом ки хилофи ҳавои эшон карда наёяд; ва чун хилофи ҳавои эшон кунанд, ҷумлаи ҳудовандони ахлоқи карим ҳудовандони ахлоқи лаим бошанд.

Ва гуфт: Асли адоват аз се чиз аст: тамаъ дар мол ва тамаъ дар гиромӣ доштани мардумон ва тамаъ дар қабул

кардани халқ.

Ва гуфт: Ҳар қатъ, ки афтад муридро аз дунё, ғанимат бувад.

Ва гуфт: Адаб эътимодгоҳи фуқарост ва ороиши ағниё.

Ва гуфт: Худои таоло вочиб кардааст бар карами хеш афв кардани бандагон, ки тақсир кардаанд дар ибодат; ки фармудааст: «катаба Раббукум ало нафсихи-р-раҳмата»(Сураи Анъом, ояти 54).

Ва гуфт: Ихлос он бувад, ки нафсро дар он ҳаз набувад дар ҳеч ҳол; ва ин ихлоси авом бошад. Ва ихлоси хос он бувад, ки бар эшон равад, на ба эшон бувад, тоатҳое, ки меорандашон ва эшон аз он берун ва эшонро дар он тоат пиндор наяфтад ва онро ба чизе нашмаранд.

Ва гуфт: Ихлос сидқи ният аст бо Ҳақ таоло.

Ва гуфт: Ихлос нисёни рўъяти халқ бувад ба доими назар бо холиқ.

Нақл аст, ки яке аз Фарғона азми ҳаҷ кард. Гузар бар Нишобур кард ва ба хидмати Бўусмон шуд. Салом кард ва ҷавоб надод. Фарғонӣ бо худ гуфт: Мусалмоне мусалмонеро салом кунад, ҷавоб надиҳад! Бўусмон гуфт, ки: Ҳаҷ чунин кунанд, ки модарро дар бемори бигзоранд ва бе ризои ў бираванд? Гуфт: Бозгаштам ва то модар зинда буд, таваққуф кардам. Баъд аз он азми ҳаҷ кардам ва ба хидмати шайх Бўусмон расидам. Маро ба эъзозе ва икроме тамом бинишонд. Ҳамагии маро дар хидмати ў фурў гирифт. Ҷаҳде бисёр кардам, то сутурбонӣ ба ман дод. Ва бар он мебудам, то вафот кард. Дар ҳоли марази мавт писараш ҷома бидарид ва фарёд кард. Бўусмон гуфт: Эй писар! Хилофи суннат кардӣ ва хилофи суннат зоҳир кардан нишони нифоқ бувад. «Камо қола: Куллу иноин йатарашшаҳу бимо фиҳи». Дар ҳузури тамом чон таслим кард. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

48. ЗИКРИ АБӮАБДУЛЛОҲ ИБНИ АЛ-ҶУЛЛО, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он сафинаи баҳри диёнат, он сукайнаи аҳли матонат, он бадракаи мақомот, он оинаи каромот, он офтоби фалаки ризо Абӯабдуллоҳ ибни Ҷулло, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз машоихи кибори Шом буд ва маҳмуд ва мақбули ин тоифа буд; ва махсус ба калимоти рафеъ ва ишороти бадеъ; ва дар ҳақоиқу маориф ва дақоиқу латоиф беназир буд.

Абӯтуроб ва Зуннуни Мисриро дида буд ва бо Ҷунайду Нурӣ сӯҳбат дошта.

Абӯамри Димишқӣ гуфт: Аз ӯ шунидам, ки гуфт: Дар ибтидо модару падарро гуфт: Маро дар кори Худой кунед! Гуфтанд: Кардем. Пас аз пеши эшон бирафтам муддате. Чун бозомадам, ба дари хона рафтам ва дар бизадам. Падарам гуфт: Кистӣ? Гуфтам: Фарзанди ту. Гуфт: Маро фарзанде буд, ба Худой бахшидам ва он чӣ бахшида(ам), бознаситонам. Дар ба ман нагушод.

Ва гуфт: Рӯзе ҷавоне дидам тарсо, соҳибҷамол, дар мушоҳадаи ӯ мутаҳаййир шудам ва дар муқобалаи ӯ биистодам. Ҷунайд мегузашт. Гуфтам: Ё устод! Инчунин рӯе ба оташи дӯзах бихоҳанд сӯхт? Гуфт: Ин бозорчаи нафс аст ва доми шайтон, ки туро бар ин медорад, на наззораи ибрат, ки агар назари ибрат будӣ, дар ҳаждаҳ ҳазор олам ӯъҷубае мавҷуд аст. Аммо зуд бошад, ки ту бад-ин беҳурматӣ ва назар дар вай муаззаб шавӣ. Гуфт: Чун Ҷунайд бирафт, маро Қуръон фаромӯш шуд. То солҳо истионат хостам аз Ҳақ таоло ва зориву тавба кардам, то Ҳақ таоло ба фазли хеш Қуръон боз ато кард. Акнун чанд гоҳ аст, ки заҳра надорам, ки ба ҳеҷ чиз аз мавҷудот илтифот кунам, то вақти худро ба назар кардан дар ашё зоеъ гардонам.

Накл аст, ки суол карданд аз фақр. Хомӯш шуд. Пас берун рафт ва бозомад. Гуфтанд: Чӣ ҳол буд? Гуфт: Чаҳор

донг сим доштам, шармам омад, ки дар фақр сухан гўям, онро садақа кардам.

Ва гуфт: Ба Мадина расидам, ранҷ дида ва фоқа кашида то ба наздики турбати Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам. Гуфтам: Ё расулуллоҳ, ба меҳмонии ту омадам. Пас дар хоб шудам. Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро дидам, ки гирдае ба ман дод, нимае бихўрдам. Чун бедор шудам, нимаи дигар дар дасти ман буд.

Пурсиданд, ки: Мард кай мустаҳаққи исми фақр гардад? Гуфт: Он гоҳ, ки аз ў ҳеч боқӣ намонад.

Гуфтанд: Чӣ гуна тоиб гардад? Гуфт: Он гоҳ, ки фариштаи дасти чап бист рўз бар вай ҳеч нанависад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ мадҳу замм пеши ў яксон бошад, ў зоҳид бувад ва ҳар кӣ ба фароиз қиём намояд ба аввали вақт, обид бувад ва ҳар кӣ афъол ҳама аз Худой бинад, муваҳҳид бувад.

Ва гуфт: Ҳиммати ориф Ҳақ бошад ва аз Ҳақ ба ҳеч чиз бознагардад.

Ва гуфт: Зоҳид он бувад, ки ба дунё ба чашми завол нигарад, то дар чашми ў ҳақир шавад, то дил ба осонӣ аз вай бартавонад дошт.

Ва гуфт: Ҳар кӣ тақво бо вай сўҳбат накунад, дар дарвешӣ ҳароми маҳз хўрад.

Ва гуфт: Сўфӣ фақире аст муҷаррад аз асбоб.

Ва гуфт: Агар на шарафи тавозўъ ҳастӣ, ҳукми фақир он астӣ, ки ба зудӣ меланҷиди.

Ва гуфт: Такво шукри маърифат аст ва тавозўъ шукри изз ва сабр шукри мусибат.

Ва гуфт: Хоиф он бувад, ки аз ғамҳо ўро эмин кунанд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба нафс ба мартабае расад, зуд аз он ҷо бияфтад; ва ҳар киро бирасонанд ба мартабае, бар он мақом собит тавонад буд.

Ва гуфт: Ҳар ҳақ, ки бо ў ботиле шарик тавонад буд, аз қисми ҳақ ба қисми ботил омад, ба ҷиҳати он, ки ҳақ ғаюр аст.

Ва гуфт: Қасд кардани ту ба ризқ, туро аз Ҳақ дур кунад ва мўҳтоҷи халқ гардонад.

Ва нақл аст, ки чун вафоташ наздик омад, механдид.

Ва чун бимурд, ҳамчунон механдид. Гуфтанд: Магар зиндааст! Чун нигоҳ карданд, мурда буд. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

49. ЗИКРИ АБӮМУҲАММАДИ РУВАЙМ, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он сафии пардаи шинохт, он валии қуббаи навохт, он зиндаи безалал, он бозили бебадал, он офтоби беғайм, имоми аҳд Абӯмуҳаммади Рувайм, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

Аз ҷумлаи машоихи кибор буд ва мамдӯҳи ҳама. Ва ба амонат ва бузургии ӯ муттафиқ буданд.

Ва аз соҳибсиррони Ҷунайд буд ва дар мазҳаби Довуд фақеҳи-л-фуқаҳо ва дар илми тафсир насибе тамом дошт. Ва дар фунуни илм ҳаззе ба камол.

Ва мушорунилайҳи қавм буд ва соҳибҳиммату соҳибфиросат буд. Ва дар таҷрид қадаме росих дошт. Ва риёзате балеғ кашида буд ва сафарҳо бар таваккул карда. Ва тасониф бисёр дорад дар тариқат.

Нақл аст, ки гуфт: Бист сол аст, то бар дили ман зикри ҳеҷ таом гузар накардааст, ки на дарҳол ҳозир шудааст.

Ва гуфт: Рӯзе дар Бағдод гармгоҳе ба кӯе фурӯ шудам. Ташнагӣ бар ман ғолиб шуд. Аз хонае об хостам. Кӯдаке кӯзаи об овард. Чун маро дид, гуфт: Сӯфӣ ба рӯз об хӯрад? Баъд аз он ҳаргиз рӯза нагушодам.

Нақл аст, ки яке пеши ӯ омад, гуфт: Ҳоли ту чун аст? Гуфт: Чӣ гуна бошад ҳоли он кас, ки дини ӯ ҳавои ӯ бошад ва ҳиммати ӯ дунё, на некӯкоре аз халқ рамида, на орифе аз халқ гузида, на такӣ ва на нақӣ.

Ва пурсиданд, ки: Аввал чизе, ки Худои таоло бар банда фариза кардааст, чист? Гуфт: Маърифати: «Ва мо халақту-л-ҷинна ва-л-инса илло лийаъбудун» (Сураи Зориёт, ояти 56).

Ва гуфт: Ҳақ таоло пинҳон гардонидааст чизҳо дар чизҳо: ризои хеш дар тоатҳо ва ғазаби хеш дар маъсиятҳо ва макри хеш дар илми хеш ва хидои хеш дар лутфи хеш ва укуботи хеш дар каромоти хеш.

Ва гуфт: Ҳозирон бар се вақҳанд: ҳозире аст шоҳиди ваид, лоҷарам доим дар ҳайбат бувад; ва ҳозире аст шоҳиди

ваъда, лоҷарам доим дар рағбат бувад; ва ҳозире аст шоҳиди Ҳақ, лоҷарам доим дар тараб бувад.

Ва гуфт: Худой чун туро гуфтору кирдор рӯзӣ кунад ва он гоҳ гуфторат бозситонад ва кирдор бар ту бигзорад, неъмате бувад; ва чун кирдор бозситонад ва гуфтор бигзорад, мусибате бувад; ва чун ҳар ду бозситонад, офате бувад.

Ва гуфт: Гаштани ту бо ҳар гурӯҳе, ки бувад аз мардумон, басаломаттар бувад, ки бо суфиён; ки ҳамаи халқро мутолабат аз зоҳири шаръ бувад, магар ин тоифаро, ки мутолабати эшон ба ҳақиқати вараъ бувад ва давоми сидқ. Ва ҳар кӣ бо эшон нишинад ва эшонро бар он чӣ эшон муҳиққанд, хилофе кунад, Худои таоло нури имон аз дили ӯ бозгирад. Ва ҳукми ҳаким ин аст, ки ҳукамо бар бародарон фарох кунад ва бар худ танг гирад; ки бар эшон фарох кардан имону илм бувад ва бар худ танг гирифтан аз ҳукми вараъ бувад.

Гуфтанд: Одоби сафар чӣ гуна бояд? Гуфт: Он, ки мусофирро андеша аз қадам дарнагзарад; ва он ҷо, ки дилаш ором гирифт, манзилаш бувад.

Ва гуфт: Ором гир бар бисот ва парҳез кун аз инбисот ва сабр кун бар зарби сиёт, то вақте ки бигзарӣ аз сирот.

Ва гуфт: Тасаввуф мабнӣ аст бар се хислат: тааллуқ сохтан ба фақр ва ифтиқор; ва муҳаққақ шудан ба базл ва исор кардан; ва тарк кардани эътироз ва ихтиёр.

Ва гуфт: Тасаввуф истодан аст бар афъоли ҳасан.

Ва гуфт: Тавҳиди ҳақиқӣ он аст, ки фонӣ шавӣ дар валои ӯ аз ҳавои худ ва дар вафои ӯ аз ҷафои худ, то фонӣ шавӣ кулл ба кулл.

Ва гуфт: Тавҳид маҳви осори башарият аст ва тачриди илоҳият.

Ва гуфт: Орифро оинае аст, ки чун дар он бингарад, мавлои ӯ бад-ӯ мутаҷаллӣ шавад.

Ва гуфт: Тамомии ҳақоиқ он бувад, ки мукорини илм бувад.

Ва гуфт: Қурб зоил шудани ҷумлаи мутаарразот аст.

Ва гуфт: Унс он аст, ки ваҳшате дар ту падид ояд аз мосиваллоҳ ва аз нафси худ низ.

Ва гуфт: Унс сурури дил аст ба халовати хитоб.

Ва гуфт: Унс хилват гирифтан аст аз ғайри Худой.

Ва гуфт: Ҳиммат сокин нашавад магар ба муҳаббат ва иродат, сокин нашавад магар ба дурӣ аз манийят ва манийят касеро бувад, ки гом фарох ниҳад.

Ва гуфт: Муҳаббат вафо аст бо висол ва ҳурмат аст бо талаби висол.

Ва гуфт: Яқин мушоҳада аст.

Ва пурсиданд аз наъти (неъмати) фақр. Гуфт: Фақир он аст, ки нигоҳ дорад сирри худро ва гӯш дорад нафси худро ва бигзорад фароизи Худой.

Ва гуфт: Сабр тарки шикоят аст; ва шукр он бувад, ки он чӣ тавонӣ, бикунӣ.

Ва гуфт: Тавба он бувад, ки тавба кунӣ аз тавба.

Ва гуфт: Тавозӯъ залилии қулуб аст дар ҷалилии алломулғуюб.

Ва гуфт: Шаҳват хафӣ аст, ки зоҳир нашавад магар дар вақти амал.

Ва гуфт: Лаҳзат роҳат аст ва хатрат иморат ва ишорат ишорат.

Ва гуфт: Нафас задан дар ишорот ҳаром аст ва дар хатарот ва мукошафот ва муоянот ҳалол.

Ва гуфт: Зӯҳд ҳақир доштани дунё аст ва осори ӯ аз дил сутурдан.

Ва гуфт: Хоиф он аст, ки аз ғайри Худой натарсад.

Ва гуфт: Ризо он бувад, ки агар дӯзахро бар дасти росташ бидоранд, нагӯяд, ки аз чап мебояд.

Ва гуфт: Ризо истиқбол кардани аҳком аст ба дилхушӣ.

Ва гуфт: Ихлос дар амал он бувад, ки дар ҳар ду сарой ивази чашм надорад.

Нақл аст, ки Абӯабдуллоҳи Хафиф васият хост аз вай. Гуфт: Камтарин коре дар ин роҳ базли рӯҳ аст, агар нахоҳӣ кард, ба туррахоти сӯфиён машғул машав!

Нақл аст, ки дар охири умр худро дар миёни дунёдорон пинҳон кард ва мӯътамади халифа шуд ба қазо. Ва мақсуди ӯ он буд, ки то худро ситре созад ва маҳҷуб гардад, то Ҷунайд гуфт: Мо орифон фориғи машғулем ва Рувайм машғули фориғ бувад. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.

50. ЗИКРИ ИБНИ АТО, ҚАДДАСА-Л-ЛОҲУ РУҲАҲУ-Л-АЗИЗ

Он қутби олами рӯҳонӣ, он маъдани ҳикмати раббонӣ, он сокини каъбаи субҳонӣ, он гавҳари вафо, имомулмашоих Ибни Ато, раҳмату-л -Лоҳи алайҳ.

Султони аҳли таҳқиқ буд ва бурҳони аҳли тавҳид; ва дар фунуни илм ояте буд; ва ба усулу фурӯъ муфтӣ. Ва ҳеч касро аз машоих беш аз вай дар асрори танзил ва маонии таъвил он кашф набуд, ки ӯро. Дар илми тафсир ва ҳақоиқи он ва аҳодису дақоиқи он ва қироату масоили он ва илми баёну латоифи он камоле азим дошт. Ва чумлаи акрон ӯро мӯхтарам доштанд. Ва Абӯсаиди Харроз дар кори ӯ муболағат кардӣ ва ба чуз ӯро тасаввуф мусаллам надоштӣ. Ва ӯ аз кибори муридони Чунайд буд.

Нақл аст, ки чамъе ба савмааи ӯ шуданд. Чумлаи савмаа диданд таршуда. Гуфтанд: Ин чӣ ҳол аст? Гуфт: Маро ҳолате падид омад, аз хичолат гирди савмаа мегаштам ва об аз чашм мерехтам. Гуфтанд: Чӣ буд? Гуфт: Дар кӯдакӣ кабӯтаре аз они яке бигирифтам. Ёдам омад. Ҳазор динор нукра ба савоби худовандаш додам, ҳанӯз дилам карор нагирифт, мегирям, то ҳол чӣ шавад!

Нақл аст, ки аз ӯ пурсиданд, ки: Ҳар рӯз чанд Қуръон хонӣ? Гуфт: Пеш аз ин дар шабонарӯзе ду хатм кардаме, акнун чаҳордаҳ сол аст, ки мехонам. Имрӯз ба сураи «Анфол» расидам; яъне: пеш аз ин ба ғафлат мехондам.

Нақл аст, ки Ибни Ато даҳ писар дошт ҳама соҳибчамол. Дар сафаре мерафтанд бо падар. Дуздон бар ӯ афтоданд ва як-як писари ӯро гардан мезаданд ва ӯ ҳеч намегуфт. Ҳар писареро, ки бикуштандӣ, рӯ ба осмон кардӣ ва бихандидӣ. То нӯҳ писарро гардан бизаданд. Чун он дигарро хостанд, ки ба қатл оранд, рӯй ба падар кард ва гуфт: Зихӣ бешафқат падар, ки туӣ! Нӯҳ писари туро гардан заданд ва ту механдӣ ва чизе намегуӣ! Гуфт: Чони падар! Он касе, ки ин мекунад,

бо ӯ ҳеч натвон гуфт, ки ӯ худ медонад ва мебинад ва метавонад, агар хоҳад, ҳамаро нигоҳ дорад. Дузд чун ин бишнид, ҳолате дар вай зоҳир шуд. Гуфт: Эй пир! Агар ин сухан пеш мегуфтӣ, ҳеч писарат кушта намешуд.

Нақл аст, ки рӯзе бо Ҷунайд гуфт: Ағниё фозилтаранд аз фуқаро, ки бо ағниё ба қиёмат ҳисоб кунанд ва ҳисоб шунавонидани калом бевосита бувад дар маҳалли итоб. Ва итоб аз дӯст фозилтар аз ҳисоб. Ҷунайд гуфт: Агар бо ағниё ҳисоб кунанд, аз дарвешон узр хоҳанд ва узр фозилтар аз ҳисоб. Шайх Алӣ ибни Усмони ал-Ҷуллобӣ ин ҷо латифае мегӯяд, ки дар таҳқиқи муҳаббат узр бегонагӣ бувад ва итоб муҷомалат бошад. Яъне, итоб мараммати муҳаббат аст, ки гуфтаанд: «ал-Итобу мараммату-л-маҳаббати». Дӯсти чун хоҳад, ки халал пазирад, мараммат кунанд ба итоб ва узр дар мӯҷиби тақсир бувад.

Ва ман низ ин ҷо ҳарфе бигӯям: дар итоб, сар аз сӯи банда меафтад, ки Ҳақ таоло бандаро ғанӣ гардонидааст ва банда аз сари нафс ба фузул машғул шуда, то ба итоб гирифтор шудааст. Аммо дар фақр сар аз сӯи Ҳақ меафтад, ки бандаро фақр дод, то банда ба сабаби фақр он ҳама ранҷ кашид, пас онро узр мебояд хост ва узр аз Ҳақ бувад, ки ивази ҳамаи чизҳост, ки ҳар кӣ фақиртар бувад, ба Ҳақ ғанитар бувад, ки: «Антуму-л-фуқароу ила-л-Лоҳи». (Сураи Фотир, ояти 15). «Инна акрамакум инда-л-Лоҳи атқокум» (Сураи Ҳуҷурот, ояти 13). Ва ҳар кӣ тавонгартар бувад, аз Ҳақ дуртар бувад, ки дарвеше, ки тавонгарро тавозӯъ кунад, ду сулсаш аз дин биравад. Пас тавонгари мағрур тавонгаре бувад, ки донад, ки чун бувад, ки эшон ба ҳақиқат мурдагонанд, ки: «Ийёкум ва муҷоласата-л-мавто» ва баъд аз понсад сол аз дарвешон ба Ҳақ роҳ ёбанд ва итобе, ки понсад сол интизор бояд кашид, аз узре, ки аҳли он ба понсад сол ғарқи васл бошанд, кучо бехтар бошад? Чӣ гӯй, ки паёмбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мар фарзандони худро ҷуз фақр раво надошт? Ва бегонагонро ба ато тавонгар мекард? Кучо тавон гуфт, ки: Тавонгар аз дарвеш фозилтар? Пас қавл қавли Ҷунайд аст, «ва-л-Лоҳу аълам».

Нақл аст, ки баъзе аз мутакаллимон Ибни Аторо гуфтанд: Чӣ будааст шумо сӯфиёнро, ки алфозе иштиқоқ

кардаед, ки дар мустамеон ғариб аст? Ва забони мӯътодро тарк кардаед? Ин аз ду бурун нест: Ё тамвеҳ мекунед ва Ҳақро тамвеҳ ба кор наёяд, пас дуруст шуд, ки дар мазҳаби шумо айбе зоҳир гашт, ки пӯшида мекардед суханро бар мардумон. Ибни Ато гуфт: Аз бахри он кардем, ки моро бад-ин иззат буд; аз он, ки ин амал бар мо азиз буд, нахостем, ки ба чуз ин тоифа онро бидонанд; ва нахостем, ки лафзи мустаъмал ба кор дорем; лафзе хос пайдо кардем.

Ва ӯро калимоте олӣ аст.

Ва гуфт: Беҳтарин амал он аст, ки кардаанд ва беҳтарин илм он аст, ки гуфтаанд. Ҳар чӣ нагуфтаанд, магӯй! Ва ҳар чӣ накардаанд, макун!

Ва гуфт: Мардро, ки чӯянд, дар майдони илм чӯянд; он гоҳ дар майдони ҳикмат; он гоҳ дар майдони тавҳид; агар дар ин се майдон набувад, тамаъ аз дини ӯ гусаста кун!

Ва гуфт: Бузургтарин даъвихо он аст, ки касе даъвӣ кунад дар Худой ва ишорат кунад ба Худой, ё сухан кунад аз Худой ва қадам дар майдони инбисот ниҳад. Ин ҳама, ки гуфтем, аз сифоти дурӯғзанон аст.

Ва гуфт: Нашояд, ки банда илтифот кунад ба сифот ва бар сифот фуруд ояд.

Ва гуфт: Ҳар илмеро баёне аст ва ҳар баёнеро забоне аст ва ҳар забонеро иборате ва ҳар иборатеро тариқе ва ҳар тариқеро чамъеянд махсус; пас ҳар кӣ миёни ин аҳвол чудо тавонад кард, ӯро расад, ки сухан гӯяд.

Ва гуфт: Ҳар кӣ худро ба адаби суннат ороста дорад, Ҳақ таоло дили ӯро ба нури маърифат мунаввар гардонад.

Ва гуфт: Ҳеч мақом нест бартар аз мувофақат дар фармонҳо ва дар ахлоқ.

Ва гуфт: Бузургтарин ғафлатҳо он ғафлат аст, ки аз Худой ғофил монад ва аз фармонҳои ӯ; ва аз муомалоти ӯ.

Ва гуфт: Бандае аст мақҳур ва илме мақдур ва дар ин миён ҳар ду нест маъзур.

Ва гуфт: Нафасҳои худро дар роҳи ҳавои нафси худ сарф макун, баъд аз он барои ҳар кӣ хоҳӣ, аз мавчудот сарф кун!

Ва гуфт: Афзали тоот гӯш доштани Ҳақ аст бар давоми авқот.

Ва гуфт: Агар касе бист сол дар шеваи нифоқ қадам занад ва дар ин муддат барои нафъи бародаре як қадам бардорад, фозилтар аз он, ки шаст сол ибодат ба ихлос кунад ва аз он наҷоти нафси худ талаб кунад.

Ва гуфт: Ҳар кӣ ба чизе дуни Худой сокин шавад, балои ӯ дар он чиз бувад.

Ва гуфт: Саҳеҳтарин аклҳо ақле аст, ки мувофиқи тавфиқ бувад ва бадтарин тоот тоате аст, ки аз учб хезад ва беҳтарин гуноҳҳо гуноҳе, ки аз паси он тавба дарояд.

Ва гуфт: Ором гирифтан ба асбоб мағрур шудан аст ва истодан бар аҳвол буридан аз муҳаввали аҳвол.

Ва гуфт: Ботин ҷои назари Ҳақ аст ва зоҳир ҷои назари халқ. Ҷои назари Ҳақ ба покӣ сазовортар аз ҷои назари халқ.

Ва гуфт: Ҳар кӣ аввали мадҳали ӯ ба химмат бувад, ба Худой расад; ва ҳар киро аввали мадҳали ӯ ба иродат бувад, ба охират расад; ва ҳар киро аввали мадҳали ӯ ба орзу бувад, ба дунё расад.

Ва гуфт: Ҳар чӣ бандаро аз охират боздорад, он дунё бувад; ва баъзеро дунё сарое бувад ва баъзеро тиҷорате ва баъзеро иззе ва ғалабае ва баъзеро илме ва муфохарате ба илм ва баъзеро мачлисе ва мухталафе ва баъзеро нафсе ва шаҳвате. Ҳиммат ҳар яке аз халқ ба ҳадди хеш бастаанд, ки дар онанд.

Ва гуфт: Дилҳоро шаҳвате аст ва арвоҳро шаҳвате аст ва нуфусро шаҳвате. Ҳамаи шаҳватҳоро ҷамъ кунанд, шаҳавоти арвоҳ қурб бувад ва шаҳавоти дилҳо мушохада ва шаҳавоти нуфус лаззат гирифтан ба роҳат.

Ва гуфт: Сиришти нафс бар беадабӣ аст; ва банда маъмур аст ба мулозамати адаб. Нафс бад-он чӣ ӯро сириштаанд, меравад дар майдони мухолафат ва банда ӯро ба ҷаҳд бозмедорад аз мутолабати бад; ҳар кӣ инони ӯ гушода кунад, дар фасод бо ӯ шарик бувад.

Пурсиданд, ки: Бар Худои таоло чӣ душмантар? Гуфт: Рӯъяти нафсу ҳолҳои ӯ ва иваз ҷустан бар феъли хеш.

Ва гуфт: Қути мунофиқ хӯрдану ошомидан бувад ва қути мӯъмин зикру ҷаҳд бувад.

Ва гуфт: Инсофе, ки дар миёни Худованду банда бувад, дар се манзилат аст: истионату ҷаҳд ва адаб: аз банда

истионат хостан ва аз Худой қувват додан; ва аз банда ҷаҳд кардан ва аз Худой тавфиқ додан; ва аз банда адаб ба ҷой овардан ва аз Худой каромат додан.

Ва гуфт: Ҳар кӣ адабёфта бувад ба одоби солеҳон, ӯро салоҳияти бисоти каромат бувад; ва ҳар кӣ адабёфта бувад ба одоби сиддикон, ӯро салоҳияти бисоти мушоҳада бувад; ва ҳар кӣ адабёфта бувад ба одоби анбиё, ӯро салоҳияти бисоти унс бувад ва инбисот.

Ва гуфт: Ҳар киро аз адаб маҳрум гардониданд, аз ҳамаи хайроташ маҳрум гардониданд.

Ва гуфт: Тақсир дар адаб дар қурб саъбтар бувад аз тақсири адаб дар буъд, ки аз ҷуҳҳол кабоир даргузоранд ва сиддиконро ба чашмзахме ва илтифоте бигиранд.

Ва гуфт: Ҳалокати авлиё ба лаҳазоти қулуб аст ва ҳалокати орифон ба хатароти ишорот ва ҳалокати муваҳҳидон ба ишорати ҳақиқат.

Ва гуфт: Муваҳҳидон чаҳор табақаанд: Табақаи аввал он, ки назар дар вақту ҳолат мекунанд; дуввум, он ки назар дар оқибат мекунанд; саввум, он ки назар дар ҳақоиқ мекунанд; чаҳорум, он ки назар дар собиқат мекунанд.

Ва гуфт: Адно манозили мурсилон; аъло маротиби шуҳадост; ва адно манозили шуҳадо, аъло манозили сулаҳо; ва адно манозили сулаҳо, аъло манозили мӯъминон.

Ва гуфт: Худойро бандагонанд, ки иттисоли эшон ба Ҳақ дуруст шавад ва чашмҳои эшон то абад бад-ӯ равшан бувад. Эшонро ҳаёт набувад илло бад-ӯ ва сабаби иттисоли эшон бад-ӯ, дилҳои эшонро ба сафои яқин назари доим бувад бад-ӯ, ки ҳаёти эшон ба ҳаёти ӯ мавсуф бувад; лоҷарам эшонро то абад марг набувад.

Ва гуфт: Чун кашф гардад рубубият дар сирр ва соҳиби он нафас занад, он бар ӯ ҳаром гардаду биравад ва ҳаргиз бознаёяд.

Ва гуфт: Ғайрат фариза аст бар авлиёи Худой. Пас гуфт: Чӣ некӯст ғайрат дар вақти мунодамат ва дар муҳаббат.

Ва гуфт: Агар соҳиби ғайратро ҳолати саҳеҳ бувад, куштани ӯ фозилтар аз он бувад, ки ғайри ӯ. Яъне ҳоли саҳеҳи соҳиби ғайрат чунон бағоят бувад, ки ҳар кӣ ӯро бикушад, савоб ёбад, то ӯ аз он оташи ғайрат бираҳад.

Ва гуфт: Ҳиммат он аст, ки: ҳеч аз авориз онро ботил натавонад гардонид.

Ва гуфт: Ҳиммат он бувад, ки дар дунё набувад.

Ва гуфт: Зиндагии муҳиб(б) ба базл аст ва зиндагии муштоқ ба ашк ва зиндагии ориф ба зикр ва зиндагии муваҳҳид ба забон ва зиндагии соҳиби таъзим ба нафас ва зиндагии соҳиби ҳиммат ба инқитоъ аз нафс. Ва ин зиндагӣ сӯхтан ва ғарқа шудан бувад. Агар касе гӯяд: Зиндагии муваҳҳид ба забон чӣ гуна бувад? Гӯем: Ботинаш ҳама тавҳид гирифта бувад, як зарра аз ботинаш хабар набувад, ҷуз он ки забон мечунбонад. Чунонки Боязид гуфт: Сӣ сол аст, то Боязид мечӯям. Ва зиндагии соҳиби таъзим ба нафас чунон бувад, ки забонаш аз кор шуда бувад ва нафасе монда. Ва зиндагии соҳиби ҳиммат мунқатеъ шудани нафаси он бувад, ки агар дар он ҳиммат нафас занад, ҳалок шавад, «Камо қола - алайҳи-с-салом - «Лӣ маъа-л-Лоҳи вақту-л-ҳадиси», ман дар ганҷам, на набии мурсал, на Ҷабраил.

Ва гуфт: Илм чаҳор аст: илми маърифату илми ибодат ва илми убудияту илми хидмат.

Ва гуфт: Ҳақиқат исми банда аст ва ҳар ҳаққеро ҳақиқате аст ва ҳар ҳақиқатеро ҳаққе ва ҳар ҳаққеро ҳаққе; яъне ҳар ҳақиқат, ки ту донӣ, исми банда бувад ва он бенишон асту бениҳоят. Ва чун бениҳоят бувад, ҳар ҳақиқатеро ҳаққе бувад.

Ва гуфт: Ҳақиқати тавҳид нисёни тавҳид аст ва ин сухан баёни он аст, ки ҳақиқат исми банда аст.

Ва гуфт: Сидқи тавҳид он бувад, ки қоим ба яке бувад.

Ва гуфт: Муҳаббати бардавом итоб бувад.

Ва гуфт: Чун муҳиб(б) даъвии мамлакат кунад, аз муҳаббат бияфтад.

Ва гуфт: Вақд инқитои авсоф аст, то нишони иродат намонад; ҳама андӯҳ бувад.

Ва гуфт: Ҳар гоҳ ки ту ёди вақд тавонӣ кард, вақд аз ту дур аст.

Ва гуфт: Нишони нубуввати муҳаббат бархостани ҳичоб аст миёни қулуб ва алломулғуюб.

Ва гуфт: Илм бузургтарин ҳайбат аст ва ҳаё; чун аз ин ҳар ду дур бимонад, ҳеч хайр дар ӯ бинамонад.

Ва гуфт: Ҳар киро тавба бо амал дуруст бувад, тавбаи ӯ мақбул бувад.

Ва гуфт: Ақл олати убудият аст, на ишроф бар рубубият.

Ва гуфт: Ҳар кӣ таваккул кунад бар Худой аз барои Худой ва ё мутаввакқил бувад бар Худой дар таваккули хеш, на барои насиби дигар, Худой кораш бисозад дар ин ҷаҳону дар он ҷаҳон.

Ва гуфт: Таваккул хусни илтиҷост ба Худои таоло ва сидқи ифтиқор аст бад-ӯ.

Ва гуфт: Таваккул он аст, ки то шиддати фока дар ту падид наёяд, ба ҳеч сабаб бознангарӣ; ва аз ҳақиқати сукун берун наёӣ, чунонки Ҳақ донад, ки ту бад-он рост истодаӣ.

Ва гуфт: Маърифат се рукн бувад: ҳайбату ҳаё ва унс.

Ва гуфт: Ризо назар кардани дил аст ба ихтиёри қадими Худой дар он чӣ дар азал бандаро ихтиёр кардааст ва он даст доштани хашм аст.

Ва гуфт: Ризо он аст, ки ба дил ба ду чиз назора кунад: яке он ки бинад, ки он чӣ дар вақт ба ман расид, маро дар азал ин ихтиёр кардааст ва дигар он ки бинад, ки маро ихтиёр кард он чӣ фозилтар аст ва некутар.

Ва гуфт: Ихлос он аст, ки холис бувад аз офот.

Ва гуфт: Тавозуъ қабули ҳақ бувад, аз ҳар кӣ бувад.

Ва гуфт: Тақворо зоҳире асту ботине. Зоҳири вай нигоҳ доштани ҳаддҳои шаръ аст ва ботини вай нияту ихлос.

Пурсиданд, ки: Ибтидои ин кор ва интиҳо-ш кадом аст? Гуфт: Ибтидо-ш маърифат аст ва интиҳо-ш тавҳид.

Ва гуфт: Қарор гирифтан ба ду чиз аст: одоби убудият ва таъзими ҳаққи маърифат ба рубубият.

Ва гуфт: Адаб истодан аст бар муроқабат бо ҳар чӣ неку доштаанд.

Гуфтанд: Ин чӣ гуна бувад? Гуфт: Он, ки муомалот бо Худой ба адаб кунад пинҳон ва ошкоро. Чун ин ба ҷой овардӣ, адиб бошӣ, гарчи ачамӣ бошӣ.

Гуфтанд: Аз тоат кадом фозилтар? Гуфт: Муроқабати Ҳақ бар давоми вақт.

Пурсиданд аз шавқ. Гуфт: Сӯхтани дил бувад ва пора шудани ҷигар ва забона задани оташ дар вай.

Гуфтанд: Шавқ бартар бувад, ё муҳаббат? Гуфт:

Муҳаббат, зеро ки шавқ аз ӯ хезад.

Ва гуфт: Чун овози «Ва асо Одаму» (Сураи Тоҳо, ояти 121) баромад, ҷумлаи чизҳо бигиристанд, магар симу зар. Ҳақ таоло бар эшон ваҳйе кард, ки: Чаро бар Одам нагиристед? Гуфтанд: Мо бар касе, ки дар ту осӣ шавад, нагирйем. Ҳақ таоло фармуд, ки: Ба иззат ва ҷалоли ман, ки қимати ҳамаи чизҳо бар шумо ошкоро кунам ва фарзандони Одамро ходими шумо гардонам.

Нақл аст, ки яке бо вай гуфт: Узлате хоҳам гирифт. Гуфт: Ба кӣ хоҳӣ пайваст, чун аз халқ мебурӣ? Гуфт: Пас чӣ кунам? Гуфт: Ба зоҳир бо халқ мебош ва ба ботин бо Ҳақ!

Нақл аст, ки асҳоби худро гуфт: Ба чӣ баланд гардад дараҷаи мард? Баъзе гуфтанд: Ба касрати савм ва баъзе гуфтанд: Ба мудовамати салот ва баъзе гуфтанд: Ба муҷоҳадаву муҳосаба ва мувозанаву базли мол. Ибни Ато гуфт: Баландӣ наёфт он, ки ёфт илло ба хӯи хуш. Набинӣ, ки Мустафо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро ба ин ситуданд: «Ва иннака лаъало хулуқин азим» (Сураи Қалам, ояти 4).

Нақл аст, ки як бор пеши асҳоб пой дароз кард ва гуфт: Тарки адаб миёни аҳли адаб адаб аст, чунонки расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пой дароз карда буд пеши Абӯбакр ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки бо эшон софитар буд. Чун Усмон, разия-л-Лоҳу анҳу, даромад, пой гирд кард.

Нақл аст, ки Ибни Аторо ба зиндиқа мансуб карданд. Алӣ Ибни Исо, ки вазири халифа буд, ӯро бихонд ва дар сухан бо ӯ чафо кард ва Ибни Ато бо ӯ сухани дурушт гуфт. Вазир дар хашм шуд, фармуд, то мӯза аз пояш бикашанд ва бар сараш мезаданд, то бимурд ва ӯ дар он миён мегуфт: «Қатаъа-л-Лоҳу йадайка ва ричлайка!» - Дасту поят бурида гардонад Худои таоло. Халифа баъд аз муддате хашм бар вай кард ва фармуд, то дасту пои ӯ бибуриданд. Баъзе аз машоих бад-ин чиҳат Ибни Аторо бор надоданд; яъне чаро бар касе, ки тавонӣ, ки ба дуои ту ба салоҳ ояд, дуои бад кард? Боистӣ, ки дуои нек кардӣ! Аммо узр чунин гуфтаанд, ки: тавонад буд, ки аз он дуои бад кард, ки ӯ золим буд барои насиби мусалмонони дигар.

Ва гуфтаанд, ки ӯ аз аҳли фиросат буд, медид, ки бо ӯ чӣ хоҳанд кард; мувофақати қазо кард, то Ҳақ бар забони ӯ

бирон‌д ва ӯ дар миён на. Ва маро чунон менамояд, ки Ибни Ато ӯро нек хост, на бад. То ӯ дараҷаи шаҳодат ёбад ва дараҷаи хорӣ кашидан дар дунё ва аз мансабу молу ҷоҳ ва бузургӣ афтодан. Ва ин ваҷҳи некӯст, чун чунин донӣ, Ибни Ато ӯро нек хоста буд, ки уқубати ин ҷаҳон дар ҷанби он олам саҳл аст. «Ва-л-Лоҳу аълам».

МУНДАРИҶА

Китоби орифони Ҳақ.....3
Огози китоб.....31
1Зикри Ҷаъфари Содиқ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу.....39
2.Зикри Увайси Қаранӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....45
3. Зикри Ҳасани Басрӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....55
4. Зикри Молики Динор, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....72
5. Зикри Муҳаммади Восеъ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....80
6. Зикри Ҳабиби Ачамӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....82
7. Зикри Абӯҳозими Маккӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....89
8. Зикри Утба-т-л-Ғулом, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....91
9. Зикри Робиа, раҳмату-л-Лоҳи алайҳо.....93
10. Зикри Фузайли Аёз, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....107
11. Зикри Иброҳими Адҳам, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....119
12. Зикри Бишри Ҳофӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....140
13. Зикри Зуннунӣ Мисрӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....148
14. Зикри Боязиди Бастомӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....169
15. Зикри Абдуллоҳи Муборак, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....216
16. Зикри Суфёни Саврӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу.....225
17. Зикри Шақиқи Балхӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....233
18. Зикри Абӯҳанифа, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....239
19. Зикри Имом Шофеӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....246
20. Зикри Аҳмад Аҳмади Ҳанбал, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу...252
21. Зикри Довуди Тоӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу.....258
22. Зикри Ҳориси Муҳосабӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу.....264
23. Зикри Абӯсулаймони Дорӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу.....269
24. Зикри Муҳаммад ибни Саммок, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу.....277
25 Зикри Муҳаммади Аслами ат-Тӯсӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу ..279
26. Зикри Аҳмади Ҳарб, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу.....282
27. Зикри Ҳотами Асамм, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу.....286
28. Зикри Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу.....294
29. Зикри Маъруфи Кархӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ.....312

30. Зикри Сарии Сакатӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу.....318
31. зикри Фатҳи Мавсилӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....328
32. зикри Аҳмади Ҳаворӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу.....331
33. зикри Аҳмади Хизравия, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л- азиз.....334
34. зикри Абӯтуроби Нахшабӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу.....341
35. зикри Муоди Розӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....346
36. зикри Шоҳ Шучои Кирмонӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу.....361
37. зикри Юсуф ибни ал-Ҳусайн, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....365
38. зикри Абӯҳафси Ҳаддод, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л- азиз.....372
39. зикри Ҳамдуни Қассор, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....382
40. зикри Мансури Аммор, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л- азиз.....386
41. зикри Аҳмад ибни Осим ал-Антокӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....390
42. зикри Абдуллоҳ ибни Хубайқ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....393
43. зикри Ҷунайди Бағдодӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....395
44. зикри Амр ибниУсмони Маккӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....428
45. зикри Абӯсаиди Харроз, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л- азиз...432
46. зикри Абулҳусайни Нурӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л- азиз..439
47. зикри Бӯусмони Ҳирӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз....449
48. зикри Абӯабдуллоҳ ибни ал-Ҷулло, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....457
49. зикри Абӯмуҳаммади Рувайм, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз....460
50. зикри Ибни Ато, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу-л-азиз.....463



ISBN 978-99947-51-99-0

«Тазкирату-л-авлиё»-и Фаридуддин Аттори Нишопурӣ
Хуҷанд, "Ношир", 2009, 474 сах.

Муҳаррирон: **Ғиёсов Н., Окилов И.**
Мусаҳҳеҳ: **Мирсаидов Б.**
Муҳаррири техникӣ: **Исобоев И.**
Ҳуруфчинон: **Окилова М.И., Окилова М.М.**

Ба матбаа 20.04.2009 супорида шуд.
Ба чопаш 4.05.2009 имзо гардид.
Қоғазаш ва чопи офсетӣ.
Андозааш 60х84/8.
Гарнитурааш Times Tojik.
Чопи офсетӣ.
Ҷузъи чопии шартӣ 27,55.
Супориши №159.
Теъдод 100 нусха.

Матбааи **«Ношир»**,
735700, ш.Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев, 2

35c

00000837
Китобхонаи миллии Тоҷикистон